Китоби нави азияткашони Фокс

Саргузашти 160 хазор азияткашонро дар соли 2001 дар бар мегирад.



Чон Фокс

Китоб аз чониби Гаролд Чадвик танзим ва илова шудааст

Китоби азияткашони Фокс

«Ман замонеро дар ёд надорам, ки «*Китоби азияткашони Фокс*» дар рӯи мизи падарам наистода бошад. Ҳанӯз аз солҳои барвақтии ҳаёти масеҳии ман маро барои хондани он таълим медоданд ва он дар ман таассуроти фаромӯшнашавандаро гузошт. Ман аз он ниҳоят шодам, ки нашриёти «Бриҷ-Логос» ба мо имконияти хондани ин китобро дар забони муосир медиҳад».

Д-р Ҷадсон Корнвалл

«Ин китоб ҳар як нафарро ба қатъиян бахшида шудан ба Исо даъват менамояд ва аз ҳаёти одамон мисолҳо меорад, ки онҳо аз ҳад зиёд додаанд, аз ҷумла ҳаёти худро барои имон ба Худо. Бигзор, ҳар як нафари мо аз шаҳодатҳои онҳо илҳом гирем. Биёед, ҳаёти худро барои наздик шудани Малакути Худои Қодир тақдим менамоем. Бигзор ин китоб дар шумо оташи эътиқодро даргиронад!»

Д-р Марк Вирклер, раиси донишкадаи сарварии Масеҳӣ

«Дар тӯли садсолаҳо мо аз афзалиятҳои масеҳият лаззат мебурдем ва зуд-зуд аз шумораи зиёди беҳисоби масеҳиён, ки ҳаёти худро барои Масеҳ додаанд, фаромӯш мекунем. Хуни ин муқаддасон саҳроҳои даравро шустааст ва дар он ҳосилро зиёд намуда, афзоиши масеҳиятро дар тамоми ҷаҳон қувват бахшидааст. Лекин, чи хеле, ки аҷиб набошад, бо мурури замон таъқиботи масеҳиён танҳо қувват мегирад.

Маҳз барои ҳамин, ман мӯътақидам, ки «*Китоби азияткашони Фокс*» классикаи кӯҳнанашаванда мегардад. Шумораи бузурги қиссаҳо аз ҳаёти азияткашони муосир барои имон, аксҳо ва рисолаҳои таърихӣ... *ба ҳар яки мо аз он ёдрас мекунанд, ки Бадани Масеҳ ғалаба мекунад*».

Дик Истман, раиси хизмати «Ҳар хона – барои Масеҳ»

Ҷон Фокс
Китоби нави азияткашони Фокс

Originally published in English under the title
The New Foxe's Book of Martyrs by John Foxe
© 2001 Bridge-Logos Publishers
All rights reserved.

© 2013 for the Tajik edition.
Translated by permission. All rights reserved.

Иқтибосҳо аз Китоби Муқаддас, ба ғайр аз ишорашуда, аз Китоби Муқаддаси Синодалӣ оварда шудаанд.
Китоби нави азияткашони Фокс 2001
Ҷон Фокс
Китоб бо Гаролд Чадвик танзим ва илова шудааст

© 2001 Bridge-Logos Publishers
Ҳуқуқи муаллиф ҳимоя шудааст.

ISBN: 605-0-88264-200-0
Отпечатано в Турции.
Тираж: 300 экз.

Китоби нави азияткашони Фокс



Чон Фокс

Муқаддима
Ҷон Фокс ва китоби ӯ

Ҷон Фокс дар соли 1516, дар Бостон, мулки графи Линколншир, Англия таваллуд шудааст, 18 апрели соли 1587 вафот кардааст. Китобе, ки ӯро шӯҳратманд намудааст, бори аввал дар Англия, дар соли 1563, бо номи «Рӯйдодҳо ва ёдгориҳои рӯзҳои охир ва хатарноки мо» нашр шудааст. Лекин, он бештар чун «Китоби азияткашон» бештар маълум аст. Дар тӯли солҳои зиёд онро бо иловаҳо аз нав чоп менамуданд. Ҳарчанд, маъруфияти «Китоби азияткашон» дар асри XIX паст шуда бошад ҳам, он имрӯз барои мо аҳамияти калон дорад (инро ҳатто ғайримасеҳиён қайд мекунанд), зеро маълумоти хеле калонро дар бораи Англияи асри XVI дар бар мегирад, ки онро аз ҳеҷ як дигар сарчашмаҳо пайдо кардан мумкин нест. Ҳатто Уилям Шекспир дар вақти навиштани песаи (пьеса) «Зиндагии шоҳ Генрихи VIII» (дар бораи воқеаҳои соли 1613) меҳнати Рафаэл Холинед «Солнома» (1577с.) ва «Китоби азияткашони» Ҷон Фоксро истифода бурдааст.

Аммо, Ҷон Фокс, китоби худро барои таърихдонон муқаррар нанамудааст: ӯ шаҳодатҳоро дар бораи таъқиботи калисои Масеҳ аз ҷониби халқиятҳо ва онҳое, ки худро масеҳӣ меномиданду, дар асл чунин набуданд, менавишт. Ин китоб дар бораи файзи Худо ва садоқати масеҳӣ мебошад. Ин китоби рӯҳонии дараҷаи баланди аҳамиятнокӣ мебошад, лекин, маълумоти таърихӣ бошад, дар он танҳо барои нишон додани вақт, макон, мардум ва ҳолатҳо нигоҳ дошта мешавад. Зиёда аз 400 сол китоби Фокс барои азияткашон ёдгорӣ, мероси илҳомбахш ва рӯҳбаландӣ барои калисои Масеҳ мебошад.

Бе ягон шубҳа фикри китоб дар шуури Фокс, ҳамон вақте ки ӯ дар коллеҷи Магдалина дар донишгоҳи Оксфорд таҳсил менамуд ва дар он ҳафт солро гузарондааст, тавлид ёфт. Вақте ки Фокс шонздаҳсола буд, волидон ӯро барои таҳсил ба коллеҷи Брейзнен фиристоданд. Айнан, дар ҳамон вақт таълимоти Ислоҳот дар донишгоҳҳои Оксфорд ва Кембриҷ паҳн гаштанд ва ба Фокс таъсири калон расонданд. Ӯ бо шиддат ба омӯхтани Навиштаҷот оғоз намуд ва дар бораи таълимот ва таҷрибаи калисои римии католикӣ саволҳо медод. Дере нагузашта, Фокс протестнати мӯътақид гардид ва аллакай ҳеҷ чиз ӯро аз роҳи интихоб намудааш афтонда наметавонист. Ин ҷавонро чунон тағйир дод, ки ӯ бар зидди тобеъ шудан ба калисои Римӣ бархост. Инчунин маълум аст, ки Фокс бегоҳирӯзиҳо дар танҳогӣ мегашт ва бо гиря ба Худо дуоҳо мегуфт ва вақте ки аз ӯ мепурсиданд, ки ӯ чӣ кор мекунад, дар бораи ақидаҳои нави динии худ ошкоро мегуфт ва аз ин сабаб, чун бидъаткори ашаддӣ аз коллеҷ дарҳол хориҷ карда шуд.

Дӯстони Фокс ба ӯ барои ҳамчун муаллими кӯдакон дар назди сэр Томас Люси дар Уоркшир, дар хона, ки на дуртар аз Стратфорд-он-Эйвон, маконе, ки дар соли 1564 Шекспир ба дунё омада буд, ба кор даромадан кӯмак карданд. Дар он ҷо қарор дошта, Фокс бо Агнес Рендалл аз Ковентри шинос шуд, ки ӯ ба имони вай ба Исои Масеҳ ва хизмати комили Ӯ шарик

буд ва ба ӯ хонадор шуд. Айнан, дар ҳамин вақт инквизитсияи папа (ташкилоти судии тафтишоти калисои католикӣ) ба оилаҳо пинҳонӣ даромада ақидаҳои динии онҳоро муайян менамуд. Фокс ва ҳамсари ӯ хонаи Люсиро тарк намуданд ва ба хонаи падари Агнес дар Ковентри кӯчиданд, ҳарчанд ҷаноби Рендалл дар ҷавоб ба мактуби Фокс навишта буд: «Барои ман дар хонаи худ қабул кардани инсоне, ки ӯро дар содир намудани ҷиноят айбдор меҳисобам, мушкил аст. Ман инчунин, хавферо, ки бо қабул кардани шумо ба он рӯ ба рӯ мешавам, дар хотир дорам. Бо вуҷуди ин, ман ба хатари ба ман таҳдидкунанда нигоҳ накарда, ҳамчун хешу табор рафтор мекунам. Агар ту ақидаи худро нисбат ба имон тағйир диҳӣ, шумо метавонед биёед ва дар ин ҷо ҳар қадаре, ки мехоҳед, биистед. Агар не, пас шумо метавонед, ба ин ҷо танҳо ба мӯҳлати кӯтоҳ биёед, то ки ба сари ман ва ҳамсарам хатар наоред». Фокс пешниҳодро қабул намуд, хусусан, баъд аз он, ки хушдоманаш ба ӯ навишт, то ки аз бадҷаҳлии шавҳараш, ки ба ӯ бо чунин тарз навиштааст, наҳаросад, зеро ӯ зарур медонист, ки чунин рафтор намояд, аммо, муносибати хуши ӯ ҷои ҷаҳли ба назар намудори ӯро пур мекунад. Дар асл, Фокс аз ҷониби волидони ҳамсараш, назар ба он, ки ӯ ба худ тасаввур менамуд, хеле беҳтар қабул гардид.

Фокс дар муддати хеле дароз аз инквизитсияи папа (тафтишоти калисои католикӣ) пинҳон мешуд. Ҳамин тавр дар замони ҳукмронии шоҳ Генрихи VIII, дар рӯзҳои осоиштаи шоҳ Эдварди VI ва то ба сари тахт нишастани малика Марияи I, ки дар Англия ҳокимияти папа ва тамоми таълимотҳои католикиро барқарор намуд, давом мекард. Имконнопазир шудани зиндагиро дар зодгоҳ фаҳмида, Фокс ва оилаи ӯ Англияро тарк менамоянд ва дар аввал ба Страсбург (Франсия), сипас ба Франкфурт (Олмон) ва баъд аз ин – ба Базел (Швецария) мекӯчанд. Дар он ҷо Фокс гурезагони зиёдро аз Англия пайдо мекунад, ки мамлакати худро барои аз бераҳмии таъқибгарон халос шудан,

тарк карда буданд ва дар он ҷо ӯ бо китоби машҳури худ корро оғоз намуд. Вақте ки дар хориҷа аз ин огоҳ гаштанд, аксарият онҳое, ки ба таъқибот дучор мешуданд, ё ин ки шоҳиди таъқиботҳо дар ҳар гуна мамлакатҳо, аз он ҷумла дар Англия гашта буданд, саргузаштҳои худро ба ӯ мефиристоданд. Нашри аввалро Фокс дар соли 1554, дар забони лотинӣ чоп намуд.

Малика Елизаветаи I ба тахти Англия дар соли 1558 нишаст, соли 1559 бошад,

Фокс ва оилаи ӯ Базелро тарк намуда, ба Англия баргаштанд. Китоб бо ҳодисаҳои то марги усқуфи аъзам Кранмер дар соли 1556 илова гардида буд ва дар соли 1563 дар забони англисӣ аз чоп баромад. Бо сабаби танқиди якбораи китоб дар натиҷаи хатоҳои зиёд дар он, Фокс дар давоми ҳафт соли оянда ҷамъ кардани маводҳоро идома дод ва тафсилотҳои хурдтарини таъқиботҳоро тафтиш ва таҳқиқ менамуд, ки дар бобати онҳо ба ӯ аз Англия маълумот медоданд. Дар соли 1570 ӯ нашри дуюми ислоҳшуда ва такмилёфтаро бо номи «Таърихи калисо, ки ҳодисаҳо ва осори маданияти гузаштаро дар даврони ҳукмронии ҳар як шоҳ дар бар мегирад», чоп намуд. Дар худи ҳамон сол Шӯрои калисои Англиканӣ қарор дод, то ин нашр дар ҳар як калисои коллегиалии Англия бошад.

Дар соли 1560 Фокс ба хизмати калисо ҳамчун рӯҳонии англиканӣ дастгузорӣ (рукоположение) карда шуда буд, вале дере нагузашта, баъди бозгашт аз Швейтсария аз иҷрои он бо сабабе, ки пуритании мӯътақид гашта буд, даст кашид, ҳарчанд маъвиза ва нашр кардани маъвизаҳои худро, ки ба бисёриҳо кӯмак мекарданд, давом медод. Бо вуҷуди он, ки маҷмӯаи охирин, ки ба таъқиботҳои давраи ҳукмронии Марияи Хунин бахшида шудааст, ба корҳои хаттии ӯ талхии зиёдро, нисбат ба он, ки Фокс ба худ тасаввур карда метавонист, оварда буд, ӯ инсони аз ҳама осоиштатарин буд; бар зидди калисои Румӣ, ки дар оғӯши он ба дунё омада, ба воя расидааст, сахт баромад намуда, ӯ яке аз аввалинҳо буд, ки кӯшиш менамуд,

дар муносибатҳои протестантҳо дар Англия мутобиқат дарорад. Ӯ тарафдори ҳақиқии пурсабрӣ ва оштигӣ буд.

Ҳангоми якбора хурӯҷ кардани беморӣ дар Англия дар соли 1563, вақте ки аксарияти хизматгорон аз вазифаҳои худ даст кашида, барои ҷустуҷӯи ҷои бехавф рафтанд, Фокс дар ҷои худ меистод ва ба беморон ва танҳомондагон кӯмак мерасонад ва пулҳоеро, ки аз одамони сарватманд барои кӯмаки ба онҳо расонидашуда мегирифт, тақсим менамуд. Ӯ пуртоқат ва кушодадил буд ва ҳеҷ як нафарро, ки ба номи Масеҳ ёрдам мепурсиданд, рад карда наметавонист. То вақте ки ин ба ӯ муяссар мешуд, ӯ кӯшиш менамуд, ки эътибори худро нисбат ба малика Елизавета истифода барад ва ӯро барои дар тарҷрибаи бераҳмонаи таъқиботи онҳое, ки нисбати ӯ ақидаҳои динии мухталиф доранд, хотима гузошта, розӣ кунонад. Малика фикри ӯро баланд қадрдонӣ менамуд ва баъзан «Падари мо Фокс» меномид, аммо вай ба ҳар ҳол натавонист, ӯро дар хотима гузоштани таъқиботҳо нисбати пуританиҳо, ки пайваста ба ӯ бо талаб кардани ислоҳотҳо дар калисои Англия фишор меоварданд, розӣ кунонад.

Фокс дар соли 1587 вафот кард, лекин ҳанӯз дар қайди ҳаёти худ бахт ба ӯ омад кард ва ӯ самари меҳнати вазнини худро дид. Китоби ӯ чор маротиба аз чоп баромад, Шӯрои усқуфон қарор намуд, то ки он дар тамоми калисоҳои кафедралии Англия ҷо дода шавад. Чун Китоби Муқаддас, ин китоб бо занҷирҳо дар минбар васл шуда буд, то ки касе аз хонандагони аз ҳад боғайрат онро бо худ гирифта бурда натавонад.

Ниҳоят, вақти он расид, ки на танҳо дар Англия, балки дар тамоми ҷаҳони англозабон, хона ғайримасеҳӣ ҳисобида мешуд, агар дар он Китоби Муқаддас ва «Китоби азияткашони» Ҷон Фокс намебуд.

Сарсухан ба нашри аз нав кор карда баромадашудаи «Китоби азияткашон»

Дар «Китоби азияткашон» чунин баёнот ҳаст: «*Бо сабаби он, ки ҳезуми тарро на каптар аз он, ки ду асп бурда метавонист, оварда буданд, онҳо дар намегирифтанд ва вақти зиёде гузашта буд, то ки оташ ниҳоят хасеро, ки дар таги ҳезум гузошта шуда буд, фурӯ барад*».

Худи ҳамин ҷумла дар нашри аз нав кор карда шудаи китоб чунин садо медиҳад: «*Аз ҳад зиёд ҳезуми нам истифода шуда буд, ба андозае, ки ду асп бурда метавонист, бинобар ин чанд муддат гузашт, пеш аз он, ки аланга аз хас ба ҳезум гузарад*».

Дар миёнаи асри XVI, вақте ки Ҷон фокс «Китоби азияткашонро» менавишт, дар тамоми Аврупо масеҳиёнро бо қаҳру ғазаб таъқиб менамуданд. Бештари қиссаҳо дар китоб тасвири

ҳодисаҳое мебошанд, ки ҳанӯз дар қайди ҳаёти ӯ ба амал меомаданд. Бешубҳа, Фокс шоҳиди зиёди онҳо буд, масалан, чун рӯзноманигорон дар замони мо; қиссаҳои зиёдро ба ӯ масеҳиёне мефиристоданд, ки худ мубталои таъқиб мегаштанд, ё ин ки шоҳидони таъқибот ва маргҳои пуразоби одамони дигар мешуданд. Дар таърихи масеҳият ин замони аз ҳама пурошӯб буд. Дар он замонҳо дин қувваи муайянкунанда буд, ки тақдири мамлакатҳоро ҳал менамуд ва ҳаётро назорат мекард. Танҳо яктанимта нафарон аз марҳамати он, ки аз Худо бармеомад, дилшод нагашта буданд ва танҳо яктанимта нафарон аз хашму ғазаби он, ки аз иблис бармеомад, раҳо ёфта буданд.

Азбаски Фокс дар бораи воқеаҳои ҳозира менавишт (ҳам ба монанди онҳое, ки ба ӯ пайравӣ менамуданд ва ба китоби ӯ иловаҳо медаровардand), ӯ ба ҳамзамонони худ ягон чизи равшан ва аёнро шарҳ намедод, инчунин ба тафсилот дода намешуд, вақте ки одамону маҳалҳоро, ки аз онҳо ёдрас менамуд (хусусан, ба Англия тааллуқ доштаро), тасвир мекард. Масалан, ӯ шарҳ намедод, ки маросими сӯзондани одам чӣ тавр мегузашт, ё ин ки Смирфилд дар куҷо ҷойгир буд ва аз чӣ сабаб он бадном гашта буд. Дар бораи маҳбасхонаи Флит ё аз занҳои зиёди шоҳ Генрихи VIII, ё ин ки дар бораи усқуфи аъзам Томас Кранмер, ки дар тамоми ақди никоҳ ва талоққуниҳои шоҳ иштироки бевосита дошт, ба тафсил гап намезад. Ӯ найрангҳои сиёсӣ ва диниро, ки масеҳиятро ба ҳайрат меандохтанд, шарҳ намедод, шояд барои он, ки дар бораи онҳо намедонист, ё ин ки онро зарур намеҳисобид, ё аз ҳама эҳтимолтар, бар он мӯътақид буд, ки танҳо таърих метавонад ба ақиб назар кунад ва натиҷаҳои онро дар намуди худаш бубинад. Дар бисёр ҳолатҳо мо дар бораи ин хеле зиёд медонем, назар ба он, ки худи Фокс дар замони худ медонист, танҳо ба хотири он, ки мо воқеаҳои таърихии ҷамъкардашуда дорем, ки ба мо имконият медиҳанд, ки ба санадҳои гуногун ва воқеаҳои гузашта, одамон ва маконҳо назар кунем ва алоқаи онҳоро дар миёни якдигар бубинем.

Фокс китоби худро дар Англияи асримиёнагӣ дар забони замони худ навиштааст. Бисёр мулоимтар мешавад, агар гӯем, ки забони Англияи асримиёнагӣ барои мо душворфаҳм аст. Мо калимаҳои зиёдеро, ки дар он вақт истифода мешуданд, ба кор намебарем. Дар баробари ин, калимаҳои зиёдеро, ки мо имрӯз истифода мебарем, он маъноро, ки дар замони Фокс ифода меёфтанд, надоранд. Инчунин, дар сохтани ҷумлаҳо ва дарозии он мушкилӣ вуҷуд дорад. Нуқта бо вергул ва нохунакҳо дар он замон хеле машҳур буданд ва нависанда бо тасаввуроти хуб метавонист, ҷумларо бо зиёда аз сад калима тартиб диҳад ва ба якчанд самт ҳаракат намояд, то даме, ки хонандаро барақат надиҳад бо нуқта дар оҳири ҷумла. Ҷумлаи дарози печондашуда барои қабул кардан мушкил аст, аниқтараш ба хонандаи ҳозиразамон нофаҳмо мебошад, агар дар забони Англияи асримиёнагӣ навишта шуда бошад.

Дар нашри аз нав коркардашудаи «Китоби азияткашон» мо ҳама калимаҳои нофаҳмои кӯҳнашударо гирифтем ва ҷумларо кушодем. Дар баъзе ҳолатҳо маънои калимаро дар луғатҳои муосир ёфтан номумкин буд, аз ин рӯ маънии он аз рӯи матн муайян карда мешуд. Вақте медидем, ки калимаи асримиёнагӣ аз рӯи матн бештар мувофиқ меояд ва маънояш фаҳмо аст, он вақт мо ин калимаро истифода мебурдем. Баъзан, барои боз ҳам фаҳмотар шудан, дар матн иқтибосҳо мегузоштем ё баъзе ҷузъиётро махсус қайд менамудем. Дар ин ҳолат, мо иқтибос ё калимаро ба қавсҳои чоркунҷа — [ ] — ҷо менамудем, то нишон диҳем, ки ин замимаҳои иловагӣ дар матн мебошанд, ки онҳо дар матни аслӣ нестанд.

Аз сабаби он, ки Фокс ҳар замон одамон ва маконҳоро зикр менамуд, аммо одамон ва мавқеи онҳо зуд-зуд тағйир меёфтанд, дар замима мо папаҳои он замон, шоҳон ва маликаҳои Англияро, ки дар бораи онҳо дар китоби Фокс гуфта мешавад, ба рӯйхат даровардем. Дар охири он, инчунин замимае ҳаст, ки дар он «Наваду панҷ даъво»-и Мартин Лютер, ки 31 октябри соли 1517

ӯ дар дари калисои Дарборӣ дар Виттенберг мехкӯб намуда буд ва боби «Нишондиҳандаи номҳо ва маконҳо» барои таҳқиқи қулай дохил шудаанд.

Бо сарсухани зерин мо кӯшиш менамоем, то нишон диҳем, ки кори бо нусхабардорӣ ва навкунии китоби Фокс алоқаманд, кори осон набуд. Он саъю кӯшиши ақлӣ, эҳсосӣ ва ҷисмонии зиёдро талаб намуд, ки тамоми вуҷуди маро ба ҳаяҷон овард, – ман ҳам бо сар ва ҳам бо қалб кор мекардам. Барои забон ва муҳити он замонро аниқ расондан, ман кӯшиш намудам, ки худро дар ҷои Фокс монам; барои фаҳмидани он, ки ҳангоми навиштан ӯ чиро фикр ва ҳис мекард, ман кӯшиш менамудам, то тасаввур намоям, ки ман дар он замон, дар он маконҳо, дар байни он маданият, ки дар он ҷо ҳодисаҳои тасвиршуда ба амал меомаданд, зиндагӣ мекунам; ман ҳамроҳ бо азияткашон таъқибот, шиканҷаҳо ва сӯхтанро аз сар мегузарондам. Ман ҳамчун рӯзноманигор, бо онҳо ҳам дар зиндон ва ҳам дар озодӣ, ҳам дар ҳаёт ва ҳам дар мамот будам. Лекин, чун рӯзноманигоре, ки метавонад, танҳо нигоҳ кунад, гӯш кунад ва ҳодисаҳои ба вуқӯъ омадаро тасвир намояд, аммо имконияти мусоҳиба карданро надорад.

Ман мехостам, ки имконият дошта бошам, то Ян Гусро аз он огоҳ намоям, ки императори муқаддаси румӣ Сигизмунд ваъдаи додаи худро, ки бо он ӯ ба Гус амниятро кафолат дода буд, иҷро карданӣ нест; ман мехостам, Уилям Тиндейлро огоҳ намоям, ки бо одаме, ки ӯ ба зудӣ дӯстӣ пайдо кард, дар асл Яҳудо буд, ки барои ба Уилям хиёнат кардан фиристода шуда буд. Ман то ҳол ҳайрон мешавам, ки чӣ тавр шоҳ Генрих Наварский тавонист, дар шаби Барталмо аз марг наҷот ёбад, дар ҳоле, ки тамоми гугенотҳои (протестантҳои асри 16-17-и Фаронса, ки аз тарафи калисои католикҳо ва ҳукумат таъқиб мешуданд) Париж кушта шуда буданд.

Вақте ки Ҷон Ламбертро месӯзонданд ва бо ёрии табарзинҳои найзадор ба болои оташ бардоштанд, то ки ӯ оҳиста-оҳиста

бисӯзад, ман дар назди компутери худ нишаста, гиристам. Лекин, вақте ки Ҷон Хаукер дастони сӯхтаистодаи худро болои сар бардошта се бор чапак зад, ман аз файзи ҳайратангези Худо шодӣ мекардам. Ман инчунин аз он хурсандӣ мекардам, вақте ки бо ҳамон файз усқуфи аъзам Томас Кранмер тавба кард ва ба ҳақиқати Масеҳ рӯ оварда ва вақте ки худи ҳамин файз ба Мэри Даер қувват бахшид, ки ба Бостон баргардад, то ки ҳаёти худро ба муборизаи зидди қонуни беадолатонаи пуританиҳо (иштирокчии ҳаракати сиёсӣ ва динии буржуазии англис дар асрҳои 16-17, ки бар зидди феодализм баромада буд ва тарафдорони тоза кардани калисои англис аз боқимондаҳои каталитсизм буд), ки бар зидди квакарон (аҳли мазҳаби дини насронӣ, ки дар Англия ва ШМА паҳн шудааст) равона карда шуда буд, бахшад.

Аммо, беш аз ҳама ман ба садоқати устувори аксарият мардон, занон ва кӯдакон дар ҳайрат мемондам, ки аз он, ки ба шарафи барои Худованди худ азоб кашидан сазовор гаштаанд, хурсандӣ мекарданд, ки азоб ва марги онҳо шаҳодати қувва ва ҳақиқати калисои Масеҳ буд. Ҳаёт ва мамоти онҳо, чун суоли зерин, ҳамеша дар шуури ман зиндагӣ мекунанд: «Оё мо, бо масеҳияти ҳозиразамони мулоим ва ба хизмати барои худ равона карда шуда, қодир ҳастем, ки ба ибрати онҳо бо ҳамин гуна ҷасорат ва муҳаббат ба Масеҳ пайравӣ намоем, то ки аз ҳама шиканҷаҳо, маъюбӣ ва сӯзонданҳо гузашта, азоб кашем ва бо вуҷуди ин, аз имони худ ба Ӯ даст накашем?»

Ҳазорҳо масеҳиён дар тамоми ҷаҳон имрӯз метавонанд, ба ин суол «Ҳа» ҷавоб диҳанд, ки дар ин бора қиссаҳои азияткашони муосир, ки ба ин китоб ворид шудаанд, равшан шаҳодат медиҳанд.

Аммо, ҷавоби шумо ба ин суол чӣ гуна мешавад?

Гаролд Д. Чедвик, 4 июли 1997 с.

Замима

Дар рӯзи охирини омодагӣ ба чопи нашри аз нав кор кардашудаи «Китоби азияткашон», 22 июли с.1997 хабаре омад, ки департаменти Иёлоти Муттаҳида маърӯзаеро интишор намуд, ки дар 86 саҳифаи он ба сиёсати мамлакатҳои ҷаҳон оид ба озодии дин баҳо дода шудааст ва таваҷҷӯҳи махсусро ба таъқиботи масеҳиён нигаронидаанд. Дар маърӯза сухан дар бораи таъқиботи масеҳиён дар 78 давлат меравад.

Аз ҷумла, Чин дар он айбдор карда мешавад, ки он меъёри сарқонунро нисбат ба озодии динӣ вайрон мекунад ва таҳти назорати ҳукуматӣ гирифта, ҳама гуна фаъолияти диниро фурӯ менишонад. Сарқонуни Чин, гуфта мешавад дар маърӯза, қайд менамояд, ки шаҳрвандон «аз озодии интихоби эътиқоди динӣ ҳаловат мебаранд», аммо «ҳукумати Чин ҳуқуқ дорад, ки ҳама гуна амалиётҳои диниро бо мақсади ба ташкилотҳои динии ҳуқуматии гуногун тобеъ намудан, маҳдуд созад ва ҷойҳои ибодатҳоро ба қайд дарорад».

Дар маърӯза инчунин қайд шудааст, ки дар Руссия аз тарафи парлумон лоиҳаи нави қонунгузорӣ омода гардидааст, ки дар он қайдкунӣ ё аз нав ба қайддарории тамоми равияҳои динӣ, ба ғайр аз калисои Православии Рус пешбинӣ шудааст. Аз ин тартиб танҳо он ташкилотҳои динӣ гузашта метавонанд, ки дар Руссия на кам аз 15 сол ҳуқуқи молу мулк доранд. Ин корро ба хотири маҳдуд кардани фаъолияти мубаллиғони хориҷӣ ва динҳои нав ё камшумор мекунанд.

Азияткаш – ин масеҳиест, ки барои ӯ мурдан беҳтар аст, назар ба он, ки ӯ аз Масеҳ ва супориши комили Ӯ даст мекашад, ӯ барои Масеҳ ба ранҷҳои калон гирифтор мешавад ва барои паҳн кардани Малакути Масеҳ қурбонии калон медиҳад.

«Барои имон ба Инҷили Масеҳ ва ҳақиқати Навиштаҷот Томас Хаукер ба ҳукми марг тавассути

сӯзондан маҳкум карда шуд. Вақте ки ӯро ба қатл мебурданд, бисёр касони вафодор, ки дар издиҳом аз паси ӯ мерафтанд, хоҳиш мекарданд, то ки ӯ ба онҳо ба ҳар тарзе, ки бошад аломат нишон диҳад, агар ӯ дар оташ сӯхта истода, файзи калони Худоро эҳсос намояд. Таъқибгарон ӯро ба сутун бастанд ва ҳезумҳоро дар гирдогирдаш гузоштанд.

Дар аввал Хаукер баланд дуо мегуфт, вале баъд алангаи пурталотум овози ӯро гирифт ва ӯ дар хомӯшӣ меистод, ҳатто ҳамон вақте ки баданаш сӯхта сиёҳ шуд ва ангуштонаш аланга мегирифтанд, ӯ намечунбид. Ӯ дар чунин ҳол он қадар дуру дароз истод, ки аксарият фикр карданд, ки вай гӯё, аллакай, мурда бошад. Вале, ногаҳон, ин хизматгори мубораки Худо дастонашро болои сараш бардошт ва онҳоро ба сӯи Худо дароз намуд; дастони ӯ чун машъал дармегирифтанд ва бо ишораи шодӣ, ки бисёриҳо онро пай бурданд, ӯ се маротиба чаппак зад, – гӯё, ба шаъни Падар, Писар ва Рӯҳи Муқаддас бошад. Сипас, дастони ӯ поён шуданд ва ӯ ба аланга ғарқ шуд».

Коҷешелл, 1555 с.



Қисми I

Шонздаҳ садсолаи аввал

1.
Нахустин азияткашони масеҳӣ

Дар Матто 16:18, суханони Исо навишта шудаанд, ки ба шогирдонаш муроҷиат менамояд: «Ман калисои Худро бино мекунам ва дарвозаҳои дӯзах бар он ғолиб нахоҳанд шуд».

Дар суханони Исо се тасдиқи асосӣ баён шудаанд:

1. *Дар ин олам Масеҳ калисо месозад.*
2. *Калисои Ӯ ба ҳамлаи сахт дучор мешавад.*
3. *Ҳамлаи шайтон онро вайрон карда наметавонад.*

Ба таърихи масеҳият, ба қафо нигоҳ карда, мо мебинем, ки Суханони Масеҳ дар ҳар садсола амалӣ мегаштанд – таърихи машҳур онро тасдиқ менамояд. Дар аввал, вуҷуд доштани калисои ҳақиқии Масеҳ. Дуюм, роҳбарон дар ҳар хел зинаҳои ҳокимияти ҷаҳонӣ ё динӣ ва зердастони онҳо қудрат ва ҳилла, фиреб ва хиёнатро истифода мебурданд, ба калисои ҳақиқӣ

таҳдид менамуданд ва онро таъқиб мекарданд. Сеюм, калисо ба озмоишҳо дучор мешуд ва дар вақти ҳар ҳуҷуми бар зидди он равона шуда, дар бораи Масеҳ шаҳодат медод. Пайғомҳои он аз миёни тундбодҳои хашм ва нафрат пур аз шӯхрат мебошад, таърихи он дар ин китоб навишта шудааст, то ин ки ба Масеҳ барои кори аҷиби Худо ҷалол дода шавад, то ки фаҳмиш дар бораи аз сар гузарониҳои азияткашони калисо ба хонандагон таъсири судманд расонад ва имони масеҳии онҳоро мустаҳкам гардонад.

Исо

Аввалин шуда, барои калисо Худи Исои Масеҳ ранҷ бурдааст – албатта, азияткаш не, аммо илҳомбахш ва сарманбаъи азияткашон мебошад. Таърихи азоб ва таслиби Ӯ дар Китоби Муқаддас чунон хуб тасвир ёфтааст, ки дар бораи он дар ин ҷо навиштан зарурат нест. Ҳаминро гуфтан кифоя аст, ки эҳёи минбаъдаи Ӯ мақсади яҳудиёнро шикаст дод ва ба қалбҳои шогирдони Ӯ ҷасорат ва равиши нав ато намуд. Баъд аз он, ки қудрати Рӯҳи Муқаддасро дар рӯзи Пантикост қабул карданд, онҳо аз имон ва нотарсӣ пур шуданд, ки ба он хеле эҳтиёҷ доштанд, то исми Ӯро маъвиза намоянд. Боварии нав ва ҷасорати шогирдон ба пешвоёни яҳудӣ зарбаи комил зад ва ҳамаро, ки дар бораи онҳо мешуниданд, ба ҳайрат меовард.

Истефанус

Дуюмин шуда барои калисо Истефанус азоб кашида ҷон дод, ки маънии номи ӯ «гулчанбар, тоҷ»- ро дорад (Аъмол 6:8). Ӯ барои маъвизаи Инҷил барои он одамоне, ки Исоро куштанд, азоб дода шуда буд. Суханоне, ки вай гуфт, ин одамонро чунон ба ғазаб овард, ки онҳо ҳамон замон ӯро қапида аз шаҳр берун баровардand ва дар он ҷо то мурдан сангсор намуданд. Марги пуразоби Истефанус тақрибан баъд аз ҳашт соли таслиби

Худованди ӯ ба амал омад, яъне қариб дар солҳои 35-уми милодӣ, зеро Исо тахминан дар соли 6-уми то милод ба дунё омадааст, ду сол пештар аз вафоти Ҳиродуси Кабир, ки дар соли 4-уми то милод фавтидааст (нг. Матто 2:16).

Нафрате, ки ба Истефанус равона шуда буд, ногаҳон ба таъқиботи бузурги онҳое, ки дар бораи Исо ҳамчун Масеҳи яҳудиён ошкоро баён менамуданд, табдил ёфт. Луқо менависад: «Дар он рӯз таъқиботи шадиде бар зидди аҳли калисои Йерусалим ба амал омад ва ҳама ғайр аз ҳавворӣён ба ноҳияи Яҳудо ва Сомария пароканда шуданд» (Аъмол 8:1). Ҳангоми ин таъқибот қариб ду ҳазор масеҳӣ азоб дода кушта шуданд, аз он ҷумла Никонӯр, ки яке аз ҳафтум нафарони дяконҳо дар калисо буд (Аъмол 6:5).

Яъқуб

Аввалин азияткаш дар миёни дувоздаҳ ҳавворӣён Яъқуб писари Забдоӣ ва Саломӣ ва бародари калонии ҳавворӣ Юҳанно буд. Ӯ дар соли 44-ум бо фармони Ҳиродус Аҳрипои I, ҳокими Яҳудо ба қатл расонда шуд. Марги ӯ амалӣ гаштани гуфтаҳои Исо дар бораи ӯ ва бародари вай Юҳанно буд (Марқӯс 10:39).

Нависандаи қадим Климент Александрийский тасдиқ намудааст, ки вақте Яъқубро ба ҷои қатл мебурданд, ҷасорати ғайриоддии ӯ яке аз посбононро чунон ба ҳайрат оварда, ки ӯ дар пеши ҳавворӣ ба зону афтид ва аз ӯ омурзиш пурсида, ба он иқрор шуд, ки ӯ ҳам масеҳӣ мебошад ва Яъқуб набояд дар танҳогӣ бимирад.

Дар натиҷа сари ҳар дуро аз тан ҷудо карданд. Тахминан, дар ҳамин вақт Тимон ва Пармен, ду нафар аз ҳафт диаконҳо ба қатл расонда шуданд, яке – дар Филипин, дигарӣ – дар Мақдӯния.

Расо баъд аз даҳ сол, дар соли 54-ум, ҳавворӣ Филлипро баъд аз калтаккӯб кардан, ба зиндон партофтанд ва баъд дар Иеропол, дар Фригия таслиб намуданд.

Матто

Дар бораи рӯзҳои охирини ҳаёти ҳавворӣ Матто, оиди вақт ва ҳолати марги ӯ хеле кам маълум аст, вале ривоятҳо нақл мекунанд, ки ӯ дар Эфиопия саёҳат мекард ва дар он ҷо бо Кандока муносибат дошт (Аъмол 8:27) ва дар ҳамин мамлакат ӯ ба марги пуразоб рафтааст. Дар баъзе ривоятҳо гуфта мешавад, ки ӯро дар замин таслиб намуданд ва бо ёрии табарзини найзадор дар шаҳри Надава (ё Надар), Эфиопия, тақрибан дар солҳои 60-ум, сар аз тан ҷудо карданд.

Яъқуб (Хурдӣ)

Ин Яъқуб бародари Исо ва муаллифи нома буд. Аз афташ, ӯ пешвои калисои Йерусалим буд (нг. Аъмол 12:17; 15:13-29; 21:18-24). Ба мо санаи аниқ ва ҳолати марги ӯ маълум нест, вале қабул дониста шудааст, ки он дар соли 66-ум ба вуқӯъ пайвастааст.

Чуноне, ки таърихнигори яҳудӣ Йосиф Флавий менависад, саррӯҳонӣ Анна фармон додааст, ки Яъқубро сангсор кунанд. Аммо, нависандаи ибтидоии масеҳӣ Ҳегесипус, ки Евсевиас, таърихнигори масеҳӣ, ки дар асри III зиндгӣ мекард, аз ӯ иқтибос меовард, мегӯяд, ки Яъқуб аз боми маъбад партофта шуда буд. Дар ин ривоят марги ӯ тасдиқ шудааст, ки Яъқуб дар натиҷаи афтидан намурдааст, аз ин сабаб сари ӯро бо таёқ, ки онро эҳтимол намадмолон барои мовут (сукно) истифода мебурданд, ё бо болғаи оҳангарӣ зада кафонданд.

Матто (Матфий)

Дар бораи вай ва ҳаёти ӯ чизе маълум нест, ба ғайр аз он, ки ӯ ба ҷои Яҳудо интихоб шуда буд. Инчунин маълум аст, ки ӯ дар Йерусалим сангсор шуда ва баъд сар аз тан ҷудо карда шуда буд.

Андриюс

Андриюс бародари Петрус буд (Матто 4:18). Ривоят нақл мекунад, ки ӯ Инҷилро ба аксарият халқҳои осиёӣ маъвиза менамуд ва дар Эдесс, тавассути таслибшавӣ дар салиби Х- шакл, ки бо номи «Салиби Андриюси Муқаддас» маълум гаштааст, ба марги пуразоб рафт.

Марқӯс

Дар бораи Марқӯс тамоман кам маълум аст, ба ғайр аз он, ки дар Аҳди Ҷадид дар бораи ӯ навишта шудааст. Баъд аз ёдрас намудани Павлус дар бораи ӯ, дар номаи дуюми Тимотиюс, 4:11, ӯ аз назар дур мешавад. Танҳо ривоят ба мо дар бораи ҳолати эҳтимолии марги ӯ хабар медиҳад: вай, эҳтимол, дар Александрия аз тарафи одамон, вақте ки бар зидди гузаронидани ҷашн ба шарафи санами онҳо Серапис баромад намуд, пора-пора карда шудааст.

Петрус

Ягона тасвири марги пуразоби ҳавворӣ Петрусро мо дар нависандаи ибтидоии масеҳӣ Ҳегесипус меёбем. Ӯ қиссаи ба таври мӯъҷизавӣ омадани Масеҳро нақл мекунад. Нерон фикри нобуд кардани ҳавворӣ Петрусро кард, вақте ки вай аллакай ба синни пиронсолӣ расида буд (Юҳанно 21:18). Вақте ки шогирдон дар ин бора фаҳмиданд, онҳо Петрусро розӣ кунонданд, ки шаҳрро (Рум) тарк намояд ва ӯ баъд аз суханҳои зиёд розӣ шуд. Аммо, вақте ки Петрус ба дарвозаҳои шаҳр наздик шуд, ӯ Масеҳро дид, ки аз пешаш меояд. Петрус ба пеши пойи Ӯ афтода пурсид: «Худовандо, ба куҷо меравӣ?» Масеҳ ҷавоб дод: «Ман меравам, то ки аз нав таслиб шавам». Петрус фаҳмид, ки барои ӯ вақти қабул кардани марг расидааст, ки тавассути он ӯ Худоро ҷалол медиҳад ва ба шаҳр баргашт. Баъд аз он, ки ӯро

дастгир намуданд ва ба ҷои қатл оварданд, ӯ хоҳиш намуд, ки ӯро дар таслиб бо пойҳо ба боло мехкӯб кунанд, зеро ӯ худро ба чун Худованди худ таслиб шудан лоиқ намедонист.

Павлус

Ҳавворӣ Павлус дар соли 61-ум зиндонӣ шуд ва дар он ҷо номаҳоро ба Эфсӯсиён, Филиппиён ва Қулласиён навиштааст. Ҳабси ӯ қариб се сол давом кард ва дар моҳи майи соли 64-ум, як сол пештар аз сӯхтори Рум ба анҷом расид. Дар вақти дар муддати кӯтоҳи дар озодӣ буданаш, Павлус эҳтимол, ба Аврупои Ғарбию Шарқӣ ва Осиёи Хурд ташриф овардааст, инчунин Номаи 1- ро ба Тимотиюс ва Номаро ба Титус навиштааст.

Неронро дар сӯхтори Рум ошкор намуданд, вале ӯ ин айбдоркуниро рад намуда онро ба масеҳиён равона кард. Дар натиҷа нисбати онҳо таъқиботи сахт оғоз ёфт, ки ҳангоми он Павлусро ба ҳабс гирифтанд ва дар Рум ба зиндон партофтанд. Аз нав ба маҳбасхона афтода, ӯ номаи охирини 2-юмро ба Тимотиюс навишт.

Ба зудӣ Павлусро дар ҷиноят бар зидди император гунаҳкор донистанд ва ба ҳукми қатл маҳкум карданд. Ӯро ба ҷои қатл оварданд, ки дар он ҷо сарашро аз тан ҷудо карданд. Ин дар соли 66-ум, чор сол қабл аз вайроншавии Йерусалим ба амал омад.

Яҳудо

Бародари Исо дар Эдесс, дар шаҳри қадимаи Месопотамия, тақрибан дар соли 72 таслиб шуд.

Барталмо

Таърих мегӯяд, ки Барталмо дар мамлакатҳои зиёд маъвиза мекард, Инҷили Матторо ба забони Ҳинду тарҷума намуд ва дар

ин мамалакат таълим медод. Барои ин ӯро халқҳои бутпараст бераҳмона латукӯб намуда, таслиб карданд.

Тӯмо

Тӯмо Инҷилро дар Форс, Парфий ва Ҳиндустон маъвиза намудааст. Дар Каламин (Ҳиндустон) халқиятҳо ӯро дастгир намуда, шиканҷа доданд, сипас бо найза халонда ба танӯри тафсон партофтанд.

Луқо

Луқо аз дигар халқиятҳо буд ва эҳтимол юнонӣ буд. Маълум нест, ки ӯ кай ва чӣ тавр имон овардааст, эҳтимол, вай дар Трӯос табиб буд ва дар ҳамон ҷо бо воситаи Павлус имон овардааст, зеро яқинан, дар Трӯос ба Павлус ҳамроҳ шуда бо ӯ ба саёҳат мебарояд. Ба оятҳои Аъмол, 16:8-10 диққат диҳед, ки баъд аз ёдрас намудани Трӯос Луқо ҷонишини «мо»-ро истифода мебарад, на ин ки «онҳо»-ро: *«Он гоҳ аз Мисия гузашта, ба Трӯос фуромаданд. Ҳамон шаб ба Павлус рӯъёе аён шуд, ки инак шахсе аз аҳли Мақдуния назди ӯ истода буд ва аз ӯ илтимос карда, мегуфт: «Ба Мақдуния омада, ба мо мадад расон». Ҳамин ки ӯ ин рӯъёро дид, мо дарҳол ба Мақдуния рафтанӣ шудем, зеро яқин донистем, ки Худованд моро даъват намудааст, ки дар он ҷо башорат диҳем»*. Луқо бо Павлус ба Филиппӣ омаданд, вале якҷоя бо ӯ дар зиндон дар маҳбас набуд ва баъд аз озодшавии ӯ бо вай саёҳат намекард. Яқинан, ӯ дар Филиппӣ маскан гирифт ва чанд вақт дар он ҷо зиндагӣ мекард. Танҳо баъд аз ҳафт сол, вақте ки Павлус боз ба Филиппӣ омад (Аъмол 20:5-6), мо аз нав бо Луқо рӯ ба рӯ мешавем. Аз ҳамин вақт сар карда, ӯ аз нав бо Павлус ба саёҳат мебарояд ва то сафари Павлус ба Йерусалим, бо ӯ мемонад (Аъмол 20:6-21:18). Боз як бори дигар

ӯ аз назар дур мешавад, вақте ки Павлусро дар Йерусалим ва Қайсария занҷирбанд мекунанд ва аз нав пайдо мегардад, вақте ки Павлус ба Рум раҳсипор мешавад (27:1). Ӯ бо ҳамроҳии Павлус ҳангоми ҳабси аввали ӯ буд (Филемун 1:24, Қулласиён 4:14). Аксарият тадқиқотчиёни Китоби Муқаддас бар он мӯътақиданд, ки Луқо Инҷил ва Аъмоли ҳавориёнро ҳангоми бо Павлус якҷоя дар Рум буданаш навиштааст. Ҳангоми ҳабси дуюми Павлус Луқо, эҳтимол, дар паҳлӯи ӯ буд, зеро Павлус пеш аз марги пуразоби худ ба Тимотиюс менависад: «...танҳо Луқо бо ман аст» (2 Тимотиюс 4:11).

Баъд аз марги Павлус, Луқо эҳтимол аз Павлус таълим гирифта, расондани Хушхабарро давом медиҳад. Санаи дақиқи марг ва чӣ тавр вафот кардани ӯ маълум нест. Дар як манбаи қадима гуфта мешавад: «Ӯ ба Худованд комилан хизмат мекард, зану фарзанд надошт ва дар синни ҳаштоду чор солагӣ дар хоб, дар Боети (ҷои ба мо номаълум) аз Рӯҳи Муқаддас пур шуда, вафот кардааст». Манбаи дигари аввалин тасдиқ менамояд, ки Луқо бо Хушхабар ба Миср рафтааст ва дар он ҷо дар дарахти зайтун, дар Афина, дар соли 93-юм ба дор овехта шудааст.

Юҳанно

Ба ҳавворӣ Юҳанно, бародари Яъқуб бунёди ҳафт калисоро, ки дар Ваҳй ёдрас мегарданд, мансуб медонанд: Исмирно, Парғомус, Сардис, Филоделфия, Лудкия, Тиёти ва Эфсӯс. Тасдиқ гардидааст, ки дар Эфсӯс ӯ ҳабс шуда, ба Рум фиристода шуд, ки дар он ҷо ӯро ба дег бо равғани тафсондашуда андохтанд, ки он ба ӯ ягон зарар нарасонд. Дар натиҷа ӯ озод карда шуд ва аз ҷониби император Домитсиан ба ҷазираи Патмӯс, ки дар он ҷо китоби «Ваҳй»-ро навиштааст, бадарға гардид. Баъд аз озодшавӣ аз Патмӯс Юҳанно ба Эфсӯс баргашт ва дар соли 98-уми милод дар он ҷо вафот кард ва ӯ ягона ҳавворӣ буд, ки аз марги зӯроварона раҳоӣ ёфт.

Ҳатто, ҳангоми таъқиботҳои қатънашаванда ва маргҳои зӯроварона Худованд ҳар рӯз ба калисо наҷотёфтагонро зам менамуд, калисо дар таълимоти ҳавворӣён чуқур реша гузошта буд ва бо хуни муқаддасон пошида шуда буд. Он ба таъқиботҳои оянда омода гардида буд.

2.
Оғози таъқиботи умумӣ ба калисо (54-304 сс.)

Таъқиботи аввалин дар замони император Нерон (сс. 54-68 милодӣ)

Нерон императори шашуми Рум буд ва дар тӯли понздаҳ сол ҳукмронӣ намудааст.

Ғайриоддист (парадокс) – ӯ инсони ба таври ғайримуқаррарӣ эҷодӣ буд ва ҳамзамон феъли хашмгинона дошт ва бо бераҳмии аз ҳад зиёд фарқ мекард. Тасдиқ гардидааст, ки маҳз Нерон барои оташ задани Рум фармон додааст ва дар ин масеҳиёнро айбдор намудааст, то ки ғазаби сокинони Румро аз худ дур кунад. Манбаъҳои дигар мегӯянд, ки дар вақти сӯхтор Нерон дар Рум набуд. Чӣ хеле ки набошад, дар сӯхторе, ки 9 рӯз давом кард, масеҳиёнро айбдор карданд ва бар зидди онҳо таъқиботҳои сахттаринро оғоз намуданд, ки то охири давраи ҳукмронии Нерон давом ёфт.

Амалҳои ваҳшиёна бар зидди масеҳиён аз таъқиботҳои пештара дида, боз ҳам бадтар буданд, махсусан он амалҳое, ки худи Нерон ба онҳо роҳбарӣ менамуд. Чизи ба ин монанд, танҳо дар тасаввуроти бо иблис илҳомбахшшуда пайдо гашта метавонист. Баъзе масеҳиён дар пӯсти ҳайвонҳои ваҳшӣ дӯхта шуда, бо сагон пора-пора карда шуданд. Ба дигарон куртаҳои бо қатрон (смола) ҷаббидашударо пӯшонданд ва дар боғи Нерон ба сутунҳо баста оташ заданд, то ки шабнишиниҳои ӯро равшан кунанд.

Таъқиботи бераҳмона дар тамоми империяи Рум паҳн гардид, вале он, назар аз фурӯнишондани он дида, ба мустаҳкамшавии рӯҳияи масеҳиён бештар мусоидат намуд. Якҷоя бо Павлус ва Петрус, инчунин баъзе аз ҳафтод шогирдони Исо ба марги пуразоб рафтанд (Лука 10:1). Дар байни онҳо: Арастус, хазинадори Қӯринтӣ (Румиён 16:23); Аристархус аз аҳли мақдуниён (Аъмол 19:29); Трофимуси эфсӯсӣ (Аъмол 21:29); Барсаббо, ки лақабаш Юстус буд (Аъмол 1:23); Ҳаниниё, усқуфи Димишқ, ки Худованд ӯро ба назди Павлус фиристода буд (Аъмол 9:10).

Таъқиботи дуюм дар давраи император Домитсиан (сс. 81-96 милодӣ)

Домитсиан инсони хеле золим буд, ки бародари худро куштааст ва таъқиботи дуюмро, ки бар зидди масеҳиён равона шуда буд, оғоз намуд. Аз масеҳиён нафрат намуда, Домитсиан фармон баровард: «Ҳеҷ як масеҳӣ, ки боре дар назди ҳукм истода буд, аз ҷазо озод карда намешавад, агар ӯ аз имони худ даст накашад».

Дар ин вақт, оид ба масеҳиён дурӯғи зиёде гуфта шуда буд, чандон нафратовар, ки ба он танҳо дар зери таъсири нафрати кӯр-кӯрона бовар кардан мумкин буд: масеҳиёнро дар гуруснагӣ, дар паҳншавии бемориҳо, заминларзаҳо, ки дар ҳар қисмати империяи Рум ба амал меомад, гунаҳкор медонистанд. Ба он

шахсоне, ки бар зидди масеҳиён шаҳодат додан мехостанд, маблағ пешниҳод мекарданд ва шумораи калони одамони бегуноҳ ба хотири нафъи моддии касе кушта шуда буданд. Вақте ки масеҳиро ба ҳукми Домитсиан меоварданд, барои озод шудан, ба ӯ пешниҳод менамуданд, ки ба император савганди вафодорӣ талаффуз намояд. Онҳое, ки аз савганд даст кашиданд, кушта шуданд, ҳам ба монанди онҳое, ки ба масеҳият эътиқод доштанд.

Дар ин замон, Тимотиюси барои мо хеле маъруф, шогирди шӯҳратёфтаи ҳавворӣ Павлус ва оқсақоли калисои Эфсӯс то соли 97-ум, азияткаш шудааст. Дар он сол эфсӯсиёни бутпараст идро бо номи «Катагогин» ҷашн мегирифтанд. Вақте ки Тимотиюс маросими бутпарастонаро дид, ӯ пеши роҳи онро гирифт ва иштирокчиёни онро барои бутпарастӣ сахт маломат кард. Ҷасорати поксириштӣ ӯ бутпарастонро ба ғазаб овард ва онҳо ӯро бо калтакҳо чунон латукӯб намуданд, ки аз ҷароҳатҳои гирифтааш ӯ баъд аз ду рӯз фавтид.

Таъқиботи сеюм дар замони император Траян (сс. 98-117)

Ҳангоми таъқиботи сеюм ба масеҳиён вакил ва нависандаи румӣ Плиний, ки ӯро Хурдӣ меномиданд, ба масеҳиёни таъқибшаванда ҳамдард гардида ба Траян менавишт, ки ҳазорҳо масеҳиён, одамоне, ки ягон қонуни Румро вайрон накардаанд, ҳамарӯза кушта мешуданд. Дар мактуби худ ӯ мегӯяд:

«Ҳама тафсифи ҷиноят ё гумроҳии онҳо (ё чӣ тавр он боз метавонад, номида шавад) чунин маънӣ дорад, маҳз: онҳо одате доштанд, ки дар рӯзи муайян пеш аз тулӯи офтоб ҷамъ шуда дар тартиби муайян якҷоя ба Масеҳ ҳамчун ба Худованд дуо гӯянд ва ба худ қасам медоданд, ки ҳеҷ як чизи нопокро содир нанамоянд,

дуздӣ, ғоратгарӣ ё зинокориро ба амал наоранд, ҳеҷ гоҳ қавли худро вайрон накунанд ва гарав нагиранд. Ҳамаи инро ба ҷо оварда онҳо бо одати худ алоҳида-алоҳида мераванд, то ки аз нав барои қабули ғизо якҷо шаванд, ки дар он онҳо ҳамроҳ, бе ягон бетартибӣ иштирок мекунанд».

Дар хусуси он, ки мактуб барои суст гардонидани таъқибот ягон хел таъсир расондааст, чизе маълум нест.

Ҳангоми ин таъқиботҳо дар с. 110 Игнатий, усқуфи калисо дар Антиёхия, пойтахти Сурия, ки дар он ҷо шогирдон бори аввал масеҳӣ номида шуданд (Аъмол 11:26), ба Рум, барои маъвиза ва таълимоти дар бораи Масеҳ фиристода шуд. Гуфта мешавад, сарфи назар аз он, ки вақте ӯ аз Осия мегузашт ва аскарон ӯро посбонӣ менамуданд, Каломи Худоро дар ҳар шаҳр, ки аз роҳи ӯ мебаромад, маъвиза мекард ва калисоҳоро рӯҳбаланд менамуд. Дар Смирно қарор дошта ӯ ба калисои Рум нома навишт ва дар он розӣ мекунонид, ки ӯро дар озод намудан аз қатл кӯшиш накунанд, зеро ин ӯро аз он чизе, ки ӯ бештар мехост ва ба он умед дошт, маҳрум месохт. Игнатий менавишт:

«Акнун ман шогирд мегардам. Ман барои чизҳои намоён ва нонамоёни ин ҷаҳон ғамхорӣ намекунам, балки танҳо аз он, ки чӣ тавр ба Масеҳ бирасам. Бигзор оташ ё салиб бошад, бигзор тӯдаи ҳайвонҳои ваҳшӣ бошад, бигзор устухонҳоямро шикананд ва узвҳои баданамро пора-пора кунанд, бигзор зинда ба зинда гӯр кунанд ва бигзор ҳама ғазаби иблис бар ман ояд, бигзор ҳамаи ин биёяд, танҳо ба он хотир, ки ман ба Масеҳ бирасам».

Ҳатто, вақте ки ӯро ба пора-пора кардани шерҳо партофтанд ва аллакай наъраи онҳо шунида мешуд, ӯ аз чунон ҷасорати

барои Масеҳ ранҷ кашидан пур шуда буд (Аъмол 5:41 нг.к.), ки гуфт: «Ман донаи гандуми Масеҳ ҳастам; ман тавассути дандонҳои ҳайвонҳои ваҳшӣ ба замин бармегардам, то ки нони пок шавам».

Император Адриан

Император Траянро Адриан иваз намуд, ки таъқиботи сеюмро бар масеҳиён, чун пешгузаштаи худ бо ҳамин гуна бераҳмӣ давом дод. Дар вақти ҳукмронии ӯ қариб даҳ ҳазор масеҳӣ кушта шуд. Бисёр касонро бо гулчанбарҳо сарфароз намуда таслиб карданд, сипас аз паҳлӯяшон бо найза мезаданд ва бо ҳамин тарз кӯшиш мекарданд, ки марги Масеҳро тақлид намоянд.

Евстахий, сарлашкари далер ва комрони румӣ фармон гирифт, ки дар овардани қурбонӣ ба бутҳо дар ҷашн ба шарафи фирӯзии ӯ ширкат варзад, аммо эътиқоди самимии ӯ ба Масеҳ аз ғурури вай дида баландтар буд ва ӯ рад намуд. Адриан, ки аз ин хеле дар ғазаб шуда буд, хизмати шуҷоатмандонаи Евстахийро ба Рум фаромӯш намуд ва фармон дод, ки ӯ ва оилаашро қатл намоянд.

Ду бародар, Фаусин ва Йовит шиканҷаҳоро бо чунин пуртоқатӣ аз сар мегузаронианд, ки бутпараст бо номи Калосериус дар тааҷҷуб хитоб намуд: «Худои масеҳиён чунон бузург аст!» Барои ин ӯро дарҳол ба ҳабс гирифтанд ва ба ҳамин гуна шиканҷаҳо маҳкум карданд.

Таъқиботҳои сустнашаванда бар масеҳиён то он замон давом мекарданд, вақте ки Квадратий, кӯҳансол аз Афина дар назди император ба ҳифзи масеҳиён барнахост, ҳангоме ки ӯ ба Афина ташриф оварда буд. Айнан, дар ҳамин вақт Аристид, файласуфи афинӣ ба император ба ҳифзи масеҳиён пайғом фиристод. Ин муроҷиатҳо ба фурӯ нишондани ғазаби император мусоидат намуданд ва ӯ таъқиботҳоро суст намуд.

Адриан дар с.138 вафот кард ва бо Антоний Пий иваз шуд. Император Пий, аз дигар подшоҳон дида хеле софдил буд, ҳама таъқиботҳои масеҳиёнро қатъ намуд.

Таъқиботи чорум дар замони император Марк Аврелий Антонин (сс. 162-180)

Марк Аврелий файласуф буд ва «Мулоҳиза» – меҳнати классикӣ оид ба равоқияро навиштааст, ки маънии аслии он беэътиноӣ нисбат ба дард ва лаззат мебошад. Ӯ нисбати масеҳиён бераҳм ва золим буд ва барои таъқиботи чорум ҷавобгар аст.

Масеҳиёнро бо чунин бераҳмии сахт таъқиб менамуданд, ки онҳое, ки қатлро назорат мекарданд, ба ваҳм меомаданд ва аз мардонагии ҷафокашон ба тааҷҷуб меафтоданд. Пойҳои баъзе риёзаткашонро бо исканҷаҳои махсус майда мекарданд, дигаронро маҷбур менамуданд, ки дар болои хорҳо, мехҳо, лабҳои тези садаф ва дигар ашёҳо роҳ гарданд. Дигаронро то даме қамчинкорӣ мекарданд, ки мушак ва рагҳои онҳо медариданд. Сипас, баъд аз шиканҷаҳои сахттарин, ки ба худ тасаввур кардан мумкин буд, онҳоро ба тарзи даҳшатноктарин мекуштанд. Танҳо баъзе нафарон аз Масеҳ даст мекашиданд ё аз золимони худ хоҳиш менамуданд, ки азобҳои онҳоро кам кунанд.

Вақте ки Германик, масеҳии ҳақиқии ҷавон барои имони худ ба назди шерон партофта шуд, ӯ чунон шуҷоатмандона меистод, ки якчанд бутпараст аз ҷасорати ӯ рӯҳбаланд гардида имон оварданд.

Поликарп, шогирди ҳаввории Юҳанно ва усқуфи калисо дар Смирно, вақте шунид ки аз паси ӯ аскарон омаданд, кӯшиш намуд, ки пинҳон шавад, аммо бо як кӯдаке ошкор гардид. Вай ба аскароне, ки ӯро ба ҳабс гирифтанд, хӯрок дода аз онҳо хоҳиш намуд, ки барои дуо ба ӯ як соат вақт диҳанд. Поликарп бо чунин ҷидду ҷаҳд дуо мекард, ки посбонон аз ӯ маъзарат

пурсиданд барои он, ки маҳз онҳо ӯро ба ҳабс гирифтанд. Поликарпро ба назди ҳоким оварданд, ки ӯро ба ҷазои сӯзондан дар майдони савдо, маҳкум намуд.

Пеш аз он ӯро маҳкум кунанд, ҳоким ба ӯ пешниҳод намуд: «Масеҳро маломат кун ва ман туро озод мекунам». – «Ман 86 сол инҷониб хизматгори Ӯ будам ва Ӯ ҳеҷ гоҳ ба ман хиёнат накардааст. Чӣ тавр ман метавонам, Подшоҳи худро, он Касеро, ки маро наҷот додааст, бадном кунам?»

Дар майдони савдо ӯро ба сутун бастанд, лекин мехкӯб накарданд, чуноне ки одатан мекарданд, зеро Поликарп бовар кунонд, ки дар оташ наҷунбида меистад ва муқобилат нишон намедиҳад. Ҳезуми хушк дар гирди ӯ якбора даргирифт, вале ба баданаш нарасид. Ба ҷаллод фармон доданд, ки Поликарпро бо шамшер қатл кунад. Вақте ки фармон иҷро шуд, хун бо миқдори зиёд аз бадани Поликарп фаввора зад ва оташро хомӯш кард. Ҳарчанд дӯстони масеҳӣ хоҳиш карданд, ки ҷисми ӯро барои ба хок супурдан ба онҳо диҳанд, душманони Инҷил қарор намуданд, ки онро сӯзондан лозим аст ва ҳамон тавр ҳам карданд.

Фелисия, зани маъруф аз оилаи сарватманди рум, масеҳизани самимӣ ва порсо буд. Ӯ ҳафт писар дошт, ки онҳо низ масеҳиёни самимӣ буданд. Ҳамаи онҳо ба марги пуразоб рафтанд. Январий, писари калониро қамчинкорӣ намуданд ва баъд бо исканҷа (пресс) то мурдан пачақ карданд. Сарҳои Феликс ва Филиппро бо таёқҳо зада маҷақ карданд. Силваний, чоруминро ба ҷар партофтанд. Се писарони хурдӣ – Александр, Виталий ва Мартиал бо шамшер сар аз тан ҷудо карда шуданд. Сипас, бо худи ҳамон шамшер сари Фелисияро аз тан ҷудо карданд.

Иустин, фақеҳи (теолог) юнонӣ, ки мактаби файласуфи масеҳиро дар Рум бунёд намудааст, муаллифи корҳои «Апология» ва «Мусоҳибаҳо», ҳамчунин ҳангоми ин таъқиботҳо ба марги пуразоб рафтааст. Ӯ – зодаи ё Неапол, ё Сомария мебошад.

Ин инсони бомаърифат буд, ки ҳақиқатро дӯст медошт. Баъд аз қабул кардани масеҳият дар синни 30 солагӣ ба халқҳо муроҷиатнома навиштааст, инчунин истеъдоди худро барои мӯътақид намудани яҳудиён ба ҳақиқӣ будани имони масеҳӣ ба кор бурдааст.

Вақте ки халқҳо ба сахт таъқиб кардани масеҳиён оғоз карданд, Иустин ба ҳимояи онҳо бархост ва аз император талаб намуд, ки ба ҳимояи масеҳиён фармон барорад.

Дере нагузашта, вай бо Крискенси беномус ба музокира баромад ва бо далелҳои худ ӯро беяроқ гардонду, бо ин ӯро мустариб намуд ва дар натиҷа вай қарор намуд, ки Иустинро нобуд созад. Бо кори ояндаи худ ба ҳимояи масеҳиён, Иустин ба ӯ, дар амалӣ намудани қарораш имкон дод, ки ӯ онро иҷро намуд ва императорро бовар кунонид, ки Иустин барои ӯ хатарнок аст. Иустин ва шаш дӯстонаш боздошт гардиданд, ба онҳо пешниҳод шуд, ки ба бутҳо қурбонӣ оранд. Вақте ки онҳо рад карданд, онҳоро қамчинкорӣ намуданд, баъд сар аз тан ҷудо карданд.

Дере нагузашта, баъд аз ин таъқиботи масеҳиён, бо сабаби ба таври мӯъҷизавӣ раҳо ёфтани лашкари император аз мағлубияти бегумон дар яке аз задухӯрдҳо дар шимол, ки ба шарофати дуои яке аз дастаҳои калони аскарон, ки дар он тамоми сарбозон масеҳӣ буданд, ба амал омада буд, чанд муддат хотима ёфт. Аммо, баъд таъқибот дар Фаронса сар зад, ки дар он ҷо шиканҷаҳоеро, ки тасвирнашаванда мебошанд, ба кор мебурданд.

Санктус, дяконро аз Вена шиканҷа медоданд ва ба узвҳои нозуктарини бадани ӯ лавҳаҳои мисини то сурхшавӣ тафсондашударо мегузоштанд ва онҳоро ҳамон қадар меқапиданд, ки он баданро то устухон месӯзонд.

Бландина, масеҳизани ҷавони нозукандом, дар ҳаққи вай фикр мекарданд, ки шиканҷаҳоро паси сар карда наметавонад, устувории чандон бузургро зоҳир намуд, ки ситамгарони ӯ аз кори иблисонаи худ монда шуданд. Баъд аз ин, ӯро бо се масеҳизани

дигар дар амфитеатр ба сутун овехданд, то ки онҳо барои шерҳои ваҳшӣ хӯрок шаванд. Дар интизории марг Бландина барои дӯстони худ самимона дуо мегуфт ва онҳоро рӯҳбаланд менамуд. Лекин, ягон шер ба ӯ даст нарасонд, аз ин сабаб ӯро аз нав ба зиндон партофтанд ва ҳамин тавр ду маротиба рӯй дод. Бори охир ӯро бо ҳамроҳии Понтики понздаҳсола баровардаанд. Устуворӣ имони онҳо тудаи одамонро чунон ба хашм оварда буд, ки на синну соли ҷавонии писар, на ба ҷинси зан тааллуқ доштани ӯ ба эътибор гирифта нашуданд ва онҳо аз шиканҷаҳои сахттарин гузаштанд. Бландинаро шерон дарронданд, сипас, ӯро қамчинкорӣ карданд, баъд аз ин ба тӯр печонда ба пеши барзагов партофтанд, ки он вайро бо шохҳояш мезад, ба курсии металлии то сурхшавӣ тафсондашуда бараҳна мешинонданд. Вақте ки Бландина гап зада метавонист, ӯ ҳамаи онҳоеро, ки дар назди ӯ меистоданд, мӯътақид менамуд, ки дар имон қавӣ шаванд. Понтик ҳам то охир устувор меистод. Вақте ҷаллодони Бландина диданд, ки ӯро барои аз имони худ даст кашидан маҷбур сохта наметавонанд, онҳо ӯро бо шамшер қатл карданд.

Таъқиботи панҷум, ки император Лутсий Септимий Север оғоз намудааст (сс. 193-211)

Дар давоми муддати кӯтоҳ Север нисбат ба масеҳиён хайрхоҳона муносибат мекард, зеро чуноне, ки тасдиқ гардидааст, ӯ бо дуои як масеҳӣ аз бемории вазнин шифо ёфта буд. Ин андак пеш аз он ба вуқӯъ омада буд, ки мавҳумот ва нафрати шаҳрвандони Рум боло гирифтанд ва қонунҳои кӯҳна бар зидди масеҳиён аз нав ба ҳукми қонун даромаданд. Масеҳиёнро аз нав барои тамоми бадбахтиҳо гунаҳкор намуда, ҷазо медоданд.

Ба таъқиботи нав нигоҳ накарда калисо устуворона меистод ва Худованд беист, дар тамоми империяи Рум наҷотёфтагонро ба Бадани Худ зам менамуд. Тертуллиан, фақеҳи карфагенӣ,

ки дар с.193 милодӣ ба масеҳият рӯ овардааст, мегуфт, ки агар тамоми масеҳиён аз вилоятҳои Рум кӯчида мерафтанд, он гоҳ тамоми империя қариб, ки холӣ мемонд.

Ҳангоми ин таъқибот Виктор, усқуфи румӣ дар с. 201 ба марги пуразоб рафт. Леонид, падари Ориген, файласуфи масеҳии юнониро, ки ба туфайли шарҳ додани Аҳди Ҷадид машҳур гаштааст, сар аз тан ҷудо карданд. Аксарият шунавандагони Ориген низ маргро қабул карданд. Сарҳои Плутарх, Серен, Нерон ва Гераклидро аз тан ҷудо карданд. Аз болои як зан, ки Раиса ном дошт, қатрони (смола) ҷӯшида истодаро рехтанд ва баъд ӯро чун модараш Марселла сӯзонданд. Хоҳари ӯ Потаинина бо ҳамин гуна золимӣ рӯ ба рӯ шуд ва ҳангоми шиканҷаҳо яке аз афсарон бо номи Басилид, ки барои ҷазои сахти ҷисмонӣ ҷавобгар буд, ба Масеҳ рӯ овард. Дертар, вақте аз ӯ талаб карданд, ки ба бутҳои румӣ қурбонӣ орад, ӯ розӣ нашуд, зеро аллакай масеҳӣ буд. Онҳое, ки бо ӯ буданд, дар аввал ба вай бовар накарданд, лекин, вақте ки Басилид инро тасдиқ намуд, ӯро кашолакунон ба назди ҳоким бурданд ва маҳкум намуда сарашро аз тан ҷудо карданд.

Ириней (сс. 130-202), падари калисои юнонӣ ва усқуфи Леон, дар Миср ба дунё омадааст, маълумоти ғайридинӣ ва дунявӣ гирифтааст. Чунин шуморида мешавад, ки таърихи таъқиботҳои Лионро худи ӯ навиштааст. Дар с. 202 сари ӯро аз тан ҷудо карданд.

Таъқиботҳо ба Африкои шимолӣ, ки дар он вақт он музофоти (провинция) Рум буд, паҳн гардиданд. Аксарият ба марги пуразоб рафтанд.

Перпетуя, зани ҷавони шавҳардор бо кӯдаки ширмак. Фелисата, зани ҳомиладор. Ревокат, ғулом, ки ба асосҳои масеҳӣ таълим дода шудааст. Ҳамроҳ бо онҳо Сатурний, Секундул ва Сатур маҳбус шуда буданд. Ҳар се нафарро аз қатори аскарон гузаронданд, ки онҳоро бераҳмона қамчинкорӣ менамуданд.

Вақте ки Перпетуя дар назди ҳокими музофот (проконсул) Минутус меистод, ба ӯ пешниҳод намуданд, ки ба бутҳо қурбонӣ биёрад ва бар ивази ин озодӣ гирад, вале ӯ рад намуд ва ҳарчанд ӯ ба кӯдак ҳанӯз шир медод, кӯдакро гирифтанд, ӯро бошад дар зиндон маҳкам карданд. «Зиндон барои ман – чун қаср аст», – гуфт ӯ. Каме дертар ӯ ва дигар маҳбусон дар назди ҳоким Хилариан ҳозир шуданд. Ӯ низ ба Перпетуя озодиро пешниҳод намуд, агар ӯ қурбонӣ кунад. Падари зан бо ҳамроҳии кӯдакаш дар он ҷо ҳузур дошт ва аз ӯ тавалло менамуд, ки розӣ шавад. Ӯ ҷавоб дод: «Ман қурбонӣ намеорам». – «Ту масеҳӣ ҳастӣ?» – пурсид Хилариан. – «Ман масеҳӣ ҳастам», – ҷавоб дод Перпетуя.

Ҳамаи масеҳиён устуворона дар Масеҳ меистоданд; онҳоро барои хурсандии издиҳом дар иди халқии наздикомада ба даррондан бо ҳайвонҳои ваҳшӣ маҳкум намуданд. Мардҳоро бояд шерҳо ва палангҳо медарронданд, занҳоро бошад, говмешони ваҳшӣ бояд мекуштанд.

Дар рӯзи қатл Перпетуя ва Фелисатаро бараҳна намуданд ва ба тӯр печонданд, аммо баъд либосҳои онҳоро баргардонданд. Дар майдон барзагов ба Перпетуя зарба зада ӯро карахт намуд, вале захми ҷиддӣ нарасонд; Аммо, Фелисатаро барзагов бо шохҳояш халонд. Перпетуя ба назди ӯ шитофт ва ӯро дар интизории он, ки барзагов аз нав ба онҳо ҳамла мекунад, дастгирӣ менамуд, вале он нахост ва онҳоро дар ноумедии издиҳом аз майдон бурданд.

Баъд аз таваққуфи начандон калон занҳоро кашолакунон баргашта оварданд, то ки онҳоро паҳлавонғуломон (гладиатор) зада кушанд. Фелисата дарҳол кушта шуд, вале паҳлавонғуломи ҷавон ва бетаҷриба, ки ба ӯ куштани Перпетуяро супорида буданд, хеле дар ҳаяҷон буд ва тавонист фақат якчанд бор ӯро каме захмӣ гардонад. Дар ҳаяҷон будани ӯро дида, Перпетуя шамшери ӯро гирифт ва ба ҳамон ҷое, ки задан лозим буд, равона намуд.

Мардонро низ чунин қисмат интизор буд. Сатур ва Ревокатро ҳайвонҳои ваҳшӣ куштанд, Сатурнийро сар буриданд, Секундул аз ҷароҳатҳои гирифтааш дар зиндон вафот кард.

Таъқиботи шашум дар давраи император Марк Клодий Папйен Максимин (сс.164-238)

Максимин ҳокими золиме буд, ки барои ҷустуҷӯ ва нобуд кардани тамоми масеҳиён фармон додааст. Дар ин замон масеҳиёнро дар шумораи хеле калон қатл мекарданд, бинобар ин онҳоро лозим меомад, ки бо 50 ё 60 нафар дар як қабри калон дафн кунанд.

Дар байни кушташудагон Понтиан, усқуфи румӣ буд, ки ӯро барои маъвиза бар зидди бутпарастӣ ба Сардиния бадарға карданд, сипас қатл намуданд. Шогирди ӯ Антерос бо ҷамъкунии воқеаҳо оид ба таърихи азияткашӣ машғул буд, ки он ҳамчун таҳқири ҳукумат баҳо дода шуд. Ӯро 40 рӯз пас аз марги Понтиан қатл карданд. Сенатори румӣ Паммачро бо аҳли оилааш ва боз 42 масеҳии дигарро дар як рӯз сар аз тан ҷудо карданд ва сарҳои онҳоро дар дарвозаҳои шаҳр овехтанд. Хизматгузори масеҳӣ Калиподияро дар кӯчаҳои Рум кашонда бурданд, сипас ба гарданаш санги осиёро баста, ба дарёи Тибр партофтанд. Духтари зебои ҷавонро бо номи Мартина сар буриданд; хизматгузори масеҳӣ Ипполитро ба аспи ёбоӣ бастанд, ки он ӯро аз пасаш, то даме, ки вай ҷон дод, кашола карда мебурд.

Максимин дар с. 238 вафот кард ва бо Гордиан иваз гардид, ки баъд ба ҷои ӯ Филипп омад. Дар давраи ҳукмронии ду ҳокими охирин дар тӯли 6-10 сол дар калисо таъқибот набуд. Дар соли 249 рӯҳонии халқӣ бе рухсати император дар Александрия таъқиботро барангехт. Ҳангоми ин таъқибот масеҳии солхӯрда Метрусро, ки ба бутҳо таъзим кардан нахост, бо калтакҳо заданд, сипас бо сӯзанҳо халонданд ва то мурдан

сангсор намуданд. Масеҳизан Квинтаро қамчинкорӣ карданд, аз пойҳояш дошта, қад- қадди сангҳои тез кашолакунон бурданд ва баъд сангсор намуданд. Апполонияи ҳафтодсоларо, ки ба масеҳият эътиқод дошт, ба сутун бастанд ва хостанд оташ зананд. Вақте ки оташро даргиронданд, Апполония тавалло намуд, ки ӯро кушоянд ва мардум қарор намуд, ки ӯ мехоҳад, аз Масеҳ даст кашад. Тааҷҷуби мардум то чӣ андозае буд, вақте ки Аполония худро баргашта ба аланга партофт ва ҷон дод.

Таъқиботи ҳафтум дар давраи ҳукмронии император Детсий (сс. 249-251)

Детсий ташаббускори таъқиботҳо буд, зеро пешгузаштаи худ Филиппро бад медид, ки дар хусуси ӯ тасдиқ гардидааст, ки ӯ масеҳӣ буд, инчунин бо сабаби он, ки аз масеҳияти зуд паҳншаванда дар қаҳр буд ва боз барои он, ки худоҳои бутпарастон фаромӯш шуда буданд. Император қарор намуд, ки масеҳиятро аз беху бун нест мекунад ва тамоми пайравони онро нобуд месозад. Шаҳрвандони халқии Рум аз ҳад зиёд мехостанд фармони Детсийро иҷро намоянд, зеро боварӣ доштанд, ки қатли масеҳиён барои тамоми империя фоиданок мебошад. Ҳангоми ин таъқибот шумораи аз ҳад зиёди масеҳиёнро азоб дода куштанд. Ҳамаи онҳоро номбар кардан имконнопазир аст, ин ҷо танҳо баъзе аз онҳо мебошанд.

Чуноне, ки дар с. 398, Хрисостоми Муқаддас, сардори қавм дар Константинопол навиштааст, Юлиани киликӣ ҳамчун масеҳӣ ба ҳабс гирифта шуд ва ба халтаи пур аз морҳо ва каждумҳо андохта шуда, сипас ба баҳр партофта шуд.

Петруси ҷавон, ки ба туфайли қобилиятҳои ғайриодии зеҳнӣ ва бо пайкари зебо маъруф буд, барои овардани қурбонӣ ба олиҳа Венера розӣ нашуд. Барои ҳимояи худ ӯ гуфт: «Ман ҳайронам, ки чӣ тавр шумо метавонед, ба зани беҳаё қурбонӣ биёред, ки дар бораи беҳаёии ӯ навиштаҳои худи шумо шаҳодат

медиҳанд, ки ҳаёти ӯ пур аз фасодҳо буд ва мувофиқи қонуни шумо вай бояд барои ин ҷазо дода шавад. Не, ман ба Худои ҳақиқӣ қурбонӣ меорам, қурбонии ҳамду сано ва дуо». Вақте ки ҳокими Осиё Оптимус инро шунид, ӯ фармон дод, ки Петрусро дар чархи майдакунанда дароз кунанд ва то вақте, ки тамоми устухонҳояш нашикананд, ӯро шиканҷа диҳанд ва баъд сарашро аз тан ҷудо кунанд.

Масеҳии заиф Нихомач ба назди Оптимус оварда шуд ва фармон гирифт, ки ба бутҳо қурбонӣ биёрад. Нихомач ҷавоб дод: «Ман наметавонам ба иблис изҳори ҳурмат кунам, онро бояд танҳо ба Худои Қодир тақдир намуд». Ӯро фавран ба шиканҷаҳо дучор карданд ва дере нагузашта Масеҳро рад намуд. Ҳамин ки Нихомачро озод карданд, ӯро ҳолати бузурги назъ (агония) фаро гирифт ва ба рӯи фарш афтода ҷон дод. Ҳукми пурдаҳшати рухдодаистодаи Худоро мушоҳида намуда, Дениса, духтараки шонздаҳсола аз миёни мардум хитоб намуд: «Оҳ, бадбахт, ту озодии кӯтоҳмуддатро харидорӣ намудӣ, аммо, ҷовидонии пурдаҳшатро ба даст овардӣ!» Инро Оптимус шунид ва Денисаро ба назди худ хонд. Вақте ки ӯ масеҳӣ будани худро эътироф намуд, он гоҳ сар аз тан ҷудо карда шуд.

Андриюс ва Павлус, ду дӯстони масеҳии Нихомач, устуворона дар Масеҳ меистоданд; вақте ки онҳоро сангсор мекарданд, онҳо ба Наҷотдиҳандаи муборакиҳуд муроҷиат менамуданд.

Дар Александрия Александр ва Епимах ҳамчун масеҳӣ ба ҳабс гирифта шуданд. Вақте ки онҳо имони худро эътироф карданд, онҳоро бо таёқҳо зарбу лат намуданд, бо чангакҳо дарронданд ва баъд сӯзонданд. Худи ҳамон рӯз чор зани азияткаш, ки номҳояшон маълум нестанд, сар зада шуданд (обезглавить).

Дар Ниса Труфо ва Респик, мардони намоён ва масеҳиро ба ҳабс гирифтанд ва аз шиканҷаҳо гузаронданд. Онҳоро қамчинкорӣ менамуданд, пойҳояшонро бо мехҳо мехалонданд, дар кӯчаҳо мекашонданд, бо чангакҳои оҳанӣ медарронданд, бо машъалҳо месӯзонданд ва баъд сарҳояшонро аз тан ҷудо карданд.

Квантин, ҳокими Ситсилия ба як ситсилигизан бо номи Агафа, ки бо накӯкорӣ ва зебогии аҷиби худ маъруф гашта буд, ошиқ шуд. Вақте ки зан ҳама пешниҳодҳои Квантинро рад намуд, ӯ вайро ба ихтиёри зани бадном Афродика супурд, ки фоҳишахона дошт. Лекин, ин дев низ дар симои зан натавонист, Агафаро маҷбур созад, ки бо фоҳишагӣ машғул шавад, то ки Квантин нафси шаҳвонии худро қонеъ карда тавонад. Дар ин бора шунида ӯ вайро ба наздаш даъват намуд. Вақте ки Агафа масеҳӣ будани худро эътироф намуд, Квантин фармон дод, ки ӯро қамчинкорӣ намоянд, баданашро бо чангакҳои тез дарронанд ва баъд ба болои ангиштҳои сӯхтаистодаи бо шишапораҳо омехташуда гузоранд. Агафа шиканҷаҳоро бо ҷасорати бузург паси сар менамуд ва ӯро баргашта ба зиндон бурданд, ки дар он ҷо вай аз ҷароҳатҳои бардоштааш 5 феврали с. 251 вафот кард. Ҳокими Крит Лютсий фармон дод, ки усқуфи ҳаштоду чорсолаи калисо дар Гортин, Сирилро барои аз фармони император сарпечӣ намудан ва ба бутҳо қурбонӣ наоварданаш, ба ҳабс гиранд. Вақте ки Сирил ба пеши Лютсий ҳозир шуд, вай ба ӯ пешниҳод намуд, ки қурбонӣ биёрад ва бо ҳамин тарз худро аз марги пурдаҳшат раҳо намояд. Марди порсо ҷавоб дод, азбаски ӯ муддати хеле дароз дигаронро ба роҳ сӯи ҳаёти ҷовидонӣ таълим медод, пас ба худи ӯ низ мебояд, дар ин хеле устувор бошад, то ки ҷони худро наҷот диҳад. Ӯ ягон хел ҳаросро ифода нанамуд, вақте ки Лютсий фармон дод, ки ӯро сӯзонанд ва дар оташ бо шодӣ ва мардонагии бузург азоб мекашид.

Дар с. 251 император Детсий дар Эфсӯс барои халқҳо маъбад сохт ва ба тамоми сокинони шаҳр фармон дод, ки биёянд ва ба бутҳо қурбонӣ оранд. Ҳафт ҷанговарони масеҳии ӯ розӣ нашуданд ва онҳоро ба зиндон партофтанд. Ин номҳои онҳо: Константин, Дионис, Юҳанно, Малхус, Мартиан, Максимиан ва Сиреон. Дар аввал Детсий хост онҳоро аз имон баргардонад ва марҳамати худро нишон дода, ба онҳо то вақти аз сафар баргаштанаш, барои андеша намудан, вақт дод. Дар вақти

набудани император ҳафт ҷанговарон гурехтанд ва дар ғори кӯҳҳои наздиктарин пинҳон шуданд. Вақте ки Детсий баргашт, онҳоро пайдо намуданд ва дар ин ғор хиштбанд карданд, то ки онҳо дар он ҷо аз гуруснагӣ ва ташнагӣ бимиранд.

Ҳангоми ин таъқибот дар давраи ҳукмронии Детсий, Оригени шастучорсола, файласуфи машҳури масеҳиро, ки падари ӯро дар вақти таъқиботи панҷум ба масеҳиён азоб дода куштанд, ба ҳабс гирифтанд ва дар Александрия ба зиндони нафратангез партофтанд. Пойҳои ӯро занҷирбанд намуданд ва ба ғӯлаи махсус чунон гузоштанд, ки яке аз дигаре дуртар истода бошад. Ӯро дар оташи суст шиканҷа медоданд ва ҳар кори имконпазирро мекарданд, то ки дар дами марг ӯ азоби дуру дароз кашад.

Хушбахтона, дар ин вақт Детсий вафот кард ва пайрави ӯ Галла дар муҳориба бо готҳо, халқияти олмон аз шимол банд буд. Ин таъқиботро ба масеҳиён муваққатан боздошт. Ориген озод шуда ба Тир рафт ва дар он ҷо то дами марг дар с. 254 монда буд, баъд аз панҷ соли озодшавӣ.

Таъқиботи ҳаштум дар давраи император Валериан (сс. 253-260)

Ин таъқибот дар моҳи чоруми с. 257 оғоз ёфт ва сею ним сол давом кард. Шумораи азияткашон ва сифати шиканҷаҳо чун дар давраи таъқиботи пешина буд. Мо тамоми қиссаҳоро нақл карда наметавонем, бинобар ин танҳо баъзеи онҳоро интихоб намудем, ки ба тасаввур намудани ин таъқибот ба мо кӯмак мекунанд.

Руфина ва Секунда духтарони зебо ва бомаърифати як шахси дар Рум машҳур, ба ду ҷавонмарди сарватманд – Арментарий ва Секунд фотиҳа шуда буданд. Ҳар чор масеҳиёни устувор буданд. Вақте ки таъқибот оғоз ёфт, ҷавонмардон албатта, фаҳмиданд, ки метавонанд, пулҳояшонро аз даст диҳанд, аз

имони худ даст кашиданд ва кӯшиш намуданд, ки духтаронро ҳам барои чунин амал кардан розӣ кунанд. Вақте ки онҳо рад намуданд, ҷавонони «поквиҷдон» аз болояшон арз карданд ва онҳоро чун масеҳиён ба ҳабс гирифтанд; духтаронро ба назди ҳокими Рум Ионий Донатус оварданд, ки дар он ҷо онҳоро маҳкум намуда, сар аз тан ҷудо карданд. Кашиши калисои Рум Истефанусро низ сар заданд.

Дар ҳамин вақт, дар Тулус, ки он қисми Галлияи Рум буд, кашиши порсои калисо Сатурний барои иштирок намудан дар овардани қурбонӣ дар маъбад розӣ нашуд ва барои ин ӯро дар худи маъбад аз пойҳояш ба думи говмеши ваҳшӣ бастанд. Ҳайвон аз зинапояҳо ба поён давид ва Сатурнийро аз пасаш кашола карда мебурд. Вақте ки говмеш ба зинаи охирин расид, сари одами порсо кафида ду пора шуд ва ӯ ба абадият рафт.

Дар Рум Сиктус ба ҷои Истефанус кашиши калисо шуд, лекин, хизмати ӯ хеле кӯтоҳмуддат буд. Дар ҳамон с. 258, вақте ки Истефанусро азоб дода куштанд, ҳокими Рум Марсианий аз Валериан фармон гирифт, ки тамоми хизматгорони калисоҳоро дар Рум маҳв созад. Сиктус ва шаш дякони ӯро фавран куштанд.

Дар калисои Рум ҳамчунин одами порсо бо номи Лаврентий буд, ки ӯ ходими Инҷил ва барои тақсимоти эҳтиёҷоти ҳаррӯза дар калисо масъул буд (нг. Аъмол 6:3). Марсианий дар ҳирси ба даст овардани ашёҳои қимматбаҳои калисо, талаб намуд, ки Лаврентий ба ӯ ҷои нигоҳ дошта шудани онҳоро гап занад. Ба Лаврентий се рӯз мӯҳлат доданд, ки дар ин вақт ӯ мебоист, тамоми ашёҳои қимматбаҳоро ҷамъ намуда ба ҳоким оварда диҳад. Бо гузаштани се рӯз Марсианий талаб намуд, ки Лаврентий қавли худро иҷро намояд. Он гоҳ, Лаврентий дастонашро ба сӯи масеҳиёни хеле фақир, ки бо ҳамроҳии ӯ омада буданд, дароз намуда гуфт: «Ана сангҳои қимматбаҳои калисо. Онҳо ҷавоҳироти Малакути Масеҳ мебошанд, дар худи онҳо Масеҳ зиндагӣ мекунад. Оё дар калисо аз одамоне, ки Масеҳ дар онҳо сокин аст, ягон чизи қимматтаре буда метавонад?»

Инро шунида, Марсианий сахт дарғазаб шуд ва бо ҷаҳли иблисона хитоб намуд: «Оташро даргиронед, ҳезумро дареғ надоред! Ин нобакор ҷуръат намудааст, ки императорро фиреб диҳад! Бо ҳамроҳии ӯ дафъ шавед! Бо ҳамроҳии ӯ дафъ шавед! Ӯро қамчинкорӣ кунед, бо чангакҳо дарронед, зарбулат кунед вайро, сарашро бо таёқ зада маҷақ кунед! Оё, хиёнаткор метавонад, бо император шӯхӣ кунад? Бо оташгираки сӯзон ӯро канед, бо лавҳаҳои тафсондашуда ӯро рӯйпӯш кунед, занҷирҳои аз ҳама боқувватро биёред ва оташро даргиронед, кати оҳанинро биёред. Катро ба рӯи оташ гузоред ва вақте ки он тафсида сурх мешавад, дасту пои хиёнаткорро бандед ва ӯро бирён кунед, ӯро пазед, вайро гузоред ва тоб диҳед. Бо тамоми қувва, чӣ қадаре, ки метавонед, ӯро азоб диҳед, вагарна худи шумо азоб дода, кушта мешавед».

Ҳанӯз суханонашро ба охир нарасонда буд, ки шиканҷаҳо оғоз гардиданд. Баъд аз

шиканҷаҳои гуногун ин бандаи фурӯтани Масеҳро ба кати тафсондашуда гузоштанд. Аммо, бо тақдири Худо, он барои Лаврентии порсо чун кат бо бистари пар буд, ӯ дар он хобида ҷон медод, гӯё ки аз истироҳат лаззат мебурд.

Дар Африқо таъқиботи шадидтарин рӯй медод. Ҳазорҳо барои Масеҳ азоб дода кушта шуданд, лекин боз ҳам мо метавонем, танҳо баъзеи қиссаҳоро нақл кунем.

Дар Утик, дар тарафи шимолу ғарбии Карфаген, ҳокими маҳаллӣ фармон дод, ки 300 масеҳиро дар гирдогирди чуқурӣ, ки дар он оҳак месӯхт, гузоранд. Бухурдонҳо ва ангиштҳоро барои сӯзондани бухур, чун аломат барои парастиши бутҳо омода намуданд ва ба масеҳиён интихоб пешниҳод гардид: ё онҳо дар овардани қурбонӣ ба Юпитер иштирок мекунанд, ё ба чуқурӣ партофта мешаванд. Ҳама аз парастиши бутҳо даст кашиданд ва баъд якҷоя ба чуқурӣ париданд, ки дар он ҷо, ё аз бӯи бад нафасгир шуданд, ё дар аланга сӯхтанд.

Дере нагузашта, баъд аз ин се духтараки масеҳӣ – Максима, Донатилла ва Секунда – барои аз рад намудани Масеҳ сарпечӣ кардан, ба ҷазои марг маҳкум карда шуданд. Ба онҳо заҳра ва май пешниҳод карданд, ки ин ё ба хотири кам кардани азоби онҳо буд ва ё онҳо мехостанд, ки марги Исоро тақлид намоянд (Матто 27:34). Духтаронро қамчинкорӣ карданд, баъд ба ҷароҳатҳои онҳо оҳак пошиданд. Сипас, онҳоро овезон карданд ва дар чӯбаи дор, дар панҷараи бо оташ шиканҷадиҳӣ, азоб медоданд; онҳоро ҳайвонҳои ваҳшӣ медарронданд ва ниҳоят, сарҳои онҳоро аз тан ҷудо карданд.

Дар Испания кашиши калисо дар Таррагон Фруктис ва ду дякони ӯ – Аугурий ва Евлогий сӯзонда шуданд.

Дар Фаластин барои ошкоро эътироф намудани масеҳият Искандар, Малх, Приск ва як зан, ки номи ӯ маълум нест, маҳкум карда шуданд. Ҳукмро дарҳол иҷро намуданд ва онҳоро ба даррондани шерҳо пратофтанд.

Дар с. 260 Галлиен, писари Валериан ба сари тахт нишаст. Дар давраи ҳукмронии ӯ дар тӯли чанд сол таъқиботҳо ба калисоҳо қатъ гардиданд.

Таъқиботи нӯҳум дар давраи ҳукмронии Аврелиан (Лютсий Домитий Аврелианий) (сс. 270-275)

Аврелиан ба таърихнигорон ҳамчун императори Рум маълум аст, ки ба барбарон (барбар – номи таҳқиромези одами аҷнабӣ дар Рими Қадим) дар гузаштан аз дарёи Рейн имконият надод ва аз нав Британияи Кабир, Галлия, Испания, Сурия ва Мисрро ба империяи Рум пайваст намуд. Масеҳиён бошанд, ӯро ҳамчун як барбари дигар ва таъқибгари калисои Исои Масеҳ мешинохтанд.

Кашиши калисои Рум Феликс – аввалин азияткаш дар давраи ҳукмронии Аврелиан мебошад. Ӯро дар с. 274 сар аз тан ҷудо карданд.

Дар Прайнест, шаҳре ки дар 30 мил аз Рум воқеъ аст, марди ҷавони сарватманд бо номи Агапетус тамоми сарваташро фурӯхта пулҳояшро ба бенавоён тақсим намуд. Барои ин кораш ӯро ҳамчун масеҳӣ ба ҳабс гирифтанд, азоб доданд ва сарашро аз тан ҷудо карданд.

Аврелиан аз тарафи зердастони худ хиёнаткорона кушта шуд ва ӯро Татсит иваз намуд. Баъд аз Татсит императорони дигар ҳукмронӣ карданд, чунончи: Пропий, Карий ва писарони ӯ Карний ва Нумериан. Дар давраи ҳукмронии онҳо таъқиботҳо набуданд.

Таъқиботи даҳум дар давраи ҳукмронии Диоклетиан (сс. 284-305)

Таъқиботҳои пешина ин танҳо омодагӣ ба таъқибот таҳти роҳбарии Диоклетиан буданд – он аз ҳама бераҳмона буд. Саъю кӯшиши император барои аз нав ҷорӣ намудани дини қадимаи халқии Рум ба оғози таъқиботи на танҳо оммавӣ, балки таъқиботи охирини бузургтарин дар тамоми империяи Рум оварда расонд.

Дар оғози ҳукмронии худ Диоклетиан нисбат ба масеҳиён муомилаи нек дошт. То саршавии таъқиботи асосӣ воҳидҳо кушта шуда буданд. Ана баъзе аз қиссаҳо.

Дар Рум дугоникҳо Маркус ва Марселлиан ва устоди онҳоро дастгир намуданд, ҳарчанд волидайни дугоникҳо бутпараст буданд. Садоқати бародарҳо ба Масеҳ мустаҳкам буд, онҳоро дар ҳар сурат ба бутпарастӣ баргардонда натавонистанд ва ин воқеъан ба он оварда расонд, ки тамоми оилаи онҳо имон оварданд. Барои ин имон дастони онҳоро дар болои сар баста, ба сутун гиреҳ карданд, пойҳояшонро бошад мехкӯб намуданд. Онҳо дар чунин ҳолат тӯли як шабонарӯз истоданд ва баъд бо зарбаи найза кушта шуданд.

Ба шарофати мустаҳкамии имони Маркус ва Марселиан Зоя, ҳамсари посбони маҳбасхона ба Масеҳ имон овард. Дере нагузашта, ӯ ҳам ба марги пуразоб рафт, ӯро ба дарахт овехта, дар таги он гулхан афрӯхтанд. Вақте ки Зоя ҷон дод, ба бадани ӯ санги калонро бастанд ва ба дарёи наздиктарин партофтанд.

Масеҳизан Вераро аз Акватания дар болои панҷараи бо оташ шиканҷадиҳӣ гузоштанд ва дар маънои аслӣ бирён карданд, сипас, сар аз тан ҷудо намуданд.

Дар Рум дар с. 287 Квантин ва Люсиан қарор намуданд, ки дар Галлия Инҷилро маъвиза мекунанд. Дар тӯли чанд вақт онҳо якҷоя дар Амейн, дар шимоли Фаронса маъвиза намуданд. Сипас, Люсиан ба дигар шаҳр рафт, ки дар он ҷо ӯро маҳкум карданд ва ӯ ба марги пуразоб рафт. Квантин бошад, аз бурдани Хушхабар ба одамони он маҳал иштиёқманд буда, ба Пикарли раҳсипор шуд. Ҳамон замон, вақте ки ӯ ба он ҷо расид, ӯро ба ҳабс гирифтанд ва ба ҳукми қатл маҳкум карданд. Барои дароз кардани ҷонканӣ, ба дасту пойи ӯ ресмонҳо бастанд ва то баромадани тамоми банду буғумҳояш, мекашиданд; сипас, ӯро бо қамчини симин қамчинкорӣ намуданд, ба бадани бараҳнааш равған ва қатрони ҷӯшидаистодаро рехтанд, паҳлӯ ва таги кашашро бо оташ сӯзонданд. Баъди ин шиканҷаҳо Квантинро баргашта ба зиндон партофтанд, ки дар он ҷо ӯ дере нагузашта, аз ҷароҳатҳои бардоштааш фавтид. Ба бадани ӯ санги калонро бастанд ва ба дарёи Сомм партофтанд.

22 июни с. 287 масеҳӣ бо номи Албан аввалин азияткаши масеҳӣ дар Британия гардид. Шаҳри Сент-Албан дар Хартфордшир ба шарафи ӯ номгузорӣ шудааст. Албан бутпараст буд, ки ӯро хизматгузор бо номи Амфибал ба ҳақиқати Масеҳ оварда. Вақте ки Амфибалро ҷустуҷӯ мекарданд, то ки барои имонаш дастгир кунанд, Албан ӯро дар хонаи худ пинҳон намуд. Вақте ки сарбозон омаданд, Албан барои бурридани вақт ва барои ба ӯ имконияти гурехтанро додан, худро ҳамчун Амфибал муаррифӣ намуд. Вале, бо вуҷуди ин фиреб ошкор гардид ва

ҳоким фармон дод, ки Албанро қамчинкорӣ намоянд ва баъд сарашро аз тан ҷудо кунанд.

Ҳазрати Беде, фақеҳ ва таърихнигори англо-саксонӣ дар с. 731, ки «Таърихи калисои миллати Англия»-ро навиштааст, тасдиқ менамояд, ки ҷаллоди Албан ғайричашмдошт ба масеҳият рӯ овард ва аз Албан хоҳиш намудааст, ки ба ӯ иҷозат диҳад, то ки бо ӯ якҷоя ва ё ба ҷои ӯ бимирад. Ба ӯ иҷозат доданд ва онҳоро бо ҳам, як ҷанговар, ки ба таври ихтиёрӣ барои иҷро намудани нақши ҷаллод даъват гардидааст, сар аз тан ҷудо намуд.

Дар давраи ҳукмронии Диоклетиан писархонд ва вориси ӯ Галерий, ки аз тарафи модари худ, бутпарасти мутаассиб (фанатичный) барангехта шуда буд, императорро дар зарурати нобуд кардани масеҳият дар тамоми империяи Рум розӣ намуд.

Кори хунинро қарор карданд, ки 23 феврали с. 303 оғоз намоянд. Аз Никодемия, пойтахти қисми шарқии империяи Руми Диоклетиан оғоз намуданд. Субҳи барвақт сардори посбони шаҳр ва ҷанговарони зиёд ва ёрдамчиёни ихтиёрӣ ба ҷониби калисои масеҳии асосӣ роҳ гирифтанд, дарҳоро шикастанд, биноро кофтуков намуданд ва тамоми китобҳои муқаддасро сӯзонданд.

Диоклетиан ва Галерий, ки онҳоро ҳамроҳӣ менамуданд, то шоҳидони оғози анҷоми дини масеҳӣ гарданд, танҳо бо сӯзондани китобҳои муқаддас қаноатманд нагаштанд – онҳо фармон доданд, ки биноро ба хок яксон кунанд. Диоклетиан фармон бароварда, ки мувофиқи он тамоми калисоҳои масеҳӣ ва китобҳо бояд несту нобуд карда шаванд ва ҳамаи масеҳиён, ҳамчун хоинони империя ба ҳабс гирифта шаванд. Вақте ки фармон дар майдон овехта шуд, як масеҳии шуҷоъ ҳамон замон онро гирифту, пора-пора намуд ва номи императорро барои беадолатии ӯ бадном намуд. Барои баромади ошкоронаи худ ва беҳурматӣ нисбати император ӯ ба ҳабс гирифта шуд, аз шиканҷаҳо гузашт ва тавассути сӯзондан ба ҳукми қатл маҳкум гардид.

Ҳамаи масеҳиён дар Никомедия ба ҳабс гирифта шуданд ва ба зиндон партофта шуданд. Барои боварӣ ҳосил намудан ба он, ки масеҳиён бераҳмона ҷазо дода мешаванд, Галерий пинҳонӣ фармон дод, ки қасри императорро оташ зананд ва дар сӯхтор масеҳиёнро айбдор намуданд. Ҳамон замон, дар тамоми империя таъқиботи умумӣ ба масеҳиён оғоз гардид. Он 10 сол давом ёфт, ки дар тӯли он ҳазорҳо масеҳиён нобуд карда шуданд. На синну сол ва на ҷинси онҳо ба эътибор гирифта намешуданд – ба ҳеҷ кас раҳм намекарданд. Дар с. 286 Диоклетиан қарор намуд, ки империяро ба ду қисм ҷудо мекунад – ба қисми Шарқӣ ва Ғарбӣ, то ки ба таври натиҷабахш онро идора намояд ва таъқиботҳои махсусан бераҳмона дар қисми Шарқӣ, ки дар зери ҳукмронии ӯ қарор дошт, ба амал меомаданд. Дар с. 293 Диоклетиан, Аврелий Валерий Констансий, падари Константинро, ҳамчун қайсар дар қисми Ғарбии империя – Галия ва Британия таъин намуд.

Калимаи «масеҳӣ» барои тамоми халқ нафратангез шуда буд ва ҳар касе, ки худро чунин ном мегирифт, аз ҷониби онҳо шафқат намедид. Масеҳиёнро аз нав дар тамоми бадбахтиҳо ва нокомиҳо, ки ба сари халқ меомад, айбдор менамуданд. Нисбати онҳо ҳар навъ шиканҷаҳоро, ки ихтироъ кардан мумкин буд, истифода мебурданд.

Хонаҳои зиёди масеҳиён сӯзонда шуданд ва оилаҳои пурра дар оташ ҳалок мегардиданд. Ба гардани баъзеҳо сангҳои вазнинро меовехтанд, сипас ҳамаро якҷоя баста, дар баҳри Мармарӣ ғарқ мекарданд. Қамчинкорӣ, оташ, шамшер, ханҷарҳо, салибҳо, заҳр, шиканҷа бо гуруснагӣ – ба ин чизҳо ҳам одамони алоҳида ва ҳамчунин гурӯҳҳои масеҳиёнро мубтало менамуданд.

Шаҳри Фригия, ки ҳамаи сокинонаш масеҳӣ буданд, сӯзонда шуд ва тамоми бошандагони он дар оташ ҳалок шуданд.

Ниҳоят, аз қатлкуниҳо монда шуда, ҳокимони баъзе музофотҳо ба император муроҷиат намуданд ва боисрор мегуфтанд, ки чунин амалҳо ғалатнок мебошанд. Дар натиҷа масеҳиёни зиёд аз марг наҷот ёфтанд, лекин онҳоро маъюб карданд, то ки

ҳаёти онҳоро пурра бадбахт гардонанд. Гӯшҳои бисёр касонро бурида гирифтанд, биниҳояшонро буриданд, чашмонашонро кофта гирифтанд, устухонҳояшонро шикастанд, узвҳои кушоди баданро бо оташ сӯзонданд. Онҳо ҳамчун масеҳиён тамға зада шуданд.

Агар сухан дар бораи таъқиботи умумӣ равад, пас мо метавонем, танҳо баъзе қиссаҳоро нақл кунем, лекин онҳо дар бораи ҳазорҳо нафарони бераҳмона шиканҷадодашуда ва дар азоби калон фавтида нақл мекунанд.

Себастян, афсари гвардияи императорӣ дар Рум буд. Ҳангоми таъқиботҳо Масеҳро инкор ва ба бутҳо саҷда карданро рад намуд, Диоклетиан фармон дод, ки ӯро бо тирҳо сӯрох кунанд ва он иҷро шуд. Вақте ки масеҳиён омаданд, то ҷасади Себастянро барои дафн кардан гирифта баранд, онҳо диданд, ки ӯ ҳанӯз аломатҳои зиндагӣ дорад ва ҳамон замон вайро ба ҷои хилват бурданд, то ки дар он ҷо аз захмҳои гирифтааш шифо ёфта тавонад. Аммо мӯҳлати вай кӯтоҳ буд: дере нагузашта, Себастян дар кӯча Диоклетианро вохӯрд ва ӯро барои золимӣ ва беадолатӣ нисбати масеҳиён таъна зад. Император Себастянро зинда дида ҳайрон шуд ва фармон дод, ки аз нав ӯро ба ҳабс гиранд, ба ҷои қатл баранд ва то мурдан зарбу лат намоянд. Барои он, ки масеҳиён ҷасади ӯро пайдо карда натавонанд, Диоклетиан фармон дод, ки онро ба қубурҳои обгузар партоянд. Лекин, зани порсо бо номи Люсинда тарзи гирифтани ҷасадро пайдо намуд ва ӯро дар ғорҳои зеризаминӣ, ки дар он ҷо ҷасадҳои азияткашони дигар дафн карда шуда буданд, ба хок супурд.

Витро дар таълимоти масеҳӣ парастори ӯ таълим дода буд. Вақте ки падари бутпарасти вай инро ошкор намуд, ӯ кӯшиш намуд, ки Витро аз нав ба бутпарастӣ баргардонад, вале натавонист. Ба хотири розӣ намудани худоҳои худ, барои таҳқире, ки писари вай ба онҳо расонид, ӯ Витро 14 июни с. 303 қурбонӣ намуд.

Масеҳии накӯкор Виктор вақти зиёди худро барои аёдати заифон ва беморон мебахшид, инчунин маблағи калони пулиро ба камбағалон тақсим намуд. Ӯ бо эҳсонкории худ шӯҳрат пайдо карда буд, бинобар ин ба зудӣ ӯ диққати императорро ба худ ҷалб намуд. Диоклетиан фармон дод, ки Викторро ба ҳабс гиранд ва дар кӯчаҳо ӯро кашонда баранд. Вақте ки ин фармонро иҷро мекарданд, халқи бутпараст Викторро зарбу лат менамуд ва ба сӯи ӯ сангҳо мепартофт. Устувории ӯ ҳамчун якравӣ маънидод карда шуд, бинобар ин, вайро ба шиканҷа тавассути кашидан маҳкум карданд. Виктор шиканҷаҳоро бо шуҷоати бузург паси сар менамуд ва вақте ки ситамгарон аз кори худ монда шуданд, ӯро ба зиндон фиристоданд. Дар он ҷо ӯ Масеҳро ба маҳбусон маъвиза менамуд ва се нафар аз онҳо – Александр, Лонгин ва Фелисин – Масеҳро қабул карданд. Вақте ки император аз ин огоҳ гардид, ӯ фармон дод, ки ҳар серо сар аз тан ҷудо кунанд. Викторро аз нав ба шиканҷадиҳӣ бурданд, бо таёқ заданд ва боз ба зиндон партофтанд.

Виктор бори сеюм озмуда шуд, вақте ки бутро оварданд ва ба ӯ бухурдонро бо бухур доданд, то ки вай қурбонӣ сӯзонад. Виктор бутро бо пояш зада чаппагардон намуд. Ин амал императорро чунон ба ғазаб овард, ки ӯ фармон дод, то пойҳои Викторро бурида партоянд. Сипас, ӯро ба осиё оварданд ва дар миёни сангҳои осиё гузошта маҷақ карданд.

Боре, вақте ки ҳокими Киликиё Максим дар Тарсис буд, ба назди ӯ се масеҳӣ – Тарҳ, Проб ва Андроникро оварданд. Аз онҳо талаб намуданд, ки аз имони худ ба Масеҳ даст кашанд. Вақте ки онҳо рад намуданд, онҳоро ба амфитеатр бурданд ва якчанд ҳайвонҳои гуруснаро сар доданд, то ки масеҳиёнро пора-пора кунанд. Аммо ҳайвонҳо ин корро кардан нахостанд. Он гоҳ, шерҳо ва хирсро сар доданд, ки ҳамон рӯз аллакай се одамро пора–пора карда буданд, вале онҳо ҳам ҳамла кардан нахостанд. Дар кӯшишҳои худ дар нобуд кардани масеҳиён бо кӯмаки дандонҳо ва нохунҳои

ҳайвонҳои ваҳшӣ ноумед гашта, Максим фармон дод, ки онҳоро бо шамшер зада кушанд.

Роман дар Қайсария диакони калисо буд. Ӯро ба ҳабс гирифта ба Антиохиё равон карданд ва дар он ҷо барои имон маҳкум намуданд, қамчинкорӣ карданд, шиканҷа доданд, бо чангакҳо канданд, бо кордҳо рӯй ва тамоми баданашро бурида маҷрӯҳ карданд, дандонҳояшро зада шикастанд, мӯйҳояшро канда гирифтанд ва баъд буғӣ карда куштанд.

Сузаннаи порсо, ҷияни кашиши калисои румии Кай, аз Диоклетиан фармон гирифт, ки ба яке аз хешовандони бутпарасти ӯ ба шавҳар барояд. Вақте ки вай рад намуд, сари ӯро аз тан ҷудо карданд.

Петрус, хоҷасарой ва ғуломи император ба дини масеҳӣ рӯ овард ва масеҳии хоксор ва фурутан гардид. Вақте ки Диоклетиан аз ин хабардор шуд, ӯ фармон дод, ки вайро дар панҷараи бо аланга шиканҷадиҳӣ банданд ва дар маънии аслӣ, дар оташи суст, то ҷон доданаш, бирён кунанд. Шиканҷа чанд соат давом ёфт.

Евлалия духтараки аҷоиб ва зебо аз оилаи масеҳӣ дар Испаниё буд. Вақте ки ӯро ба ҳабс гирифтанд, афсар кӯшиш намуд, ки духтарро ба дини бутпарастӣ гардонад, вале вай бутҳои онҳоро чунон масхара намуд, ки афсар ба ғазаб омад ва фармон дод, ки ӯро бо бераҳмии махсус азоб диҳанд. Ҳангоми шиканҷадиҳӣ ба паҳлӯҳои ӯ чангакҳоро мехалонданд ва баъд баданашро канда мегирифтанд, қафаси синаашро бо оташ то нимсӯхта шудан месӯзонданд. Евлалия аз дард вафот намуд. Ин моҳи декабри с. 303 ба амал омад.

Дар с. 304 ҳокими Таррагон дар Испаниё фармон дод, ки кашиш Валерий ва диакони вай Винсентро ба ҳабс гиранд, онҳоро занҷирбанд намуда ба зиндон партоянд. Ҳар ду устуворона меистоданд, вале бо сабаби номаълум кашиш аз Таррагон танҳо бадарға карда шуд, дар ҳоле, ки диакони вай аз азобҳои сахт гузашт. Ӯро баста аз шиканҷаи кашидан гузаронданд,

то вақте ки ҳама устухонҳояш аз буғумҳо бароварда шуданд, бо чангакҳо узвҳои аз ҳама нозуки баданашро меканданд ва сипас, ба панҷараи махсус бастанд, ки бо хорҳои ба бадан халанда пӯшида шуда буд ва дар таги он аланга дармегирифт. Бо вуҷуди ин, ҳеҷ як аз ин шиканҷаҳо натавонистанд, Винсентро аз қарораш гардонанд ва ӯро нобуд созанд, аз ин сабаб ӯро ба ҳуҷраи маҳбасхона партофтанд, ки дар фарши он сангҳои тез ва шишапораҳо рехта шуда буданд. 22 январи с. 304 ӯ дар азоб вафот намуд.

Дар с. 304, як сол қабл аз он, ки Диоклетиан тахтро тарк намуд, таъқиботи масеҳиён ба авҷи бераҳмӣ расид. Чунин ба назар мерасид, ки халқи бутпараст тағйиротҳои меомадаро эҳсос мекарданд ва то он вақте ки таъқиботҳо ба охир бирасанд, онҳо кӯшиш менамуданд, ки ба масеҳиён азобҳои сахттар расонанд. Аз нав, мо метавонем, танҳо баъзе қиссаҳоро дар бораи одамоне, ки дар ин сол ба марги пуразоб рафтанд, нақл кунем.

Дар Африко хизматгузори масеҳӣ Сатурний аз шиканҷаҳо гузашт ва ба маҳбасхона партофта шуд, ки дар он ҷо аз гуруснагӣ вафот намуд. Айнан, ҳамин тавр чор фарзанди ӯ азоб кашиданд.

Дар музофоти Таслӯникияи Рум, ки онро Маседон меномиданд, хоҳарон Аҳрипо, Чиония ва Ирина ба ҳабс гирифта шуданд ва 25 марти с. 304 сӯзонда шуданд. Ҳоким, ки муштоқи зебогии Ирина гардида буд, ба ӯ таваҷҷӯҳи хоса зоҳир менамуд. Вай ҳама таклифҳои ҳокимро рад намуд ва барои ин ӯ фармон дод, ки Иринаро аз тамоми шаҳр бараҳна гузаронанд, ба девори шаҳр овехта, сӯзонанд.

Чор бародар – Виктор, Карпофор, Север ва Севериан – дар Рум, дар хизмат мақоми баланд доштанд. Вале, вақте маълум гашт, ки онҳо масеҳӣ мебошанд ва бар хилофи парастиши бутҳо сухан мегӯянд, онҳоро ба ҳабс гирифтанд ва бо қамчини махсуси бо нӯҳ нӯг, ки ба онҳо гулӯлаҳои сурбӣ часпонда шуда буданд, қамчинкорӣ намуданд. Чунон бераҳмона қамчинкорӣ

менамуданд, ки ҳар чор нафар дар ҳамон ҷои қамчинкорӣ ҷон доданд.

Тимотиюс, диакони калисо дар музофоти Мавритониёи Рум ва Мавра ҳамагӣ чанд ҳафта пеш аз он, ки мавҷи таъқибот онҳоро фаро гирифт ва онҳо ҳамчун масеҳӣ ба ҳабс гирифта шуданд, оила барпо намуда буданд. Дере нагузашта, баъд аз ҳабс, зану шавҳарро ба назди ҳокими маҳаллӣ Арриан оварданд ва ӯ фаҳмид, ки Тимотиюс барои таъмини амнияти Китобҳои Муқаддас дар калисои худ ҷавобгар буд ва бо мақсади оташ задан, талаб намуд, ки онҳоро диҳад. Тимотиюс ҷавоб дод: «Агар ман фарзанд медоштам, яқинан онҳоро ба ту медодам, то ки назар ба Китоби Муқаддас дида, онҳо қурбонӣ мешуданд».

Аз ҷавоби ӯ дар қаҳр шуда, Арриан фармон дод, ки чашмони Тимотиюсро бо оҳани тафсондашуда сӯзонанд ва гуфт: «Ба ҳар ҳол, китобҳо барои ту акнун бефоида мешаванд, зеро ки ту дигар дорои чашм намешавӣ, то ки онҳоро бихонӣ».

Бо ҷасорате, ки Тимотиюс дарди пурдаҳшатро аз сар мегузаронд, Аррианро ба хашм овард ва ӯ фармон дод, ки Тимотиюсро аз пойҳояш овехта монанд, ба гарданаш чизи вазнинро овезанд ва даҳонашро банданд ва фикр мекард, ки бо ин тарз матонати ӯ шикаста мешавад.

Ҳамсари Тимотиюс Мавра, ки ӯро маҷбур намуданд, то ҳодисаи рӯйдодаистодаро назорат намояд, аз шавҳараш тавалло мекард, ки ба хотири ӯ даст кашад – ӯ чунин шиканҷаҳоро дида наметавонист. Аммо, вақте ки аз даҳони вай даҳонбандро гирифтанд, то ки ба хоҳиши ҳамсараш ҷавоб гардонда тавонад, Тимотиюс, ба ҷои он, ки бо ӯ розӣ шавад, Мавраро барои муҳаббати номуносиб таъна зад ва омодагии худро барои ҷон додан барои Масеҳ изҳор намуд. Дар натиҷа, Мавра қарор дод, ки ба шавҳараш пайравӣ мекунад. Арриан ҳамин тавр қарори ӯро тағйир дода натавонист ва ӯро ба шиканҷаҳои даҳшатнок фиристод. Баъд аз анҷоми азобҳо Тимотиюс ва Мавраро дар паҳлӯи ҳамдигар таслиб намуданд.

Сабин, усқуфи шаҳри Ассисим, дар музофоти Таскания, аз қурбонӣ овардан ба Юпитер, худои асосии Рум даст кашид ва бутро аз худаш тела дод. Ҳоким барои таҳқири ба бут расондашуда фармон дод, ки дастони ӯро бурида партоянд. Бо вуҷуди ин, дар зиндон қарор дошта, Сабин маъвиза менамуд ва ҳам ҳоким, ва ҳам оилааш ба Масеҳ имон оварданд. Барои ин, ҳамаи онҳо, навмазҳабони имони ҳақиқӣ, қатл карда шуданд. Дере нагузашта, баъд аз ин Сабинро қамчинкорӣ карданд ва то ҷон доданаш қамчинкорӣ менамуданд. Ин дар моҳи декабри с. 304 рӯй дод.

Памфилий, ки дар Феникия таваллуд шудааст ва дар он ҷо мезист, ҳамчун инсони хеле бомаърифат ва зиёии замони худ маълум буд ва ба хотири ин ӯро Оригени дуюм ном ниҳоданд. Ӯ яке аз кашишҳо дар Қайсария, пойтахти Яҳудои Рум буд, ки дар он ҷо китобхонаи оммавиро бунёд намуд ва худро ба хизмат ва эҳсонкории масеҳӣ бахшид. Қисми хизмати ӯ рӯйнавис кардани аксарият корҳои Ориген бо ҳамроҳии ёрдамчии худ Евсебус буд, ҳамчунин тайёр намудани нусхаи диқиқи Аҳди Қадим, зеро нусхабардорони ҷоҳил ё хунукназар ба хатогиҳои зиёд роҳ дода буданд. Барои ин кор Памфилийро ба ҳабс гирифтанд, шиканҷа доданд ва баъд қатл карданд.

Дар с. 305 Диоклетиан аз тахти Рум даст кашид ва ҳукмронии империяро ба Аврелий Валерий Констансий, ки дар с. 293 ӯро қайсари қисми ғарбии империя таъин намуда буд ва ба Гай Галерий Валерий Максимиан, ки домоди вай ва ҳамҳокими ӯ дар қисми шарқии он буд, супурд. Констансий инсони нармдил ва оромтабиат буд. Дар давраи ҳукмронии ӯ масеҳиён дар Ғарб бори аввал дар тӯли солҳои зиёд барои дамгирӣ фурсат ёфтанд. Валекин, дар Шарқ таъқиботҳои бераҳмона таҳти роҳбарии Галерий, ки Диоклетианро ба таъқиботи бузург барангехта буд ва мақсади ӯ аз рӯи замин несту нобуд кардани калисои масеҳӣ буд, давом меёфтанд. Вале, ин таъқибот, чун дигар

таъқиботҳо ба мақсад нарасид, зеро калисои Масеҳ дар рӯи замин то дубора омадани Ӯ вуҷуд хоҳад дошт.

Нокомие, ки ба сари халқи бутпараст, дар кӯшиши нобуд сохтани калисои Масеҳ омад, оғози анҷоми таъқиботҳо дар империяи Рум буд, зеро аз рӯи нақшаи Худо, шахсе пешакӣ муқаррар гардид, ки Худованд дере нагузашта, ӯро ҳамчун императори тамоми империяи Рум таъин намуд.

3.
Константини Кабир (императори Рум сс. 306-337)

Дар с. 293, вақте ки император Диоклетиан Констансийро қайсари Галлия ва Британия таъин намуд, писари Констансий Константин дар дарбори Галерий, императори қисми Шарқии империя, феълан чун гаравгон нигоҳ дошта мешуд. Дар с. 305 ба ӯ муяссар гардид, ки фирор намояд ва дар Ғарб ба падари худ ҳамроҳ шуд.

Дар соле, ки Диоклетиан аз тахти Рум даст кашид, Галерий, ҷонишини ӯ, Максимиан ва Северро ҳамчун қайсарон таҳти роҳбарии худ интихоб намуд, Констансий бошад, ба ҷои қайсар писари худ Константинро интихоб намуд. Ҳарчанд Италия ва Африко ба ҳайати қисми Ғарбии империя дохил мешуданд, Констансий аз онҳо даст кашид, зеро идораи ин сарзаминҳо мушкилиҳои худро доштанд ва танҳо Фаронса, Испания ва Британияро идора менамуд. Дар натиҷа Италия ва Африко ба зери роҳбарии Максимиан дар Шарқ гузашт. Гарчанд, дар Шарқ таъқиботҳо бар масеҳиён боз чанд вақти дигар давом

ёфт, дар Ғарб, ки дар он ҷо Констансий ва Консантин ҳукмронӣ менамуданд, он амалан қатъ гардида буд, зеро дар муомилаи хуб бо аҳолӣ ҳавасманд буда, онҳо нисбати ҳама бе бадгумонӣ муносибат менамуданд.

Констансий инсони сулҳпарвар, дилсӯз, мулоим ва нармдил буд, ки мехост ба онҳое, ки дар зери ҳокимияти ӯ қарор доштанд, некӣ кунад. Сирийи Хурдӣ (сс. 424-401 то милод) боре гуфт: «Он шахсе, ки дӯстонашро сарватманд мегардонад, барои худ ганҷ ба даст меорад». Констансий низ, ҳар замон мегуфт, барои ӯ беҳтар аст, ки зердастони ӯ сарватманд бошанд, нисбат ба он, ки ин боигарӣ дар хазинаи ӯ нигоҳ дошта шавад. Ӯ ҳаёти муқаррариро дӯст медошт ва хӯрдан ва нӯшиданро на аз зарфҳои моҳирона сохташуда, балки оддии сафолӣ афзалтар медонист. Ба шарофати хислатҳои аълои инсонии Констансий, дар тамоми музофотҳое, ки ӯ дар он ҳоким буд, сулҳ ва оромӣ ҳукмфармо буданд.

Илова ба ҳама гуфтаҳои дар боло зикршуда, тасдиқ мегардад, ки Констансий нисбат ба Каломи Худо муҳаббати бузургро эҳсос менамуд ва дар ҳаёти худ мувофиқи қонунҳои Ӯ амал мекард. Бо ин сабаб, ӯ дар ҷангҳо иштирок намекард, ки онҳо ба таълимоти масеҳӣ мутобиқат намекарданд, аз ёрӣ расондан ба дигар ҳокимон, ки дар ҷангҳои беадолатона ҷалб шуда буданд, даст мекашид, вайронкунии калисоҳоро қатъ намуд ва фармон дод, ки ҳимояи масеҳиёнро дар ҳама гуна беадолатиҳо ҳангоми таъқиботҳо таъмин намоянд. Аммо, дар дигар минтақаҳои империя таъқиботҳо идома меёфтанд – танҳо Констансий ба масеҳиён озодӣ дод.

Боре Констансий қарор намуд, то бисанҷад, ки дар дарбори ӯ, кӣ масеҳии порсо ва ҳақиқӣ мебошад. Ӯ ҳама афсарон ва хизматгорони худро даъват намуда гуфт, ки танҳо он касон, ки мехоҳанд ба бутҳо қурбонӣ биёранд, дар хизмати ӯ мемонанд ва онҳое, ки рад мекунанд, ронда мешаванд. Инро шунида, ҳозирин ба ду гурӯҳ тақсим шуданд ва ба туфайли

ин, император тавонист муайян созад, ки дар имон кӣ доимӣ ва порсо аст. Баъзеҳо гуфтанд, ки ихтиёрӣ ба бутҳо қурбонӣ меоранд, дигарон бошанд, ошкоро ва далерона аз иҷрои ин кор даст кашиданд.

Император онҳоеро, ки ба овардани қурбонӣ розӣ шуданд, сахт сарзаниш намуд, онҳоро хиёнаткорони Худо номида дар дарбори ӯ будани онҳоро носазо хонд ва сипас ронд. Ба онҳое, ки аз овардани қурбонӣ даст кашиданд, ӯ гуфт, ки танҳо онҳо лоиқанд, ки дар ҳузури ӯ бошанд ва онҳоро машваратчӣ ва ҳимоятгарони худ таъин намуд. Константсий ҳатто онҳоро дӯстони ҳақиқии худ номид, ки барои ӯ аз тамоми ганҷҳояш дида, қиммати бештареро ифода мекунанд.

Константсий дар с. 306 вафот кард ва қӯшун Константинро қайсар эълон намуд. Масеҳиёни зиёд боварӣ доштанд, ки Константин – Мӯсои дуюм аст, ки Худованд ӯро барои халқи Худро аз ғуломӣ ба озодии фараҳбахш баровардан, фиристодааст. Флавий Валерий Константиний (Константин) с. 280 дар шаҳри Найссус, дар музофоти румии Моэзия, вилояти қадим дар ҷанубу-шарқӣ Аврупо, ки ҳоло дар он ҷо Сербия воқеъ аст, ба дунё омадааст. Падари ӯ Константсий ба оилаи номдори румӣ мансуб аст, модараш Елена духтари соҳиби меҳмонсарой буд.

То соли 312 Константин бутпараст буд, ки ба ҳимояткунандагони осмонӣ барои кӯмак муроҷиат менамуд, вале ба ҳеҷ яке аз худоён бахшида нашуда буд. Дар давоми сс. 312-324 ӯ дар бораи Худои ҳақиқӣ шунид ва якчанд бор ба баъзе калисоҳо ва кашишҳо [усқуфон] дастгирӣ нишон дод. Баъд аз шикасти ҳарифи сиёсии худ, император Ликерий, дар Кристополис, 18 сентябри с. 324 Константин масеҳиятро ошкоро эътироф менамуд.

Қатъи назар аз он, ки Константин ба падари худ монанд буд, ӯ империяро ҳамчун ҳокими бедодгар, бо қудрати мутлақ идора менамуд. Ҳарчанд, ӯ усқуфонро ба дарбори худ наздик карда бошад ҳам ва қонунҳои ӯ, ки ба ғуломон ва маҳбусон

тааллуқ доштанд, аз он шаҳодат медоданд, ки масеҳият ба ӯ таъсир расондааст, бо вуҷуди ин, ӯ писари калонии худ Крисп ва ҳамсари дуюми худ Фаустаро қатл намуд. Ҳаёти Константин, ба монанди зиндагии аксарият дар замони ӯ, омезиши масеҳиятро бо бутпарастӣ ифода менамуд.

Дар давраи ҳукмронии Константин се рӯйдоди муҳим ба вуқӯъ пайваст: ӯ нахустин императори масеҳии Рум гардид; масеҳиятро дини давлатӣ гардонд; ва шаҳри Константинополро бунёд намуд, ки пойтахти империяи Шарқии Рум ва рамзи пирӯзии масеҳият гардид. Константин 22 майи с. 327 вафот кард. Пеш аз марг ӯ империяи Румро миёни се писарони зиндамондааш тақсим намуд.

Вақте ки Константин навакак императори қисми Ғарбии империя гардид, ӯ ба он дучор шуд, ки ба ғайр аз ӯ, ба тахт боз даъвогарони дигар низ ҳастанд. Максимиан аз тахт даст кашид ва писари ӯ Максентий императори Рум интихоб гардид. Чуноне ки Италия ба ҳайати қисми Ғарбии империя дохил мешуд, Максентий худро саримператори тамоми империяи Рум таъин намуд. Бо ёрии лашкари худ ӯ Румро идора менамуд. Сенати Рум аз Максентий дар ҳарос буд ва аз муқобилат кардан ба ӯ метарсид. Падари ӯ Максимиан, ки боре аллакай император шуда буд, бо иғвои сенатон забон як карда, кӯшиш намуд, ки инони ҳокимиятро ба дасти худ гирад. Ӯ Диоклетианро розӣ менамуд, ки дар кӯшиши аз сари тахт сарнагун кардани Максентий ба ӯ ҳамроҳ шавад, вале вай розӣ нашуд. Сарбозоне, ки Максентийро император интихоб намуданд, аз нияти Максимиан оиди аз сари тахт сарнагун кардани писараш бохабар шуданд ва ба Максентий хабар дода гуфтанд, ки бо чунин амалҳо созиш намекунанд.

Аз он огоҳ гашта, ки бар зидди Максентий баромада наметавонад, Максимиан назари худро ба Фаронса гардонд, ки дар он ҷо Константин ҳукмронӣ мекард. Ӯ ба назди Константин равона шуд, гӯё ки аз писари худ ба император шикоят мекарда

бошад, вале мақсади асосии ӯ куштани Константин ва ишғол намудани ҷои ӯ дар қисми Ғарбии империя буд. Лекин, ин нақша ҳам ҷомаи амал напӯшид. Константин ба духтари Максимиан Фауста хонадор буд ва ӯ аз сӯиқасди падараш огоҳ гардида, дар бораи он ба шавҳараш хабар дод. Максимианро ҳангоми фирори ӯ аз Фаронса дастгир намуданд ва қатл карданд.

Тамоми ин вақт Максентий дар Рум бо золимии бемисл ҳукмронӣ менамуд. Ӯ чунон дар ғазаб буд, ки аксарият ӯро боз як фиръавн ё Нерони дигар мешумориданд: ӯ ашрофони зиёдро ба қатл расонд ва тамоми боигарии онҳоро ба худ гирифт. Баъзан ӯро авҷи бадхашмӣ фаро мегирифт ва он гоҳ ӯ сарбозони худро мефиристод, то ки сокинони Румро қатл кунанд. Тасаввуроти Максентий чунон бад буд, ки ӯ бо нафс ва золимии худ ҳаракат намуда, дар ҳар навъ гуноҳҳо ширкат меварзид. Ӯ дар ҷодугарӣ низ мароқ дошт ва ҳар замон ба девҳо барои кӯмак муроҷиат менамуд ва дар умеди он буд, ки аз онҳо хирад мегирад, то дар ҷанг, чӣ хеле, ки вай боварӣ дошт, ки Константин бар зидди ӯ омода менамояд, ба пирӯзӣ ноил мегардад.

Максентий инчунин кӯшиш менамуд, ки нисбати масеҳиён раҳмдил бошад. Дар умеди он, ки сокинони Румро дӯстони худ гардонад, ӯ фармон дод, ки таъқиботҳоро бар зидди масеҳиён қатъ намоянд ва амалҳои айбдоркунандаи худро бар зидди онҳо бекор намуд. Вале ин дер давом накард ва як рӯз ӯ аз нав таъқибкунандаи онҳо гардид.

Аз хунрезӣ ва ҳокимияти ситамкоронаи Максентий хаста шуда, сокинони Рум ба Константин шикоят намуданд. Онҳо аз ӯ тавалло мекарданд, ки шаҳр ва мамлакати онҳоро забт намуда, аз Максентий озод кунад. Константин то охир шикоятҳоро гӯш карда, ҳамдардии худро баён намуд. Ӯ ба Максентий мактуб навишт ва дар он талаб намуд, ки амалҳои беадолатона ва бераҳмонаро қатъ намояд. Мактуб ҳеҷ таъсир накард, аз ин сабаб дар с. 313 Константин қӯшунҳои британӣ ва фаронсавиро гирд оварда, ба юриш, ҷониби Рум омода гардид.

Максентий аз наздикшавии қӯшуни Контстантин огоҳонида шуда буд, вале намехост, ки бо ӯ ба муҳорибаи кушод дарояд, аз ин сабаб ӯ гарнизонҳои худро дар қади роҳ ба сӯи шаҳр пинҳон намуд, то ин ки ба қӯшуни Константин аз камингоҳ ҳамла кунад. Задухӯрдҳои хурд, зиёд ба амал омаданд, ки дар он Константин ғалаба намуд.

Ба таъсири ҳурофоти бутпарастон ҳанӯз гирифтор буда, Константин аз қувваи ҷодугаронаи эҳтимолии Максентий бохабар буд ва аз он фикр мекард, ки чӣ тавр метавонад, ҷодуи ӯро бартараф намояд. Таърих шаҳодат медиҳад, ки вақте Константин аллакай аз Рум на он қадар дур истода буд, ӯ пайваста ба осмон назар мекард ва дар интизори он буд, ки ягон аломат мегирад. Дар бегоҳии нимторик ба қисми ҷанубии осмон назар афканда, ӯ ҷилои рахшонро дар шакли салиб дид, ки дар он чунин навиштаҷот буд: «In hoc vince», ки маънои онро дошт: «Ғалаба хоҳӣ кард». Таърих шаҳодат медиҳад, ки яке аз афсарони қӯшуни Константин, Евсевий Памфилий тасдиқ менамуд, ӯ ҳар замон мешунид, ки чӣ тавр Константин дар бораи ин рӯъёи салиб нақл мекард ва қасам мехӯрд, ки худи ӯ низ онро дидааст ва навиштаҷотро дар он ва инчунин сарбозони дигар низ онро дидаанд.

Константин намедонист, ки рӯъё чӣ маъно дорад ва бисёр касонро аз он мепурсид, вале касе ҷавобашро намедонист. Шабона бошад, тасдиқ гардидааст, Масеҳ дар хоби ӯ зоҳир шуд ва дар дасташ ҳамон салибро медошт ва ба Константин гуфт, ки агар ӯ ҳамин гуна салиб созад ва онро бо ҳамроҳии худ дар майдони ҷанг гирад, он гоҳ ӯ ғалаба хоҳад кард.

Ба он аҳамият додан хеле муҳим аст, ки салиб ба Константин на ҳамчун тӯмор дода шуда буд, ки дар даруни худ барои ғолибият қувва дошт, балки чун ёдоварӣ ба ӯ, онҳо мубориза мебаранд ва ба одамони ӯ, дар бораи зарурати ҷустани маърифат ва имон ба Ӯ, ки бо номи Ӯ, барои ҷалоли Ӯ ва паҳн кардани Малакути Ӯ.

Дар рӯзи дигар салиби Константин аллакай тайёр буд, ки аз тилло ва сангҳои қимматбаҳо сохта шуда буд, то ки онро пешо-пеши лашкар баранд. Салибро пешо-пеш бурда, Константин ва одамони ӯ бо умед ва эътиқоди аз нав эҳёшуда ба сӯи Рум шитофтанд.

Максентий акнун медонист, ки ӯ бо лашкари Константин дар набарди кушод бояд вохӯрад, аз ин сабаб лашкари худро ба майдон аз тарафи дигари дарёи Тибр ҳаракат дод. Ӯ кӯпрукеро, ки аз он мегузаштанд, вайрон кард, ва иншооте сохт, ки аз берун ба кӯпрук монандӣ дошт, лекин он танҳо қаиққо буданд, ки бо тахтаҳо пӯшонида шуда буданд. Максентий мақсад дошт, ки лашкари Константинро фиреб медиҳад, то ки дар лаҳзае, ки онҳо аз кӯпрук мегузаранд ва он аз таг фурӯ меафтад, ба онҳо ҳамла намоянд.

Вале он чизе, ки ӯ ба нақша нагирифта буд, ба амал омад, чуноне ки дар Забур гуфта мешавад:

> *«Инак вай тухми бадиро кошт, ба хабосат ҳомила шуд ва кизбро зоид. Чуқурие канд ва онро чуқур кард, ва ба чоҳе ки канд, худаш фурӯ ғалтид. Хабосати вай ба сараш хоҳад баргашт ва зулми вай бар фарқаш хоҳад афтод» (Забур 7: 15-17).*

Вақте ки ду артиш ба задухӯрд даромаданд, ҷанговарони Максентий ба қувваи таҷдидгаштаи онҳое, ки дар зери байрақ бо салиб мечангиданд, муқобилат карда натавонистанд ва худи ӯ бо ҷанговаронаш ба ақиб, ба шаҳр гурехтанд. Шитобкорона, боз аз як ҳамла аз ҷониби қӯшуни Константин дурӣ ҷуста онҳо мехостанд, аз кӯпруке, ки худашон сохта буданд, гузаранд, то ки қӯшуни душманро бо ҳилла ба дом андозанд, лекин худашон ба он афтиданд. Кӯпруки ногаҳонӣ фурӯ рафт ва аксарияти аскарон ба дарё афтоданд. Максентий низ бо аспи худ ба дарё афтид ва ҷавшани вазнин ӯро ба таги дарё кашид ва ӯ ғарқ шуд. Қӯшуни фиръавн, ки дар баҳри сурх ғарқ шуда буд, образи пайғамбаронаи Максентий ва қӯшуни ӯ буд.

Чӣ хеле, ки фарзандони Исроил дар Миср тӯли 400 сол азият мекашиданд, ҳамин тавр масеҳиён низ, тӯли 300 сол дар зери асорати империяи Рум қарор дошта, аз таъқиботҳо азият мекашиданд. Вақте ки фариштаи марг аз Миср мегузашт, хуни барра яҳудиёнро наҷот дод, то ки онҳоро аз қабзаи сахти фиръавн халос намояд, акнун бошад, Салиби Барраи Худо қӯшуни наҷотдиҳандаро бар зидди қалъаи охирини зулми румӣ бурд ва халқи Худоро озод намуд. Қариб 1600 сол сипарӣ гардид ва худи ҳамон Худо халқи Худро ҳифз менамуд.

Константин императори тамоми империяи Рум гардид ва дар с. 324 бошишгоҳи ҳукуматро аз Рум ба Шарқ гузаронд. Ҳамчун пойтахт ӯ шаҳри қадимаи юнонӣ Византияро дар Боспорус, ки дар гарданаи миёни баҳрҳои Сиёҳ ва Мармарӣ қарор дошт, интихоб намуд. Аз замони қадим аз он роҳи муҳими савдоӣ мегузашт. Константин шаҳрро васеъ намуда, такмил дод. Дар с. 330 ӯ онро Руми Нав номгузорӣ намуд, вале ҳама онро Константинопол – шаҳри Константин меномиданд.

Константин нахустин императори масеҳии империяи Рум буд ва Константинопол пойтахти масеҳият дар Ғарб гардид, Рум бошад, масеҳиятро дар Шарқ идора менамуд. Империяи Ғарбии Рум, ки Константин бунёд намуд, зиёда аз ҳазор сол давом кард, ки масеҳият дар тӯли он асосан дар осоиштагӣ қарор дошт.

Ҳарчанд дар ин марҳила нисбати масеҳиён таъқиботҳои умумӣ ё пай дар пай набуданд, чуноне ки дар замони императорҳои Рум буд, дар вилоятҳои алоҳидаи ҷаҳон масеҳиёнро ҳамон тавр таъқиб мекарданд, чӣ хеле ки онҳо ҳамеша таъқиб мегарданд. Ҳавворӣ Павлус дар Рум, дар зиндон азият мекашид ва пеш аз он, ки сари ӯро аз тан ҷудо намуданд, ба Тимотиюс навишт: «Ва ҳамаи онҳое ки мехоҳанд прҳезгорона дар Исои Масеҳ зиндагӣ кунанд, ба таъқибот дучор хоҳанд шуд.» (2 Тимотиюс 3:12). Дар ҳақиқат, дар тӯли ҳазор соли сулҳи умумиҷаҳонӣ масеҳиён барои имони худ ба Масеҳ пурозор азоб мекашиданд.

4.
Таъқибот дар тӯли ҳазор соли сулҳи умумиҷаҳонӣ (сс. 320-1079)

Азбаски, таъқиботҳо дар тӯли ҳазор сол дар маҳалҳои гуногуни аз ҳамдигар дур мегузаштанд, мо дар бораи онҳое, ки ҳаёти худро барои Масеҳ бо азоб додаанд, фақат баъзе ҳуҷҷатҳоро дорем. Ҳар яки онҳо дар бораи азобҳо, дард ва марги аз сар гузаронида барои муҳаббат ба Худованд ва эътиқод ба Ӯ нақл мекунанд. Ӯ, новобаста аз он, ки дар куҷо онҳо азоб кашиданд, бо онҳо буд ва қувват ва сабру тоқати Худро медод, то ки онҳоро ба ҷалоли абадӣ дарорад, зеро Худи Ӯ аз азобҳо гузашт ва ҳоло бо оғӯши кушода ҳамонҳоеро, ки барои Ӯ мемиранд, интизор аст. Ана баъзе аз воқеаҳо.

Форс, тақрибан с. 320-ум.

Дар Форс аксарият хизматгузорони худои офтоб буданд ва вақте ки Инҷил дар тамоми мамлакат паҳн мегардид, рӯҳониёни бутпараст аз он хавотир шуданд, ки қудрати худро нисбат ба

мардум аз даст медиҳанд. Онҳо ба подшоҳ Сапорес шикоят карда, гуфтанд, ки масеҳиён душманони кишвари онҳо мебошанд, зеро бо румиён, ки форсҳо онҳоро бад медиданд, муошират мекунанд, зеро дар амал, ҳар ҷанг бо румиён бо мағлубияти форсҳо анҷом меёфт. Сапорес дарҳол фармон дод, ки таъқиботи масеҳиёнро дар тамоми империя оғоз намоянд. Ҳамин тавр шумораи зиёди масеҳиёни тақводор ва барҷаста дастгир шуда, ба марги пуразоб рафтанд.

Вақте ки ба император Константин дар бораи таъқиботҳо дар Форс хабар доданд, ӯ ба Сапорес навишт ва огоҳ намуд, ки бо ҳамаи онҳое, ки масеҳиёнро таъқиб мекунанд, ҳамеша бадбахтӣ руй медиҳад ва баръакс, онҳое, ки нисбаташон муомилаи хуб мекунанд ба комёбиҳои бузург ноил мегарданд. Константин ғолибияти худро бар рақиби худ, императори Рум тасвир намуд ва дар охир илова кард:

> *«Ман онҳоро танҳо бо эътиқод ба Масеҳ мағлуб намудам ва ба шарофати ин имон, Худо ба ман дар ҳар як задухӯрд кӯмак мекард ва маро ғолиб баровард. Ӯ империяи маро аз уқёнуси Ғарбӣ то минтақаи дурдаст дар Шарқ васеъ намуд. Аз ин огоҳ гашта, ман ҳеҷ гоҳ, ба ягон худои қадима қурбонӣ намеорам ва дар ягон маросими ҷодугарӣ ширкат намеварзам. Ман танҳо ба Худои Қодир дуо мегӯям ва ба Салиби Масеҳ пайравӣ мекунам, ки ба ман ҳамчун парчам дода шуда буд. Ҳамаи инро андеша кун ва ман хурсанд мешавам, агар ту ҳам, ба туфайли муомилаи хуб ба масеҳиён, ҳамин тавр дар ҷалол бимонӣ; ҳам ту, ҳам ман, ҳам шумо, ҳам онҳо – ҳама барои сулҳи пойдор шод мегардем».*

Ба шарофати мактуби Константин, таъқибот дар Форс чанд муддат қатъ гардид. Баъд аз чанд сол, вақте ки ба сари тахт шахсе омад, ки ақидаи дигар дошт, ҳамааш аз нав оғоз ёфт.

Миср, тақрибан солҳои 325-340.

Дар соли 318 Арий, рӯҳонии масеҳӣ дар Александрия, дар Миср, таълимотеро эълон кард ва он тасдиқ менамуд, ки Исои Масеҳ ҷисми офаридашуда мебошад ва Ӯ абадан вуҷуд надошт, бинобар ин ба Худо баробар набуд. Барои фаҳмидани ин таълимот, Константин анҷумани умумиҷаҳонии рӯҳониёнро дар Никей ҷамъ овард. Анҷуман Арий ва таълимоти ӯро, ки арианӣ номида шуд, маҳкум намуд ва эълон кард, ки Худои Падар ва Худои Писар ба ҳам баробар мебошанд ва Падару Писар «дорои як моҳиятанд».

Ба қарори анҷуман нигоҳ накарда, масъалаи арианӣ боқӣ монд. Император Константини II, писари Константин арианиҳоро баъд аз марги падараш дастгирӣ менамуд, ҳамчунин Валенс, яке аз пайравони ӯ, ки империяро бо ҳамроҳии бародари худ Валентиниани I, ки ӯро императори қисми Шарқии империя таъин намуда буд, идора мекард. Дар давраи император Константини II арианиҳо қудрат ба даст оварданд ва ба таъқиб кардани масеҳиёни ортодоксӣ, яъне онҳое, ки ба Худованд будани Масеҳ боварӣ доштанд, оғоз карданд. Патриархи юнонӣ аз Александрия Афанасий, роҳбари ҳимояткунандагони масеҳияти ортодоксӣ аз арианиҳо, ва бисёр усқуфони дигар аз Александрия ронда шуданд, мавқеи онҳоро бошад арианиҳо ишғол намуданд.

Фармондеҳи қӯшунҳои румӣ дар Миср Артемий барои масеҳӣ будани худ дар аввал аз мақомаш маҳрум шуд, баъд аз моликияти худ ва сипас, сарашро низ аз тан ҷудо карданд.

Рум, соли 361.

Дар с. 361 Константини II вафот кард ва ба сари тахт Юлиан нишаст, ки дар тӯли ду сол империяро роҳбарӣ намуд. Император Юлиан сарфи назар аз он, ки дар оилаи масеҳӣ тарбия ёфтааст, дарҳол аз масеҳият даст кашид ва изҳор намуд, ки ӯ бутпараст

аст ва ният дорад, ки дини қадимаи румиро барқарор менамояд. Ӯ бар зидди масеҳиён ягон ахборот нашр накард, аммо ба бутҳо сачда карданро барқарор намуд ва ҳамаи бутпарастони рондашударо баргардонд. Ҳарчанд Юлиан озодии динро эълон карда буд, ӯ ишғол кардани вазифаҳои давлатӣ ва ҳарбиро ба масеҳиён манъ намуд ва ҳамаи имтиёзҳоеро, ки Константин ба рӯҳониён дода буд, бекор кард.

Усқуф Донат аз шаҳри Ариссо дар Италия, зоҳид Илларион ва довари румӣ Гордиан ба шикнҷаҳо маҳкум гардида, қатл карда шуданд.

Анқара, Туркия, соли 362.

Дар шаҳри шарқӣ – Анқара, усқуф Базил барои муқобилати худ нисбат ба бутпарастӣ ба зиндон партофта шуд. Император Юлиан, ки ҳамин замон ба Анқара расида омад, фармон дод, ки Базилро барои пурсиш ба наздаш оранд. Дар рафти пурсиш Юлиан бо усулҳои гуногун кӯшиш менамуд, ки усқуфро барои қатъ кардани фаъолияташ, ки бар зидди бутпарастон равона карда шуда буд, моил кунад, вале Базил тан намедод ва сипас марги императорро пешгӯӣ намуда гуфт, ки ӯ дар ҷовидонӣ азоб мекашад. Юлиан ба ғазаб омад ва фармон дод, ки бадани Базилро ҳар рӯз, аз ҳар ҷояш дарронанд, то вақте ки пӯст ва бадани ӯ комилан пора-пора гардад. Лекин, Базил то он ҳолат зинда намонд,- ӯ аз ҷароҳатҳои бардоштааш фавтид. Ин моҳи июни соли 362 ба амал омад.

Фаластин, қариб солҳои 363.

Мо ҳуҷҷатҳоро дар бораи шахсони аниқ, ки дар Фаластин азоб дода кушта шуданд, надорем. Ба мо умуман маълум аст, ки чӣ тавр онҳо ҷонҳои худро барои Масеҳ додаанд. Бисёр касонро зинда ба зинда сӯзонданд, баъзеҳоро бараҳна намуда

аз пойҳояшон баста дар кӯчаҳо кашонданд, то даме, ки онҳо аз рафтани хун ё аз дард нафавтиданд, дигаронро ба моеъи ҷӯшидаистода партофтанд, ё то дами марг сангсор намуданд, сарҳои бисёр касонро бо таёқ зада мачақ карданд.

Александрия, қариб солҳои 363.

Дар Александрия шумораи калони масеҳиёнро азоб дода куштанд. Онҳоро месӯзонданд, бо шамшер мекуштанд, дар салиб мехкӯб мекарданд ва сангсор менамуданд. Шикамҳои баъзеҳоро чок мекарданд ва ба даруни он ғалла мерехтанд, баъд хукҳоро сар медоданд, ки онҳо ғалларо бо дигар узвҳои дарунӣ мехӯрданд. Вақти шиканҷадиҳӣ, аз чӣ қадар гурусна будани хукҳо вобаста буд.

Фракия, қариб солҳои 363.

Масеҳӣ Емелян сӯзонда шуд, дигарӣ, бо номи Домитий бошад, ҳангоми гурехтан аз таъқибгарони худ, дар ғор бо шамшер кушта шуд.

Император Юлиан дар с. 363, аз ҷароҳатҳои дар ҷанги Форсҳо бардоштааш фавтид. Ноиби ӯ Йовиан шуд, ки бо Форс сулҳ баст ва ба онҳо замини румро дар он тарафи дарёи Тигр дод. Йовиан танҳо як сол ҳукмронӣ намуд, ки дар ин муддат калисо дар осоиштагӣ қарор дошт. Дар с. 364 Валентини I императори Рум дар Ғарб шуд ва бо ҳамроҳии бародари худ Валенс, ҳокими Шарқ, ҳукмронӣ менамуд. Валенс арианӣ буд ва калисо аз нав ба таъқибот дучор шуд. Валентини I дар Ғарб аз с. 364 то с. 375 ҳукмронӣ намуд, Валенс бошад, дар Шарқ аз с. 364 то с. 378 ҳукмронӣ намуд. Ӯ дар муҳорибаи миёни вестготҳо (готҳои ғарбӣ, яке аз қабилаҳои қадими германӣ), ки соли 378, дар наздикии шаҳри Адрианопол ба вуқӯъ омад, ҳалок шуд.

Тасдиқ шудааст, ки аксарияти готҳо масеҳӣ буданд; таълимоти масеҳӣ дар миёни онҳо аз тарафи готи имоноварда, олими муқаддас бо номи Улфилас паҳн шудааст. Дар давоми 40 сол ӯ сахт меҳнат кард ва алифбои готиро сохта бароварда, сипас, бо тарҷумаи Китоби Муқаддас машғул шуда, халқи худро барои эътиқод ба Масеҳ таълим медод.

Александрия, соли 386.

Император ба Георг, усқуфи арианӣ дар Александрия, ҳуқуқи таъқиб кардани масеҳиёни ҳақиқиро дар ин шаҳр дод, ки вай онро бо бераҳмии фавқуллода иҷро намуд. Ба ӯ чанд нафар одамон аз ҳукумат ёрдам мекарданд, генерали қӯшуни миср ва сарлашкари румӣ.

Ҳангоми ин таъқибот тамоми рӯҳониёни ортодоксӣ аз Александрия ронда шуданд ва калисоҳои онҳоро маҳкам карданд. Масеҳиёнро айнан, бо бераҳмии чун солҳои таъқиботҳои пешина, вақте ки онҳоро халқҳои бутпараст таъқиб мекарданд, ҷазо медоданд. Агар ба ягон масеҳӣ муяссар мегардид, ки аз таъқибгарон гурезад, он гоҳ тамоми оилаи ӯро қатл мекарданд ва моликияти ӯро мегирифтанд.

Испания, соли 586.

Германгилд – писари калонии Леовигилд, подшоҳи готҳо. Ӯ арианӣ буд ва ба шарофати ҳамсари порсои худ Ингонда, ба дини ортодоксӣ рӯ овард. Вақте ки падараш аз ин огоҳ шуд, ӯро аз вазифаи ҳокими Севил, дар Испанияи чанубӣ-ғарбӣ маҳрум намуд ва фармон дод, ки ӯро шиканҷа диҳанд, то даме, ки вай аз имони худ ба Масеҳ рӯ нагардонад.

Барои ба қатл муқобилат кардан, Германгилд дар гирди худ қӯшунро ҷамъ овард, ки аз имондорони ортодоксӣ иборат буданд ва омода буданд, ки барои ӯ мубориза баранд. Барои

аз ин шӯриш интиқом гирифтан, подшоҳ ҳамаи имондорони ҳақиқиро таъқиб намуд ва қӯшуни пурзӯрро ба Севиля бурд. Герменгилд дар аввал дар Севиля пинҳон шуд ва вақте дид, ки лашкари ӯ мағлуб мешавад, ба Асиета [шаҳри ба мо номаълум] фирор намуд, ки баъд аз муҳосираи начандон тӯлонӣ дастгир гардид.

Герменгилди занҷирбандшуда ба Севил баргашта омад, ки дар он ҷо, дар иди Фисҳ, аз дасти усқуфи арианӣ чашидани нону шароби табаррукиро қабул накард ва бо фармони падараш ҳамон замон ба қисмҳо пора-пора карда шуд. Ин 13 апрели соли 586 рух дод.

Ломбардия (Италия), соли 683.

Усқуфи шаҳри Бергамо дар Ломбардия бо номи Юҳанно ва усқуфи Милан дар кӯшиши тоза кардани калисо аз арианиҳо қуввахои худро муттаҳид намуданд. Ду нафар дар мубориза бар зидди бидъатҳо (ересь) онҳо ба комёбиҳои беназир ноил гардиданд, вале 11 июли с. 683 Юҳанно хиёнатгарона кушта шуд.

Олмон, соли 689.

Киффен – усқуфи порсои румӣ, ки ба халқи бутпараст дар Франкония, дар Олмон маъвиза менамуд. Дар Вирзбург Киффен ҳокими шаҳр Гозбертро ба имон овард ва ҳаёти масеҳии ӯ он қадар порсо гардид, ки дар тӯли ду сол зери таъсири ӯ аксарият сокинони шаҳр инчунин имондор шуданд.

Дар с. 689 Киффен ҳокимро бовар кунонид, ки никоҳи ӯ бо зани бевамондаи бародараш гуноҳ аст ва дар натиҷа бевазан фармон дод, ки сари Киффенро аз тан ҷудо кунанд.

Испания, соли 850.

Перфектус, ки дар Кордуба, Испания ба дунё омадааст ва дар дини масеҳӣ тарбият ёфтааст, инсони хеле бомаърифат буд, ӯ ҳамаи китобҳои нашршударо бодиққат меомӯхт, то ки маърифати худро васеъ намояд. Ӯ ҳамчунин бо некӯкории худ маъруф гашта буд. Ҳанӯз инсони ҷавон буда, ӯ ба рутбаи рӯҳонӣ даст гузошта шуд ва вазифаи худро бо беҳтарин роҳ иҷро менамуд. Дар с. 850 Перфектус ба таври оммавӣ эълон намуд, ки Муҳаммад сохтаном аст ва барои ин, дере нагузашта, сарашро аз тан ҷудо карданд, зеро қисми зиёди Испания аз с. 711, баъд аз он, ки онҳо вестготҳоро мағлуб намуданд, дар зери ҳукмрони мусулмонон қарор дошт.

Форс, соли 997.

Усқуфи Прага чунон бо хоҳиши ба бутпарастҳо бурдани Инҷил фаро гирифта шуда буд, ки ба Форс раҳсипор шуд ва дар он ҷо бисёр касонро ба имон оварда ва таъмид дод. Ин рӯҳониёни бутпарастро чунон ба ғазаб оварда, ки якчанд нафари онҳо ба вай ҳамла оварда, бо найзаҳо мачрӯҳ карданд.

Полша, соли 1079.

Болеслав, подшоҳи дуюми полякҳо, инсони софдил буд, вале айни замон, дар дили ӯ золимӣ пайдо мешуд ва бо мурури замон он ҳаёти ӯро идора менамуд ва ӯ бо амалҳои золимонаи (садисткий) худ хеле машҳур гардид. Станислав, усқуф аз шаҳри Краков, дар дарёи Висла, қарор намуд, ки дар сӯҳбати шахсӣ ба хатогиҳои подшоҳ ишора менамояд ва умед дошт, ки ӯ ба таҳқир кардани халқи худ хотима мебахшад. Ҳарчанд Болислав иқрор шуд, ки кирдорҳои ӯ даҳшатангез буданд, ӯ аз он дар ғазаб шуд, ки усқуф ҷуръат намудааст, ки ба гуноҳҳои ӯ ишора намояд. Ҳатто фикри дигар шуданро накарда, ӯ имконияти аз

усқуф халос шуданро кард, ки вай ба вазифаи масеҳии худ содиқ буд.

Боре Болеслав фаҳмид, ки усқуф дар танҳоӣ дар калисои ҳамсоя мебошад ва аскаронро барои ёфтан ва куштани ӯ фиристод. Лекин, вақте ки аскарон усқуфи покро пайдо карданд, чуноне ки ба онҳо гуфта шуд, дар танҳоӣ, онҳо дар пеши ӯ ба ҳаяҷони пур аз эҳтиром омаданд ва аз куштанаш тарсиданд. Вақте ки онҳо баргаштанд ва дар бораи ин ба подшоҳ хабар доданд, ӯ дар хашми ниҳоят сахт аз як нафари онҳо кордро кашида гирифту ба калисо шитофт ва бо он Станиславро якчанд бор зад, дар ҳоле, ки ин инсони порсо дар пеши меҳроб ба зону нишаста буд. Станислав ҳамон замон ҷон дод.

Таъқиботҳо бар масеҳиён дар тӯли қариб ҳазор сол доимӣ набуданд, то вақте ки иблис дар Рум аз нав маскан нагирифт ва дар кӯшиши навбатии вайрон кардани калисои Исои Масеҳ хизматгорони худро нафиристод. Фақат, ин дафъа таъқиботҳоро бутпарастон намебурданд, балки онҳое, ки худро масеҳӣ меномиданд, вале хашм ва усулҳои золимонаи онҳо бар зидди шахсоне, ки ба Масеҳ имон доштанд, аз хаёлҳои бераҳмтарини бутпарастон хеле пеш мегузашт.

5.
Таъқиботҳои папаҳо ва инквизитсия (сс. 1208-1834)

Таъқиботҳои папаҳо

Қариб то асри XII бештари таъқиботҳо бар зидди имондорони ҳақиқӣ ба Масеҳ аз халқҳои бутпараст сар мешуданд. Аммо, калисо дар Рум ҳақиқатҳои Навишаҷот ва аҳкоми муҳаббатро дур намуд ва шамшер ба даст гирифта, онро бар зидди онҳое равона сохт, ки таълимот ва анъанаҳои бардурӯғро, ки ҳанӯз дар солҳои ҳукмронии Константин ҷузъи он гардида буд, рад менамуданд. Бо мурури ин замон калисои Румӣ оҳиста-оҳиста аз дини ортодоксӣ, ки бисёр касон барои он ҷони худро дода буданд, дур мешуд. Он нисбати қудсият, некӯкорӣ, фурӯтанӣ, эҳсонкорӣ ва дилсӯзӣ беэътиноӣ менамуд ва ба ҳурофотҳо ва таълимотҳои бутпарастона фаро гирифта шуд, ки аз ҷиҳати моддӣ, ҷисмонӣ ва иҷтимоӣ ба аҳли дин манфиатнок буд ва дар ҳар соҳаи ҳаёти калисо ба он қудрат медод. Ҳар касе, ки бо аҳли дин, ё бо таълимотҳои он розӣ намешуд, бидъаткор эълон мегардид ва

зӯриро ба кор бурда, кӯшиш менамуданд, ӯро маҷбур созанд, ки бо калисои папа розӣ шавад ва агар ӯ пушаймон намешуд, ё ба папа ва саррӯҳониён дар вафодорӣ савганд ёд намекард, ӯро ба ҳукми қатл маҳкум мекарданд. Кирдорҳои даҳшатноки худро аҳли дин аз рӯи оятҳои Навиштаҷоти Аҳди Қадим, ки онҳоро ғалат маънидод мекарданд, дуруст мешумориданд ва инчунин ба Августин такя карда, Луқо 14:23: «Ва оғо ба ғулом гуфт: «Ба сари роҳҳо ва кӯчабоғҳо баромада, мардумро ба омадан ризо кун, то ки хонаи ман пур шавад»-ро шарҳ дода, истифода бурдани зӯриро нисбат ба бидъаткорон маъқул медонист.

Дар тӯли чандин асрҳо калисои папа чун ҳайвони гурусна дар тамоми ҷаҳон хунхорӣ мекард ва ҳазорҳо имондорони ҳақиқии Масеҳро шиканҷа медод, маъюб мекард ва мекушт. Ин «марҳилаи пурдаҳшати» калисо буд. Валденсҳо дар Фаронса қурбониҳои аввалини шиддати таъқиботи папа гардиданд.

Қариб дар с. 1000, вақте ки нури ҳақиқати Инҷил амалан бо торикӣ ва хурофот фаро гирифта шуда буд, онҳое ки бараъло медиданд, ки ба калисо чӣ гуна зарар расонда шудааст, худро ба мақсади наҷиб бахшиданд, то ки нури Инҷилро дар покии ҳақиқии он кушоянд ва абрҳоро, ки рӯҳониёни нопок вайро бо он фарогир намуда, аз мардум пинҳон карданд, пароканда созанд. Ба чунин кӯшиши аввал шахсе бо номи Беренгарий шурӯъ намуд, ӯ Инҷили муқаддасро, ки дар Навиштаҷот равшан дида мешуд, бо ҷасорат маъвиза мекард. Баъд аз чандин солҳо, шахсони дигар ҳақиқатро чун машъал бардошта, ба ҳазорҳо одамон нур мебурданд. Ин то ҳамон вақт давом мекард, ки дар соли 1140 чунин шумораи имондорони нав пайдо гардиданд, ки папаи бесаранҷомшуда ба ҳокимони вилоятҳо ва давлатҳои гуногун фармон дод, то онҳоро аз ҳудудҳои худ ронанд. Дар зери итоати ӯ бисёр хизматгорони бомаърифат буданд, ки бар зидди чунин имондорон мактубҳо таълиф мекарданд.

Таъқиботи валденсҳо.

Тақрибан дар с. 1173 Петр Валдо ё Валдес дӯкондори сарватманди лионӣ, ки бо порсоӣ ва маърифати худ машҳур гашта буд, тамоми боигарии худро ба қашшоқон тақсим намуд ва башоратдиҳандаи мусофир ва мухолифи сахт гардид, ки бар зидди бойшавии папа ва зулми ӯ баромад мекард. Ба зудӣ, шумораи бузурги мардум дар Фаронса ба ӯ ҳамроҳ шуданд. Тарафдорони Валдо ҳамчун валденсҳо машҳур шуданд. Дар аввал, Валдо умед дошт, ки папа инро меписандад ва фикр мекард, ки ӯ ба калисои Рум таъсир расонда метавонад, вале ба ҷои ин, дар с. 1184 дар бидъаткорӣ айбдор карда шуд.

Валдо ва пайравони ӯ калисои ҷудо кардашударо бо хизматгузоронаш бунёд намуданд. Онҳо интизоми ахлоқи динӣ ва покро маъвиза менамуданд, бар зидди рӯҳониёни носазо ва сӯиистифодаҳо дар калисо баромад мекарданд ва тасдиқ менамуданд, ки новобаста аз ҳолатҳо инсонро аз ҳаёт маҳрум кардан мумкин нест. Албатта, калисои папа дар паҳн кардани чунин бидъат иҷозат дода наметавонист ва ба имконияти аз Рум ҷудо шудан, роҳ намедод, аз ин сабаб дар соли 1208, папа бар зидди валденсҳо ва дигар гурӯҳҳои ислоҳот даровардашуда, махсусан албигойтсҳо ба юриш шурӯъ намуд.

Дар с. 1211, 80 пайравони Валдоро дар шаҳри Страсбург ба ҳабс гирифтанд, ба шиканҷаҳои инквизитсия мубтало карданд ва сӯзонданд. Дере нагузашта, баъд аз ин аксарияти валденсҳо хонаҳои худро тарк намуданд ва дар даштҳои алпий, дар шимоли Италия маскан гирифтанд. Валдо дар соли 1218 вафот кард ва то дами марг ҳақиқати Инҷили Масеҳро маъвиза намуд.

Таъқиботи албигойтсҳо.

Албигойтсҳо гуфта одамонеро меномиданд, ки ақидаҳои динии ислоҳот даровардашуда доштанд ва дар шимоли Фаронса, дар асрҳои XII ва XIII мезистанд. Онҳо ба шарафи шаҳри фаронсавии

Албий ба ин ном номгузорӣ карда шуданд, ки маркази онҳо дар он ҷо қарор дошт. Албигойтсҳо мувофиқи қонуни ҷиддии ахлоқӣ зиндагӣ мекарданд ва дар байни онҳо одамони номдор зиёд буданд, масалан, граф Тулузский, граф Фоикс, граф Безеирс ва дигарон бо ҳамин гуна илму маърифат ва молу мулк. Барои пешгирӣ кардани фаъолияти албигойтсҳо, папа ба назди онҳо роҳибони (монах) кистериканӣ ва доминиканиро фиристод ва кӯшиш менамуд, ки онҳоро дар ҳақиқӣ будани таълимоти папа бовар кунонад, аммо ин ба албигойтсҳо ягон хел таъсир нарасонд, зеро барои онҳо таълимоти ислоҳот даровардашуда ҳамчун ҳақиқат мемонд.

Бо вуҷуди таҳдидҳои анҷуманҳои Дуюм, Сеюм ва Чоруми Лютераниҳо (сс. 1139, 1179, 1215), ки ҳар яки он ба зиндонӣ кардан ва мусодира намудани молу мулки бидъаткорон ҳукм менамуд, албигойтсҳо ба оғуши калисои Рум барнагаштанд. Дар анҷумани Дуюми Латеранӣ, дар с. 1179 бо фармони папа Александри III онҳоро бидъаткор эълон карданд. Худи ҳамин папа, дар с. 1165 Фредерики I, императори Муқаддаси Рум ва подшоҳи Олмон ва Италияро аз калисо такфир (отлучить) намуд. Император ҳамин тавр, баъд натавонист назорати папаро дар Италия суст гардонад ва дар с. 1177 афзалияти папаро эътироф намуд.

Дар с. 1209 папа Иннокентий III куштори хиёнатгаронаи роҳибро дар доминиони граф Раймонд Тулузский содир намуд, ки он оғози таъқиботи ин граф ва албигойтсҳо гардид ва ба ҳамаи онҳое, ки дар юриши салибкашон иштирок мекунанду, ҳатто дар давоми 40 рӯз дар ҷанге, ки онро муқаддас номид, мубориза мебаранд, биҳиштро ваъда намуд.

Ҳангоми ин ҷанги осиёна (нечестив), ки аз с. 1209 то с. 1229 давом кард, граф Раймонд шаҳри Тулуза ва дигар ҷойҳоро дар доминиони худ бо ҷасорати бузург ва баъзе муваффақиятҳо муҳофизат менамуд ва бо қӯшунҳои Симон де Монтфорт, граф Монтфорт ва ашрофони ба калисои католикии Рум мутаассибона

содиқ мубориза мебурд. Вақте ки қӯшуни папа дар муҳорибаи кушод ба граф Раймонд ғолиб омада натавонист, подшоҳ ва маликаи Фаронса ва се усқуфи аъзам қӯшуни калонро бархезонданд ва ба граф амниятро ваъда намуда, ба музокираи сулҳҷӯёна омадан розӣ кунонданд. Аммо, вақте ки граф омада расид, ӯро хиёнатгарона дастгир намуданд ва ба зиндон партофтанд, сипас, барои таҳқир намудан, маҷбур карданд, ки бо сари бараҳна ва пои луч ба назди душманаш ҳозир шавад. Баъд аз ин ӯро аз ҳар гуна шиканҷаҳо гузаронданд ва маҷбур карданд, ки аз муқовимат кардан ба таълимотҳои папа даст кашад.

Аз оғози таъқиботҳо, дар с. 1209 Симон де Монтфорт хунрезии сокинони Безейраро ташкил намуд, ки ин танҳо як мисоли хурди муносибати бераҳмонаи қӯшуни папа нисбати албигойтсҳо дар тӯли 20 сол буд. Дар вақти хунрезӣ яке аз аскарон пурсид, ки чӣ тавр ӯ метавонад, масеҳиёнро аз бидъаткорон фарқ кунад. Роҳбари ӯ дар ҷавоб гуфт: «Ҳамаи онҳоро куш. Худованд онҳоеро, ки ба Ӯ тааллуқ доранд, мешиносад».

Баъд аз забт намудани граф Раймонд папа ахборот (эдикт) баровард, ки мувофиқи он халқ ҳуқуқи хондани Китоби Муқаддасро надошт ва то охири асри XIII, албигойтсҳо ва валденсҳо, инчунин дигар гурӯҳҳои ислоҳот ҷорӣ намуда, дар тамоми Аврупо барои инквизитсия ҳадаф буданд.

Инквизитсия

Инквизитсия – ин додгоҳи (суд) калисои асримиёнагӣ мебошад, ки мақсади он таъқиб намудани бидъаткорон буд – онҳое, ки бар зидди хатогиҳо ва ҳурофоти калисои папа баромад мекарданд. Бо ин ном худи ин ташкилотро меномиданд, ки он усқуфӣ (яъне, таҳти роҳбарии усқуф ё усқуфон) ё папагӣ, вилоятӣ ё маҳаллӣ буд. Инквизитсия гуфта, инчунин аъзоёни додгоҳ ва ҳар як амалиёти онро меномиданд.

Дар юришҳо бар зидди албигойтсҳо папа Иннокентий III инквизиторони махсус таъиншударо тайёр намуд, масалан, ба монанди роҳиб Доминик, ки ҳангоми юриш дар с. 1215 иттиҳоди доминиканиҳоро ташкил кард. Аммо, дар он вақт муассисаи аниқи инквизиторон набуд. Дар с. 1231 папа Григорий IX инквизитсияи папаро ба таври расмӣ таъсис дод. Нусхаи ахборотро (эдикт), ки императори муқаддаси Рум Фредерики II дар с. 1224 нисбат ба Ломбардия (Италия) чоп намуд ва дар с. 1232 дар тамоми империяи худ истифода бурд, бардошта, Григорий маҷбур сохт, ки бидъаткоронро ба ҳукми қатл, тавассути сӯзондан маҳкум кунанд. Вай инчунин фармон дод, ки ҳамаи бидъаткоронро ҷустуҷӯ карда, ёбанд ва онҳоро бо додгоҳи калисо ҳукм кунанд.

Папа Григорий IX ин кори даҳшатнокро ба иттиҳоди роҳибони доминиканӣ ва франсисканӣ бовар намуда, ба онҳо назар ба додгоҳҳои инквизитсионии дигар, ҳуқуқҳои фавқулодда дод, маҳз: ҳуқуқи номаҳдуди ҳукм кардан ва такфир намудан аз калисо, шиканҷа додан ва қатл кардани ҳамаи гунаҳгоронро дар бидъаткорӣ ё мухолифат ба ҳукмронии папа. Дертар ӯ ба онҳо ҳуқуқи эълон кардани юришҳои салибкашонро бар зидди онҳое, ки бидъаткор эътироф шуда буданд, бо ҳокимони мустақил бастани созишномаҳо ва дар юришҳо истифода бурдани қувваҳои ҳарбии онҳоро дод. Ба ин иттиҳодҳои роҳибон иҷозат дода шуда буд, ки новобаста аз ҳар калисои маҳаллӣ, ки метавонист, ҳамчунин ба додгоҳи инквизитсионӣ мубтало гардад, агар ба ягон тарз дар сари роҳи онҳо дучор меомад, амал намоянд. Албатта, қудрати чандон номаҳдуди инквизитсия зуд-зуд сабаби пайдоиши зиддиятҳо миёни рӯҳониёни маҳаллӣ ва усқуфон мегардид.

Мегӯянд, ғайрате, ки бо он душманони калисои Румро таъқиб менамуданд, бо овозаҳои дар тамоми Аврупо паҳн гардида, ки мувофиқи он, гӯё Григорий аз масеҳият даст кашиданист ва ба мусулмонӣ рӯ овардан мехоҳад, барангезонида шуда буд. Барои

барҳам додани ин овозаҳо, Григорий бар зидди душманони Рум – масеҳиёни дигарандеш, яҳудиён ва мусулмонон юришҳои бераҳмонаи салибкашонро оғоз намуд.

Ҳар як додгоҳи иннвизитсия тақрибан аз 20 нафар иборат буд: инквизитори асосӣ, се инквизиторони роҳбарикунанда ё доварон, ҷавобгар барои молия, амалдори шаҳрвандӣ, хизматгори маблағқабулкунанда ва барандаи хазина, хизматгори ҷавобгӯ барои молу мулки мусодирашуда, якчанд амалдорони экспертӣ, ки ба молу мулк баҳогузорӣ мекунанд, посбони ҳабсхона, машваратчиён дар соҳаи пурсупосгузаронӣ ва баровардани ҳукм, ҷаллодон барои шиканҷа додан, буғӣ кардан ва зинда сӯзондан, духтурон, ки гузаронидани шиканҷаҳоро назорат мекарданд, ҷарроҳон, ки барои муолиҷаи одамон баъд аз шиканҷадиҳӣ ҷавобгар ҳастанд, котиб, ки тамоми ҷараёнро навишта мегирифт, рӯҳонӣ, ки тавба карданро дар забони лотинӣ мегузаронд, дарвозабон, одамоне, ки ба боварии шахсони дар бидъаткорӣ гумонбаршуда даромадаанд, то ки баъдтар бар зидди онҳо шаҳодат диҳанд. Ҳангоми гузаронидани пурсиш инчунин шоҳидон ё ахборотдиҳандагон, ки айби гумонбаршудагонро тасдиқ менамуданд, иштирок мекарданд ва одамони манфиатдор, ки дар махфӣ нигоҳ доштани гузаронидани ҳар гуна пурсиш ва шиканҷаҳо, ки шоҳидони он буданд, қасам ёд мекарданд.

Дар аввал инквизитсия танҳо ба масъалаҳои бидъаткорӣ таваҷҷӯҳ зоҳир менамуд, вале ба зудӣ доираи таваҷҷӯҳи он васеъ гардид ва инчунин ҷодугарӣ, кимиё, осигӣ (богохульство), таҳрифҳои шаҳватпарастона, фарзандкушӣ, хондани Китоби Муқаддас дар забони модарӣ, хондани Талмуди яҳудӣ ё Қуръони мусулмониро дар бар гирифт. [Азбаски дар асри XV шумораи бидъаткорон кам шуда буд, ба қатл тавассути сӯзондан мӯъҷизакорон ва ҷодугаронро дар шумораи зиёд маҳкум мекарданд, то ки бо чунин тарз вуҷуд доштани инквизитсияро дуруст шуморида, мӯҳлати онро дароз намоянд.] Бояд қайд намуд, ки инквизиторҳо пурсишҳо ва шиканҷаҳои худро бо

бераҳмии бениҳоят бузург, бе ягон раҳму шавқат нисбати одамон, бе назардошти сину соли онҳо, ҷинс, нажод, насаб, мавқеъ дар ҷамъият, ҳолати ҷисмонӣ ё ақлии онҳо мегузаронданд. Онҳо махсусан нисбати шахсоне, ки бар зидди таълимотҳои папа ё ҳокимияти ӯ баромад мекарданд, хеле золим буданд, хусусан нисбати онҳое, ки пештар католик буданд ва протестант шуданд.

Дар додгоҳи инквизитсия ҳимоя дар ҳақиқат ҳеҷ фоидае надошт, бо сабаби пеш овардани шумораи кофии ҳақиқатҳое, ки гуноҳро тасдиқ менамуданд ва шахс ҳар қадаре, ки дорои боигарии калон буд, ҳамон қадар хатари зиёд ба ӯ таҳдид мекард. Бисёр вақт одамро на барои бидъаткор будани ӯ, балки барои боигарии ӯ қатл мекарданд. Ба туфайли ҳамкорӣ бо инквизитсия заминҳо ва хонаҳои зиёд, вилояту минтақаҳои яклухт ба калисои католикии папа ҳамроҳ мегардиданд.

Айбдоршавандагон аз ҷониби инквизитсия ҳуқуқи донистани номҳои айбдоркунандагони худро надоштанд, барои айбдор намудан ду ахборотдиҳанда кофӣ буд. Инквизитсия ба истифодаи ҳама гуна усулҳо роҳ медод, ки дар натиҷаи он айбдоршавандагон ба гуноҳи худ иқрор мешуданд, ҳамин тавр, айби ба онҳо нишондодашударо тасдиқ мекарданд ва ба худ ҳукм мебароварданд. Ҳар намуд шиканҷаҳои ҷисмонӣ, ки ба худ тасаввур кардан мумкин буд, истифода мешуданд: шиканҷаи махсуси кашидани бадан, сӯзондан бо ангиштҳои сӯхтаистода ё метали тафсон, шикастани ангуштон, майда кардани дасту пойҳо, шикастани дандонҳо. Баданро бо анбӯрҳои махсус мефушурданд, бо чангакҳо меканданд, пораҳои хурдро аз он бурида мегирифтанд, бо сӯзанҳо мехалонданд, сӯзанҳоро ба даруни нохунҳои дасту пой зада медаровардаанд, баданро бо ресмонҳо мепечонданд ва онҳоро таранг мебастанд, то вақте ки он баданро то устухон мебурид, қамчинкорӣ мекарданд, бо қамчинҳои гуногун, химчаҳо, муштҳо, таёқҳо зарбулат менамуданд, устухонҳоро аз буғумҳояш мебароварданд. Усулҳое, ки инквизиторони золим истифода мебурданд,

барои номбар кардани ҳамаи он хеле сершумор ва даҳшатнок мебошанд.

Дар оғози пурсиш, ки хизматчӣ батафсил дар забони лотинӣ менавишт, гумонбаршудагон ва шоҳидон бояд қасам мехӯрданд, ки дар бораи ҳама чиз нақл мекунанд. Сарпечӣ аз қасам хӯрдан, ҳамчун иқрор шудан ба гуноҳ, баҳо дода мешуд. Агар онҳо айбномаи ба онҳо нишондодашударо бе исботи бегуноҳии худ рад менамуданд, якравона аз иқрор шудан ба гуноҳи худ сар мепечиданд, дар бидъаткории худ боисрор мемонданд, он гоҳ онҳоро ба ҷазои сахттарин дучор мекарданд, молу мулки онҳо мусодира мешуд, худи онҳоро бошад, фавран ба ҳукми сӯзондан маҳкум мекарданд. Бо сабаби риёкории бузурги калисои папа, ки тасдиқ менамуд, ки он ба хун рехтан ҳуқуқ надорад, бидъаткоронро ба дасти ҳокимияти халқӣ медоданд, ки онҳоро ҷазо медод ва қатл менамуд.

Баъд аз анҷоми ҳукм инквизитсия дар ҷои қатл маросимҳои ботантана мегузаронд. Онҳо бо номи «sermo generalis» («табрикномаи асосӣ») ё «auto de fe» («амали боварӣ») маълуманд, чуноне, ки онҳоро дар Испания меномиданд. Дар чунин маросим ҳокимони маҳаллӣ, рӯҳониёни католикӣ ва ҳамаи онҳое, ки майли назорат кардани ҷазо ва қатлро доштанд, новобаста аз он, ки онҳо дӯстон ё душманони бидъаткорон буданд, ширкат меварзиданд. Агар бидъаткорони айбдоршуда дар бидъаткории худ иқрор мешуданду аз он даст мекашиданд, он гоҳ онҳо ҷазои мувофиқ мегирифтанд. Он метавонист гуногун бошад – аз қамчинкории бераҳмона, то бадарға ба галераҳо (киштии калони бодбондори ҳарбии қадимӣ, ки ба воситаи белҳои сершумор меронданд). Дар ҳар ҳолат, тамоми молу мулки айбдоршудагон мусодира мешуд ва ба тасарруфи ё калисои католикӣ, ё ҳокимияти маҳаллӣ мегузашт. Агар айбдоршудагон дар бидъаткории худ боисрор мемонданд, онҳоро расман лаънат мекарданд ва ба дасти ҷаллодон медоданд, ки худи ҳамон замон ҳукмро ба ҷо меоварданд: бидъаткоронро

дар ҳузури ҳама месӯзонданд. Ин қатли оммавиро гузаронда, рӯҳониёни Рум умед доштанд, ки тарс дар пеши инквизитсия ба ақл ва қалбҳои онҳое, ки алангаро, ки бидъаткорони бар зидди калисои папа ба исён ҷуръат намударо фурӯ мебурд, назорат мекарданд, чуқур медарояд. Вале онҳое, ки ҳақиқатан ба Масеҳ эътиқод доштанд, мардонагии азияткашон ва файзи Худоро, ки ба онҳо дар шиканҷаҳо ва оташ қувват медод, дида, баръакс дар имони худ устувор мегардиданд.

Ҳарчанд инквизитсия дар тамоми ҷаҳон шиддат мегирифт, дар Испания он бештар фаъол ва золимона буд ва равшан нишон дод, ки ба одамони осӣ, ки худро муқаддас меҳисобиданд, додани қудрати номаҳдуд бар ҷисм ва ҳаёти халқ то чӣ андоза хатарнок аст.

Испания

Рӯйхати шумораи аз ҷониби инквизитсия азоб дода, кушта шудагон дар тамоми ҷаҳон амалан вуҷуд надорад, аммо баъзе ҳуҷҷатҳо, ки ба инквизитсияи Испания тааллуқ доранд, то ба мо омада расидаанд.

Дар Испания 17 трибунал (муассисаи фавқулоддаи суд) буд, ки ҳар яки он қариб 10 бидъаткорро дар як сол ба сӯзондан маҳкум мекард. Ҳазорҳо нафар аз шиканҷаҳо ва азобҳо гузаштанд ва ҳамин тавр аз захмҳои гирифтаашон шифо ёфта натавонистанд. То замони мавҷудияти иквизитсияи Испания қариб 32 ҳазор одам танҳо ба хотири розӣ набудан бо таълимотҳои папа гунаҳкор дониста шуданд, ё ба ҷодугарӣ айбдор карда шуданд ва баъд аз шиканҷаҳое, ки тасвирнопазиранд, сӯзонда шуданд.

Ба ғайр аз ин, шумораи ба ҷазо маҳкумшудагон, ки одатан бадарғашавӣ, мусодираи молу мулк, таъсири ҷисмонӣ бо рехтани хун ё вайрон кардани тамоми ҳаётро нишон медод, 339 ҳазор одамро ташкил мекард. Лекин, ба ин шумора одамоне, ки ҳангоми шиканҷадиҳӣ дар маҳбасхонаҳо фавтидаанд, онҳое, ки

бистарӣ буданд ва дар хонае, ки аз калламушҳо ва паразитҳо виҷҷас мезад, қарор доштанд, онҳое, ки аз захмҳои ҷисм ва қалб фавтидаанд, дохил нашудаанд. Ба ин шумора инчунин, миллионҳо одамоне, ки дар таъминоти азоб дода кушташудагон қарор доштанду, пеш аз мӯҳлати худ, аз паси марги азияткашон фавтиданд, надаромадаанд. Шумораи онҳо танҳо дар осмон маълум аст ва дар Рӯзи Қиёмат кушода мешавад.

Дар с. 1483 бо талаботи ҳокимони румӣ католикии Испания, Фердинанди II Арагонӣ ва Изабелаи I Кастилӣ, папа Сикстуси IV инквизитсияи испании мустақилро ташкил намуд, ки онро Шӯрои Олии калисо (синод) ва инквизитори асосӣ роҳбарӣ мекарданд. Дар соли 1487 папа Иннокентий VIII роҳиби доминикании испанӣ Томас де Торквемадаро инквизитори асосӣ таъин намуд. Таҳти роҳбарии ӯ ҳазорҳо масеҳиён, яҳудиён, мусумонон ва онҳое, ки дар ҷодугарӣ гумонбар шудаанд, кушта ё азоб дода шуда буданд. Протестантон ва аламбрадосон (зоҳидони испанӣ) дар зери хатари калон буданд.

Номи Торквемада муродифи бераҳмӣ, мутаасибӣ (фанатичность), бетоқатӣ ва нафрат гардида буд. Дар Испания ин инсони аз ҳама хавфнок буд. Дар муддати ҳукмронии худ аз с. 1487 то с. 1498 ӯ шахсан фармон додааст, ки зиёда аз ду ҳазор одамро сӯзонанд, яъне ӯ тақрибан 181 одамро дар як сол маҳкум менамуд, дар ҳоле, ки трибунали Испания дар як сол танҳо 10 одамро месӯзонд.

Инквизиторони аввалини Испания, ки аз ҷониби ҳокимони румӣ католикӣ дастгирӣ карда мешуданд, дар истифодаи шиканҷаҳо ва ба даҳшат овардани халқ он қадар бераҳм буданд, ки ҳатто папа Сикстуси IV аз хондани ҳисоботҳои онҳо ба ҳарос меомад, лекин вай аллакай наметавонист, даҳшатҳои рухдодаистодаро, ки худ онҳоро дар Испания ба вуҷуд оварда буд, қатъ намояд. Вақте ки Торквемада инквизитори асосӣ таъин гардид, ӯ бо инквизитсия ҳамон тавр роҳбарӣ мекард, ки гӯё худои Испания буд ва «ҳуҷуми рӯҳониро» эълон намуд.

Инквизитсия Испания, ки бетараҳҳум дониста шуда буд, дар асл огоҳ набуд, ки бераҳмии ҳақиқӣ чист, то вақте ки Торквемада сарвари онҳо нагардид.

Дар с. 1492 инквизитсия аз Испания тамоми яҳудиён ва марокашиёнро бадарға менамуд, ё кӯшиш мекард, ки онҳоро бо зӯрӣ ба мазҳаби католикии румӣ рӯ биёрад. Аз ҷониби Торквемада маҷбур гардида, Фердинант ва Изабелла аз Испания зиёда аз 160 ҳазор яҳудиёнро, ки ба мазҳаби папа имон наоварданд, бадарға карданд.

Бо мақсадҳои сиёсӣ амал намуда, инквизиторон муҳоҷирон ва ҳиндуёни (индейцы) имоновардаро дар мустамликаҳои испании Амрико зери назорати худ гирифта буданд.

Ба сустшавии даврии фаъолият нигоҳ накарда, инквизитсия то асри XIX (то с. 1834 – дар Испания ва то с. 1821 – дар Португалия) ҳамчун қувваи амалкунанда боқӣ мемонд, баъд аз ин исми худро тағйир дод, вале барҳам нахӯрд. Дар с. 1908 инквизитсия аз нав ташкил карда шуд ва номи палатаи муқаддаси Конгрегатсионо гирифт. Дар анҷумани Дуюми Ватикан дар с. 1965 Павлуси VI аз нав номи онро тағйир дод ва он «Конгрегатсияи таълимотҳои дин» гардид. Имрӯз, чуноне, ки тасдиқ мегардад, он аз интишори бидъатҳо дида, бештар бо корҳои мусбӣ бо тадқиқоти рост будани таълимотҳо машғул аст.

6.
Кор ва таъқиботи Ҷон Уиклиф (1377-1384 сс.)

Ҷон Уиклиф – зодаи Йоркшир, Англия мебошад. Ӯ дар донишгоҳи Оксфорд таҳсил мекард, ки дар он ҷо фалсафа ва илми фиқҳи схоластикиро меомӯхт, дертар бошад, онро дар худи ҳамон ҷо таълим медод ва ҳамчун фақеҳ – схоластики забардаст ва иштирокчии ояндадори музокираҳои замони худ машҳур гардид. Дар соли 1374 ӯ ба хизмати подшоҳӣ ворид гардид ва ба шаҳри Бругес дар шимолу- ғарбии Белгия барои бурдани музокираҳо бо намояндагони папа оид ба масъалаи пардохти боҷу хироҷ ба Рум, ки калисои католикии Рум онро талаб намуда буд, фиристода шуд.

Уиклиф ба Ҷон Гаунт, гертсоги Ланкастер ҳамроҳ шуда, бар зидди мудохилаи калисо ё аҳли дин ба ҳаёти сиёсӣ баромад менамуд. Дар ин вақт ӯ инчунин бар зидди ҳуқуқҳое баромад мекард, ки ба калисо дода шуда буданд ва талаб менамуд, ки нисбати боигарӣ, худфурӯшӣ ва сӯиистифодаи он ислоҳот гузаронанд. Уиклиф фикр мекард, ки подшоҳ барои тоза кардани

калисо дар Англия дорои қудрати қонунӣ мебошад. Нуқтаи назари ӯ дар мухолифати қатъӣ, таҷриба ва таълимоти калисои румӣ-католикӣ асос мегирифт. Бо ҳамин сабаб саррӯҳониён, роҳибон ва кашишҳо бар зидди Уиклиф ва пайравони ӯ, ки номи «лоллардҳо»-ро гирифта буданд, баромад намуданд.

Уиклиф олим ва файласуфи барҷастаи оксфорд буд. Ҳатто душманони таълимотҳои ӯ дар зери таассуроти далелҳои пуртаъсири мантиқии ӯ бо ин розӣ мешуданд. Пас аз чанд сол баъд аз вафоти ӯ яке аз онҳо бо номи Валден дар мактуб ба папа Мартини V иқрор шуд: «Ман аз далелҳои пуртаъсири ӯ, қудрати ӯ, қувваи эҳсосот ва хираду боэътимоди ӯ ғайриоддӣ дар ҳайрат монда будам».

Уиклиф ҳамон вақт амал менамуд, ки дини расмӣ вайрон ва ришвахӯр гардида буд. Одамон Худовандро танҳо дар забон эътироф менамуданд, вале бо ҳаёти худ қудрати Ӯро, ки қобилияти тағйир додани одамонро дошт, инкор мекарданд. Барои бисёр касон танҳо анъанаю маросимҳо муҳим буданд ва танҳо баъзеҳо Исои Масеҳро эътироф менамуданд. Ин давраи ҷаҳолати рӯҳонӣ буд. Одамон аз имконияти бевосита аз Навиштаҷот гирифтани маърифат маҳрум буданд, бинобар ин, аксарияти онҳо дар олами зулмот ва шубҳа қарор доштанд ва аз тарафи диндорон бар он мӯътақид шуда буданд, ки иштирок дар маросимҳо ва таҷрибаи калисо, гӯё онҳоро наҷот медода бошад.

Масеҳиёни аввалин бо одамони ин ҷаҳон таъқиб мегардиданд ва азоб дода мешуданд, вале Ҷон Уиклиф ба таъқиботҳо аз тарафи одамоне рӯ ба рӯ гардид, ки бо номи Масеҳ худро муқаддас меномиданд. Рӯҳониёни католикӣ аз таълимоти ӯ ба ғазаб омада буданд. Онҳо ба ӯ бо ҳар роҳи имконпазир муқобилат нишон медоданд. Дар аввал бар зидди ӯ танҳо роҳибон бархостанд. Сипас, ба онҳо кашишҳо, усқуфон ва усқуфони аъзам ҳамроҳ шуданд. Усқуфи аъзам Симон Садбур Уиклифро аз кор дар Оксфорд хориҷ кард. Ниҳоят папа бар зидди ӯ чораҳои қатъӣ дид. Якчанд вақт ба Уиклиф муяссар

гашт, ки аз фишор аз тарафи калисои католикӣ, ба туфайли ҳамроҳ шудан ва ҳусни тавақҷӯҳ аз ҷониби Ҷон Гаунт, гертсоги Ланкастер ва лорд Генри Перс, графи аввалини Нортумберленд, ки 20 феврали с. 1408 дар шуриш бар зидди Генрихи IV дар Брамхам Мур кушта шуда буд, раҳо ёбад. Ниҳоят бо вуҷуди дастгирии ду инсони бонуфуз дар с. 1377 ба усқуфон муяссар гардид, ки Симон Садбурро дар шурӯъ намудан ба амалҳои муайян бар зидди Уиклиф розӣ кунонанд.

Садбур ба Уиклиф таълим додани «таълимотҳои бардурӯғи» худро манъ намуд ва ба ӯ амр кард, ки дар шӯрои усқуфон ҳозир шавад. Ҳокимони ашроф, ки Уиклифро дастгирӣ мекарданд, чор роҳибро пайдо намуданд, ки ихтиёран ба шӯрои усқуфон бо ҳамроҳии ӯ омадан розӣ шуданд.

Шӯро дар калисои ҷомеи Павлуси Муқаддас дар Лондон гузаронида мешуд. Гертсогҳо ва баронҳо бо ҳамроҳии усқуфони аъзам ва усқуфон дар калисои Биби Марям (Богородица) менишастанд. Аз Уиклиф талаб намуданд, ки дар пеши онҳо рост истад. Аммо, Лорд Перси ба Уиклиф таклиф намуд, ки нишинад, зеро ба ӯ лозим меомад, ки ба саволҳои зиёд ҷавоб диҳад. Ин усқуфи Лондонро ба ғазаб оварда, ки рост истодани Уиклифро талаб намуд. Баъд гуфтугузори чандон дурудароз ба амал омад ва издиҳом бетоқатии худро нишон медод, хусусан вақте ки далелҳои овардашуда ба халқ ва амалҳои он бар зидди аҳли дин ва муносибати динии калисо ва фаъолияти он бар зидди дарбориён тааллуқ дошт. Далелҳо ҳамон вақт қатъ гардиданд, ки гертсог Ланкастер ба одами дар наздаш нишаста рӯ оварда, дар ҳаққи усқуфи Лондон як чизи таҳқиромез гуфт, илова бар он, онро хеле баланд талаффуз намуд, ки тамоми ҳозирин инро шуниданд. Ин эътирози баланди издиҳомро ба вуҷуд овард, одамон фарёд мезаданд, ки бо усқуфи худ ба чунин муомила кардан иҷозат намедиҳанд, дар натиҷа маҷлис бо дашномҳо ва фарёдҳо қатъ гардид ва соати нӯҳи субҳ ҷавоб дода шуд. Шӯро ҳамин тавр ба вуқӯъ наомад.

Дере нагузашта, баъд аз он, ки Ричарди II бобои худ Эдварди III-ро дар тахт иваз намуд ва дар с. 1377 подшоҳи Англия гардид, усқуфони румӣ аз нав бар зидди Уиклиф дар асоси якчанд банди таълимоти ӯ бархостанд, маҳз:

1. *Нону шароби табаррукӣ баъд аз табаррукӣ кардани он бо рӯҳонӣ, дар маънии аслӣ бадани Масеҳ намешавад.*
2. *Калисои Румӣ сари ҳама калисоҳо шуда наметавонад, чуноне ки Петрус аз дигар ҳавворион дида, аз Масеҳ қудрати зиёдтаре нагирифта буд.*
3. *Папа аз дигар ходими калисо дида, дорои бештари калидҳои калисо намебошад.*
4. *Инҷил худ аз худ қудрате мебошад, ки барои идора кардани ҳаёти масеҳӣ дар рӯи замин басанда аст, бинобар ин, ба дигар қудрат эҳтиёҷе нест.*
5. *Тамоми қонунҳое, ки бо одамони диндор барои идора кардан омода гардидаанд, наметавонанд, Инҷили Исои Масеҳро такмил диҳанд, чуноне ки ранги сафедро аз ин ҳам сафедтар карда намешавад.*
6. *На папа, на дигар як саррӯҳонӣ барои ҷазо додани гунаҳкорон набояд, ки зиндонҳо дошта бошанд.*

Ба Уиклиф усқуфон ва саррӯҳониён аз нав фармон доданд, ки ба таълимотҳои худ таълим надиҳад, вале ин ӯро дар мақсади ба одамон расондани ҳақиқати Навиштаҷот танҳо устувор гардонид. Ӯ пайваста дастгирии аксарият дарбориёнро эҳсос менамуд ва боз таълимоти худро дар миёни халқи оддӣ интишор мекард.

Дар соли якуми ҳукмронии шоҳ Ричарди II, папа ба донишгоҳи Оксфорд булла (ярлиқи папаи Рум) фиристод, ки дар он роҳбарияти донишгоҳро сарзаниш менамуд, зеро он «таълимотҳои Уиклифро бурида напартофт» ва ба он имконият дод, ки муддати дароз давом кунад, ки он реша давондааст.

Нозирон ва сарони коллеҷ дар донишгоҳ дар байни худ маслиҳат мекарданд, ки булларо қабул кунанд ё онро чун як чизи нанговар рад намоянд. Ана мазмуни булла:

«Ба туфайли одамони мӯътабар ба мо дар бораи Ҷон Уиклиф, ректори Луттерворфи епархияи Лондон, профессори илоҳиёт маълум гардид, ки ӯ то дараҷаи аблаҳии нафратангез паст шудааст, ки аз таълим додан ва ошкоро маъвиза кардан ва ҳатто аз қалби худ палидӣро бароварда партофтан, мулоҳизаҳо ва хулосаҳои ғалатнок ва бардурӯғи худ намеҳаросад, ки дар онҳо омехтаи вайроншавии бидъаткорона ва ахлоқӣ, кӯшиши суст намудан ва сарнагун кардани калисо ва ҳатто ҳокимияти ҷаҳон аз мавқеи ишғолнамудаашон дида мешавад.

Ӯ чунин мулоҳизаҳоро дар тамоми подшоҳии Англия паҳн менамояд, дар давлати подшоҳие, ки дар қудрати худ он қадар бузург аст ва боигарии зиёд дорад, ҳарчанд аз покии имони ҳақиқӣ хеле дур аст, он имоне, ки мардон дар фаҳмиши равшан ва солими Навиштаҷот нишон медиҳанд, ки дар кирдорҳои худ баркамоланд, дар садоқат беҳамто ва дар ҳимоягарони католикии худ мардонаворанд. Баъзеҳоро аз рамаи Масеҳ ӯ бо таълимотҳои худ вайрон намудааст ва аз роҳи рости имони ҳақиқӣ ба дӯзах бурдааст.

Хуллас, мо намехоҳем ҳолати рӯҳ додаистодаро, ки метавонад ба паҳншавии зиёнҳои марговар оварда расонад, ба эътибор нагирем ва бо қудрати ба мо супурдашуда ба шумо амр мекунем, ки Ҷонро дастгир намуда, ӯро дар зери посбонии боэътимод ба назди бародарони поки мо, усқуфи аъзам Кентерберийский ва усқуфи Лондон фиристед».

Дар ду мактуби дигари папа ғазаби чуқури ӯ нисбати Ҷон Уиклиф тавсиф шудааст. Дар яке аз онҳо гуфта шудааст, ки агар усқуфон дар давоми се моҳ оиди ин масъала ягон қарорро қабул карда натавонанд, папа талаб дорад, ки Уиклиф ба назди вай ҳозир шавад. Мактуби дигар, ки ба усқуфони англис фиристода шудааст, онҳоро мӯътақид менамуд, ки ҳокимияти халқиро пешакӣ огоҳ намоянд, аз он ҷумла подшоҳро, то ин ки ҳеҷ кас ба таълимотҳои Уиклиф бовар накунад. Ин мактубҳо муттаҳид шудани қуввахои усқуфон бар зидди Уиклиф гаштанд. Онҳо талаб намуданд, ки Уиклифро ба додгоҳи онҳо биёранд, то ки барои бидъаткории вай ӯро аз рӯи адолат ҷазо диҳанд.

Вале, вақте рӯзе расид, ки дар он пурсиши Уиклиф таъин шуда буд, дарбории подшоҳ Ричарди II бо номи Люис Клиффорд расида омад ва ба усқуфон давом додани пурсишро, ки мақсади он баровардани ҳукм ба Ҷон Уиклиф буд, манъ намуд. Суханони Клиффорд усқуфонро он қадар ба ҳайрат оварданд, ки бисёрии онҳо аз забон монданд. Инак, ба туфайли кори мӯъҷизаноки тақдири Худо Ҷон Уиклиф бори дуюм аз ғазаби усқуфон раҳо ёфт.

Уиклиф бо имконияти нави таълим додан ва маъвиза кардан фаро гирифта шудааст. Ҳар қадар, ки зиёд ӯ ин корро мекард, ҳамон қадар зиёд усқуфон ва дигар ҳокимони калисо ба ғазаби калон гирифтор мешуданд. Дар моҳи марти соли 1378 папа Григорий XI, ки ба Уиклиф нохушиҳои зиёд расондааст, ногаҳон вафот намуд. Дар калисои ғарбии Рум «Мухолифати бузурги папаӣ» оғоз ёфт. Ин давраи низоъ ва бетартибиҳои папаӣ буданд, ки то анҷумани Констанский дар соли 1417 давом ёфт ва дар он папа Мартини V интихоб гардид.

Тақрибан, ҳамин вақт дар давоми се сол дар Англия миёни халқи оддӣ ва аъёну ашрофон муҳорибаи бераҳмона рӯй медод. Дар ин муҳориба Симон Садбур, усқуфи аъзами Кентерберийский дастгир гардида, сар аз тан ҷудо карда шуд. Ҷои ӯро ҳамчун саррӯҳонӣ Уилям Кортни, сарвари католикӣ

ишғол намуд, ки бидъаткоронро аз пешгузаштаи худ дида, на камтар бо ҷидду ҷаҳд маҳв менамуд.

Дар ҳар сурат, гурӯҳи лоллардони Уиклиф қувват мегирифт ва ба Англия таъсири зиёдтар мерасонд, то вақте ки канслери донишгоҳи Оксфорд Уилям Бертон ҳашт докторони дайр (монастырь) [роҳибон] ва чор каси дигарро, ки ахборотро нашр намудаанд ва мувофиқи он ҳамаи онҳоеро, ки ба Ҷон Уиклиф ва пайравони ӯ ҳамроҳ мешаванд, ҷазои сахт интизор аст, даъват нанамуд. Бертон бевосита ба худи Уиклиф муроҷиат намуд ва ба ӯ бо такфир намудан аз калисо ва ба зиндон партофтан таҳдид намуд. Ахборот ба Уиклиф ва пайравони ӯ се рӯз мӯҳлат медод, ки дар давоми он онҳо имконият доштанд, ки аз «таълимоти ғалат ва бардурӯғи» худ даст кашанд.

Дар ҷавоб Уиклиф қарор дод, ки аз папа ва аҳли дин қатъи назар карда, рост ба подшоҳ муроҷиат намояд. Аммо, гертсог Ланкастер ӯро аз чунин амал боздошт ва розӣ намуд, ки ба додгоҳи усқуфи епархияи ӯ итоат намояд. Ҳамин тавр, Уиклиф, ки бо душманон ва мушкилиҳо иҳота гардида буд, бояд аз нав, ба таври оммавӣ дар назди рӯҳониёни Рум таълимотҳои худро баён мекард.

Дар соли 1382, дар Рӯзи Дунстани Муқаддас, тақрибан соати дуи рӯз усқуфи аъзами Кентерберийский бо ёрдамчиёни худ, бо баъзе докторони илоҳиёт, ҳуқуқшиносон, профессорон ва дигар намояндагони аҳли дин дар дайри (монастырь) доминиканӣ, дар Лондон барои таҳлили китобҳо ва таълимоти Уиклиф ҷамъ омаданд. Тақрибан, дар ҳамин вақт заминларзаи харобкунанда тамоми Англияро ба ларза овард. Бисёре аз иштирокунандагон ҳангоми пурсиши Уиклиф қарор карданд, ки ин нишонаи бад аст, баъзеҳо бошанд, ҳатто пешниҳод намуданд, ки аз мақсадҳои худ даст кашанд. Аммо, усқуфи аъзам гуфт, ки онҳо маънии заминларзаро нодуруст фаҳмидаанд ва ба ӯ муяссар гардид, ки онҳоро барои идома додани кор бовар кунонад. Сипас, ӯ баъзе қайдҳои Уиклифро барои гурӯҳи ӯ бо

овози баланд хонд ва бо қатъият изҳор намуд, ки таълимоти ӯ бидъаткорона мебошад, зеро ба анъана ва таълимоти калисои католикӣ мухолифат менамояд. На танҳо таълимот ғалатӣ мебошад, исбот мекард усқуфи аъзам, балки худи пайравони он ҳам беимон мебошанд.

Заминларза каме шасти онҳоро гардонда буд ва намояндагони аҳли дин бо усқуфи аъзам пурра розӣ набуданд. Яке аз иштирокчиён арз намуд, ки ба ин монанд хирқаи (феномен) табиӣ дар яке аз калисоҳо, дар яке аз тафтишотҳои пешинаи кори Уиклиф рух дода буд. Он вақт дари калисоро барқ зада буд ва одамоне, ки дар он ҷо буданд, базӯр аз алангаи осмон халос шуданд. Муҳокимаи таълимоти Уиклиф ва худи ӯ тӯли чанд соат давоми кард. Натиҷаи маҷлис дар дайри доминиканӣ ваколатнома бар зидди Ҷон Уиклиф ва пайравони ӯ гардид, ки усқуфи аъзам Кентерберийский ба усқуфи Лондон фиристод.

«То гӯши мо расидааст, ки агарчи мувофиқи қонуни калисо ягон одам, ки ба ӯ манъ карда шудааст, ё аз ҷониби калисо фиристода нашудааст, ҳуқуқи дар омма, ё шахсан маъвиза карданро надорад, ки на дорои қудрати ҳавворӣ, на усқуфӣ мебошанд, баъзе шахсиятҳо, фарзандони мамот, ки бо қудсият рӯпӯш шудаанд, бо хиради худ то он ҳолат расидаанд, ки бар зиммаи худ ихтиёри маъвиза карданро мегиранд ва аз тасдиқ кардани он намеҳаросанд, таълим медиҳанд, ошкоро маъвиза мекунанд, чӣ дар калисоҳо, ҳамчунин дар кӯчаҳо ва дар дигар ҷойҳои музофоти мо, хулоса ва мулоҳизаҳои бидъаткорона, ғалатӣ ва хатокорона мекунанд, ки бо калисои Худованд маҳкум карда шудаанд ва ба қарорҳои калисои муқаддас мухолифат мекунанд, аксарият масеҳиёни некро мубтало мекунанд ва аз дини католикӣ ба гумроҳӣ мебаранд, ки бе он наҷот нест.

Мо насиҳат дода, пешакӣ огоҳ мекунем, ки аз ин пас, ягон одам новобаста аз мавқеъ ва вазъияти худ ҳуқуқи риоя кардан, таълим додан, маъвиза кардан ё ҳимоя кардани бидъат ва гумроҳии дар боло зикршударо надорад; Ҳеҷ кас ҳуқуқи гӯш кардан ё аҳамият доданро ба маъвизаҳои аз ҷониби бидъаткорон ё гумроҳшудагон гуфташуда надорад, ҳуқуқи маъқул донистан ё дастгирӣ кардани онҳоро дар пеши мардум ё дар гуфтугӯи шахсӣ надорад, лекин ҳама бояд аз онҳо эҳтиёт шаванд ва канорагирӣ намоянд, чуноне ки аз морҳои заҳрнок дар ҳароси бузург аз лаънат эҳтиёт мешаванд.

Бар замми ин, мо ба бародарони худ мефармоем, ки масъалаҳои ба ин монандро эҳтиёткорона ва бо ҷидду ҷаҳд тафтиш намоянд ва ба мурофиаи додгоҳӣ кашанд».

Дар ин вақт канслери донишгоҳи Оксфорд Роберт Руҷ таъин гардид, ки вай ба Ҷон Уиклиф ва маъвизаи Инҷили Исои Масеҳ ғайричашмдошт хайрхоҳона муомила намуд. Ӯ ҳар замон ба амалҳое, ки бар зидди Уиклиф равона шуда буданд, муқобилат менамуд ва ҳамин тавр ба паҳн намудани Инҷил мусоидат намуд, ки аз тарафи қудрати калисо ба он хатари бузург таҳдид менамуд. Вақте ки ба халқ маъвиза кардан лозим меомад, ӯ хизматгузоронеро, ки ба Ҷон Уиклиф хайрхоҳ буданд, мефиристод. Ду нафар аз онҳо – Ҷон Хантмен ва Уолтер Диш – Уиклифро ошкоро меписандиданд.

Дар ҳамон соли 1382, каме дертар, Филипп Репингдон ва Николас Херефорд дар иди Меъроҷ ва иди Бадани Масеҳ барои маъвиза кардан таъин шуданд. Дар дайри Фридесвайди Муқаддас [акнун–калисои Масеҳ] дар пеши мардум онҳо бар ҳимояи Уиклиф муроҷиатнома хонданд. Херефорд гуфт, ки Уиклиф инсони–бовафо, раҳмдил ва бегуноҳ аст. Роҳибони

ҳузурдошта аз чунин изҳорот дар ҳайрат монда буданд ва бо овози баланд эътироз намуданд. Ғавғои аз ҳама калонро иттиҳоди калисои кармелитӣ таҳти роҳбарии Питер Стоукс ба вуҷуд меовард.

Пеш аз саршавии иди Бадани Масеҳ баъзе роҳибон кӯшиш намуданд, то бифаҳманд, ки оё, Репингдон изҳороти ба изҳорти Херефорд монандро мекарда бошад. Онҳо ба розӣ кардани усқуфи аъзам Кентерберийский шурӯъ намуданд, то ки ӯ ба маъвиза кардани Репингдон дар ин рӯз муқобилат намояд. Ба Кармелит Питер Стоукс фармуда шуд, ки хизмат ва таълимоти Уиклифро дар пеши мардум тӯҳмат намуда, бадном кунад ва усқуфи аъзам Кентерберийский ба канслери Оксфорд навишта, ӯро бовар мекунонд, ки вазифаи Репингдонро ба сифати таблиғгар дар иди Бадани Масеҳ аз нав дида барояд.

Канслер ба рӯи мухолифин бо ҷасорат нигоҳ мекард ва усқуфи аъзам ва Питер Стоуксро барои паст кардани обрӯи донишгоҳ ва халалдор намудани оромӣ дар он маломат намуд. Ӯ изҳор дошт, ки усқуфи аъзам нисбати донишгоҳ ягон хел қудрат надорад ва донишгоҳ қарорҳои шахсии худро, ки ба масъалаҳои ба ин монанд тааллуқ доранд, қабул мекунад. Ӯ дар пеши мардум изҳор дошт, ки ба ҳеҷ ваҷҳ ба кармелитиҳо ёрдам намедиҳад.

Дар рӯзи ид Репингдон бо маъвизаи худ ба пеш баромада, гуфт: «Дар ҳама масъалаҳои рӯҳонӣ ман устод Уиклифро ҳамчун доктори ҳақиқии католикӣ муҳофизат менамоям». Ӯ инчунин дастгирии гертсог Ланкастерро, ки барои ҳаракати Инҷил нишон дод, писандид ва маъвизаи худро бо таъриф кардани кор ва хизмати Ҷон Уиклиф ба охир расонд.

Баъд аз анҷоми маъвиза Репингдон, бо ҳамроҳии дӯстони зиёдаш, чуноне ки душманони онҳо фикр мекарданд, дар таги либосҳояшон яроқ пинҳон мекарданд, дар ҳоле, ки агар ба Репингдон ягон кас ҳамла намояд, ба калисои Фридесвайди Муқаддас даромад. Кармелит Питер Стоукс дар ибодатгоҳи

калисо пинҳон шуд ва гумон дошт, ки онҳо нақшаи ба ӯ ҳамла карданро доранд ва ба рафтан ҷуръат намекард, то он вақте ки Репингдон бо дӯстонаш дар калисо буданд. Дар донишгоҳ ҳама ба ҷасорати канслер шодӣ мекарданд ва аз маъвизаи Репингдон рӯҳбаланд гардида буданд.

Баъд аз бадарғашавии начандон тӯлонӣ, Уиклиф тавонист ба маҳалли Латтерворфск баргардад ва дар он ҷо ҳамчун шӯбон [кашиши маҳаллӣ] таъин гардид. Вай дар хобаш 31 декабри соли 1384, дар синни 56 солагӣ вафот кард. Дар бораи ӯ мегуфтанд: «Дар синни камолот ӯ айнан ҳамон чизеро нағз медид, ки дар ҷавониаш меписандид».

Душманони ашаддии Уиклиф – рӯҳониён буданд. Ӯ аз дастгирии халқи оддӣ ва ашрофон, ки дар миёни онҳо Ҷон Кленбон, Люис Клиффорд, Ричард Стари, Томас Лейтимер, Уилям Невил ва Ҷон Монтаки буданд, шод буд. Баъд аз марги Уиклиф ин одамон ба хотири эҳтиром нисбат ба таълимот ва назарияи ӯ, аз калисои вай муҷассамаҳо ва суратҳоро гирифтанд.

Муқобилатҳо ба Уиклиф ва таълимоти вай дар тӯли чандин солҳо баъд аз марги ӯ давом ёфтанд. 4 майи соли 1415 калисои Констанский қарор намуд:

«Калисои Муқаддас арз менамояд, муқаррар мекунад ва ба Ҷон Уиклиф чун ба бидъаткори ашаддӣ ҳукм мебарорад, ки дар бидъати худ устувор вафот намудааст. Калисо ӯро лаънат мекунад ва хотираҳои ӯро маҳкум менамояд. Калисо инчунин қарор мекунад ва супориш медиҳад, ки ҷасад ва устухонҳои ӯ, агар онҳо дар миёни дигар ҷасадҳои одамони боимон дарёфт карда шаванд, аз хок берун оварда шавад ва аз қабристонҳои калисо, мувофиқи қоида ва қонунҳои муқарраршуда, дуртар партофта шаванд».

Баъд аз 31 соли вафоти Уиклиф калисои Контстанский ҷасади ӯро аз қабр берун овард, онро сӯзонд ва хокистарашро ба дарё партофт. Таъқибгарон гумон доштанд, ки ҳамин тавр таъсири сустнашавандаи таълимоти ӯро бекор мекунанд, вале ин ба амал наомад. Чӣ тавре ки фарисиён гумон мекарданд, ки Масеҳро кушта ва ҷасади Ӯро дар ғори торик монда, онҳо Ӯро абадан маҳв мекунанд, ҳамин тавр калисо ҳам, ки ба Ҷон Уиклиф муқобилат нишон медод, фикр мекард, ки чунин амали рамзиии нобуд кардани «бидъаткор» ва партофтани хокистари ӯро ба ҷо оварда, хотираи ӯро дар миёни пайравонаш нобуд мекунанд. Вале, чун фарисиён, онҳо мағлубияти худро диданд, зеро ҳеҷ чиз Исои Масеҳро боздошта наметавонист ва ягон чиз ҳақиқатро боздошта наметавонад.

Бо вуҷуди он, ки Ҷасади Уиклиф сӯзонда ва хокистараш ба дарё партофта шуд, Каломи Худо ва ҳақиқати таълимотҳои Уиклиф маҳф карда намешаванд ва дигарон кори оғозкардаи ӯро давом медиҳанд.

7.
Таъқибот ва марги пуразоби Ян Гус (с. 1415)

Ян Гус дар Гусинс, Богемия, дар соли 1372 таваллуд шудааст. Ӯ илми илоҳиётро дар донишгоҳи Прага омӯхтааст ва дар соли 1402, ҳамчун кашиш ва воизи калисои Байтлаҳм дар Прага таъин гардид. Дар соли 1409 Гус ректори донишгоҳ шуд.

Ба Гус корҳои Уиклиф таъсири калон расонданд, хусусан фикри дар Китоби Муқаддас асос гирифтаи ӯ, ки папа ҳуқуқи ба калисои католикӣ ҳукмронӣ карданро надорад; фикри ӯ, ки дар ҳал намудани ҳар гуна масъалаҳои калисо Навиштаҷот эътибори асосӣ дорад; талаботи исроркоронаи ӯ, ки ба гузаронидани ислоҳот дар калисои Рум нисбати боигарӣ, худфурӯшӣ ва сӯиистифодаи он тааллуқ дошт; инкор кардани таълимоти калисо, ки тасдиқ менамояд, нону шаробе, ки дар чашидани нону шароби табаррукӣ истифода мешавад, баъд аз дуои кашиш ба бадан ва хуни ҳақиқии Худованд Исои Масеҳ мубаддал мегардад, ҳарчанд, зоҳиран айнан ҳамон намудро дорад; далелҳои ӯ дар хусуси он, ки масеҳиён бояд, Китоби

Муқаддасро дар забони модарии худ дошта бошанд, то ки онҳо онро мустақилона хонда тавонанд. Дар он вақт Китоби Муқаддас танҳо дар забони лотинӣ буд ва онро танҳо рӯҳониён истифода мебурданд; баъзе нусхаҳои Китоби Муқаддас дар минбарҳо бо занҷир васл шуда буданд, то ки халқ онро аз бино гирифта набарад.

Гус на танҳо ба таълимотҳои Уиклиф бовар кард, балки ба он аз минбари калисо ва дар донишгоҳ таълим медод. Албатта, ӯ диққати папа ва тарафдорони ӯро, ки далерона бар зидди онҳо баромад менамуд, ҷалб накарда наметавонист.

Усқуфи аъзами румӣ католикии Прага, дид, ки шумораи ислоҳотчиён, ки онҳоро акнун чунин меномиданд, рӯз аз рӯз меафзояд, фармон баровард, ки мақсади он пешгирӣ кардани паҳнкунии минбаъдаи корҳои Уиклиф буданд. Аммо, ин таъсири баръаксро ба вуҷуд овард, зеро тарафдорони Уиклиф ва Гусро водор намуд, ки кӯшиши сахт ба харҷ диҳанд, то ки барои паҳнкунии минбаъдаи таълимот дар донишгоҳ амалан ҳама муттаҳид гарданд.

Бо сабаби ризоияти пурраи худ бо таълимотҳои Уиклиф Гус ба фармони усқуфи аъзам ҳам ба тариқи хусусӣ ва ҳам аз минбар мухолифат намуд. Он гоҳ, усқуфи аъзам аз папа ҳуҷҷати расмӣ гирифт, ки ба ӯ ҳуқуқи боздоштани ҳар шахсеро медод, ки таълимотҳои Уиклифро дар минтақаи ӯ овоза менамуд. Буллаи (ярлиқи папаи Рум) папаро гирифта, усқуфи аъзам ҳамон замон корҳои Уиклифро манъ намуд ва ба ҳар фарде, ки онҳоро доштанд, фармон дод, ки шахсан ба ӯ оварда диҳанд. Вақте, ки чор доктори илми илоҳиёт аз итоат саркашӣ карданд, ӯ фармон баровард, ки мувофиқи он ба онҳо маъвиза кардан дар ҳар ҷамоат манъ шуда буд. Гус ва чор аъзои донишгоҳ ба фармон эътироз карданд ва усқуфи аъзамро маҳкум намуданд.

Дар ин бора шунида, папа кардинал Колоннаро вазифадор намуд, ки Ян Гусро ба Рум биёрад, то ки ӯро дар бидъаткорӣ маҳкум намоянд. Бо дархости Гус, шоҳ Винсеслав бо ҳамсараш,

баъзе ашрофон ва роҳбарони донишгоҳ ба папа илтимоснома навиштанд, ки дар он аз ӯ хоҳиш менамуданд, ки ин масъаларо дар вақти набудани Гус дар Рум дида бароянд ва инчунин иҷозат надиҳанд, ки касеро аз сокинони Богемия бидъаткор эълон намоянд ва ба ҳамаи рӯҳониёни Богемия имкон диҳанд, ки Инҷилро дар тамоми калисоҳо озодона маъвиза кунанд.

Се намояндагони доктор Гус ба назди кардинал Колонна ҳозир шуданд, то фаҳмонда диҳанд, ки барои чӣ Гус наметавонад, худаш ҳозир шавад ва бовар кунонданд, ки аз номи ӯ метавонанд, ба ҳамаи саволҳо ҷавоб гӯянд. Аммо, кардинал изҳор намуд, ки Гус исроркорона аз итоат кардан сарпечӣ менамояд ва бо такфир кардан аз калисо ӯро аз ҳуқуқи аъзои он будан, маҳрум намуд. Он гоҳ, намояндагони Гус ба папа муроҷиат карданд, ки ӯ чор кардиналро барои аз нав дида баромадани масъала вазифадор намуд. Кардиналҳо на танҳо бо ҷазои ба Гус додашуда розӣ шуданд, балки аз калисо ҳамаи дӯстон ва пайравони ӯро, аз ҷумла намояндагони ӯро такфир намуданд.

Гус шикоят навишт, ки он бенатиҷа буд ва бо сабаби он, ки ӯ дигар наметавонист, дар калисои Байтлаҳми Прага маъвиза кунад, пас ба зодгоҳи худ Гусинетс баргашт ва дар он ҷо ба таълимотҳои нави худ аз минбар ва дар корҳои хаттии худ таълим медод. Дар ин вақт Гус шумораи зиёди мактубҳо ва андешаҳои муфассалро навишт ва дар онҳо тасдиқ менамуд, ки ҳеҷ кас ҳуқуқи ба касе манъ кардани хондани китобҳои чунин ислоҳотчиёнро ба монанди Уиклиф надорад. Ӯ инчунин китобҳоро дар бобати фисқу фуҷур ва камбудиҳои папаи Рум, кардиналҳо ва аҳли дин навишт. Далелҳои Гус дар зери худ асоси Китоби Муқаддасро доштанд, бинобар ин, бисёр касонро дар ҳақ будани ӯ бовар кунонданд.

Дар моҳи ноябри соли 1414, дар Олмон анҷумани Констанский барпо гардид ва мақсади он муттаҳид кардани калисои католикии Рум буд, ки дар он ихтилоф ба амал омад ва ба якбора пайдоиши се папа оварда расонд. Анҷуманро папаи қалбакӣ Юҳаннои

XXIII, бо талаби императори муқаддаси Рум Сигизмунд даъват намуд. Масъалаи додашударо дида баромада, анҷуман ба хулоса омад, ки худи он барои папа ҳокимияти олӣ мебошад ва ду папа – Юҳаннои XXIII ва Бенедикти XIII- ро дур намуд ва аз папаи сеюм, Григорий XII хоҳиш намуд, ки ихтиёрӣ аз хизмат даст кашад. Сипас, папаи нав – Мартини V интихоб гардид. Анҷумани ояндаро дар соли 1418 муқаррар намуданд, инчунин қарор дода шуд, ки анҷуманҳои умумӣ, ки пас аз ин, барои папа ҳокимияти олӣ мебошанд, минбаъд, бо мақсади муайян кардани сиёсат ва таълимотҳои калисо мунтазам гузаронида мешаванд. Вале, вақте ки дар сс. 1431-1437 анҷумани Базел гузаронида мешуд, папа анҷумани Константскийро бидъаткорона эълон кард ва аз нав ҳокимияти мутлақи папаро, ки аз ҳар гуна анҷуманҳо болотар меистад, пойдор намуд. Ниҳоят, дар калисои католикии румӣ танҳо баъзе тағйиротҳои хурд ба амал омаданд ва он боз дар гуноҳҳо ва камбудиҳо ғарқ мегардид.

Ян Гус ба анҷумани Константский даъват шуд ва император Сигизмунд ба ӯ амниятро кафолат дод. Вале, дар ҳузури папа ва аъзоёни анҷуман Гусро дар бидъаткорӣ гунаҳкор карданд. Дере нагузашта, баъд аз он, ки Гус дар моҳи январи соли 1415 ба Констанс омад, ӯро ба ҳабс гирифтанд ва дар яке аз ҳуҷраҳои дарбор маҳкам карданд. Вақте ки баъзе дӯстони Гус анҷуманро дар вайронкунии қонун ва қасами император дар бораи амнияти Гус айбдор намуданд, папа дар ҷавоб гуфт, ки шахсан ӯ ба ҳеҷ кас чизе ваъда накардааст ва бо ваъдае, ки император додааст, алоқаманд нест. Вақте ки ба император Сигизмунд дар бораи ваъдаи додааш хотиррасон намуданд, ӯ аз дахолат кардан ва ҳимоя кардани Гус даст кашид. Ин ба вай баъдтар, вақте ки дар соли 1419 ӯ шоҳи Богемия шуд ва дар ҷангҳои харобиовари Гусистӣ ҷалб гардид, нохушиҳои зиёдро оварад.

Бо сабаби набудани инквизитсия Гус аз тарафи анҷуман, ки нақши онро ба худ гирифта буд, пурсида шуд. Дар беандешагии

худ анҷуман дар аввал Ҷон Уиклифро, ки дар соли 1383 вафот карда буд, маҳкум намуд ва фармон дод, ки ҷасади ӯро кофта бароранд ва сӯзонанд, хокистарашро бошад, ба Рейн партоянд.

Вақте ки Гусро оварданд, ба ӯ айбномаро аз 40 банд хонда доданд, ки бештари он дар корҳои хаттии ӯ, ки барои исбот кардани гуноҳи ӯ таҳриф (извращение) карда шуданд, асос мегирифт. Ба ҳукми баровардашуда Гус ҷавоб дод: «Ман ба папа, ки пеш аз баровардани ҳукм ба ман вафот кард, муроҷиат намудам; сипас, ман ба вориси ӯ Юҳаннои XXIII муроҷиат кардам. Ба ман дар тӯли зиёда аз ду сол иҷозат намедоданд, ки ба ҳимояи худ баромад кунам, бинобар ин, ҳоло ман маҷбурам, ки ба довари олӣ – Исои Масеҳ муроҷиат намоям».

Вақте ки Ян Гус нутқи худро ба охир расонд, инквизиторон пурсиданд, ки оё, папа гуноҳҳои ӯро авф намудааст. Ӯ ҷавоб дод: «Не».

Сипас, аз Гус пурсиданд, ки ба Масеҳ муроҷиат кардан, то чӣ андоза қонунӣ буд, ӯ дар ҷавоб гуфт: «Ба ростӣ ба шумо мегӯям, ки аз муроҷиати Масеҳ дида, дигар муроҷиати одилонае вуҷуд надорад. Зеро, қонун тасдиқ мекунад, ки аризаи шикоят – ин муроҷиатнома ба қозии болоӣ мебошад, ки метавонад, қарори беадолатонаро, ки қозии поёнӣ баровардааст, ислоҳ намояд. Ман аз шумо мепурсам, ки довари олӣ кист, агар Масеҳ набошад? Кӣ метавонад, боадолатона ҳукм намояд, кӣ комилан беғараз ва бовиҷдон аст? Ҳеҷ кас наметавонад, Масеҳро, ки Ӯро ба иштибоҳ андохта намешавад, фиреб диҳад. Кӣ ба ҷуз Ӯ, ба бенавоён ва мазлумон ёрӣ медиҳад?» Вақте ки Гус сухан мегуфт, аъзоёни анҷуман ба ӯ механдиданд ва ӯро масхара мекарданд, сипас, аз суханони ӯ ба ғазаб омада, ӯро ба зинда сӯзондан маҳкум карданд.

Ҳафт усқуф ба пеш баромаданд ва талаб карданд, ки Гус либоси кашишро аз тан кашад ва ӯ инро иҷро намуд. Он гоҳ, онҳо ба таҳқиркунӣ ва масхаракунии ӯ даромаданд. Баъд аз ин, онҳо муҳокима мекарданд, ки чӣ тавр пӯсти фарқи сари

ӯро, ки чун роҳибон тарошида шуда буд, харошида гиранд. Гус инро шарҳ дод: «Ман дар ҳайратам, ки сарфи назар аз он, ки ҳамаи шумо бо ҳамон як фикри золимона муттаҳид гаштаед, ба хулосае омада наметавонед, ки золимии худро чӣ тавр иҷро намоед».

Усқуф қарор намуд, ки пӯсти сари Гусро бо ёрии қайчӣ харошанд, ки ҳамон замон ба иҷро расид. Сипас, ба сари хунолуди ӯ кулоҳи усқуфии аз коғаз тайёр кардашударо, бо сурати девҳои дар он кашидашуда ва навиштаҷоти: «Саркардаи бидъаткорон» барафрохтанд. Вақте ки Гус онро дид, ӯ гуфт: «Ба хотири ман Худованд Исои Масеҳ чанбари хорро ба сар карда буд, пас, барои чӣ ман ҳам ба хотири Ӯ ин чанбари сабукро ба сар нагирам, ҳарчанд ин чизи нангин аст».

Усқуф ба сари Гус тасмаи коғазинро баст ва илова бар ин гуфт: «Акнун мо ҷони туро ба дӯзах месупорем».

Гус чашмонашро ба осмон боло карда гуфт: «Ман бошам, Худованд Исои Масеҳ, ҷонамро, ки Ту онро наҷот додаӣ, ба дасти Ту месупорам».

Гусро ба назди гулхане, ки дар он ҳама корҳои ӯро месӯзонданд, наздик оварданд, сипас ба назди сутун. Ҷаллод ба назди вай омада, ӯро бо занҷир баст. Гус табассум намуда, гуфт: «Худованди ман Исои Масеҳ барои ман бо занҷири боқувваттар баста шуда буд, бинобар ин, ман шарм намедорам, агар бо чунин занҷири зангзадашуда баста шавам».

Дар гирдогирди ӯ то сатҳи гарданаш ҳезум гузоштанд. Гертсог Баварский ба назди ӯ омада, пешниҳод намуд, ки аз таълимоти худ даст кашад. «Не,- ҷавоб дод Гус,- ман ҳеҷ гоҳ таълимотҳои бардурӯғро маъвиза намекардам ва он чизеро, ки бо даҳони худ мегуфтам, ман бо хуни худ имзо мекунам». Вақте ки ҳезумро даргиронданд ва аланга Гусро фаро гирифт, ӯ мадҳияро чунон баланд ва зиндадилона сароид, ки овози ӯ аз қасар -қусури оташ ва ғавғои издиҳом, ки ҳукми қатлро назорат мекарданд, баландтар садо медод. Аммо, дере нагузашта, овози

Гус хомӯш гардид, аланга гардан ва рӯи ӯро фаро гирифт ва ӯ хам шуду, дар занҷирҳо овезон монд.

Чун пештара рафтори беақлонаро, ки нисбати ҷасади Уиклиф карда буданд, намуда, усқуфон тамоми хокистарро, ки аз бадани Гус монда буд, ҷамъ намуданд ва ба дарёи Рейн партофтанд, то ки хотираи ӯ аз рӯи замин нест гардад. Лекин, на бо шиканҷаҳо, на бо оташ, на бо об онҳо натавонистанд, хотираи Гус ва таълимоти ӯро аз шуури пайравонаш маҳв созанд. Ба шарофати пайравони Гус таълимоти ӯ ва хотираи ӯ дар тамоми ҷаҳон паҳн мегардид. Барои ҳокимияти папа марги ӯ назар аз ҳаёташ дида, ба таҳдиди бузургтар табдил ёфт.

Баъд аз марги Гус гурӯҳи ислоҳотчиёни чехии динӣ, пайравони таълимоти ӯ, ки худро гуситҳо меномиданд, ташкил ёфт. 6 июли соли 1415, онҳо ҳаракати миллиро дар Богемия ва Моравия ташкил намуданд. Айбдоркунии Гус дар бидъаткорӣ ва қатли ӯ аз ҷониби анҷумани Констанский, қатъи назар аз ваъдаи додаи императори муқаддаси Рум Сигизмунд, ки бояд амнияти ӯро таъмин менамуд, бо халқи чех ҳамчун таҳқири миллӣ баҳо дода шуд. Ин таҳқир фаромӯш нашуд ва ба муҳорибаҳои Гуситҳо оварда расонд.

8.
Таъқибот ва марги Иероними Прагаӣ (с. 1416)

Иероними Прагаӣ соли 1370 ба дунё омадааст. Ӯ ислоҳотчии динӣ дар Богемия ва донишманди мусофир буд. Иероним ба якчанд донишгоҳҳо ва семинарҳо, дар ҳар гуна шаҳрҳо – Прага, Париж, Хеилдерберг, Кологна ва инчунин Оксфорд рафтааст, ки дар он ҷо истода, забони англисиро ба куллӣ аз худ намудааст. Дар Оксфорд ӯ бо корҳои Ҷон Уиклиф шинос гардид ва бештари онҳоро ба забони чехӣ тарҷума намуд. Китобҳои ӯ дар тамоми Богемия паҳн гардиданд ва маҳз ба туфайли онҳо Ян Гус аз таълимотҳои Уиклиф бохабар шуд.

Ҳангоми бозгашт ба Богемия, Иероним завқи калони хонандагонро нисбат ба китобҳои худ ошкор намуд, зеро Ян Гус паҳнкунандаи асосии ин китобҳо ва таълимоти Уиклиф гардида буд. Ӯ дарҳол ба Гус ҳамроҳ шуд ва аз ҳамин вақт сар карда, онҳо якҷоя кор мекарданд.

Баъд аз он, ки Гус аз тарафи анҷумани Констанский хоинона карда, ба ҳабс гирифта шуд, Иероним ба Констанс роҳ гирифт

ва ба он ҷо 4 апрели соли 1415, се моҳ пеш аз марги Гус расида омад. Ӯ пинҳонӣ расида омад, зеро аз ҳабс шудан эҳтиёт мешуд ва ба баъзе роҳбарони рӯҳонӣ, ки онҳо низ таълимотҳои Уиклифро дастгирӣ мекарданд, муроҷиат намуд. Онҳо Иеронимро ба осонӣ бовар кунонданд, ки ӯ ба Гус ёрдам карда наметавонад, зеро анҷуман қатъиян нияти Гусро ҳамчун бидъаткор маҳкум кардан ва сӯзонданро дорад. Он гоҳ, Иероним ба Иберлинг, шаҳре, ки дар зери ҳимояи махсуси император қарор дошт, раҳсипор шуд ва ба Сигизмунд мактуб фиристод, ки дар он иҷозат мепурсид, то ки ба анҷуман барои ҳимоя кардани Гус ба шарте, ки агар император ба ӯ амниятро таъмин намояд, ҳозир шавад. Император ҷавоби рад карда дод. Он гоҳ, Иероним бо ҳамин масъала бо мактуб ба анҷуман муроҷиат намуд, аммо ба ӯ иҷозат надоданд, ки барои ҳимояи Гус баромад кунад ва таъминоти амнияти ӯро рад намуданд.

Иероним баргашта ба Богемия рафт ва бо худ баъзе сертификатҳоро гирифт, ки ашрофони Констанс ва Иберлинг имзо карда буданд, онҳо тасдиқ менамуданд, ки ӯ ҳама кори аз дасташ меомадаро кардааст, то ки Гусро ҳимоя намояд. Вале, вай ҳамин тавр ба Богемия нарасид. Дар шаҳри Хиршау, Олмон бо фармони гертсог Салтсбах, ки мехост аз анҷумани Констанс барои хизмати худ ташаккурнома гирад, ӯро ғайриқонунӣ ба ҳабс гирифтанд. Дар бораи ба ҳабс гирифта шудани Иероним шунида, анҷуман талаб намуд, ки ӯро фавран биёранд. Ба шоҳзодаи Олмон бо хизматгоронаш фармон дода шуд, ки Иеронимро аспсавор ҳамроҳӣ кунанд. Дар пойҳои ӯ завлонаҳо ва дар гарданаш – занҷир буд. Шоҳзода бо пирӯзӣ ва шайпурнавозон ба Константинопол ворид гардид, ки дар он ҷо Иеронимро ба зиндони даҳшатноки зеризаминӣ партофтанд ва дар он ӯ аз инквизиторон ҳукмномаро интизор мешуд.

Муомила нисбати Иероним ба монанди муомила нисбати Гус буд, ба ҷуз он, ки ӯро зиёдтар нигоҳ медоштанд ва зуд-зуд аз як зиндон ба зиндони дигар мегузаронданд. Танҳо, қариб

баъд аз як соли ба ҳабс гирифтан ӯро ба анҷуман оварданд. Иероним хоҳиш намуд, ки барои ба ҳимояи худ баромад кардан, ба ӯ имконият диҳанд, вале ҷавоби рад карда гирифт ва баъд аз он хитоб намуд:

«Ин чӣ бераҳмист? Дар давоми сесаду чил рӯз ман дар зиндонҳои гуногун маҳбусӣ будам. Ман аз азобу эҳтиёҷҳои гуногун гузаштам. Шумо ба ҳамаи душманонам иҷозат додед, ки маро дар ҳар он чизе, ки онҳо мехостанд, айбдор кунанд ва шумо ба ман имконияти хурдтаринро ҳам надодед, ки худро ҳимоя намоям. Шумо ҳатто, як соат ҳам намедиҳед, ки ба мурофиа омода гардам.

Шумо маро дар бадии аз ҳама мудҳиш айбдор мекунед. Шумо маро ҳамчун бидъаткор муаррифӣ намудед ва ҳатто аз ақидаҳои ман бехабар ҳастед; ҳамчун душмани дин ва намедонед, ки ман кадом динро эътироф менамоям; ҳамчун таъқибгари рӯҳониён ва ҳатто, имконияти донистани фикри маро оид ба ин масъала надоред.

Шумо – анҷумани умумиҷаҳонӣ ҳастед ва шумо аз худ онро нишон медиҳед, ки ин олам бо хирад, муҳим ва муқаддас меномад. Лекин, шумо ба ҳар ҳол инсон ҳастед, инсонҳое, ки дар сухан ва кирдорҳои худ ҳар замон бемулоҳизаанд. Мақсади асосии шумо бояд хирадмандӣ бошад ва беш аз ҳама, шумо бояд аз он битарсед, ки ба аблаҳӣ дучор наоед.

Ман барои ҳимояи худ ба хотири худ, ба хотири инсон, ба хотири масеҳӣ мехоҳам баромад кунам. Ин сабаб ба ҳуқуқҳои насли оянда, новобаста аз он, ки пурсиш чӣ гуна мешавад, дахл дорад».

Нутқи пурэҳтироси Иероним ба анҷуман ҳеҷ таъсир нарасонд ва вақте ки ӯ суханашро ба охир расонд, ба ӯ ҳукмномаро аз панҷ банд хонда доданд:

1. *Ӯ папаро масхара намуд.*
2. *Ӯ бар зидди папа баромад менамуд.*
3. *Ӯ душмани кардиналҳо буд.*
4. *Ӯ таъқибгари усқуфон буд.*
5. *Ӯ дини масеҳиро бад медид.*

Иероним ҳама бандҳои ҳукмномаро рад намуд ва ба зиндон баргардонда шуд. Дар он ҷо такрор ба такрор ӯро аз пойҳояш меовехтанд, ки ин дар муддати ёздаҳ рӯз давом кард. Сипас, аз нав ба анҷуман оварданд ва аз шиканҷаҳои аз ин ҳам сахттар гузаронданд, ки дар натиҷа ӯ бо он, ки корҳои Ҷон Уиклиф ғалатӣ буданд ва Ян Гус аз рӯи адолат маҳкум карда шуда, ҳамчун бадъаткор сӯзонда шудааст, розӣ шуд. Иеронимро аз нав ба зиндон баргардонданд, ҳама шиканҷаҳоро бас карданд ва ба ӯ муомилаи хубтар нишон медоданд. Вале, дере нагузашта, маълум гардид, ки дар асл Иероним бо анҷуман розӣ набуд. Ӯ ҳамаи суханонашро, ки Уиклиф ва Гусро маҳкум менамуд, гашта гирифт ва барои ин ӯро, ҳамчун бидъаткор бо ҳукмномаи иборат аз 107 банд гунаҳкор карданд.

Бо вуҷуди шумораи зиёди мутаассибон (фанатик), ки бар зидди имконияти ба Иероним сухан гуфтанро буданд, ва эҳтиёт мешуданд, ки бо нутқи боварибахши худ ӯ метавонад фикрҳоро, ҳатто аз ҳама беасосро нисбати худ тағйир диҳад, анҷуман иҷозат дод, ки ӯ худро ҳимоя кунад. Иероним бисёр хуб фарқиятро миёни шаҳодатҳое, ки дар фактҳо асос гирифтаанд ва шаҳодатҳое, ки дар бадӣ ва дурӯғ асос гирифта буданд, фаҳмонда дод. Ӯ ба анҷуман ҳаёти худро тасвир кард ва илова карда гуфт, ки ҳатто мардони бузург ва то андозае муқаддас ақидаҳои гуногун доштанд ва ошкоро мубоҳиса менамуданд,

то ки ҳақиқатро пайдо кунанд. Ӯ дар бораи онҳое, ки кӯшиш менамуданд, мазҳаб ва таълимоти ӯро, ҳимояи таълимотҳои Уиклиф ва баҳои Гусро вайрон кунанд, бо нафрат ҳарф мезад ва қайд намуд, ки орзу дорад, аз пайи ин азияткаши муқаддас то дами марг равад. Вале, чун пештара, калисо ба суханони ӯ ягон аҳамият надод.

Иеронимро, ба монанди Гус, ҳамчун бидъаткор ба сӯзондан маҳкум карданд. Бо вуҷуди он, ки ӯ кашиш набуд, ба ӯ муяссар нагардид, аз он таҳқирҳое, ки Гус гузашта буд, гузарад. Калисо ба ӯ ду рӯз мӯҳлат дод, то ин ки ӯ аз ақидаҳои худ даст кашад ва дар давоми ин вақт кардинал Флоренс ҳама кори аз дасташ меомадаро кард, то ки ӯро аз ақидааш гардонад. Вале суханони кардинал ба Иероним ҳамон гуна таъсир расонданд, ки суханони Иероним – ба анҷуман.

Дар роҳ, ба ҷои қатл, Иероним якчанд мадҳия сароид вале, вақте ки ӯро ба ҳамон ҷое, ки дар он ҷо Гус сӯзонда шуд, оварданд, ӯ ба зону нишаст ва сахт дуо гуфт. Пеш аз он, ки Иеронимро ба сутун занҷирбанд карданд, ӯ онро оғӯш намуд ва вақте ки ҷаллод аз пушт, барои даргирондани оташ наздик шуд, Иероним ба ӯ гуфт: «Дар пеши ман истода оташро даргирон, то ки ман дида тавонам. Агар ман аз ин метарсидам, ман ҳоло дар ин ҷо намеистодам». Оташро даргиронданд ва азбаски ҳезум хушк буд, он зуд аланга гирифт ва Иеронимро фурӯ бурд.

Дар муддати кӯтоҳ ӯ мадҳия мехонд ва баъд, бо оташ фаро гирифта, хомӯш шуд. Суханони охирини ӯ, ки одамони дар наздикӣ истода шуниданд, чунин буд: «Ҷони худро дар оташ, ман ба Ту месупорам, Масеҳ». Иероним 30 майи соли 1416 ба марги пуразоб рафт.

Қатъи назар аз чашмдошти инквизиторони папа, оташи риёзаткашӣ оташи Инҷили ҳақиқиро дар тамоми ҷаҳони мутараққӣ паҳн намуд. Иероним корҳои Уиклифро аз забони англисӣ ба забони чехӣ тарҷума намуд ва бо чунин тарз донаҳои ҳақиқатро кошт, ки нумӯи онро дигар ҳеҷ кас боздошта

натавонист. Дере нагузашта, Худованд одами дигарро бардошт, ки Аҳди Ҷадидро аз забони лотинии папа, ки фаҳмидани Навиштаҷотро барои халқи оддӣ имкон намедод, ба забони англисӣ тарҷума намуд. Дар Ваҳй 2:16, Масеҳи эҳёгардида ба калисои Парғомӯс бо чунин суханҳо муроҷиат намуда, мегӯяд: «Пас тавба кун, вагарна ба зуддӣ назди ту хоҳам омад ва бо шамшери забони Худ бо онҳо ҷанг хоҳам кард». Акнун Каломи Худо, ки шамшери Рӯҳ аст (Эфсӯсиён 6:17), ба сӯи калисои тавба накарда нигаронда шудааст.

9.
Таъқибот дар Англия (1401 – 1541 сс.)

Дар даврони ҳукмронии подшоҳ Эдварди III (1327 – 1377 сс.) калисои Англия дар гумроҳиҳо ва ҳурофот ғарқ шуда буд. Нури Инҷили ҳақиқии Масеҳ бо таълимотҳои беҳисоби одамӣ, анъанаҳои мушкил ва бутпарастии намоён фаро гирифта шуда буд. Дар ин вақт шумораи пайравони Уиклиф, ислоҳотчиён, ки худро лоллардҳо меномиданд, он қадар зиёд шуд, ки аҳли динро, ки доимо кӯшиши пинҳонӣ аз онҳо алам гирифтанро мекард, вале ҳуқуқи онҳоро ба марг маҳкум карданро надошт, оташин мегардонид.

Баъд аз ғайриқонунӣ забт намудани тахти англисҳо бо Генрихи IV дар соли 1399 таъқиботи лоллардҳо оғоз ёфт. Рӯҳониёни папа подшоҳро розӣ намуданд, ки ба парлумон дида баромадани лоиҳаи қонунро, ки ҷазоро барои лоллардҳо, ки дар таълимотҳои худ хеле боисрор буданд, пешбинӣ намояд, пешниҳод карданд, то ин ки онҳоро ба дасти ҳокимияти халқӣ супоранд ва чун бидъаткорон сӯзонанд. Бо вуҷуди муқобилати

сахти палатаи ҷамоат, фармони «De haeretico comburendo» («Оид ба масъалаи сӯзондани бидъаткорон») аз тарафи парлумон соли 1401 қабул гардид ва ҳамон замон қонунӣ шуд. Бори нахуст дар таърихи Британия қонун қабул гардид, ки одамонро барои ақидаҳои динии онҳо сӯзондан иҷозат медод.

Аввалин азияткаше, ки мувофиқи ин қонун маҳкум гардид, кашиш Уилям Сантри [ё Санти] шуд, ки ӯро дар Смисфилд сӯзонданд.

Дере нагузашта, баъд аз ин усқуфи аъзам Кентерберийский Томас Арундел ва усқуфони ӯ амалиётҳои худро бар зидди сэр Ҷон Олдкастл (лорд Кобхам), пайрави маъруфи Уиклиф ва дӯсти шахсии Генрихи IV оғоз намуданд ва ӯро дар он, ки вай ҳуқуқи маъвиза карданро ба онҳое додааст, ки аз усқуфон ин гуна ҳуқуқро нагирифтаанд ва таълимоти бардурӯғро, ки бар зидди рамзҳои калисо, суратҳо, зиёрат ва папа равона карда шудааст, дастгирӣ мекард, айбдор менамуданд. Онҳо мефаҳмиданд, пеш аз он, ки ӯро дастгир намоянд, ба онҳо пуштибонии подшоҳ зарур аст. Подшоҳ онҳоро боадабона гӯш кард ва баъд ба онҳо фармон дод, ки бо сэр Ҷон боадабона муомила кунанд ва кӯшиш намоянд, ки ӯро бо мулоимӣ ба калисои Рум баргардонанд. Ӯ инчунин пешниҳод намуд, ки сэр Ҷонро бо далелҳо дар ҳақ будани онҳо бовар кунонанд. Дере нагузашта, подшоҳ аз паси сэр Ҷон одам фиристод ва ӯро барои баргаштан ба назди модари худ, калисои Муқаддас розӣ мекард ва чун фарзанди итоаткор, барои хатояш худро сазовори ҷазо донад.

Сэр Ҷон ҷавоб дод:

«Подшоҳи мӯҳтарам, ту медонӣ, ки ман ҳамеша вазифашинос будам ва ҳамеша омода будам, ки итоат намоям, зеро ман туро ҳамчун подшоҳи масеҳӣ ва хизматгори интихобшудаи Худо мешиносам, медонам, ки ту шамшерро барои ҷазо додани онҳое,

ки бадӣ мекунанд ва ҳимояи онҳое, ки накӯкоранд, ба кор мебари. Ба Худои ҷовидонии худ ва ба ту ман бо итоаткории худ ӯҳдадорам ва чун ҳамешагӣ ман омодаам ҳамаи он чизе ки дорам, маблағ ё моликиятамро диҳам, то ки ҳама он чизеро, ки ту дар Худованд ба ман мефармоӣ, иҷро намоям. Вале он чизе, ки ба папа ва аҳли дин тааллуқ дорад, ман ба онҳо ба фармонбардорӣ ва хизмат кардан вазифадор нестам, зеро аз Навиштаҷот фаҳмидам, ки ӯ даҷҷол (антихрист), фарзанди мамот, душмани Худо ва ончуноне, ки Дониёл гуфтааст, палидие, ки дар ҷои муқаддас истодааст».

Вақте ки подшоҳ инро шунид, ӯ хомӯшона аз ҳуҷра баромад.

Усқуфи аъзам аз нав ба подшоҳ оид ба сэр Ҷон муроҷиат намуд ва ҳуқуқи дастгир намудан, пурсупос кардан ва ҷазо доданро, мувофиқи «Қонунҳои иблисонаи калисои Муқаддас» пайдо кард. Вале сэр Ҷон ба назди ӯ ҳозир нашуд ва усқуфи аъзам ӯро дар беэътиноӣ нисбат ба ҳокимият айбдор намуд. Лекин, вақте ки ба ӯ хабар доданд, ки сэр Ҷон аз болои ӯ механдад, нисбати амалҳои ӯ беэътиноӣ зоҳир менамояд, ба қарори худ содиқона аст, дар бораи ҳокимияти калисо, унвони усқуфӣ ва низомномаи рӯҳониён суханони таҳқиромез мегӯяд, усқуфи аъзам ба ғазаб омад ва сэр Ҷонро аз калисо такфир намуд.

Дар ҷавоб сэр Ҷон Олдкастл эътирофномаи шахсии эътиқоди худро навишт ва онро ба дӯсти худ Генрихи IV бурд ва умедвор буд, ки вай онро бо хушнудӣ қабул мекунад. Лекин, ба ҷои ин подшоҳ гирифтани эътирофномаи ӯро рад намуд ва фармон дод, ки сэр Ҷонро ба назди усқуфи аъзам ва анҷумани усқуфон барои тафтишот биёранд. Вақте ки сэр Ҷон дар ҳузури подшоҳ дар назди анҷуман ҳозир шуд, ӯ хоҳиш намуд, ки сад баҳодуронро (рыцарь) ҷамъ намоянд, то ки онҳо кори ӯро шунаванд ва ӯро ҳукм намоянд, зеро ӯ медонист, ки онҳо вайро ҳамчун

бидъаткор эътироф намекунанд. Барои сафед кардани худ, ӯ ҳатто пешниҳод намуд, то ки бо ягон кас, ки бо имони ӯ розӣ нест, мувофиқи қонуни ҳарбӣ то дами марг биҷангад. Дар охир сэр Ҷон гуфт, ки ба ягон ҷазо муқовимат намекунад, агар он ба Каломи Худо мувофиқат кунад ва бо фурӯтанӣ аз он мегузарад. Вақте ки ӯ тамом кард, подшоҳ ӯро ба ҳуҷраи шахсии худ бурд ва дар он ҷо сэр Ҷон бори нахуст ба ӯ иқрор шуд, ки ба папа муроҷиат намудааст ва мактуберо, ки ба ӯ навишта буд, нишон дод. Подшоҳ аз ин дар ғазаб шуд ва фармон дод, ки ҷавобро аз папа интизор шавад ва агар дар он талаботи ба усқуфи аъзам итоат кардан бошад, онро иҷро кунад ва дигар ба папа муроҷиат накунад. Сэр Ҷон бо ӯ розӣ нашуд ва подшоҳ фармон дод, ки ӯро ба ҳабс гиранд ва дар Тауэри Лондон зиндонӣ кунанд.

Бо сабаби он, ки сэр Ҷон хеле машҳур ва номдор буд, усқуфи аъзам кори ӯро хеле суст мебурд, дар тӯли чанд ҳафта аз моҳи сентябр то моҳи декабр, гарчанде ҳукмнома аллакай пешакӣ муайян гардида буд: сэр Ҷонро дар бидъаткорӣ айбдор намуданд ва ба овехтану сӯзондан маҳкум карданд, ки ин ҳеҷ касро дар ҳайрат нагузошт.

Ба ҳимояи худ сэр Ҷон чунин навишт:

«Агар сухан дар сари суратҳо равад, пас ман мефаҳмам, ки онҳо ба дин ҳеҷ алоқа надоранд, балки ба он танҳо даъво мекунанд, зеро имон ба Исои Масеҳ, ки тавассути калисо то замони мо оварда шудааст, дар шуури мо азоби Худованди мо Исои Масеҳ, шиканҷаҳо ва зиндагии муқаддасонаи покиришт ифода менамояд ва нишон медиҳад. Лекин, агар касе ибодати худро, ки ба Худо тааллуқ дорад, ба бутҳо бахшад, агар умеди худро ба онҳо бандад ва ба онҳо дар гирифтани мадад бовар мекунад, ба ҷои он, ки ба Худо муроҷиат намояд, ӯ дар гуноҳи бузурги бутпарастӣ гунаҳкор аст.

Инчунин, ман ба он ҳақиқатан боварӣ дорам, ки ҳар як инсон дар рӯи ин замин –миёни баракатҳо ва азобҳо мусофир аст ва агар ӯ аҳкомҳои муқаддаси Худоро надонад ва онҳоро риоя накунад, пас агар ӯ ҳатто ба зиёрат рафта бошад ҳам ва дар роҳ бифавтад, ӯ рад карда мешавад; вале он касе, ки аҳкомҳои муқаддаси Худоро медонад ва онҳоро риоя мекунад, наҷот меёбад, агар ӯ дар ҳаёти худ ҳатто ба зиёрати на Кантербер, на Рум ва на дигар ҷойҳо нарафта ҳам бошад.»

Дар рӯзе, ки ҳукми қатл таъин шуд, сэр Ҷон Олдкастлро аз Тауэри Лондон бо дастони ба қафо баста баровардand. Вай ба одамони дар гирди ӯ буда бардамона табассум мекард. Ӯро ба чорчӯба гузоштанд, гӯё ки вай хиёнаткор бошад ва ба дашти Гайли Муқаддас бурданд. Ба ҷои қатл расида ӯро аз чорчӯба фаровардand ва он гоҳ ӯ ба зону нишаста аз Худо хоҳиш намуд, ки душманони ӯро бубахшад. Баъд ӯ аз ҷо хеста одамони ҷамъомадаро барои ба қонунҳои Худо, ки дар Навиштаҷот навишта шудаанд, пайравӣ кардан ва аз устодоне, ки сухан ва ҳаёти онҳо ба Масеҳ мухолифат мекунад, эҳтиёт шудан бовар мекунонд. Сэр Ҷонро бо занҷирҳо печонда аз замин каме боло бардоштанд ва дар зери ӯ оташро даргиронданд. Вақте ки оташ ӯро фаро гирифт, вай Худоро ситоиш мекард ва то даме, ки метавонист, мадҳу ситоиш мекард. Издиҳоме, ки ӯро назорат мекард, зор- зор мегирист, зеро инсони порсо ва накӯ ҷон медод. Ин соли 1417 буд.

Дар моҳи августи соли 1473 Томас Грантер ба ҳабс гирифта шуд, ки ӯро дар дастгирии ошкорои таълимоти Уиклиф айбдор менамуданд ва ҳамчун бидъаткори матин маҳкум карданд. Дар рӯзи қатл Томасро ба хонаи шериф оварданд ва ба хӯрок хӯрдан таклиф намуданд. Дар вақти хӯрок хурдан ӯ гуфт: «Ман ҳоло хӯроки хуб мехӯрам, зеро пеш аз он, ки боз хӯрок хӯрам, ба

ман лозим меояд, ки ба низои аҷиб дароям». Хӯрокро хӯрда вай ба Худо барои фаровонӣ дар таъминоташ миннатдорӣ баён кард ва баъд хоҳиш намуд, ки ӯро ҳамон замон гирифта ба ҷои қатл баранд, ки дар он ҷо вай метавонист, ҳақиқат будани он асосҳоеро, ки маъвиза мекард, шаҳодат диҳад. Томасро ба теппаи Тауэр бурданд ва ба сутун занҷирбанд карданд. Вақте ки ӯро месӯзонданд, то нафаси охирини худ ӯ ҳақиқатро эълон мекард.

Дар соли 1499 дар Норвич, дар шимолу-шарқ аз Лондон, инсони порсо бо номи Бадрам бо баъзе кашишҳо барои шавқ доштан ба таълимотҳои Уиклиф айбдор шуд ва ба додгоҳ ба назди усқуфи Норвич даъват гардид. Бадрам эътироф намуд, ба ҳама он чизе, ки худи онҳо гуфтанд, вай бовар дорад. Ӯро ҳамчун бидъаткор маҳкум карданд, ба ҷаллод фармон дода шуд ва Бадрамро сӯзонданд, ӯ дар вафодории худ устувор монд.

Дар соли 1506 одами порсо бо номи Уилям Тилфрей дар Амершам, начандон дур аз Стонейпрет, сӯзонда шуд. Ҷаллодон духтари шавҳардори ӯ, Ҷоан Сларкро маҷбур карданд, ки оташро даргиронад ва ҳукми қатлро назорат кунад. Дар худи ҳамон сол усқуфи Линколн, дар шарқи Англия, кашиш Фазер Робертро барои тааллуқ доштан ба лоллардҳо маҳкум намуд ва фармон дод, ки ӯро дар Букингем сӯзонанд.

Дар соли 1507 Томас Норис, инсони оддӣ, хеле қашшоқ ва бегуноҳ ба назди кашиши худ омад, то ки ба ӯ якчанд саволҳоро, ки ба дин тааллуқ доштанд, диҳад. Ҳангоми сӯҳбат аз саволҳои Томас асос гирифта, кашиш қарор дод, ки ӯ лоллард мебошад ва дар бораи ин ба усқуф хабар дод. Томасро ба ҳабс гирифтанд, маҳкум карданд ва сӯзонданд.

Дар соли 1508 дар Салисбур, шимоли Англия Лауренс Гуайл дар зиндон ба ду сол ҳабс гардид ва баъд барои розӣ набудан бо он, ки ҳангоми хӯрдани нону шароб баъд аз дуои кашиш он ба бадан ва хуни аслии Исо табдил меёбад, сӯзонда шуд. Аз афташ, Лауренс дар Салисбур мағозае дошт ва боре дар хонаи

худ лоллардҳоро қабул карда буд. Касе дар ин бора ба усқуф хабар дод ва Лауренс ба ҳабс гирифта, пурсида шуд ва азбаски дар ақидаҳои худ устувор буд, ҳамчун бидъаткор маҳкум гардид.

Дар худи ҳамин сол, дар Чиппен Садбурн канслер Уиттенхем зани порсоро бидъаткор эътироф намуда ба сӯзондан маҳкум кард. Вақте ки ҷаллодон аз ҷои қатл дур мешуданд, аз дасти қассоб барзагове канда шуда гурехт ва Уиттенхемро бо шохҳояш халонда сӯрох намуд. Шиками Уиттенхемро шикоф намуда ӯ якчанд вақт бо рӯдаҳои дар шохҳо овезон дар гирду атроф медавид, вале ба касе аз тӯдаи одамон барнахӯрд.

18 октябри соли 1511 дар Смисфилд Уилям Саклинг ва Ҷон Бенистер сӯзонда шуданд. Дар аввал онҳо аз имони худ ба Масеҳ даст кашиданд, вале баъд аз нав имони ҳақиқиро эътироф намуданд.

Дар давраи ҳукмронии подшоҳ Генрихи VII (сс. 1485-1509) Ҷон Браун аз тарси шиканҷаҳо аз Масеҳ даст кашид ва бар дӯши ӯ ӯҳдадории ҳезумкаширо дар атрофи калисои ҷомеи Павлуси Муқаддас дар Лондон гузоштанд. Дар соли 1517 ӯ аз нав имони худро ба Масеҳ эътироф намуд ва бо усқуфи аъзам Кентерберийский, доктор Вонхамен ба сӯзондан маҳкум карда шуд. Пеш аз он, ки ӯро бо занҷирҳо ба сутун бастанд, доктор Вонхамен ва Йестер, усқуфи Рочестер бо кӯшиши аз имон даст кашиданаш, оташро дар назди пойҳои ӯ даргиронданд ва то вақте, ки тамоми гӯшти пояш насӯхт ва устухонҳояш намоён намшуданд, ӯро шиканҷа доданд. Вале ин дафъа дард ва азобро паси сар намуда, Ҷон Браун дар ҳақиқат устувор меистод ва марги пуршарафро ба хотири Масеҳ ва ҳақиқати Каломи Худо қабул кард.

25 октябри соли 1518 Ҷон Стилинсен ба ҳабс гирифта шуд ва ӯро ба назди усқуфи Лондон Ричард Фитс-Ҷеймс оварданд, ки вай ӯро чун бидъаткор ба сӯзондан маҳкум намуд. Боре, Ҷон аз тарси шиканҷаҳо аллакай аз имони худ ба Масеҳ даст кашида буд, вале акнун, вақте ки ӯро дар Смисфилд, дар назди

тӯдаи калон бо занҷирҳо ба сутун бастанд, ӯ бо овози баланд эълон намуд, ки пайрави таълимоти Уиклиф мебошад ва бо вуҷуди он, ки як вақтҳо заиф буду аз ақидаҳои худ даст кашид, ҳоло барои ҳақиқати Каломи Худо омода аст, ки бимирад.

Дар соли 1519 Роберт Келин ва Томас Метю дар Лондон сӯзонда шуданд. Роберт бар зидди парастиши бутҳо ва зиёратҳо баромад мекард.

Дар соли 1532 Томас Хардинг ва ҳамсари ӯ дар бидъаткорӣ, дар асоси он, ки онҳо онро, ки гӯё нону шароб баъд аз дуои кашиш ба бадан ва хуни аслии Масеҳ табдил меёбад, рад мекарданд, гунаҳкор дониста шуданд. Усқуфи Линколн, дар шарқи Англия онҳоро ба зинда сӯзондан маҳкум намуд. Онҳоро ба Чешам дар Релли, дар наздикии Ботели оварданд ва бо занҷирҳо ба сутун бастанд, ҳезумҳоро гирдогирд монда оташро даргиронданд. Вақте ки оташ даргирифт, як тарафдори оташиншудаи папа аз назораткунандагон чӯбро гирифта, бо он ба сари Томас бо чунин қувва зад, ки сари ӯ кафида ду бӯлак шуд ва майнаи сараш ба болои оташ афтид. Рӯҳониёни ба сӯзондан масъул ба халқ муроҷиат намуда гуфтанд, ки агар ягон кас барои сӯзондани бидъаткор ҳезум биёрад, ба ӯ индулгенсия (хати кафорати гуноҳ) дода мешавад, ки он дар давоми чил рӯз ба гуноҳ кардан иҷозат медиҳад.

Дар охири ҳамон сол Ворхам, усқуфи аъзами Кентерберийский, одамеро бо номи Хиттен ба ҳабс гирифт, ки вай дар Мейдстон, дар шимолу-шарқии Англия чун кашиш буд. Дар давоми чанд моҳ Хиттенро дар зиндон шиканҷа медоданд, ӯро ҳар замон Ворхам ва усқуфи Рочестер Фишер пурсупос мекарданд ва кӯшиш менамуданд, ки ӯро барои аз ақидаҳои ислоҳотӣ даст кашидан маҷбур кунанд. Диданд, ки ба комёбӣ дастрас намегарданд, онҳо қарор карданд, ки ба азоби Хиттен хотима медиҳанд ва ӯро ҳамчун бидъаткор ба зинда сӯзондан дар назди қавми калисо маҳкум намуданд, то ки ин барои ҳама огоҳӣ гардад.

На одамони оддӣ, на шавҳарон ва занон, на кашишҳои маҳаллӣ ва пофессорони донишгоҳҳо худро дар пеши хашми рӯҳониёни румӣ, ки бар зидди онҳое, ки ҳурофот ва таълимотҳои папаро рад менамуданд, барангехта шуда буданд, худро дар бехатарӣ эҳсос намекарданд. Томас Билни, профессори ҳуқуқшиносӣ дар донишгоҳи Кембриҷ, барои бидъат ба ҳабс гирифта шуд ва ба анҷумани усқуфон, таҳти роҳбарии усқуфи Лондон оварда шуд. Ӯро бо истифодаи шиканҷаҳо ва оташ зуд аз пурсупос гузаронданд ва бо ин дар ӯ чунин ҳаросро ба вуҷуд оварданд, ки вай аз ақидаҳои худ даст кашид. Лекин, дере нагузашта, Томас бо андӯҳи калон тавба намуд. Барои ин вай аз нав дастгир гардид, ба анҷуман оварда шуд ва ба марг, тавассути сӯзондан ҳамчун «бидъаткори якрав» маҳкум гардид. Пеш аз он, ки Билниро сӯзонданд, ӯ изҳор намуд, ки бо таълимотҳои Мартин Лютер комилан розӣ аст. Вақте ки ӯро ба сутун занҷирбанд карданд, вай ба ҳама табассум карда гуфт: «Дар ин дунё ман аз тӯфонҳои гуногун гузаштам, лекин ба қарибӣ заврақи ман ба соҳилҳои осмон мерасад». Ҳатто, вақте ки аланга дар гирди вай талотум мекард, ӯ наҷунбида меистоду хитоб менамуд: «Исо, ман бовар мекунам!» Баъд ба пешвози Он Касе, ки ба Ӯ бовар мекард, равон шуд.

Ҳарчанд аҳли дини Рум нисбати тамоми бидъаткорон бо хашму ғазаб бераҳмӣ мекард, нисбати онҳое, ки ба рӯҳониён тааллуқ доштанд, он махсусан бераҳмтар буд. Дар Барнес, дар Суррея, дар шимолу-шарқии Англия, роҳиб Ричард Байфилд бо хондани Аҳди Ҷадид дар забони англисӣ, дар тарҷумаи Тиндейл ба имони ҳақиқӣ рӯ овард. Дар натиҷа, вай инчунин ба ҳамаи исботҳои Мартин Лютер бовар кард. Вақте ки ин ошкор гардид, ӯро ҳамчун бидъаткор ба ҳабс гирифтанд ва ба зиндон партофтанд. Азбаски, ки ӯ ходими рӯовардаи калисои румӣ буд, ӯро сахт шиканҷа медоданд. Барои он, ки Байфилд аз қавли худ гардад, ӯро ба ҷойҳои даҳшатноктарини зиндони зеризаминӣ ҷо мекарданд, ки дар

он ҷо вай аз бӯи бади нафратовари наҷосати одамӣ ва оби кӯлшуда, ки замини лойолудро мепӯшонд, нафасгир мешуд. Ягона шарикони ӯ калламушҳо ва нонхӯракҳо буданд. Баъзе вақт зиндонбонон ба ҳабсхона даромада дастонашро ба қафо чунон мебастанд, ки онҳо қариб аз буғумҳояш мебаромаданд ва ӯро дар ҳамин ҳолат бе хӯрок ва имконияти ба ҳоҷатхона рафтан якчанд рӯз мегузоштанд. Баъзан ӯро то он дараҷа қамчинкорӣ мекарданд, ки дар тахтапушташ каме гӯшт боқӣ мемонд. Бо вуҷуди ин, Байфилд чун пештара, дар рӯй тофтан аз имони аз нав ба Масеҳ овардааш сарпечӣ менамуд. Ӯро ба манораи Лоллардҳо, дар қасри Ламбес бурданд, ки дар он ҷо бо фармони усқуфи аъзам аз гарданаш занҷирбанд намуда, дар як рӯз як бор зарбулат менамуданд. Ниҳоят, – чун амали раҳмдилӣ – ба ӯ ҳукм бароварда шуд ва аз таҳқире, ки Гус гузашта буд, гузашта, вай дар Смисфилд, дар тарафи шимолтари калисои ҷомеи Павлуси Муқаддас, дар Лондон сӯзонда шуд.

Тақрибан дар ҳамин вақт, дар соли 1535, Ҷон Тюкесбери барои хондани Аҳди Ҷадид дар забони англисӣ, дар тарҷумаи Тиндейл, ки бо ин вай «модари муқаддаси калисоро» таҳқир намуд, ба ҳабс гирифта шуд. Пеш аз шиканҷаҳо ва сӯзондан ӯ дар аввал гуфт, ки на ба он чизе, ки хондааст ва на он чизе, ки ба таълимотҳои папа мухолифат мекунад, бовар надорад, баъд аз он бошад, тавба кард ва эътироф намуд, ки бовар дорад ва Навиштаҷоти тарҷумашуда ҳақиқат аст ва таълимотҳои папа бардурӯғанд. Барои ин, ӯро фавран ба назди усқуфи Лондон оварданд ва ҳамчун «бидъаткори қатъӣ» маҳкум намуданд. Ҳангоми дар зиндон буданаш Тюкесбериро аз чунин шиканҷаҳои бераҳмона гузаронданд, ки вақте ӯро ба ҷои қатл барои сӯзондан дар Смисфилд мебурданд, ӯ қариб аллакай мурда буд. Дар он ҷо вай бо тамоми овоз дар бораи комилан бо ҳокимияти папа норозӣ буданаш ва дар бораи боварии қатъии худ, ки ҳоло ин ҷараёнро Худованд назорат мекунад, эълон намуд.

Дар соли 1536 дар Бредфорд, дар Вилтшир, ки дар шимоли Англия аст, сокини бегуноҳи деҳа бо номи Трехнал бо сабаби он, ки намедонист, ки нону шароб дар вақти чашидан ба бадан ва хуни аслии Масеҳ табдил меёбад ва аз норизогӣ бо он, ки папа ба виҷдони марду занҳо қудрати комил дорад, сӯзонда шуд.

Тақрибан, дар соли 1538 бо ҳамон сабаби ба Трехнал монанд, дар шарқи Англия Николас Пек ҳамчун бидъаткор сӯзонда шуд. Се кашиши католикӣ – доктор Ридинг, доктор Хеарни ва доктор Спрагвел – барои сӯзондани ӯ ҷавобгар буданд. Вақте ки бадани Николас аз оташ сиёҳ гардид, Спрагвел бо чӯбдасти сафеди дароз аз китфи рости ӯ зарба зада гуфт: «Тавба кун ва ба чашидани нону шароб бовар кун». Пек ҷавоб дод: «Ман ҳам ба он ва ҳам ба ту нафрат дорам». Баъд ӯ ба пеш ҳаракат кард, лекин занҷирҳо ӯро доштанд, хуни ӯ бошад ба Спрагвел чун нишони нафрату алам пош хӯрд. Он гоҳ Ридинг ба Николас гуфт, ки агар ӯ аз ақидаҳои худ даст кашад, вай дар давоми чил рӯз индулгенсия ба даст меорад, лекин Николас на танҳо ба аблаҳии ӯ аҳамият надод, балки аз он хурсандӣ мекард, ки Масеҳ вайро ба хотири номи Худ ранҷ бурдан, лоиқ донист.

Дар замони ҳукмронии подшоҳ Генрихи VIII роҳиби кӯҳансол бо номи Уилям Леттон сӯзонда шуд, ки дар шарқи Англия, дар графии Суффолк зидагӣ мекард. Уилям бар зидди бутҳо, ки онҳоро ҳангоми маросимҳои калисо мебурданд, баромад мекард.

28 июли соли 1540 Томас Кромвели машҳур, графи Эссекс, сиёсатмадори барҷаста, ки лоиҳаи қонунро («Қонун дар бораи сарварии подшоҳи Англия ба калисо») пешниҳод намуд, ки бо он дар соли 1534 подшоҳ Генрихи VIII худро сарвари олии калисои Англия таъин намуд, сар аз тан ҷудо карда шуд. Он ба таври зерин ба амал омад.

Кромвел подшоҳро бовар кунонд, ки Анна Клевскаяро ба зани гирад, то ки бо бародари ӯ, роҳбари протестантӣ дар қисми ғарбии Олмон хешу табор шавад. Генрих ҳамсари чорумашро аз аввал бад медид, лекин аҳд бастан бо протестантиҳо ба ӯ дилнокаш

буд, зеро ӯ мехост таълимотҳои дини католикиро дастгирӣ намояд. Ҳарчанд, дар моҳи апрели соли 1540 Кромвел унвони графи Эссекский ва лорди-камергерро гирифт, душманони вай аллакай дар моҳи июн Генрихро бовар кунонданд, ки Кромвел хоини дин ва подшоҳ мебошад. 10 июн ӯро ба ҳабс гирифтанд, баъд маҳкум карданд ва 28 июни соли 1540 сарашро аз тан ҷудо карданд. Вале пеш аз ин, ӯро аз шиканҷаҳои зиёд газаронданд. Дар ҷои қатл Кромвел то охир гӯш карда, бо нутқи кӯтоҳ ба халқ муроҷиат намуд, баъд бо хоксорӣ ва фурӯтанӣ сарашро ба болои кундаи сарбурӣ гузошт.

Ҳарчанд, айбномаи ба Томас Кромвел баровардашуда ба дин ягон алоқа надошт, ин ашрофзода ҳуқуқи комили ба ҳисоби азияткашони Масеҳ дохил шуданро дорад. Агар ӯ ҳама кори имконпазирро барои аз ҳокимияти папа раҳо намудани Англияро намекард, подшоҳ то ҳол ба ӯ ҳусни таваҷҷӯҳ зоҳир менамуд. Кромвел барои ислоҳот дар Англия аз ҳар каси дигар дида, зиёдтар кардааст, ба ҷуз доктор Томас Кранмер ва бо ин хашми тарафдорони папаро овард, ки онҳо забон як карда, ӯро нобуд карданд.

Тақрибан дар ҳамин вақт доктор Роберт [ё Касберт] Бернс, Томас Гарнет ва Уилям Жером ба додгоҳои калисои усқуфи Лондон даъват шуданд ва дар бидъаткорӣ гунаҳкор дониста шуданд. Ҳар серо ба ҳабси Тауэри Лондон маҳкум намуданд, баъдтар бошад – ба сӯзондани умумӣ. Дере нагузашта, 30 июли соли 1540, онҳоро ба Смисфилд оварданд ва ҳамаро якҷоя бо занҷирҳо ба сутун бастанд. Додгоҳи усқуфон ё шерифи Лондон (мо маълумотҳои дақиқ надорем, зеро якчанд ҳуҷҷатҳоеро, ки мо дар ихтиёр дорем, аз якдигар фарқкунанда мебошанд) аз доктор Бернс пурсид, ки оё марҳумони муқаддас барои онҳо дуо мегӯянд. Бернс ҷавоб дод, зеро ҳамеша чунин мешуморид: «Дар тамоми Навиштаҷот мо аҳкомеро намебинем, ки ба муқаддасон дуо гӯем. Аз ин мебарояд, ман онро низ тасдиқ карда наметавонам, ки муқаддасон барои мо дуо гӯянд, зеро

дар ин ҳол, ман ба шумо таълимотҳои ақли худро маъвиза менамудам. Агар муқаддасон барои мо дуо гӯянд, он гоҳ умед дорам, ки ман барои шумо дар тӯли ҳамин якуним соат дуо мегӯям». Вақте ки оташ се азияткашро фаро гирифт, онҳо якдигарро бо ҷасорати тағйирнопазир рӯҳбаланд менамуданд, ки онро ба онҳо танҳо имони ҳақиқӣ ба Исои Масеҳ дода метавонист.

Дере нагузашта, баъд аз ин тоҷир бо номи Томас Соммерс ва се одами дигар барои хондани китобҳои Мартин Лютер ба ҳабс гирифта шуданд. Дар намуди ҷазо онҳо бояд ҳамаи ин китобҳоро гирифта, ба назди гулхан меоварданд, ки дар майдони савдоӣ дар Чипсайд ҷойгир шуда буд ва ба оташ партоянд. Се нафар фармони додашударо иҷро карданд, аммо Томас бошад, китобҳоро тавре партофт, ки онҳо ба гулхан наафтанд ва насӯзанд. Барои ин кор ӯро аз нав ба Тауэри Лондон фиристоданд ва дар он ҷо то мурдан сангсор карданд. Дар ин вақт доктор Лонгланд, усқуфи Линколн дар шарқи Англия, бо хашму ғазаби махсус бар зидди бидъат баромад мекард ва Томас Бейнардро танҳо барои он, ки ӯ дар забони англисӣ дуо мегуфт, ба сӯзондан маҳкум намуд ва Ҷеймс Моретонро – барои хондани Номаи Яъқуб, онро низ дар забони англисӣ. Сипас, ӯ Энтони Парсонс ва як одами дигарро бо номи Иствуд, инчунин як одами дигарро, ки номи ӯ ба мо маълум нест, ба Винздор, дар қисми шимоли –марказии Англия барои пурсупоси усқуфи Салисбурский фиристод, ки ӯ дар бераҳмӣ нисбати бидъаткорон танҳо аз Боннер монданӣ дошт (уступать). Усқуф ба пурсупос вақти зиёд сарф накарда, ҳамаро ба сӯзондан маҳкум намуд.

Вақте ки маҳкумшудагонро бо занҷирҳо ба сутунҳо бастанд, Парсонс хоҳиш намуд, ки ба онҳо барои нӯшидан об диҳанд ва вақте ки ба ӯ пиёларо доданд, онро баланд бардошт ва ба шарикони худ мурочиат намуда, гуфт: «Бардам бошед, бародарони ман, қалбҳои худро ба ҷониби Худо бардоред, зеро баъд аз ин наҳории кам, мо дар Малакути Масеҳ, Худованд

ва Наҷоткорамон хӯроки фаровони шом хоҳем хӯрд». Вақте ки Иствуд суханони Парсонсро шунид, ӯ чашмонашро ба осмон боло бардошта, аз Худованд хоҳиш намуд, ки рӯҳашро ба зудӣ қабул кунад.

Вақте ки ҷаллодон ҳезум ва хасро оварданд ва онҳоро дар гирдогирди сутунҳо гузоштанд, Парсонс хасҳоро дар гирдогирди синааш гузошт ва ба тӯдаи барои назорати қатл ҷамъомада муроҷиат намуда, гуфт: «Ана аслиҳаи Худо, ман бошам сарбози масеҳӣ, ки барои муҳориба омода шудаам. Ман на аз рӯи лутфу марҳамат наҷот ёфтаам, балки ба шарофати хизматҳои Масеҳ. Ӯ Наҷотдиҳандаи ягонаи ман мебошад, ман ба Ӯ наҷоти худро бовар мекунам». Оташро даргиронданд ва бадани азияткашон сӯхтанд, вале ҳеҷ чиз ба ҷонҳои қимматбаҳо ва ҷовидонии онҳо зарар расонда наметавонист. Вафодории онҳо ба бераҳмӣ дастболо шуд ва хотираи азобҳои онҳо ҳамеша дар дили касоне, ки азияткашонро барои Масеҳ дӯст медоранд, зинда мебошад.

Ана ҳамин тавр, бо бераҳмӣ ва хиёнат пайравони порсои Масеҳ дар Англия таъқиб мешуданд. Зеро парлумони подшоҳ Генрихи VIII, ки ӯ бояд ҳуқуқҳои сокинони Англияро ҳимоя менамуд, фармони куфрона ва золимона бароварда: «Ҳар касе, ки Навиштаҷотро дар баёноти Уиклиф мехонад [дар забони модарии англисӣ], аз замин, мол, моликият ва ҳаёти шахсии худ ва наслҳои худ то абад маҳрум мегардад, инчунин нисбат ба Худо бидъаткор, душмани тахт ва хиёнаткори Англия эълон мешавад». Ин мукофоти инсонӣ барои имондорони ҳақиқӣ ба Масеҳ буд, вале Худованд онҳоро бо тоҷи абадии адолат мукофотонид.

10.
Таъқибот дар Шотландия (1527-1558 сс.)

Таълимоти Мартин Лютер ва баҳси ӯ бо калисои католикии Румӣ ба тамоми Аврупо, Британияи Кабир, инчунин ба аксарият давлатҳои дигар таъсири бузург расонд. Аксарият қалбҳо аз ин таълимот ба ҳаяҷон омада буданд, ки он барои таҳқиқи ҳақиқати Каломи Худо сабаб гардид. Яке аз чунин тадқиқотчиён Патрик Гамилтон буд. Бо мақсади таълим додан ба ҳақиқатҳои Худо ӯ ва се рафиқи вай ба донишгоҳи шаҳри Марбург, дар қисми ғарбии Олмон, дар шимоли Франкфурт, дохил шуданд. Ин аввалин донишгоҳи протестантӣ дар Аврупо буд, ки аз тарафи шоҳзода Филипп Гесс, ландграфи 23-сола бунёд гардид. Дар он ҷо қарор гирифта, Патрик ва дӯстони вай бо Мартин Лютер ва Филипп Мелангтон, фақеҳи немис, ки дар соли 1521 «Loci Communes»- ро навиштааст, аввалин кори илмӣ, ки ба таълимотҳои протестантӣ бахшида шудааст, дӯстӣ пайдо карданд. Кор ва таълимоти Лютер ва Мелангтон, Гамилтон ва дӯстони ӯро барои тарк намудани

калисои католикӣ ва ба мазҳаби протестантӣ рӯ овардан бовар кунонд.

Акнун, бо дарки ҳақиқии имон ва тақводорӣ иштиёқманд гардида, Патрик Гамилтон кӯшиш намуд, ки ба Шотландия баргардад, то ки ба ҳамватанони худ роҳҳои ҳақиқати Худо ва Масеҳро нишон диҳад, ки дар Навиштаҷот хеле равшан намоён аст. Бо се дӯсти худ ӯ ба хона бармегардад ва корро ба таъхир нагузошта, таълимоти инҷилиро дар ҳар ҷое ки имконпазир буд, паҳн менамояд. Лекин, дере нагузашта, усқуфи аъзами калисои Андриюси Муқаддас, Ҷеймс Битом, ки тарафдори боматонати папа буд, бо таълимоти Гамилтон шинос шуд ва талаб намуд, ки ба назди ӯ ҳозир шавад. Гамилтон фавран ин талаботро иҷро намуд ва гумон дошт, ки имконияти муҳокима кардани таълимотҳои католикиро дорад. Вале дарҳол баъд аз пурсупоси кӯтоҳ усқуфи аъзам ӯро ба ҳабс гирифт ва то субҳ ба ҷои аз ҳама даҳшатноки қалъаи Андриюси Муқаддас фиристод, вақте ки ӯро аз нав ба машварати усқуфон барои пурсупоси оянда ҳамчун бидъаткор даъват намуданд.

Ба Гамилтон айбномаро оиди он, ки ӯ дар пеши мардум бар хилофи зиёрат баромад мекард, вуҷуд доштани аъроф (чистилище), дуо барои муқаддасон, дуо барои мурдагон, намози пешин (месса) ва инчунин дурусткории папаро инкор менамуд, хонда доданд. Гамилтон розӣ шуд, ки ҳамаи айбдоркуниҳо бар зидди ӯ ба ҳақиқат мувофиқат мекунанд. Барои ин ӯро фавран ба зинда сӯзондан маҳкум карданд. Бо фармони усқуфи аъзами мутаассиб (фанатичный) ҳукмнома худи ҳамон рӯз бояд амалӣ мегашт.

Вақте ки дар рӯзи дигар, баъд аз ихтиёрӣ ба пешвози усқуфи аъзам омадан, Гамилтонро ба ҷои сӯзондан оварданд, тӯдаи мардум, ки дар он ҷо ҷамъ омада буданд, ҳатто пай намебурданд, ки дар асл, дар ҳукми қатли вай иштирок мекунанд ва фикр мекарданд, ки ин танҳо як қисми пурсупос аст ва мақсади он тарсондани Гамилтон, ӯро маҷбур карда, аз таълимоти худ

даст кашидан ва ба таълимотҳои дини католикӣ баргаштан буд. Вале ба зудӣ одамон фаҳмиданд, ки хато мекунанд. Вақте ки Гамилтонро ба назди сутун бурданд, ӯ ба зону афтид ва чанд лаҳза сахт дӯо кард. Баъд аз анҷоми дуо ӯро ба сутун бастанд ва дар гирди вай шохҳои хушки дарахтро гузоштанд. Дар таги каши ӯ халтачаҳоро бо борут (порох) бастанд ва онҳоро даргиронданд, вале онҳо натаркиданд, балки танҳо дастҳо ва рӯи ӯро сӯзонданд ва ба дигар узвҳои бадан нарасиданд ва шохҳоро дарнагиронданд. Он гоҳ, барои даргирондан борути зиёд ва маводи дигарро оварданд, дар гирди Гамилтон гузоштанд ва аз нав даргиронданд. Борут дубора натаркид, балки танҳо даргирифт ва аланга фавран Гамилтонро фаро гирифт. Ҳангоме, ки оташ ӯро фаро мегирифт, Гамилтон хитоб намуд: «Худованд, Исо, рӯҳи маро қабул кун! Боз чанд вақт зулмот мамлакати моро фаро мегирад? Чӣ қадар Ту боз зулми ин одамонро тоқат мекунӣ?» Лекин, яқинан бо сабаби он, ки шохаҳо тар буданд, аланга паст шуд ва гулхан ба зӯр дармегирифт, ки ин ба Гамилтон азобҳои бузургтаринро мерасонд. Вале, ба ҳар ҳол ӯ бо чандон ҷасорати масеҳӣ ранҷ мекашид ва ин барои ҳамаи имондорони ҳақиқӣ аён буд, ки файзи бузурги Худоро, ки аз болои ӯ дар азоби ӯ буд, медиданд. Ин дар соли 1527 рух дод.

Дар соли 1529 роҳиби бенедиктӣ бо номи Генри Форест ба маъвиза кардан оғоз намуд ва тасдиқ мекард, ки Патрик Гамилтон – азияткаш барои Масеҳ мебошад ва қисми зиёди таълимоти ӯ ҳақиқатанд. Вақте ки аз ин бора ба усқуфи аъзам Ҷеймс Битон хабар доданд, ӯ фармон дод, ки Форестро ба ҳабс гиранд ва дар зиндон маҳкам кунанд. Баъд ӯ ба назди вай роҳиброфиристод, то ки аз Форест эътирофнома қабул кунад, ки вай низ онро чун Яҳудои аҳдшикан ичро намуд. Дар эътирофнома Генри Форест ба роҳиб ақидаи худро нисбат ба Патрик Гамилтон ошкор намуд ва гуфт, ки ӯро ҳамчун инсони хуб мешуморад ва таълимоти ӯ бо Навиштаҷот тасдиқ мегардад. Ин эътирофномаро усқуфи аъзам ҳамчун шаҳодат бар зидди

Форест истифода намуд, то ки ӯро чун бидъаткор ба зинда сӯзондан маҳкум кунад.

Лекин, бинобар ин, ки Генри Форест инсони машҳур ва порсо буд, усқуфи аъзам бо калисо маслиҳат намуд, ки чӣ тавр ӯро қатл кунанд, то ки халқ аз марги ӯ ба шӯр наояд. Ҷон Линдсей яке аз хизматгорони усқуфи аъзам, пешниҳод намуд, ки Форестро дар ягон ҷои махфӣ, масалан дар таҳхона қатл кунанд, зеро «дуди оташи Патрик Гамилтон ба ҳар касе, ки мевазад, онҳоро олуда месозад». Усқуфи аъзам бо ӯ розӣ шуд ва Форестро ба таҳхона бурданд, ки дар он ҷо ҷилди болишти аз матои ғафсро ба сараш пӯшонда, буғӣ карда куштанд.

Дар соли 1534 Давид Стретон [ё Стрейтон] ва Норман Горлей [ё Голей] барои ҳақиқати Инҷил ҳаёти худро мардонавор доданд. Горлей ба ҳабс гирифта шуд, зеро тасдиқ менамуд, ки аъроф вуҷуд надорад, ки папа зиддимасеҳ аст ва бар Шотландия қудрат надорад. Стретонро бо ҳамин гуна айбнома ба ҳабс гирифтанд: ӯ мегуфт, ки аъроф вуҷуд надорад, балки танҳо дар ҳамин олам азобу ғам барои Масеҳ вуҷуд дорад. Стретон моҳигир буд ва бар зидди ӯ боз як айбномаи дигар баровардаанд: вақте ки Роберт Лоусон, викарии [кашиш] Иглесгриг, аз ӯ хоҳиш намуд, ки аз моҳии доштааш даҳяк супорад, Стретон аз қаиқи худ ба ӯ моҳӣ партофт, дар ин ҳол якҷанд моҳӣ ба об афтода, шино карда рафтанд. Викарий Стретонро дар бидъаткорӣ айбдор намуд, зеро бо амали худ, чӣ хеле, ки викарий тасдиқ мекунад, Стретон мехост гӯяд, ки ба калисо даҳяк додан ҳоҷат надорад.

Горлей ва Стретон ба ҳабс гирифта шуданд ва аз тарафи усқуф Розо ҳамчун бидъаткорон маҳкум гардиданд. Онҳоро дар водии сабз, миёни Эдинбург ва Лейс сӯзонданд, зеро усқуфи аъзам мехост, ки сокинони Файфаи наздик ҳукми қатлро бинанд ва ҳатто аз фикри эътироф кардани имоне, ки Горлей ва Стретон эътироф менамуданд, ҳарос кунанд. Вале бо оташ онҳо касеро натарсонданд. Ҳар ду маҳкумшуда ҷонҳои худро ба Худое, ки онро ба онҳо додааст, мардонавор доданд, онҳо

медонистанд, ба шарофати он, ки Наҷотдиҳандаашон ба амал овардааст, онҳо эҳёи бошарафро барои ҳаёти ҷовидонӣ ба даст меоранд.

Дар соли 1538 Дин Томас Феррет, викарии Долор ва каноники (кашиши католикҳо) калисои Колма Инчаи Муқаддас дар вақти ҳар ибодати якшанбегӣ ба қавми худ аз Аҳди Ҷадид маъвиза менамуд. Дар Шотландия ин ҳодисаи кам воқеъшаванда буд, зеро танҳо роҳибони «сиёҳ» ва «хокистарранг» маъвиза мекарданд ва дар ин сурат, қариб ягон маротиба Навиштаҷотро истифода намебурданд. Роҳибон ба Феррет ҳасад мебурданд ва ӯро дар назди усқуфи Данкелд ҳамчун бидъаткор айбдор намуданд, зеро вай одамонро дар забони модариашон ба фарзҳои Навиштаҷот таълим медиҳад ва бо ин роҳибонро дар назари халқ пурнафрат мегардонад, зеро онҳо ҳеҷ гоҳ дар забони фаҳмо маъвиза намекарданд. Бар замми ин, Феррет аз одамон мол ва матоъ намегирифт, ки ба ҳамин тариқ кӯшиш менамуданд, ки ҳаққи маъвизаҳои ӯро диҳанд ва ин метавонист, онҳоро ба маҳкама кашад, ки роҳибон низ ҳамин тавр рафтор хоҳанд кард.

Усқуф талаб намуд, ки Феррет ба назди ӯ ҳозир шавад ва фармон дод, ки барои маъвиза мол ва матоъ гирад, зеро ҳар якшанбе бе музд маъвиза карда, вай бо чунин амалҳо деҳқононро бар зидди рӯҳониён бармеангезонад. Инчунин талаб намуд, ки танҳо номаҳои нек ва инҷили дурустро, ки бартарии модари муқаддаси калисоро тасдиқ менамоянд, маъвиза кунад.

Феррет гуфт, ки танҳо дар рӯзҳои якшанбе маъвиза кардан нокифоя мебошад, вале ӯ розӣ аст, ки аз рамаи камбизоати худ бар ивази ягон моликияти худаш мол ва матоъ гирад, то ки ба ҳамин тариқ ӯ ва усқуф дар розигӣ бошанд. Инчунин, изҳор намуд вай, агар усқуф ба ӯ «номаҳо ва инҷили хуб» ва «номаҳо ва инҷили бад»-ро нишон диҳад, он гоҳ, ӯ танҳо хубро маъвиза мекунаду, аз бад худдорӣ менамояд.

Ба ин усқуф бо бадӣ ҷавоб дод: «Ман Худоро шукр мегӯям, ки на Аҳди Қадим ва на Аҳди Ҷадидро медонам. Ман ба ғайр аз

китобҳои ибодат ва усқуфӣ ҳеҷ чизро донистан намехоҳам. Бо роҳи худ рав, ғарқи хаёлоти худ шав, дар ақидаҳои бардурӯғи худ ҳаракат намуданро идома деҳ: дертар ту аз ин пушаймон мешавӣ, зеро аллакай имконияти аз оқибатҳо раҳоӣ ёфтан намешавад».

«Дар пеши Худо дар ҳақ будани худ ман боварӣ дорам ва оқибатҳо маро ба изтироб намеоранд», – ҷавоб дод Феррет ва рафт.

Дере нагузашта, баъд аз ин, кардинали калисои Андриюси Муқаддас ва усқуфи Данкелд талаб намуданд, ки Дин Томас Феррет, роҳибон Кейлор ва Бевериҷ, кашиш Дункан Симпсон ва сокини деҳа Роберт Форрестер ва инчунин якчанд нафари дигар ба назди онҳо ҳозир шаванд. Дар рӯзе, ки онҳо ба анҷумани усқуфон ҳозир шуданд, ҳамаашонро ҳамчун бидъаткорон маҳкум намуданд ва имконияти на худро ҳимоя кардан ва на аз ақидаи худ рӯ гардонданро доданд, зеро мувофиқи айбномаи ба онҳо баровардашуда, онҳо ҳамчун роҳбарон ва муаллимони бидъаткорон шинохта шуданд. Дар тӯи викарии Тулибоф, дар Лента, ки на дуртар аз Стерлинг, ки баъд аз анҷуман ин одамон ба он ҷо раҳсипор шуданд, онҳоро дастгир карданд, ба Кастл Хил дар Эдинбург фиристоданд ва дар ҳамон ҷо сӯзонданд.

Дар соли 1543 Ҷорҷ Вишарт, ислоҳотчии динии шотландӣ, ки кашиши католикӣ Ҷон Ноксро ба имон овардааст, дар донишгоҳи Кембриҷ дарс медод. Ин одами қадбаланд бо сарулибоси оддӣ, боадаб ва хоксор, ситорагарм, нисбат ба бенавоён олиҳиммат ва нисбати худ серталаб, Худоро беш аз ҳама дӯст медошт. Ӯ танҳо ду маротиба дар як рӯз хӯрок мехӯрд, дар чор рӯз як маротиба рӯза мегирифт, дар бистари пахолӣ (соломенный), ки бо матои дурушт пӯшонда шудааст, хоб мерафт ва агар вақти иваз кардани он мерасид, вай бистарро ҳамин тавр медод. Вишарт аз Навиштаҷот бо чунин ҷиддият таълим медод, ки аксарияти одамон ӯро ҳамчун инсони бераҳм мепиндоштанд, баъзеҳо бошанд ӯро барои таълимоти вай то он дараҷа бад медиданд,

ки ҳатто мехостанд, ӯро кушанд. Вале Худованд ҳимоягари вай буд ва одатан, вақте ки ӯ ба одамон дар бораи бадиашон гап мезад ва ба роҳи беҳтар равона мекард, онҳо нисбати вай ва нисбати якдигар боз ҳам беҳтар муносибат мекарданд. Вале рӯҳониёни католикии румӣ аз сабаби таълимотҳои ислоҳотиаш, ба Вишарт моил набуданд ва дере нагузашта роҳҳои онҳо ба ҳам вохӯрданд.

Дар соли 1544 Вишарт хоҳиши маъвиза кардани Инҷили ҳақиқиро дар ватани худ пайдо кард ва Кембричро тарк намуда, ба Шотландия рафт. Дар аввал ӯ дар Монтроуз маъвиза мекард, дертар бошад, – дар Данди, дар соҳили шимолии Фирс-ов-Тей. Вишарт маънии Номаи ҳавворӣ Павлусро ба румиён дар бораи сафедшавӣ тавассути имон мефаҳмонд, ки бо Мартин Лютер он сӣ сол қабл аз нав ошкор карда шуда буд ва чунон фаҳмо ва озодона шарҳ медод, ки тарафдорони папа ба изтироб афтода буданд.

Ду соли оянда Вишарт дар тамоми Шотландия сафар мекард ва чанд маротиба ҳаёти худро аз тарафи рӯҳониёни румӣ, ки кӯшиш менамуданд, ки ӯро маҷбуран хомӯш кунанд, дар хатар мегузошт. Боре, вақте ки Вишарт дар Шотландияи ғарбӣ буд, ӯ хабари паҳншавии тоунро (чума)-ро дар Данди шунид ва фавран ба он ҷо шитоб намуд, то ки ба ҷисм ва ҷонҳои бемор хизмат намояд. Албатта ӯро бо хушнудӣ пазируфтанд.

То бозгашти Вишарт аз Данди ба Монтроуз усқуфи аъзам ва кардинали Шотландия як кашиши папаро бо номи Ҷон Вейтон розӣ кунонданд, ки ӯро кушад. Таърих гувоҳӣ медиҳад, ки Вейтон ханҷарро дар зери ҷомааш пинҳон намуд ва дар назди зинапояҳои минбар интизор мешуд, то вақте ки баъд аз маъвизаи шифо ёфтани ҷон ва бадан Вишарт ба поён мефарояд. Лекин, Вишарт кашишро, ки дар интизории ӯ меистод ва як дасташ дар таги ҷомааш пинҳон буд, дид ва аз ӯ пурсид: «Дӯстам, ту чӣ мехоҳӣ?»-зуд ханҷарро аз дасташ кашида гирифт, маҳз дар ҳамон вақте ки вай онро аз ҷомаи худ

берун овардан мехост. Кашиши ба ҳарос омада ба зону афтод, дар бораи мақсадаш гап зад ва Вишартро барои узрпурсӣ зорӣ намуд. Баъзе гирифторони бемории тоун, ки дар паси панҷараи махсус менишастанд ва онҳоро аз одамони солим ҷудо мекард, ҳодисаи рухдодаистодаро дида ва шунида, талаб намуданд, ки хоинро ба назди онҳо фиристанд. Дар сари ҷаҳл онҳо панҷарарро шикастанд, то ки кашишро қапида гиранд, вале Вишарт ӯро ба оғӯш гирифта гуфт: «Ҳар касе, ки ӯро мезанад, маро мезанад, зеро вай ба ман осебе нарасондааст, лекин дарси хуб дод – дар оянда хеле боэҳтиёт бошам». Ҳамин тавр вай одамонро ором кард ва ҳаёти кашиши гунаҳкорро, ки кӯшиши кӯштани ӯро намуд, наҷот дод.

Дере нагузашта, баъд аз бозгаштани Вишарт ба Монтроуз, кардинал Витон ба ӯ мактуби қалбакиро фиристод, ки гӯё аз дӯсти вай, соҳиби машҳури заминҳо ва мулкҳо бошад ва аз Вишарт хоҳиш менамуд, ки фавран ояд, зеро ӯ бемор мебошаду, дар дами марг аст. Қад-қади роҳ ба сӯи мулк дар масофаи якуним мил аз Монтроуз Битон бо ҳамроҳии шаст нафар одамони мусаллаҳ камин гирифт, то ки Вишартро кушанд. Вале вақте ки Вишарт ва чанд нафар ҳамроҳони вай аз он ҷо аллакай, на он қадар дуртар буданд, ба сари Вишарт як фикри ногаҳонӣ омад, ки дар ин ҷо чизе нодуруст аст ва ӯ набояд сафари худро давом диҳад. Ӯ ба ҳамсафаронаш гуфт: «Худо ба ман давом додани роҳро манъ менамояд. Моро дар пеш дом интизор аст. Бигзор касе аз шумо бо эҳтиёт пештар равад ва он чизеро, ки мебинад, ба ман хабар медиҳад». Вақте ки фиристодагон камингоҳро, ки кардинал онро ташкил намуда буд, диданд, онҳо зуд ба назди Вишарт баргаштанд ва ба ӯ дар ин хусус гап заданд. Вишарт гуфт: «Ман медонам, ки ҳаётам дар дастони хунолуди ин одам ба охир мерасад, вале ин дом намешавад».

Дере нагузашта, дар соли 1546 ба кардинал Битон хабар доданд, ки Вишарт дар хонаи ҷаноб Кокбурн Ормистон, дар Ист-

Лотиана, дар шимоли Шветсария мебошад ва ӯ аз ҳокими ин минтақа хоҳиш намуд, ки Вишартро ба ҳабс гиранд ва вай иҷро намуд, ҳарчанд, ин бар хилофи иродааш буд. Баъд Вишартро ба Эдинбург фиристоданд ва дар қалъаи Андриюси Муқаддас маҳкам карданд. Дар рӯзи дигар ӯро аз он ҷо даъват намуданд, ки дар пеши кардинал ва анҷумани усқуфон барои таълим додани таълимотҳои бидъаткорона ва ба исён фитнаангез ҳозир шавад.

Дар ин субҳ сад хизматгорони кардинал ба либосу аслиҳаи ҷангӣ пӯшида шуда буданд, гӯё ки онҳо ба ҳарбу зарб омодагӣ мебинанд, на ин ки инсони барои маъвизаи Каломи ҳақиқии Худо айбдоршударо ҳамроҳӣ намоянд. Аз қалъаи Андриюси Муқаддас онҳо Ҷорҷ Вишартро ба калисои Аббат гуселонданд ва дар ин сурат аз он метарсиданд, одамоне, ки Вишартро дӯст медоранд ва бо ӯ фахр мекунанд, кӯшиши кашида гирифтани ӯро накунанд ва вай нагурезад, вале ӯ бо фурӯтанӣ ба сӯи калисои дайр (монастырь) мерафт. Дар назди дарвоза ӯ дар муддати кӯтоҳ бозистод, то ки ҳамёни худро бо пулҳояш ба одами дар зинаҳо хобида диҳад.

Вақте ки Вишарт ба калисо даромад ва дар назди кардинал истод, ёрдамчии кашиши калони аббатӣ бо номи Дейн Ҷон Вингим ба назди минбар наздик шуд ва оид ба бидъат маъвиза гуфт. Вақте ки ӯ ба охир расонд, кашиши аз шикампарастӣ фарбеҳшуда Ҷон Ландер ба Вишарт айбномаро дар бидъаткорӣ хонда дод, ки аз ҳаждаҳ банд иборат буд. Дар айбдоркуниҳо лаънатҳо, куфр ва таҳдидҳо ба гӯш мерасиданд ва то андозаи хондан Ландер ба чунин хашм омад, ки арақ рӯи ӯро пӯшонд ва аз даҳонаш каф мебаромад. Ба охир расонда, ӯ ба Вишарт дод зад: «Ба ин ҳукмнома чӣ мегӯӣ, мардуд (отступник), хиёнаткор ва дузд?! Мо шаҳодатҳои кофӣ дорем, то ки инро исбот намоем!»

Вишарт дар аввал ба зону нишаст ва дуо кард ва баъд мулоимона ва ба Масеҳ пайравӣ намуда, гуфт: «Ҳақиқати ягона ин ҷо дар он мебошад, ки шумо, айбдоркунандагони ман,

бояд суханони ман ва таълимотҳои маро, ки ба онҳо таълим медодам, шунавед, то ки ман, ки на аз рӯи адолат маҳкум мешавам, намирам ва бо ин ҷонҳои шуморо дар хатари бузург гузорам. Инак, барои ҷалол ва шарафи Худо, барои ҳастии шумо ва ҳимояи ҳаёти худ, ман аз шумо, аз доварон самимона хоҳиш дорам, ки маро бодиққат гӯш кунед ва ман ба шумо таълимотҳои худро бе тағйир додани онҳо баён намоям».

Ба ин айбдоркунанда Ландер хитоб намуд: «Ту – бидъаткор, мардуд, хиёнаткор ва дузд! Ту ҳуқуқи таълим доданро надорӣ. Ту ба дасти худ қудратеро мегирӣ, ки калисо онро ба ту намедиҳад». Вишарт мақсади онҳоро фаҳмид ва ҳарчанд вай аз онҳо хоҳиши худро давом медод, онҳо ба ӯ ҳеҷ аҳамият намедоданд. Ӯро дар бидъаткорӣ аз рӯи ҳаждаҳ банд гунаҳкор донистанд ва ба овезон кардан ва сӯзондан маҳкум карданд.

Субҳи рӯзи қатл кардинал ду роҳиборо ба назди Вишарт ба зиндон фиристод. Онҳо ба ӯ либоси сиёҳи катонӣ (льняной) пӯшонданд ва якчанд халтачаҳоро бо борут ба ҳар қисмҳои баданаш бастанд. Баъд дастонашро ба қафо бастанд, занҷири оҳаниро ба миёнаш маҳкам карданд ва ба назди сутун аз ресмоне, ки ба гарданаш баста шуда буд, кашида оварданд. Барои пешгирӣ кардани дахолати дӯстон ва эҳтиромкунандагони зиёди Вишарт, кардинал Витон тирандозонро ҷо ба ҷо гузошт, ки онҳо, то мурдани Вишарт, дар ҳолати омодагии ҳарбӣ қарор доштанд. Дар роҳ ба сӯи сутун яке аз роҳибон ба Вишарт гуфт: «Устод Ҷорҷ, ба Марями мо дуо гӯед, то ки ӯ барои шумо аз Писари худ хоҳиш намояд». Вишарт ҷавоб дод: «Бас кунед! Маро ба васваса наандозед, бародаронам. Оташ бе ин ҳам маро васваса мекунад».

Дар назди сутун ӯ ба зону афтид ва се маротиба дуо кард: «Оҳ, Наҷотдиҳандаи олам, нисбати ман раҳмдил бош: Падари Осмонӣ, ман рӯҳи худро ба дастони Муқаддаси Ту месупорам». Баъд аз ин, ӯ барои айбдоркунандагони худ дуо гуфт: «Падари Осмонӣ, ман аз Ту хоҳиш менамоям, онҳоро барои ҳама

дуруғҳояшон, ки бар зидди ман аст, бубахш. Ман онҳоро аз тамоми қалби худ мебахшам. Ман аз Масеҳ хоҳиш мекунам, ки онҳоро бубахшад, зеро онҳо маро дар ғофилии худ маҳкум намуданд». Баъд ӯ ба халқи ҷамъшуда рӯ оварда гуфт: «Ба хотири Калом ва ҳақиқати Инҷил, ки ба ман бо файзи Худо дода шудааст, имрӯз азобро аз дастони одамизод на дар ғам, балки дар хурсандии қалб қабул мекунам. Ман фиристода шудам, то ки дар ин аланга барои Масеҳ ранҷ барам. Ба рӯи ман нигоҳ кунед. Он ранги худро тағйир надодааст, зеро ман аз ин алангаи беамон наметарсам. Медонам, ки имрӯз ҷонам бо Наҷотдиҳандаам Масеҳ якҷоя хӯроки шом мехӯрад».

Инро шунида, ҷаллод дар пеши Вишарт ба зону нишаст ва гуфт: «Ҷаноб, маро бубахшед, ман дар марги шумо гунаҳкор нестам». Вишарт ҷавоб дод: «Ба назди ман ой». Вақте ки ӯ наздик шуд, Вишарт аз рӯи вай бӯсид ва гуфт: «Ин шаҳодати он аст, ки ман туро мебахшам, азизам. Коратро иҷро кун». Баъд Вишарт дар болои оташ ба чӯбаи дор овезон карда шуд ва то вақте овезон меистод, ки бадани ӯ сӯхта сиёҳ шуд. Азоби бузурги вайро дида, одамон гиряҳои худро барои ӯ ва айбдоркуниҳоро нисбати тарафдорони папа, ки барраи бегуноҳро қатл карданд, нигоҳ дошта наметавонистанд. Дере нагузашта, баъд аз ин издиҳоми ба хашм омада кардиналро куштанд ва қалъаи ӯро забт намуданд. Ҷон Нокс ба лашкари қалъа ҳамроҳ шуда, онҳоро ба Инҷил таълим медод. Баъд аз чанд вақт Нокс барои инқилобчиён воиз шуд. Дар моҳи июли соли 1547 –и оянда калисои румӣ католикӣ бо кӯмаки фаронсавиҳо ҷангида қалъаро ба даст оварданд ва ҳимоягарони онро ба сифати ғуломон ба галерҳои фаронсавӣ фиристоданд. Дар моҳи феврали соли 1549 Нокс озод карда шуд ва чанд вақт дар Англия ва Олмон маъвиза мекард. Чанде баъд, ӯ шӯбони қавми англисӣ дар Женева, Шветсария ва инчунин шогирди Жан Калвин, зодаи фаронса ва фақеҳи шветсария, ки Женеваро «Шаҳри Худо»гардонд, шуд. Баъд аз бозгашти худ ба

Шотландия Нокс дар ин мамлакат ҳаракати пресвитерианиро бунёд намуд.

Боз як азияткаш дар Шотландия, ки ҳаёти худро барои Масеҳ додааст, дар соли 1558 Уолтер Милли [ё Милн] ҳаштодудусола гардид. Дар синни ҷавонӣ Милл тарафдори папа ва дар тӯли чанд вақт – кашиши маҳаллии калисои Линана дар Ангуса буд. Лекин боре ӯ ба Олмон сафар намуд, ки дар он ҷо Инҷили ҳақиқиро шунид. Дар вақти бозгашт ба Шотландия ӯ ҳамаи он чизеро, ки ба калисои католикии румӣ тааллуқ дошт, ба як сӯ гузошт ва ба таълим додани таълимотҳои Ислоҳотӣ оғоз намуд ва бо вуҷуди он, ки дар синни пирӣ қарор дошт, издивоҷ намуд. Дере нагузашта, усқуфони шотландӣ ӯро дар бидъат гумонбар намуданд. Онро фаҳмида, ки метавонад, ба ҳабс гирифта шавад ва маҳкум гардад, Милл калисои худро тарк намуд ва дар деҳа пинҳон шуд. Дере нагузашта, малика ба ӯ иҷозат дод, ки ба қавми худ баргардад ва маъвиза кунад. Вале бо вуҷуди ин, ду кашиш ӯро ба зудӣ дастгир намуда ба қалъаи Андриюси Муқаддас, дар Эдинбург кашолакунон оварданд.

Дар аввал Миллро аз шиканҷаҳо ва оташ гузаронданд, вале вақте диданд, ки ин вайро аз даст кашидан аз ақидаҳои ислоҳотӣ ва таълимоташ маҷбур карда наметавонад, ба ӯ вазифаи роҳиб ва амнияти якумраро дар аббати Данфермлин ваъда карданд, агар ӯ аз ҳамаи он чизе, ки таълим медод, даст кашад ва розӣ шавад, ки ҳамаи ин бидъат буд. Аммо, Милл, сарфи назар аз шиканҷаҳо ва пешниҳодҳои дилфиреб, дар ҳақиқати Инҷил меистод.

Ӯро ба калисои Андриюси Муқаддас оварданд ва фармон доданд, ки дар минбар ҷойро ишғол намояд, то ки аз усқуфон ҳукнома гирад. Лекин, аз сабаби синну соли худ ва аз натиҷаи шиканҷаҳои дар зиндон гузаронда, Милл натавонист аз зинаҳои минбар бе кӯмаки каси дигар боло барояд, бинобар ин, усқуфон қарор доданд, ки барои бо овози баланд гап задан ва аз тарафи онҳо шунида шуданаш, ӯ хеле заиф аст. Лекин вақте ки Милл

ба сухан даромад, овози ӯ бо чунин шуҷоат ва мардонагӣ садо дод, ки масеҳиёни дар он ҷо буда шодӣ мекарданд, дар ҳоле, ки душманонаш ошуфта гашта буданд. Дар сари минбар истода, Милл ба зону нишаст ва дар муддати дароз дуо гуфт, ки Эндрю Олифент, кашиш аз давраи кардинал Битон, ба ӯ гуфт: «Ҷаноб Уолтер Милл, марҳамат карда аз ҷоятон хезед ва ба айбнома ҷавоб гӯед; шумо хоҷаҳои маро дар ин ҷо дуру дароз нигоҳ медоред». Баъд аз анҷоми дуо Уолтер гуфт: «Шумо маро «ҷаноби Уолтер» ном гирифтед, ки маънои «ритсар Уолтер»-ро дорад; маро «Уолтер» ном гиред, на ин ки «ритсар Уолтер». Ман вақти хеле зиёд ритсари папа будам. Ана акнун, гӯед, ки шумо чӣ гуфтан мехостед».

Тафтишотро давом доданд ва ниҳоят Эндрю Олифент пурсид, ки оё Милл аз ақидаҳои ғалатноки худ даст мекашад ё не. Милл ҷавоб дод: «Барои ман беҳтар аст, ки даҳҳо ҳазор ҳаёти худро аз даст диҳам, назар ба он, ки аз хурдтарин заррачаи асосҳои осмонӣ даст кашам, ки ман онҳоро ба шарофати ранҷҳои Наҷотдиҳандаи мубораки худ ба даст овардаам». Баъд Олифент ҳукмномаро хонда дод ва Миллро аз нав ба зиндон бурданд, ки дар рӯзи дигар ӯро аз он ҷо бояд ба қатл мебурданд.

Вақте ки ӯро ба ҷои қатл оварданд, Уолтер Милл ақидаҳои динии худро бо чунин қувва ва бо чунин нозукфаҳмӣ баён намуд ва ба синну соли худ ва ҳолати заифи худ нигоҳ накард, ки бо ин ҳатто душманони худро ба ҳайрат овард. Баъди дуо ӯ гуфт:

«Дӯстони азиз, ман дар ин ҷо на барои он истодаам, ки маро дар ягон ҷиноят айбдор намуданд, ҳарчанд ман худро гунаҳкори аз ҳама оҷиз дар пеши Худо мешуморам, вале барои ҳимояи имони Исои Масеҳ, ки барои мо дар Аҳди Қадим ва Аҳди Ҷадид кушода шудааст. Ин ҳамон имонест, ки барои он азияткашони порсо ҳаётҳои худро бо хушнудӣ медоданд ва дар

хушбахтии ҷовидонӣ боварии қатъӣ доштанд. Дар ин рӯз ман Худоро аз он, ки маро барои дар миёни хизматгузорони Ӯ будан даъват намудааст ва ҳақиқати Ӯро бо ҳаёти худ исбот намудан, ки ман онро аз Ӯ гирифтаам ва барои ҷалоли Ӯ ихтиёрӣ ба Вай медиҳам, ҷалол медиҳам.

Агар шумо аз марги дуюм раҳо ёфтан хоҳед, бо кашишҳо, роҳибон, пирони дайр (настоятели), бо аббатиҳо, усқуфон ва дигарон аз фирқаи зиддимасеҳон гумроҳ нагардед. Танҳо ба Исои Масеҳ ва ба лутфу марҳамати Ӯ такя кунед, то ки аз айбдоршавӣ озод шавед ва ҳаёти ҷовидониро қабул намоед».

То вақте ки ӯ сухан мегуфт, гиря ва нолаи халқ шунида мешуд, ки аз шуҷоат ва мардонагии ӯ, аз қавигӣ ва имони ӯ, аз суханонаш, ки қалбҳоро афрӯхта буд, ба ҳаяҷон омада буданд.

Сипас, Уолтер Миллро ба сутун овезон карданд ва дар зери ӯ гулхан афрӯхтанд. Вақте ки аланга ӯро месӯзонд, вай фарёд зад: «Худовандо, ба ман лутфу марҳамат намо! Халқ дуо гӯед, то он даме, ки вақт ҳаст!». Баъд ӯ бо ин ҷаҳон падруд гуфт, то ки бо Худованди худ, ки барои Ӯ ҷон дод, бимонад.

Вақте ки дар соли 1560 Ислоҳот дар тамоми Шотландия паҳн гардид ва парлумони шотландӣ мазҳаби пресвитерианиро ҳамчун миллӣ тасдиқ намуд, бештари суратҳои қимматбаҳо аз калисоҳои католикӣ дар ҷои қатли Уолтер Милл сӯзонда шуданд.

11.
Маргҳои пуразоби Уилям Тиндейл (1536 с.), Ҷон Фрис ва Эндрю Хевет (1533 с.)

Уилям Тиндейл

Ҳоло мо ба қиссаи азияткаши Худо Уилям Тиндейл расидем, ки ӯ дар ҳақиқат бо Худо интихоб шуда буд, то ки ҳокимияти папаро аз реша барканда аз таҳкурсиаш ҷунбонад. Дар натиҷа, ҳокими зулмот бадиро ниҳон дошта, ҳама кори имконпазирро кард, то ки Тиндейлро ба дом дарорад, ба ӯ хиёнат кунад ва ҳаёти ӯро гирад.

Тиндейл дар наздикии сарҳади Уэлс дар соли 1494 ба дунё омадааст. Ӯ дар донишгоҳҳои Оксфорд ва Кембриҷ маълумот гирифтааст ва дере нагузашта, баъд аз хатми таҳсил, корро бо тарҷумаи Китоби Муқаддас дар забони англисӣ оғоз намуд, ки ба он тамоми ҳаёти худро бахшид.Кембриҷро тарк намуда, муаллими кӯдакони усто Уэлч ва ритсари Глостершир дар Англия шуд.

Усто Уэлч таомҳои аъло ташкил мекард, ки ба он ҳар замон хизматгузорони бомаърифату олимақоми калисо меомаданд.

Ҳамчун аъзои оила, Тиндейл бо онҳо таъом мехӯрд ва ба муҳокимаи чунин одамон аз ҷониби онҳо ба мисли Мартин Лютер – фақеҳи олмонӣ ва Дезидерий Эразм – олими даниягӣ ва фақеҳи румӣ-католикӣ ҳамроҳ мешуд ва дар мубоҳисаҳо оид ба мухолифатҳо дар калисо ва саволҳо аз Навиштаҷот иштирок мекард.

Тиндейл инсони донишманд буд ва худро ба омӯхтани Каломи Худо бахшида буд, бе ягон шубҳа ақидаи худро оид ба ҷойҳои гуногуни Навиштаҷот баён мекард ва онҳоро бо суханони оддӣ ва фаҳмо шарҳ медод. Вақте ки онҳо бо вай розӣ намешуданд, ӯ ба онҳо дар Китоби Муқаддас нишон медод, ки Навиштаҷот чӣ мегӯяд ва ба онҳо мегуфт, ки дар ақидаҳои худ ва таълимотҳои худ ноҳақ мебошанд. Ин чунон зуд-зуд ба амал меомад, ки рӯҳониёни маҳаллӣ ба зуддӣ нисбати Тиндейл дар дилҳои худ кина пайдо карданд. Дере нагузашта, рӯҳониён ҷаноб ва хонум Уэлчро бе ҳузури Тиндейл ба зиёфат даъват намуданд, ки дар он таълимотҳои ғалатноки худро озодона ва бе ягон мулоҳиза аз тарафи иштирокчиён баён менамуданд. Бе шубҳа онҳо нақша доштанд, ки Уэлч ва ҳамсари ӯро бар зидди Тиндейл барангезанд ва онҳоро ба таълимотҳои католикӣ баргардонанд. Онҳо дар ин комёб гардиданд, зеро зану шавҳар Уэлчҳо, ҳангоми ба хона баргаштан, якбора бо Тиндейл оиди баъзе чизҳое, ки дар зиёфат гуфта шуда буданд, ба баҳс кардан оғоз намуданд. Тиндейл Навиштаҷотро гирифта, ба фаҳмондани он ки, онҳоро нодуруст таълим додаанд, сар кард. Он гоҳ, хонум Уэлч бо ғазаб гуфт: «Яке аз докторон [ё фақеҳон] барои амалӣ кардани ягон хоҳиши худ метавонад сад фунтро имконият диҳад, дигарӣ бошад дусад фунт, сеюмӣ сесад. Пас, чаро ман бояд ба ту бовар кунам, на ба онҳо?»

Тиндейл фаҳмид, ки ба саволи ӯ ҷавоб додан фоида надорад, аз ин сабаб, дар ин хусус бо онҳо хеле кам гап мезад. Дар ин вақт ӯ бо тарҷумаи китоби Эразм «Маълумотномаи ритсари масеҳӣ», ки дар соли 1509 аз чоп баромадааст, кор мекард

ва ба хонум ва ҷаноби худ нусхаи онро дод, то ки онҳо хонда бароянд. Онҳо хонда баромаданд ва аз ҳамин вақт, ҳар боре, ки намояндагони аҳли дин ба зиёфати онҳо меомаданд, ба онҳо ҳеҷ имконияти паҳн кардани таълимотҳои папаро намедоданд.

Рӯҳониён фаҳмиданд, ки сабаби чунин муносибат нисбати онҳо таъсири зиёдшавандаи Тиндейл ба Уэлчҳо буд, онҳо якҷоя дар дӯкони оби ҷав ва дигар ҷойҳо ҷамъ мешуданд, то ки Тиндейлро муҳокима намоянд ва таълимоти ӯро бидъаткорона меҳисобиданд. Онҳо вайро дар ин, дар назди канслери усқуф [котиб] ва якчанд хизматгорони дигари усқуф айбдор намуданд.

Дар натиҷа канслер ба кашишҳо ва Тиндейл фармон дод, ки ба назди ӯ ҳозир шаванд. Тиндейл шубҳа надошт, ки ӯро барои айбдор намудан ва ба ӯ таҳдид кардан даъват менамоянд. Бинобар ин, дар роҳ бо овози паст дуо мекард ва ба Худо муроҷиат менамуд, то ки ба вай, дар ҳақиқати Каломи Ӯ устувор мондан, қувват диҳад.

Вақти он расид, ки вай ба назди канслер ҳозир шавад, ки ӯ таҳдид мекард, дашном медод ва бо ӯ чунон гап мезад, ки гӯё вай саг бошад. Бар зидди ӯ айбномаҳои зиёд мебароварданд, вале ягонтои он исбот нашуда буд, гарчанд ҳамаи кашишҳои минтақаҳои онҳо дар ҳамин ҷо ҳузур доштанд. Тиндейл аз ғазаби онҳо раҳо ёфт ва ба хонаи Уэлчҳо баргашт.

На дуртар аз хонаи Уэлчҳо доктори илоҳиёт ва собиқ котиби усқуф зиндагӣ мекард, ки дар муддати якчанд вақт нисбати Тиндейл муомилаи дӯстона дошт. Тиндейл ба хонаи вай рафт ва азбаски, аз кушодани қалби худ ба ин одам наметарсид, ба ӯ бисёр чизҳоро, ки дар Навиштаҷот пайдо кардааст, фаҳмонда дод, ки онҳо ба таълимотҳои папа мухолифат мекарданд ва сабаби мушкилиҳои вай бо рӯҳониёни маҳаллӣ ва усқуфон гардидааст. Ӯро бодиққат гӯш карда, доктор гуфт: «Оё, ту медонӣ, ки мувофиқи Навиштаҷот папа зиддимасеҳ аст? Лекин дар гуфтаҳои худ эҳтиёткор бош, зеро агар касе ақидаи туро оиди ин масъала фаҳмад, ин ба ҷони ту гарон меафтад».

Боре, Тиндейл бо як фақеҳ оиди ҳақиқати Навиштаҷот баҳс мекард, то вақте ки ин одам дар андӯҳ чунин куфрро фарёд зад: «Барои мо беҳтар аст, ки бе қонуни Худо бошем, назар ба он, ки бе папа бошем».

Вақте ки Тиндейл инро шунид, вай хитоб намуд: «Ман папа ва ҳама қонунҳои ӯро рад менамоям! Агар Худованд ба ман имконияти зиндагӣ карданро диҳад, чанд сол ҳам намегузарад, ки ман сабаби он мегардам, ки ҳар инсони дар ферма коркунанда ва заминро шудгоркунанда Навиштаҷотро аз папа дида, беҳтар медонад!»

Вақт мегузашт, вале кашишҳо дашном додани Тиндейл ва гунаҳкор кардани ӯро дар бисёр чизҳо бас намекарданд ва мегуфтанд, ки ӯ бидъаткор аст. Фишордиҳӣ чунон сахт буд, ки Тиндейл ба назди Уэлч омада аз ӯ хоҳиш намуд, ки ба ӯ иҷозат диҳад, то аз хизмат озод шавад ва ба дигар ҷо кӯч бандад. «Ман медонам,- гуфт ӯ,- ки ба ман имконияти дар ин ҷо дер монданро намедиҳанд ва шумо маро аз дасти рӯҳониён муҳофизат карда наметавонед, агар ҳатто кӯшиш ҳам кунед. Танҳо Худо медонад, ки маро дар ин ҷо нигоҳ дошта, шумо чӣ тавр ба худ метавонед зарар расонед ва агар шумо ба худ зарар расонед, он гоҳ, маро андӯҳгин месозед». Ҳамин тавр, Тиндейл бо баракати Уэлч ба Лондон раҳсипор шуд ва дар он ҷо низ, чун дар деҳа якчанд вақт маъвиза менамуд.

Дере нагузашта, баъди бозгаштан аз Лондон, ӯ Кусберт Тонстал, усқуфи Лондонро ба хотир оварда ва мулоҳизаҳои Еразмро ёдоварӣ намуд, ки дар он вай дар ҳаққи Тонстал, барои бо ҷидду ҷаҳд омӯхтани Навиштаҷот бо таҳсин сухан мегуфт. Ӯ қарор кард, ки агар бо Тонстал кор кунад, худро хеле хушбахт меҳисобад. Тиндейл ба усқуф мактуб навишт, баъд ба назди вай рафт ва бо худ нусхаи нутқи Изокартро, нотиқ ва устоди афинагӣ, ки ӯро аз забони юнонӣ ба забони англисӣ тарҷума намуда буд, бо худ гирифт, вале усқуф бо сабабҳои гуногун ба ӯ рад намуд ва маслиҳат дод, ки дар ягон мавқеи дигари Лондон

кор ҷӯяд. Ба он бовар карда, ки Худо бо пешбинии худ ин дарро дар пеши ӯ баст, вай ба назди Хамфри Маммис, аъзои идораи шаҳрии Лондон рафт ва аз ӯ кӯмак пурсид. Маммис ӯро ба хонаи худ оварда ва дар он ҷо вай дар муддати як сол зиндагӣ кард. Маммис мегӯяд, вақте ки Тиндейл дар хонаи ӯ мезист, вай ҳамчун кашиши нек зиндагӣ мекард, рӯзу шаб таълим мегирифт, хӯроки оддӣ мехӯрд ва аз болояш як пиёла оби ҷав менӯшид ва либоси аз ҳама оддитаринро ба бар менамуд.

Дар давоми ин сол Тиндейл дар тарҷума кардани Аҳди Ҷадид аз забони лотинӣ ба забони оддии оммафаҳм майли доимиро эҳсос менамуд. Лекин, худситоии воизонро дида, ки даъвогари ҳокимияти пурра дар ҳалли масъалаҳои гуногуни динӣ буданд, мағрурии усқуфон ва инчунин нафрати онҳоро нисбат ба худ дарк намуда, ба хулоса омад, ки кори худро на дар Лондон ва ҳатто на дар Англия иҷро карда метавонад. Дере нагузашта, Худо бо воситаи Маммис ва дигар одамон ӯро ба маблағҳои зарурӣ таъмин намуд, то ки ӯ аз Англия ба Олмон рафта тавонад, ки дар он ҷо Мартин Лютер аллакай, кори худро оид ба тарҷумаи Аҳди Ҷадид дар забони олмонӣ ба анҷом расонда буд (1521 с.) ва дар ҳамин вақт бо баъзе рисолаҳо ва катехизисҳо (баёноти таълимоти динии масеҳӣ ба шакли саволу ҷавоб) ва инчунин бо тарҷумаи тамоми Китоби Муқаддас кор мекард.

Баъд аз вохӯрӣ бо Ҷон Фрис, Мартин Лютер ва дигар ҳамкорон Тиндейл қарор дод, ки аз ҳама чизи асосӣ дар кори ӯ бо тарҷумаи Китоби Муқаддас, ин тарҷумаи он дар ҳамон забоне мебошад, ки мардуми оддӣ онро истифода мебаранд, то ки онҳо соддагии Каломи Худоро хонда ва дида тавонанд. Бе шубҳа ба чунин қарор ӯро натиҷаҳои равшани таъсири тарҷумаи Лютер ба тамоми халқи олмонӣ ба ташвиқ оварданд.

Тиндейл мефаҳмид, ки дар соддагии Навиштаҷот асос нагирифта, дар одамон асоси ҳақиқатро гузоштан номумкин аст, ки дар пеши чашми тамоми халқ он бояд дар забони худи онҳо бошад, то ки онҳо маънои матнро фаҳмида тавонанд. Дар

акси ҳол душманони ҳақиқат бо истифода намудани далелҳои мутобиқи фиребанда, анъанаҳои худ онро вайрон мекунанд, ки дар худ асоси Навиштаҷотро надоранд, матнро вайрон карда, онро чунон шарҳ медиҳанд, ки дурустии суханҳои гуфташударо муайян кардан имконнопазир мегардид.

Ӯ мефаҳмид, ки сабаби асосии мушкилиҳо дар калисо Каломи Худои аз халқ пинҳон кардашуда буд, аз ин сабаб дар давоми чунин муддати дароз одамон на чизҳои нафратовар, на бутпарастии риёкоронаи аҳли дини худтақводорро пай намебаранд. Бо ҳамин сабаб ҳам, аҳли дин, то чӣ қадар метавонист, кӯшиш менамуд, ки Навиштаҷотро пинҳон намояд, то ки одамон онро хонда натавонанд. Ҳатто, агар касе ҳам онро хонад, рӯҳониён маънои онро то он дараҷа риёкорона вайрон менамуданд, ки халқи бесавод ба таълимотҳо сарфаҳм намерафт, агарчанд дар дилҳои худ мефаҳмид, ки ин таълимот бардурӯғ аст.

Бо ҳамин ва дигар сабабҳо Худо ин марди порсоро водор намуд, ки Навиштаҷотро дар забони англисӣ, ки ба халқи оддии мамлакати ӯ фаҳмо мебошад, тарҷума намояд. Тиндейл чоп намудани тарҷумаи Аҳди Ҷадидро дар соли 1525, дар Кологна, Олмон оғоз намуд, вале ба ӯ расман рухсат надоданд, аз ин сабаб, он танҳо дар соли 1526, дар Уормс нашр гардид. Дере нагузашта, тарҷумаи ӯ дар Англия пайдо шуд. Вақте ки Кусберт Тонстал, усқуфи Лондон ва Томас Мор, спикери палатаи обшинаҳо тарҷумаро диданд, онҳо хеле сахт дарғазаб шуд ва имконияти нобуд кардани ин «тарҷумаи ғалатнок ва пур аз хатогиҳо»-ро меҷустанд.

Дар ин вақт Августин Пекингтон, савдогари матоъҳо, дар Антверпен, Нидерландия бо корҳои савдогарии худ буд ва дар он ҷо бо усқуф Тонстал вохӯрд, ки вай ба ин ҷо аз паси Тиндейл аз Уормс омада буд. Пекингтон аз Тиндейл ба шавқ меомад, лекин ӯ ба усқуф дурӯғ гуфт, вақте гуфт, ки вайро дӯст намедорад. Тонстал ва Томас Мор нақшае кашиданд, ки мувофиқи он ҳамаи

китобҳои Тиндейлро харидорӣ менамоянд, то он даме ки онҳо дар Англия пайдо нашуданд ва оиди ин нақша ба Педингтон хабар доданд. Педингтон ҷавоб дод: «О, Худоё! Ман назар ба ягон савдогари дигар дида, метавонам барои шумо аз ин ҳам зиёдтар кунам, агар шумо бомарҳамат ба ман иҷозат диҳед. Ман ҳамаи он даниягиҳо ва хориҷиҳоро медонам, ки онҳо аллакай китобҳои Тиндейлро барои фурӯши оянда харидорӣ намудаанд, аз ин сабаб, агар шумо ба ман маблағи лозимиро диҳед, ман метавонам аз онҳо тамоми нусхаҳоро, ки онҳоро ҳанӯз нафурӯхтаанд, харида гирам».

Усқуф фикр мекард, ки ҳамааш дар зери дасти ӯ ва таҳти назорати ӯст, гуфт: «Ҳама кори аз дастат меомадагиро кун, ҷаноби Педингтон. Онҳоро барои ман харидорӣ намо, ман барои ин маблағи заруриро медиҳам, зеро ман ният дорам, ки онҳоро дар пеши калисои Салиби Павлус дар Лондон сӯзонам».

Аз усқуф маблағҳоро гирифта, Педингтон фавран ба пеши Тиндейл равон шуд ва ба ӯ тамоми нақшаро кушода дод; онҳо дар байни худ аҳднома бастанд, ки ба усқуф ҳамаи китобҳоро мефурӯшанд. Дар натиҷа усқуфи Лондон соҳиби китобҳо мегардад, Педингтон ташаккурнома мегирад, Тиндейл бошад-пули калонро ба даст меорад, то ки китобҳои аз ин зиёдтарро чоп намояд. Ҳамааш чӣ хеле, ки ният карда шуда буд, ба амал омад: Тиндейл ислоҳоти заруриро дар тарҷумаи Аҳди Ҷадиди худ кард ва се маротиба зиёдтар китобҳоро чоп намуд, ки онҳоро ба Англия фиристод. Вақте усқуф фаҳмид, ки ба Англия шумораи калони китобҳо ворид гардиданд, вай аз паси Пекингтон фиристод, ки ӯ дар ин вақт бо корҳои савдои худ дар Лондон буд ва ба вай гуфт: «Ин чӣ хел ба вуқӯъ омад, ки чунин шумораи Аҳди Ҷадидҳо дар Англия пайдо шуданд? Охир, ту ба ман ваъда додӣ, ки тамоми адади нашрҳоро мехарӣ!»

Пекингтон ҷавоб дод: «Ман ҳамаи он нусхаҳоеро, ки харидорӣ кардан мумкин буд, харидам ва аён аст, ки баъд аз ин, онҳо аз ин ҳам зиёдтар чоп кардаанд. Ба ин вақти зиёд

лозим нест, зеро онҳо барои чоп кардани китобҳо мӯҳрҳои махсус доранд, бинобар ин, фикр мекунам, ки ту бояд мӯҳрҳои онҳоро бихарӣ, то ки боварӣ ҳосил намоӣ». Ҷавоби ӯро шунида, усқуф табассум намуд ва мефаҳмид, ки ӯро аҳмақ мекунанд ва бо ҳамин гуфтугузор ба охир расид.

Дере нагузашта, Ҷорҷ Константин, ки ӯро дар бидъаткорӣ гумонбар менамуданд, аз тарафи сэр Томас Мор, канслери Англия ба ҳабс гирифта шуд. Мор ба ӯ гуфт: «Константин, ман мехоҳам, ки ту ба ҳамаи саволҳои ман аз рӯи виҷдон ҷавоб диҳӣ. Агар ту аз рӯи виҷдон гап занӣ, он гоҳ, ман ваъда медиҳам, ки туро дар ҳама он чизе, ки айбдор мекунанд, ҳимоя намоям. Тиндейл, Ҷой ва бисёр касон ба монанди ту ҳоло дар тарафи дигари баҳр мебошанд. Ман медонам, ки онҳо домио ба кӯмак эзҳтиёҷ доранд. Ман медонам, ки баъзе одамон ҳар доим барои онҳо маблағҳояшонро қурбонӣ мекунанд ва чунон ки ту яке аз онҳо мебоши, ту медонӣ, ки ин пулҳо аз куҷо меоянд. Ман талаб мекунам, ки ту ба ман бигӯӣ, ки онҳоро кӣ дастгирӣ мекунад».

«Ҷаноби ман, – ҷавоб дод Константин, – ман ба ту росташро мегӯям. Ба мо усқуфи Лондон кӯмак кард, ки ӯ маблағи калони пулҳоро барои Аҳди Ҷадидҳо дод, то ки онҳоро бисӯзад. Ӯ барои мо ягона кӯмак ва дилбардорӣ буд».

«Ман ба ваъдаи худ вафо мекунам,- гуфт Мор,- зеро медонам, ки ҳамааш маҳз ҳамин тавр рух додааст. Ман усқуфро ҳанӯз пеш аз амалӣ намудани нияташ огоҳ карда будам».

Дере нагузашта, баъд аз ин Тиндейл тарҷумаи Аҳди Қадимро кард ва муқаддимаро ба ҳар як боб навишт, то ки хонанда мазмуни онро фаҳмида тавонад. Ин китобҳо ба Англия оварда шуданд ва ҳамин тавр дар чашмони тамоми миллати англия, ки дар торикӣ буданд, нур падид омад. Китоби Тиндейл, махсусан тарҷумаи Аҳди Ҷадиди ӯ барои халқи тақводор маънии бузургтаринро дошт, вале онҳо инчунин ба рӯҳониёни осӣ низ сахт расиданд, ки аз дурахши ҳақиқат метарсиданд, он

метавонист корҳои дар торикӣ мекардаи онҳоро равшан намояд. Ҳамин тавр онҳо бархостанд ва барои боздоштани Тиндейл ба нақша кашидан сар карданд.

Тарҷумаи китоби Такрори шариатро ба охир расонда, Тиндейл нашри онро дар Гамбург нақша карда, бо роҳи баҳрӣ ба Олмон сафар намуд. Вале киштии ӯ дар соҳилҳои Голландия ба садама дучор шуд ва ӯ ҳамаи китобҳои худ, матни аслӣ ва нусхаҳо, инчунин пул ва вақтро аз даст дод. Ба Тиндейл лозим омад, ки ҳамаашро аз нав оғоз намояд. Ӯ ба дигар киштӣ нишаст, ки ба Гамбург роҳ мепаймуд ва дар ҳузури ҷаноби Ковердейл ҳамаи панҷ китоби Мӯсоро: Ҳастӣ, Хурӯҷ, Ибодат, Ададҳо ва Такрори Шариатро аз нав тарҷума намуд. Ӯ тарҷумаро то иди Фисҳ, дар соли 1529, дар хонаи бевазани тақводор Маргарет Ван Еммерсон зиста, дар вақташ иҷро намуд. Тарҷумаро ба охир расонда, вай ба Антверпен баргашт.

Дар охири тарҷумаи Аҳди Ҷадид Тиндейл ба хонандагон муроҷиатнома ҷой кард: дар ҳолати пайдо кардани хатогии хурдтарин ё тарҷумаи ғалат, хоҳиш дорад, ки аз он ба ӯ хабар диҳанд. Лекин, рӯҳониёни папа ба комёбии китоб мухолифат намуда, эълон мекарданд, ки он ҳазорҳо бидъатҳоро дар бар мегирад, ки онро на ислоҳ кардан, балки танҳо партофтан лозим аст.

Баъзе аз рӯҳониён тасдиқ менамуданд, ки Навиштаҷотро ба забони англисӣ тарҷума кардан номумкин аст. Якеҳо мегуфтанд, ки барои халқ доштани Аҳди Ҷадид дар забони худ ғайриқонунӣ аст. Дигарон – акнун тамоми халқ бидъаткор мешавад ва аз ҳокимияти ашрофон, ба монанди Томас Мор дастгириро талаб менамуданд, гарчанд Томас Мор бе ин ҳам аллакай чун католики устувори румӣ дар тарафи онҳо буд. Онҳо инчунин тасдиқ мекарданд, ки одамон акнун бар зидди подшоҳ бармехезанд.

Рӯҳониёни англис, ки барои халқ ҳамчун нур даъват шуда буданд, на худ Китоби Муқаддасро тарҷума карданд, на ба каси дигар иҷозат медоданд, ки ин корро кунанд. Ҳар чизе, ки онҳо

мехостанд,- ин бо истифода кардани ҳурофоти аҳмақона ва таълимотҳои бардурӯғ, дар торикӣ нигоҳ доштани одамон ва бо виҷдони онҳо қаллобӣ кардан буд. Ҳамин тавр онҳо ғурур ва ҳирси шахсии худро қонеъ мекарданд ва худро аз ҳар подшоҳ ё император ва ҳатто аз Худи Масеҳ болотар мебардоштанд.

Усқуфон ва дигар хизматгузорони калисо ором нашуданд, то вақте ки подшоҳ бо онҳо розӣ нашуд. Дар соли 1537 аз тарафи ҳокими мардумӣ қонун бароварда шуд, ки мувофиқи он дар Англия Аҳди Ҷадид дар тарҷумаи Тиндейл манъ мегардид. Вале рӯҳониён бо ин қаноатманд нашуданд, онҳо нақшаеро дида мебаромад, ки чӣ тавр Тиндейлро ба доми худ кашанд ва ӯро аз ҳаёт маҳрум созанд. Ин нақша бо тарзи зерин амалӣ гардид.

Ҳуҷҷатҳои он замонро аз назар гузаронда, мо мебинем, ки усқуфон ва сэр Томас Мор баъзе одамонро, ки бо Тиндейл дар Антверпен буданд, ба ҳабс гирифтанд ва оҳиста аз онҳо дар бораи Тиндейл, моликияти ӯ, дар кадом хона мезист ва ин хона ба кӣ тааллуқ дошт, ӯ чӣ намуд дошт, чӣ гуна либос мепӯшид, одатан ба куҷо мерафт ва бо дӯстон дар куҷо вомехӯрд сир гирифтанд. Вақте ки тамоми маълумоти ба онҳо лозимаро гирифтанд, онҳо кори осиёнаи худро нақша намуданд.

Дар Антверпен Уилям Тиндейл дар муддати як сол дар хонаи Томас Поинтз, марди англис зиндагӣ мекард, ки меҳмонхонаро барои савдогарони англис нигоҳ медошт. Генри Филипс, ки падари ӯ савдогар буд ва дар Антверпен бо як намуд корчаллонӣ машғул буд, ба ин шаҳр омад ва бо он, ки гӯё бо фармони падараш меравад, худро руйпӯш намуд. Бо ӯ хизматгор буд, худи ӯ бошад, чун ҷавонмарде, ки лоиқи боварӣ буд, намуд дошт. Тиндейл ҳар замон якҷоя бо савдогарон хӯрок мехӯрд ва дар он ҷо Филипсро вохӯрд, ки зуд ба боварии вай даромад ва бо ӯ дӯстӣ пайдо намуд. Ӯ бо вай чунон дӯст шуда буд, ки Тиндейл ҳатто ӯро ба хонаи Поинтз даъват намуд ва як ё ду бор ба хӯроки пешин хонд. Ӯ ҳатто ба он комёб гардид, ки Филипс дар

хонаи Поинтз сокин шавад ва ба ӯ бовар карда, ҳама китобҳои худ ва дигар чизҳои махфиро дар хонааш нишон дод.

Лекин, Томас Поинтз ба Филипс умуман боварӣ намекард ва аз Тиндейл пурсид, ки бо ӯ чӣ тавр шинос шуд. Тиндейл ҷавоб дод, ки ин одами поквичдон, бомаърифат ва бо нақшаҳои ӯ розӣ аст. Чӣ қадар ба Филипс моил будани Тиндейлро дида, Поинтз дигар чизе намепурсид ва чунин мешуморид, ки онҳо ба шарофати дӯстони наздики Тиндейл шинос шудаанд. Пас аз чор рӯз Филипс аз Поинтз хоҳиш намуд, ки ӯро ба қисми савдоии шаҳр барад, ки дар он ҷо ӯ харидҳои заруриро карда метавонист. Дар сари роҳ онҳо аз ҳар хусус гап мезаданд ва инчунин муҳокимаи алоқаҳои ошиқонаи подшоҳи Англияро, вале чизе гуфта нашуд, ки Поинтзро дар шубҳа намудан ба Филипс водор намояд. Лекин, дере нагузашта, Поинтз фаҳмид, ки Филипс кӯшиш мекунад, ки бар ивази пул кӯмаки ӯро барои иҷро намудани нақшаи ният кардааш гирад. Поинтз медонист, ки Филипс пули бисёр дошт, зеро чанд маротиба, вақте ки Филипс, барои ба даст овардани баъзе чизҳо аз ӯ кӯмак мепурсид, одатан сифати аз ҳама беҳтарин, ӯ такрор мекард: «Ман пули бисёр дорам». Онҳо нақша ва миқдори пулҳоро чун мукофот барои кӯмак муҳокима намуданд ва Поинтз бо нақшае, ки Филипс ба ӯ пешниҳод намуд, розӣ шуд.

Дар рӯзи дигар Филипс ба Брусел равон шуд, ки бисту чор мил аз Антверпен қарор дошт ва бо генерал-прокуратор, ки ӯ вакили император буд ва бо якчанд афсарон баргашт. Баъд аз се рӯз Поинтз ба Барроиз рафт, ки дар ҳаждаҳ мил аз Антверпен буд, чуноне ки ӯ тасдиқ мекард, вайро корҳои зиёд интизор буданд, ки барои ҳалли онҳо ба ӯ қариб чор ё шаш ҳафта лозим аст. Дере нагузашта, баъд аз рафтани ӯ, Генри Филипс саҳар ба хонаи Поинтз омад ва ҳамсари ӯро пурсид, ки оё ҷаноби Тиндейл дар хона аст. Ҷавоби тасдиқро гирифта, аз хона баромад ва дар кӯча, дар назди дари даромадгоҳ афсаронро қатор монд, ки онҳоро аз Брусел бо ҳамроҳии худ оварда буд.

Каме дертар, аз нав ба хона ворид шуд, ба ҳуҷраи Тиндейл даромад ва аз ӯ хоҳиш намуд, ки ба ӯ чил шиллинг қарз диҳад, бо он сабаб, чӣ хеле, ки ӯ тасдиқ менамояд, дар ин рӯз, дар роҳ аз Мичелен ҳамёни ӯ гум шудааст. Ҷаноби Тиндейл ба ӯ ин чил шиллингро дод, зеро инсони хеле зудбовар буд ва бо қаллобӣ ва фиреб шиносоӣ надошт, ки дар ин ҷаҳон чизи муқаррарӣ мебошад. Баъд Филипс гуфт: «Ҷаноби Тиндейл, имрӯз дар зиёфатам, дар хонаи ман меҳмон шавед».

Тиндейл ҷавоб дод: «Не, ман ҳоло ба хӯроки пешин меравам ва туро даъват мекунам, ки ту меҳмони ман шавӣ».

Вақте ки соати хӯроки пешин расид, онҳо аз хонаи Тиндейл баромаданд. Дар хонаи Поинтз баромадгоҳи хеле борик буд, ки аз он танҳо як нафарӣ баромадан мумкин буд. Тиндейл боодобона ба Филипс пешниҳод намуд, ки аввал барояд, вале Филипс боисрор буд, то ки Тиндейл дар пеш равад. Ҷаноби Тиндейл қади хурд дошт, Филипс бошад, нисбатан баландтар. Вақте ки онҳо ба дари даромадгоҳ расиданд, ки дар он ҷо Филипс афсаронро ҳамон тавр ҷо ба ҷо гузошта буд, то онҳо дида тавонанд, ки кӣ меояд ва аз паси Тиндейл омада, ба афсарон аломат нишон дод, ки шахси дар пеши ӯ рафтаистода ҳамон одаме мебошад, ки ӯро ба ҳабс гирифтан лозим аст. Баъд аз он, ки Тиндейлро ба зиндон партофтанд, афсарон ба Томас Поинтз иқрор шуданд, ки онҳо ба Тиндейл ҳисси раҳму шавқатро эҳсос менамуданд, вақте диданд, ки ӯ то чӣ дараҷа оддӣ ва зудбовар аст.

Баъд аз ҳабси Тиндейл генерал-прокуратор ва баъзе афсарон ба ҳуҷраи Тиндейл равон шуданд ва ҳама чизҳое, ки ба ӯ тааллуқ доштанд, аз он ҷумла ҳама корҳои хаттӣ ва китобҳоро гирифтанд. Баъд онҳо Тиндейлро дар қалъа, дар Вилворд, ки ҳаждаҳ мил аз Антверпен мебошад, ҷойгир карданд.

Дар маҳбасхона ба Тиндейл хизмати прокураторро пешниҳод намуданд, ки вай ӯ ва ҳимоячии ӯро намояндагӣ мекард, вале ӯ ин пешниҳодҳоро рад намуд ва гуфт, ки худаш худашро ҳимоя

карда метавонад. Ҳангоми дар маҳбасхона будан, Тиндейл ба маҳбусон ва ба аёдат омадагон хеле зиёд маъвиза менамуд ва инро хеле бо завқ мекард ва онҳо мегуфтанд, ки агар Тиндейл масеҳии хуб намебуд, пас онҳо касеро намедонанд, ки монанди ӯ бошад.

Гарчанд Тиндейл ба саволҳои инквизиторони худ аз рӯи виҷдон ва хирадмандона ҷавоб медод, ҳеҷ чиз ӯро аз нафрат ва нияти нобуд кардани вай ва кори ӯ раҳо карда наметавонист. Ӯ ягон кори сазовор ба марг накардааст, вале аз рӯи фармони императори муқаддаси Рум Чарлзи V маҳкум гардид, ки соли 1530 дар рейхстаг, дар Аугсбург ба табъ расида буд, ки император ва католикони румӣ онро гузаронда, роҳ надоданд, ки ба ассамблея намояндагони ҳаракати протестантӣ ворид шаванд.

6 октябри соли 1536, дар шаҳри Вилворд, дар Нидерландия, Уилям Тиндейл, аввалин тарҷумони Аҳди Ҷадиди Худоро дар забони англисӣ ба ҷои қатл оварданд ва ба сутун бастанд, баъд ҷаллод ӯро буғӣ карда кушт ва пас аз он сӯзонда шуд, зеро ӯ кори Худоро иҷро мекард. Ба пешвози Худованд баромада, Тиндейл бо овози баланд нидо кард: «Худованд! Чашмони подшоҳи Англияро кушо!»

Таълимотҳои Тиндейл ва ҳаёти порсоёнаи ӯ бо чунин қувва пур шуда буданд, ки тасдиқ мегардад, ки дар тӯли якуним соли дар маҳбас буданаш, зиндонбон, духтари ӯ ва баъзе аъзоёни оилаи вай имон оварданд. Оид ба тарҷумаи Аҳди Ҷадид бошад, ки душманонаш дар хусуси он мегуфтанд, ки дар он хатоҳои зиёд, мухолифатҳо ҳастанд ва он пур аз бидъат аст, он гоҳ, Уилям Тиндейл аз зиндон ба дӯсти худ Ҷон Фрис навишт: «Ман Худоро чун шоҳид даъват менамоям, ки Ӯ он рӯзро таъин намудааст, вақте ки мо ҳама дар пеши Худованд Исо ҳозир мешавем ва ман бар хилофи виҷдони худ рафта, ягон ҳиҷоро тағйир надодаам ва ин корро имрӯз ҳам намекунам, ҳатто агар ба ман тамоми неъматҳои дунё, эҳтиром, роҳат ё боигариро пешниҳод кунанд».

Ҷон Фрис

Чуноне, ки мо аллакай дар қиссаи худ аз кор ва марги пуразоби Уилям Тиндейл дар бораи Ҷон Фрис ёдоварӣ намудем, дуруст мешавад, агар дар ин ҷо мо чанд суханро дар бораи ӯ гап занем.

Ҷаноби Фрис – инсони ҷавон, ки бо некӯкорӣ, маърифатнокӣ ва дониши худ машҳур гардидааст. Дар ҷаҳон ӯ метавонист мақоми гуногунро ишғол намояд, лекин ба ҷои ин хизмати калисо ва кор карданро бар манфиати одамони дигар, на ба худро интихоб намуд. Дар Кембриҷ таҳсил намудааст, ки маҳз дар ҳамон ҷо бо Уилям Тиндейл шиносоӣ пайдо намуд, ки ба ӯ барои чуқуртар фаҳмидани ҳақиқати Инҷил ва тақводории пуршукӯҳ кӯмак кард. Тақрибан дар ҳамин вақт Томас Волси, кардинали Йорк, дар Оксфорд коллеҷи нав бунёд намуд. Волси дар соли 1518 легати папа таъин гардид, аниқтараш намояндаи бевоситаи папа дар Англия ва диндори боиқтидори мамлакат шуд. Инсони мағрур ва хасис, ки кори вай дар калисо назар ба дигарон, бештар бар худи ӯ равона шуда буд, вай сохтмони коллеҷи навро маблағгузорӣ менамуд ва ба хотири ин якчанд дайрҳоро маҳкам кард ва пулҳои ба он таъиншударо барои сохтмон истифода мекард. Инчунин барои худ қасрро дар Хемптон Корте, дар тарафи чапи дарёи Темза, дар ҳаждаҳ мил аз маркази Лондон бунёд намуд. Дар соли 1513 то соли 1529 машваратчии асосии подшоҳ Генрихи VIII буд, вале илтифоти ӯро аз даст дод, вақте ки аз папа розигии ӯро барои талоқи Генрих бо Катерина Арагонская гирифта натавонист.

Барои коллеҷи нави худ Волси таҷҳизот ва асбобу анҷоми аз ҳама беҳтаринро аз тамоми муассисаҳои калисоҳои Англия ҷамъ овард, инчунин профессорони намоёнро даъват намуд. Дар байни онҳо Ҷон Фрис низ буд. Дар аввал Волси бо профессорон ва сатҳи таълимот дар коллеҷ қаноатманд буд, лекин дере нагузашта фаҳмид, ки аксарияти онҳо барои муҳокима кардани сӯиистеъмол дар калисои папа ҷамъ мешуданд, аз ин сабаб

онҳоро барои бидъат ба ҳабс гирифт ва ба зиндон партофт. Албатта Ҷон Фрис яке аз онҳо буд.

Дере нагузашта, баъд аз ба ҳабс гирифтан, Фрис бо шарте озод карда шуд, ки на дуртар аз даҳ мил аз Оксфорд қарор мегирад. Лекин Фрис, хоҳиши ба зиндон афтиданро надошта, ҳамон замон аз Англия ба Аврупо мекӯчад, ки дар он ҷо дар Олмон сафар намуда, Уиляим Тиндейл ва дигаронро, ки инчунин Англияро тарк намуданд ва аз таъқибот халосӣ ёфтанд, вомехӯрад. Ӯ дар тӯли ду сол берун аз Англия қарор дошт, баъд пинҳонӣ баргашт.

Барои нашинохтани ӯ, либосҳои кӯҳнаро ба бар намуда, Фрис ба Ридинг, ба тарафи ғарб аз Лондон раҳсипор шуд, то бо кашиши калон вохӯрад. Лекин, дар Ридинг ӯро дар оворагардӣ айбдор намуданд, ба ҳабс гирифтанд ва то маълум кардани шахсияти ӯ дар чӯби ғӯла завлона заданд. Ба чунин маҳбусон гоҳ-гоҳ хӯрок медоданд ва вақте ки Фрис аз гуруснагӣ бемор шуд, вай хоҳиш намуд, ки ба наздаш устоди маҳаллӣ Леонард Коксро даъват кунанд. Вақте Кокс омад, Фрис ба ӯ дар забони лотинӣ муроҷиат карда аз маҳбусии худ шикоят намуд. Баъдтар онҳо дар забони юнонӣ сӯҳбат мекарданд. Вақте ки онҳо сӯҳбатро ба анҷом расонданд, Кокс ба назди роҳбарияти Ридинг рафт ва ба онҳо гуфт, ки чунин одами донишманди ҷавон набояд дар чӯби ғӯла завлона зада шавад. Фрисро фавран озод карданд. Вале дар озодӣ ӯ дер наистод, зеро сэр Томас Мор, ки дар ин вақт канслери Англия буд, барои дастгир кардани вай мукофот пешниҳод намуд ва Фрисро дар тамоми Англия ҷустуҷӯ менамуд. Фрис мунтазам либосҳояшро иваз менамуд, кӯшиш мекард, ки ӯро касе нашиносад ва аз як ҷо ба ҷои дигар мегузашт, лекин ниҳоят ӯро боздошт намуданд ва дар Тауэри Лондон маҳкам карданд.

[Гардиши фалак: дар соли 1534 Томас Мор, ки барои ба ҳабс гирифтан ва сӯзондани одамони зиёди дар бидъаткорӣ айбдоршуда ҷавобгар буд, барои эътироф накардани подшоҳ

Генрихи VIII-ро ҳамчун роҳбари олии калисои Англия, дар худи ҳамин Тауэри Лондон маҳкам карда шуд. Морро дар хиёнаткорӣ айбдор намуданд ва 6 июни соли 1535 сарашро аз тан ҷудо карданд. Дар соли 1935 калисои католикии румӣ Морро муқаддас эълон кард ва ӯро мӯътабар донист].

Дере нагузашта, Фрис дар назди усқуфи аъзам Кентерберийский, баъд дар назди усқуфи Винчестер барои додани баёнот бо гуноҳи бидъат ҳозир шуд. Инчунин ӯ дар назди маҷлиси умумии усқуфони Лондон ҳозир шуд. Ӯро оиди ду масъала пурсупос мекарданд: дар хусуси аъроф (чистилище) ва дар хусуси моҳияти хӯрдани нону шароб. Дар зиндон қарор дошта, ӯ бо Томас Мор мукотиба мекард ва дар мактубҳои худ ҷавобҳоро бо далелҳо ба ин саволҳо пешниҳод менамуд.

Ҳангоми бо усқуфон дида баромадани кори ӯ Фрис ҳатто дар зери ҷабр бо догмати дин розӣ намешуд, ки баъд аз дуои кашиш нону шароб ба бадан ва хуни аслии Худованди мо Исои Масеҳ табдил меёбад, гарчанд онҳо зоҳиран чунин мемонанд. Агар ҳатто чунин ҳам мебуд, ки ӯ ба он бовар намекард, ин догмати дин нест. Чун ҳарвақта дар чунин ҳолатҳо, вақте ки инквизитсия дар бидъаткорӣ айбдор намуд, аллакай ҳеҷ гуна далел наметавонист қарори пешакӣ баровардаро тағйир диҳад.

20 июни соли 1533, Ҷон Фрисро аз нав ба мурофиаи усқуфон оварданд ва ба ҳукми қатл тавассути сӯзондан маҳкум намуданд. 4 июн ӯро ба ҷои қатл оварданд, ки дар он ҷо аввал маросими ботантанаи «sermo generalis»-ро гузаронданд, баъд дар гирди ӯ ва дар гирди якчанд одамони дар бидъаткорӣ гунаҳкор донисташуда ҳезум гузоштанд. Дар паҳлӯи Фрис Эндрю Хеветро месӯзонданд ва аз сабабе, ки дар ин рӯз шамоли сахт мевазид, аланга аз гулхани Фрис Хеветро фаро гирифт ва ӯ ба зудӣ ҷон дод, дар ҳоле, ки Фрис хеле оҳиста месӯхт. Лекин бо вуҷуди он, ки азоби ҷонкании ӯ муддати хеле дароз тӯл кашид, Фрис шодӣ мекард, ки азоби азияткаши ҳамсояш дер давом накард.

Эндрю Хевет

Эндрю Хевет, шогирди бистучорсолаи устоди дӯзанда, якҷоя бо Ҷон Фрис ҳаёти худро бо азоб дод. Боре ӯ дар рӯзи якшанбе ба кӯчаи Флит дар роҳ ба сӯи калисои Дунстани Муқаддас равона шуд ва дар он ҷо фиребгари маъруф Уилям Холтро вохӯрд, ки вай баъд аз якчанд дақиқаи сӯҳбат қарор намуд, ки Хевет ба таълимотҳои ислоҳотӣ бовар мекунад. Холт фавран дар бораи гумонҳои худ ба баъзе хизматгузорон хабар дод, ки онҳо барои ҷустуҷӯи Хевет рафтанд ва ӯро дар назди мағозаи китобҳо дарёфтанд, ки мехост китоб харад. Онҳо Хеветро ба ҳабс гирифтанд ва ба зиндон партофтанд.

Дар пурсупос дар назди канслери усқуфи Лондон ва анҷумани усқуфон ӯро дар он гунаҳкор намуданд, ки вай ба он, ки баъд аз дуои кишиши католикӣ нону шароб ба бадани аслии Масеҳ табдил намеёбад, бовар намекард. Хевет бо ин розӣ шуд, зеро дар ҳақиқат ба ин бовар намекард. Аз ӯ пурсиданд, ки ба чӣ бовар мекунад ва Хевет дар ҷавоб гуфт: «Чӣ хеле ки Ҷон Фрис бовар мекунад, ман ҳам ҳамон тавр бовар мекунам».

Айбдоркунанда боз пурсид: «Ту ба он бовар дорӣ, ки нону шароб баъд аз дуои кашиш бадани аслии Масеҳ ва хуни Наҷотдиҳанда мебошад, ки аз Марями бокира таваллуд шудааст?»

Хевет ҷавоб дод: «Не, ман бовар намекунам».

Айбдоркунанда аз ӯ талаб намуд, ки фаҳмонад, барои чӣ ӯ ба ин бовар надорад ва Хевет ба ин ҷавоб дод: «Исо Худ гуфт: «Агар касе ба шумо гӯяд, ки: «ана Масеҳ дар ин ҷо аст», ё: «ана, дар он ҷо», – бовар накунед. Зеро масеҳони козиб ва анбиёи козиб бармехезанд» (Марқӯс 13:21-22). Аксарият усқуфон мағрурона табассум карданд, гӯё ки ӯ кӯдаки аҳмақ бошад, баъд Стокесли, усқуфи Лондон, гуфт: «Фрис – бидъаткор аст ва ба сӯзондан маҳкум шудааст. Агар ту аз ақидаи худ даст накашӣ, он гоҳ бо ҳамроҳии ӯ месӯзӣ». Хевет гуфт: «Ман инро қабул мекунам».

Ба ӯ боз як бори дигар пешниҳод намуданд, ки даст кашад, вале Хевет гуфт, ки ӯ ба мононди Фрис рафтор хоҳад кард. Баъд ӯро ба назди Ҷон Фрис оварданд ва дар паҳлӯи ӯ сӯзонданд.

12.
Кори Мартин Лютер ва таъқиботи ӯ (1517-1546 сс.)

Мартин Лютер писари конкани саксонӣ буд ва дар Эйслебен, Саксония, 10 ноябри соли 1483 таваллуд шудааст. Лютери ҷавон дар Магдебург ва Эйзенах таҳсил менамуд, баъд ба донишгоҳи Эрфурт дохил шуд. Баъд аз хатми он дар соли 1505 бо исрори падар ҳуқуқшиносиро аз худ менамуд, вале дар моҳи июл таҳсилро қатъ намуд, аз ин ҷаҳон даст кашид ва дар Эрфурт ба дайри августин (августинский монастырь) рафт. Ӯ қарори ногаҳонии худро бо он фаҳмонд, ки боре ба раъду барқ дучор омад ва аз гулдуроси барқ ба замин афтода дар ҳарос мехобид ва фаҳмид, ки ҳаёти ӯ ҳеҷ гуна қиммате надорад, балки танҳо ҳаёти ҷовидонии ҷони ӯ маънӣ дорад.

Дар соли 1508 Лютер ба дайр (монастырь) рафт ва дар соли 1509 ба донишгоҳи Виттенбергский фиристода шуд, ки дар он ҷо таҳсилро идома медод ва инчунин оид ба файласуфи одобу ахлоқ лексияҳо мехонд. Соли 1510 Лютер Румро бо корҳои иттиҳод зиёрат намуд ва бо он дар тааҷҷуб афтода буд, ки то чӣ

андоза дар байни хизматгузорони калисо сӯиистеъмол афзоиш меёбад. Дар соли 1511 ӯ доктори илми илоҳиёт ва профессори фиқҳ дар Виттенберг гардид.

Бо вуҷуди он, ки Лютер бо илми илоҳии калисои католикии Рум хеле хуб шинос буд, ҷидду ҷаҳде, ки ӯ бо он барои омӯхтани масеҳият сар кард ва ҳолати рӯҳаш вайро ба бӯҳрони сахти шахсӣ оварда расонд. Дар илми илоҳиёт, ки ӯро ба он таълим дода буданд, ба суоле, ки пайваста ӯро ноором менамуд вай ҷавоб пайдо карда наметавонист: оё талаботи шариати Худоро иҷро намудан бо қобилиятнок набудани инсон аз рӯи ин шариат зиндагӣ кардан имконпазир аст. Барои ҷавоб гирифтан, ӯ омӯзиши Китоби Муқаддасро маркази тамоми кори худ кард ва диққати махсусро ба номаи ҳавворӣ Павлус медод, маҳз ба номаи Павлус ба Румиён. Дар он ҷо ӯ ба суоли худ ҷавоб ёфт.

> *«Бо марги Исои Масеҳ дар салиб Худо одамизодро бо Худаш оштӣ кард. Масеҳ ягона миёнарав шуд дар миёни Худо ва одам, омурзиши гуноҳҳо ва наҷот натиҷаи танҳо файзи Худо мебошад, ки онро бо имон қабул мекунанд. Аз ин мебарояд, ки аз одам на иҷро намудани қатъии шариат ё иҷрои вазифаҳои динӣ талаб карда мешавад, балки ҷавоби имон, ки дар қабул кардани он, ки Худо дар кори комили Масеҳ кард, ифода меёбад. Чунин имони баркамол ба итоаткорӣ меорад, ки на дар тарси ҷазо, балки дар муҳаббат асос ёфтааст».*

Омӯзиши худро давом дода, Лютер дарк намуд, ки таълимотҳои Павлус ба ақидаҳои анъанавӣ ва таълимоти калисои румӣ рост мухолиф буданд. Ин ба таълимоти шахсии Лютер таъсир кард ва ӯ якбора аз даст кашидани ин ақидаҳо ва таълимотҳо оғоз кард. Дере нагузашта ӯ бар хилофи илоҳиёти калисои румӣ қатъиян истода буд, ки задаи асосиро дар нақши одам дар

наҷоти ӯ ва инчунин бар хилофи таҷрибаҳои калисоҳои зиёд, ки дар сафедкунии тавассути корҳои нек мекард. Фаҳмиши нави ӯ дар Инҷили ҳақиқӣ ва кори ба итмом расондаи Масеҳ ба зудӣ ба муноқиша миёни онҳо ва хизматгорони калисо овард.

Дар соли 1517 Лютер бори аввал рӯирост бар зидди калисо оиди масъалаи фурӯши индулгенсияҳо баромад намуд. Барои ба даст овардани маблағ барои сохтмони калисои Петруси Муқаддас дар Рум, папа Лев-Х фурӯши индулгенсияҳоро ба католикҳо оғоз намуд. Онҳо қисман кам кардани вақтро, ки харидор онро бояд дар азобҳо барои гуноҳи худ дар аъроф мегузаронд, ваъда доданд. Вале, дере нагузашта, баъзе рӯҳониёни аз дигарон дида айёртар, диданд, ки бо фурӯши индулгенсия барои калисоҳои маҳаллии худ ё барои худашон маблағ кор кардан мумкин аст. Лютер худро кашиши румии хуб меҳисобид, вале бар зидди ин таҷрибае, ки бар хилофи дар Навиштаҷот баёншуда буд ва файзи бахшандаи Худо, азоб ва марги Исои Масеҳро дар салиб таҳқир менамуд, устуворона баромад мекард.

Лютер ва папа оиди ин масъала ба низоъ афтоданд, вале папа норозигии Лютерро нисбати ин масъала ҷузъӣ шуморид, аз ин сабаб ба Лютер ҳеҷ аҳамият намедод. Он гоҳ 31 октябри соли 1517 Лютер ба дарвозаҳои асосии калисои дарборӣ дар Виттенберг рӯйхатро аз 95 пешниҳодҳо ё даъвоҳо зад. Дар байни дигар тасдиқҳо, дар он ихтиёри папа ба омурзиши гуноҳҳо тавассути индулгенсия рад карда мешуд. Қариб якбора ин даъвоҳо дар тамоми Олмон маълум гаштанд ва баҳсҳои зиёдеро ба вуҷуд оварданд (Замимаи 1 «95 даъвоҳо» нг.).

Калисо, роҳибон (монахи) ва ходимони калисоҳо дар тамоми минтақа бар зидди Лютер ва таълимоти ӯ дар маъвизаҳояш ва корҳои хаттиаш баромад мекарданд. Яке аз онҳо гуфт: «Лютер бидъаткор мебошад, ки ба оташ партофтан лоиқ аст». Баъд ӯ баъзе корҳои хаттии Лютер ва маъвизаҳои ӯро чун аломати сӯзондани худи Лютер, сӯзонд.

Дере нагузашта, баъд аз ин Максимилиан, императори Олмон, Чарлзи V, императори муқаддаси Рум, шоҳи Испания Чарлзи I ва папа бо Фредерики III, гертсоги Саксонӣ вохӯрданд ва ӯро вазифадор намуданд, ки барои хомӯш намудани Лютер маҷбур созанд. Фредерик ба иҷрои он шитоб намекард, вале бо аксарият одамони бомаърифат машварат менамуд, аз ҷумла бо Эразм. Эразм ба гертсог гуфт, ки Лютер ба ду хатогии бузург роҳ дод: ӯ ба шиками аҳли дин расид ва ба тоҷи папа чашм ало кардааст. Сипас, фақеҳ хеле ҷиддӣ ба гертсог гуфт, ки Лютер барои ислоҳ кардани хатогиҳои калисо дар хоҳиши худ ҳақ буд. Баъд тасдиқ намуд: «Натиҷаи таълимотҳои Лютер ҳақиқат мебошанд».

Каме дертар айнан дар ҳамин сол Эразм ба усқуфи аъзам дар Мейнз мактуб навишт. Дар мактуби худ ӯ мегӯяд: «Ҷаҳон бо қонунҳои инсонӣ ва бо зулми роҳибони садақапурс ташвиш дода шудааст. Як вақтҳо онҳое, ки ба Инҷил муқовимат нишон медоданд, бидъаткор ҳисоб мешуданд. Лекин ҳоло бидъаткор гуфта онҳоеро меноманд, ки роҳибонро дӯст намедоранд ва ҳама он чизеро, ки роҳибон намефаҳманд, барои онҳо бидъаткорӣ мебошад. Донистани забони юнонӣ – бидъат, беҳтар аз онҳо сухан гуфтан – бидъат аст».

7 августи соли 1518 Иером, усқуф Асколский, ба Лютер амр намуд, ки ба Рум ҳозир шавад. Барои ҳимояи Лютер аз гертсог Фредерик ва аз донишгоҳи Виттенберг ба папа мактубҳо равон карда шуданд. Ба ин монанд мактуб ба Карол Милития, камергери (унвони дарборӣ дар давлатҳои монархӣ) папа, зодаи немис, чӣ хеле ки онҳо қарор карданд, ба Лютер ҳусни таваҷҷӯҳ зоҳир менамуд. Дар мактубҳои худ онҳо хоҳиш менамуданд, ки Лютер аз тарафи кардинал Каетан дар Аугсбург, на дар Рум, шунида шавад. Папа дар ҷавоби худ ба Каетан фармон дод, ки Лютерро ба назди худ ба Аугсбург даъват намояд ва баъд фавран ба Рум фиристад, дар ҳолати зарурӣ қавваро истифода барад.

Дар моҳи октябри соли 1518 Мартин Лютер бо фармони кардинал ба Аугсбург равон шуд. Бо ҳамроҳии худ ӯ якчанд тавсияномаҳоро гирифт. Дар Аугсбург се рӯз интизор шуд, то вақте ки аз император Максимилиан барои ӯ хати иноят гирифта нашуд. Баъд Лютер ба пеши кардинал Каетан ҳозир шуд, ки аз ӯ иҷро намудани се чизро хоҳиш намуд:

1. *То ки ӯ тавба кунад ва тамоми хатоҳояшро ислоҳ намояд.*
2. *То ки ӯ ба хатоҳои худ барнагардад.*
3. *То ки ӯ аз тамоми он чизе, ки ба калисо мушкилиҳо оварда метавонад, худдорӣ намояд.*

Вақте ки Мартин Лютер аз кардинал пурсид, ки ин чӣ гуна хатоҳо мебошанд, кардинал ба ӯ нусхаи ярлиқи папаи Румро (булла) оиди индулгенсия ва омурзиши гуноҳҳоро нишон дод, ки дар он тасдиқ мегардид, ки барои одаме, ки дар хӯрдани нону шароб иштирок мекунад, танҳо як имон зарур нест ва папа дар ҳама масъалаҳои дин бегуноҳ аст.

Дар ҷавоби хаттии худ Лютер гуфт, ки папа ҳам метавонад хатогӣ кунад ва ӯ бояд танҳо ҳамон вақт итоат намояд, ки гуфтаҳои ӯ ба Навиштаҷот мувофиқат кунанд ва масеҳиёни дуруст ҳуқуқ доранд, ки бо ӯ розӣ нашаванд ва барои ба хатогиҳои ӯ ишора кардан, Китоби Муқаддасро истифода баранд. Ӯ инчунин тасдиқ менамуд, ки ҳеҷ кас тавассути аъмол сафед карда намешавад ва ҳар касе, ки нону шаробро мечашад, ба кори анҷомдодаи Масеҳ бояд бовар кунад. Дар ҳар як банд Лютер аз оятҳои ба Навиштаҷот мувофиқ иқтибос меовард, ки суханони ӯро тасдиқ мекарданд.

Бо вуҷуди ин, кардинал оид ба иқтибосҳо дар Навиштаҷот ҳеҷ чизро шунидан намехост. Ӯ далелҳои Лютерро аз Китоби Муқаддас рад менамуд ва ба таълимотҳои маънавӣ ва анъанавии ақлии худ асос гирифта, ба ӯ ҷавоб мегардонд, на

аз рӯи Навиштаҷот. Ӯ ба Лютер фармон дод, ки баромада равад ва танҳо дар он ҳолат баргардад, агар ба рад намудан розӣ шавад. Лютер дар Аугсбург дар давоми се рӯз истод ва баъд ба кардинал мактуб фиристод ва дар он гуфт, ки дар хусуси он, ки ба ӯ чӣ гуна шартҳо пешниҳод шуда буданд, хомӯш меистад, агар душманони ӯ ҳамон тавр рафтор намоянд. Ӯ инчунин хоҳиш намуд, ки ба папа дар хусуси ҳар он чизе, ки онҳо муҳокима намуданд, расонида шавад, то ки ӯ қарор бароварда тавонад. Ӯ боз се рӯзи дигар интизор шуд, вале аз кардинал ҳеҷ гуна ҷавоб нагирифт. Бо маслиҳати дӯстон ӯ аз Аугсбург рафт ва ба Виттенберг баргашт. Пеш аз рафтани худ Лютер ба кардинал сабабҳоро ва ба папа муроҷиатномаро фиристод, ки дар майдон овехта шуда буданд.

Ба ҷавоби муроҷиатномаи Лютер папа ахбороти (эдикт) нав баровард. Ӯ эълон намуд, ки индулгенсияҳо яке аз таълимотҳои «модари муқаддаси калисои католикӣ, сари тамоми калисоҳо» буданд ва папаҳо ворисони ҳавворӣ Петрус мебошанд ва ҳамин тавр ноибони Масеҳ мебошанд. Баъдтар ӯ тасдиқ менамуд, ки онҳо ҳуқуқ ва қудрати аз гуноҳ озод кардан ва омурзиш додан ва инчунин пешниҳод намудани индулгенсияҳоро чӣ ба зиндаҳо ва чӣ ба мурдаҳо, ки дар ин вақт дар аъроф мебошанд, доранд. Ин таълимот, тасдиқ менамуд, папа бо пайравони дурусти Масеҳ бояд қабул карда шавад, инчунин католиконро огоҳ менамуд, ки агар ин таълимотҳоро қабул накунанд ва истифода набаранд, он гоҳ онҳо дар дӯзах азобро аз сар мегузаронанд ва ба ғайр аз ин, аз калисо такфир карда мешаванд.

Лютер ахбороти папаро дар муроҷиатномаи анҷумани умумиҷаҳонии калисои католикии румӣ эътироз намуд. Вақте ки папа Лев X дар бораи шикояти Лютер ба анҷумани умумиҷаҳонӣ фаҳмид, ӯ камергери худ Карола Милтитис, зодаи немисро ба назди герцог Фредерик фиристод ва ба ӯ садбарги тиллоиро дод. Милитис инчунин мактубҳои махфиро ба баъзе ашрофони он минтақа мебурд. Дар мактубҳои худ ӯ хоҳиш

менамуд, ки онҳо аз дастгирӣ кардани гертсог ва Лютер даст кашанд, вале папаро дастгирӣ намоянд.

Милитис ба Олмон нарафта, чун императори муқаддаси румӣ Максимилиани I (моҳи январи 1519) вафот кард. Ба тахти ӯ якбора ду нафар даъво намуданд: Франсиск I, шоҳи Фаронса ва Чарлзи I, шоҳи Испания. Дар охири август Чарлз шоҳи Олмон императори муқаддаси Рум Чарлзи V шуд, ба ҷои Максимилиан, бобои худ.

Дар тӯли тобистони 1519 баҳсҳо оид ба Лютер ва таълимоти ӯ идома ёфтанд. Музокираҳои расмии омавӣ дар Лейпсиг, шаҳр дар доминиони Георг, гертсоги Саксонӣ, тағои гертсоги Фредерик мегузаштанд. Музокираҳоро роҳиб бо номи Ҷон Эскис мегузаронд, ки ҳарифи ӯ фақеҳ аз Виттенберг Андреас Каролстадт буд. Баъзе ақидаҳои Лютер, ки ба имконпазирии омурзиши гуноҳҳо бо папа дахл доштанд, ба ҳамлаҳо дучор мешуданд. Каролстадт аз тарафи худ Лютерро ба таври қатъӣ ҳимоя менамуд. Гертсог Георг ба иштирокчиёни музокираҳо ва қабули расмии онҳо ҳимояро кафолат дод. Мартин Лютер инчунин қарор кард, ки ба ин маърака ташриф орад, лекин на чун иштирокчӣ, балки ҳамчун шунаванда.

Ба нияти аввалаи худ нигоҳ накарда, ӯ маҷбур буд, ки бо Эскис ба музокира барояд. Хусусан, вақте ки сухан дар бораи ҳокимияти мутлақи папа мерафт, Лютер дар одати муқаррарии худ оид ба декретҳои папа ҷавоб дод. Ӯ тасдиқ менамуд, ки декретҳои папа, ба ғайр аз онҳое, ки дар Навиштаҷот асос гирифтаанд, қувваи қонунӣ надоранд.

Эскис бо роҳи анъанавии калисо ба шарҳ додан сар кард, ки папаҳо ворисони ҳаввории муқаддас Павлус мебошанд ва бо ҳамин тарз бар калисо ҳокимияти мутлақи рӯҳонӣ доранд. Аз ин асос гирифта, папаҳо ноибони Масеҳ дар замин мебошанд. Ӯ дар он ки ҳокимияти усқуфи Рум пурра дар шариати Худо асос гирифтааст, боисрор мемонд.

Музокираҳо панҷ рӯз давом карданд. Эскис мағрурона, дағалона ва маккорона рафтор менамуд. Ӯ мехост бо ҳар роҳ мухолифи худро ба назди папа барад. Ӯ тасдиқҳояшро бо чунин тарз мекард: «калисо чун бадани шаҳрвандӣ, наметавонад бе сар бошад ва мувофиқи шариати Худо ягон муассисаҳои шаҳрвандӣ бе сари роҳбарикунанда наметавонанд вуҷуд дошта бошанд, аз ин сабаб, мувофиқи талаботи шариати Худо, папа сари калисои умумиҷаҳонии Масеҳ мебошад».

Мартин Лютер дар навбати худ гуфт, ки калисо сар дорад – Худи Исои Масеҳро. Ӯ тасдиқ мекард, ки Ӯ ягона сари калисо мебошад. «Калисо,- гуфт ӯ, – боз ба як сари дигар эҳтиёҷ надорад, зеро он бадани рӯҳонӣ мебошад, на ҷисмонӣ».

Эскис он вақт суханони Исоро аз Инҷили Матто иқтибос оварда: «Ту – Петрус ҳастӣ ва дар ин сахра Ман калисои Худро бино мекунам» (Мт. 16:18).

Лютер фаҳмонд, ки дар ин оят эътирофи имон карда шудааст ва Петрус калисои умумиҷаҳониро нишон медод, на ин ки худро. Санг Исои Масеҳ ва Каломи Ӯ мебошад, на ин ки Петрус.

Дар пайи кӯшиши боз ягон ҷои Навиштаҷот, то ки нуқтаи назари худро дастгирӣ намояд, Эскис суханони Исоро аз Инҷили Юҳанно иқтибос оварда: «Гӯсфандони маро чӯпонӣ намо» (Юҳ. 21:16). Ӯ гуфт, ки ин суханон танҳо ба Петрус нигаронида шуданд.

Мартин Лютер тасдиқ менамуд, ки баъд аз он, ки Исо ин суханонро ба Петрус гуфт, ӯ айнан ҳамин гуна қудратро ба ҳамаи ҳавориён низ додааст ва ба онҳо бифармуд, ки Рӯҳи Муқаддасро қабул кунанд, баъд ба онҳо гуфт: «Гуноҳи касеро ки авф намоед, омурзида мешавад, ва касеро ки авф накунед, омурзида намешавад.» (Юҳ. 20:23).

Барои дастгирии мавқеи худ ҳар гуна далелҳоро ҷуста, Эскис ба қарори анҷумани Констанский такя намуд. Ӯ аз ақидаи ихлосмандии онҳо ба папа иқтибос оварда, ки мувофиқи қарори анҷуман «роҳбари олии калисо» мебошад. Ӯ гуфт, ки анҷумани

умумиҷаҳонӣ дар чунин масъала иштибоҳ карда наметавонад. Лютер гуфт, ки ӯ баъзе қарорҳо ва ҳокимияти анҷуманро дар Констанс эҳтиром менамояд, вале баъзе қарорҳои анҷуман шубҳанок мебошанд, зеро қарори одамӣ мебошанд. Ӯ гуфт: «Аз ҳама муҳим он мебошад, ки анҷуман ҳуқуқ надорад догматҳои нави имонро эҷод кунад».

Хабарҳо дар бораи ин музокираҳо, ки ба онҳо, дар ҳар ҳол ягон хел қарор бароварда нашуд, дар тамоми Аврупо паҳн гардиданд. Эскис дар фикри худ монд, дар ҳоле, ки Лютер дар ақидаи худ оид ба сафедшавӣ тавассути имон ва дар он, ки Навиштаҷот ягона намунаи асосии эътиқод ва таҷриба мебошад, устувор монд.

Дар соли 1520 Лютер навиштани се китобро ба анҷом расонд, ки вай дар онҳо ақидаҳои худро баён менамуд. Китоби аввалин «Муроҷиат ба табақаи масеҳии ашрофони миллати немис» ном дошт, ки дар он ӯ ҳокимони немисро водор менамуд, ки бо дастони худ дар калисо ислоҳотҳо дароранд. Китоби дуюм «Дар бораи асорати бобулии калисо» ном дошт, ки дар он ӯ бар зидди калисои румӣ ва илми он оид ба чашидани нону шароб баромад мекард. Китоби сеюм номи «Дар бораи озодии масеҳӣ»-ро гирифт, ки дар он ӯ фаҳмиши масъаларо дар бораи сафедшавӣ бо имон ва корҳои нек медиҳад. Роҳибон ва фақеҳони Лоувейн ва Кологна китобҳои Лютерро бидъаткорона эълон намуданд. Лютер дар ҷавоб ба айбдоркуниҳои аҳли дин онҳоро дар саркашӣ, тундмизоҷӣ, бадқаҳрӣ ва бевиҷдонӣ айбдор намуд. 15 июни соли 1520, папа Лев X буллаи «Exsurge Domine»-ро бароварда, ки мувофиқи он ба Лютер 60 рӯз дода шуд, ки дар ин муддат вай бояд даст мекашид, вале ин ба ӯ ва таълимотҳои ӯ ягон таъсир нарасонд.

Дар китоби аввалини худ ба масеҳиёни табақаи ашроф Лютер бар хилофи се ақидаи асосии папа баромад мекард:

1. *Ягон хел ҳокимияти ғайрирӯҳонӣ ва ғайридинӣ бар рӯҳонӣ ягон хел қудрат надорад, дар ҳоле, ки ҳокимияти рӯҳонӣ бар ҳамаи дигарон қудрат дорад.*

2. *Дар ҳоле ки дар ягон порчаи баҳсноки Навиштаҷот қарор баровардан зарур ояд, ягон шахс ҳуқуқи шарҳ додани Навиштаҷот ё ҳукм кардани онро надорад, балки танҳо папа.*

3. *Ҳеҷ кас аз одамон ҳуқуқ надорад, ки анҷуман ташкил намояд, ба ғайр аз папа.*

Инчунин дар китоби худ ӯ баъзе масъалаҳои дигарро таҳлил намуд: папа набояд чунин мавқеи баландро ишғол намояд; ба папа аз Олмон маблағи хеле калонро мефиристоданд; ба кашишҳо барои издивоҷ намудан иҷозат дода шавад; оид ба маҳдудияти хӯрдани таомҳои гӯштӣ; бенавоӣ, талбандагӣ ва қашшоқии ғаразнок бояд бекор карда шаванд; император Сигизмунд бояд дар паҳлӯи Ян Гус ва Иероним меистоданд; бидъаткоронро аз рӯи Каломи Худо бояд маҳкум кард, на бо оташ; таҳсилоти барвақтии кӯдакон дар Инҷили Исои Масеҳ бояд асос гирад, на дар анъанаҳои калисои католикии Рум.

Баъд аз он, ки ба сари Чарлз V дар калисои Эикс–ла–Чапелл тоҷ ба сар гузоштанд ва шоҳи Олмон ва императори муқаддаси Рум гардид, папа Лев ду кардиналро ба назди гертсог Фредерик фиристод. Онҳо вазифа гирифтанд, то гертсогро бовар кунонанд, ки бар зидди Лютер чораҳо бинад. Кардиналҳо кӯшиш намуданд, ки бо васф кардани ашрофзодагии ӯ, қобилиятҳои сарварӣ, насаб ва дигар сифатҳояш ҳусни таваҷҷӯҳи гертсогро биёранд. Баъд онҳо аз номи папа ду пешниҳоди махсус карданд: то ки ӯ ҳамаи китобҳои папаро сӯзонад ва ӯро ба Рум фиристад ё худаш Мартинро қатл кунад.

Гертсог ҷавоб дод, ки камергери папа ба Лютер фармуд, то дар доминиони ӯ монад, то ки вай ба католикони румӣ дар дигар минтақаҳо таъсир расонда натавонад. Баъд хоҳиш намуд, кардиналҳо папаро розӣ кунонанд, ки ба донишмандони фақеҳ ва докторони илми илоҳиёт иҷозат диҳад, ки корҳо ва таълимоти Лютерро таҳқиқ намоянд, ки муайян кунанд, ки оё он бидъат дорад. Агар дар он бидъат бошад ва ӯ тавба накунад, он гоҳ гертсог дигар ӯро ҳимоя намекунад, вале ин танҳо баъд аз таҳқиқ намудани он ба амал меояд. Пеш аз баргаштани худ ба Рум кардиналҳо бештари китобҳои Лютерро, ки ёфта тавонистанд, ҷамъ оварданд ва дар пеши мардум сӯзонданд. Вақте ки Лютер дар бораи ин фаҳмид, ӯ донишҷӯён ва устодони зиёди донишгоҳро дар Виттенберг ҷамъ намуда сӯзондани оммавии декрет ва буллаҳои папаро бар зидди ӯ гузаронд. Ин 10 декабри соли 1520 руй дод.

Дар моҳи январи соли 1521 папа Лев X Лютерро бидъаткор эълон намуд, булларо оиди аз калисо тақфир кардан – «Decet Romanum Pontificem»-ро баровард- ва ба император Чарлзи V фармон дод, ки онро ба иҷро расонад. Ба ҷои ин император анҷуманро дар Вормс дар моҳи апрели 1521 ҷамъ намуд ва ба Лютер фармон дод, ки дар он ҳозир шаванд.

Вохӯрии шахсӣ бо император ва бо якчанд амалдорони олимақом дар дарбори графии Палатинский таъин шуда буд. Лютерро ба таври махфӣ ба ин ҷо гузаронданд, вале дар бораи вохӯрии ӯ бо император дере нагузашта халқ фаҳмид. Издиҳом дарборро гирд кард ва кӯшиш менамуд, ки ба дарун дарояд, то ки ба Лютери асроромез бинигаранд. Гвардияи дарборӣ фишори халқро нигоҳ дошта натавонист ва ба бисёр касон муяссар гардид, ки ба балконҳо бароянд, то ки мурофиаро назорат кунанд. Боре, вақте ки Лютер кӯшиши баромад карданро намуд, Улрик Паппенхем амр намуд, ки оромиро риоя кунанд, то вақте ки ба ӯ сухан дода нашавад.

Намояндагони усқуф Трирс маҷлисро бо чунин суханон кушоданд: «Мартин Лютер! Императори аълоҳазрати муқаддас ва мағлубнашаванда бо розигии тамоми роҳбарикунандагони империяи муқаддас фармон медиҳад, ки ту дар пеши тахти аълоҳазрат биист ва ба ду суоли асосӣ ҷавоб бидеҳ: оё, китобҳоеро, ки ҳоло дар пеши ту истодаанд, ту навиштаи ва оё ту аз онҳо даст мекашӣ, ё дар ақидаҳое, ки дар ин китобҳо навишта шудаанд, устувор мемонӣ».

Лютер ҷавоб дод: «Ман аз аълоҳазрат император бо фурӯтанӣ хоҳиш менамоям, ки ба ман вақт ҷудо намоянд, то ки ман аз он фикр кунам, то ки ман ба суоли ба ман дода шуда, бе расондани зарар ба Каломи Худо ва ҷони худ ҷавоб дода тавонам».

Баъд аз муҳокима намудани хоҳиши ӯ аз тарафи ҳокимон Эскис қарори императорро эълон намуд: «Аълоҳазрат император бо марҳамати худ ба ту барои фикр кардан оиди ин масъала як рӯз медиҳад. Пагоҳ худи ҳамин вақт ту бояд ҷавоб диҳӣ, лекин хаттӣ не, балки бо овози худ онро баён менамоӣ».

Геролд ислоҳотчиро ба ҳуҷраи худаш гузаронд, ки дар он ҷо Лютер дуо гуфта, андеша мекард, то ки иродаи Худоро оиди ин масъалаҳо бифаҳмад.

Издиҳоми калони халқ субҳи дигар ҷамъ омаданд, то ки ҷавоби Лютерро шунаванд. Эскис ба Лютер гуфт: «Акнун ба суоли император ҷавоб деҳ. Оё ту эътироф менамои, ки ин китобҳо аз они ту ҳастанд ва оё ту аз онҳо даст мекашӣ, оё ту худро ба шахсони мӯътабар, ки аз тарафи Худо гузошта шудаанд, тобеъ мегардонӣ?» Мартин Лютер ҷавоб дод: «Он ҳақиқатро дар назар дошта, ки шумо аълоҳазрати волӣ ва ҷаноби шумо ҷавоби аниқ талаб намудед, ман ҷавоб медиҳам ва қатъӣ эътироф менамоям, чӣ хеле ки метавонам, бе ягон шубҳа [номуайянӣ] ё ҳилаву найранг [эҳтимол дар назар дошта шудааст, ки бе далелҳои фиребанда], агар маро бо шаҳодатҳо аз Навиштаҷот бовар накунонанд, зеро ман наметавонам имони худро на ба папа, на ба анҷуманҳои умумиҷаҳонии он

тобеъ намоям, зеро онҳо тез-тез ба гумроҳӣ меафтоданд ва ҳатто ба ихтилофҳо бо худ, агар маро бо худи ҳамон матнҳо аз Навиштаҷот бовар накунонанд ва бо ҳамин тарз виҷдони маро бо Каломи Худо набанданд, он гоҳ ман наметавонам ва намехоҳам аз ҳеҷ чиз даст кашам. Зеро ин барои ман на аз рӯи виҷдон ва на аз рӯи қонун мешавад, ки бар хилофи виҷдони худ рафтор намоям. Дар ин меистам. Ман дигар гуфтание надорам. Худо мададгорам бошад!»

Баъд аз он, ки ҳокимон муддате машварат намуданд, Эскис ба Лютер гуфт: «Аълоҳазрат император аз ту талаб менамояд, ки ба ин суол ҷавоби оддӣ диҳӣ, мусбат ё манфӣ: ҳамчун масеҳӣ, оё ту тамоми корҳои худро ҳимоя кардан ҳастӣ?»

Лютер ба тарафи император ва ҳокимон рӯ овард ва аз онҳо хоҳиш намуд, ки виҷдони ӯро эҳтиром намоянд. Вай онҳоро тавалло менамуд, ки ӯро бар зидди виҷдон рафтан маҷбур насозанд, ки он, мегуфт ӯ, дар Навиштаҷоти муқаддас пойдор шудааст. Ӯ ҷавоби худро бо суханони зерин анҷом дод: «Ман бо Навиштаҷот алоқамандам».

Шаб фаро мерасид, вале маҷлис нисбати Лютер ҳанӯз қарори қатъӣ қабул накарда буд. Онҳо мурофиаро қатъ карданд ва Лютерро баргашта ба ҳуҷрааш гузаронданд. Вақте ки аз нав маҷлисро барпо карданд, ба онҳое ки аз ҷониби император ҷамъ омада буданд, мактубро хонда доданд. Мактуб тасдиқ менамуд, ки ҳатто агар Лютер хато кунад ҳам ва аз мавқеи худ даст кашиданӣ нест, император ваъдаи худро иҷро мекунад, ки бо он ӯ ба Лютер амниятро кафолат дода буд. Аз ин сабаб, Лютер метавонад ба хонаи худ баргардад. Лекин пеш аз рафтани ӯ ба Лютер гуфтанд, ки баъд аз бисту як рӯз вай вазифадор аст, ки баргашта биёяд.

Дар ин вақт бар зидди Лютер маъракаи шадид оғоз гардида буд. Бар зидди ӯ буллаҳо чоп шуда буданд ва номи Лютер дар тамоми империя вирди забони ҳама гардида буд: дар бораи ӯ ҳам аҳли дин ва ҳам мардум гап мезаданд. Дар муддати таъхири

(отсрочка) сеҳафтаина император ва папа нақшаи амалро кор карда баровардаанд: император Лютер, инчунин ҳамаи онҳоеро, ки ба ӯ дар кори ӯ ёрӣ медиҳанд, ғайриқонунӣ эълон намуд, ба ғайр аз ин, фармон дод, ки Лютерро ёфта дастгир кунанд, китобҳои ӯро бошад сӯзонанд. Лютер дар қалъаи Вартбургск пинҳон шуд, ки дар он ҷо ҳашт моҳро гузаронд. Дар он ҷо қарор дошта, ӯ Аҳди Ҷадидро дар забони олмонӣ тарҷума намуд ва ҳаҷвияҳои зиёдеро навишт.

Тақрибан дар ҳамин вақт шоҳи Англия Генрихи VIII бар муқобили Лютер хаттӣ баромад намуд. Ӯ мавқеъи Лютерро нисбатан ба имконияти папа дар бахшидани гуноҳҳо маҳкум мекард ва бартарияти усқуфи Румро дастгирӣ менамуд. Дар ҷавоб ба дастгирии хаттии Генрих папа шоҳ ва ворисони ӯро бо унвони «Ҳимоячии дин» мукофотонид.

Дар моҳи ноябри соли 1521 папа Лев X ба касалии табларза гирифтор шуд ва 1 декабр вафот кард. Ӯ чилу шаш сола буд. Аксарият гумон доштанд, ки ӯро заҳролуд кардаанд. Ҷонишини ӯ папа Адриани VI шуд, донишманд, ки устоди император Чарлз буд. Адриан – немиси асилзода, ки дар Лоувейн ба воя расидааст, инсони бомаърифат, тарзи ҳаёти парҳезгорона ва оромона мебурд, на ба мисли баъзе аз пешгузаштагони худ.

Гарчанде Адриан – нахустин папа мебошад, ки ба Ислоҳоти протестантӣ эътино намудааст бо баъзе тағйиротҳо дар калисои католикии Рум, ӯ ҳамчунин Лютерро душмани калисо ва папа меҳисобид. Дере нагузашта, баъд аз таъин намудани ӯ ҳамчун понтифик император маҷлиси дигари давлати олмонро барпо намуд, ки дар моҳи ноябри соли 1522 ба амал омад. Адриан ба маҷлис мактуб равон кард, ки дар он ақидаи худро нисбат ба Мартин Лютер иброз намуд. Ана паёми ӯ:

«Мо шунидем, ки Мартин Лютер, шӯрангези навбаромади дерина ва бидъати маҳкумгардида, дар аввал бо аз минбари ҳавворӣ падарвор фаҳмонда

дода шуда, сипас баъд баровардани ҳукм бар зидди ӯ ва ниҳоят баъд аз декрети император писари азизи мо Чарлзи V, императори интихобшудаи подшоҳи румӣ ва католикии Испания, ки бар тамоми миллати Олмон эълон гардида буд, ҳамин тавр бо ин декрет боздошта нашуд, беандешагии худро ҷилавгир нанамуд, балки рӯз аз рӯз, бештару бештар китобҳои худро паҳн намуда ҷаҳонро пур менамуд, ки пур аз ғалат, бидъаткорӣ, гуруру фитнаангезӣ бар исён, ки Олмон ва дигар мамлакатҳоро бо ин мараз олуда месозад, тамоми қувваро сарф намуда, то ин ки ҷонҳои оддӣ ва тарзи ҳаёти одамонро бо заҳри забони худ вайрон кунад. Аз ҳама бадтар ин аст, ки дар миёни худ пайравони худро дошта на танҳо халқи оддӣ, балки дарбориёни гуногунро низ, ки онҳо низ ба неъматҳои кашишҳо даст дароз намудаанд ва ба ӯҳдадории худ нигоҳ накарда, ки ба ҳокимияти калисо ва ҷаҳон итоат намоянд, ки дар ниҳоят ба ҷанги шаҳрвандӣ ва низоъҳо байни онҳо табдил меёбад.

Оё шумо, ҳокимон ва халқи Олмон мефаҳмед, ки ин замина ва муқаддима ба харобот ва нобудшавӣ мешавад, мақсад ва нияти Лютер ва мазҳаби лютераниҳо мебошад? Оё шумо ошкоро намебинед, бо чашмони худ назар карда, ки ин ҳифзи Инҷили ҳақиқӣ, ки ин лютераниҳо дар аввал ба ин даъвогар буданд, акнун нияти худро барои аз моликияти шумо маҳрум сохтани шумо эълон менамояд, ки ба ин онҳо кайҳо умед баста буданд? Ё шумо фикр мекунед, ки ин фарзандони бенизомӣ дар бораи дигар чизҳо ғамхорӣ мекунанд ва бо озодӣ рӯпӯш мешаванд, то итоаткориро инкор намоянд ва озодии иҷро кардани ҳар он чизеро, ки мехоҳанд, ба ҳама пешниҳод мекунанд?

Ин ҳамон нафароне мебошанд, ки ба кашишҳо, усқуфон ва усқуфи олӣ фармонбардории зарурӣ доданро рад мекунанд, ки онҳо ҳамарӯза дар пеши чашмони шумо моликияти калисоро ғорат мекунанд, ки ба Худо бахшида шудааст, оё шумо фикр мекунед, ки онҳо дастони худро аз ғорати моликияти халқ нигоҳ медоранд. Оё шумо фикр мекунед, ки ҳамаи он чизеро, ки бо дастони худ гирифта метавонанд, аз худ намекунанд?

Ин харобкории пурдаҳшат ба шумо ҳам таъсир мерасонад, ба моликияти шумо дастрас мегардад, ба хонаи шумо, занҳо, фарзандон, дорӣ ва он маъбадҳое [калисоҳо], ки шумо онҳоро эҳтиром медоред ва иззату икром мекунед, то вақте ки шумо аз он дар ҳимоя наистед.

Аз ин сабаб мо шуморо аз итоаткорӣ ба Худо, ба ҳавворӣ Петруси мубораку муқаддас ва ба ҳамаи ноибони ӯ дар замин хоҳиш менамоем, то ки шумо дастони кӯмакдиҳандаи худро муттаҳид намоед, то ин сӯхтори халқиро хомӯш кунед ва то ки тамоми кӯшиш ва ҷидду ҷаҳдро, ки имконпазир аст, гузоред, барои нобуд кардани гуфтаҳои Мартин Лютер ва ҳамаи дигар вайронкунандагони оромӣ ва фиребгарон, то ки ҳаёт ва динро ба ризоият дарорем. Агар олудашудагон аз итоат кардан ба насиҳати шумо даст кашанд, чунон рафтор намоед, ки солимон бо ҳамин беморӣ олуда нагарданд. Вақте ки захми бад ба табобати нозуки тиб дода намешавад, он гоҳ табобати хеле сахт зарур аст ва ҳатто сӯзондан бо оташ. Узвҳои пӯсида бояд аз бадан бурида партофта шаванд, то ки солимон заҳролуд нашаванд.

Бо ҳамин роҳ Худо ду бародар Дафан ва Авиудро ба дӯзах андохт: ба ҳокимияти кашиш итоат

накардагонро Худо ба марг маҳкум намуд. Ҳамин тавр Петрус, сарвари ҳавворӣён марги ногаҳонии Анониё ва Сапфираро пешгӯӣ намуд, ки ба Худо дурӯғ гуфтанд. Бо ҳамин тарз императори пешинаи порсо фармон дод, ки бидъаткорон Иовиан ва Прискилларо сар аз тан ҷудо кунанд.

Бо ҳамин тарз Йероми муқаддас хост, ки бидъаткор Вигилант дар қисм нобуд карда шавад, то ки рӯҳи ӯ дар рӯзи Худованд наҷот ёбад. Ҳамин тавр пешгузаштагони мо дар анҷумани Констанский рафтор мекарданд ва Ян Гус ва пайрави ӯ Иеронимро ба марг маҳкум намуданд, вале акнун Гус дар Лютер эҳё шуд. Агар шумо ба амалҳои лоиқ ва ибратҳои падарони мо пайравӣ намоед, мо шубҳа надорем, ки бо марҳамати Худо калисои Ӯро озод мекунем».

Ба даъвати ҷазо додани Лютер ҳокимони империя бо мактуби худ ҷавоб доданд. Ана порчаҳо аз он.

«Мо мефаҳмем, ҷаноби олӣ аз боиси Лютер ва мазҳаби ӯ дар ғами бузург азоб мекашад. Мо инчунин мефаҳмем, ки ҷонҳои одамон дар зери таъсири ӯ ба хатари маҳфшавии абадӣ гирифтор шудан, мебошанд. Мо ба ғами шумо шарик ҳастем.

Аксарият одамон дар Олмон ба ақидаҳои монанд ба Лютер шариканд ва ин сабаби он мебошад, ки барои чӣ ҷазои оддӣ ба Лютер то ин вақт бароварда нашуд. Ин метавонад ба табаддулоти калон, ҳатто мумкин ба ҷанги тамоми империя оварда расонад. То он вақте ки ҳамаи сабабҳо барои норизогии аҳолии умумӣ яктарафа карда нашаванд, барои ба даст овардани ризоият миёни халқ ва калисо ягон умед нест.

Аз ин сабаб бо розигии император мо боисрор маслиҳат медиҳем, ки папа ҳар чӣ зудтар анҷумани масеҳиро дар ҳар ҷои мувофиқи Олмон таъин намояд. Дар ин анҷуман ба одамон имконият мешавад, ки фикрҳои худро озодона баён намоянд.

Мо ба гертсог Фредерик маслиҳат медиҳем, ки аз он назорат намояд, ки ба Лютер ва пайравони ӯ на ба навиштан ва на ба нашр кардани корҳои худ иҷозат дода шавад. Инчунин ба ҳамаи воизон аз доминиони гертсог маъвиза кардан ва баён кардани ақидаҳои Лютер манъ карда шавад.

Ҳар хизматгузоре, ки ба ин фармон итоат намекунад, бояд ҷазо дода шавад. Ҳамаи китобҳои нав бояд ба тафтишоти ҳокимияти калисо барои гирифтани иҷозатнома барои фурӯш пешниҳод карда шаванд.

Кашишҳое, ки издивоҷ кардаанд, ё аз қудрати худ даст кашидаанд, бо хизматгузорони дахлдори калисо бояд ҷазо дода шаванд...»

Фавран, баъд аз ин яке аз пайравони Лютер Андреас Каролстадт аз Виттенберг халқро ба баъзе амалҳо талқин намуд, ки он понтифик ва саррӯҳониёни ӯро боз ҳам зиёдтар ба ғазаб оварда. Ба ғайр аз ин, Каролстадт одамонро рӯҳбаланд намуд, то ки онҳо ҳамаи суратҳо ва муҷассамаҳоро аз калисоҳои Рум партоянд. Дар моҳи марти соли 1522 Лютер ба Виттенберг баргашт, то ки бар зидди ин муборизони пурғайрати суратҳо баромад кунад, ки онҳо мехробҳо, суратҳо ва таслибҳоро нобуд мекарданд.

Кори ислоҳотии Лютер дар солҳои минбаъда аз навиштани Катехизиси (баёноти таълимоти динии христианӣ ба шакли саволу ҷавоб) Хурд ва Калон, китобҳои ибратомез, беш аз дувоздаҳ дона мадҳияҳо, зиёда аз 100 рисолаҳои ҳаҷмдор,

корҳо, тафсири Китоби Муқаддас, ҳазорҳо мактубҳо ва инчунин тарҷумаи тамоми Китоби Муқаддас ба забони олмонӣ иборат буд.

Бо Филипп Меланхтон ва дигар ёрамчиён Лютер калисоҳои инҷилиро дар он вилоятҳои Олмон ташкил намуд, ки дар он ҷойҳо дастгирии ҳокимонро дошт. Ӯ бисёр анъанаҳоро бекор кард, аз ҷумла эътирофи гуноҳ ва намози шахсиро (месса).

Лютер 18 феврали соли 1546 дар синни шасту се солагӣ вафот кард. Меланхтон соатҳои охирини ӯро чунин тавсиф намуд:

«Чоршанбе, рӯзи 17 феврал, доктор Мартин Лютер бо дарунравии одатии худ, маҳз бо вайронии талха бемор аст. Ин беморӣ баъд аз хӯроки шом бо ӯ рух дод, ки баъд аз он вай маҷбур буд, ба ҳуҷраи худ гузарад, ки дар рӯи кат дар муддати ду соат хобид ва дар давоми ин вақт дарди тоқатфарсоро эҳсос менамуд. Доктор Ҷонас бо ҳамроҳии ӯ дар ҳуҷраи вай буд, Лютер бедор шуд ва аз ӯ хоҳиш намуд, ки бархеста Амброуз, устоди фарзандонашро ҷеғ занад, то дар ҳуҷраи дигар оташро даргиронад. Вақте ки ӯ баргашт, дар ин вақт Алберт, графи Менсфилд бо ҳамроҳии ҳамсараш ва дигар одамон ба ҳуҷраи ӯ даромаданд.

Ниҳоят, ӯ фаҳмид, ки ин дами охирини ӯст, 18 феврал, қариб соати нӯҳи субҳ вай худро дар дуои самимона ба Худо бовар намуд: «Падари осмонии ман, Худои абадӣ ва меҳрубон, Ту ба ман Писари маҳбуби Худ, Худованди мо Исои Масеҳро кушодӣ. Ман Ӯро меомӯхтам, ман Ӯро дарк мекардам, ман Ӯро чун ҳаёти худ, чун саломатии худ ва кафорати худ дӯст медорам. Гунаҳкорон Ӯро, ки ман дӯст медорам, таъқиб мекарданд, бадгӯӣ мекарданд ва ба Ӯ ранҷу азоб меоварданд. Ҷони маро ба сӯи Худ ҷалб намо».

Чанд дақиқа гузашт, баъд Лютер дуои тақдимро се маротиба такрор намуд: «Ман рӯҳи худро ба дасти Ту месупорам, ки маро озод намудай, оҳ Худои ҳақиқат». Ҳамчунин баъд аз дуо ӯ аз ояти дӯстдоштаи худ дар Навиштаҷот иқтибос овард: «Зеро Худо ҷаҳонро чунон дӯст дошт, ки Писари Ягонаи Худро дод, то ҳар ки ба Ӯ имон оварад, талаф нашавад, балки ҳаёти ҷовидонӣ ёбад» (Юҳ. 3:16). Дар охир ӯ чашмонашро пӯшид ва дигар накушод.

Душманони Лютер ба марги ӯ хурсандӣ мекарданд ва фикр мекарданд, ки кори ӯ ҳамроҳ бо ӯ мемирад. Лекин, албатта ин тавр нашуд, зеро он дар Каломи Худо асос ёфта буд. Айнан, чун Калом, таълимотҳои Лютер Инҷили ҳақиқии Исои Масеҳро дар тамоми ҷаҳон паҳн менамуд.

13.
Марги пуразоби Ҷон Хупер, усқуфи Ворчестер (1555 с.)

Ҷон Хупер шогирд ва хатмкунандаи донишгоҳи Оксфорд дар Англия мебошад. Бо анҷомдиҳии таҳсили илмҳои табиатшиносӣ ӯ ба Навиштаҷот бо муҳаббат ва хоҳиши оташини ҳар чӣ зиёдтар пайдо намудани дониш дар бораи он фаро гирифта шуда буд. Ӯ вақти худро дар хондан ва таҳқиқи Навиштаҷот бо дуои самимӣ мегузаронд ва дере нагузашта файзи Рӯҳи Муқаддас ба ӯ роҳро ба қудсияти ҳақиқӣ боз менамуд.

Ба қадри афзоиш дар файзи Худо ва фаҳмиши рӯҳонӣ саъю кӯшиш ва накӯкории ӯ дар дигар одамони диндори донишгоҳ кина ва нафратро ба вуҷуд меовард, ки ӯро ба рафтан маҷбур карданд. Дере нагузашта, барои идораи моликият ва корҳо сэр Томас Арундел ӯро ба кор гирифт. Лекин сэр Томас фикри ӯро нисбати дин фаҳмид ва бо вуҷуди он, ки Хупер ба ӯ писанд аст, роҳе ҷуста баромад, ки ӯро ба назди усқуф Винчестер бо паёме фиристад, ки ба фикри ӯ, ҳама кори лозимаро мекунад, то ки ақидаи ӯро дигар созад.

Ба ҳар сурат, ӯ талаб намуд, ки баъд усқуф Хуперро баргашта фиристад.

Винчестер бо Хупер панҷ рӯз сӯҳбат намуд, вале вақте дид, ки бо ин одами ҷавон ҳеҷ кор карда наметавонад, инчунин хоҳиши қабул накардани далелҳои бо Хупер пешниҳодшударо дошта, ӯ бо хоҳиши Арундел Хуперро баргашта ба назди ӯ фиристод. Усқуф дониш ва хиради Хуперро тариф кард, вале аз ин вақт нисбати ӯ ҳиссиёти бадро эҳсос менамуд.

Дере нагузашта, Хупер аз бадӣ ва хатаре, ки бар зидди ӯ равона карда шудаасту ӯро таъқиб менамуд, фаҳмид, аз ин сабаб кори худро дар назди Арундел мемонад, аз дӯсти худ, ки ба наздикӣ аз галер озод шуда буд, аспро қарз мегирад ва ба соҳили баҳр ба мақсади бо воситаи гулӯгоҳ (пролив) ба Фаронса гузашта рафтан, метозад. Ӯ дар Париж дер наистод, баъд ба Англия баргашт, ки дар он ҷо бо ҷаноби Сентроу ба кор қабул карда шуд ва дар корхонаи ӯ то вақте кор мекард, ки ҳаёти ӯ аз нав ба хотири таълимотҳояш дар хатар нашуд. Ҳар гуна роҳҳои ҳаракатро истифода намуда, ӯ ба Ирландия меравад, баъд аз Фаронса ба Олмон, ки дар он ҷо бо шумораи зиёди донишмандон дар Басил ва махсусан дар Сюрих, дар Швецария шинос мегардад. Дар он ҷо ӯ бо ҷаноби Буллингер шинос мешавад ва ба зани бургундӣ хонадор мешавад ва дар худи ҳамон ҷо бо саъю кӯшиш забони ибриро аз худ менамояд.

28 январи соли 1547 подшоҳ Генрихи VIII вафот мекунад ва дар ин рӯз писари ягонаи ӯ Эдварди VI шоҳи Англия мешавад. Дар ин вақт Эдвард даҳсола ҳам набуд, ӯ аз зани сеюми Генрих Ҷейн Сеймур 12 октябри соли 1537 таваллуд шудааст. Дар васиятномаи худ Генрих барои роҳбарии Англия шӯроро иборат аз шонздаҳ нафар таъин намуд, то вақте ки Эдвард ба синни балоғат нарасад, вале ин таъинот дер давом накард, зеро тағои Эдвард, Эдвард Сеймур, гертсог Сомерсет, ҳамчун пуштибон идоракуниро ба дасти худ гирифт. Ду сол пас, дар соли 1549 Сомерсет ҳокимиятро аз даст дод ва Ҷон Дадли,

гертсог Норсамберленд то ба синни балоғат расидани Эдвард, ноибуссалтанаи (регент) Англия гардид.

Шоҳ Эдварди VI аз устодони протестантӣ таълим гирифта буд ва дар натиҷаи он дар калисои Англия ба ислоҳотҳои протестантӣ хайрхоҳ буд. «Китоби дуоҳои умумӣ» аз тарафи усқуфи аъзам Томас Кранмер ташкил шуда буд ва бори аввал дар даврони ҳукмронии Эдвард аз чоп баромад.

Дертар, баъд аз он, ки Эдвард подшоҳ шуд, Хупер қарор намуд, ки ба Англия бармегардад, то ки бо тарзи беҳарин ба кори Худо мусоидат намояд. Ӯ ба дӯстони худ дар Сюрих барои некиҳояшон ва одамдӯстиашон нисбати вай миннатдорӣ кард ва ба онҳо аз рафтани худ хабар дод. Ҷаноби Булингер ба ӯ гуфт:

«Ҷаноби Хупер, гарчанде бо ин сабаб аз ҷудоӣ бо ту мо таассуфро эҳсос мекунем, лекин барои хурсандӣ мо сабаби аз ин ҳам муҳимтар дорем. Ин ҳам ба хотири ту ва маҳз ба хотири дини ҳақиқии Масеҳӣ, то ин ки ту баъд аз набудани дурудароз ба ватани худ боз баргардӣ. Аз ин сабаб ту метавонӣ на танҳо ба озодии шахсии худ шодӣ кунӣ, балки калисои Масеҳӣ низ аз баргаштани ту хурсандӣ кунад. Мо аз ин шубҳа надорем.

Лекин, сабаби дигар бошад, барои чӣ мо бо ту ба хотири ту шодӣ мекунем, ин аст: ту аз бадарғаи худ ба озодӣ бармегардӣ ва дар ин ҷо мамлакати пур аз бесамар, туршшуда ва нофорам, дағал ва ваҳширо тарк менамоӣ ва ба замине ки дар он ширу асал мешорад, пур аз роҳат ва босамар аст, меравӣ.

Ба шодии мо нигоҳ накарда, мо танҳо аз як чиз дар ҳаросем ва дар ҳаяҷонем, ки эҳтимол дар набудани ту, вақте ки аз мо хеле дур мешавӣ, ё неъмати фаровон дошта ва баракатҳо дар беҳбудии худ ва боз чизҳои дигар дошта ва ҳатто агар ту дар инкишофи худ

усқуф гардӣ ва дӯстони зиёди дигар пайдо кунӣ, ту мо шиносҳои дерини худ ва хайрхоҳонро фаромӯш мекунӣ.

Лекин, агар ҳатто ту моро фаромӯш кунӣ ҳам ва аз мо раҳоӣ ёбӣ, ту метавонӣ ҳамон тавр боварӣ ҳосил кунӣ, ки мо ҳеҷ вақт дӯсти деринаи худ, ҷаноби Хуперро фаромӯш намекунем. Агар ту моро фаромӯш накунӣ, пас ман дуо мекунам, ки мо дар бораи ту шунида тавонем».

Хупер ҷавоб дод: «На роҳат бо мамлакат, на лаззат бо неъматҳо, на дӯстони нав маро маҷбур сохта наметавонанд, ки ман шумо, дӯстонам ва некӯкорони маро фаромӯш кунам. Гоҳ-гоҳ ман ба шумо навишта меистам ва аз рафти корҳо хабардор месозам. Лекин хабари аз ҳама охиринро ман ба шумо расонда наметавонам, – ӯ дасти ҷаноби Булингерро гирифт,- ман барои ин бояд азоб кашам ва шумо хоҳед шунид, ки маро сӯзонданд ва ман ба хокистар мубаддал гаштам».

Вақте ки Хупер ба Лондон баргашт, ӯ пайваста маъвиза мекард, аслан ду бор дар як рӯз, лекин ҳеҷ вақт имконияти дар як рӯз як бор ҳам маъвиза карданро аз даст намедод. Барои гӯш кардани маъвизаи ӯ чунон одамони зиёд меомаданд, ки калисоҳо пур мешуданд ва дер мондагон ҳатто аз дар ҳам даромада наметавонистанд. Ӯ дар таълимотҳои худ бовиҷдон, суханпардоз буд, Навиштаҷотро хеле хуб мефаҳмид ва дар кори худ хастанашаванда буд.

Чӣ хеле ки ӯ кори ҳаёти худро оғоз намуд, ҳамин тавр вай онро то охир давом медод. Кори вазнин ва диққатталаб ӯро шикаста натавонистанд, пешравӣ дар хизмат ӯро тағйир дода натавонист, хӯроки болаззат ӯро харида натавонист. Ҳаёти ӯ он қадар пок ва некӯкор буд, ки ягон хел тӯҳмат ба ӯ зарар расонда наметавонист. Ӯ дар ҷисм ва хирад боқувват буд ва ҳамеша ҳамчун хизматгори комили Инҷили Исои Масеҳ рафтор менамуд. Ба баъзеҳо ӯ чун инсони ҷиддӣ менамуд ва мехост,

ки ба одамон хеле ҷолиб намояд, вале медонист, ки ӯ бояд чӣ гуна бошад, то ки кори худро ҳарчи беҳтар иҷро намояд. Боре як инсони боинсоф, ки виҷдони на он қадар пок дошт, ба хонаи Хупер барои маслиҳат омад, вале вақте ки Хупери бадқавоқ ва ғамгинро дид, ҷуръат накард, ки бо ӯ гап занад, зеро барои худ шарм медошт. Аз ин рӯ, барои маслиҳат ӯ ба назди шахси дигар рафт. Дере нагузашта, баъд аз бозгаштан, Хуперро барои маъвиза пеши шоҳ даъват карданд ва баъд аз ин ӯро усқуфи Глостер таъин карданд; ӯ ду сол ин мақомро ишғол намуд. Ӯ ончунон хуб рафтор мекард, ки ҳатто душманонаш дар ӯ ягон айб ёфта наметавонистанд. Баъд аз ин ӯ усқуфи Ворчестер гардид.

Ба тағйиротҳои зиёди динӣ дар калисои Англия нигоҳ накарда, усқуфон ҳамон тавр либоси махсуси барои онҳо тайёркардашудро ба бар менамуданд, ки онҳоро усқуфони папа барои гузаронидани баъзе маросимҳо бояд мепӯшиданд. Барои Хупер чунин либоси маросимӣ нофорам буд, зеро баъзе ҷузъиётҳои либос натиҷаи ҳурофотҳо буданд. Масалан, кулоҳи геометрӣ бо чор фаришта, ки ҷаҳонро ба чор қисм тақсим мекарданд. Вай аз шоҳ хоҳиш намуд, ки ӯро ё аз унвони усқуфӣ маҳрум намояд, ё ба вай иҷозат диҳад, ки дар маросимҳое, ки дар онҳо ба чунин сару либос пӯшонида шудан зарур аст, иштирок нанамояд. Шоҳ фавран хоҳиши ӯро қонеъ гардонд.

Лекин усқуфони дигар барои ба бар намудани либоси маросимӣ боисрор баромад мекарданд ва мегуфтанд, ки ин масъалаи қабеҳ аст, аз ин рӯ дар худи либос ҳеҷ чизи баде нест, балки танҳо дар сӯиистеъмол намудан аз он. Онҳо инчунин илова карданд, ки Хупер набояд дар чунин масъалаи ночиз якрав бошад ва аз ин сабаб, ӯ набояд ба худ барои бо хоҳиши худ рафтор кардан, иҷозат диҳад.

Ин баҳс миёни Хупер ва усқуфон оид ба пӯшидани либосҳои маросимӣ дар бисёр масеҳиёни ҳақиқӣ андӯҳро ба миён оварда ва хурсандиро дар душманони зиёди Хупер. Ниҳоят, усқуфон

боло гирифтанд ва Хупер розӣ шуд, ки баъзан ба ӯ лозим меояд, ки дар маросимҳо ин либосҳоро ба бар намуда бо ҳамроҳии дигар усқуфон иштирок намояд. Вақте ки ба ӯ дар назди шоҳ маъвиза кардан таъин шуда буд, ӯ дар либоси пурраи маросимӣ бо кулоҳи чоркунҷа, ки дар сари гирдашакли ӯ ноқулай меистод, ҳозир шуд.

Вақте ки ҷаноби Хупер ба епархияи (вилояти тобеи усқуф) худ баргашт, ӯ ҳама роҳҳои имконпазирро дид, ки чӣ тавр рамаи ӯро ба наҷоти ҳақиқӣ овардан мумкин аст. На падар дар оила, на боғбон дар боғи худ, на токпарвар дар токзори худ бо кори худ он қадар ҷалб нашуда буданд, назар ба Хупер, ки ҳамавақт дар шаҳрҳо ва деҳаҳо маъвиза менамуд. Вақте ки ӯ бо ин кор банд набуд, вай мушкилиҳои одамонро бо диққат гӯш мекард, ба мактабҳо мерафт, ё ин ки бо дониши худ ё бо дуо машғул буд. Дар рамаи худ нисбати ҳама ӯ якхела рафтор менамуд: ба давлатмандон ва бенавоён, ба ҷавонон ва пирон, маърифатнок ё не. Ӯ бо чунин ҳаёт зиндагӣ мекард, то ки барои калисо ва имондорон нур ва ибрат, дарси доимӣ ва маъвиза ба боқимондагон гардад. Чун одами оиладор, Хупер вақти худро дар тарбияи таълимоти масеҳии кӯдакони худ мебахшид. Ӯ мехост, ки онҳо маълумоти хуб гиранд ва одоби хуб дошта бошанд, муҳаббат ба Каломи Худо ба монанди худи ӯ. Агар шумо ба хонаи ӯ медаромадед, пас ба назари шумо чунин менамуд, ки шумо ба калисо ё ба маъбад медароед, зеро ҳама он чизе, ки дар он ҷо буд, аз некӯкорӣ, тақводорӣ ва муошират самимона, хондани Навиштаҷот ҳарф мезад. Дар он ҷо ягон вақт аҳмақӣ ё бекорхӯҷагӣ, таърифкунӣ бо сарвати худ, суханони бардурӯғ, лаънат набуд, балки танҳо муҳити неккирдорӣ буд.

Бурдани моликияти ӯ, чӣ шахсӣ, инчунин дар калисо бенуқсон буд. Ба ғайр аз эҳтиёҷоти асосии хонаводааш, Хупер тамоми маблағҳоро, ки ӯ барои хизмати усқуфии худ мегирифт, ба одамоне, ки онҳоро дар хонаи худ қабул мекард, сарф менамуд. Хеле зуд-зуд ӯ дар вилояти худ барои бенавоён ва қашшоқон

зиёфатҳо меорост. Хизматгорони ӯ мегуфтанд, ки вай ҳар рӯз ба хӯроки пешин якчанд бенавоёнро даъват менамуд, ки онҳоро чор нафарӣ ба сари миз даъват мекарданд ва ба онҳо хӯроки гарм ва фоиданокро пешниҳод менамуданд, баъд аз ин Хупер бо онҳо дар бораи дуои Худованд, баъзе таълимотҳои дин ва дақ аҳком сӯҳбат мекард. Танҳо баъд аз ин ӯ ба сари миз менишаст. Вале дере нагузашта ҳама кори хайрхоҳонаи Хупер ба охир расид.

Моҳи ноябри соли 1552, шоҳ Эдварди VI бемор шуд ва ниҳоят 6 июли соли 1553 вафот кард ва се моҳ то синни балоғати худ умр надид. Ҷон Дадли, гертсог Нортумберлендский кӯшиш кард, ки ба сари тахт духтари амаки Эдвард хонум Ҷейн Грейро, ки протестантӣ буд, шинонад, вале ба нокомӣ дучор шуд ва апаи ӯгаи Эдвард Мария, католикзани румӣ ба сари тахт бо номи Марияи I нишаст.

Дар солҳои охири ҳукмронии шоҳ Генрихи VIII, вақте ки калисои протестантии Англия бунёд мегардид, бо Мария хеле муомилаи дуруштона менамуданд, то вақте ки вай ба талоқи Генрих бо модари вай Катерина розигӣ надод ва аз дини румӣ католикӣ даст накашид. Дар асл бошад, ӯ ба дини католикӣ содиқ мемонд ва ягон бор онро тарк накарда буд.

Дере нагузашта, баъди ба сари тахт нишастан, Мария дини католикиро дар Англия барқарор намуд ва аз нав хизмати анъанавӣ ва нуфузи папаро пойдор намуд. Як сол пас ӯ ба Филиппи II, шоҳи ояндаи Испания (1556 с.), писари императори муқаддаси Рум Чарлзи V ба шавҳар баромад. Якҷоя онҳо Англияро, то охири умри вай идора мекарданд. Ӯ лақаби Марияи Хунинро барои таъқибот ва сӯзондани қариб 300 протестантӣ барои ақидаҳои динии онҳо гирифт.

Дере нагузашта, баъд аз тоҷгузории ӯ, Ҷон Хупер, усқуфи Ворчестер, нахустин шахсе буд, ки ба вай фармон дода шуд, ки ба назди ӯ ҳозир шавад. Хупер дар бораи ниятҳои бади малика Мария нисбати худ медонист, ӯро дӯстони зиёдаш огоҳ

мекарданд, ки ӯро барои фирор намудан ва ғами худро хӯрдан розӣ мекунонданд, лекин вай Англияро тарк кардан нахост. «Боре ман аллакай фирор намуда будам, – гуфт ӯ,- вале акнун омодаам ба ҳар чизе, ки маро интизор аст, рӯ ба рӯ шавам. Ман мехоҳам бо баррахои худ зиндагӣ кунам ва ҷон диҳам».

Хупер дар назди малика 1-сентябри соли 1553 омад ва бо таъна, масхара ва дашномҳои мағрурона пешвоз гирифта шуд. Ба ин нигоҳ накарда, ӯ озодона ва равшан дар бораи ҳаёти худ ҳамчун усқуф ва таълимотҳои худ нақл намуд. Дар анҷоми гӯшкунӣ ӯро ба зиндон фиристоданд, лекин на барои мазҳаб, балки барои аз худ намудани пулҳои малика гунаҳкор дониста шуд, ки вай албатта ин корро накарда буд.

19 марти соли 1554 Хуперро барои дар назди лорд-канслер Винчестер ва дигар аъзоёни комиссия, ки маликаро намояндагӣ мекарданд, даъват намуданд, ки ҳозир шавад. Винчестер аз Хупер пурсид, ки оё ӯ зан дошт. Хупер ҷавоб дод: «Бале, ҷаноб ва ман то ҳамон вақт безан намешавам, то вақте ки марг маро безан нагардонад».

Эҳтимол, барои он, ки рӯҳониёни католикии румӣ издивоҷ карда наметавонистанд, ҷавоби ӯро бо доду фарёди баланд, ханда ва бо имову ишораҳои беадабона пешвоз гирифтанд. Усқуфи Чичестер, доктор Дей Хуперро дурӯя ва риёкор номид ва ӯро бо суханони бад ва таҳқиромез дашномборон кард. Усқуф Тонстал, котиби ӯ бо номи Смис ва дигарон Хуперро ҳайвон номиданд.

Тонстал, усқуф Дурхама аз Хупер пурсиданд, ки оё ӯ ба ҳузури ҷисмонии Масеҳ ҳангоми хӯрдани нону шароб бовар дорад, аниқтараш нону шароб бадани аслии Масеҳ мебошад. Хупер фаҳмо гуфт, ки ин тавр намешавад ва ӯ ба ин бовар намекунад. Лорд-канслер Винчестер аз ӯ пурсид, ки ба шарофати кадом манбаъи бонуфуз вай ба бовар кардан ба ҳузури ҷисмонии Масеҳ дар чашидани нону шароб бас кард. Хупер ҷавоб дод: «Ба шарофати нуфузи Каломи Худо». Ба котибон фармуда шуд, ки

дар ҳисобот чунин нависанд, ки ӯ зандор аст ва аз ҳамсари худ ҷудо шуданро рад намуд, ки вай ҳангоми чашидани нону шароб ба таҷассумёбии Масеҳ бовар надорад. Барои ин ҷиноятҳо ӯро аз унвони усқуфӣ озод намуданд.

7 январи соли 1555 аз маҳбасхонаи Флитский ҷаноби Хупер озмоишҳои худро чунин тасвир менамуд:

«Якуми сентябри соли 1553 ман аз Ричмонд ба маҳбусхонаи Флитский гузаронида шудам, то ки ҳама имтиёзҳои зиндонро дарк намоям. Баъд аз шаш рӯз ман ба назоратчӣ панҷ фунт стерлингро ҳамчун музд барои ин имтиёзҳо пардохт намудам. Якбора баъд аз гирифтани маблағ нозир ба Стефан Гардинер, усқуф Винчестер шикоят намуд, ки баъд аз он маро ба маҳбасхонаи маҳкам бе ягон хел имтиёз фиристоданд ва дар он ҷо се моҳро дар хонаи Тауэри маҳбаси Флитский гузарондам, ки дар он ҷо бо ман муносибати хеле дуруштона мекарданд.

Боре, ба туфайли воситаҳои як зани порсо ва поквиҷдон ман имтиёз доштам, ки ба хӯроки пешин ва шом фароям, вале ба ман иҷозат надоданд, ки бо касе аз дӯстонам гап занам ва баъд ман бояд ҳатман ба хонаи худ бармегаштам. Ба ин нигоҳ накарда, назоратчӣ ва ҳамсари ӯ бо ҳар сабаб кӯшиш мекарданд, ки бо ман низоъ ҷӯянд ва баъд аз болои ман ба дӯсти калони худ, усқуф Винчестер шикоят мекарданд.

Баъд аз чанд моҳ назоратчӣ Бебингтон ва ҳамсари ӯ бо ман оиди «мессаи сиёҳ» баҳс мекарданд ва назоратчӣ ба усқуф Винчестер муроҷиат намуда аз ӯ хоҳиш кард, ки маро ба қисми аз ҳама бадтарини маҳбасхона гузаронанд, ки дар он ҷо ман вақти зиёд дар ҳуҷраи нафратангез ва бадбӯй мегузарондам ва

бистари дигар ҳам надорам, ба ғайр аз дастаи пахол барои бистар, кӯрпаи пӯсида ва ҷилди болишт бо якчанд пар, ки болишти ман буд ва ҳамин тавр то он вақт давом мекард, ки Худованд одамони хубро нафиристод ва ба ман бистари тоза ва ботароватро оварданд.

Қубурҳои кушодашудаи канализатсионӣ аз ду тарафи ин зиндон мегузаштанд ва бӯи таҳаммулнопазир фаро гирифта буд. Ман боварӣ дорам, ки ин сабаби бисёр бемориҳое, ки ман он вақт ва ҳоло аз сар гузаронида будам, мебошад.

Чӯби ғӯла ва қулф дар дари ҳуҷраи ман, худи ман бошам, бо занҷирҳо маҳкам карда шудаам. Ман ғам мехӯрдам, фарёд мекардам ва имдод мепурсидам ва гарчанде назоратчӣ Бебингтон медонист, ки ман якчанд вақт дар дами марг будам ва ҳатто вақте ки одами бечора аз посбонон ба имдоди ман ҷеғ мезад, ӯ ба кушодани дари ман ва ба даромадани касе ба наздам манъ намуд ва мегуфт: «Ӯро монед. Агар ӯ бимирад, ин халосӣ мешавад».

Ман ба ин назоратчӣ барои зиндагии худ дар як ҳафта бист шилинг медодам, инчунин барои хӯроки худ пул медодам, то он вақте ки ман аз унвони усқуфии худ маҳрум нагашта будам ва аз ҳамон вақт ман ба ӯ ҳамчун инсони хеле поквиҷон дар хонаи худ музд медодам, вале вай ба ман муносибати бадтар ва бадтар мекард ва маро чун инсони аз ҳама пасттарин меҳисобид, ки замоне ба ин ҷо афтода буд.

Ёрдамчии ман Уилям Даунтон низ дар маҳбас маҳкам карда шудааст. Назоратчӣ ӯро кофтуков кард ва умед дошт, ки мактубҳоро меёбад, вале ҳеҷ гуна мактуб наёфт, балки танҳо рӯйхати баъзе одамони некро, ки барои ман маблағ додаанд, то ки ҳаёти

маро дар ин зиндон сабук кунанд. Аз нохушӣ овардан ба онҳо умед дошта, назоратчӣ номҳои онҳоро ба Стефан Гардинер, душмани Худо ва ман гуфта дод.

Ман дар ҳабс қариб ҳаждаҳ моҳ азоб мекашидам. Ман аз моликияти худ, ризқу рӯзӣ, оила, дӯстон ва лавозимотҳои зарурӣ маҳрум гашта будам. Бо ҳисоби андак малика аз ман 80 фунт қарздор аст. Ӯ маро ба маҳбасхона фиристод ва ба ман чизе надод, ки ҳаёти маро дар он ҷо бояд дастгирӣ мекард ва ба касе иҷозат намедод, ки ба назди ман оянд ва зиндагии маро сабуктар гардонанд. Ман дар миёни мардон ва занони гунаҳкор мебошам ва ёрдами касеро намебинам ба ғайр аз кӯмаки Худо, мебинам, ки дар зиндон ман ҳанӯз то маҳкум шудани худ мемирам. Вале ман кори худро ба Худо месупорам ва бигзор иродаи Ӯ ба амал ояд, ки ин ҳаёт ва ё марг мешавад».

22 январи соли 1555 назоратчӣ Бебингтон фармон гирифт, ки ҷаноби Хуперро ба хонаи Винчестер дар калисои Марями Муқаддаси Овер дар пеши анҷумани усқуф Винчестер бо усқуфон ва дигар иштирокчиён биёрад. Усқуф Винчестер Хуперро розӣ мекунонд, ки аз чунин ба ном таълимотҳои «бад ва вайрон», ки Хупер онҳоро дар вақтҳои ҳукмронии шоҳ Эдварди IV маъвиза мекард, ба оғӯши калисои католикӣ баргардад ва папаро мувофиқи қарори парлумони Англия сарвари ин калисо эътироф намояд. Винчестер ӯро бовар мекунонд, ки ӯ баракати папа ва марҳамати маликаро ба даст меорад, чӣ хеле ки худи вай ва бародаронаш ин баракатро гирифтаанд, агар Хупер дар назди муқаддасии папа ба зону шинад.

Хупер ҷавоб дод, чӣ хеле, ки папа ба доктринаҳое, ки ба доктринаҳои Масеҳ мухолифат мекунад, таълим медиҳад, пас ӯ ба сарвари калисо будан лоиқ нест, аз ин сабаб наметавонад дар назди ҳокимияти ғайриқонунӣ ба зону истад. Баъдтар,

ӯ тасдиқ менамуд, калисои католикии Румӣ умуман калисои ҳақиқӣ нест. Калисои ҳақиқӣ садои Домодашро мешунавад ва ба садоҳои бегона пайравӣ намекунад. «Бо вуҷуди ин,- гуфт ӯ,- агар ман бо кадом тарзе набошад, улёҳазрат маликаро ранҷонда бошам, пас ман бо фармонбардорӣ ба лутфу марҳамати ӯ итоат мекунам, агар марҳамати вай ба ман иҷозат диҳад, ки бар хилофи виҷдони худ наравам ва Худоро озурда нагардонам». Усқуфон ба ӯ ҷавоб доданд, ки малика ба душманони папа ҳеҷ гуна илтифот нишон намедиҳад. Баъд аз ин ба Бебингтон фармон доданд, ки Хуперро баргашта ба зиндони Флитский барад.

28 январ Винчестер ва дигар иштирокчиён барои пурсупоси Хупер аз нав дар калисои Марями Муқаддаси Овер якҷоя ҷамъ шуданд. Баъд аз муҳокимаи дурудароз онҳо Хуперро ба ҳолаш гузоштанд ва бо пурсупоси ҷаноби Роҷерс машғул шуданд. Баъд аз анҷом дар соати 4-и рӯз усқуф ду шерифи Лондонро даъват намуд ва онҳоро вазифадор кард, ки маҳбусонро ба Комптер дар Соусворк гузаронанд, ки дар он ҷо онҳо бояд то соати нӯҳи субҳи рӯзи дигар меистоданд, то бубинанд, ки оё онҳо даст мекашанд ва баргашта ба калисои католикии румӣ бармегарданд.

Вақте ки онҳо аз калисо мебаромаданд, ҷаноби Хупер бо ҳамроҳии яке аз шерифон аввалин шуда баромад, ҷаноби Роҷерс бошад, бо дигарӣ аз паси ӯ мерафт. Вақте Хупер пайхас намуд, ки Роҷерс аз паси ӯ оҳиста-оҳиста меравад, вайро интизор шуда гуфт: «Биё, бародар Роҷерс, мо бояд аз аввалинҳое бошем, ки ҳамаи ин корро ба дасти худ мегирад ва ин ғӯлачӯбҳои хушкро месӯзонад».

«Бале, ҷаноб,- ҷавоб дод Роҷерс,- бо файзи Худо».

«Шубҳа накун, зеро Худо ба мо қувват медиҳад,»- гуфт Хупер.

Вақте ки онҳо аз кӯча мегузаштанд, онҳоро мардуми зиёд гирд карданд, ки ба устувории онҳо хурсандӣ мекарданд;

одамон чунон зиёд буданд, ки онҳо ба зӯрӣ аз издиҳом гузашта мерафтанд.

Дар рӯзи дигар шерифон онҳоро баргашта ба назди усқуфон ва аъзоёни маҷлис оварданд. Баъд аз сӯҳбати дароз ва софдилона ба онҳо маълум гашт, ки барои шикаст додани Хупер ягон имконият вуҷуд надорад, аз ин сабаб онҳо ӯро маҳкум намуданд аз ҳамон таҳқире, ки Гус ва Иероним Пражский гузашта буданд, гузарад ва ҳукмномаро ба ӯ хонда доданд. Инчунин Роҷерс оварда шуд, ки ӯро низ ба талаботи онҳо итоат кардан розӣ мекунонданд, вале ӯ рад намуд ва ҳамин гуна ҳукмро гирифт. Ҳар дуи онҳоро ба дасти ҳокимияти мардумӣ доданд – ба дасти ду шерифи Лондон, ки онҳоро ба Клинк, маҳбасхона на дуртар аз хонаи Винчестер бурданд, ки онҳо дар он ҷо то бегоҳ монданд.

Бо расидани торикӣ яке аз шерифони Лондон бо ҳамроҳии одамони худ, бо худ таёқҳо ва дигар силоҳҳоро доштанд, Хуперро аз назди хонаи усқуф Винчестер, аз кӯпруки Лондон ва аз тамоми шаҳр ба маҳбасхонаи Нюгейт бурд. Бо роҳи рафтаистодаи онҳо баъзе одамони шериф пештар гузашта рафтанд ва шамъҳоро дар кӯчаи савдогарон хомӯш карданд, ки онҳо одатан тамоми шаб шамъҳоро даргирон мемонданд, зеро шериф метарсид, ки иқдоми қӯшиши озод намудани Хупер карда шавад. Ё эҳтимол, онҳо азоби виҷдони нопоки худро эҳсос мекарданд, аз ин сабаб торикӣ барои онҳо хеле қулай буд, то ки кирдорҳои хоинонаи худро амалӣ кунанд. Ба ҳеҷ чиз нигоҳ накарда, аксарият одамон аз наздикшавии Хупер хабардор шуданд, бо ҳамин сабаб аз хонаҳои худ бо шамъҳо дар даст баромаданд ва ӯро пешвоз мегирифтанд ва Худоро ҳамду сано мехонданду миннатдорӣ мекарданд, зеро Хупер устуворона ба таълимотҳои худ пайравӣ мекард, ки вай онҳоро ба он таълим медод ва таманно мекарданд, ки Худованд ӯро то охир қавӣ гардонад. Аз миёни онҳо гузашта, Хупер аз онҳо хоҳиш мекард, то ки ба Худо барои ӯ самимона

дуо гӯянд ва ҳамин тавр вай ба майдони тиҷоратии Чипсайд наздик шуд ва ба назди назоратчии маҳбасхонаи Нюгейтск оварда шуд, ки дар он ҷо дар тӯли шаш рӯз монд. Дар ин вақт ба касе иҷозат дода намешуд, ки ба аёдати ӯ оянд ё бо ӯ гап зананд, ба ғайр аз посбонон ва шахсоне, ки ба онҳо иҷозат дода шудааст.

Якчанд маротиба Боннер, усқуфи Лондон ва дигарон ба назди Хупер мерафтанд ва кӯшиш мекарданд, ки ӯро барои рӯй гардондан розӣ кунонанд ва аъзои калисои зиддимасеҳии онҳо шавад. Барои ин мақсад онҳо усулҳои гуногунро истифода мебурданд: таҳриф кардани Навиштаҷот, таснифҳои қадима бо ақидаҳои бардурӯғ, ки урфу одатҳои муқаррарии онҳо, одоб ва дӯстии бардурӯғро тасдиқ мекарданд, пешниҳодҳои зиёди неъматҳои ин ҷаҳон, моликият, шиканҷаҳо, вале чизе аз гуфташуда ва ё ба амал овардашуда Хуперро такон додан наметавонист, ки дар имон ба Масеҳ ва ҳақиқати Каломи Худо устувор меистод.

Онҳо диданд, ки ақидаҳои ӯро тағйир дода наметавонанд, аз ҳамин сабаб дар бораи он, ки гӯё вай рӯй гардондааст, овозаҳои бардурӯғро паҳн намуданд ва бо ҳамин тарз кӯшиш мекарданд, ки худи Хупер ва таълимотҳои ӯро дар бораи Масеҳ, ки ба онҳо таълим медод, бадном кунанд. Вале ба овозаҳои бардурӯғ танҳо одамони ноустувор бовар карданд. Дере нагузашта ҷаноби Хупер дар ин бора шунид. Ӯ хеле ғамгин шуд, ки баъзе одамон ба овозаҳои бардурӯғ дар бораи вай бовар мекунанд ва муроҷиатномаи оммавиро навишт:

«Овозаҳое паҳн гаштаанд (маро дар ин бора хабардор намуданд), ки ман, Ҷон Хупер, маҳбус барои Масеҳ, акнун баъд аз ҳукмнома ба марг (ки дар маҳбасхонаи Нюгейт дар ҳабс мебошам ва рӯз аз рӯз қатли худро интизорам), бо савганд аз ҳама он чизе, ки маъвиза менамудам, даст кашидаам.

Овозаҳо баъд аз он, ки усқуфи Лондон ва кашишҳои ӯ ин ҷо ба назди ман омада буданд, пайдо гаштанд. Ман бо онҳо гап мезадам, вақте ки онҳо омада буданд, зеро ман аз далелҳои онҳо наметарсам. Маро ҳатто марг наметарсонад. Ман боз ҳам бештар дар ҳақиқат, ки онро то имрӯз, баъд аз омадани онҳо маъвиза менамоям, устуворам.

Ман тамоми чизҳои ин оламро мондаам ва дарди калон ва маҳбусиро аз сар мегузаронам, лекин ман аз Худо барои он миннатдорам, ки то дами марг, ба монанди ҳар дигар миранда ба азоб кашидан омодаам. Ман бо даҳони худ ва корҳои хаттии худ ба ҳақиқат таълим медодам, лекин дере нагузашта, худи ҳамин ҳақиқатро бо файзи Худо, бо хуни худ тасдиқ менамоям».

Рӯзи душанбе 4 феврали соли 1555 назоратчӣ ба Хупер гуфт, то ки вай омода шавад, зеро ӯро ба Глостер равона кардан мехоҳанд, ки дар он ҷо ӯро қатл мекунанд. Инро шунида, Хупер, ки пештар усқуфи Глостер буд, бениҳоят хурсанд шуд, вай чашмон ва дастони худро ба осмон бардошта Худоро, ки ӯро баргашта ба назди халқе, ки ба онҳо чӯпонӣ мекард, мефиристад, то ки дар он ҷо бо марги худ ҳақиқатеро, ки онҳоро ба он таълим медод, тасдиқ намояд. Ӯ шубҳа намекард, ки Худо ба вай барои ҷалоли Ӯ мурдан қувват медиҳад. Вай фавран хизматгоронашро фиристод, то ки аз хона ба ӯ пойафзол, маҳмез (шпоры), бороториро биёранд, то вақте ки вайро даъват мекунанд, барои рафтан омода бошад.

Субҳи дигар, соати чор назоратчӣ бо дигар одамон ба хонаи ӯ даромад ва кӯшиш мекард, ки ягон хел паёмро, ки Хупер навишта бошад, пайдо кунанд. Баъд шерифони Лондон ва дигар афсарон ӯро аз маҳбасхонаи Нюгейт баровардand ва ба ҷои таъиншуда, дар наздикии калисои Муқаддаси Дунстан, дар

кӯчаи Флит гузаронданд, ки дар он ҷо онҳоро шаш гвардиячиёни шоҳ интизор буданд, то ки ӯро ба Глостер баранд. Дар он ҷо онҳо ӯро ба дасти шериф супурданд, ки вай бо ҳамроҳии лорд Чандос, ҷаноби Викс ва дигар иштирокчиёни мурофиа барои гузарондани ҳукми қатл ҷавобгар бошанд.

Дар Лондон гвардиячиёни шоҳ ӯро ба Энжел бурданд, ки дар он ҷо вай рӯзаи худро канда кард ва бо онҳо хӯроки пешин хӯрд ва дар ин ҳол аз рӯи таомул дида, миқдори зиёди ғизоро хӯрд. Баъд аз таваққуф ӯ бардамона аз ҷояш ба аспи худ бе кӯмаки касе ҷаҳида нишаст, бо вуҷуди он, ки сари ӯ бо қалпоқ дар зери кулоҳ пӯшонда шуда буд, то ки касе ӯро шинохта натавонад. Хупер бо посбонони худ бо хушнудӣ ба Глостер равон буд ва вақте ки таваққуф кардан лозим меомад, барои каме хӯрок хӯрдан, дам гирифтан ё шабро гузаронидан, онҳо аз вай мепурсиданд, одатан дар куҷо хӯрок мехӯрд, дам мегирифт ё шабро аз тамоми хатсайр аз Лондон то Глостер мегузаронд ва дар ҳар ҷое, ки мегуфт, ҳамон ҷо меистоданд.

Рӯзи панҷшанбе онҳо ба шаҳри вилояти тобеи (епархия) ӯ бо номи Киренстер, понздаҳ мил аз Глостер омаданд; Қариб соати ёздаҳи рӯз буд ва онҳо барои каме хӯрок хӯрдан бозистоданд. Соҳибхоназан ҳақиқатро ҳамеша бад медид ва дар ҳаққи ҷаноби Хупер бисёр суханҳои бад мегуфт. Вале акнун дарк менамуд, ки барои чӣ ӯро ба Глостер мебаранд, ба ӯ тамоми дӯстдориашро, ки вай ба он қодир буд, нишон медод ва бо ашкҳои шашқатор иқрор шуд, ки мегуфт, ки агар ӯро ба шиканҷаҳо баранд, пас вай аз таълимотҳои худ даст мекашад.

Баъд аз наҳорӣ онҳо ба Глостер ҳаракат карданро идома доданд ва ба он ҷо соати панҷи рӯз расиданд. Дар масофаи як мил аз шаҳр тӯдаи одамон ҷамъ омаданд, то ки Хуперро бубинанд ва барои ӯ гиряву нола мекарданд. Онҳо он қадар бисёр буданд, ки яке аз гвардиячиён ба шаҳр барои ёрдам пурсидан аз мири шаҳр ва шериф рафт, зеро метарсиданд, ки халқ ба онҳо ҳамла мекунад ва Хуперро озод менамояд. Афсарон бо хизматгорони

худ ба шаҳр даромаданд ва ба одамон фармон доданд, ки ба хонаҳои худ раванд, гарчанд, барои озод кардани Хупер ҳатто ягон кӯшиши хурдтарин ҳам карда нашуда буд.

Хуперро барои як шаб дар хонаи Инграм дар Глостер ҷо намуданд ва он шаб вай чун ҳарвақта оромона хӯрок хӯрд, каме хоб рафт ва бо садои баланд хуррок (храпеть) мекашид. Баъд бедор шуда то субҳ дуо кард. Баъд ӯ хоҳиш намуд, то ба ӯ иҷозат диҳанд, ки дар хонаи хурд вақт гузаронад, дар ҷое ки ва дуо карда метавонад ва бо Худо сӯҳбат мекунад. Тамоми он рӯз, ба ғайр аз вақте ки вай хӯрок мехӯрд ё бо одамоне, ки гвардиячиён ба онҳо иҷозат доданд, ки бо ӯ гап зананд, сӯҳбат мекард, дар дуо гузаронд.

Яке аз ба ташрифовардагон ҷаноби Энтони Кингстон, ритсар, ки як вақтҳо дӯсти вай буд, акнун бошад аз малика фармон гирифтааст, ки яке аз иштирокчиён дар ҳукми қатл гардад, зорзор гирист, вақте ки ба ҳуҷраи Хупер даромад ва ӯро машғули дуо дид. Дар аввал Хупер ӯро нашинохт ва Кингстон ба ӯ гуфт: «Барои чӣ, хоҷаи ман, ту маро, дӯсти деринаат, Энтони Кингстонро намешиносӣ?»

Хупер ҷавоб дод: «Бале, ҷаноби Кингстон, ман туро хеле хуб мешиносам, хурсандам, ки туро дар саломатӣ мебинам ва аз Худо барои ин шукргузорӣ мекунам». Кингстон гуфт: «Барои ман ҳоло туро дидан хеле мушкил аст, зеро ман медонам, ки ту ба ин ҷо барои мурдан омадаӣ. Ҳайфо, ки зиндагӣ ширин асту, марг талх. Пас, ту метавонӣ ҳам ҳаёт ва ҳам майли зиндагӣ карданро пайдо кунӣ, зеро ҳаёт баъд аз ҳамаи ин боз ҳам некӯтар хоҳад шуд».

Ба ин Хупер ҷавоб дод: «Ин рост аст, ҷаноби Кингстон, ман ба ин ҷо омадаам, то ки ҳаёти худро ба охир расонам, то дами марг азоб кашам, зеро ман аз ҳақиқат даст намекашам, ки онро дар вилояти тобеи шумо ва дар дигар ҷойҳо маъвиза кардаам. Ман аз ту барои маслиҳати дӯстонаат миннатдорам, гарчанде он на он қадар ҳам дӯстона мебошад, ки ман мехостам. Ин

рост аст, ҷаноби Кингстон, ки марг талх асту, зиндагӣ ширин. Афсӯс, ҳангоме ки вақту соати марг мерасад, пас он боз ҳам талхтар мегардад ва ҳаёт боз ҳам ширинтар ба назар менамояд. Ба ҳаёт майл ва муҳаббат дошта, даҳшат ва ҳаросро нисбат ба марг эҳсос намуда, ман ба марг нигоҳ намекунам ва ҳаётро қадр намекунам. Ба туфайли қудрати Рӯҳулқудуси Худо ман қарор қабул кардам, ки беҳтараш босаброна аз шиканҷаву оташ мегузарам, ки барои ман таъин шудаанд, назар ба он, ки аз ҳақиқати Каломи Ӯ даст мекашам. Инчунин, ман хоҳиш дорам, ки ту ва дигарон дар дуоҳои худ барои ман, маро ба марҳамати Худо супоред».

Кингстон гуфт: «Майлаш, хоҳаам, ман мебинам, ки ҳеҷ чиз туро шикаста наметавонад, аз ин рӯ ман меравам. Вале ман дар дили худ бо миннатдорӣ ба Худо меравам, ки Ӯ ба ман имконият дод, ки туро шиносам. Ба воситаи ту Худованд маро баргашта ба назди Худ оварад, зеро ман фарзанди гумшуда будам».

Хупер ҷавоб дод: «Ман Худоро барои ин мадҳу ситоиш мекунам, то ки ҳамеша дар тарси Ӯ зиндагӣ кунӣ».

Баъд аз ин ва дигар суханони зиёд, ҷаноби Кингстон бо ашкҳои шашқатор баромада рафт. Ҷаноби Хупер низ мегирист ва ба Кингстон гуфт, ки ҳамаи он мушкилиҳоеро, ки вай ҳангоми дар маҳбас буданаш аз сар гузарондааст, ба ӯ он қадар ғусса наоварданд, чун ҷудоӣ бо ӯ.

Дар худи ҳамин рӯз як писарбачаи нобино аз посбонон тавалло кард, ки ба ӯ бо Хупер вохӯрдан иҷозат диҳад ва дар натиҷа онҳо ӯро монданд, ки бо вай сӯҳбат кунад. Андаке пеш аз ин, писарбача дар Глостер, дар маҳбасхона барои эътироф намудани ҳақиқати Каломи Худо маҳкам карда шуда буд. Ҷаноби Хупер баъд аз пурсупоси писарак дар бораи имони вай ва сабаби маҳкам карда шуданаш бо ашки чашмон ба ӯ нигоҳ карду гуфт: «Оҳ, бечора писар, Худо биниши туро бо сабаби танҳо ба худи Ӯ маълум аз ту гирифтааст. Лекин Ӯ ба ту биниши дигар додааст, ки он хеле қимматтар аст, зеро

Ӯ ба ту чашмони хирад ва имонро ато кардааст. Бигзор, Худо ба ту файз диҳад, ки пайваста ба Ӯ дуо гӯй, то ки ҳеҷ гоҳ ин чашмони басиратро гум накунӣ, зеро он гоҳ ту ҳам бо ҷон ва ҳам бо ҷисм нобино мешавӣ».

Худи ҳамин шаб посбонон Хуперро барои марг омода намуданд ва чунин омодакунӣ ба одати шерифони Глостер даромадааст: шериф бо ҳамроҳии мири шаҳр ва оқсақолон ба назди Хупер даромаданд ва аз дасти ӯ гирифтанд. Вақте ки онҳо ӯро чунин гирифтанд, Хупер гуфт:

«Ҷаноби мир, ман аз ту ва аз дигар бародарони ту аз сидқи дил миннатдорам, ки шумо маро, одами маҳбус ва маҳкумшударо аз дастам гирифтед. Ба хушнудии ман ин шаҳодати бебаҳси муҳаббати деринаи шумо ва муносибати дӯстонаи шумо нисбати ман мебошад, ки он хомӯш нагаштааст. Ман инчунин бовар дорам, ки ба ҳамаи он чизе, ки ман пештар ба шумо таълим медодам, фаромӯш нашудааст. Ба он чизе, ки ман таълим медодам, вақте ки шоҳи порсо, ки аллакай вафот намудааст, маро усқуф ва шӯбон таъин намуд. Барои ин ҳақиқат ва таълимотҳои ҳақиқӣ, ки ман онҳоро на бардурӯғ, на бидъаткорона мешуморам, чуноне, ки дигарон меҳисобанд, ман ба ин ҷо омадаам, ман боварӣ дорам, ки шумо медонед, бо фармони малика, то ки маргро қабул кунам. Ман ба ин ҷо омадам, ки таълим медодам, то ки ин таълимотро бо хуни худ исбот намоям».

Гарчанд суханонаш шериф ва онҳоеро, ки бо ӯ буданд, ғамгин карданд, онҳо ба ҳар ҳол тайёр шуданд, ки ӯро ба зиндони умумӣ гузаронанд. Вале гвардиячиён барои ӯ хоҳиш карданд ва гуфтанд, ки чунон ором, бо сабру тоқат ва фурӯтанона рафтор менамояд, ки ҳатто кӯдак метавонад ӯро посбонӣ кунад ва худи

онҳо ӯро нигоҳбонӣ мекунанд, фақат ӯро ба зиндони умумӣ набаранд.

Ҳамин тавр ӯро дар хонаи Роберт Инграм монданд ва шерифон, сержантҳо ва дигарон вайро тамоми шаб посбонӣ мекарданд. Хупер иҷозат пурсид, ки барвақт ба ҷои хоб дарояд, зеро ӯ бояд дар бораи бисёр чизҳо фикр мекард, аз ин рӯ вай соати панҷи бегоҳ даромада хоб рафт ва бо садои баланд то бевақтии шаб хуррос мезад, баъд аз ин бедор шуд ва то субҳ дуо гуфт. Вақте ки ӯ субҳи барвақт аз ҷо хест, хоҳиш намуд, ки ба ҳуҷраи вай касе надарояд, то ки то вақти қатлаш ӯ худ танҳо монад.

Қарибиҳои соати ҳашт, 9 феврали соли 1555 сэр Ҷон Бриҷс ва лорд Чандос бо одамони зиёд – сэр Энтони Кингстон, сэр Эдмунд Бриҷс ва дигар иштирокчиёни мурофиа, ки барои назорат кардани ҳукми қатл таъин шуда буданд, – ба хона даромаданд. Дар соати нӯҳ ба ҷаноби Хупер гуфтанд, то ки ӯ омода бошад, зеро вақт расида буд ва ӯро ҳамон замон аз хонаи шериф баровардand ва дар дастҳояшон таёқҳо ва дигар силоҳҳоро доштанд. Вақте ки Хупер аслиҳаи зиёдро дид, ӯ ба шерифҳо гуфт: «Ҷанобон шерифҳо, ман хиёнаткор нестам ва ҳоҷати ин қадар амалҳоро ба ҷо овардан нест, то ки маро ба он ҷое, ки бояд ҷабр бинам, биёред. Агар шумо ба ман мегуфтед, пас ман худам ба ҷои қатл меомадам ва ҳамаи шуморо нороҳат намекардам».

Дар ин вақт, дар Глостер рӯзи бозорӣ буд ва қариб ҳафт ҳазор одамон ҷамъ омада буданд, то ки бубинанд, ки Хупер дар пеши марг чӣ гуна рафтор мекунад. Ӯ дар мобайни ду шериф, чун барра ба ҷои қурбонӣ мерафт, дар либоси васею дароз (мантия), ки ба соҳиби хона тааллуқ дошт, бо кулоҳи ӯ дар сар ва бо чӯбдаст, ки ба он аз сабаби мушкилиҳо бо асаби сурин, ки дар натиҷаи вақти зиёд дар зиндон будан, пайдо шуданд, такя мекард, ки бо ин сабаб ӯ гоҳ-гоҳ пешпо мехӯрд. Ӯ бардамона ба ҳамаи шиносони худ табассум мекард ва аксарият баъд

гуфтанд, ки онҳо ӯро пештар ин гуна бардам ва бо рангу рӯи солим надида буданд.

Вақте ки онҳо ба ҷои қатл омаданд, Хупер зуд ба зону нишаста дуо гуфт, зеро ба ӯ иҷозат надоданд, ки ба халқ мурочиат намояд. Вақте ки ӯ дуо мегуфт, сандуқеро оварда ба болои курсӣ гузоштанд, ин сандуқ аломати марҳамат ва омурзиш аз ҷониби малика буд, агар ӯ аз ақидаҳо ва таълимоти худ рӯй гардонад. Вақте ки вай онро дид, он гоҳ дод зад: «Агар шумо ҷони маро дӯст доред, онро дур кунед! Агар шумо ҷони маро дӯст доред, онро дур кунед!» Вақте ки ӯ дуоро ба охир расонд, ба назди сутун наздик омад, либоси васеъро кашид ва онро ба шериф дод ва хоҳиш намуд, ки онро ба соҳибаш баргардонад. Ӯ инчунин дигар либосҳои болоияшро ба ғайр аз камзӯлча ва шалвор кашид, то ки дар либосҳои боқимондааш сӯзад. Вале шерифон аз бахилии худ ба ӯ нагузоштанд, ки дар онҳо монад ва Хупер итоаткорона камзӯлча, ҷӯроб ва дигар либосашро кашид ва танҳо дар куртаи таг монд. Гвардиячиён ба ӯ се халтачаро бо борут доданд, ӯ ҷорӯби худро баргашта гирифту бо он куртаашро аз миёни пойҳояш баст ва ҳамзамон яке аз халтачаҳоро бо борут баста монд, дутои боқимондаашро дар таги кашаш гузошт.

Хупер аз халқ хоҳиш намуд, ки бо дуои Худованд бо ҳамроҳии вай дуо гӯянд ва инчунин барои ӯ дуо гӯянд, ки онҳо бо гиряву фиғон азоби ӯро дида, иҷро карданд. Ӯ ба назди сутун омад ва ӯро бо ҳалқаи оҳанин ба он маҳкам карданд, то ки он вайро вақте ки ӯ месӯзад, нигоҳ дорад. Ба ӯ пешниҳод намуданд, ки бо ҳамин гуна ҳалқаҳо гардан ва пойҳои ӯро маҳкам кунанд, вале ӯ рад намуд.

Баъд аз чанд дақиқа ба назди ӯ шахсе омад, ки барои даргирондани оташ ҷавобгар буд ва аз ӯ узр пурсид. Хупер аз вай пурсид, ки барои чӣ ӯ бояд вайро бубахшад, охир ӯ ба вай озоре нарасондааст. «Оҳ, ҷаноб, – гуфт он одам, зорзор гириста – маро барои даргирондани оташ таъин карданд!»

Ҷаноби Хупер ҷавоб дод: «Бо ин ту маро ҳаргиз озор намедиҳӣ. Худо гуноҳҳоятро ба ту мебахшад, рав, кори худро иҷро кун, ман бошам барои ту дуо мекунам».

Дар гирдогирди ӯ пояҳои хушкро барои даргирондани оташ гузоштанд, ӯ ду бандчаи пояҳоро гирифту, онҳоро бӯсид ва ҳар яки онҳоро дар таги дасти худ, дар зери халтачаҳои борут газошт. Баъд бо дастонаш нишон медод, ки дар куҷо вай мехост, ки дар гирдаш пояҳоро гузоранд ва аз болояш гирдогирд шохаҳоро монанд; Боз нишон медод, ки дар куҷо шохаҳо ва пояҳо намерасиданд. Вақте ки вай аз он қаноатманд гардид, ки чӣ тавр шохаҳоро гузоштанд, он гоҳ оташро даргиронданд.

Аз сабаби ҳезуми тар вақти зиёд гузашт, то он даме, ки оташ ниҳоят аз пояҳо ба шохаҳо паҳн шуд. Ниҳоят, оташ якбора даргирифт, вале ин субҳи сарди тира буд ва шамоли сахт алангаро аз Хупер паст мефаровард, бинобар ин, он ба вай ҳеҷ нарасид. Дере нагузашта шохаҳои хушкро оварданд, зеро дигар аллакай поя намонда буд ва оташро даргиронданд. Вале аланга танҳо каме шохаҳоро аз поён даргиронд ва аз сабаби шамол баланд намешуд, бинобар ин он танҳо мӯйҳои Хуперро сӯзонд ва пӯсти ӯ дамид. Дар ин вақт Хупер оромона ва бо овози паст дуо мегуфт, гӯё, ки дардро ҳис намекард: «Оҳ, Исо, Писари Довуд, ба ман марҳамат намо ва ҷони маро қабул кун».

Вақте оташе, ки шохаҳои хушкро фурӯ бурд, аз нав хомӯш шуду, ҳамин тавр шохаҳои тарро дарнагиронд, Хупер бо дастонаш чашмонашро пок кард ва бо овози баланди тағйирнопазир гуфт: «Ба хотири муҳаббати Худо, одамони нек, барои ман алангаи калонро даргиронед!» Дар ин вақт қисми поёнии бадани ӯ дармегирифт, зеро шохаҳои хушк, ки суст дармегирифтанд, хеле кам буданд ва ба қисми болоии бадан намерасид.

Дере нагузашта шохаҳои хушки зиёдро оварданд ва дар маротибаи сеюм аланга бо қувваи хеле сахттар, назар ба ду маротибаи пешина шӯълавар гардид. Аланга халтачаҳои борутро фаро гирифт, вале онҳо ба ӯ ёрдам накарданд, зеро

дарнагирифтанд ва ба сӯхтани ӯ, аз сабаби шамоли сахт, ки алангаро аз ӯ паст мекард, суръат надоданд. Хеле суст сӯхта истода, Хупер хеле баланд дуо мегуфт: «Худованд, Исо, ба ман раҳм кун. Худованд Исо, ба ман раҳм кун. Худованд Исо, ҷони маро қабул намо». Ин суханони охирине буданд, ки ӯ бо овози баланд талаффуз намуд.

Лекин, ҳатто вақте ки даҳони ӯ сиёҳ шуду забонаш хомӯш гардид, лабҳояш ҳамон хел дар дуо меҷунбиданд, то он вақте ки чин-чин нашуданд ва ба дарун фурӯ нарафтанд. Дар ин вақт Хупер бо дастонаш ба қафаси сина ё ба дилаш мезад, то вақте ки як дасташ наафтид, бо дасти дигараш бошад, ӯ заданро давом медод, дар замоне, ки равған, об ва хун аз ангуштонаш мечакиданд. Вақте ки аланга ногаҳон дар тамоми қувааш якбора даргирифт, Хупер боз як бори дигар аз тамоми қувааш ба қафаси синааш зад ва дасти ӯ ба ҳалқаи оҳанине, ки дар гирди миёни ӯ буд, бархӯрд. Дар ҳамин лаҳза, бадан ба ҳалқа овезон шуд ва ҷони худро дод.

Хупер дар оташ тақрибан чилу панҷ дақиқа истод. Ҳарчанд, вай ба монанди барра буд ва азоби ҷонканиро бо сабру тоқат аз сар мегузаронд, на ба пеш, на ба қафо ва на ба ҳар тараф меҷунбид, азоби ҷонкании ӯ бе файзи Худо тоқатфарсо мебуд ва ӯ чун кӯдак дар бистар ҷон медод. Акнун вай, чун азияткаши муқаддас, дар шодии осмон, ки ҳанӯз пеш аз бунёди олам, барои бовафоён дар Масеҳ омода шудааст, салтанат меронад. Барои садоқати ӯ тамоми масеҳиён бояд аз Худо миннатдор бошанд.

14.
Марги пуразоби доктор Роуланд Тейлор, кашиши маҳаллӣ (cc. 1555)

Хедли [ё Хедлей] дар Суффолк – яке аз аввалин шаҳрҳо дар Англия, ки дар он ҷо ҳақиқати Каломи Худо қабул карда шуда буд. Дар ин ҷо Инҷили Масеҳ комёбии зиёд ба даст овард ва чунон реша давонд, ки аксарият шавҳарон ва ҳамсарон дар мавзеи Хедли фаҳмиши Навиштаҷотро доштанд. Ҳатто, чунин одамонро ёфтан мумкин буд, ки Китоби Муқаддасро ҳар замон аз нав мехонданд, баъзе паёмҳои ҳавворӣ Павлусро аз ёд медонистанд ва дар ҳар гуна музокираҳо иштирок намуда, метавонистанд аз Навиштаҷот иқтибосҳо биёранд. Фарзандон ва хизматгорони онҳо чунон дар фаҳмиши дурусти Каломи Худо таълим дода шуда буданд, ки тамоми шаҳр аз шаҳри дӯзандагон ё коргарон дида, бештар ба донишгоҳ бо одамони бомаърифат шабоҳат дошт. Вале аз ҳама шоёни таҳсин он буд, ки дар аксарияти худ сокинони он пайравони содиқи Каломи Худо дар зиндагии ҳаррӯзаашон буданд.

Ҳамаи ин ба шарофати кори доктор Роуланд Тейлор ба амал омад. Вақте ки ба ӯ ин калисо ва тамоми молу мулки онро супурданд, ӯ хизматро ба ғамхорӣ дар ҳаққи чанд тан фермер ва ҷамъ намудани даромад табдил надод ва кашиши бесаводро барои ғамхорӣ кардан ба эҳтиёҷоти рӯҳонии мавзеъ таъин нанамуд, чӣ хеле ки аксарият усқуфони дигар рафтор мекарданд. Ба ҷои ин, ӯ усқуфи аъзами Кентерберийский, Томас Кранмерро, ки дар хонаи ӯ мезист, тарк намуд ва ба хонаи кашиши маҳаллӣ дар Хедли омад, то дар миёни одамон ва рамаи худ бошад.

Тейлор одами мулоим, фурӯтан ва бе ягон ғурур буд. Ҳатто, аз ҳама бенавотарин аъзои калисои вай, ба ӯ чун фарзанд ба падар муроҷиат карда метавонист ва ҳатто аз ҳама сарватмандтаринҳо, вақте ки гуноҳ мекарданд, аз Тейлор насиҳат мегирифтанд,. Ӯ бо ҳама аз рӯи виҷдон рафтор мекард, аз ҳеҷ кас наметарсид, вақте ки сухан дар бораи эътирофи қатъии ҳақиқати Навиштаҷот мерафт. Ҳамсари ӯ зани бовиҷдон, оқила ва дурандеш буд. Фарзандони ӯ дар тарси Худованд тарбия ёфтаанд ва дониши хуб гирифтаанд. Ҳамаи онҳо дар якҷоягӣ оилаи тақводор ва некӯкор буданд, ки ба исми Исои Масеҳ бовар мекарданд.

Дар мавзеи худ доктор Тейлор барои рамаи худ шӯбони хуб буд, аз паси онҳо назорат мекард, то ки онҳо ҷароҳат набардоранд ё аз тарафи муҳити беруна вайрон нашаванд ва барои ҳамаи онҳо нур дар хонаи Худо ва шамъи фурӯзон буд, то ки онҳо аз паси вай рафта тавонанд ва ба ӯ пайравӣ кунанд. Ҳамин тавр, дар давраи ҳукмронии шоҳи бегуноҳ ва муқаддас Эдварди VI давом мекард. Лекин, вақте ки дар соли 1553 Эдвард вафот кард ва хоҳари ӯгаи ӯ, Марияи Хунин ба сари тахти Англия нишаст, доктори тақводор аз ғазаби папистҳо, ки таълимотҳои аслии Инҷили Исои Масеҳро таҳриф мекарданд, папистҳое, ки ҳамаи онҳоеро, ки дар назди папаи Рум, чун сарвари олии калисои умумиҷаҳонӣ сар хам намекарданд, бо оташ ва шамшер таъқиб менамуданд ва онҳое, ки ба калисои

Англия тамоми ғалатҳо, ҳурофот ва бутпарастиро, ки ба Каломи Худо ошкоро мухолифат мекарданду, бо он аз рӯи виҷдон маҳкум карда мешуданд, баргашта оварданд, раҳо наёфт.

Дар ибтидои ба амал омадани ғазаби зиддимасеҳ ду аъзои калисои доктор Тейлор, адвокат бо номи Фостер ва савдогар бо номи Клерк, Ҷон Аверс, кашишро аз Олдхам ва бутпарасти папаро киро намуданд, ки намози пешинро (месса) бо тамоми ҳурофотҳои он, дар калисои маҳаллии Хедли, дар рӯзи душанбе, пеш аз иди Фисҳ гузаронад. Онҳо ба калисо даромаданд ва пинҳонӣ меҳробро бо тамоми бутҳояш сохтанд, лекин баъзе аз аъзоёни бовафо, ки ҳодисаи ба амал омадаистодаро диданд, онро шикастанд. Дар рӯзи дигар онро аз нав сохтанд ва Фостер ва Клерк Аверсро бо ҳама асбобҳо ва таҷҳизоти ӯ барои маросими папаӣ оварданд ва инчунин посбононро бо шамшерҳо ва сипарҳо дар гирди меҳроб гузоштанд, то ки касе Аверсро ҳангоми гузаронидани намози пешин халалдор насозад.

Дар ин вақт, доктор Тейлор дар хонаи худ, ки на дуртар аз бинои калисо буд, қарор дошт ва дуо карда Каломи Худоро меомӯхт. Вақте ки ӯ садои зангӯлаи калисоро шунид, фикр кард, ки вай дар калисо лозим аст, зеро садои зангӯларо одатан маҳз бо ҳамин мақсад истифода мебурданд, зуд-зуд назар ба гузаронидани хизмат, аз ин рӯ, ба калисо равон шуд. Вақте дид, ки даромадгоҳи асосӣ мехкӯб карда шудааст, аз дари паҳлӯӣ даромад. Дар дарун Аверсро дар либоси васеъ (мантия), бо барои қурбонии папа нону шароби омодашуда ва одамони зиёди бо шамшерҳо ва сипарҳо мусаллаҳро дар гирди меҳроб дид.

Доктор Тейлор ба Аверс гуфт: «Ту чӣ тавр ба худат чунин беҳаёиро иҷозат додӣ, ки ба калисои Масеҳ даромада, онро бо бутпарастии нафратангез палид кунӣ?»

Инро шунида, Фостер ба ғазаб омад ва ба Тейлор гуфт: «Ту – хоин! Ту ба ин ҷо омадӣ, ки ба кори малика халал расонӣ?»

Тейлор ҷавоб дод: «Ман хоин нестам, балки шӯбонам, ки Худованд Масеҳ гузоштааст, то ки дар ҳаққи ин рама ғамхорӣ

намоям. Аз ин рӯ, ман ҳақ дорам, ки дар ин ҷо ҳузур дошта бошам ва ба шумо ба исми Худо фармон диҳам, ки аз ин ҷо дур шавед ва ҳатто кӯшиши заҳролуд намудани рамаи Масеҳро накунед».

Фостер гуфт: «Ту бидъаткори хиёнаткор бетартибӣ мекунӣ ва ба кори малика халал мерасонӣ?»

Тейлор ҷавоб дод: «Ман ба бетартибиҳо роҳ намедиҳам, лекин ин ту тарафдори папа, ба бетартибиҳо роҳ дода истодай. Ман бо Каломи Худо танҳо ба бутпарастии папагии ту, ки ба Каломи Худо, ба нуфузи малика мухолифат мекунад ва кӯшиш мекунад, ки шоҳигарии Англияро сарнагун ва хароб созад, муқобилат менамоям». Он гоҳ, Фостер бо одамони мусаллаҳи худ доктор Тейлорро қапиданд ва бо зӯрӣ ӯро аз калисо бароварданд, кашиши папа бошад, ибодати бутпарастонаи католикии румиро идома дод. Ҳамсари доктор Тейлор аз паси вай ба калисо рафт ва вақте дид, ки вайро аз калисо бароварда партофтанд, ба зону афтиду даст кашид ва бо овози баланд гуфт: «Ман аз Худо, аз Довари одил тавалло дорам, барои таҳқире, ки бутпарастони папа ба Хуни Масеҳ расондаанд, интиқом гирад». Онҳо ӯро маҷбур карданд, ки аз калисо барояд ва дарҳоро бастанд, зеро метарсиданд, ки одамони ҷамъомада Аверсро ба ҳар тараф кашола мекунанд.

Ҳамин тавр, бе розигии халқ аз нав намози пешини папаро мегузаронданд ва барои ин қисмҳои ҳарбӣ, шамшерҳо ва сипарҳоро дар ғазаб ва зулм истифода мебурданд.

Як ё ду рӯз пас Фостер ва Клерк ба Стефан Гардинер, усқуфи Винчестер ва лорд- канслер мактуб навиштанд ва аз доктор Тейлор шикоят намуданд. Усқуф ба мактуби онҳо ҷавоб гуфт ва ба Тейлор фармон дод, ки ба назди ӯ дар мӯҳлати муайян ҳозир шавад. Вақте ки дар бораи ин дӯстони Тейлор шуниданд, онҳо хеле андӯҳгин ва ғамгин шуданд, зеро медонистанд, ки дар натиҷа чӣ руй медиҳад, бо ҳамин сабаб ба назди Тейлор омаданд ва аз ӯ хоҳиш мекарданд, ки пинҳон шавад. Лекин ӯ

ба онҳо гуфт: «Дӯстони азиз, ман аз шумо, барои ғамхории навозишкоронаатон бароям самимона миннатдорам. Агарчанд медонам, ки на ҳукми одилона, на ҳақиқатро дар дасти мухолифонам намеёбам, ман медонам, ки кори ман ҳақ аст ва ҳақиқат дар ҷониби ман аст, бинобар ин, бо файзи Худо ман меравам ва дар назди онҳо ҳозир мешавам ва дар рӯи онҳо ба амалҳои бардурӯғи онҳо муқобилат менамоям».

Сипас, як дӯст аз номи ҳама гуфт: «Ҷаноби доктор, мо фикр мекунем, ки беҳтар мешавад, агар ту ин чунин рафтор накунӣ. Ту аллакай вазифаи худро иҷро намудӣ ва ҳақиқатро ҳам бо маъвизаҳои порсоёнаи худ ва ҳам бо баромади худ бар муқобили кашиш аз Олдхам ва ҳамаи онҳое, ки ба ин ҷо омада буданд, то ки намози пешини папаро пойдор намоянд, тасдиқ намудӣ. Чуноне, ки Наҷотдиҳандаи мо Масеҳ ба мо фармудааст ва гуфт, ки агар дар шаҳре шуморо таъқиб кунанд, ба дигаре бигрезед (Матто 10:23), мо фикр мекунем, ки фирори ту дар ин лаҳза қарори аз ҳама беҳтарин мешуд. Хуллас, ту худро барои замони дигар, вақте ки калисо барои устодони боғайрат ва шӯбонони тақводор дар эҳтиёҷоти калон мемонад, нигоҳ медорӣ». – «Оҳ,- гуфт доктор Тейлор, – ана, шумо чиро аз ман интизоред. Ман аллакай пир шудаам ва хеле зиёд умр ба сар бурдам, то ки ин рӯзҳои осии пур аз ҳаросро набинам. Худатон фирор кунед ва ҳамон тавре, ки виҷдони шумо ба шумо амр мекунад, рафтор намоед. Ман бошам, бо файзи Худо ният дорам, ки ба назди усқуф равам ва ба ӯ гӯям, ки мақсади ӯ нисбати ман маро тамоман ба ташвиш намеандозад. Худо баъд аз ман муаллимонро мебардорад, ки онҳо аз ман дида, халқи Ӯро боз ҳам боғайраттар ва самаранок таълим медиҳанд. Зеро Худованд калисои Худро танҳо намегузорад, бо вуҷуди он, ки гоҳ-гоҳ Ӯ моро озмоиш мекунад ва ислоҳ менамояд. Ман дар назди Худо бовар дорам, ки ман ҳеҷ гоҳ, чун ҳоло ин тавр хизмат карда наметавонам. Ва ман аллакай, дигар чунин даъвати

бошукӯҳ дошта наметавонам, ки ман ҳоло дорам ва на чунин марҳамати бузурги Худоро нисбати худ, ки Худо ҳоло ба ман медиҳад. Бинобар ин ман аз шумо ва аз тамоми дӯстонам тавалло мекунам, ки бароям дуо гӯед. Агар шумо дуо гӯед, пас ман дар он шубҳа намекунам, ки Худо ба ман қувва ва Рӯҳи Муқаддаси Худро медиҳад».

Вақте дӯстони доктор Тейлор нияти қатъии рафтани ӯро диданд, онҳо ба гиря даромаданд ва вайро ба дасти Худо супориданд.

Доктор Тейлор ва хизматгори вай Ҷон Хал ба Лондон раҳсипор шуданд. Дар сари роҳ Хал кӯшиш намуд, ки доктор Тейлорро аз роҳаш гардонад ва ба назди усқуф наравад ва гуфт, ки ба ҳар ҷое, ки ӯ наравад, ҳамроҳи вай меравад ва ба ӯ хизмат мекунад ва ҳатто барои ӯ ҷонашро қурбон мекунад. Вале доктор Тейлор розӣ нашуд ва ба ӯ гуфт: «Оҳ, Ҷон! Магар, ба ман лозим аст, ки ба маслиҳатҳои ту ва ақидаҳои заминии ту гӯш андозам ва рамаи худро дар хатар гузорам? Чӯпони нек, Масеҳро ба хотир ор. Ӯ на танҳо ба рамаи Худ ғизо медод, балки барои онҳо ҷонашро дод. Ман бояд ба Ӯ пайравӣ намоям ва бо файзи Худо ман инро иҷро мекунам».

Дере нагузашта, доктор Тейлор ба назди усқуфи Винчестер Стефан Гардинер, ки инчунин лорд-канслери Англия буд, ҳозир шуд. Вақте Гардинер доктор Тейлорро дид, он гоҳ ӯро инсони бесубот, хоин, бидъаткор номида, суханҳои бисёр аламангез гуфта, таҳқир намуд, ки дар ин сурат мувофиқи анъанаи католикии румӣ рафтор намуд. Доктор Тейлор босаброна ӯро гӯш кард, баъд гуфт: «Хоҷаам, ман на бидъаткор ва на хоин ҳастам, балки масеҳии ҳақиқии итоаткор ва содиқ мебошам. Ман ба ин ҷо омадам, чуноне ки ту ба ман фармудӣ ва имконият дорам, то бифаҳмам, ки барои чӣ, ҷаноби олӣ аз паси ман равон кард». Усқуф ҷавоб дод: «Ту омадӣ, нобакор?! Шармат намеояд, ки ту ҷуръат намуди, то ба рӯи ман нигоҳ кунӣ?! Ту медонӣ, ки ман кистам?»

«Бале,- гуфт доктор Тейлор, – ман медонам, ки ту кӣ ҳастӣ. Ту – доктор Стефан Гардинер, усқуфи Винчестер ва лорд канслер мебошӣ ва ба ин нигоҳ накарда, ту инсони миранда ҳастӣ. Лекин, агар ман аз намуди боҳашамати ту бояд битарсам, пас барои чӣ ту аз Худо, Худованди ҳамаи мо наметарсӣ? Чӣ тавр ту ҷуръат намудӣ, ки шарм надошта ба рӯи масеҳӣ назар кунӣ ва медонӣ, ки ту ҳақиқатро тарк намудаӣ, аз Наҷотдиҳандаи мо Масеҳ ва Каломи Ӯ даст кашидаӣ ва бар хилофи савганди худ ва ҳамаи он чизе, ки ту менавиштӣ, рафтор менамоӣ? Вақте ки ба ҳукми Масеҳ меоӣ, ту чӣ тавр нигоҳ мекунӣ ва дар бораи савганди худ, ки дар аввал ба шоҳ Генрихи VIII, ки ӯро ҳанӯз ҳама дар хотир доранд ва баъд ба писари вай Эдварди VI додӣ, чӣ мегӯӣ?»

Усқуф ҷавоб дод: «Эҳ, ту! Ин савганди Ҳиродуси Саломий, ғайриқонунӣ буд, ки онро бояд вайрон мекардам. Ман дуруст рафтор намудам, вақте ки онро вайрон кардам ва ман аз Худо миннатдорам, ки ба хона, ба назди модари мо, калисои католикии румӣ баргаштам ва ин он чиз аст, ки ман ба ту таманно дорам».

Доктор Тейлор ҷавоб дод: «Магар ба ман лозим аст, ки калисои ҳақиқии Масеҳро, ки асоси ҳақиқии ҳавворион ва пайғамбаронро дорад, тарк намоям ва дурӯғ, хатогӣ, ҳурофот ва бутпарастиро, ки папа ва ҳамроҳони вай онро то ба имрӯз чунон куфрона меписанданд? Не, Худо нигоҳ дорад! Бигзор папа ва пайравони ӯ ба Наҷотдиҳандаи мо Масеҳ ва Каломи Ӯ рӯ оранд, аз калисо ҳамаи бутҳои нафратангезро, ки барқарор намуд, бароварда партоянд ва он гоҳ тамоми масеҳиён ба назди вай бармегарданд. Ту бар зидди вай дуруст навиштӣ ва савганд ёд кардӣ».

«Охир ман ба ту гуфтам-ку, – ҷавоб дод усқуф, – ки ин савганди Ҳиродус, ғайриқонунӣ буд ва онро вайрон кардан лозим буд. Падари муқаддаси мо, папа, маро аз он раҳо кард».

Доктор Тейлор ҷавоб дод: «Вале, дар назди Масеҳ ту аз он озод намешавӣ, ки Ӯ бешубҳа аз ту иҷро намудани қасаматро

талаб мекунад ва аз итоаткории Ӯ ягон инсон, на папа, на касе аз пайравонаш, туро озод намекунад».

«Ман мебинам, гуфт усқуф, – ки ту инсони мағрури дурӯя ва ҳақиқатан ҳам аҳмақ мебошӣ».

«Хоҷаи ман, – гуфт доктор Тейлор, – маро дашном доданро бас кун, зеро ин ба одами бо чунин қудрат, чун ту намезебад. Зеро ман – масеҳӣ ва ту медонӣ, ки Навиштаҷот чӣ мегӯяд «...ҳар ки ба бародари худ беҳуда хашм гирад, лоиқи ҳукми дорулқазо хоҳад буд; ҳар кӣ бародари худро «рақо» гӯяд, лоиқи ҳукми шӯрои пирон хоҳад буд; ва ҳар ки «аҳмақ» гӯяд, лоиқи оташи дӯзах хоҳад шуд» (Мт. 5:22).

Он гоҳ усқуф гуфт: «Ту ба кори малика халал расондӣ ва ба шӯбон аз Олдхам, ба кашиши хеле накӯкор ва соҳиби унвон имконият надодӣ, ки намози пешинро дар Хедли гузаронад». Доктор Тейлор ҷавоб дод: «Хоҷаам, ман дар Хедли кашиш ҳастам ва ин бар хилофи ҳамагуна қоида, виҷдон ва қонун мебошад, то ки ҳар одаме, ки ба мавзеи ман меояд, ҷуръат намояд рамаи ба ман бовар кардашударо бо заҳри намози пешини бутпарастонаи папа олуда гардонад».

Ин суханон усқуфро ба ғазаб оварданд ва ӯ гуфт: «Ту, бидъаткори кофир, ки нону шароби табаррукиро куфр мекунӣ ва бар зидди намози пешини муқаддас, ки бо он барои зиндагон ва мурдагон қурбониҳо оварда мешаванд, баромад мекунӣ».

Доктор Тейлор ҷавоб дод: «Не, ман нону шароби табаррукиро куфр намекунам, ки Масеҳ онро пойдор кардааст, балки онро ҳамчун масеҳии ҳақиқӣ эҳтиром медорам, ва эътироф менамоям, ки Масеҳ пешакӣ муқаррар намудааст, ки чашидани нону шароби муқаддасиро ҳамчун ёдоварии марг ва азобҳои Ӯ гузаронем. Масеҳ Худаш Худро баҳри кафорати мо дар салиб ба марг дод. Бадани Ӯ ҳамчун қурбонии кафоратдиҳанда, барои наҷоти ҳамаи онҳо пур, комил ва кофӣ, ки ба Ӯ имон доранд, пешниҳод шуда буд. Ин қурбониро Наҷотдиҳандаи мо Масеҳ, бо Худаш як бор барои ҳама оварда ва касе аз кашишҳо дигар

набояд ба Ӯ қурбонӣ биёрад, аз ин рӯ ба мо дигар қурбониҳои кафораткунанда лозим нестанд».

Усқуф одами худро ҷеғ зада ба ӯ гуфт: «Ин одамро гирифта ба зиндони Кинг Бенч бурда мон. Ба посбони маҳбасхона бигӯй, ки ӯро фавран дар он ҷо маҳкам кунад».

Доктор Тейлор ба зону нишаста даст кашид ва гуфт: «Худованд нек аст, ман аз Ту миннатдорам. Худовандо, моро аз зулми усқуфи румӣ ва аз ҳама хатоҳои нафратангези вай, бутпарастӣ ва қабоҳати ӯ озод намо. Бигзор, Худо барои шоҳи нек Эдвард ҷалол ёбад». Доктор Тейлор дар зиндон ду солро сипарӣ намуд. Ӯ ин вақтро дар дуо, хондани Навиштаҷоти Муқаддас мегузаронд, бо корҳои хаттӣ машғул буд, маъвиза мекард ва ҳамаи маҳбусонеро, ки ба наздаш меомаданд, онҳоеро, ки тавба кардааанду ҳаёти худро тағйир додаанд, рӯҳбаланд менамуд.

22 январи соли 1555 доктор Тейлор бо ҳамроҳии ҷаноби Бредфорд ва ҷаноби Сундерс, ки онҳо низ пештар кашиши маҳаллӣ буданд, аз нав ба назди усқуфи Винчестер ва усқуфони Норвич, Лондон, Слосбери ва Дурхам даъват гардид, ки дар он ҷо ӯ ва ду рафиқашро дар бидъат, ки дар калисо ихтилоф меовард, гунаҳкор донистанд. Аз онҳо талаб намуданд, ки ҷавоби фаҳмо диҳанд – оё, онҳо ба папаи Рум итоат мекунанд ва аз хатоҳои худ даст мекашанд. Дар акси ҳол, усқуфон онҳоро мувофиқи қонун маҳкум мекунанд.

Вақте ки се мард инро шуниданд, онҳо бо ҷасорат ва далерӣ гуфтанд, ки аз ҳақиқате, ки дар рӯзҳои шоҳ Эдвард маъвиза мекарданд, ақиб намегарданд ва ба зиддимасеҳи румӣ итоат намекунанд. Сипас, онҳо ба Худо барои марҳамати бузурги Ӯ миннатдорӣ намуданд, ки онҳоро барои калом ва ҳақиқаташ лоиқи азоб кашидан дарёфт. Вақте ки усқуфон ҷавоби онҳоро шуниданд, он гоҳ ба онҳо ҳукмномаи маргро хонда доданд.

Доктор Тейлор ба маҳбусхонаи Клинк фиристода шуд ва вақте ки посбони маҳбасхона ӯро ба ин зиндон даровард, тӯдаи

одамони зиёд ҷамъ омаданд, то ки ба ӯ нигоҳ кунанд. Ба онҳо рӯ оварда, вай гуфт: «Бигзор исми Худо ҷалол ёбад, одамони нек, зеро ман палид нашуда меравам ва ҳақиқатро бо хуни худ исбот мекунам». Дар зиндони Клинк ӯ то шаб истод, баъд ба Компер, на дуртар аз Поултри гузаронида шуд. Дар он ҷо ӯ қариб даҳ рӯз монд. 4 феврали соли 1555 Эдмунд Боннер, усқуфи Лондон ва дигарон ба зиндон омаданд, то ки ӯро аз расму қоидаи аз мансаб фуровардан ва таҳқир намудан гузаронанд, ки Гус ва Иероним Пражский чанд сол қабл аз ин гузаронида шуда буданд.

Шаби дигар, посбони маҳбасхона ба ҳамсари Тейлор, писари ӯ Томас ва хизматгори онҳо Ҷон Хал иҷозат дод, ки бо вай хӯроки шом хӯранд. Вақте ки онҳо даромаданд, он гоҳ якбора ба зону нишастанд ва вай онҳоро дар дуо бурд. Баъд аз хӯроки шом ба Худо барои файзи Ӯ, ки ба ӯ барои дар ҳақиқати Каломи муқаддасаш устувор мондан қувват дод, миннатдорӣ намуданд. Сипас, бо ашкҳо дар чашм онҳо аз нав дуо гуфтанд ва якдигарро бӯсиданд. Ба писари худ Тейлор китоби лотиниро дод, ки дар он мулоҳизаҳои азияткашони қадима навишта шуда буданд ва дар саҳифаи охирин вай навишт:

«Ман ба ту, ҳамсарам ва ба фарзандонам, ки Худо онҳоро ба ман додааст, муроҷиат менамоям. Худованд маро аз шумо ва шуморо аз ман мегирад, бигзор исми Худованд муборак бошад! Ман бовар дорам, онҳое ки дар Худованд мемиранд, мубораканд. Худо ҳатто дар ҳаққи паррандаҳои хурд ва мӯйҳои сарамон ғамхорӣ мекунад. Ман медонам, ки Ӯ назар ба ҳар шавҳар ва падар хеле содиқ ва ғамхор мебошад. Ба Ӯ, ба Наҷотдиҳандаи меҳрубони мо Масеҳ, эътимод намоед, бовар кунед, дӯст доред, ҳарос кунед ва ба Ӯ итоат намоед. Ба Ӯ дуо гӯед, зеро Ӯ ваъда додааст, ки кӯмак мекунад. Маро мурда наҳисобед, зеро ман зиндагӣ

мекунам ва ҳеҷ гоҳ намемирам. Ман пеш-пеши шумо меравам, шумо бошед, дертар, аз пайи ман, ба хонаи абадиамон меравед.

Ман ба дӯстони азизи худ дар Хедли ва ба ҳамаи онҳое, ки маъвизаи маро шунидаанд, муроҷиат менамоям, то ки шумо аз Худо бо ҳамроҳии ман миннатдор бошед. Зеро ман, истеъдоди хурдакак дошта, ба дигарон дарсҳоро аз китоби Худо, Китоби Муқаддаси муборак эълон мекардам. Акнун, агар ман ё фариштае аз осмон ба шумо инҷили дигарро, назар ба он, ки ман маъвиза менамудам, хабар диҳад, он гоҳ Худо бар ин гуна воиз лаънати бузургро мегузорад.

Бо умеди пур, бе ягон шубҳа дар наҷоти ҷовидонӣ рафта, ман аз Худо, Падари Осмонии худ, тавассути Исои Масеҳ, Наҷотдиҳандаи худ, миннатдорам».

Дар соати дуи шаб, шерифи Лондон ва афсарони ӯ ба Комптер омаданд, доктор Тейлорро гирифтанд ва дар торикии пурра ӯро ба Вулсак, меҳмонхонаи берун аз Олдгейт бурданд. Ҳамсари доктор Тейлор пайхас менамуд, ки шавҳари ӯро шабона ба дигар ҷо мегузаронанд, бинобар ин, аз айвони калисои Ботолфи Муқаддас дар Олдгейт аз паси онҳо назорат менамуд. Ӯ бо ду духтари худ, Элизабети сездаҳсола, ятим, ки бо оилаи Тейлорҳо дар синни сесолагӣ ба духтархондӣ гирифта шуд ва Мария, духтари худии онҳо буд. Вақте ки шериф ва ҳамроҳонаш аз наздикии калисои Ботолфи Муқаддас мегузашт, Элизабет онҳоро дида фарёд зад: «Оҳ, падари азизам! Модар, модар, падарамро мебаранд!»

Хонум Тейлор фарёд зад: «Роуланд, Роуланд, ту дар куҷоӣ?»- зеро хеле торик буд ва як одамро аз одами дигарӣ фарқ кардан ғайриимкон буд.

Доктор Тейлор ҷавоб дод: «Ҳамсари азизам, ман дар ин ҷо!»- ва бозистод. Одамони шериф ӯро ба пеш тела мекарданд, вале

шериф гуфт: «Як дақиқа истед, ҷанобон, ман аз шумо хоҳиш мекунам ва ба ӯ иҷозат диҳед, ки бо ҳамсараш гуфтугӯ кунад». Онҳо истоданд.

Доктор Тейлор Марияро ба дасташ гирифт, сипас вай, ҳамсараш ва Элизабет ба зону нишастанд ва бо дуои Худованд дуо карданд. Дар масофаи начандон дур аз паси онҳо назорат карда, шериф ва одамонаш ба гиря даромаданд.

Дуо карда, доктор Тейлор аз ҷо бархест, ҳамсарашро бӯса намуд ва аз дасташ гирифта, гуфт: «Алвидоъ, ҳамсари азизам. Тасаллӣ ёб, зеро вичдони ман ором аст. Худо ба фарзандони ман падар медиҳад». Баъд ӯ духтари худ Марияро бӯсиду, гуфт: «Бигзор, Худо туро баракат диҳад ва туро хизматгори Худ кунад». Элизабетро бӯсида, гуфт: «Бигзор, Худо туро баракат диҳад. Ман дуо мекунам, ки ту дар Масеҳ ва Каломи Ӯ қавӣ ва устувор бошӣ». Он гоҳ, ҳамсараш ба вай гуфт: «Бигзор, Худо бо ту бошад, Роуланди азиз. Ман бошам, бо файзи Худо, туро дар Хедли пешвоз мегирам».

Инак, ӯро ба Вулсек бурданд, ҳамсараш бошад, аз паси вай мерафт. Ҳангоми омадан, ӯро дар таҳхона ҷойгир карданд, ки онро чор хизматгор ва одамони шериф посбонӣ менамуданд. Ҳамин, ки доктор Тейлор ба таҳхона даромад, ӯ ба зону афтода ғарқи дуогӯӣ шуд. Шериф хонум Тейлорро дид, вале ба ӯ дигар иҷозат надод, ки бо шавҳараш гап занад. Бо вуҷуди ин, вайро ба хонаи худаш даъват намуд ва гуфт, ки вай худро дар он ҷо чун дар хонаи худ ҳис кунад ва ваъда дод, ки вай аз ҳеҷ чиз бехабар наmemонад. Инчунин, ӯ ду афсарро интихоб намуд, то ки онҳо вайро ҳамроҳӣ кунанд. Лекин, вай боисрор хоҳиш мекард, то ки ӯро ба хонаи модараш баранд, ки афсарон инро иҷро карданд ва аз модар хоҳиш намуданд, ки баргаштани онҳо дар ҳаққи вай ғамхорӣ кунанд.

Доктор Тейлор дар Вулсек то соати ёздаҳи субҳ монд ва дар ҳамин вақт шерифи Эссекс расида омад, ки ӯ барои сафари ояндааш ба Хедли ҷавобгар буд. Дар ҳавлии меҳмонхона онҳо

Тейлорро ба асп шинонданд ва аз дарвозаҳо баромаданд. Дар назди дарвоза онҳоро Ҷон Хал бо Томас, писари доктор Тейлор интизор буд. Вақте ки Тейлор онҳоро дид, ӯ фарёд кард: «Писарам, Томас, ба ин ҷо биё». Ҷон Хал кӯдакро бардошта, ба болои асп, дар пеши падараш шинонд. Доктор Тейлор кулоҳашро кашид ва ба тӯдаи одамони назди дарвоза муроҷиат карда, гуфт: «Одамони нек, ин писари ман аст». Баъд вай чашмонашро ба осмон бардошта, барои Томас дуо гуфт, сипас, кулоҳашро ба сари кӯдак пӯшонду, ӯро баракат дод ва ба Хал супурда, ба ӯ гуфт: «Хайр, Ҷон Хал, ту хизматгори аз ҳама бовафо ҳастӣ, ки ҳар касе замоне дошта буд». Инак, онҳо сафарро ба Брентвуд, ки дар шимолу- шарқи Лондон қарор дошт, давом доданд.

Дар Брентвуд онҳо ба сари доктор Тейлор қалпоқро пӯшонданд. Дар он ду сурохӣ барои чашмҳо буд, то ки ӯ дида тавонад ва ҷои чок барои даҳон, то ки нафас гирифта тавонад, инчунин ба хотири он, ки вай бо касе гап зада натавонад. Ин чунин анъана нисбати ҳамаи бидъаткорони маҳкумшуда буд. Онҳо метарсиданд, ки агар одамон нутқи азияткашеро шунаванд ё ӯро бинанд, пас боз ҳам бештар дар дастгирии порсоёнаи онҳо ва садоқат ба Каломи Худо устувор мегарданд ва аз ҳурофоту бутпарастии папа озод хоҳанд шуд. Дар вақти сафар аз Лондон ба Бренвуд ва баъд ба Челмсфорд ва Лавенхем, ки дар шимолу шарқи Лондон ва на он қадар дуртар аз Хедли қарор доштанд, доктор Тейлор хурсанд ва хушҳол буд, гӯё ки ӯ ба зиёфат ё ба тӯй мерафта бошад. Ӯ ба посбонони худ бисёр суханҳои нек гуфт ва онҳо ҳар замон мегиристанд, вақте ки вай онҳоро ба тавба кардан ва ба Масеҳ бовар кардан, роҳҳои пургуноҳ ва бадашонро тағйир додан ва одамони тақводор шудан моил мекард. Хеле зуд-зуд вақте ки онҳо устувории ӯро дар имон, мавҷуд набудани ҳар гуна ҳарос, шодӣ дар қалб ва барои ҷон додан омода буданро медиданд, ӯ дар онҳо ҳисси тааҷҷуб ва хурсандиро ба вуҷуд меовард.

Дар Челмсфорд онҳо шерифи Суффолкро диданд, ки Тейлорро интизор буд, то ки ӯро ба Суффолк, назди худ барад. Вақте ки онҳо ба Ловенхем расиданд, онҳоро издиҳоми калони ашрофон ва доварон дар болои аспҳо пешвоз гирифтанд – ба онҳо фармон дода шуд, ки барои доктор Тейлорро ба Хедли овардан кӯмак расонанд. Ҳамаи ин одамон, ки пайваста якдигарро иваз менамуданд, ҳангоми сафари ӯ, доктор Тейлорро барои рӯй гардондан аз таълимоти худ ва ба дини католикии румӣ рӯ овардан розӣ мекунонданд. Онҳо ба ӯ авф, ҳатто вазифаи усқуфро ваъда карданд, агар вай авфи онҳоро қабул кунад. Лекин, ҳама кӯшиши онҳо ва суханҳои чоплусонаи онҳо беҳуда буданд. Доктор Тейлор ба хотири папа шуда, аз Масеҳ даст кашиданро рад намуд.

Вақте ки онҳо дар масофати ду мил аз Хедли қарор доштанд, доктор Тейлор иҷозат пурсид, ки аз асп фарояд ва вақте ки ба ӯ иҷозат доданд, ба замин ҷаста фаромад ва дар хурсандии бузург ба рақс даромад. «Ҷаноби доктор, – пурсид шериф, – шумо чӣ кор мекунед, шумо худро нағз ҳис мекунед?» Доктор Тейлор ҷавоб дод: «Бигзор, Худо ҷалол ёбад, ҷаноб шерифи азиз, ман ҳеҷ вақт худро чунин хуб ҳис намекардам, зеро ман акнун қариб, ки дар хонаам. Боз якчанд қадами дигар ва ман дар хонаи Падари худ мешавам. Лекин, ҷаноби шериф, оё мо аз Хедли гузашта меравем?»

«Бале, – ҷавоб дод шериф, – ту аз Хедли гузашта меравӣ». Доктор Тейлор гуфт: «Оҳ, Худовандо! Ман аз Ту миннатдорам, пеш аз он, ки ман мемирам, боз як бори дигар рамаи худро мебинам, ки Худованд Ту медонӣ, ман софдилона дӯст медоштам ва ба ҳақиқат таълим медодам. Худовандо! Онҳоро баракат деҳ ва онҳоро дар Калом ва ҳақиқати Худ содиқ нигоҳ дор».

Аз кӯпрук ба Хедли гузашта, одами қашшоқро бо панҷ фарзандаш диданд, ки онҳоро интизор мешуд. Вақте ки вай доктор Тейлорро дид, ӯ ва фарзандонаш ба зону афтида, дастҳоро гузошта бо овози баланд гуфт: «Оҳ, падари азиз ва

чӯпони нек, доктор Тейлор! Худованд бигзор ба ту кӯмак кунад ва туро озод намояд, чӣ хеле ки ту ба ман ва ба фарзандони бечораам борҳо кӯмак мекардӣ!»

Кӯчаҳои Хедли аз мардон ва занон пур шуда буд, ки барои азобҳои ӯ ва аз даст додани чӯпони бовафо гиря мекарданд, онҳо ба монанди барраҳои ба ҳарос афтода буданд, ки гургони гурусна ба онҳо ҳамла овардаанд. Онҳо аз Худо барои худ лутфу марҳамат мепурсиданд, то ки Худо ба одаме, ки онҳоро нигоҳубин ва муҳофизат мекард, қувват ва тасаллӣ диҳад. Доктор Тейлор ба онҳо гуфт: «Ман ба шумо Каломи Худо ва ҳақиқатро маъвиза мекардам, акнун бошад, ба ин ҷо омадам, то ки имрӯз онро бо хуни худ тасдиқ намоям». Вақте ки онҳо аз яке аз маҳаллаҳои Хедли мегузаштанд, ки дар он бенавоён зиндагӣ мекарданд ва Тейлор дар он ҷо бисёр хизмат мекард, вай ба бенавоён пулҳои боқимондаашро, ки дӯстони ғамхораш, вақте ки ӯ дар зиндон буд, тақдим карда буданд, тақсим намуд. Ана ҳамин тавр падари накӯ ва саробони бенавоён, ки тамоми ҳаёт барояшон ғамхорӣ мекард, онҳоро тарк менамуд. Вақте ки онҳо ба Олдхем Коммон расиданд, ҷое ки дар он бояд доктор Тейлорро месӯзонданд, вай анбӯҳи калони одамонро дид, ки дар он ҷо ҷамъ омада буданд ва пурсид: «Ин чӣ ҷой аст ва барои чӣ дар ин ҷо ин қадар одамони зиёд ҷамъ омадаанд?» Яке аз посбононаш гуфт: «Ин Олдхем Коммон мебошад, ки дар ин ҷо ту бояд азоб кашӣ, одамон бошанд, омадаанд, то ки туро бубинанд». Доктор Тейлор гуфт: «Шукрона ба Худо, ки ман дар ҳақиқат дар хона ҳастам». Ӯ аз асп фуромад ва бо дастонаш қалпоқи сарашро дарронд.

Пӯсти сари ӯ харошидагӣ буд, мӯйҳояш бошанд, дар шакли V –монанд тарошида шуда буданд, гӯё ки ӯ беақл бошад. Ин корро бо вай усқуф Боннер кард, ки ӯро аз маросими таҳқир ва аз унвон фуровардани ӯ гузаронд. Лекин, вақте ки одамон чеҳраи пирамардро бо риши сафеди дароз диданд, онҳо бо овози баланд ба гиря даромаданд ва хитоб намуданд: «Бигзор,

Худованд туро наҷот диҳад, доктор Тейлор! Бигзор Исои Масеҳ ба ту қувват диҳад ва кӯмак кунад! Бигзор Рӯҳи Муқаддас туро тасаллӣ диҳад!» Ӯ мехост, ба мардум муроҷиат кунад, вале ҳамин, ки даҳонашро кушодан хост, яке аз иоменҳои посбонон ба даҳони вай чӯбдастро гузошт, то гап задан намонад.

Доктор Тейлор нишаст ва вақте ки яке аз одамони шерифро бо номи Сойси дид, ба назди худ ҷеғ зад ва гуфт: «Сойси, ба ин ҷо биё, пойафзоли маро кашида, онҳоро ба худат гир. Ту онҳоро бисёр мехостӣ, акнун онҳоро ба худат гир». Баъд либоси худро то нимтанааш кашиду онҳоро тақсим кард. Баъд аз ин бо овози баланд гуфт: «Одамони нек, ман шуморо, ба ғайр аз Каломи Муқаддаси Худо ва он дарсҳое, ки онҳоро аз китоби муборакиҳ Худо, Китоби Муқаддас пайдо намудаам, ба чизи дигар таълим надодам. Ман ба ин ҷо омадам, то ки онро бо хуни худ тасдиқ намоям».

Аз сабаби он, ки доктор Тейлор бе иҷозат гап зад, Хоумс, иомени посбонон, ки дар тӯли тамоми сафар нисбати ӯ бераҳмона муносибат мекард, ба сари вай сахт зарба зад, қариб ки ӯро аз по афтонад. Доктор Тейлор ба зону нишасту дуо гуфт ва аз тӯда як зани фақир баромада бо ҳамроҳии ӯ дуо гуфт. Посбонон кӯшиш карданд, ки вайро тела дода дур кунанд ва хостанд, ки бо аспҳои худ лагадкӯб кунанд, вале ӯро аз ҷояш ҷунбонда натавонистанд, ва ӯ бо ҳамроҳии вай истода, дуо гуфтанро давом дод. Вақте ки онҳо дуо карданд, доктор Тейлор ба назди сутун омад, онро бӯсид ва ба чалаки (бочка) қатрон (смола), ки онро дар он ҷо монда буданд, то ки ӯ дар болои он истад, баромада нишаст. Ӯ ба сутун бо пушт меистод ва дастонашро кашида, чашмонашро ба осмон бардошту, беист дуо мегуфт.

Баъд онҳо ӯро бо занҷирҳо ба сутун маҳкам карданд ва шериф ба Ричард Донинхам, қассоб аз Олдхам фармон дод, ки шохаҳои хушкро хобонда монад, лекин вай инкор кард ва гуфт: «Ман лангам, ҷаноб ва наметавонам шохаҳоро бардорам».

Шериф таҳдид намуд, ки ӯро ба зиндон мефиристад, вале вай ба ҳар ҳол рад намуд. Он гоҳ, шериф ба Милейн Сойс, ки доктор Тейлор ба ӯ пойафзоли худро дод, Ворвик ва Роберт Кинг таъин намуд, ки шоҳҳоро хобонда монанд ва гулханро биафрӯзанд, ки онҳо бо ҷидду ҷаҳд иҷро карданд. Вақте ки онҳо шоҳҳоро мегузоштанд, Ворвик як ғӯларо ба доктор Тейлор партофт, ки он ба рӯи вай расид ва онро чок намуд ва хун фаввора зад. Доктор Тейлор ба вай гуфт: «Дӯст, ман бе ин ҳам азоб мекашам, барои чӣ ту боз ин корро мекунӣ?»

Сэр Ҷон Шелтон дар назди доктор Тейлор меистод ва мешунид, ки чӣ тавр ӯ Забур 50 «Худовандо, ба ман раҳм кун»-ро дар забони англисӣ мехонд ва ба лабонаш зад. «Ту, қаллоб, – гуфт ӯ, – ба забони лотинӣ ҳарф зан. Ман туро маҷбур мекунам!»

Ниҳоят, онҳо гулханро даргиронданд ва доктор Тейлор, дастҳоро гузошта ба Худо муроҷиат менамуд ва мегуфт: «Падари Осмонии меҳрубон, ба хотири Исои Масеҳ, Наҷотдиҳандаи ман, ҷони маро ба дасти Худ бигир». Баъд аз ин вай дар оташ хомӯшу беҳаракат меистод ва дастонашро ба пеши худ гузошт, то вақте, ки Сойс бо табарзини найзадор ба сари вай зарба зад ва сари ӯро кафонд, ки мағзи сараш баромад ва он ба аланга афтид.

15.
Марги пуразоби усқуф Ридли ва усқуф Лейтимер (1555 с.)

Ин ду усқуфи лоиқи эҳтиром, 16 октябри соли 1555 якҷоя ба марги пуразоб рафтанд. Онҳо одамони аҷоиб буданд, сутунҳои калисо, бо феъли дӯстона ва нек, дар ҳаёти худ раҳмдил ва дар марги худ бошараф.

Николас Ридли

Доктор Ридли дар Нортумберленд ба дунё омадааст, дар Нюкастл маълумоти ибтидоиро гирифтааст ва баъд дар донишгоҳи Кембриҷ таҳсил намудааст, ба туфайли қобилияти худ дар таҳсил ӯ сарвари коллеҷи Пемброукский таъин гардид ва доктори илми илоҳиёт шуд. Баъд аз сафар ба Париж, вай ҳамчун капеллани (кашиши калисои хонагии католикон) шоҳ Генрихи VIII таъин гардид, ки дертар ӯ вайро усқуфи Рочестер таъин намуд. Аз он ҷо дар давраи ҳукмронии шоҳ Эдварди VI ӯро ба епархияи Лондон гузаронданд.

Одамон тӯда шуда ба калисои вай меомаданд, то ки маъвизаи ӯро шунаванд ва дар гирдаш чун занбӯрҳо дар гирди асал давр мезаданд, ки ташнаи гулҳои ширин ва шаҳди манфиатбахши таълимотҳои ӯ буданд, ки онҳоро на танҳо маъвиза менамуд, балки бо тамоми ҳаёти худ нишон медод. Ӯ нури рахшон барои нобиноён, карнайи осмонӣ барои гӯшкарон ва овози муқаддас барои гунаҳкорони гумгашта буд. Ӯ дар чунин покӣ зиндагӣ ва хизмат мекард, ки ҳатто душманонаш вайро дар гуноҳи хурдтарин ҳам айбдор карда наметавонистанд. Доктор Ридлии бомаданият, бохирад, дар муносибат бо одамон моҳир, инсони он қадар некӯкор, порсо ва рӯҳонӣ буд, ки Англия метавонад он рӯзро, ки дар он ин гуна ҷавоҳирот аз даст дода шуда буд, рӯзи мотам шуморад.

Бо хислати худ, вай инсони рӯирост ва ботамкин, нармдил ва парҳезгорона худро дар хоҳиш ва одатҳои худ ба интизом таълим медод. Ӯ ҳар субҳро дар дуо то соати даҳ мегузаронд, баъд ба дуоҳои ҳаррӯза ширкат меварзид, ки дар хонааш бо аъзоёни калисои маҳалли ӯ гузаронида мешуд. Баъд аз хӯроки пешин бо одамон сӯҳбат мекард ё бо шоҳмот дар тӯли як соат бозӣ мекард, вақти боқимондаи рӯзро бошад, дар таҳсил мегузаронд ё бо корҳои калисо машғул мешуд. Қарибиҳои соати панҷ боз қариб як соат дуо мекард, дар сари шоҳмот боз як соати дигар дам мегирифт ва ба омӯзиши худ бармегашт, то соати ёздаҳ машғул гардида, баъд ба ҳаммом мерафт ва баъд аз дуои ба сари зону нишастан хоб мерафт. Ӯ намунаи тақводорӣ ва некӯкорӣ буд ва кӯшиш менамуд, ки ҳамаи мардон ва занонро, дар ҳар ҷое, ки набошад, ба ҳақиқат рӯ оваронад.

Ибрати некии нозуки вай, ки онро ба ҳар кас зоҳир менамуд, муносибати ӯ нисбат ба хонум Боннери калонсол, модари доктор Боннер, усқуфи золими Лондон дар даврони ҳукмронии малика Марияи I, мебошад. Ҳар вақте ки доктор Ридли ба қароргоҳи худ дар Фулхам намеомад, ӯ ҳамеша хонум Боннерро даъват менамуд ва ӯро дар сари асосии миз мешинонд ва нисбати

вай ҳамчун ба модари худ муносибат мекард. Ӯ чунин некиро нисбати хоҳари Боннер ва дигар хешовандони ӯ инчунин зоҳир менамуд ва ҳар замон онҳоро ба хонаи худ мебурд ва бо онҳо хушмуомила ва муносибати дӯстона дошт. Лекин вақте, ки Боннер ба тарафи Марияи Хунин гузашт ва ба сари қудрат омад, ӯ муносибати худро бо хоҳари доктор Ридли ва шавҳари вай мистер Ҷорҷ Шипсайд канда кард ва ӯ метавонист ҳар дуи онҳоро қурбон намояд, агар Худо онҳоро тавассути доктор Хис, усқуфи Ворчестер халос намекард.

Субҳи барвақти 8 -сентябри соли 1552 усқуфи Лондон, доктор Ридли барои аёдати хонум Мария, ки дертар ба Марияи Хунини I дар Хансдон, ки дар он ҷо қарор гирифта буд, табдил ёфт, рафт. Ӯ вақтро дар сӯҳбат бо Томас Вартон ва дигар дарбориёни он қариб то соати ёздаҳ гузаронд, вақте ки ба назди онҳо хонум Мария баромад. Доктор Ридли улёҳазратро пешвоз гирифт ва гуфт, ки барои он ба наздаш омадааст, то ки вазифаи худро иҷро намояд. Ӯ вайро барои саъю кӯшишаш миннатдорӣ намуд ва онҳо тақрибан понздаҳ дақиқа хеле хуб сӯҳбат намуданд. Хонум Мария гуфт, ки ӯро медонист, ҳанӯз вақте ки вай капеллани падараш буд ва баъд ӯро ҷавоб дод, зеро мехост, ки бо дарбориёни худ хӯроки пешин хӯрад.

Баъд аз хӯроки пешин вай усқуф Ридлиро аз нав ба наздаш хонд ва онҳо чанд муддат сӯҳбат карданд.

Усқуф Ридли: «Хонум, ман омадаам, на танҳо ба хотири он ки вазифаи худро иҷро намоям ва улёҳазратро бубинам, балки инчунин дар рӯзи якшанбе барои шумо маъвиза кардан пешниҳод намоям, агар ба шумо маро гӯш кардан писанд ояд.»

Симои Мария бечо шуд, вай чанд муддат хомӯш меистод, сипас гуфт: «Хоҷаи ман, он чизе, ки ба охирин тааллуқ дорад, пас ман мехоҳам, ки ту худат ба ин савол ҷавоб диҳӣ».

Усқуф: «Хонум, мувофиқи хизмат ва даъвати худ, ман бо вазифаи дар ҳузури шумо маъвиза кардан банд мебошам».

Мария: «Хуб, чӣ хеле ки гуфтам, ман хоҳиш мекунам, ки ту худат ба саволи худат ҷавоб диҳӣ, зеро ту ҷавоби маро хеле хуб медонӣ. Лекин агар ту боисрор бошӣ, пас ман ба саволи ту ҷавоб медиҳам. Дарҳо ба калисои маҳаллӣ, ки дар ҳамсоягии бинои мо қарор дорад, барои ту кушода мешаванд, агар ту биёӣ ва ту метавонӣ маъвиза кунӣ, агар хоҳӣ, вале на ман, на одамони ман барои гӯш кардани ту намеоем». Усқуф: «Хонум, ман бовар дорам, ки шумо Каломи Худоро рад намекунед».

Мария: «Ман намедонам, ки ту ҳоло чиро Каломи Худо номида истодаӣ, лекин ин Каломи Худо нест. Каломи Худо дар даврони падарам буд».

Усқуф: «Каломи Худо дар ҳама замон якто аст, вале дар баъзе асрҳо онро назар ба дигарон дида хеле хубтар мефаҳманд ва маъвиза мекунанд».

Мария: «Дар рӯзҳои падари ман ту ҷуръат намекардӣ, ки он чизеро, ки ҳоло Каломи Худо меномӣ, чун ҳақиқат эълон кунӣ. Агар гап дар сари китобҳои нави ту равад, пас ман аз Худо миннатдорам, ки боре ҳам ягонтои онҳоро нахондаам. Ягон бор нахондаам ва ҳеҷ вақт намехонам».

Баъд аз суханони зиёди таҳқиромез оид ба дини ислоҳотёфта, ки он вақт он пойдор буд, дар бораи ҳокимияти Англия ва қонунҳои он, ки дар давраи барвақтии солҳои ҳукмронии бародараш (ки ба онҳо, чӣ хеле ки вай мегуфт, ба ӯ зарур нест, ки ба онҳо итоат намояд, то вақте ки вай ба воя нарасад ва он гоҳ ӯ ба онҳо итоат мекунад). Баъд аз доктор Ридли пурсид, ки оё вай аъзои шӯрои усқуфон буд. Ӯ ҷавоб дод: «Не». Вай гуфт: «Ту метавонистӣ, ки аъзо бошӣ, зеро шӯро дар рӯзҳои мо, айнан бо ҳамин роҳ меравад».

Ӯ сӯҳбатро ба охир расонда гуфт: «Хоҷаи ман, барои қарори ба аёдати ман омаданат аз ту миннатдорам. Вале барои пешниҳоди дар ҳузури ман маъвиза кардан, ман миннатдорӣ намекунам».

Сипас, усқуф Ридли бо сэр Томас Вартон ба ошхона бурда шуд, ки дар он ҷо ба ӯ нӯшидани ягон чизро пешниҳод намуданд.

Ӯ нӯшид, лаҳзае хомӯш шуд ва бо нигоҳи ғамангез ногаҳон бо овози баланд гуфт: «Бешубҳа, ман рафтори нодуруст кардам!»

Сэр Томас Вартон пурсид: «Барои чӣ?» Усқуф Ридли ҷавоб дод: «Ман дар он ҷое, ки Каломи Худо рад ва таҳқир карда шуд, нӯшидам. Ман бояд вазифаи худро иҷро мекардам, лекин акнун ман бояд фавран дур шавам ва чанги пояфзоли худро чун шаҳодат бар зидди ин хонадон афшонам». Суханоне, ки усқуф талаффуз намуд, он қадар сахт ва боэътимод садо медоданд, ки баъзе аз шунавандогон дертар мегуфтанд, ки дар сари онҳо аз ин суханҳо мӯйҳояшон боло шуданд. Вақте ки Эдварди VI дар соли 1553 вафот кард ва хонум Мария маликаи Англия Марияи I шуд, усқуф Ридли яке аз аввалинҳое шуд, ки вай нақшаи нобуд кардани ӯро намуд. Лекин, пеш аз он, ки бо усқуф машғул шавад, Марияи Хунин қарор дод, ки хонум Ҷейн Грей ва шавҳари ӯ, лорд Гуилфорд Дадлиро қатл мекунад.

Хонум Ҷейн Грей набераи бузурги Генрихи VIII ва духтари аммаи Эдварди VI буд. Падари вай Генрих Грей, гертсоги Суффолк ва модараш Френсис Бренд, ҷияни Генрихи VIII буд. Вақте ки Ҷейн нӯҳсола буд, ӯро дар хонаи Генрихи VIII ҳамчун дарбории малика Катерина Парр, зани шашуми вай таъин намуданд. Генрих моҳи январи соли 1547 вафот кард ва чанд моҳ пас, Катерина ба лорд Сеймур, гертсоги Сомерсет ба шавҳар баромад. Ӯ дар моҳи сентябри соли 1547 вафот намуд ва лорд Сеймур ва падари Ҷейн кӯшиш намуданд, ки Ҷейни ёздаҳсоларо ба шоҳ Эдварди VI – ёздаҳсола ба шавҳар диҳанд. Нақшаи онҳо барои хонум Ҷейнро маликаи Англия намудан шикаст хӯрд ва ӯ ба хонаи падари худ баргашт. Ҷейн шогирди хеле хуб буд ва таҳти роҳбарии устоди протестантӣ Ҷон Эйлмер, ки баъдтар усқуфи Лондон шуд, якчанд забонҳоро аз худ намуд. Дар синни сездаҳсолагӣ ӯ дар забони юнонӣ хонда ва навишта метавонист; дар синни понздаҳсолагӣ забонҳои лотинӣ, итолиёвӣ ва фаронсавиро медонист, инчунин забони ибриро аз худ менамуд.

Дар аввали соли 1553 дар шоҳ Эдварди VI нишонаҳои касалии марговар [сил] пайдо шуданд. Онҳо диданд, ки боз як имконияти дигар ҳаст, то хонум Ҷейнро, ки протестантӣ буд, маликаи Англия кунанд ва бо ҳамин тарз ҳокимиятро ба дасти худ гиранд, падари ӯ ва Ҷон Дадли, гертсог Нортумберлендский, ки ҳокимият ва шоҳ Эдвард таҳти назорати ӯ қарор доштанд, никоҳи ӯро бо писари Дадли-Гуилфорд барпо намуданд. Гертсог Нортумберлендский сипас, шоҳ Эдвардро барои Ҷейнро ба ҷои апааш Мария, ки меросхӯри қонунии тахт ва католикӣ буд, вориси ӯ таъин намудан, розӣ кунонд. Эдвард 6 июл вафот кард ва 9 июл гертсог Нортумберлендский дар шӯрои Пинҳонӣ Ҷейнро муаррифӣ кард ва ӯро маликаи оянда эълон намуд. Лекин, нақшаи онҳо пас аз нӯҳ рӯз шикаст ёфт, вақте ки тамоми Англия Марияро малика эълон намуд.

Ҷейн ва шавҳари ӯ Гуилфорд Дадли фавран ба ҳабс гирифта шуданд, дар Тауэри Лондон маҳкам карда шуданд ва онҳоро дар хиёнати давлатӣ айбдор намуданд. Дар ҳамин зимистон падари Ҷейн, Генрих Грей, ба шӯриш бар зидди малика Мария ҳамроҳ шуд. Бо ин кор ӯ Марияро маҷбур сохт, ки барои Ҷейн ҳукми қатлро имзо намояд, то ки кӯшишҳои минбаъдаро барои малика эълон кардани Ҷейн пешгирӣ кунад. Ҷейн ва Гуилфорд 12 феврали соли 1554, баъд аз ҳафт моҳи ба ҳабс гирифтанашон, қатл карда шуданд.

Гуилфордро аз ҳуҷраи маҳбасхона баровардand ва шериф ӯро аз миёни тӯдаи одамон берун аз дарвозаҳои қалъа ба сӯи теппаи Тауэр, ба ҷои кундаи қатл бурд. Дар он ҷо, бо ёрии табар ӯро сар аз тан ҷудо карданд. Як соат пас, аз ҳуҷраи маҳбасхона хонум Ҷейнро баровардand ва айнан бо ҳамин тарз ба бурҷи марказии маҳбасхона гузаронданд, ки дар он ҷо ӯро низ сар аз тан ҷудо карданд.

Хонум Ҷейн ба зебоӣ ва донишмандӣ шӯҳрат пайдо карда буд ва маълум аст, ки забоняккунанда набуд, балки яқинан, қурбонии бегуноҳи сӯиқасди сиёсӣ, ки мақсади он ба сари тахт

бардоштани маликаи протестантӣ буд. Дар сари кундаи қатл Ҷейн эълон кард, ки ӯ тоҷ намехост ва ҳамчун «масеҳии ҳақиқӣ» мемирад. Вақте ки ӯро қатл карданд, ӯ шонздаҳсола буд.

Дар ин вақт усқуф Ридли ва чанд нафари дигар инчунин дар Тауэри Лондон маҳкам карда шуда буданд. Тақрибан 10 марти соли 1554 Николас Ридли, усқуфи Лондон, Томас Кранмер, усқуфи аъзам Кентерберийский ва Хю Лейтимер, ки дар замони худ усқуфи Ворчестер буд, аз Тауэр ба Виндзор, баъд ба донишгоҳи Оксфорд барои гузарондани музокирот бо докторҳои илми илоҳиёт ва дигар мардони донишманд дар бораи ҳузур, моҳият ва қурбонии нону шароби табаррукӣ оварда шуданд. Ана масъалаҳои асосие, ки онҳо муҳокима мекарданд:

1. *Оё, баъд аз дуои кашиш нону шароб ба бадани аслии Масеҳ мубаддал мегардад?*
2. *Баъд аз калимаҳои табаррукунӣ, оё нону шароб дар худ ба ғайр аз бадан ва хуни Масеҳ дигар моддаҳо дорад.*
3. *Оё, намози пешин қурбонии кафоратдиҳанда барои гуноҳҳои зиндагон ва мурдагон мебошад.*

Саволҳои хондашударо гӯш карда, доктор Ридли бе ягон таъхир гуфт, ки ҳамаи он дурӯғ мебошад ва ҳамаи он натиҷаи решаи талх ҳастанд. Ҷавоби ӯ дақиқ, суханвар ва оқилона буд. Аз ӯ пурсиданд, ки оё, ӯ ин саволҳоро муҳокима мекунад. Ӯ ҷавоб дод, чӣ қадаре ки Худо ба ӯ ҳаёт надиҳад, ӯ на танҳо дар дили худ, балки бо даҳони худ ва корҳои хаттии худ ҳақиқатҳои Ӯро муҳофизат менамояд. Лекин, аз онҳо хоҳиш намуд, ки барои ӯ вақт ва китобҳоро ҷудо кунанд, то ки вай ҷавоби худро омода карда тавонад. Онҳо гуфтанд, ки ӯ бояд дар рӯзи панҷшанбе баромад кунад, то ин вақт бошад барои вай ҳамаи китобҳои зарурӣ мешаванд. Ба ӯ рӯйхати саволҳоро доданд ва хоҳиш намуданд, ки фикрҳои худро оид ба ин масъала худи ҳамин шаб

нависад. Доктор Ридли дертар мактуб навишт, ки дар он, ҳама чизҳои дар он ҷо рӯх дода истода, тасвир ёфтаанд.

Ҳисоботи доктор Ридли, ки ба музокироте, ки дар Оксфорд бар зидди худи вай ва дӯстони маҳбуси ӯ гузаронида мешуд, тааллуқ дорад:

«Боре ҳам аз рӯзи таваллуди худ ман ягон чизи аз ин ҳам бетартиб ва шӯҳратпарастро назар ба гузаронидани музокираҳо бар зидди ман дар коллеҷҳои Оксфорд надидам. Дар ҳақиқат ман ҳеҷ фикр намекардам, ки имконияти худро дар байни одамоне, ки дар ҳаққи онҳо мегӯянд, ки онҳо дар соҳа таълим дода шудаанд ва дониш гирифтаанд, лекин онҳое, ки он қадар беҳаё ва густох буданд, зеро худсар ва магрур ва чун нақшбоз дар саҳна рафтор мекарданд, на чун докторони ҷиддӣ, ки барои муҳокимаи масъалаҳо омада бошанд.

Ин ҳам ҳайратовар нест, зеро минбаъд намояндагон ва парасторони онҳо, ки бояд ибрати нек нишон медоданд дар суханҳои худ ва рафтори ҷиддӣ, барои дигарон ибрати бад нишон медоданд. Бо амалҳои худ онҳо, барои ба вуҷуд овардани гавғо,гиряву нола, девонагӣ ва доду фиғонҳо дигаронро огоҳӣ менамуданд. Бинобар ин, хонандаи неки масеҳӣ, маълум мегардад, ки онҳо ҳеҷ гоҳ ҳақиқати имонро намеҷустанд, балки ҷалоли ин ҷаҳон ва музаффарияти худро меҷустанд.

Қисми зиёди вақт, ки барои музокирот ҷудо карда шудааст, барои фарёдҳои нанговар ва масхараҳои таҳқиромез, ҳуштакҳо ва дасткӯбиҳо, беҳуда сарф карда шудаанд, ҳамаи инро онҳо истифода мебурданд, то ки ҳусни таваҷҷӯҳи халқро ҷалб намоянд. Ман хеле

андӯҳгин гашта будам, вақте ки ҳамаи инро дидам ва ошкоро бар зидди чунин рафтори аз андоза зиёд ва нафратовар, ки ҳеҷ ба муҳити донишгоҳ ва чеҳраи бомаърифати унвони баланд мувофиқат намекард, ки аз ҷумла гуфта, ки онҳое, ки чунин рафтор мекарданд, дар асл бо ин нотавонии худро оиди ин масъала баён менамуданд. Шикоятҳои хоксоронаи ман ягон амалро ба вуҷуд наоварданд, лекин маро барои гӯш кардани маломатҳо, норизогӣ ва масхараҳои онҳо маҷбур карданд, ки ягон инсони поквиҷдон наметавонад гӯш кунад ва дар ин сурат сурх нашавад, агарчанд сухан ҳатто дар бораи одами нобакори бад ва мудҳиш равад.

Дар аввали музокирот, вақте ки ман кӯшиш намудам, ки ба саволи аввал ҷавоби кӯтоҳ диҳам ҳатто худи докторон фарёд мезаданд: «Ӯ куфр мегӯяд! Ӯ куфр мегӯяд!» Вақте ки ман ба зону нишаста самимона аз онҳо тавалло менамудам, то ки онҳо маро то охир гӯш кунанд, раис бо овози баланд дод зад: «Монед, ки то охир хонад!» Монед, ки то охир хонад!» Лекин, вақте ки ман аз нав кӯшиш кардам, ки хонам, якбора чунин ғавғо, бетартибӣ, ошуфтагӣ, фарёд бардошта шуд: «Куфр! Куфр!» – ман дар хотир надорам, ки оё ягон вақт шунида будам ё ба ин монанд чизе хонда будам. Эҳтимол, ба ғайр аз як ҷойи Аъмоли Ҳавворион, вақте ки Дмитриюс- устои нуқрадавонӣ ва дигар устоён бар зидди Павлус бархостанд ва фарёд мезаданд: «Артемидаи Эфсӯсӣ бузург аст! Артемидаи Эфсӯсӣ бузург аст!»

Фарёду ғавғое, ки бар зидди ман равона шуда буданд, он қадар сахт буданд, ки ман маҷбур шудам, ки хондани ақидаҳои худро қатъ намоям, ҳатто бо вуҷуди он, ки онҳо кӯтоҳ буданд».

Баъд аз ин Ридли бо ҳамроҳии Лейтимер ва Кранмер ба зиндони умумӣ, ба Баркадо бурда шуданд. Дар он ҷо Ридлиро аз дигарон ҷудо карданд ва дар хонаи шахсе бо номи Айриш ҷо намуданд, ки дар он ҷо вай то рӯзи қатли худ 16 октябри соли 1555 монд.

Хю Лейтимер

Хю Лейтимер тақрибан соли 1485 дар Суркастон (ё Суркессон), дар мулки графии Лестер ба дунё омадааст ва дар он ҷо то чор солагиаш ба воя расидааст. Падару модари вай фермерони бадавлат, медиданд, ки вай он қадар зирак ва хушфаҳм аст, қарор карданд, ки ба ӯ саводи хуб диҳанд, то ки вай дар соҳаи адабиёт дониши чуқур гирад. Дар мактаби умумӣ, ки дар он ҷо таҳсил мекард, ӯ он қадар бомуваффақият буд, ки дар синни чордаҳсолагӣ ба донишгоҳи Кембриҷ фиристода шуд. Дар он ҷо вай таҳсили муқаррариро давом дод, дертар бошад дар омӯзиши илми илоҳиёт ҷалб гардид ва дар ин вақт нисбат ба масъалаҳои зиёд ҷоҳил буд ва иҷрокунандаи боғайрати ҳурофотҳои католикии замони онвақта гардид. Тақрибан дар соли 1510 ӯ ҳамчун кашиш даст гузошта шуд ва дар нутқи худ, вақте ки дар соли 1522 бакалаври илоҳиёт гардид, бо ғазаб бар зидди ислоҳотчии муборак Меланхтон баромад намуд ва ошкоро ба ҷаноби Стаффорди нек, устоди илми илоҳиёт дар Кембриҷ ҳуҷум менамуд.

Ин албатта, файзи Худо буд, ки ислоҳотчӣ аз Кембриҷ Томас Билниро, ки дертар, дар соли 1532 барои бидъат сӯзонда шуд, ба утоқи Лейтимер омадан водор кард ва хоҳиш намуд, ки ба эътирофи вай гӯш андозад. Лейтимер бо ҷону дил розӣ шуд ва эҳтимол фикр мекард, ки Билни метавонад ба дини католикии румӣ рӯ биёрад. Вале ба эътирофи вай гӯш андохта, имони Билни ба Масеҳ он қадар ба Лейтимер таъсир бахшид, ки ба ӯ дар ин хусус саволҳо медод ва ба шарофати Рӯҳи Муқаддас дарҳол ба имони ҳақиқӣ рӯ оварда. Ӯ омӯхтани дини католикии

румиро қатъ кард ва олими мубораки таълимотҳои Ислоҳотӣ гардид. Чун ҳавворӣ Павлус, ки дар аввал таъқибгари Масеҳ буд, баъд яке аз адвокатҳои боэҳтимом ва фаъоли Худованд гардид ва хушбахтона бо доктор Стаффорд пеш аз марги ӯ оштӣ шуд.

Баъд аз имон оварданаш Лейтимер бо ҷидду ҷаҳд кор мекард, то ки дигаронро ба имон орад ва маъвизачии оммавӣ ва дастурдиҳандаи шахсӣ дар донишгоҳ шуд. Ӯ бисёр дар бораи сафсатагии дуо дар забони лотинӣ таълим медод ва бар зидди манъ кардани чопи Навиштаҷот дар забони англисӣ баромад мекард, ки бо ин сабаб кушоишҳои Худо оиди наҷот ба одамон дастнорас буданд, ки онҳо ба туфайли имони худ ба онҳо метавонистанд наҷот ёбанд. Пеш аз идҳои мавлуди Исо дар соли 1529 Лейтимер маъвизаи барои ин рӯз одатиро мегуфт ва ба одамон варақаҳои мавлудиро бо оятҳо аз Навиштаҷот аз Инҷили боби панҷум, шашум ва ҳафтуми Матто тақсим намуд, ки дар забони англисӣ навишта шуда буданд. Ӯ ба онҳо гуфт, ки онҳо бояд мувофиқи ин оятҳои Навиштаҷот, на танҳо дар рӯзи Мавлуд, балки ҳар рӯз зиндагӣ кунанд. Ҳақиқат бояд дар дилҳои онҳо бошад, на дар маросимҳо, ки бо онҳо ба Худо хизмат мекарданд. Чунин амал намуда, вай оромона тамоми маросимҳои вуҷуддоштаро, ки ба Каломи муқаддаси Худо ва нону шароб ҷалол намеоварданд, сарнагун кард.

Дар рӯзи якшанбе, пеш аз иди мавлуди Масеҳ ҷаноб Лейтимер ба калисо даромад ва вақте ки ба минбар наздик мешуд, ба зангӯлаҳо занг зад, баъд аз ин ҳамаи одамони дар он ҷо бударо ба Худованд аз самими қалб ва муҳаббати ҳақиқӣ хизмат кардан моил менамуд ва даъват мекард. Зеро ба Худованд, мефаҳмонд ӯ, бояд бо қалбҳои соф ва дар ҳақиқат парастиш ва хизмат кунанд. Масеҳияти ҳақиқӣ дар ин аст, ки на дар корҳои берунии шариат, на дар намоишҳои дабдабаноки анъанаҳои одамӣ, индулгенсияҳо, зиёратҳо, маросимҳо, савгандҳо, назрҳо (обет), корҳои ихтиёрӣ, қурбониҳо, саховатмандӣ ё ҳокимияти

олии папа мебошад – ҳамаи ин бефоида аст, ё арзиши камтаринро дорад.

Барои тафсир намудан вақти зиёд лозим аст, ки баъд аз маъвизаи ӯ дар Кембриҷ нисбати ӯ то чӣ андоза диққат ҷалб шуда буд, аммо, дере нагузашта баъзе аз роҳибон ва сарварони коллеҷ ба сахт танқид кардани Лейтимер оғоз намуданд. Аввалин шуда Букенгам, сарвари роҳибони сиёҳпӯш баромад намуд ва иброз дошт, ки дар забони англисӣ доштани Навиштаҷот мувофиқи мақсад нест, зеро ҷоҳилон дар хатар буда метавонанд ва хизмати худро мепартоянд, ё дигар ҳолатҳои ногуворро ба вуҷуд меоранд. Масалан, фермер, ки ин оят: «Касе ки дасташро болои амоч монда бошад ва ба ақиб нигоҳ кунад, ба Малакути Худо лоиқ нест» (Луқо 9:62)- ро дар Инҷил шунида, метавонад кори худро бас кунад; нонпаз, вақте мешунавад, ки андак хамиртуруш тамоми хамирро метурушонад (Ғалотиён 5:9), «мумкин, эҳтимол нони худро бе хамиртуруш тайёр кунем, он гоҳ он ба бадани мо намедарояд». Инчунин одами оддӣ, вақте оятро аз Инҷил мешунавад, ки: «Агар чашмат туро ба васваса андозад, онро канда аз худ дур андоз» (Матто 18:9), метавонад худро кӯр кунад ва бо ин қатори бенавоёнро зиёд гардонад. Вақте ки Лейтимер гуфтаҳои доктор Букенгамро шунид, вай ба калисо омад, то ки ба роҳиб ҷавоб гардонад ва тӯдаи зиёди одамон аз шаҳр ва донишгоҳ, ки дар байни онҳо докторон ва хатмкунандагони донишгоҳ буданд, омаданд, то ки вайро гӯш кунанд. Букенгам, ки ба ҷомаи сиёҳи роҳибӣ, ки ба китфонаш партофта шуда буданд, пӯшида шуда буд, дар паҳлӯи Лейтимер, дар поёни минбар нишаст. Лейтимер мегуфт, Бегкенгам бошад, дар ин вақт ҷомаи худро сахттар мепечонд, зеро Лейтимер далелҳои ӯро бо чунин қувва ва мантиқи илмӣ шикаст дод, ки ӯ дигар ягон вақт аз нав ҷуръат наменамуд, ки бар зидди вай аз минбар баромад кунад.

Дертар як роҳиби хокистаррангпӯш ва доктор бо номи Венетус инчунин дашном медод ва бар зидди ҷаноби Лейтимер

ба хашм меомад ва ӯро девона ва одами бемайна номид ва ба одамон мегуфт, ки ба ӯ бовар накунанд. Лейтимер аз нав ба минбар баромад, то ки ба ин айбдоркуниҳо ҷавоб гардонад ва ба монанди Букенгам ҳамин гуна натиҷа буд. Ҳақиқатан, вай то он андоза доктор Венетусро хиҷил намуд, ки одамон дигар ба ягон айбдоркуниҳои вай бовар намекарданд ва ӯ донишгоҳро тарк намуд.

Дар донишгоҳ бар зидди Лейтимер роҳибон ва докторон бархостанд, ки бар зидди вай маъвиза мекарданд ва ӯро танқид мекарданд. Доктор Вест, усқуф Айл, бар зидди вай дар аббатии Барвелл маъвиза кард ва ба ӯ дар калисоҳои донишгоҳи Кембриҷ маъвиза карданро манъ намуд. Бо вуҷуди ин Худованд нисбати ӯ ғамхорӣ менамуд. Доктор Барнес, роҳбари роҳибони августинӣ ба ӯ имконият дод, ки дар калисои худ маъвиза намояд. Дар тӯли се сол ҷаноб Лейтимер ошкоро бар ҳифзи кори Масеҳ баромад карданро идома медод ва инро чунон эътимодбахш иҷро менамуд, ки ҳатто душманон маъвизаҳои ӯро гӯш карда, қудрати истеъдоди вайро ба қайд мегирифтанд. Дар ин вақт ӯ ва ҷаноби Билни вақти зиёдро бо ҳам мегузаронданд ва аз саҳроҳою қад-қади теппаҳо мегузаштанд, ки он дертар теппаи Бидъаткорон ном гирифт.

Тақрибан дар ин вақт Лейтимер ва Билни ба аёдати маҳбусон дар Тауэри Кембриҷ ё Кастл мерафтанд ва дар он ҷо бо як зан шинос шуданд, ки ӯро дар куштори фарзанди худ айбдор менамуданд, ки вай инро ошкоро ва қатъиян инкор менамуд. Онҳо ба тафтиш намудани кори вай оғоз карданд ва ошкор намуданд, ки шавҳараш ӯро дӯст намедошт ва имконияти аз вай халос шуданро меҷуст. Кӯдаки онҳо қариб дар тӯли як сол ба касалии сил гирифтор буд ва дар вақти дарав, вақте ки шавҳари ин зан дар кор буд, кӯдак вафот кард. Ӯ ба сари ҳамсояҳо рафт, то ки онҳо барои дафн намудани кӯдак ёрӣ диҳанд, вале ҳамаи онҳо барои ҷамъ намудани ҳосил рафта буданд, бинобар ин ӯ бо дили пурғам маҷбур буд, ки худаш кӯдакро дафн кунад. Вақте

ки шавҳараш ба хона баргашт, ӯро дар куштори кӯдак айбдор намуд. Ин мушкилии вай буд ва ҷаноби Лейтимер баъд аз эҳтиёкорона ҷамъ кардани маълумот дар бобати ин кор ва дар хусуси вай бовар намуд, ки ӯ гунаҳкор нест. Дере нагузашта, ӯро ба пеши шоҳ Генрихи VIII, ба Виндзор барои маъвиза кардан даъват намуданд. Баъд аз маъвиза шоҳ аз паси вай фиристод ва бо ӯ ҳамчун бо дӯст сӯҳбат мекард. Аз чунин имконият истифода намуда, ҷаноби Лейтимер ба зону афтоду дар хусуси кори ин зан ба шоҳ маълумот дод ва хоҳиш намуд, ки ӯро авф кунад. Шоҳ олиҳимматона авф кард ва коғазҳои даркориро имзо намуда, онҳоро ба Лейтимер дод.

Ин рафтори неки Лейтимер ва инчунин дигар ба инҳо монанд аз тарафи душманони вай нафрати боз ҳам зиёдтарро ба вуҷуд меовард. Дере нагузашта, ба ӯ фармуданд, ки ба назди кардинал Уолси оид ба масъалаи бидъат ҳозир шавад, лекин бо вуҷуди он, ки вай ақидаи бартарии шоҳро бар калисо дастгирӣ менамуд, бар зидди папа баромад мекард, пас, ҳусни таваҷҷӯҳи Томас Кромвел, графи Эссексро, ки дертар, дар соли 1534 лоиҳаи қонунро, ки подшоҳро роҳбари калисои вуҷуддошта тасдиқ менамуд пешниҳод кард ва инчунин ҳусни таваҷҷӯҳи доктор Батс, духтури шоҳро пайдо намуд. Ба туфайли кӯмаки онҳо Лейтимер аз чанголи кардинал раҳо ёфт ва кашиши маҳаллӣ дар епархияи Сарум дар Кингстони Ғарбӣ дар Уолтшир таъин гардид.

Дар ин ҷо вай бар зидди аъроф, бегуноҳии Марияи бокира ва саҷда ба суратҳо чунон сахт маъвиза мекард, ки ба ӯ фармон дода шуд, ки 29 январи соли 1531 ба назди Уилям Ворхам, усқуфи аъзам Кентерберийский ва Ҷон Стокесл, усқуфи Лондон ҳозир шавад. Дар Лондон ӯ ба нохушиҳо дучор омад ва маҷбур шуд, ки ба назди усқуфон се маротиба дар як ҳафта дар тӯли якчанд ҳафта ҳозир шавад. Тамоми ин вақт вай наметавонист, дар епархияи худ ӯҳдадориҳоро иҷро намояд. Ниҳоят, вай ба усқуфи аъзам мактуб навишт, ки дар он хабар медод, ки аз

сабаби баъзе вазъиятҳо ӯ наметавонад ба назди онҳо ҳозир шавад, вақте ки онҳо аз ӯ талаб мекунанд ва онҳоро дар он мазаммат намуд, ки ӯро аз иҷрои вазифаҳояш бе ягон сабаб нигоҳ медоранд ва танҳо ба он хотир, ки вай ҳақиқатро маъвиза мекард ва бар зидди сӯиистеъмоли дар калисо ба вуҷудомада баромад мекард.

Ба ҳар ҳол усқуф аз ӯ талаб намуд, ки бо баъзе догматҳое, ки гузаронидани маросимҳои алоҳидаро дар калисо дар назар дорад, розӣ шавад. Мо барои бовар кардан асос дорем, ки баъд аз чанд ҳафтаи пурсупос вай бо ин розӣ шуд, зеро аз ин вақт сар карда дар калисои худ баъзе маросимҳоро мегузаронд, ки онҳо дар ҳақиқат ба догматҳои муҳими дин дахл надоштанд. Илова бар ин, мо гуфта метавонем, ки он маросимҳое, ки вай аз иҷрои он даст кашида натавонист, вале чунин меҳисобид, ки онҳоро аз ҳурофот пок намудан лозим аст, ӯ чунон такмил дод, то ки онҳо ба рамаи вай ягон зарар расонда натавонанд. Мисол, ӯ ба хизматгузорони худ фармон дод, ки баъзе ибораҳои алоҳидаро ба забон оранд, вақте ки онҳо оби муқаддасро ҳангоми таъмид медоданд ё вақте ки онҳо нону шаробро ба халқ тақсим мекарданд.

Суханоне ки ҳангоми додани оби Муқаддас талаффуз мешуданд:

Ваъдаеро ки ҳангоми таъмид додаӣ дар хотир дор;
Марҳамати Масеҳ ва Хуни рехтаро,
Ки тавассути Он пошида мешавад
Ва озодшавӣ аз тамоми гуноҳҳои ту.

Суханоне, ки ҳангоми додани Нони Муқаддас талаффуз мешаванд:

Ин нишонаи бадани Масеҳ аст,
Ки дар Салиб барои ганоҳҳои ту шикаста шуданд.
Агар ту шарики марги Масеҳ будан хоҳӣ,
Бояд тамоми гуноҳҳои худро тарк намоӣ.

Фикр кардан мумкин аст, ки агар доктор Лейтимер вақти кофӣ медошт, ӯ тағйиротҳои зиёдеро ба вуҷуд меовард, зеро медонист, ки пошидани оби муқаддас ва чашидани нону шароб дар он сурате, он вақт амалӣ мегашт, аз Навиштаҷот асос намегирифтанд, балки дар асл маросимҳои халқӣ мебошанд, ки ба ҳақиқат ва фаҳмиши Навиштаҷот мухолифат мекунанд, ки гузаронидани онҳо даъват намудани қуввахои нопок ва ҷодугарӣ буд.

Доктор Лейтимер ин дафъа аз усқуфон дар натиҷаи илтифот ва қудрати шоҳ Генрихи VIII раҳо ёфт, ки дар ҳузури вай пайваста маъвиза менамуд ва ба ӯ баъзе ақидаҳои вай ва оятҳои аз Навиштаҷот иқтибос овардашуда асар карда буданд. Ба ғайр аз ин, ба туфайли кӯшиши доктор Бутс ва лорд Кромвел, шоҳ Генрих Лейтимерро усқуфи Ворчестер таъин намуд, ки ӯ дар он ҷо дар давоми якчанд сол чӣ аз минбар, инчунин бо ҳаёти худ таълим медод.

Дар соли 1539, шоҳ Генрихи VIII, ки ҳамин тавр таълимотҳои протестантиро қабул накард, «Шаш моддаи қонун»-ро тасдиқ намуд, усқуфи аъзам Кранмер бошад, ҳангоми муҳокимаи он дар палатаи лордҳо ба муқобили тасдиқи онҳо сахт баромад мекард. Қабули ин қонун барои усқуф Стефан Гардинер пирӯзӣ буд, ки мехост догматҳои асосии дини католикии румиро дар калисои Англия нигоҳ дорад ва инчунин барои усқуфони кӯҳнапараст, ки онҳо ақидаҳои анъанавии католикии румиро меписандиданд. Дар ҳамин вақт ин шикасти усқуфи аъзам Кранмер ва Томас Кромвел буд, ки онҳо фикрҳои Ислоҳотиро дастгирӣ менамуданд ва аз таълимотҳои папа ва маросимҳои калисо халос шудан мехостанд.

«Шаш моддаи қонун» таълимотҳои католикии румиро оид ба тақассум ҳангоми чашидани нону шароб, безании кашишҳо, дар бобати савганди покдоманӣ ва бакорат, гузаронидани намози пешини шахсӣ, рози дил гуфтан ба кашиш, дар бораи бефоида будани чашидани нону шароб аз тарафи халқ дастгирӣ менамуд. Халқ ин қонунро «Офати шашкунча» номид.

«*Шаш моддаи қонун*»

1. *Бо ин тасдиқ мегардад, ки нону шароби муборак ба шарофати қувва ва амали каломи тавонои Худо (ки кашиш талаффуз мекунад) аз худ дар шакли нону шароб бадани аслӣ ва хуни аслии Наҷотдиҳандаи мо Исои Масеҳро, ки аз Марями бокира таваллуд шудааст, нишон медиҳад; ва баъд аз тақдискунӣ дар худ дигар на нон ва на шароб, на дигар хел моддаҳоро надорад, балки дар худ Масеҳ – Худо ва одамро дорад.*
2. *Барои халқ зарурате нест, ки ҳар ду қисмҳои таркибии чашидани нону шаробро қабул кунанд.*
3. *Онҳое, ки унвони кашишро гирифтаанд, ба зан гирифтан ҳуқуқ надоранд.*
4. *Дар мардон ва занон назри роҳибӣ оид ба бакорат ё безанӣ нигоҳ дошта шавад ва риоя гардад.*
5. *Намози пешини шахсӣ маъқул дониста мешавад.*
6. *Ба таври даҳонакӣ гуфтани рози дил ба кашиш зарур ва матлуб мебошад, ки бо ҳар роҳ дастгирӣ кардан лозим аст.*

Ҳама чизи дар боло пешниҳодшуда, ба ғайр аз моддаи охирин, бо Каломи Худо тасдиқ мегардад.

Ба ҳамаи онҳое, ки ба ин шаш моддаи қонун итоат намекунанд, ҷазои қатъӣ пешбинӣ шудааст:

Моддаи 1. Ҳар инсоне, ки бар хилофи чашидани нону шароби муборак баромад мекунад ё онро таҳқир мекунад, дар бидъаткорӣ айбдор дониста мешавад ва ба ҷазои сӯзондан маҳкум мегардад, тамоми моликияти ӯ ва замини ӯ мусодира мегардад.

Моддаи 2-6. Ҳар инсоне, ки маъвиза мекунад, таълим медиҳад ё ошкоро ба ақидаҳои ба моддаҳои аз дуюм ва шашум хилоф тарафдор мебошад, ба марги пуразоб, маҳкум мегардад ва бо калисо лаънат карда мешавад. Барои қонунвайронкунии аввал, ки аз дастгирии ақидаи мухолиф иборат аст, ҷазо дар сурати дар маҳбас маҳкам кардан ва мусодираи тамоми моликият мешавад; барои қонунвайронкунии дуюм ҷазо марг мешавад. Онҳое, ки беэътиноӣ мекунанд ё якравона аз рози дил гуфтан сарпечӣ мекунанд ё аз қабул кардани нону шароби муборак дар вақти муқаррарӣ худдорӣ мекунанд, дар зиндон маҳкам карда мешаванд ва аз онҳо ҷарима ситонида мешавад; барои қонунвайронкунии дуюм бо марг ҷазо дода мешавад. Ҳар мард ва ё зане, ки издивоҷ мекунанд ва барқасд назри бакоратро вайрон мекунад, бо марги мудҳиш ҷазо дода хоҳанд шуд. Издивоҷи аҳли дин, ки назри бакорат ва ё безаниро вайрон кардаанд, қудрати қонуниро аз даст медиҳанд ва он рӯҳониёне, ки аз ҳамсарони худ ҷудо шудан даст мекашанд ё дар оянда издивоҷ мекунанд, ҳамчун ҷиноятқор ҳисобида мешаванд ва ба марги мудҳиш дода мешаванд».

Ба ғайр аз ин, «Шаш моддаи қонун» ба калисои Англия ихтиёр доданд, ки тамоми китобҳое, ки мазмуни онҳо ба ин қонун муқовимат мекард, нобуд кунанд, инчунин фармон дода шуд, то ки кашишҳои маҳаллӣ вақт-вақт қонунро дар калисоҳои худ

хонда диҳанд. Ин қонун дар соли 1547, вақте ки Эдварди VI шоҳ гардид, бекор карда шуд ва аз нав муваққатан дар давраи ҳукмронии Марияи I қувват гирифт.

Ҳарчанд, Генрихи VIII дар идораи калисо баъзе тағйиротҳоро ба вуҷуд овард, дере нагузашта, баъд аз он, ки худро роҳбари олии калисои Англия эълон намуд, ӯ аз ба амал овардани ҳар тағйиротҳо дар таълимотҳои он даст кашид. Пеш аз талоқдиҳии худ ба Катерина Арагонская вай бар зидди таълимоти Мартин Лютер баромад кард ва ба шарофати он ба папа писанд афтод ва аз ӯ унвони «Ҳимоячии дин»-ро гирифт, унвоне, ки то ҳол подшоҳони Англия доранд. Акнун, баъд аз ҷудо шудан аз Рум, Генрих бо хашми якхела ба таъқиб кардани католиконе, ки ба ҳокимияти Рум вафодор мемонданд ва протестантоне, ки таълимотҳои ӯро рад намудаанд, давом медод.

Вақте ки «Шаш моддаи қонун» тасдиқ гардид, доктор Лейтимер ва дигарон, ки дар байни онҳо Шакстон, усқуф Салисбергский буд, сарулибоси католикии румии худро кашиданд ва аз унвони усқуфӣ даст кашиданд. Лейтимер ба Лондон раҳсипор шуд, то аз ҷароҳатҳои дар вақти афтидани дарахт ба болояш, ки қариб ӯро мекушт, гирифта буд, табобат гирад. Дар он ҷо қарор дошта, ӯ маъвиза карданро давом медод ва дере нагузашта, мувофиқи қонун дар бораи «Шаш моддаи қонун» ба ҳабс гирифта шуд ва дар Тауэри Лондон маҳкам карда шуд.

Лейтимер дар маҳбас, дар Тауэр ҳашт сол, то ба сари тахт нишастани шоҳ Эдварди VI дар соли 1547 қарор дошт. Вақте ки ӯ озод карда шуд, ба кори Худованд ба Стамфорд ва ба дигар ҷойҳои зиёд баргашт ва ҳар якшанбе ду маротиба ва инчунин дар рӯзҳои муқаррарӣ низ маъвиза мекард. Ӯ шасту ду сола буд, вақте ки Эдвард шоҳ шуд ва ӯ ҳамон тавр аз ҷароҳатҳое, ки бо сабаби ба болои ӯ афтодани дарахт ба вуҷуд омадаанд, азоб мекашид, вале вай барои паҳн намудани Инҷил бо ҳамон гуна қуввае, ки одами ҷавон дорад, кор мекард. Ҳар субҳи

зимистон ё тобистон тақрибан соатҳои дуи шаб бедор мешуд ва вақти зиёдро дар омӯхтани Китоби Муқаддас ва китобҳое, ки ислоҳотчиён навиштаанд, мегузаронд. Кушоиш гирифта ё ба туфайли фаҳмиши худи ӯ аз тағйиротҳои оянда дар ҳокимияти Англия вай пайваста мегуфт, ки маъвизаи Инҷили ҳақиқии Масеҳ боиси аз даст додани ҳаёташ мегардад ва ӯ худро ба ин лаҳза омода месохт.

Дере нагузашта баъд аз вафоти шоҳ Эдвард дар соли 1553 Лейтимер дар синни шасту ҳаштсолагӣ фармон гирифт, ки ба шӯрои усқуфон дар Лондон ҳозир шавад. Дар қади роҳ ӯ аз Смисфилд мегузашт ва дар он ҷо шӯхиомез қайд намуд, ки Смисфилд дар ҳаққи ӯ ҳар замон оҳ мекашид. Вақте ки ба шӯро ҳозир шуд, аз тарафи усқуфони папа масхара гардид ва ба Тауэри Лондон фиристода шуд. Дар он ҷо вай як солро паси сар намуд ва қариб ки дар зимистон аз хунукӣ мемурд ва пайваста ба таҳқир ва муносибатҳои бераҳмона аз ҷониби тарафдорони папа, ки фикр мекарданд, ки салтанати онҳо ҳеҷ гоҳ ба охир намерасад, дучор мегардид. Аз ҳамаи ин чизҳо гузашта, Лейтимер пуртоқат ва бардам буд ва муносибатҳои бераҳмонаро нисбати худ бо қувваи файзи Худованд паси сар менамуд.

Дар моҳи марти соли 1554 Лейтимер бо ҳамроҳии усқуфон Ридли ва Кранмер барои гузаронидани музокираҳо оид ба масъалаи айбдоркуние, ки Стефан Гардинер бар зидди онҳо мекард, усқуфи Винчестер ба Оксфорд фиристода шуд. Ин худи ҳамин Стефан Гардинер мебошад, ки як вақтҳо дар Тринит Холл, дар Кембриҷ муаллим буд ва дертар котиби кардинал Уолси ва ба Генрих барои аз Катерина Арагонская ҷудо шудан кӯмак намудааст. Дар аввал ӯ усқуфи Винчестер аз тарафи шоҳ Генрихи VIII таъин гардид, дар соли 1535 кори илмиро «Дар бораи итоаткории ҳақиқӣ» навишт, ки дар он ҳокимияти олии подшоҳонро бар калисои Англия ҳимоя менамуд. Яқинан, ӯ муаллифи «Шаш моддаи қонун»-и шоҳ Генрих буд. Вақте

ки Эдварди VI шоҳ шуд, Гардинер аз унвони мушовири шоҳ ва инчунин рутбаи усқуфӣ маҳрум гардид ва ба маҳбасхона маҳкам карда шуд. Бо ба сари тахт омадани Марияи I Гардинер аз нав усқуфи Винчестер шуд ва лорд-канслер таъин шуд. Ӯ аз ақидаҳои худ дар бобати роҳбарии подшоҳон даст кашид ва аз нав бо тантана дар бораи ҳокимияти олии папа бар калисои Англия баён намуд.

Дар Оксфорд Лейтимер бо ҳамроҳии дӯстони маҳбуси худ айбдор шуда буд ва аз нав ба зиндон фиристода шуд, ки дар он ҷо аз моҳи апрел то моҳи октябр истод. Тамоми ин вақтро маҳбусон дар сӯҳбати порсоёна, дуоҳои гарму ҷӯшон ва корҳои пурсамари хаттӣ мегузаронданд. Лейтимер аз ҳолати нотавони ҷисмонӣ аз ҳама камтар менавишт, аммо вақти зиёдро дар дуо мегузаронд. Баъзан дар зону он қадар дер меистод, ки аллакай бе мадади шахси дигар хеста наметавонист. Дар дуо ӯ хоҳиш менамуд:

1. *То ки Худо, ки ӯро барои маъвиза намудани Инҷил интихоб намудааст, ба ӯ файзи Худро диҳад, то ки вай то вақте ки ҷони худро барои ин надиҳад, содиқ бимонад.*
2. *То ки Худо бо марҳамати Худ аз нав Инҷили Худро дар Англия барқарор намояд.*
3. *То ки Худо малика Елизаветаро нигоҳ дорад ва ӯро маликаи Англия кунад, то ки салтанати андӯҳгини Худро тасаллӣ диҳад.*

Лейтимер ба дуои аввали худ ҷавоб гирифт, вақте ки вай дар рӯ ба рӯи марг берун аз Богард дар Оксфорд ба озмоишҳо истодагарӣ намуд; вақте ки ситамгарони вай барои ӯ гулханро дармегиронданд, ӯ чашмонашро ба осмон бардошту гуфт: «Худо бовафо аст ва Ӯ намегузорад, ки аз қувва зиёд озмуда шавем». Ҷавоб ба ду дуои охирини вай 17 ноябри соли 1558 омад,

вақте ки малика Марияи I вафот кард ва ҳукмронии малика Елизаветаи I оғоз гардид.

Сӯзондани Николас Ридли ва Хю Лейтимер

Бегоҳӣ пеш аз қатли Ридли ва Лейтимер, 16 октябри соли 1555 доктор Ридли ба хонум Айриш, ҳамсари соҳибхона, ки ба онҳо хӯроки шом оварду, гиря карда ба онҳо хизмат мекард, муроҷиат намуда гуфт: «Гарчанде наҳории ман дар субҳ каме тез ва дарднок мешавад, ман боварӣ дорам, ки хӯроки шом аз ҳама хушмазза ва лазиз хоҳад шуд».

Ҷои қатл дар қисми шимолии Оксфорд, дар рӯ ба рӯи коллеҷи Балиолский буд. Доктор Ридли либоси бо мӯинаи сиёҳ ороддодашударо дар бар дошт, ки онро дар вақти усқуф буданаш мепӯшид, гарданпечи бахмалӣ, ки бо мӯина дар гирди гардан оро додашудааст, дар сар кулоҳчаи бахмалини шабхобравак ва аз болои он берети чоркунҷа пӯшонда шудааст, дар пойҳояш бошад, шиппакҳо буданд. Ҷаноби Лейтимер либоси (фрак) дурушти пӯшидашудаи пашминро дар бар дошт, кӯлоҳ бо гиреҳбанд ва рӯймолча дар сар ва инчунин китфпӯшаки нави дароз, ки пойҳои дар ҷӯроби дароз пӯшидашударо то буҷулаки пой пинҳон менамуд. Намуди онҳо қалбҳои аксариятро ба ҳаяҷон оварданд, ки аз он фикр мекарданд, ки онҳо дар ҳаёти худ чӣ гуна обрӯ доштанд ва ба чӣ гуна харобиҳои золимона дучор гардиданд.

Вақте ки онҳо аз Бокардо мегузаштанд, доктор Ридли ба тирезаҳои хонаҳо нигоҳ мекард, ки дар он ҷо усқуфи аъзам Кентерберийский Томас Кранмер қарор дошт ва умед дошт, ки ӯро бубинад, лекин дар ин вақт Кранмер бо сӯҳбат бо подшоҳ Сото ва дигарон банд буд ва наметавонист онҳоро бинад. Ба қафо нигоҳ карда Ридли Лейтимерро дид ва гуфт: «Оҳ, ту дар ҳамин ҷои». Ба ин Лейтимер ҷавоб дод: «Бале, ман аз паси ту чӣ қадар ки метавонам, ҳамон қадар тезтар меравам». Доктор

Ридли ҳар ду дастонашро ба ӯ дароз намуд ва баъд дид, ки то чӣ андоза Лейтимер бардам аст, ба назди вай шитофт, ба оғӯш гирифта бӯсид ва гуфт: «Далер бош, бародар, зеро Худованд оташро ё камдард мегардонад ё ба мо қувват медиҳад, ки ҳамаи инро паси сар намоем». Бо ин суханон Ридли ба назди сутун наздик омад, дар назди он ба зону нишаст, онро бӯсид ва гарму ҷӯшон дуо кард. Дар паси вай ҷаноби Лейтимер инчунин ба зону нишаст ва дуо гуфта, Худоро барои ҳар ду даъват намуд. Баъд доктор Смис бар зидди онҳо кӯтоҳ маъвиза намуд ва аз ҳавворӣ Павлус иқтибос овард – «агар ... бадани худро ба сӯзондан диҳам, вале муҳаббат надошта бошам, аз он ба ман ҳеҷ манфиате нест», ва онҳоро розӣ мекунонд, ки тавба кунанд ва ба хона ба калисои Рум баргарданд, то ки бо ҳамин тарз ҳаёти худ ва ҷони худро наҷот диҳанд.

Доктор Ридли аз ҷаноби Лейтимер пурсид: «Ба маъвизаи ӯ аввал ту ҷавоб мегӯӣ ё ман?» Лейтимер ҷавод дод: «Ту аввал ҷавоб деҳ, ман барои ту дуо мекунам». «Хуб», – гуфт Ридли. Вақте ки маъвиза ба охир расид, онҳо ҳар ду дар пеши лорд Уилям Темзский, ки Ридли ба ӯ сухан гуфт, сар хам карданд: «Ман аз ту хоҷаам, баҳри Масеҳ тавалло мекунам, ба ман иҷозат деҳ, ки лоақал ду ё се сухан гӯям». Лорд Уилям аз мир ва ноиб-канслер пурсид, ки оё онҳо ба Ридли барои гап задан иҷозат медиҳанд, вале иҷрокунандагони мурофиа ва ноиб-канслер доктор Маршалл ба назди Ридли шитофтанд ва бо дастони худ даҳони ӯро маҳкам карда гуфтанд: «Ҷаноби Ридли, агар ту ақидаҳои пурғалати худро рад намоӣ ва тавба кунӣ, на танҳо озодии сухан гуфтанро пайдо мекунӣ, балки ҳаёти худро ҳам наҷот медиҳӣ». «Агар не?»- пурсид Ридли. «Он гоҳ не»,- ҷавоб дод Маршалл. «Хуб, – гуфт Ридли, – то вақте, ки дар бадани ман нафас ҳаст, ман аз Худованд Масеҳи худ ва аз ҳақиқати Ӯ даст намекашам. Бигзор дар ман иродаи Худо ба амал ояд».

Ба онҳо фармон доданд, ки тайёр шаванд. Доктор Ридли қариб ҳамаи либосҳояшро кашид ва ба дӯстони худ дар тӯдаи

одамон, ки барои дидани онҳо омаданд, тақсим кард. Ҷаноби Лейтимер ягон чизи қимматбаҳое, ки додан мумкин буд, надошта, хоҳиш намуд, ки барои кашидани ҷӯроби вай ёрдам кунанд ва танҳо дар либоси таг монд. Аҷиб, ҳарчанд бо либос вай одами кӯҳансол ва нотавон менамуд, акнун рост ва хушқаду қомат меистод, боэҳтиром ва нотарс, дар назар дилписанд менамуд, ки падари тақводор дар асл ҳамин тавр бояд бошад.

Ридли дасти росташро бардошта гуфт: «О, Падари осмонӣ, ман аз самими қалб аз Ту миннатдорам, ки Ту маро барои ошкоро эътироф кардани Сегонагии Ту, ҳатто то дами марг даъват намудӣ. Ман аз Ту тавалло мекунам, Худованд Худо, бар замини Англия марҳамат намо ва онро аз тамоми душманонаш раҳо кун».

Баъд ҷаллод бо занҷирҳо доктор Ридли ва ҷаноби Лейтимерро ба сутун баст. Вақте ки ӯ ҳалқаро мезад, доктор Ридли занҷирро ба даст гирифта гуфт: «Дӯстам, онро сахттар бизан, зеро бадан кӯшиш мекунад, ки раҳо ёбад». Баъд бародари ӯ халтачаро оварда, то ки ба гарданаш банданд. Ридли пурсид, ки ин чӣ аст ва вай ҷавоб дод: «Борут». «Пас,- гуфт Ридли, – ман онро мегирам, то ки ба назди Худо равам; ман онро чун аз Худо мегирам». Баъд пурсид, ки барои бародари ӯ ҳам чунин халтача ҳаст ва ҷаноби Лейтимерро дар назар дошт. Ӯ тасдиққкунон ҷавоб дод ва Ридли гуфт: «Пас, зуд ба ӯ ҳам бидеҳ, то ки дер нашавад». Бародари ӯ халтачаи борутро ба гардани Лейтимер низ баст.

Дар гирди онҳо ҳезуми хушк монданд ва алангаро даргиронданд, аммо як ғӯлаи сӯхтаистодаро дар назди пойи Ридли гузоштанд. Вақте ки Лейтимер инро дид, ӯ гуфт: «Бардам шав, Ридли ва мард бош. Зеро дар ин рӯз, бо файзи Худо, гулхан дар Англия шамъро афрӯхт, ки он, ман бовар дорам, ҳеҷ гоҳ хомӯш карда нахоҳад шуд».

Вақте Ридли дид, ки аланга ба сӯи вай наздик мешавад, вай бо овози баланди бисёр форам хитоб намуд: «Худовандо,

Худовандо, ҷони маро қабул кун!» Аз тарафи дигари сутун Лейтимер инчунин сахт фарёд мекард: «О, Падари осмонӣ, ҷони маро қабул кун!» Баъд ӯ дастонашро бар рӯяш ҳаракат медод, гӯё ки дар оташ дастурӯй мешуста бошад ва дере нагузашта ҷон дод, эҳтимол каме дардро ҳис мекард ё тамоман бе дард.

Дар хусуси Ридли бошад, пас оташ дар назди ӯ бо қувваи камтар месӯхт. Шохаҳо ва ҳезумро аз болои шохчаҳои хушк гузоштанд, ки онҳоро барои даргирондан истифода бурданд ва аланга онҳоро фурӯ бурд, вале ҳезум ва шохашои аз боло мондашударо фаро гирифта натавонист. Вақте доктор Ридли ҳис намуд, ки оташ қисми поёнии баданро фаро гирифт, вай бо номи Масеҳ хоҳиш намуд, ки онҳо барои ба боло бардошта шудани аланга ва фаро гирифта шудани тамоми бадан кӯмак кунанд. Домоди вай суханонашро нодуруст фаҳмид ва кӯшиш намуд, ки дарди ӯро сабуктар кунад, миқдори боз ҳам зиёди шохаҳоро гузошт ва бо вай онро пурра пӯшонид. Аз боиси ин, оташ танҳо дар поён месӯхт ва қисми поёнии баданро сӯзонд ва танҳо баъд қисми болоиро фаро гирифт. Ин ба он оварда, ки Ридли мунтазам тавалло мекард, то ба оташ кӯмак кунанд, ки тамоми баданашро фаро гирад ва мегуфт: «Ман сӯхта наметавонам». Ин дар ҳақиқат ҳамин тавр буд, гарчанде пойҳо аллакай сӯхта сиёҳ шуданд, он қисми баданро, ки одамон медиданд, нарасида буд ва ҳатто курта ҳам насӯхт. Лекин, дар рафти шиканҷа ҳам ӯ ба Худо муроҷиат карданро фаромӯш намекард ва мегуфт: «Худовандо, ба ман марҳамат кун», баъзан бо вуҷуди ин фарёд мезад: «Ба баланд шудани оташ кӯмак кунед, ман сӯхта наметавонам». Ӯ он қадар азоби ҷонканӣ мекашид, то вақте ки яке аз гвардиячиён нафаҳмид, ки чӣ рӯй дода истодааст ва бо чангаки охири табарзин як қисми шохаҳоро дур накард. Вақте Ридли дид, ки аланга баланд шуд, хам шудан гирифт, то ки ба аланга наздик шавад, то даме, ки он ба халтачаи борут дар гарданаш нарасид. Вақте ки борут таркид, вай аллакай дигар намеҷунбид.

Садҳо назораткунандагон то гиря мутаассир шуданд, ки онҳо ба он шоҳид буданд, зеро дар он ҷо ягон инсоне набуд, ки пурра аз одамгарӣ ва дилсӯзӣ маҳрум гашта бошад, ва бо дидани он, ки чӣ тавр оташ дар бадани онҳо шиддат мегирифт, ғамгин нашуда бошад, махсусан аз ҷонкание, ки Ридлии бечора аз сар гузаронд.

Инак, онҳо фавтидаанд ва ҷаҳон онҳоро барои кори онҳо мукофот дод. Вале мукофотеро, ки онҳо дар осмон гирифтанд, дар рӯзи ҷалоли Худованд эълон мегардад, вақте ки Ӯ бо муқаддасони Худ меояд.

16.
Марги пуразоби усқуфи аъзам Кранмер (1556 с.)

Томас Кранмер яке аз симоҳои асосӣ дар Ислоҳоти англисӣ буд. Ӯ 2 июли соли 1489 дар Арселекшен, дар Ноттингемшир ба дунё омадааст. Дар айёми бачагӣ маълумоти ибтидоӣ гирифтааст. Баъд дар донишгоҳи Кембриҷ таҳсил намуд, ки дар он ҷо соли 1523 ҳамчун кашиш даст гузошта шуд ва ба сарпарастии вай ҷамоатро дар Коллеҷи Исо супориданд. Ӯ издивоҷ намуд ва дар натиҷа ҷамоати худро аз даст дод, Коллеҷи Исоро тарк намуд ва дар коллеҷи Бакингем муаллим шуд. Ӯ барои ҳамсари ҷавонаш ҳуҷраро дар меҳмонхонаи на он қадар дур бо номи «Долфин» қарор дошта, иҷора гирифт, ки соҳибхоназани он хеши вай буд ва аз сабаби он, ки зуд-зуд ӯро хабар мегирифт, баъзе савдогарони папа овозаеро паҳн карданд, ки ӯ дар меҳмонхона кор мекунад ва ба аспҳо нигоҳбонӣ мекунад. Дере нагузашта ҳамсараш ҳангоми таваллуд кардан мефавтад ва Кранмер ба Коллеҷи Исо баргашт, ки дар он ҷо ба ӯ аз нав ҷамоатро супориданд.

Баъд аз чанд сол Кранмер профессори илми илоҳиёт дар Коллеҷи Исо шуд ва ӯро яке аз роҳбарони мактабӣ барои қабул кардани имтиҳонот аз номзадони бакалавр ё доктори фиқҳ таъин намуданд. Кранмер ба дараҷаи ихтисоси номзадон баҳо медод ва месанҷид, ки то чӣ андоза онҳо Навиштаҷотро хуб медонанд, на ин ки дониши онҳо дар бораи падарони калисо чӣ гунаанд, аз ин рӯ кашишҳо ва роҳибони зиёди папа, ки Китоби Муқаддасро намеомӯхтанд, рад карда шуданд, дар замоне, ки дигарон тасдиқ шуда буданд, зеро Навиштаҷотро меомӯхтанд ва медонистанд, ки ин роҳи ягона аст, то ки ба Кранмер имтиҳон супоранд. Дар натиҷа бисёриҳо ӯро барои пайравии боисрор нисбат ба Навиштаҷот бад медиданд ва инчунин аз бисёр касон миннатдорӣ мегирифт, ки онҳоро ба омӯхтани Каломи Худо маҷбур сохт.

Тобистони соли 1529 дар Кембриҷ бемории тоун (чума) якбора авҷ гирифт [эҳтимол ин тоуни хиёрак (бубонная чума) буд]. Кранмер баромада рафт ва дар хонаи ҷаноби Кеззи, падари ду донишҷӯи худ дар аббатии Уолхам қарор гирифт. Тахминан аз ҳамин вақт сар карда дар тӯли се сол дар бораи мурофиаи талоқдиҳии шоҳ Генрихи VIII бо ҳамсари худ Катерина Арагонская мубоҳисаҳо мерафтанд, ки мутафаккирони тамоми Англияро ба ҷунбиш оварда.

Пеш аз тоҷгузорӣ дар соли 1509 Генрих бо Катерина, духтари Фердинанди II ва Изабеллаи I, маликаи Испания издивоҷ намуд. То ин вақт ӯ зани бародари калонии вай Артур буд, ки дар соли 1502 вафот намуд ва Генрихро меросхӯр гардонд. Ин никоҳ қариб дар тӯли бист сол бомуваффақият буд, вале дар соли 1527 Генрих ӯро бад дид, зеро вай ба ӯ писар таваллуд накард, то ки сулолаи Тюдорҳоро давом диҳад ва инчунин бо сабаби ишқи худ нисбат ба хизматгорзан Анна Болейн буд. Барои аз ҳамсарри худ халос шудан хоҳиши дукарата пайдо намуда, Генрих худро ба он бовар кунонд, ки ӯ меросхӯр надорад, зеро никоҳи онҳо ба Худо писанд нест ва дар ояти Навиштаҷот асос мегирифт

(Ибодат 20:21): «Ва касе ки зани бародари худро бигирад ин кори зишт аст: ӯ аврати бародари худро ошкор кардааст; онҳо бефарзанд хоҳанд буд». [Дар ин оят зани бевамондаи бародар дар назар дошта нашудааст, зеро он ба шариати барқарор намудани насл мутобиқат мекард, ки мувофиқи он талаб карда мешавад, ки бародар бо ҳамсари бародари вафоткарда издивоҷ намояд, то ки исми ӯ дар Изроил нест нашавад (Такрори шариат 25:5-10). Ин шариат бо номи «шариат дар бораи фидия» маълум аст. Ин мавзӯи асосӣ дар китоби Рут (Рут 2:20; 3:2; 9-13; 4:1-11) мебошад ва ин шариатро садӯқиён, вақте ки бар зидди таълимотҳои Исо оид ба эхёшавӣ баромад мекарданд, ёдовар менамуданд (Матто 22:23-33). Ибодат 20:21 барои гирифтани зани бародаре, ки ҳанӯз дар қайди ҳаёт аст, манъ менамояд. Юҳаннои Таъмиддиҳанда аз ин шариат далел меовард, вақте ки подшоҳ Ҳиродусро барои ба зани бародараш издивоҷ кардан, маломат менамуд, зеро бародари Ҳиродус Филиппи I ҳанӯз дар қайди ҳаёт буд. (Марқӯс 6:14-17). Дар китоби Фокс фаҳмонда намешавад, ки бо кадом мақсад ин оятро истифода бурдаанд, лекин маълум аст, ки ин шариат барои манфиати шоҳ Генрих таҳриф карда шудааст ва қабул шуда буд, ки дар ин оят сухан дар бораи зани фавтидаи бародар низ меравад.]

Дар шарҳи худ ба Ибодат 20:21 асос гирифта, шоҳ Генрих ба сарвазир, кардинал Уолси фармон дод, ки аз папа декрет ба даст орад, ки мувофиқи он никоҳи ӯ бо Катерина беэътибор дониста мешавад, то ки вай аз нав издивоҷ карда тавонад. Кардинал Уолси, усқуфи аъзам Йоркский дар соли 1518 намояндаи папа дар Англия таъин шуд, бо дили нохоҳам барои муваффақият дар кори Генрих ӯҳдадориро бар дӯши худ гирифт, ки барои иҷозат ба папаи румӣ Климента VII муроҷиат намуд. Катерина ба кӯшиши бекор кардани никоҳи онҳо муқобилат намуд, ҳамчунин ҷияни ӯ Чарлзи V, императори муқаддаси Рум ва шоҳи Испания. Чуноне ки Чарлз дар ин вақт дар Италия ҳукмронӣ мекард, папа Климент натавонист хоҳиши Генрихро

қонеъ гардонад ва бо ҳамин тарз, қарорро оиди масъалаи бекор кардани никоҳро ба таъхир меандохт ва беихтиёр Ислоҳотро дар Англия наздик овард.

Дар соли 1529 дар мурофиаи бекор кардани ақди никоҳ ҳанӯз ягон хел қарор бароварда нашуда буд. Дар қаҳр бо сабаби ба таъхир андохтани ақди никоҳ Генрих кардинал Уолсро аз вазифаи лорд канслер маҳрум намуд, ки вай онро аз соли 1515 ишғол менамуд. Барои фурӯ нишондани ғазаби Генрих кӯшиш намуда, Уолси то ин вақт ба ӯ қасри Хемптонро дод ва акнун аз шоҳ хоҳиш менамуд, ки тамоми моликияти ӯро бигирад ва иҷозат диҳад, ки ба ӯ хизмати вайро ҳамчун усқуфи аъзми Йоркский гузорад. Дар соли 1530 Уолси ба ҳабс гирифта шуд ва ба Лондон бо айби сӯиқасд даъват гардид, вале дар роҳ ба он ҷо 29 ноябр, дар Лейкестер вафот кард.

Вақте ки Кранмер тобистони соли 1529 дар Уолтхам буд, бо сарнавишти Худо шоҳ Генрих Лондонро тарк намуд ва як ё ду рӯз дар Уолтхам бозистод. Бо ҳамроҳии ӯ Стефан Гардинер, котиби кардинал Уолси ва доктор Фокс буд, ки барои тақсим кардани садақа дар дарбори англисӣ ҷавобгариро бар дӯш дошт. Ҳар ду ин ашрофон, ки Генрихро дар кӯшиши ба даст овардани талоқ дастгирӣ менамуданд, дар хонаи ҷаноб Кесси қарор гирфтанд, ки Кранмер дар он ҷо ҳуҷраро ба иҷора мегирифт.

Ҳангоми хӯроки шом хӯрдан ин ду нафар, ки бо Кранмер хеле хуб шинос буданд, аз ӯ пурсиданд, ки оиди масъалаи талоқ вай чӣ фикр дорад. Кранмер ҷавоб дод, ки ба ақидаи ӯ, худи онҳо масъаларо бо кӯшиши аз калисо иҷозат гирифтан, дучанд намуданд. «Ман фикр мекунам, хеле хуб мешуд, ки агар – гуфт ӯ, – ин масъаларо аз рӯи Каломи Худо ҳал намоем, ки оё инсон метавонад, бо зани бародари худ издивоҷ кунад ё не. Дар ин ҳолат ҳам виҷдони шоҳ ором меёбад ва ҳам бо сабаби таъхири (отсрочка) қабул кардани қарор ягон хел озурдагӣ намешавад, ки сол то сол давом меёбад. Дар ин масъала танҳо як ҳақиқат ҳаст, ки дар Навиштаҷот равшан нишон дода шудааст, аз ин рӯ

ба мардони донишмандон дар донишгоҳҳо фармон додан лозим буд, ки онҳо қарорро дар ин ҷо, дар Англия қабул кунанд, на ба Рум муроҷиат намоянд. Бо ҳамин тарз, шумо аллакай кайҳо ба ҳалли ин масъала меомадед».

Ба ин ду мард ҷавоби Кранмер маъқул шуд ва онҳо ният карданд, ки ба шоҳ дар бораи ин хабар диҳанд, ки кӯшиш мекард, барои ҳалли ин масъала аз нав ба Рум муроҷиат намояд. Дар рӯзи дигар шоҳ ба Гринвич, ба шимолу шарқии Англия, дар дарёи Темза раҳсипор шуд. Шуури вай ором намеёфт ва ӯ мехост ин мурофиаи дуру дароз ва дилгиркунандаро ҳар чӣ зудтар ба анҷом расонад. Ба гирифтани кӯмак умед баста, вай ба назди худ доктор Стефан ва доктор Фоксро даъват намуд ва аз онҳо пурсид: «Ҷанобон, оиди масъалаи мо бояд чӣ тавр рафтор намоем? Рум бояд қарор қабул кунад, вале кай ин масъала ҳалли худро меёбад, танҳо Худо медонад. Ман бошам намедонам». Доктор Фокс ҷавоб дод: «Мо чунин меҳисобем, ки барои ҳал роҳи беҳтаре вуҷуд дорад, аълоҳазрат. Доктор Кранмер пешниҳод намуд, ки оиди ин масъала мо аз рӯи Каломи Худо дар донишгоҳҳои худ қарор қабул кунем ва аз нав ба Рум муроҷиат нанамоем».

«Дар куҷо аст, ин доктор Кранмер?»- пурсид шоҳ.

«Ӯ дар Уолтхам мебошад».

«Хуб, – гуфт шоҳ, – ман мехоҳам бо вай сӯҳбат кунам, бинобар ин аз паси ӯ фавран равон кунед. Фикр мекунам, ки вай ба ин масъала ҷавоб дорад. Агар ман дар бораи ин нақша ду сол пеш медонистам, ман маблағи зиёдро сарф менамудам ва аз ташвишҳо халос мешудам».

Аз паси доктор Кранмер фиристоданд, лекин вақте ки вай ба Лондон омад, он гоҳ бо Стефан ва Фокс низоъ кард, зеро, гуфт вай, онҳо ӯро ба ин масъала ҷалб намуданд, ки аз рӯи он имконияти гузаронидани тадқиқотро надошт. Бо ҳамин сабаб, аз онҳо хоҳиш намуд, ки аз номи вай дар пеши шоҳ узр пурсанд, зеро бо вай вохӯрда наметавонад. Вале ҳамаи ин

бефоида буд, зеро шоҳ бе ин ҳам, доимо онҳоро барои ҳузур надоштани Кранмер дашном медод ва оқибати узрпурсӣ ба некӣ анҷом намеёфт, бинобар ин аз Кранмер талаб намуданд, ки ба назди шоҳ ҳозир шавад ва бо вай сӯҳбат намояд.

«Ҷаноби доктор, – гуфт шоҳ, – ман аз ту хоҳиш менамоям ва азбаски ту зердасти ман ҳастӣ, ба ту фармон медиҳам, ки ҳама корҳои худро ба як сӯ гузор ва ба ман дар ҳалли масъалаам мувофиқи нақшаат, ҳар қадаре ки ин аз ҷониби ту имконпазир мегардад, кӯмак кун, то ба зудӣ қарорро ба даст оварда тавонам. Зеро ман дар ҳузури Худо ва дар ҳузури халқ эълон менамоям, ки бо малика роҳи талоқро намеҷӯям, агар дар он мӯътақид гардам, ки никоҳи мо вайрон намудани шариати Худо набуд. Зеро, ба ғайр аз ин дигар сабабе вуҷуд надорад, то ки роҳи талоқ ҷӯям. Зеро ягон вақт, ягон ҳоким аз малика дида ҳамсари хеле нозук, фармонбардор ва дӯстдошта надошт ва ман ҳеҷ гоҳ ба худам аз ӯ дида зани беҳтаринро, дар ҳама кирдор тасаввур карда наметавонистам. Агар аз сабаби ин никоҳ шубҳа пайдо намешуд, ман туро бовар мекунонам, ки ба шарофати хислатҳои вай, ҳатто насли олии ӯро ба эътибор нагирифта, ман аз истодан бо ҳамроҳии ӯ қонеъ мегаштам, агар ба ин ирода ва хоҳиши Худои Қодир мешуд».

Доктор Кранмер аз шоҳ хоҳиш намуд, ки дида баромадани ин масъаларо аз рӯи Каломи Худо ба одамони хеле бомаърифати донишгоҳҳои Оксфорд ва Кембриҷ супорад. «Суханони олиҷаноб, – гуфт шоҳ, – ман аз ин қонеъ ҳастам. Бо вуҷуди ин, ман махсусан аз ту хоҳиш менамоям, ки фикрҳои худро оиди ин масъала навишта гир».

Баъд аз рафтани шоҳ, Кранмер бе ягон таъхир ҳар он чизе ки фикр мекунад, навишт ва илова намуд, ки папа ҳуқуқи рад намудани Каломи Худоро надорад.

Навиштаи Кранмерро хонда, шоҳ аз ӯ пурсид: «Оё, дар назди усқуфи Рум ту ба ин суханҳо меистӣ?»

«Бале, бо файзи Худо, агар аълоҳазрат маро ба он ҷо фиристад».

«Хуб,- гуфт шоҳ, – ман туро ба он ҷо мефиристам ва ба ту салоҳияти вакилро медиҳам».

Ҳамин тавр, доктор Кранмер ҳал кардани ин масъаларо ба донишгоҳҳои Кембриҷ ва Оксфорд супорид ва қарор қабул карда шуд, ки никоҳи мард бо бевазани бародари фавтида аз рӯи Каломи Худо ғайриқонунӣ ҳисобида мешавад ва шоҳ Генрих ва ҳамсари ӯ бояд аз ҳам ҷудо шаванд.

Дар натиҷа, дар соли 1530 доктор Кранмер бо ҳамроҳии доктор Стокесли, гарфи Уилтширский, инчунин бо дигарон дар Рум вакил таъин карда шуд. Дар ин вақт папа Климент VII дар Бологния, дар шимоли марказии Италия қарор дошт ва дар он ҷо онҳо бо вай вохӯрданд. Климент мувофиқи вазифаи худ либоси муқаррарии бокарруфар ва шиппакҳоро ба пой пӯшида буд. Мувофиқи анъана ӯ пойи худро гузошт, то ки онҳо онро бӯсанд, вале доктор Стокесли рад намуд ва дар ҷойи худ меистод, ки ин ҳамроҳони ӯро аз худдорӣ аз чунин бутпарастӣ бардам намуд. Аммо, дар ин вақт, спаниел, ки ба доктор Стокесли тааллуқ дошт, дар назди папа истод ва вақте ки он ангушти калони папаро дид, он бо вай чунон писанд афтод ва вай онро газид, папа пойи наҷиби худро якбора кашид ва бо он сагро зарба зад.

Каме озурдашуда, папа хост бифаҳмад, ки сабаби омадани онҳо дар чист. Онҳо ба ӯ фикри дар коғаз навиштаи доктор Кранмерро оид ба масъалаи никоҳи шоҳ Генрих пешниҳод намуданд ва гуфтанд, ки ба Рум барои ҳимоя кардани ин ақида омадаанд, ки он тасдиқ менамуд, ки мувофиқи Каломи Худо ҳеҷ як мард ҳуқуқи бо зани бародари худ издивоҷ карданро надорад ва папа ҳуқуқи инкор кардани Навиштаҷотро надорад. Папа нисбати онҳо хеле боадабона ва бо хушмуомилагӣ рафтор намуд ва гуфт, ки ба наздикӣ қарори худро ба онҳо мегӯяд ва онҳоро ҷавоб дод. Дигар онҳо ӯро надиданд.

Дар он вақте, ки дигарон ба Англия баргаштанд, доктор Кранмер барои вохӯрдан бо императори румӣ Чарлзи V оид ба кори шоҳ Генрих равона шуд ва ӯро бовар кунонд, ки фикре, ки ӯ оиди ин масъала навиштааст, ба Навиштаҷот мувофиқат мекунад. Ӯ инчунин дар соли 1531 ба Олмон рафт, то ки пуштибонии ҳокимони протестантиро ба даст орад. Дар он ҷо қарор дошта, бо вуҷуди кашиш буданаш, бо ҷияни Андреас Осиандр, фақеҳи лютеранӣ, ки ӯро дар Нюрнберг вохӯрд, издивоҷ намуд. Ҳамсари ҷавонашро бо Осиандр гузошта, ба Англия баргашт, баъд аз паси вай равон кард. Ӯ бо вай то соли 1539 зист, ки дар он Генрих «Шаш моддаи қонун»-и худро аз чоп баровард, баъд аз ин маҷбур буд, ки ӯро ба Олмон фиристад, ки вай дар он ҷо дар хонаи дӯстонаш қарор гирифт.

Дар соли 1529 шоҳ Генрих бо қаҳр кардинал Уолсиро аз вазифаи лорд-канслер маҳрум намуд. Сэр Томас Мор, католики устувори румӣ ба ҷои вай лорд-канслер таъин шуд. Дар соли 1532 Мор аз ин вазифа даст кашид, чӣ хеле ки мегӯянд, бо сабаби беморӣ, лекин эҳтимол, ӯ бо сабаби норизогӣ аз дахолати ҳокимият ба калисои румӣ чунин рафтор намуд.

Баъд аз истефои Мор шоҳ Генрих Томас Кромвелро сарвазири нав таъин намуд. Дере нагузашта Кромвел пешниҳод намуд, ки бо папа муносибатро канда кунад, то ки усқуфи аъзам Кентерберийский барои талоқи Генрих иҷозат диҳад. Дар соли 1533 парлумон ин лоиҳаи қонунро қабул кард. Дар натиҷа Генрих тавонист, бо Анна Болейн издивоҷ кунад, калисои Англия бошад, калисои мустақили миллӣ эълон карда шуд, ки дигар бо калисои католикии румӣ ё папа муносибат надошт.

30 марти соли 1533, дере нагузашта, баъд аз он, ки Кранмер аз Англия баргашт, вай усқуфи аъзами Кентерберийский таъин шуд, ки пештар вазифаи ӯро доктор Ворхам иҷро менамуд, пеш аз марг ба доктор Кранмер маслиҳат дод, ки ҷойи ӯро гирад. 23 март усқуфи аъзам Кранмер эълон намуд, ки никоҳи Генрих ва Катерина аз аввал ғайриқонунӣ буд ва дар давоми панҷ рӯз ӯ

қонунӣ будани никоҳи Генрихро бо Анна Болейн эълон намуд, никоҳи онҳо дар моҳи январ ба таври махфӣ амалӣ шуда буд. Дар моҳи сентябр Анна Болейн ба Генрих духтар Елизаветаро таваллуд намуд. Елизавета ба ҷои Мария (духтари Катерина Арагонская), меросхӯри тахт эълон карда шуда буд, ки акнун ӯ ғайриникоҳ таваллудшуда ҳисоб мешуд.

Чун Катерина, Анна Болейн ба Генрих писар таваллуд карда натавонист ва дере нагузашта нисбати ӯ аҳамияти худро гум кард. Дар соли 1536 баъд аз таваллуди писари мурда ӯ ба ҳабс гирифта шуд ва дар зино айбдор карда шуд. Вақте ки ӯро айбдор намуданд, усқуфи аъзам Кранмер никоҳи онҳоро бекор кардашуда эълон намуд. Дар натиҷа 19 марти соли 1536 сари ӯро аз тан ҷудо карданд.

Баъд аз ёздаҳ рӯзи қатли ӯ, шоҳ Генрих бо Ҷейн Сеймур, ки дар тӯйи Анна Болейн шоҳид буд, издивоҷ намуд. Ҳарчанд Кранмер дӯсти Анна Болейн буд, бар зидди подшоҳи золим баромадан хеле хатарнок буд.

Ҷейн Сеймур ба Генрих писари дилхоҳаш Эдвардро таваллуд кард, ки баъд аз марги Генрих вай бояд шоҳи Англия мешуд. Лекин баъд аз таваллуди вай ӯ танҳо дувоздаҳ рӯз зиндагӣ кард ва 24 октябри соли 1537 вафот кард.

Зани чоруми Генрих Анна Клевская, аз оилаи бонуфузи протестантӣ дар Олмон буд. Онҳо соли 1540 издивоҷ намуданд. Томас Кромвел, визири олии шоҳ, ин никоҳро барпо кард, зеро вай аз иттиҳоди католикӣ бар зидди Англия меҳаросид ва хост пуштибонии дипломатии лютеранҳоро дар қитъаи хушкӣ пайдо кунад. Кромвел Генрихро бовар кунонд, ки Анна хеле зебо аст, лекин вақте ки ӯро дид, фаҳмид, ки фиреб дода шудааст. Ба ғайр аз ин, иттиҳод бо протестантиҳо ӯро оташин менамуд, зеро вай мехост, асосҳои дини католикиро тасдиқ намояд, аз ин рӯ фавран барои талоқ истодагарӣ менамуд. Усқуфи аъзам Кранмер бо хоҳиши шоҳ никоҳро бекор эълон кард. Дар худи ҳамин вақт душманони Кромвел аз партияи консервативӣ,

махсусан Томас Ховард, гертсоги Норфолк, аз адовати Генрих нисбати Кромвел истифода намуданд ва ӯро бовар кунонданд, ки Кромвел хоини дин ва шоҳ буд. Дар натиҷа 10 июн дар хиёнат ва бидъаткорӣ айбдор дониста шуда, бе гӯшкунии кор маҳкум карда шуд ва 28 июли соли 1540 дар Лондон сар аз тан ҷудо карда шуд. Шоҳ бо Катерина Ховард, ҷияни Томас Ховард издивоҷ намуд. Лекин, дар соли 1542 ӯ ба дили вай зад ва ӯро дар покдоман набудан айбдор намуд ва инро дар назар дошт, ки ӯ ахлоқан нопок ва беҳаё аст. Усқуфи аъзам Кранмер дар мурофиа бар зидди ӯ нақши асосиро мебозид. Ӯ дар гуноҳҳои ба вай пешниҳодшуда гунаҳкор дониста шуд ва дар худи ҳамин сол сар аз тан ҷудо карда шуд.

Зани охирини Генрих, ки ба таври мӯъҷизавӣ аз ӯ зиёдтар умр дид, Катерина Парр буд. Хизмати бузурги ӯ дар он аст, ки вай Генрихро бовар кунонд, то ки вай нисбати духтарони худ Мария ва Елизавета хеле хайрандеш бошад. Баъд аз марги Генрих дар соли 1547 ӯ ба барон Сеймур, бародари Эдвард Сеймур, гертсоги якуми Сомерсет ба шавҳар баромад. Ӯ дар соли 1548 дар вақти таваллуд вафот кард. Ҳеҷ як аз се зани охирини Генрих ба ӯ фарзанд таваллуд накарданд.

Дар сиёсат усқуфи аъзам Кранмер ба созишҳо роҳ медод, вале ҳангоми ислоҳоти калисо – ягон хел. Ӯ эҳтимол инсони аз ҳама ҷавобгар буд, аз ҳамаи онҳое, ки Ислоҳотро дар Англия пеш мебурданд. Ӯ бо ғайрат кор мекард, то ки калисои Англияро аз ҳама ҳурофоти папа озод намояд ва кори тарҷумаи Китоби Муқаддасро дар забони англисӣ дар солҳои 1537-1540 дастгирӣ менамуд. Дар давраи аз солҳои 1536 то соли 1540 ӯ бо маҳкам кардани тамоми дайрҳо дар Англия машғул буд. Тамоми моликияти онҳоро ба манфиати ҳокимият мусодира намуда, ӯ ва дигар мардони калисо аз рӯи он кор мекарданд, ки маблағҳо ба кӯмаки бечорагон ва сохтмони мактабҳо равад, лекин Генрих ваъда дод, ки моликиятро ба ашрофоне медиҳад, ки ба сиёсати ӯ дастгирӣ зоҳир менамоянд. Вақте ки Генрих

«Шаш моддаи қонун»-и худро дар соли 1539 тасдиқ намуд, Кранмер бо тамоми ҳастияш ба ӯ муқовимат нишон дод; дар ин ӯро усқуфони Сарума, Ворчестер, Айл ва Рочестер дастгирӣ менамуданд. Қатли лорд Кромвел, дӯсти неки Кранмер дар соли 1540 ӯро ба ҳайрат овард ва протестантиро хеле пахш намуд. Дар пешравии Ислоҳот дар Англия тағйиротҳо ба амал омаданд. Аз ҳамин вақт сар карда то ҳукмронии шоҳ Эдварди VI бар зидди усқуфи аъзам Кранмер чанд маротиба айбнома мебаровардand.

Дар соли 1544 дарбори усқуфи аъзам дар Кентербер сӯхт ва домоди ӯ бо ҳамроҳии дигарон дар оташ нобуд шуданд. Ҳар замон Худо бо чунин офатҳо моро фурӯтан мегардонад ва акнун Кранмер наметавонист, дигар бо хушбахтии бузурги худ фахр кунад, зеро вай озмоишҳои сиёсӣ, динӣ ва ҷисмиро аз сар мегузаронд. Стефан Гардинер, усқуфи Винчестер пештар низ бар зидди Кранмер айбнома мебаровард, акнун бошад, ӯро дар бидъат айбдор намуд ва ба шоҳ расонд, ки ӯ набояд дар шоҳигарии худ таълимотеро, ки ба «Шаш моддаи қонун»-и ӯ мухолифат мекунад, тоқат кунад, таълимоте, ки худи ҳамон бетартибиҳо ва изтиробро, ки таълимоти Мартин Лютер дар Олмон ба вуҷуд оварда буд, меоранд. Бо вуҷуди ин шоҳ дӯсти Кранмер буд ва ба ӯ ангуштарини худро бо мӯҳр ҳамчун аломати ҳимоя дод.

Вақте ки ӯро ба Шӯрои усқуфон ба Лондон оварданд, Кранмер ба онҳо ангуштарини подшоҳро нишон дод, ки он маънои таҳти ҳимояи шоҳ қарор доштанро дорад. Шӯро ошуфта гардид ва вақте ки онҳо ба назди подшоҳ рафтанд, то ки аз ҳама чиз ба ӯ хабар диҳанд, вай на танҳо ба онҳо гуфт, ки усқуфи аъзам дар миёни касоне буд, ки дар шоҳигарии ӯ таъсири беҳтарин доштанд, ғайр аз ин айбдоркунандагони ӯро барои дидаву дониста айбдоркуниҳои бардурӯғ барои зарар расондан ба обрӯи вай, сахт мазаммат намуд.

Миёни Англия ва Фаронса дар ин вақт сулҳ баста шуд, шоҳ Генри VIII ва шоҳи фаронсавӣ Генрихи Кабир ният доштанд,

ки дар шоҳигарии худ намози пешинро бекор кунанд, Кранмер бошад оид ба анҷом додани кори бузурги Ислоҳотӣ кор мекард. Вале марги Генрихи VIII дар соли 1546, ин корро муваққатан боздошт.

Дар тоҷгузории шоҳ Эдварди VI, усқуфи аъзам Кранмер суханронӣ намуд, ки то абад хотираи ӯро дар покӣ, озодӣ ва ҳақиқат нигоҳ дошт. Дере нагузашта, Эдвард ба Кранмер дастур дод, ки кори ӯро дар бекор кардани намози пешин дар тамоми ибодатҳои калисоҳои Англия идома диҳад. То вақти подшоҳ шудани Эдвард, Кранмер эҳтимол, оид ба мавзӯи чашидани нону шароб (евхаристия) дониши мукаммал надошт, зеро бо тарафдорони папа дар хусуси ҳузури воқеии Масеҳ дар нон ва шароби муқаддас розӣ буд. Вале бо усқуф Ридли сӯҳбат намуда, вай ба худ ӯҳдадориро барои муҳофизати таълимоти ислоҳот нисбат ба нону шароб гирифт ва иштибоҳи воқеии тарафдорони папаро бонатиҷа инкор менамуд, ки мегуфтанд, онҳое, ки нону шаробро мечашанд, бадани воқеии Масеҳро мехӯранд. Дар вақти ҳукмронии Эдвард Кранмер, ки вай оид ба ислоҳоти пуршараф бо ҷидду ҷаҳд кор мекард ва ҳатто дар соли 1552 бо табларзаи сахт бемор шуда, барои шифои он аз Худо сипосгузор шуд, то ки вай бо марги пуразоби худ аз ҳақиқате, ки тухмии онро бо ҷидду ҷаҳд мекошт, шаҳодат диҳад. Яке аз корҳои бузурги ӯ, ки дар вақти ҳукмронии шоҳ Эдвард иҷро шуд, – аввалин «Китоби дуои умумӣ», ки дар соли 1549 аз чоп баромад, нашри ислоҳшудаи он дар соли 1552 падид омад, инчунин дар соли 1553 кори хаттӣ оид ба эътирофи дин таҳти унвони «Чилу ду мақола» эҷод гардид: аз изҳороти асосии пурраи таълимоти калисои Англия, ки дар он сухан дар бораи сафедшавӣ тавассути имон мерафт. «Китоби дуоҳои умумӣ», тартиби ибодатҳоро дар калисоҳои Англия мефаҳмонд. Хизмати шоистаи усқуфи аъзам Кранмер бартараф кардани китобҳои намози папа дар забони лотинӣ ва нашри китоб бо забони англисӣ дар пайравӣ намудани калисои аввалин буд; китобе,

ки аз рӯи мазмуни худ рӯҳонӣ буд ва ба Навиштаҳо мувофиқат мекард, восита барои муттаҳид кардани калисо ва давлат буд. Китоби нав тавсифи ҳар ибодати саҳарӣ ва бегоҳӣ, таъмид, таоми шоми Худованд, маросими қабули ҷавонон ба калисо, тӯйҳо, маросимҳои динӣ нисбати занон, аёдати беморон ва иштирок дар маросими дафнро дар бар мегирифт. Дар соли 1550, ба китоб тавсифи додани унвони рӯҳонӣ илова карда шуд. Инчунин, ба шарофати Кранмер, Китоби Муқаддас ба забони англисӣ дар ҳамаи калисоҳои маҳаллии Англия буд.

Пеш аз марги шоҳ Эдвард дар моҳи июли соли 1553, Ҷон Дадли, гертсог аз Нортумберленд ӯро розӣ мекард, ки хонум Ҷейн Грей, келини Дадлиро, вориси тахт эълон намояд. Бо ин шӯрои усқуфон ва мушовирони шоҳона розӣ шуданд, шоҳ онро дар васиятномаи худ тасдиқ намуд. Баъд онҳо аз паси усқуфи аъзам Кранмер фиристоданд ва аз ӯ хоҳиш карданд, ки ба васиятнома имзо гузорад. Вале ӯ гуфт, ки ин бар хилофи васиятномаи шоҳ Генрих мебошад, ки дар он вай Марияро вориси тахт таъин намудааст ва гуфт, ки вай он васиятномаро имзо кардааст ва наметавонад, васиятномаи ба он мухолифро имзо кунад. Баъд ӯ гуфт, ки ба касе довар нест, вале танҳо дар пеши виҷдони худ ҷавобгар аст ва пеш аз он, ки бо худи шоҳ гуфтугӯ накунад, ба васиятнома имзо намегузорад. Эдвард гуфт, ки ашрофон ва ҳуқуқшиносон ба ӯ маслиҳат доданд, ки хонум Ҷейнро вориси ӯ номад ва Кранмер бо изтироб ба васиятнома имзо гузошт.

[Дар ин ҷо мо боз як созишро мебинем, ки усқуфи аъзам Кранмер ба он роҳ дод. Ин рӯҳи мустаҳкам ё хусусияти созиш кардан, дере нагузашта сабаби пайдо шудани азобҳои ҷонӣ ва қалбӣ мегарданд. Шояд, ин барои мо дарс мебошад, вақте ки мо дар хурд созиш мекунем – ин бешубҳа моро ба созиш дар чизи асосӣ меорад].

Вақте ки шоҳ Эдвард вафот кард, усқуфи аъзам Кранмер дар пеши ғазаби душманон бепаноҳ монд. Аксарият онҳое, ки

бо бар сари тахт бардоштани хонум Ҷейн Грей розӣ буданд, афв карда шуданд ва танҳо бо ҷарима раҳо ёфтанд, ба ғайр аз гертсоги Нортумберленд ва гертсоги Суффолк, ки сар зада шуданд ва инчунин усқуфи аъзам Кранмер. Ӯро парлумон доварӣ намуд ва дар хиёнат айбдор донист. Гарчанде, ӯ мехост, ки ба малика Мария барои узрхоҳӣ муроҷиат намояд, вале вай вохӯриро бо ӯ рад намуд. Баъд ӯ ба вай дархости фурӯтанона фиристод ва сабаби онро, ки ба хотири чӣ вай васиятномаи Эдвардро ба манфиати бонуи Ҷейн имзо намуд, мефаҳмонд, вале ба он ягон ҷавоб набуд. Малика Мария нисбати усқуфи аъзам Кранмер сангдил гашта буд, зеро дар талоқи Генрих бо модари вай ҷалб гардида буд ва бо вуҷуди он, ки вай ба ақидаҳои папа пайравӣ менамуд, пас аз он, ки дар давраи ҳукмронии бародараш Кранмер дини католикии румиро дар Англия ба протестантӣ иваз намуд, дар ғазаб буд.

Дар оғози соли 1554 Кранмер ба шӯрои усқуфон мактуб навишт, ки дар он аз онҳо барои ба даст овардани бахшиш аз Малика илтиҷо менамуд. Мактубро ба доктор Уэстон, узви шӯро расонданд, ки мактубро хонда, ба Кранмер баргардонд. Дере нагузашта овозае паҳн шуд, ки усқуфи аъзам Кранмер аз нав намози папаро барқарор намудааст, то ҳусни таваҷҷӯҳи маликаро пайдо кунад, лекин ӯ ошкоро чунин айбдоркуниро рад намуд ва хаттӣ чилу ду догмаи имони худро тасдиқ намуд. Ҷаноби Скори, усқуф аз Чичестер баёнияро хонд ва аз усқуфи аъзам пурсид, ки ӯ метавонад нусхаи ин баёнияро гирад. Сипас, Скори ин нусхаро ба як дӯсти худ дод, ки вай нусхаҳои зиёдро бароварда ва онҳоро паҳн намуд. Дере нагузашта, ҳар китобдон бо чопи нусхаҳо машғул буд ва онҳоро мефурӯхт. Баъзе аз нусхаҳо ба дасти аъзоёни ҷомеъи усқуфон афтиданд ва ба Кранмер фармон дода шуд, ки ба назди онҳо ҳозир шавад. Вақте ки вай омад, усқуфи шахсии малика аз ӯ пурсид: «Хоҷаи ман, дар ҳама ҷо номаҳои ту паҳн карда шудаанд, ки дар он ба

назарам дар бораи он гуфта мешавад, ки ту аз барқарор шудани намоз хавотир ҳастӣ. Ман шубҳа надорам, ки ту аз ба хориҷи кишвар рафтани ин нома пушаймон ҳастӣ».

Кранмер ҷавоб дод: «Ман инкор намекунам, ки муаллифи ин нома ҳастам. Ман аз он фикр мекардам, ки чӣ тавр онро дар даромадгоҳи калисои Павлуси Муқаддас ва дар дарҳои ҳамаи калисоҳо дар Лондон бо мӯҳри худ дар он биовезам». Вақте ки онҳо устуворӣ ӯро диданд, он гоҳ вайро ҷавоб доданд.

Дере нагузашта ӯро ба ҳабс гирифтанд ва бо айбдоркунӣ дар хиёнат дар бурҷи Лондон маҳкам карданд. Лекин, бо вуҷуди он, ки малика тамоми айбдоршавандагонро айнан дар ҳамон ҷиноят сафед намуд, ӯ вайро ҳам сафед кард, аммо бо вуҷуди ин дар бидъат айбдор намуд, ки ба усқуфи аъзам маъқул шуд, зеро айбнома на танҳо ба ӯ пешкаш гардида буд, балки ба Масеҳ низ, на танҳо аз тарафи малика, балки бо калисо низ. Дар моҳи марти соли 1554 ӯ аз бурҷ ба донишгоҳи Оксфорд бо ҳамроҳии усқуфон Ридли ва Лейтимер фиристода шуд. Дар ин вақт ӯ қариб 65 сола буд.

Пас аз мубоҳисаҳои умумӣ дар Оксфорд бо докторони Оксфорд ва Кембриҷ усқуфон Кранмер, Ридли ва Лейтимер ҳамчун бидъаткорон маҳкум карда шуданд ва ба дасти мир ва шерифи Оксфорд супорида шуданд. Лекин, бо вуҷуди он, ки ҳукми дар бидъат баровардашуда аз сабаби он, ки ҳокимияти папа дар Англия барқарор нашуда буд, ғайриқонунӣ буд, ба Рум комиссияи нав равон карда шуд ва мурофиаи нав оид ба айбдоркунии ин се марди худотарс оғоз гардид.

Рӯзи сешанбе, 12 сентябри соли 1555, ҳаждаҳ рӯз пеш аз айбдоркунии қонунии калисо Ридли ва Лейтимер, доктор Кранмер ба калисои Марияи Муқаддас оварда шуд, то дар назди комиссияи нав ҳозир шавад, ки он намояндаи папа доктор Брукс ва намояндагони малика доктор Стори ва Мартинро дар бар мегирифт. Усқуфи аъзам нуфузи докторон Стори ва Мартинро эътироф намуд, вале дар ҳузури намояндаи папаи Рум истодан

рад намуд. Усқуф Брукс аз ин ранҷид ва ба Кранмер гуфт, ки мавқеи намояндаи папаи Румро ба эътибор гирифта, вай – Брукс низ, ҳамон гуна нуфуз дорад. Кранмер гуфт, ки ӯ ботантана савганд ёд кардааст, ки ҳеҷ гоҳ эътибори нуфузи усқуфи Румро дар шоҳигарии Англия роҳ намедиҳад ва бо файзи Худо ба қасами худ содиқ хоҳад монд. Аз ин рӯ, ӯ имзои худ ё ягон аломати дигарро, ки аз он ҳарф мезанад, ки бо қабули чунин ҳокимият розӣ шудааст, намегузорад.

Дар рафти пурсиши дуру дароз ҷавобҳо ва мулоҳизаҳои доктор Кранмер он қадар табиӣ ва озод буданд, ки дар охир доктор Брукс гуфт: «Мо ба ин ҷо омадем, ки туро пурсупос кунем, вале ман фикр мекунам, ки ту моро пурсупос кардӣ».

Ба Кранмер фармон доданд, ки бетаъхир ба назди папаи Рум дар муддати ҳашт рӯз ҳозир шавад, лекин вай ба онҳо ҷавоб дод, ки меравад, агар малика ӯро фиристад ва маблағи роҳи ӯро пардохт намояд, зеро барои пардохт намудани маблағи сафари худ вай акнун хеле қашшоқ аст. Баъд аз ин ӯро баргашта ба зиндон фиристоданд. Баъд аз бист рӯз, бо вуҷуди ҳамаи далелҳо ва қарори одилона, папа ба малика мактуб фиристод ва дар он фармон дод, ки Кранмерро аз мартабаи усқуфи аъзам ва тамоми рамзҳое, ки ба мақоми ӯ дода шудаанд, маҳрум созанд. Аз ин рӯ, 14-уми феврали соли 1556 комиссияи нав таъин карда шуд; Сирлби (ё Сирлеби), усқуф аз Айла ва Боннер, усқуфи Лондон, барои гузаронидани мурофиа дар калисои Масеҳ, дар Оксфорд таъин гардиданд.

Боннер, ки дар тӯли чандин солҳо аллакай бар зидди Кранмер барангехта шуда буд, ҳоло бо хушнудӣ аз унвон маҳрум кардан ва таҳқир кардани ӯро дидан мехост ва аввалин шуда айбномаро бар зидди ӯ хонд:

«Ин одам ҳамеша аз муқаддас будани папа ҳазар мекард ва акнун барои ин бо ӯ ҳукм карда мешавад. Ин одам бисёр калисоҳоро вайрон кардааст ва акнун

ба ин ҷо омадааст, то ки дар калисо маҳкум карда шавад. Ин одам нону шароби муборакиро маҳкум менамуд ва ҳоло вай дар ин ҷост, то ки дар назди нону шароби муборак, ки дар меҳроб гузошта шудааст, маҳкум карда шавад. Ин одам чун Лутсифер ҷои Масеҳро дар назди меҳроб гирифт ва дигаронро доварӣ мекард ва ҳоло вай дар назди меҳроб истодааст, то ки худ маҳкум карда шавад».

Боннер бо суханони дабдабаноки худ ба пеш баромад ва ҳар ҷумлаи худро бо калимаи «ин одам» оғоз менамуд, ки ниҳоят усқуф Сирлби аз остини вай кашид, то ки ӯ бозистад ва баъдтар дар вақти хӯроки нисфирӯзӣ ба вай гуфт, ки ӯ ваъдаи ба вай додаашро шикастааст, зеро самимона аз ӯ хоҳиш карда буд, ки бо усқуфи аъзам бо эҳтиром муносибат намояд.

Нутқи Боннер ба охир расид, онҳо ба ҷароён аз унвон фаровардани усқуфи аъзам оғоз намуданд. Дар аввал онҳо кӯшиш намуданд, ки аз Кранмер чӯбдасти усқуфии ӯро, ки онро сахт медошт ва додан намехост, гиранд. Ба Мартин Лютер тақлид намуда, Кранмер аз остини чапаш муроҷиатномаи хаттиро баровард ва ба онҳо дода гуфт: «Ман ба анҷумани умумиҷаҳонии навбатӣ арз менамоям». Дар посух Сирлви, усқуфи Айла ба вай гуфт: «Хоҷаам, мо бар зидди ту ҷараёнро мегузаронем».

Баъд онҳо ба ӯ либосҳои пӯшидашударо пӯшонданд, ки либоси усқуфи аъзамро нишон медод ва сипас, ин либосҳо ва ҷомаи худи ӯро аз ӯ канда гирифтанд ва ба ӯ ҷомаи фарсудашуда ва даридаи аъзои оддии калисоро пӯшонданд. Баъд сартарош мӯи сарашро тарошид ва Боннер дағалона бо нохунҳояш сари ӯро дар ҳамон ҷое, ки Кранмер бо равған тадҳин карда шуда буд, харошид. Дар охир онҳо бар сари вай кулоҳи шаҳрвандро пӯшонданд ва ӯро ба дасти ҳокимияти халқӣ супориданд. Ба ҳамаи ин Кранмер хомӯшона ва беҳаракат тоб овард. Вақте ки онҳо ба охир расонданд, ӯро ба зиндон баргардонданд.

Дар се соли охири дар ҳабсхона қарор доштани доктор Кранмер, нисбати ӯ бераҳмии қатъӣ нишон дода мешуд, зеро дар давраи усқуфи аъзам буданаш, ӯ душманони зиёдро дар симои тарафдорони папа пайдо намуд, вале муомилаи ҷиддӣ танҳо бештар ба ақидаҳои худ боварӣ ҳосил кардани ӯ мусоидат намуд. Бинобар ин, душманон акнун роҳи дигарро интихоб намуданд ва ӯро аз зиндон ба хонаи кашиши калони калисои Масеҳ гузаронданд, ки дар он ҷо ба ӯ бо тағофул ва чашмпӯшӣ муносибат мекарданд. Чунин муносибат аз вазъияти ӯ дар зиндон он қадар фарқ мекард, ки вай ҳама гуна эҳтиёткориро рад намуд. Эҳтимол, аз сабаби он, ки вай хулқи самимӣ ва олиҳимматона дошт, ӯро бо муомилаи нек дилфиреб кардан хеле осонтар буд, ки занҷирҳо ва шиканҷаҳо ин корро карда наметавонистанд. Чуноне иблис ҳар замон, вақте ки ӯ мебинад, ки яке аз нақшаҳояш барор нагирифтанд, нақшаи дигар, аз ин ҳам моҳиронаро омода месозад ва он аз табассум ва муносибати дӯстонаи баъди чандин солҳои кинаву адоват ва айбдоркуниҳо метавонад боз ҳам дилфиреб бошад?

Бо Кранмер низ чунин рӯй дод. Душманонаш ба ӯ шӯҳрат ва мақоми пештараи вай, ҳусни таваҷҷӯҳи маликаро ваъда доданд, агар ӯ танҳо рад кунад ва ҳамаи ин бо таҳдиди қатл тавассути сӯзондан пешниҳод шуда буд. Кранмер фикр мекард, ки вай метавонад на танҳо ҳаёт дошта бошад, балки ба мақоми пештараи худ низ ҳамчун усқуфи аъзам барқарор гардад ва инчунин аз он, ки дар ин шоҳигарӣ чизе нест, ки малика ба ӯ ба осонӣ ато карда натавонад, бигзор он сарват ё унвонҳо бошанд. Лекин, агар ӯ рад намояд, ӯ на саломатӣ ва на бахшиш дошта метавонад, зеро малика қарор кардааст, ки Кранмер ё католик мешавад, ё ки умуман Кранмер намешавад.

То ки интихоби хиёнати ӯ камтар дардовар гардад, васвасакорони ӯ дар аввал ба вай ҳуҷҷатеро пешниҳод карданд, ки дар он бо истилоҳи стандартӣ чизҳои на он қадар муҳим тавсиф шуда буданд, бинобар ин, Кранмер ихтиёран ба он имзо

монд. Пас аз қадами аввалин, дуюм боз ҳам осонтар гардид, аз ин рӯ, вақте ки ба вай боз панҷ ҳуҷҷати дигарро, ки ҳар яки он изҳороти дар пешина баёншударо батафсил мефаҳмонд, ба имзо доданд, ӯ ҳар яки онро имзо намуд ва имзо кардан ба ӯ ҳар бор осонтар мегардид. Ниҳоят, вақте ки онҳо дар пеши вай ҳуҷҷати радкуниро гузоштанд, яъне ҳамон чизе, ки дар асл аз ӯ муваффақ шудан мехостанд, ӯ ба туфайли одати имзокунии нав пайдо кардааш, онро низ имзо намуд. Ана он:

«Ман, Томас Кранмер, дар гузашта усқуфи аъзам аз Кентерберийск, ҳама бидъатҳо ва хатогиҳои Лютер ва Свингли, инчунин тамоми таълимотҳои дигарро низ, ки бар хилофи таълимоти солим ва рост мебошанд, инкор мекунам, бад мебинам ва нафрат мекунам. Ва ман бо тамоми қалби худ имон меоварам ва бо даҳони худ эътироф менамоям, ки танҳо як калисои католикии муқаддас вуҷуд дорад, ки бе он наҷот нест. Аз ин рӯ, ман усқуфи Румро сари олии тамоми ҷаҳон эътироф менамоям, инчунин ман ӯро усқуфи асосӣ, папа ва ноиби Масеҳ эътироф менамоям, ки ба ӯ ҳамаи масеҳиён бояд итоат кунанд.

Вобаста ба нону шароб, ман дар нону шароби меҳроб ба бадан ва Хуни Масеҳ бовар дорам ва ситоиш мекунам, ки воқеан дар шакли нон ва шароб пешниҳод шудааст; ноне, ки ба шарофати қудрати бузурги Худо ба бадани Наҷотдиҳандаи мо Исои Масеҳ табдил ёфтааст ва шаробе, ки ба хуни Ӯ мубаддал гаштааст. Ман инчунин, ба дигар шаш фарз (ба ин монанд) бовар дорам ва чун калисо дар саросари ҷаҳон ҳамчунин дастгирӣ менамоям, ба ҳукм ва қарорҳои калисои Рум эътиқод дорам.

Ман инчунин, ба мавҷудияти аъроф эътиқод дорам, ки дар он ҷонҳои баромада дар муддати муайян ба ҷазо

гирифтор мешаванд ва калисо барои онҳо ва инчунин барои муқаддасон низ бо тақводорӣ ва файзбахшӣ дуо мегӯяд, ман ҳам дуо мегӯям.

Ниҳоят, ман ошкоро изҳор менамоям, ки ман ба ягон чизи дигар, ки аз таълим ва фаҳмиши калисои католикӣ ва калисои Рум фарқ мекунад, бовар надорам. Ман аз он, ки як вақтҳо чизҳои дигарро мефаҳмидам ё таълим медодам, таассуф мехӯрам. Ман аз Худои Қодир тавалло дорам, то ки Ӯ дар лутфи Худ марҳамат намуда, маро барои тамоми озурдагиҳое, ки ба Ӯ ва калисои Ӯ овардаам, авф намояд ва инчунин ман аз ҳамаи масеҳиён тавалло дорам ва хоҳиш мекунам, ки барои ман дуо гӯянд.

Ҳар касеро, ки ман бо ибрат ё таълимоти худ ба гумроҳӣ бурдаам, ба исми хуни Исои Масеҳ хоҳиш мекунам, ки ба калисои ягона баргарданд, то ки мо бе ягон зиддият ва ҷудоихоҳӣ якдилона бошем.

Дар хотима, ман худро ба калисои католикии Масеҳ ва сари волои он тобеъ мекунам, ҳамин тавр ман худро ба Филиппус ва Марияи бузургтарин, шоҳ ва маликаи шоҳигарии Англия ва инчунин ба ҳамаи дигар қонунҳо ва фармонҳои онҳо тобеъ мегардонам ва ӯҳдадор мешавам, ки чун ходими содиқ барои итоат намудан ба онҳо ҳамеша омода бошам. Худо шоҳид аст, ки ман инро на аз хоҳиши ба касе писанд омадан ё ба хотири тарс аз касе имзо намудаам, балки ихтиёрӣ, барои ҳидоят намудани дигарон, аз рӯи виҷдони худ раҳнамо шудаам».

Ҳавворӣ Павлус навиштааст: «Бинобар ин, ҳар кӣ гумон мекунад, ки рост истодааст, эҳтиёт кунад, ки наафтад» (1 Қӯр 10:12) ва ин дар ҳақиқат ҳам мағлубият буд. Тарафдорони папа аз ғалабаи худ шодӣ мекарданд, вале тамоми масеҳиёни

ҳақиқӣ аз шикасти худ ғамгин шуда буданд. Рум он чиро, ки мехост ба даст овард ва хабари радкунии Кранмерро фавран чоп карданд ва дар ҳама ҷо паҳн карданд, то ки ба протестантони ба ҳайрат афтода таъсири ниҳоят калон расонанд. Вале Худо дере нагузашта, кори худро бар зидди нақшаҳои тарафдорони папа идома дод, ки таъқиб кардани Кранмерро боғайратона идома медонанд. Тамоми ин вақт Кранмер боварӣ надошт, ки оё ӯ зиндагӣ хоҳад кард, ҳарчанд усқуфон ба ӯ ҳаётро ваъда дода буданд.

Дар ҳамин вақт, малика, иштиёқманди интиқом буд, ҳарчанд бо хушнудӣ рад кардани ӯро қабул карда бошад ҳам, ҳаргиз аз қасди куштани Кранмер даст кашидан намехост. Кранмер дар ин ҳангом, ба хотири виҷдони пургуноҳи худ азоб мекашид. Муҳаббат ба ҳаёт ва тарс дар пеши дард ва марг ӯро ба инкор кардан маҷбур сохтанд, вале акнун, шодии ҳар як тарафдорони папа ва нафрати ҳар масеҳии инҷилиро дида, ӯ ҳис мекард, ки чӣ тавр ҳамаи ин ӯро бо қувваи бузург ва дард мефишурд. Аз як тараф ситоиш, аз тарафи дигар нафрат буд, вале дар ҳар тараф хатар, ӯ наметавонист на содиқона бимирад ва на беномусона зиндагӣ кунад.

Пурра хуни Кранмерро нӯшида, малика ба доктор Поле [ё Коле] мактуб навишт ва ба ӯ фармон дод, то маросими дафнро барои Кранмер омода созад, ки он бояд дар калисои Марями Муқаддас, дар Оксфорд 21 март пеш аз сӯзонданаш гузаронида мешуд. Кранмер аз ин бохабар набуд, то вақте, ки хеле дер шуда буд. Дере нагузашта, лорд Уилям Саме, лорд Чандос, сэр Томас Бриҷес ва сэр Ҷон Браун дар якҷоягӣ бо дигар одамони мӯътабар ва доварон аз малика фармон гирифтанд, ки дар ҳамон рӯз ба Оксфорд бо хизматгорон ва зердастони худ расида оянд, то ки ҳар гуна нооромиҳоро, ки марги Кранмер метавонист ба он биёрад, пешгирӣ намоянд.

Доктор Поле дар арафаи қатл ба назди Кранмер ташриф овард ва аз ӯ пурсид, ки оё вай ба таълимоти католикии Рум

пайравӣ мекунад. Кранмер ҷавоб дод, ки бо файзи Худо ӯ рӯз то рӯз дар дини католикӣ боз ҳам бештар устувор мегардад. Субҳи рӯзи дигар, 21 марти соли 1556, Поле боз ба назди вай омад ва пурсид, ки оё вай маблағ дорад ва вақте Кранмер гуфт, ки надорад, вай ба ӯ понздаҳ крон дод, то ки ба мискинон тақсим кунад ва Кранмерро насиҳат менамуд, ки дар дини худ устувор монад. Бешубҳа, Кранмер акнун гумонбар мешуд, ки чӣ рӯй дода истодааст ва худро омода менамуд.

Тақрибан соати нӯҳи саҳар, усқуф Боннер ва дигар намояндагони малика ва шерифон Кранмерро аз зиндони Бокардо баровардand ва ба калисои Марями Муқаддас гирифта бурданд. Ӯ либосҳои ифлоси даридаро ба бар дошт, ки онҳо дар вақти аз унвон фаровардани вай ба ӯ пӯшонида шуда буданд ва намуди зоҳирии ӯ одамони зиёдро ба ҳайрат оварда ва бисьёриҳо ғамгин шуда буданд. Калисои Марями Муқаддас бо католикҳои румии хушнуд ва протестантҳои андӯҳгин пур шуда буд, ки ҳама дар якҷоягӣ дар интизори шунидани сабаби инкор кардани вай буданд. Ӯро дар пеши калисо, дар назди минбар, дар саҳни пасти фарсудашудаи тахтагин шинонданд. Сипас, вай ба зону нишаста, рӯи худро ба осмон боло кард ва самимона ба Худо дуо гуфт.

Дар мавъизаи худ доктор Поле гуфт, ки усқуфи аъзам Кранмер ҷиноятҳои нафратовар содир намудааст, бисёриҳоро ба гумроҳӣ бурдааст ва бозгашти ӯ ба калисои ҳақиқӣ бешубҳа, кори Худованди Қодир буд. Дар охири маъвизаи худ вай ба Кранмер насиҳат медод, ки марги худро хуб қабул кунад ва ӯро бовар мекунонд, онҳое, ки дар имони Ӯ мемиранд, Худо ё шиддати алангаро суст мекунад ё барои ба ҳамаи он тоб овардан қувват медиҳад. Ин суханон барои Кранмер шояд нахустин тасдиқ буд, ки ӯро сӯзондан мехостанд, гарчанд вай рад намуда буд. Баъд Поле аз усқуфи аъзам хоҳиш намуд, ки баёноти худро тасдиқ намояд ва ба мардум гуфт: «Эй бародарон, то касе аз шумо самимияти рӯ овардани ин шахс шубҳа накунад, шумо

ӯро хоҳед шунид». Баъд ӯ ба Кранмер рӯ оварда гуфт: «Ҷаноби Кранмер, дар бораи имони худ ба таври ошкоро эълон намоед, то ҳар кас бубинад, ки шумо дар ҳақиқат католик ҳастед».

«Ман ин корро мекунам», – гуфт усқуфи аъзам ва баъд аз мардум хоҳиш кард, ки барои вай дуо гӯянд ва гуфт, ки ӯ бисёр гуноҳҳои ҷиддӣ содир намудааст, вале дар миёни онҳо як гуноҳи даҳшатноке буд, ки чун бори вазнин бар дӯши ӯ мехобад ва ӯ мехоҳад ба таври мухтасар аз он гуфта диҳад.

Тамоми вақт ки ӯ сухан мегуфт, Кранмер зор-зор мегирист ва ҳар замон чашмон ва дастони худро ба осмон баланд мебардошт ва баъд дастони худро поён мекард, гӯё ки ӯ ба ситоиш намудани Худо ё ҳатто ба зиндагӣ кардан лоиқ набошад. Пеш аз он, ки ба сухан гуфтан оғоз намояд, ӯ ба зону афтод ва дарди ҷони ранҷкашидаи худро холӣ намуд:

«Эй, Падари осмонӣ! Эй Писари Худо, Раҳокунандаи ҷаҳон! О, Рӯҳи Муқаддас, шахсияти сеюми Худо! Ба ман, ба тарсончаки аз ҳама ҳақир ва гунаҳкори бадбахт марҳамат намо. Ман пеши осмон ва замин гуноҳ кардаам, ки забон ба фаҳмондани он оҷиз аст. Ба куҷо равам ва дар куҷо пинҳон шавам? Чашмонамро ба осмон бардорам, шармам меояд ва дар замин низ ҷое намеёбам, ки пинҳон шавам. Бинобар ин, ба назди Ту, эй Худованд, меоям. Дар пеши Ту, ман худро фурӯтан месозам ва мегӯям, Эй Худованд, Худои ман, гуноҳҳои ман бузург ҳастанд, вале аз рӯи марҳамати бузургат ба ман лутф намо. Асрори бузург: Худо одам шуд ва ягон гуноҳ содир накард. Ту Писари худро, О, Падари осмонӣ ба марг додӣ на танҳо барои гуноҳҳои каме, балки барои тамоми гуноҳҳои бузурги дунё, то ки гунаҳкорон, аз тамоми қалби худ ба Ту рӯ оварда тавонанд, чуноне, ки ман ҳоло рӯ меорам. Аз ин рӯ, ба ман марҳамат намо, эй Худо, ки ҳамеша меҳрубон будӣ.

Ба ман марҳамат намо, эй Худованд, зеро раҳмати Ту бузург аст. Ман баҳри худ чизе наметалабам, вале барои исми Ту, то ки он ба хотири Писари азизи Ту, ба хотири Исои Масеҳ ҷалол ёбад. Бигзор, о, Падари осмонӣ, исми Ту ҷалол ёбад».

Ӯ бо бисёр суханони дигари нек дуо кард. Баъд ӯ бархоста гуфт, ки мехоҳад ба онҳо баъзе пандҳои парҳезгорона диҳад, ки Худо аз он ҷалол меёбад, онҳо бошанд, дар имони худ мустаҳкам мегарданд. Ӯ дуру дароз дар бораи хатари муҳаббат доштан ба ин ҷаҳон ҳарф зад, оид ба тобеъ шудан ба қоидаҳои он, оид ба муҳаббат доштан нисбати ҳамдигар ва дар хусуси он, ки сарватдорон бояд ба мискинон диҳанд. Сипас, ӯ аз се ояти аввали боби панҷуми номаи Яъқуб иқтибос овард, мухтасар онҳоро фаҳмонд ва гуфт:

«Ман ба охири ҳаёти худ расидам, вақте ки ба тамоми умри гузашта ва ояндаи ман баҳо дода мешавад, ки оё ман бо Худованди худ Масеҳ то абад дар шодӣ зиндагӣ мекарда бошам ва ё дар азоби абадӣ бо шарирон дар дӯзах мемонам. Зеро ман ҳоло осмонро мебинам, ки барои қабул кардани ман тайёр аст ё ҷаҳаннамро, ки омода аст, то маро ба коми худ фурӯ барад, ман бояд эътиқоди ҳақиқии худ ва он чизеро, ки ман ба он бовар дорам, эълон намоям ва чизеро пинҳон накунам, зеро ҳоло вақти пинҳон кардани он чизҳое, ки дар гузашта аз ҷониби ман гуфта ва ё навишта шуда буданд, нест. Дар аввал, ман ба Худо, Падари Қодири Мутлақ, Офаридгори осмон ва замин бовар дорам. Ман ба ҳар як калима ва тамоми аҳкомҳое, ки Наҷотдиҳандаи мо Исои Масеҳ, ҳавворион ва анбиёҳои Ӯ дар Аҳди Қадим ва Аҳди Ҷадид таълим медоданд, эътиқод дорам.

Ҳоло бошад, ман ба чизҳои бузург расидам, ки виҷдони маро сахт ба изтироб меоранд, ки дар тамоми зиндагии худ ман беш аз ҳарвақта кардаам ё гуфтаам ва ин паҳн кардани он чизе мебошад, ки ман навиштаам, ки он бар хилофи ҳақиқат аст ва ҳоло ман аз он даст мекашам ва онро рад менамоям. Ин чизҳо бо дасти худи ман навишта шуда буданд ва онҳо бар хилофи ҳақиқат мебошанд, ки ман дар дили худ ба он эътиқод намудаам, аз тарси марг навишта шудаанд, то ки ҷони худро наҷот диҳам, агар он имконпазир мегардид. Ба он тамоми ҳуҷҷатҳо ва варақаҳое, ки баъд аз мақоми худ фароварда шудани ман, бо дасти худ навиштаам ё имзо кардаам, ки он бисёр баёнияҳои бардурӯғро дар бар мегирад, тааллуқ доранд.

Азбаски, ман бо дасти худ гуноҳ кардаам ва бар хилофи дили худ навиштаам, пас дасти ман бояд аввал ҷазо бинад, бинобар ин, вақте ки оташ аланга мегирад, он бояд аввал бисӯзад.

Оиди папа бошад, ман ӯро ҳамчун душмани Масеҳ ва зиддимасеҳ бо тамоми таълимотҳои бардурӯғи ӯ рад менамоям».

Вақте ки вай баёноти ногаҳонии худро ба охир расонд, тамоми аҳли калисо ба ҳайрат, ҳолати садамавӣ ва хашм омад. Пайравони папа дар кӯшиши истифода намудани усқуфи аъзам барои нобуд кардани эътиқод ва матонат дар масеҳиёни ҳақиқӣ пурра ноумед гашта буданд. Ба монанди Шимшӯн, Кранмер бо марги худ, аз тамоми ҳаёташ дида, душманони зиёдеро ба ҳалокат расонд. Дар калисо садоҳои эътироз ба гӯш мерасиданд ва вақте ки ӯ кӯшиш намуд, ки дар бораи нону шароб ва ҳокимияти папа ҳарф занад, баъзе аз онҳо доду фарёд заданд ва навҳа карданд, хусусан Поле, ки дод мезад: «Даҳони бидъаткорро бандед ва

ӯро баред!» Якчанд роҳиб дағалона Кранмерро аз минбар кашида фуровардand ва дар роҳ ба ҷое, ки панҷ моҳ пештар Николас Ридли ва Хю Лейтмер сӯзонда шуданд, ӯро таҳқир ва масхара намуда, ба ҷои сӯзондан бурданд. Усқуфи аъзам ба айбдоркуниҳо ва таҳқиркуниҳои онҳо ҷавоб намедод, балки ба мардум муроҷиат намуда, онҳоро барои нигоҳ доштани имони худ дар Масеҳ ҳавасманд менамуд. Дар ҷои сӯзондан вай ба зону нишаста дуо гуфт, сипас бархоста, либоси танашро аз тан кашид ва танҳо дар либоси таг боқи монд ва оромона меистод, то даме, ки ӯро бо занҷирҳои оҳанин ба сутун мебастанд. Дар атрофи вай кохро паҳн карданд ва аз болояш ҳезумҳоро гузоштанд. Ду роҳиб, ҳамонҳое, ки боре ӯро барои рад кардан розӣ кунонда буданд, бори дигар кӯшиш намуданд, ки вайро бовар кунонанд, вале ҳоло ӯ дар имони худ ба Масеҳ ва Каломи Ӯ қавӣ ва устувор буд. Онҳо оташро даргиронданд.

Вақте ки шӯъла дар гирди ӯ аланга мегирифт, ин инсони ҳақиқии Худо, ки як вақте заиф гардида буд, вале баъд бошарафона аз нав ба ҳақиқат бозгашт, он чизеро, ки барои худ муқаррар карда буд, иҷро намуд: ӯ дасти рости худро дароз карда, онро дар оташ қавӣ ва устувор нигоҳ медошт, то даме, ки он ба мисли ангишт сиёҳ нагардид. Ҳангоми сӯхтани он, вай ҳар замон такрор мекард: «Ин дасти рости носазо аст».

Чунин менамуд, ки дард ва марг барои вай ҳеҷ маъние надоштанд ва бадани ӯ дар оташ, дар назди сутун, ки ба он баста шуда буд, беҳаракат меистод. Ҳар қадаре, ки овози вай ба ӯ имконият медод, ӯ такрор мекард: «Ин дасти рости носазо аст» ва инчунин суханони Истефануси азияткашро мегуфт: «Худованд Исо, рӯҳи маро қабул кун». Вақте ки аланга дар атрофаш ҷӯш мезад ва дар хашми худ ӯро қариб пинҳон карда буд, ӯ ҷон дод ва Худованди худро пешвоз гирифт.

17.
Гулханҳои Смисфилд
(1410-1556 сс.)

Тақрибан соли 1103, дар соли сеюми ҳукмронии Генрихи I, писари хурдии Уилями Истилогар, беморхонаи Барталмои Муқаддас дар Смисфилд таъсис ёфта шуд, ҳоло бошад, он яке аз ноҳияҳои Лондон, дар шимоли калисои ҷомеъи Павлуси Муқаддас мебошад. Он аз ҳисоби овозхони шоҳӣ ва шоир бо номи Рейер сохта шуда буд. Дертар беморхона аз тарафи Ричард Витингтон, пири ҷамъомад ва раиси шаҳри Лондон анҷом дода шуд. Дар тӯли зиёда аз сад сол Смисфилд макони қатли ҷиноятқорон ва дигар ҳуқуқвайронкунандагони қонунҳои шоҳӣ буданд.

Ҷон Брейди, усто.

Рӯзи шанбе, 1 марти соли 1410, дар замони ҳукмронии шоҳ Генрихи IV, усқуфи аъзам аз Кентерберий Томас Арундел аз дӯзанда Ҷон Брейди пурсид, ки оё дар нону шароби

муқаддасшуда ҳузури воқеии Масеҳ вуҷуд дорад. Брейди гуфт, ки барои ҳар коҳин бо суханони худ ба бадани Исои Масеҳ табдил додани нону шароб номумкин аст. Чун усқуфи аъзам боварӣ пайдо намуд, ки Брейди нуқтаи назари худро тағйир намедиҳад ва аз ҷумла фаҳмид, ки вай дигаронро ба ин бовар мекунонад, ӯ Брейдиро бидъаткори аён эълон намуд ва ӯро ба дасти ҳокимияти мардумӣ таслим намуд.

Ин субҳ рӯй дод ва шоҳ фармон дод, ки Брейдиро дар нимаи худи ҳамон рӯз сӯзонанд. Ӯро фавран ба Смисфилд фиристоданд, дар болои чалаки холӣ гузоштанд ва бо занҷирҳои оҳанин ба сутун бастанд. Дар атрофи вай ҳезумҳои хушкро гузоштанд. Вақте ки ӯ меистод, чунин рӯй дод, ки писари калонии шоҳ, ки чун Генрихи VI бояд вориси тахт мешуд, дар он ҷо ҳузур дошт ва дар пайи наҷот додани ҷони вай буд. Ҳамин вақт кашиши калони калисои Барталмои Муқаддас бо маросими тантанавӣ нону шароби муқаддасшударо овард, ки онро дувоздаҳ нафар, ки машъалҳоро бардошта мебурданд, ҳамроҳӣ мекарданд ва онро ба марди маҳкумшуда нишон дода, аз ӯ талаб намуд, ки дар хусуси он чӣ фикр дорад, ҷавоб диҳад. Брейди гуфт, вай комилан боварӣ дорад, ки ин нони муқаддасшуда мебошад, на бадани Масеҳ. Инро шунида, онҳо оташро даргиронданд.

Вақте ки ин ҷони бегуноҳ оташро ҳис намуд, он хитоб кард: «Авф!» Яқинан, ӯ ба Худованд нидо мекард, вале садои ӯ он қадар даҳшатнок ба гӯш мерасид, ки чун шоҳзода онро шунид, фармуд, ки алангаро хомӯш кунанд ва аз Брейди пурсид, ки оё вай аз бидъати худ даст мекашад. Агар ҳа, гуфт шоҳзода, пас, ӯ ба вай ҳама чизҳои барои ҳаёт заруриро медиҳад: маоши солона аз хазинаи подшоҳ, ки барои зиндагӣ кардан кофӣ мебошад.

Вале ин муборизи ҷасур барои Масеҳ ба суханони шоҳзода ҳеҷ таваҷҷӯҳ накард ва ҳамаи дигар пешниҳодҳоро рад намуд, зеро омода буд, ки сарфи назар аз дард, ба ҳар гуна шиканҷаҳо тоб оварад, лекин бутпарастии бузург ва бешарафиро қабул

нанамояд. Он гоҳ шоҳзода фармон дод, ки алангаро аз нав даргиронанд. Брейди то охир қавӣ ва устувор меистод.

Уилям Свитинг ва Ҷон Брестер

Ин ду одам дар бидъаткорӣ айбдор шуда, гунаҳкор дониста шуданд ва зери таҳдиди сӯзондан ба гирифта гаштани як нусхаи хурди ҳезуми рангуборкардашуда, чун аломати он, ки онҳо бидъаткоранд, маҳкум гардиданд; онҳо мебоист, ин нишонаро як вақти муайян гирифта мегаштанд. Лекин, вақте гирифта гаштани онро бас карданд, онҳоро аз нав боздошт намуданд ва дар худи ҳамон ҷиноят, барои ақидаҳояшон, ки бар хилофи таълимоти католикии Рум дар бораи нону шароб мебошад, барои хондани китобҳои мамнӯъ ва сӯҳбат бо баъзе одамон, ки дар бидъаткорӣ гумонбар шудаанд, гунаҳкор карданд. Онҳоро 18 октябри соли 1511 якҷоя сӯзонданд.

Ҷон Стилман

Дар соли 1518, Ҷон Стилман барои суханронии ошкоро бар зидди тасвирҳо, дуогӯӣ бар ин тасвирҳо, барои қурбонӣ овардан ба онҳо ва инчунин барои рад кардани ҳузури воқеии Масеҳ дар нону шароби муқаддасшуда, барои таъриф крадани Ҷон Уиклиф ва арз кардани он, ки ӯ дар осмон муқаддас аст, айбдор шудааст. Баъд аз он, ки шӯрои усқуфон ӯро гунаҳкор дониста, маҳкум намуданд, ӯро ба дасти шерифони Лондон таслим карданд ва дар Смисфилд сӯзонданд.

Ҷон Ламберт

Ламберт дар Норфолк таваллуд шуда ба воя расидааст, дар Донишгоҳи Кембриҷ таҳсил намуда, мутахассиси забонҳои лотинӣ ва юнонӣ гардид, сипас Англияро аз сабаби бераҳмиҳои

он замон тарк намуд ва ба Аврупо раҳсипор шуд, ки дар он ҷо бо ҳамроҳии Тиндейл ва Фрис дар тӯли як сол монд. Дар ин вақт ӯ капеллани (кашиши калисои хонагии католикон) хонаи Англисӣ [чизе ба монанди сафоратхона], дар Антверпен, дар Белгия шуд. Дар он ҷо ҷаноби Томас Мор ва як мард бо номи Барлоу, ки ӯ кори айбномавиро дар ҳаққи вай ба Англия бурд, ба дидани ӯ рафтанд. Дере нагузашта Ламберт аз ҷониби афсарони Британӣ дар Антверпен боздошт гардида ба Лондон фиристода шуд ва дар он ҷо барои пурсиш ба пеши Ворхам, усқуфи аъзам Кентерберийский даъват гардид. Вале, усқуфи аъзам вафот кард ва Ламбертро дар муддати чанд вақт озод намуданд. Ӯ ба Лондон, ки дар он ҷо кор мекард, баргашт ва кӯдаконро ба забонҳои юнонӣ ва лотинӣ таълим медод. Дар соли 1538 вай мавъизаи доктор Роуландро дар калисои Петруси Муқаддас шунид. Баъд аз маъвиза Ламберт ба назди доктор Тейлор омад ва бо ӯ дар бораи бадан ва хуни Масеҳ ҳангоми чашидани нону шароб, ки Тейлор дар бораи он дар мавъизаи худ мегуфт ва асосан бо ақидаҳои румӣ-католикӣ розӣ мешуд, сухан ронд. Майли ба ихтилофи Ламберт посух доданро дошта ва барои қонеъ гардондани саволҳои ӯ, доктор Тейлор бо доктор Барнес машварат намуд [шояд он ҳамон доктор Барнес бошад, ки 30 июли соли 1540 барои бидъаткорӣ сӯзонда шудааст], лекин Барнес яқинан, ҳамон вақт бо нуқтаи назари Тейлор розӣ нашуд ё нахост, ки бо ӯ ва Ламберт ба баҳс дарояд. Дере нагузашта, баҳси дар миёни онҳо сарзада ба мубоҳисаҳои умумӣ гузашт ва усқуфи аъзам Томас Кранмер аз паси Ламберт фиристод ва ӯро маҷбур сохт, ки нуқтаи назари худро ошкоро муҳофизат намояд. Дар ин ҳангом, усқуфи аъзам бо таълимоти ислоҳотӣ дар бораи чашидани нону шароб ҳанӯз розӣ намешуд, вале дере нагузашта, ӯ самимона онҳоро дастгирӣ менамуд. Тасдиқ гардидааст, ки ҳангоми ин мубоҳисаҳои давомдор Ламберт ба усқуфи Лондон ва ҳатто ба худи шоҳ Генрихи VIII муроҷиат намудааст.

Ниҳоят, подшоҳ маҷлиси усқуфонро барпо намуд, ки онҳо дар пеши ӯ дар либосҳои сафед ҳозир шуданд. Аз тарафи дасти рости ӯ усқуфон аз Лондон менишастанд, аз паси онҳо бошад, ҳуқуқшиносони машҳур, ки ба либосҳои арғувонӣ пӯшида шуда буданд, ҷой гирифтанд. Аз тарафи дасти чапи ӯ намояндагони табақаи болоии (пэр) шоҳигарӣ, ҳокимон ва дигар аъёну ашрофон мувофиқи мавқеи худ менишастанд. Аз паси онҳо аъзоёни дарбори шоҳигарӣ менишастанд. Ҳукми Ламберт дар чунин шакл ва бо ҳамин тарз мегузашт, ки ҳатто шахси бегуноҳ хиҷил мешуд ё худро нороҳат ҳис мекард. Симои шоҳ, қиёфаи бераҳмонаи ӯ, абрӯи чинкардааш ба воҳима меандохтанд ва аён мегуфтанд, ки шуури подшоҳ аз ғазаб пур аст. Ӯ ба Ламберт нигоҳи ҷиддӣ намуд, сипас ба мушовирони худ рӯй оварда, доктор Сампсон, усқуф аз Чичестерро даъват намуд, то ки вай ба мардум фаҳмонад, ки барои чӣ онҳо ҷамъ омадаанд.

Вақте ки Сампсон нутқи худро ба анҷом расонд, подшоҳ ба болиштаки кат, ки бо матои сафед пӯшида шуда буд, такя намуда, бархост ва ба Ламберт рӯ оварду, бо ғазаб рӯй турш карда, гӯё ки аз дард азият мекашида бошад, гуфт: «Ҳа, дӯстам, номи ту чист?»

Барраи фурӯтани Масеҳ дар пеши шоҳ ба як зону нишаста, гуфт: «Номи ман Ҷон Николсон аст, ҳарчанд аксарият маро Ламберт меноманд». – «Чӣ, – гуфт шоҳ – ту ду ном дорӣ? Ман ба он касе, ки дорои ду ном аст, бовар намекунам, ҳатто агар ту бародари ман бошӣ».

«Эй, шоҳзодаи наҷиб, – гуфт Ламберт, – усқуфони ту, онро зарур дониста, маро маҷбур карданд, ки исми худро иваз намоям».

Онҳо ба ҳамин тарз чанд муддат гуфтугӯ намуданд ва он гоҳ подшоҳ ба Ламберт фармуд, ки фикри худро дар бораи нону шароби қурбонӣ баён намояд. Аввал дар бораи худ ҳарф зада, Ламберт аз Худо шукргузорӣ намуд, ки дили подшоҳро барои шунидан ва фаҳмидани баҳсҳои динӣ, ки аз шаъну эътибори худ паст нашуморидааст, моил намуд.

Вале, подшоҳ дар ғазаб сухани Ламбертро бурида, гуфт: «Ман ба ин ҷо барои ба ифтихори худ таҳсин шунидан наомадаам, аз ин рӯ зуд бе ягон такаллуф ба худи масъала гузар. Ба суоле, ки ба нону шароби қурбонӣ тааллуқ дорад, ҷавоб деҳ, оё ту онро бадани Масеҳ меҳисобӣ ё инро рад мекунӣ?»

Ламберт ҷавоб дод: «Ҷавоби ман ба мисли ҷавоби Августини муқаддас мебошад, ки он то андозаи муайян бадани Масеҳ аст».

Шоҳ Генрих гуфт: «Ба ман бо суханони Августини муқаддас ё ягон шахси дигари бонуфуз ҷавоб надеҳ, балки ба ман равшан бигӯ, ки оё, ту нону шаробро бадани Масеҳ меҳисобӣ ё не».

Ламберт гуфт: «Пас, ман рад менамоям, ки он бадани Масеҳ аст». «Олиҷаноб гуфта шудааст!- гуфт шоҳ Генрих. Зеро акнун ту бо суханони худи Масеҳ маҳкум карда мешавӣ: ин бадани ман аст». Сипас, вай ба усқуфи аъзам Кранмер амр намуд, ки ғалат будани ақидаҳои Ламбертро исбот намояд, ки Кранмер низ, бо истифода намудани суханҳои зиёд ва порчаҳои гуногуни Навиштаҷот кӯшиш намуд, ки иҷро кунад. Мо мақсади онро надорем, ки тамоми далелҳоро такрор кунем, ки ҳар як усқуф гуфтааст, зеро ҳеҷ яке аз ин гуфтаҳо эътимоднокӣ надошт, зеро ҳамаи онҳо бар хилофи ҳақиқати Каломи Худо буданд.

Ниҳоят, дар охири рӯз, вақте ки аллакай чароғҳо афрӯхта шуданд, подшоҳ бо хоҳиши анҷом додани музокираҳо, ба Ламберт рӯй оварда: «Акнун, пас аз ҳамаи далелҳо ва ин кӯшишҳо ва шарҳи ин мардони донишманд ту чӣ мегӯӣ, магар ту акнун қонеъ ҳастӣ? Оё ту ҳаёт ё маргро интихоб менамоӣ? Чӣ мегӯӣ? Ту интихоби озод дорӣ».

Ламберт гуфт: «Ман худро ба иродаи аълоҳазрат медиҳам ва тобеъ мекунам». – «Худро ба дасти Худо деҳ, – гуфт, подшоҳ – на ба дасти ман».- «Ман ҷони худро ба дасти Худо додам, – гуфт Ламберт – вале ҷисми худро ман ба раҳмати шумо комилан таслим менамоям ва тобеъ мегардонам».

Он гоҳ подшоҳ гуфт: «Агар ту худро ба ҳукми ман диҳӣ, пас ту бояд бимирӣ, зеро ман пуштибони бидъаткорон нестам».

Ӯ ба Томас Кромвел рӯ оварда гуфт: «Кромвел, ба ӯ ҳукми айбдоркуниро хонда деҳ».

Кромвел ҳукмро хонда дод ва Ламберт фавран ба Смисфилд барои сӯзондан фиристода шуд. Чун дар ҳамаи қатлкуниҳои ба ин монанд сокинони зиёди Лондон барои тамошо кардан ҷамъ омаданд: баъзеҳо чун дӯстон, баъзеҳо чун душманон, инчунин шоҳидони расмӣ низ буданд. Аз сабаби мақоми худ дар калисо ва ҳукумат ва бо сабаби он ки мурофиаи додгоҳӣ мегузаронданд, усқуфи аъзам Кентерберийский Томас Кранмер ва сарвазири шоҳ Томас Кромвел дар зумраи шоҳидони расмӣ дар сӯзондани Ламберт буданд.

Ҳеҷ кадом аз сӯзондашудагон дар Смисфилд чун ин азияткаши муборак ба чунин бераҳмӣ ва сангдилӣ рӯ ба рӯ нашуда буд. Баъд аз он, ки пойҳо пурра сӯхта шуданд, ҷаллодон як қисми ҳезумро аз оташ гирифтанд, то оташ каме дар зери ӯ сӯхта истад ва сипас, ду нафар аз онҳо аз ду тарафи ӯ истода, бадани ӯро бо найзаҳои табарзини худ халонданд ва ба болои оташ бардоштанд, то ки ӯро оташ фаро нагирад.

Ламберт оҳизона овезон буд ва одамони зиёд аз раҳм фарьёд зада гиря мекарданд. Сипас, вақте ки равған аз нӯги ангуштҳояш ба оташ мечакид, ӯ дастонашро ба осмон боло бардошта ба мардум фарёд зад: «Ҳеҷ кас, ғайри Масеҳ, ҳеҷ кас, ғайри Масеҳ!» Дар ин вақт, ҷаллодон ӯро аз нав ба оташ фаровардand, вай ба аланга афтоду, ҳаёти худро ба Масеҳ супурд.

Хонум Анна Аске, духтари ҷаноб Уилям Аске, ритсар аз Линколншир

Ин ҷо тавсифи худи Анна Аске, пурсиши вай дар хусуси бидъат, ки ӯ бо дархости баъзе аз мардон ва занони содиқ навиштааст.

Пурсиши аввал бо инквизиторон, с. 1545:

«Кристофер Дер маро дар Седлер Холл пурсуҷӯ мекард ва пурсид, ки чаро ман гуфтам, ки беҳтараш панҷ сатрро аз Китоби Муқаддас мехонам, назар ба он, ки панҷ намози пешинро дар калисо гӯш мекунам. Ман ба ӯ иқрор шудам, ки дар номаҳои ҳавворӣён ё навиштаҷоти Инҷил ягон чизи нописанд нагуфтаам, ки аз онҳо баъзан дар вақти намози пешин мехонанд, балки аз он сабаб, ки намози пешин на барои ман, на барои дигарон ҳеҷ маъное надорад. Сипас, ӯ маро дар он чизе, ки ман гуфтам, айбдор намуд, ки агар коҳини осӣ ибодат намояд, пас ин ибодат аз иблис аст, на аз Худо. Ман ҷавоб додам, ки ҳеҷ гоҳ чунин суханонро нагуфтаам. Аммо дар асл, ман суханони зеринро гуфтам: агар, касе ба ман хизмат мекунад, вазъи шарири ӯ ба имони ман намерасад, зеро дар рӯҳи худ ман хун ва бадани Масеҳро қабул кардаам. Сипас, вай аз ман пурсид, ки дар бораи иқроршавӣ ман чӣ гуфтам. Ман ҷавоб додам, ки ба андешаи ман, чуноне, ки ҳавворӣ Яъқуб гуфтааст, тамоми мардум бояд ба хатогиҳои худ дар назди дигарон иқрор шаванд ва бояд барои якдигар дуо гӯянд. Сипас, вай аз паси саркоҳин фиристод, то ки ӯ аз ман пурсад, ки оё ман чунин фикр мекунам, ки намози пешини шахсӣ ба ҷонҳои мурда кӯмак мекунад. Ман гуфтам, ки назар ба марги Масеҳ, ки барои мо ҷон додааст, ба намози пешин бештар эътиқод доштан- ин бутпарастии бузург аст.

Сипас, вай маро ба назди лорд-мэр бурд ва боз дар як чизи дигар айбдор намуд, он чизе ки ман боре ҳам нагуфтаам, вале он чизе, ки онҳо мегӯянд: агар муш нони муқаддасро хӯрад, оё он Худоро қабул мекунад ё не? Ман ҷавоб надодам, балки танҳо табассум намудам.

Баъд канслери усқуф маро сарзаниш карда гуфт, ки ман дар он гунаҳкор будам, ки аз Навиштаҷот иқтибосҳо овардаам. Зеро, ҳаввории муқаддас Павлус ба занон барои аз Каломи Худо гап задан манъ намудааст. Ман ба ӯ гуфтам, ки чун ӯ, ман низ гуфтаҳои Павлусро дар номаи 1-Қӯринтиён, дар боби 14, медонам, ки дар он ҷо гуфта мешавад, ки зан набояд дар маҷлис сухан гӯяд ва дигаронро таълим диҳад ва аз ӯ пурсидам, ки оё вай занони бисёреро дидааст, ки аз минбар истода таълим медиҳанд. Ӯ гуфт, ки ҳеҷ гоҳ инро надидааст. Сипас, ман гуфтам, ки ӯ набояд занҳои бечорараро айбдор намояд, агар ки онҳо бар хилофи қонун набароянд.

Сипас, маро ба Комптер фиристоданд, ки ман дар он ҷо ёздаҳ рӯз мондам, ки дар тӯли ин вақт ба ҳеҷ яке аз дӯстонам иҷозат надоданд, то ки бо ман сӯҳбат кунанд».

Тавсифи пурсиши ман бо шӯрои шоҳона дар Гринвич:

«Ба ман гуфтанд, ки шоҳ мехоҳад, ки ман оиди ин масъала ба ӯ муроҷиат намоям. Ман ба онҳо ба таври равшан гуфтам, ки ба ӯ муроҷиат кардан намехоҳам, аммо агар подшоҳ маро гӯш кардан хоҳад, ман ба ӯ ҳақиқатро исбот менамоям. Онҳо гуфтанд, ки подшоҳро халалдор кардан лозим нест. Ман гуфтам, ки агар Сулаймон яке аз подшоҳони хирадмандтарин буд, вале ба ҳар ҳол ба ду зани оддии бенаво гӯш андохт, пас гӯш кардани як зани оддӣ ва бандаи бовафои ӯ чӣ қадар файзбор аст.

Лорд-канслер андешаи маро оид ба масъалаи нону шароби муқаддас пурсид. Ман чунин гуфтам: «Ман бовар дорам, вақте ки дар робитаҳои Масеҳӣ нонро дар ёди марги Масеҳ мечашам ва инро бо миннатдорӣ дар анъанаи муқаддаси Ӯ, ки инро тасдиқ намудааст,

ичро мекунам, ман бо ин ҳадяҳои шарифи Ӯро қабул мекунам». Усқуф аз Винчестер ба ман фармон дод, то ки ман як ҷавоби аниқро диҳам. Ман гуфтам, ки дар замини бегона суруди нав намесароям. Усқуф гуфт, ки ман бо масалҳо сухан мегӯям. Ман гуфтам, ки ин барои вай беҳтар аст, зеро «Чӣ хеле, ки ман ҳақиқатро мегӯям, шумо ба ман бовар намекунед». Ман гуфтам, ки ман тайёрам ҳама чизро аз дасти ӯ аз сар гузаронам, на танҳо таънаҳои ӯро, балки ҳама чизи боқимондаро ва ҳамаи онро бо хурсандӣ паси сар менамоям.

Хоҷаи ман Лисли, хоҷаи ман Эссекс ва усқуф аз Винчестер боисрор талаб менамуданд, ки ман нону шароби муқаддасро ба мисли ҷисм, хун ва устухони Масеҳ эътироф намоям. Он гоҳ, ман гуфтам, ки онҳо бояд шарм доранд, аз он ки ба ман маслиҳатҳоеро, ки бар хилофи дониши онҳо мебошанд, медиҳанд.

Сипас, усқуф гуфт, ки ӯ бо ман ҳамчун дӯст гуфтугӯ намуд. Ман гуфтам: «Яҳудо низ ҳамин тавр рафтор мекард, вақте ки ба Масеҳ хиёнат намуд». Сипас, усқуф хост бо ман дар танҳоӣ гап занад. Вале ман рад намудам. Ӯ аз ман пурсид, ки барои чӣ. Ман гуфтам, ки бо забони ду ё се шоҳид ҳар гуна масъала бояд ҳал гардад.

Он гоҳ, усқуф ба ман гуфт, ки ман сӯзонда мешавам. Ман гуфтам, ки Навиштаҷотро омӯхтаам ва ҳолатеро пайдо накардаам, ки Масеҳ ё ҳавворіёни Ӯ ягон офаридаи Худоро ба марг маҳкум карда бошанд. «Хуб, хуб, – гуфтам ман, – Худо таҳдидҳои шуморо шарманда мегардонад». Сипас, маро ба зиндони Нюгейт фиристоданд».

Тавсифи ман ба рӯйдодҳои баъд аз зиндони Нюгейт бароварда шудан:

«Аз зиндони Нюгейт маро ба назди тахт даъват намуданд, ки дар он ҷаноби Рич ва усқуфи Лондон бо тамоми қудрат ва суханони хушомадгӯёнаи худ кӯшиш намуданд, ки маро аз Худо дур кунанд, аммо ман далелҳои олиҷаноби онҳоро ба инобат нагирифтам. Баъд аз ин, Николас Шекстон ба назди ман омад ва маслиҳат дод, ки чун ӯ рад кунам. Ман гуфтам, ки барои ӯ таваллуд нашудан беҳтар буд. Сипас, ҷаноби Рич маро ба Тауэри Лондон фиристод, ки ман дар он ҷо то соати сеи рӯз меистодам.

Сипас, Рич ва яке аз аъзоёни шӯрои ӯ барои дидани ман омаданд, то ки маро барои ба онҳо итоат кардан моил кунанд ва бигӯям, ки оё, ман касеро аз занони сарватманд, ки онҳо низ ба мисли ман эътиқод дошта бошанд, медонам. Ман гуфтам, ки ягон касро намедонам. Онҳо гуфтанд, ки ба подшоҳ хабар додаанд, ки ман метавонам номҳои аз ин ҳам бештареро гуфта диҳам. Ман гуфтам, ки шоҳ дар ин масъала низ, чун дар дигар масъалаҳои боқимонда хато мекунад.

Сипас, онҳо ба ман фармон доданд, то бигӯям, ки дар Комптер кӣ маро бо маблағ дастгирӣ менамуд ва кӣ маро барои ақидаи худ пайравӣ намудан бовар кунондааст. Ман гуфтам, ки ягон кас маро тақвият надодааст, оиди кӯмак дар Комптер бошад, пас он аз маблағҳои пешхизмати ман буд. Вақте ки ӯ берун баромад ва барои ҳолати ман дар назди шогирдон, ки онҳоро ҳангоми кор кардан дида буд, навҳа мекард, он гоҳ бо воситаи ӯ ба ман пул доданд, вале ин одамон кӣ буданд, ман намедонам.

Онҳо ба ман гуфтанд, ки инҳо ҳар гуна занҳои номдор буданд, ки ба ман пул доданд, вале ман номҳои онҳоро намедонам. Баъд онҳо ба ман гуфтанд, ки ҳар

гуна хонумон ба ман пул фиристоданд. Ман гуфтам, ки он як марде дар либоси кабуд буд, ки ба ман даҳ шиллинг дод ва гуфт, ки онҳоро хонуми ӯ Хертфорд додааст. Боз як нафар бо палтои бахмалин ба ман ҳашт шиллинг дод ва гуфт, ки онҳоро хонум Денни фиристодааст. Оё ин рост аст, ё не, ман гуфта наметавонам.

Сипас, онҳо маро ба шиканҷаҳо рӯ ба рӯ карданд, зеро ман ягон хонум ё ҷавонмардро, ки ба монанди ман тарафдори чунин ақидаҳои динӣ буданд, дастгир карда надодам ва маро муддати дароз шиканҷа доданд. Аз сабаби он, ки ман мехобидам ва дод намезадам, лорд-канслер ва ҷаноби Рич бо дастони худ ба шиканҷа додани ман огоз карданд, то даме ки ман қариб мурда будам. Баъд лейтенант маро аз мизи шиканҷадиҳӣ фаровард. Беихтиёрона ман аз ҳуш рафтам, сипас, онҳо маро ба ҳуш оварданд. Баъд аз ин, ман дар рӯи фарши холӣ дар давоми ду соати дароз менишастам ва ба лорд- канслери худ ҷавоб медодам, ки вай бо суханони зиёди хушомадгӯёна кӯшиш мекард, ки маро барои аз ақидаҳои худ даст кашидан водор намояд. Вале, Худованди ман, Исо (ман барои меҳрубонии ҷовидонии Ӯ шукргузорӣ мекунам) барои тоб овардан ба ман файз дод ва ман умедворам, ки барои то ба охир тоб овардан, ба ман кӯмак мекунад.

Баъд аз ин, маро ба хона бурданд ва ба болои кат гузоштанд ва ман чун Айюб дард ва мондагиро дар устухонҳо аз сар мегузарондам. Ман аз Худованд Худои худ барои истироҳат шукргузорӣ мекунам. Лорд-канслер ба ман паём фиристод, ки агар ман аз фикри худ даст кашам, пас ҳеҷ гуна норасогиро эҳсос намекунам, лекин, агар не, фавран ба Нюгейт фиристода мешавам ва дере нагузашта, сӯзонда

мешавам. Ман ба ӯ ҷавоби худро фиристодам, ки барои ман мурдан беҳтар аст, аз он, ки аз имони худ даст кашам».

Рӯзи қатли вай таъин гардид ва ин зани худотарс ба Смисфилд дар курсӣ оварда шуд, зеро бо сабаби шиканҷаҳои аз сар гузаронидааш ӯ роҳ гашта наметавонист. Онҳо вайро бо занҷирҳо ба сутун бастанд, то ки занҷирҳо ӯро нигоҳ дошта тавонанд. Теъдоди зиёди мардум ҷамъ омада буд, аз ин лиҳоз зарур омад, ки панҷараҳо гузошта шаванд, то ки онҳоро нигоҳ доранд. Дар курси, дар ҳузури калисои Барталмои Муқаддас шоҳидони калисо ва ҳукумат менишастанд: Райсли, канслери Англия, гертсоги кӯҳансол аз Норфолк, графи кӯҳансол аз Бедфорд, лорд-шаҳрдор ва дигарон. Пеш аз он, ки ҳезумро дар назди онҳое, ки дар ин рӯз сӯзонда мешуданд, даргиронданд, яке аз нишастагон дар курсӣ шунид, ки дар зери маҳкумшудагон борут гузоштаанд ва ҳаросид, ки он метавонад битаркад ва ҳезуму шарораҳо ба курсии онҳо меафтанд. Вале, граф Бедфорд ба ӯ фаҳмонд, ки борутро ба болои ҳезум не, балки, танҳо дар бадани онҳо гузоштаанд, то ки онҳоро аз азобҳои зиёд раҳо созанд.

Сипас, лорд-канслер Райсли ба Анна Аске омурзиши подшоҳро пешниҳод намуд, агар вай рад кунад. Вале, вай гуфт, ки ба Смисфилд на барои он омадааст, ки аз Худованд ва Устоди худ даст кашад. Ҳамин тавр, бо аланга фаро гирифташуда, дар соли 1546, Анна Аскеи тақводор дар Худованд, чун қурбонии муборак ба Худо ҷон дод. Баъд аз худ ӯ намунаи аҷиби садоқатмандиро барои тамоми пайравони масеҳӣ гузошт.

Ҳафт азияткаш, ки якҷоя азоб кашиданд

Дар Смисфилд ва дигар ҷойҳо он қадар азияткашони зиёд сӯзонда шуданд, ки дар ин китоб мо имконияти гуфтани таърихи

ҳамаи онҳоро ва ҳатто номбар кардани ҳамаи номҳои онҳоро надорем. Дар бораи азияткашон чунин гуфтан мумкин аст, чуноне, ки Юҳанно дар бораи Исо гуфт: «Боз бисёр аъмоли дигаре Исо ба ҷо овард, ки агар муфассалан навишта шавад, ба гумонам, тамоми дунё ҳам он китобҳои навишташударо ғунҷоиш дода наметавонист. Омин» (Юҳ. 21:25).

Ана танҳо номи чанд нафар, зеро танҳо Худо ҳамаи онҳоро медонад: Томас Мен, Ҷон Леселс, Ҷон Адамс, Николас Белениан, Ҷон Брэдфорд, Ҷон Лиф, Ҷон Филпот, Томас Лузебай, Генри Ремси, Томас Сиртел, Маргарет Хайд, Агнес Стэнли, Ҷон Хелингдейл, Уилям Спарроу, Ричард Гибсон, Генрих Ронд, Рейналд Естленд, Роберт Соусмер, Метю Рикарбай, Ҷон Флойд, Ҷон Холидей, Роҷер Ҳолланд ва ҳафт нафари дигар, ки 27 январи соли 1556, сӯзонда шуданд.

Дар ин рӯз, дар соли 1556, дар даврони ҳукмронии малика Марияи I, Томас Вайтли, коҳин; Бартлетт Грин, дарборӣ; Ҷон Тюдсон, усто; Ҷон Вент, усто; Томас Браун; Изабел Фостер, соҳибхоназан; Ҷоан (Уорни) Лешфорд, пешхизмат якҷоя сӯзонда шуда буданд. То мо танҳо порчаҳо аз қиссаҳои онҳо омада расидаанд.

Ба муносибати аз ҳама бераҳмона Боннер, усқуфи Лондон, нисбати Томас Вайтли роҳ дод; ӯ ҳар замон ба рӯи вай мезад, то вайте, ки вай шинохтанашаванда гардид. Вайтли ба дӯсти худ навишта буд: «Усқуф аз паси ман ба хонаи дарвозабон фиристод, ки дар он ҷо ман шабро дар як бистари бо пахол пуркардашуда, дар фарши холӣ гузарондам. Боре ҳам пештар, ман чунин шаби дардоварро аз сар нагузаронда будам. Вақте ки ман ба назди усқуф омадам, вай аз ман пурсид, ки оё ман ба намози пешин вақти бомдод меоям, агар вай аз паси ман бифиристад. Ман гуфтам, ки бо фармони вай ба назди ӯ меоям, аммо вобаста ба намози пешин бошад, пас он барои ман кам аҳамият дорад. Ӯ аз ҷавоби ман хеле хашмгин шуда гуфт, ки хӯроки ман танҳо нон ва об мешавад. Вақте ки ман аз паси ӯ,

аз миёни толори бузург мерафтам, ӯ ба ман рӯ оварда, аввал ба як тарафи рӯям торсакӣ зад, сипас ба тарафи дигар. Баъд аз ин, ӯ маро дар як корхонаи хурди намак маҳкам кард, ки дар он ҷо ман ду шабро бе кат ё кох гузарондам. Ман дар рӯи миз мехобидам ва Худоро шукр мегӯям, ки ман ба хоби сахт рафта будам.

Бо файзи Худованд тақвият ёфта, Вайтли қатъӣ ва устувор меистод ва якҷоя бо шаш нафари дигар барои сӯзондан оварда шуд. Бартлет Грин аз як оилаи хуб буд ва дар донишгоҳи Оксфорд таҳсил намудааст.

Дар он ҷо қарор гирифта, ӯ бисёр вақт дар лексияҳои Питер Мартир иштирок менамуд ва нури ҳақиқии Инҷили Масеҳро дид. Дар моҳи январи соли 1556 ӯ барои бидъат боздошт гардида маҳкум карда шуд. Вақте ки ӯро ба зиндони Нюгейт мефиристоданд, ду дӯст дар умеди он, ки бо ягон роҳ бародари таъқибшавандаи худро тасаллӣ дода метавонанд, ба пешвозаш баромаданд. Вале қалбҳои онҳо аз рӯҳияи муҳаббат ва дӯстӣ нисбати Грин он қадар пур шуда буд, ки ягона коре, ки онҳо карда метавонистанд, – ин гиря кардан буд. Грин ба онҳо гуфт: «Эй, дӯстони ман! Ин ҳамон тасаллиест, ки шумо дар вақти барои ман аз ҳама душвортарин омадед, ки нишон диҳед? Оё, ба ман лозим аст, оне ки ба тасаллӣ мӯҳтоҷ аст, ба шумо хизмат кунам ва тасаллибахши шумо гардам?»

Вақте ки усқуф Боннер Гринро қамчинкорӣ намуд, вай хеле шод гардид. Ӯ чунон фурӯтан буд, ки дар бораи ин қамчинкорӣ ҳеҷ гоҳ ҳарф намезад, то касе фикр накунад, ки вай худашро ҷалол медиҳад. Танҳо чанде пеш аз сӯзондан, ӯ дар бораи ин ба дӯсти худ, ҷаноби Коттон гуфт.

Томас Браун дар маҳалли калисои Брайди Муқаддас, дар кӯчаи Флит зиндагӣ мекард, вале аз сабабе, ки дар намози пешини калисои маҳаллии худ иштирок намекард, ӯ аз тарафи констебли (политсия) (мансаби пасти политсия дар Англия ва ШМА) маҳаллӣ боздошт шуд ва ба назди Боннер фиристода

шуд. Пас аз он, ба Вулхам фиристода шуд ва аз ӯ талаб карданд, ки барои шунидани намози пешин ба калисои хурд дарояд, вале ӯ рад намуд ва ба як маҳалли серҷангал рафт ва дар миёни дарахтон ба зону нишаст. Барои ин вай бо усқуф Боннер айбдор карда шуд, ки ба ӯ гуфт: «Браун, ту дар пеши ман борҳо будӣ ва ман барои ту меҳнат мекардам, то ки туро аз хатоҳоят озод намоям. Бо вуҷуди ин, ту ва ба ту монандҳо мегӯянд, ки ман ташнаи хуни шумоям».

Ба ин Браун гуфт: «Оре, хоҷаи ман, ту дар ҳақиқат хунхор ҳастӣ ва ман мехостам, ки чунон хуни зиёд дошта бошам, чун обҳо дар баҳрҳо, то ки ту ташнагии худро шиканӣ». Боннер ӯро ба сӯхтан маҳкум кард.

Ҷоан (Уорни) Лешфорд, духтари Роберт (ё Ҷон) Уорнии кордсоз (ножовщик) буд, ки ӯро барои Инҷили Худо таъқиб намуда сӯзонданд, сипас зани вай Элизабет сӯзонда шуд, пас аз он бошад, духтари онҳо Джоанро сӯзонданд.

Элизабет Уорни, ки шавҳараш ҳамчун бидъаткор сӯзонда шуд, 1 январи соли 1555, вақте ки барои гузарондани дуо дар хона, дар Бау Чорчиярд, дар Лондон бо нӯҳ нафари дигар вохӯрд, боздошт гардид. Вай то 11-уми июн дар Тауэр зиндонӣ шуд, сипас ӯро ба зиндони Нюгейт гузаронданд, ки дар он ҷо вай то 2-юми июл мемонд. Шашуми июл ҳамаи даҳ зиндониро ба назди усқуф Боннер оварданд, зеро дар ин вақт одамони хеле зиёдро таъқиб мекарданд ва онҳо наметавонистанд, ҳар якеро дар алоҳидагӣ маҳкум кунанд. Ин номҳои нӯҳ нафар мебошад: Ҷонҷ Танкервил, Роберт Смис, Томас Фаст, Томас Лейес, Ҷон Уейд, Стефан Уейд, Ҷорҷ Кинг, Уилям Холл ва Ҷоан (Уорни) Лешфорд. Онҳо дар он айбдор шудаанд, ки дар ҳузури воқеии бадани Масеҳ дар нону шароби муқаддасшуда бовар надоранд, дар намозҳои пешин иштирок намекунанд ва бар зидди онҳо амал менамоянд, ҳамчунин бар хилофи маросимҳои анъанавии Рум ва нону шароб баромад мекунанд. Элизабетро якчанд маротиба ба назди усқуф меоварданд ва

вақте ки вай ба ӯ бо сӯзондан таҳдид намуд, ӯ гуфт: «Бо ман ҳар чӣ мехоҳӣ, бикун, ман Масеҳро рад намекунам. Агар ман хато кунам, пас Ӯ ҳам хато мекунад». Дувоздаҳуми июли соли 1555, ӯ ва ҳашт тан аз нӯҳ ҳамчун бидъаткорон маҳкум карда шуданд ва дар моҳи оянда, дар Стратфорд-Ле-Боу сӯзонда шуданд.

Духтари ӯ Ҷоан дар миёни онҳо даҳумин буд, ин дафъа ӯро маҳкум накарданд ва насӯзонданд. Дар муддати чанд вақт ӯро озод намуданд, вале баъд аз чанд моҳ аз нав боздошт карданд. Дар давоми ин муддат, вақте ки падараш дар зиндон буд ва баъдан модараш низ, Ҷоан чӣ қадаре, ки метавонист, ба онҳо хизмат мекард. Дар вақти дастгиршавии дуюм ӯ бистсола буд ва айнан ба ҳамон таълимотҳоеро, ки падару модараш ба он пайравӣ мекарданд, ҷонибдорӣ мекард. Вақте ки усқуф Боннер ӯро пурсуҷӯ мекард, вай бо ҷасорат баён намуд, ки на дар намози пешини папа иштирок мекунад, на ба коҳин дар гуноҳҳои худ иқрор мешавад. Ӯро шаш моҳ пас, баъд аз марги модараш сӯзонданд.

Панҷ саргузашти номаълум

Дар ҷустуҷӯи суратҳо барои ин нашри «Китоби азияткашон»-и Фокс, мо панҷ кандакории мисинро ёфтем, ки марги пуразоби панҷ масеҳиёнро тасвир менамояд: Виталий, Волфганг Биндер Счардинг, Хендрик Пруйт, Ҷон Брет ва Матиас Майерро. Аз он замон мо танҳо маълумоти кам дорем. Бо вуҷуди ин, мо қарор додем, ки кандакориро дохил мекунем, зеро шиканҷаҳое, ки онҳо аз сар гузарондаанд ва марге, ки онҳо қабул карданд, барои ҳазорҳо азияткашони дигар хос буд. Онҳо сазовори ёдоварӣ мебошанд.

Волфганг Виталий

Виталий дар Равенна, дар Италия, тақрибан дар соли 99-уми мелодӣ, зинда гӯронида шуд.

Волфганг Биндер Счардинг

Биндер дар Бавария, Олмон, дар соли 1571 сар аз тан ҷудо карда шуд.

Хендрик Пруйт

Дар соли 1574 берун аз Воркам, Хендрик Пруйтро бо қатрон молида, ба қаиқ бастанд. Сипас шӯъларо афрӯхта, киштиро ба об сар доданд.

Ҷон Брет

Дар Антверпен, Белгия, дар соли 1576, бо мехи то сурхшавӣ тафсида, забони Ҷон Брет, англисро халонданд ва баъд ӯро сӯзонданд. Ҳарчанд, манбаъҳои иттилоотии ба мо дастрас инро намегӯянд, дар он вақт ин ҳодисаи маъмулӣ буд, вақте ҳар касе, ки таълимотҳои ислоҳотии Инҷили Исои Масеҳро мавъиза мекард, забони онҳоро маъюб мекарданд.

Матиас Майер

Дар соли 1592, дар Вейра (шаҳр ёфт нашудааст) дастони Майерро ба пушт баста, ӯро аз сарбанд ба об партофтанд ва ғарқ карданд.

18.
Куштор дар Рӯзи Барталмои муқаддас (1572 с.)

24 августи соли 1572, католикони румӣ ба куштори оммавии гугенотҳо, протестантҳои калвинистии Фаронса оғоз намуданд. Куштор дар Париж сар шуд ва дар давоми ду моҳ, дар саросари Фаронса паҳн гардид, то он даме, ки қариб сад ҳазор протестантҳо кушта нашуданд; гугенотҳо қариб ки аз рӯи замин несту нобуд карда шуданд. Ҳамаи ин аз маросими никоҳ оғоз ёфт.

Карли IX, подшоҳи Фаронса аз соли 1560 то соли 1574, издивоҷи байни хоҳари нуздаҳсолаи ӯ Маргарита Валуа ва подшоҳи нуздаҳсола Генрих Наварскийро пешниҳод намуд. Генрих дар соли 1589 подшоҳи Фаронса шуд ва роҳбари гугенотҳо буд. Карл фикр мекард, ки бо ин издивоҷ ӯ адоватро миёни қисми аксарияти католикии Рум дар Фаронса ва протестантҳо, ки артиши онҳо таҳти роҳбарии адмирал Гаспард де Колинйи як чанд маротиба ба артиши подшоҳии Фаронса шикаст расонда буд, яктараф мекунад ва онҳо ба сулҳи бебақо ноил гардиданд.

Гаспард де Колинӣи дар Чатилйон-син-Лу-инг дар Фаронса, 16 феврали соли 1519 таваллуд шуд. Ӯ ба мартабаи баланд расид ва дар соли 1552 адмирали Фаронса таъин гардид. Бародари вай Франсиск д'Анделот калвинист буд ва ба туфайли нуфузи ӯ Колинӣи, баъд аз он, ки дар муҳорибаи дар наздикии Квантини муқаддас, дар соли 1557 ба асорат афтод, ба калвинизм рӯ овард.

Баъд аз марги шоҳ Генрихи II, ки дар соли 1559 тасодуфан дар мусобиқаи баҳодурон кушта шуда буд, Колинӣи бо шоҳзода Конде (шоҳзода де Конде), Людовики I барои роҳбарии гугенотҳои Фаронса иттифоқ баст ва аз подшоҳи нав Карли IX, ки католики румӣ буд, таҳаммулпазирии диниро талаб намуд. Ҳарчанд, Колинӣи кӯшиш намуд, ки масъалаҳои диниро миёни ҳокимияти католикии Рум ва протестантҳои Фаронса бо роҳи осоишта ҳал намояд, ҷанги шаҳрвандӣ якбора сар зад. Дар соли 1569 Людовики I дар муҳорибаи назди Ҷарнак вақте ки лашкари гертсог Анҷуйский ба гугенотҳо зарба зад, кушта шуд,. Сипас, Колинӣи сарлашкари протестантҳо шуд.

Чанде пас аз мағлубшавӣ дар Монконтур Колинӣи лашкари худро аз саросари Фаронса гузаронд ва дар моҳи июни соли 1570 лашкари шоҳонаро дар Арни-ле-Дюк шикаст дод. Дар натиҷаи ғалаба ӯ тавонист бо подшоҳ сулҳ бандад, вале зиёда аз яку ним сол гузашт, пеш аз он ки вай дар дарбори шоҳ пайдо шавад. Аммо, ӯ ба зудӣ ҳусни таваҷҷӯҳи шоҳ Карли IX –ро ба даст оварда ва ҳар замон ба ӯ оид ба масъалаҳои шоҳигарӣ машваратҳо медод.

Ҳусни таваҷҷӯҳ ва эътимоди дӯстона дар миёни Карл ва Колинӣи қувват мегирифтанд ва Катерина де Медичи, модари шоҳ дар ин таҳдидро ба иззати нафси худ медид. Баъд аз марги Генрихи II, шавҳари худ ва падари Карл, қудратро бар Карл ба дасти худ гирифт ва мехост, ки ҳамеша дар ихтиёри худ дошта бошад. Вале, маслиҳатҳои Колинӣи оғози сустшавии қудрати вай буд. Ҷашни ҷамъиятии никоҳи Маргарита Валуа ва

шоҳ Генрих Наварский 18 августи соли 1572 бо ибодат таҳти роҳбарии кардинал Бурбон оғоз ёфт. Баъд аз маросим ҷашни калон барпо карда шуд. Дар он шоҳ ва малика –модар, усқуфи Париж, аксарият саррӯҳониёни румӣ-католикӣ ва ҳамаи онҳое, ки дар Фаронса вазифаҳои баландро ишғол менамуданд, ҳам католикон ва ҳам протестантҳо омада буданд.

Пас аз чор рӯзи баъди никоҳ, 22 августи соли 1572, вақте ки адмирал Колинйи аз маҷлиси шӯрои Фаронса бармегашт, ӯ аз ду даст маҷрӯҳ гардид, ки онро қотиле, ки Катерина ва аъзоёни оилаи Гизҳо киро карда буданд, расонд. Вақте ки ба ӯ ёрии тиббӣ мерасонданд, вай ба хизматгори дар наздаш буда гуфт: «Эй, бародари ман, акнун ман медонам, ки маҳбуби Худои худ мебошам, зеро ман барои Ӯ маҷрӯҳ гаштам». Ҳарчанд хизматгор ба ӯ маслиҳат дод, ки тарки Париж намояд, Колинйи, ки дар тӯли тамоми ҳаёти худ сарбоз буд, қарор кард бимонад.

Дар аввал, Карл қасам хӯрд, ки барои сӯиқасд ба ҷони Колинйи қасос мегирад ва барои фаҳмидани он, ки қотили кироя кӣ буд ва кӣ ӯро киро намудааст, дарҳол фармуд, ки тафтишот баранд. Аз тарси он, ки дар натиҷаи тафтишот нақши ӯ дар ин сӯиқасд маълум мегардад, Катерина бо ёрии иттифоқчиёни худ аз тарс ва бадгумонии писараш истифода намуда, подшоҳи ҷавонро бовар кунонд, ки ин дар натиҷаи сӯиқасди протестантҳо ба амал омад, ки онҳо мехостанд исён бардоранд, аз ин рӯ, ӯ бояд тамоми роҳбарони гугенотҳоро, пеш аз он, ки онҳо бар зидди вай амал карда тавонанд, ба марг маҳкум кунад. Акнун, аллакай барои худ ҳарос намуда, шоҳ ба таклифҳои вай розӣ шуд, аз ҷумла ба марги дӯст ва мушовири худ, Колинйи. Катерина ва иттифоқчиёни вай дар ҳама ҷо нобуд кардани гугенотҳоро зуд ба нақша гирифтанд. Аксар роҳбарони гугенотҳо аз тамоми Фаронса ба Париж ба ақди никоҳ омаданд ва ҳеҷ кас набояд, ки онро зинда тарк менамуд. Аввал бояд Колинйи ҷон медод. Генрих, гертсоги сеюми Гизҳо, барои марги вай масъул таъин шуд.

Дар қарибии нисфи шаб 24 августи соли 1572, дар рӯзи иди Барталмои Муқаддас ишора дода шуд ва қатли оммавии гугенотҳо оғоз ёфт. Колинйии захмдор дар хонаи худ бо гурӯҳе таҳти роҳбарии гертсог ҳамла карда шуд. Марди олмонӣ бо номи Бесм [ё Бемс], ки дар хонаи Гизҳо хизматгор буд, бо шамшер синаи Колинйиро сӯрох намуд ва ӯро ҳанӯз зинда, берун аз тиреза ба кӯча партофт. Дар он ҷо одами дигари Гиз, сари Колинйиро, ҳангоме ки ӯ дар пеши пойҳои вай мехобид, аз тан ҷудо намуд. Дертар Бесм мегӯяд, ки вай боре ҳам надидааст, ки касе чун адмирал далерона ҷон дода бошад.

Нафрат нисбати Колинйи он қадар бузург буд, ки сарфи назар аз он, ки вай аллакай фавтида буд, папистони бераҳм дастҳо ва узвҳои таносули ӯро бурида партофтанд, сипас дар давоми се рӯз ҷисми бадшакл кардашудаи ӯро дар кӯчаҳо кашонданд ва баъд аз пойҳояш берун аз шаҳр овехтанд. Ҳамчунин, ба ғайр аз ӯ ҳар роҳбари протестантӣ, ки онҳо пайдо мекарданд, кушта мешуд, мардони бузург ва шариф, ба монанди домоди адмирал граф де Телинйи [ё Телиний]; граф де ла Рошфуко; Антониус; Кларимонтий; маркиз Равели; Левис Вюсси; Бандиний; Плавиалий; Барнеий ва аксарият дигарон. Вале бо куштани онҳо, аз ташнагии хун қаноатманд нагаштанд, он танҳо иштиҳои бади онҳоро бедор намуд ва онҳо ба буридани сари протестантҳои оддӣ оғоз намуданд, ки аз пасашон шабу рӯз, ба мисле ки ҳайвонро шикор мекарда бошанд, таъқиб менамуданд. Дар се рӯзи аввал дар Париж танҳо даҳ ҳазор ҷасад ба ҳисоб гирифта шудааст.

Онҳо ҷасадҳоро ба дарёи Сена мепартофтанд, то вақте ки об ба мисли хун сурх гашта буд. Хунрезӣ он қадар бардавом буд, ки аз ҷӯйҳои шорандаи Париж хун ба мисли оби баъд аз тӯфон резанда, мешорид. Хашм ончунон бошиддат буд, ки қотилон ҳатто он католикони румиро, ки дар таълимоти иблисонаи онҳо заиф буданд, аз ҳаёт маҳрум мекарданд. Ба зудӣ куштор дар тамоми Фаронса паҳн гардид ва то моҳи октябр давом ёфт. Он

чунон ба назар менамуд, ки гӯё балои баде папистонро фаро гирифта бошад ва онҳо дар ғайрати ҳуд барои қатл кардани ҳар протестантӣ дар Фаронса назар ба одамизод дида, бештар ба ҳайвонҳо монанд шуданд. Касе кӯшиш намекард, ки онҳоро боздорад ва барои онҳо ҳеҷ гуна ҷазо пешбинӣ нашуда буд, новобаста аз он, ки чӣ қадар одамонро қатл кардаанд.

Дар Орлеана, ки он дар 70 мил аз Париж дар дарёи Луара ҷойгир шудааст, ҳазорҳо нафар мардон, занон ва кӯдакон кушта шуда буданд. Дар Лион, 250 мил дар ҷанубу-ғарби Париж, ки дар он ҷо омезиши дарёҳои Рона ва Сена ба амал меояд, ҳаштсад нафар кушта шудаанд. Фарзандон ва волидон новобаста аз синну сол ва ҷинс, бо муҳаббат ва тарс ҳаракат дода шуда, ба якдигар маҳкам мечаспиданд. Сесад нафар, ки дар хонаи ускуф паноҳ меҷустанд, кушта шуданд, аммо роҳибони осӣ, ҳатто иҷозат намедоданд, ки ҷасадҳои онҳоро дафн кунанд. Дар Руана, 70 мил дар шимоли Париж, дар дарёи Сена ва дар Тулуза, 350 мил дар ҷануби Париж ва дар бисёр шаҳрҳои дигар дар саросари Фаронса, вақте ки аз куштори гугенотҳо дар Париж шунида ва он, ки ин аз ҷониби подшоҳ маъқул дониста шудааст, дарвозаҳои шаҳрро бастанд, ё посбононро гузоштанд, то касе аз протестантҳо фирор карда натавонад, вақте ки онҳоро таъқиб мекарданд, онҳоро дастгир менамуданд, сипас, бераҳмона мекуштанд. Танҳо дар Руана шаш ҳазор нафар кушта шуданд.

Дар вилояти Анжу дар водии дарёи Луара, онҳо коҳинро бо номи Алвиакий куштанд ва занҳои зиёдро таҷовуз карда куштанд. Дар байни онҳо ду хоҳарон буданд, ки онҳоро дар пеши чашми падарашон таҷовуз карданд ва ӯро ба девор бастанд, то ки ӯро барои нигоҳ кардан маҷбур кунанд. Вақте ки анҷом доданд, онҳо ҳар серо куштанд.

Дар Бордо, ҳарчанд он пойтахти музофоти англисии Акватайн дар соҳили Атлантика буд, роҳиби осӣ, ки пайваста дар бораи он, ки папистон бояд ҳамаи протестантҳоро ба қатл расонанд,

мавъиза мекард, католикони румиро ба по хезонд. Дар натиҷа 264 протестант кушта шуданд.

Дар Блоу, 91 мил дар ҷанубу шарқи Париж, гертсог Гиз ба сарбозони худ иҷозат дод, ки ҳамаи протестантҳоеро, ки онҳо ёфта метавонистанд, ба қатл расонанд ва амволи онҳоро аз худ намоянд. Ба ҳеҷ кас тарраҳум намекарданд, новобаста аз синну сол ё ҷинс. Ҳар духтар, пеш аз он, ки сари ӯро буриданд ё дар дарёи Луара ғарқ карданд, аз тарафи сарбозон таҷовуз карда шуд. Дар шаҳри Мера низ чунин рафтор мекарданд, ки дар он ҷо кашишро бо номи Кассебоний пайдо намуданд ва ӯро ба дарёи Луара партофтанд ва вай дар он ҷо ғарқ шуд. Дар ҳар шаҳр ё деҳа, ба ҳар ҷое, ки онҳо меомаданд, дар калон ё хурд, шаҳри маъруф ё деҳаи номаълум, онҳо бо ҳамон бераҳмии ваҳшиёна амал мекарданд. Дар шаҳре бо номи Турин [на он, ки дар Италия] шаҳрдори протестантӣ, барои наҷот додани ҳаёти худ, миқдори калони пулӣ дод. Пулҳоро гирифта, онҳо ӯро бо таёқҳо зарбу лат намуданд, ҳама либосҳояшро дар танаш дарронданд ва тавр аз болои дарё овехтанд, ки сар ва қафаси синааш дар об шуд, то ки ӯро барои дар об ғӯтта назадан, барои худро ба боло бардоштан маҷбур кунанд. Вақте ки ин тамошо ба дили онҳо зад, онҳо шикамашро чок карданд, рӯдаву гурдаҳояшро берун баровардаанд ва ба дарё партофтанд. Сипас, дилашро бурида гирифтанд ва онро ба нӯги найза гузошта, дар тамоми шаҳр гирифта гаштанд.

Дар Пена, баъд аз он, ки ба онҳо амниятро ваъда карданд, 300 нафар кушта шуд. Дар Албия, дар рӯзи Худованд 45 нафар кушта шуданд. Дар Нанна шаҳрвандон дар муддати чанд вақт меҷангиданд, то вақте ки ба онҳо амният кафолат дода нашуд, ба онҳо ваъда доданд, ки танҳо молу мулки онҳоро мегиранд. Аммо, ҳамин ки папистон ба шаҳр даромаданд, онҳо бо бераҳмии махсус ҳамаро, новобаста аз синну сол ба ҳалокат расонданд, хонаҳояшонро бошад, оташ заданд. Онҳо як зан ва шавҳарашро қапиданд, онҳоро аз ҷои хилват берун оварданд

ва якчанд маротиба зани ӯро дар пеши чашмони шавҳараш таҷовуз карданд. Сипас, шамшерро ба дастонаш гузоштанд, онҳоро дар дастак нигоҳ медоштанд ва теғи онро ба шиками шавҳараш халонданд. Вақте ки ин амали иблисона ба анҷом расонда шуд, онҳо ӯро низ куштанд.

Дар деҳаи Барре ин хизматгорони шайтон бо нафрати беандоза ҳаракат карда, шиками кӯдакони хурдсолро чок менамуданд ва рӯдаву гурдаҳои онҳоро канда мегирифтанд. Дар Метискона дасту пойҳои аксарият қурбониёнро буриданд, баъзеҳоро сипас куштанд, дигаронро бошад, гузоштанд, ки аз хунравӣ бимиранд. Худ ва ҳамин гуна одамони ба худ монандро хушнуд намуда, онҳо ҳар замон гугенотҳоро, ҳам мардон ва ҳам занонро аз кӯпруки баланд ба дарёи Луара мепартофтанд ва дар айни ҳол фарьёд мезаданд: «Оё, шумо боре дидаед, ки касе ин қадар хуб ҷаҳида метавонад?»

Оиди ҳамаи бераҳмиҳо, ки протестантҳо дар ин ду моҳи хунрезии пурдаҳшат ба он рӯ ба рӯ шуданд, нақл кардан имконнопазир аст. Вале як мисол аз ҳамаи он нақл хоҳад кард.

Зани Филипп де Дейкса ҳомиладор буд ва ба назди ӯ момодоя омад, зеро вақти таваллуд расида буд. Папистон ба хонаи онҳо зада даромаданд ва Филиппро дар бистараш куштанд, сипас, ба зориву таваллои момодоя нигоҳ накарда, ба шиками зан ханҷар халонданд. Калавида – калавида, ӯ аз хона ба сӯи анбор давида рафт ва ба зери тораки боми хона баромад, ба умеди он, ки пинҳон мешавад ва кӯдакро пеш аз мурдан таваллуд мекунад. Вале, онҳо ба зудӣ ӯро пайдо карданд ва боз бо ханҷар зада шикамашро чок намуданд. Сипас, аз он ҷо гирифта ӯро ба замин партофтанд. Вақте ки вай бо зарба пуштнокӣ ба замин зад, кӯдак аз шиками кушодааш ғалтид. Дарҳол, яке аз сарбуррони католикӣ кӯдакро гирифт ва ӯро кушта ба дарё партофт.

Шаҳодати дуюм, ки қатли оми гугенотҳоро тасдиқ менамояд, мактуби аз ҷониби католики солимфикр ва бомаърифати румӣ навишташуда мебошад:

«Никоҳи шоҳи ҷавон Наварский бо хоҳари подшоҳи Фаронса бо ҳашамати бузург таҷлил карда шуд. Аз ҷониби Катерина, малика-модар ва подшоҳ боварӣ дар муҳаббат, изҳори дӯстӣ ва ваъдаҳои зиёде баён карда шуданд. Дар рафти ҷашнвора меҳмонон дар бораи чизе фикр намекарданд ва аз тантана, бозиҳо ва базми ниқобдор ҳаловат мебурданд.

Сипас, соати дувоздаҳи шаб, дар огози иди Барталмои Муқаддас ишора дода шуд. Дарҳол, ба ҳамаи хонаҳои протестантҳо ҳамла оварданд. Адмирал Колинйи, ки аз ғавго бедор шуда буд, аз бистар замоне ҷаҳида хест, вақте ки якчанд қотил ба ҳуҷраи хоби ӯ зада даромаданд. Онҳоро Бесм, хизматгори оилаи Гизҳо мебурд. Ин марди бадбахт шамшери худро ба синаи Адмирал халонд, ҳамчунин рӯи ӯро бурида захмӣ кард.

Генрих, гертсоги ҷавон Гиз, ки то вақти хунрезии пурдаҳшат ба амал меомад, дар назди дари хоб меистод, бо овози баланд фарёд зад: «Бесм! Аллакай?» Дарҳол, баъд аз ин аблаҳон адмиралро аз тиреза берун партофтанд ва ӯ дар пеши пойи Гиз аз ҷониби аблаҳи дигаре, ки сари ӯро бурид, кушта шуд.

Граф де Телинйи, ки бо духтари Колинйи даҳ моҳ пеш аз воқеаҳои рӯхдодаистода издивоҷ намуда буд, инчунин кушта шуд. Вай он қадар зебо буд, ки сарбурроне, ки ӯро қатл кардан мехостанд, аз дилсӯзӣ бозистоданд, вале дигарон, ки аз ин ҳам бештар золим буданд, онҳоро тела дода, вайро қатл карданд. Дар ин вақт, дар Париж ҳама дӯстони Колинйи кушта шуданд. Мардон, занон ва кӯдакон, ҳама бе тафовут кушта шуданд ва ҳамаи кӯчаҳо аз протестантҳои ҷон додаистода пур шуда буд. Коҳинон таслибро дар як даст ва ханҷарро дар дасти дигар гирифта, дар

кӯчаҳо давида мегаштанд ва роҳбарони қотилонро огоҳ менамуданд, ки онҳо на ба хешовандон ва на ба дӯстон тараҳҳум нанамоянд.

Таванн, маршали Фаронса, сарбози ҷоҳил ва ҳурофотпараст, аспи худро дар кӯчаҳои Париж давонда, ба одамони худ фарёд мезад: «Хун резонед! Хун резонед! Дар моҳи август, чун дар моҳи май, хун рехтан файзбахш аст!» Дар ёддоштҳои писар дар бораи падари худ гуфта шудааст, вақте ки Таванн ҷон медод ва ба коҳини худ пурра иқрор мешуд, коҳин дар ҳайрат аз ӯ пурсид:

«Чӣ?! Ягон хел гуфтанӣ аз қатли ом дар Рӯзи Барталмои Муқаддас?!»Ба ин Таванн ҷавоб дод: «Ман ин амалро сазовори мукофот ва ситоиш мешуморам, он ҳама гуноҳи маро мешӯяд». Танҳо рӯҳи бардурӯғи дин метавонад илҳомбахши чунин фикрҳо бошад.

Навхонадорон Генрих Наварский ва ҳамсари ӯ дар қасри шоҳона мехобиданд; Ҳама хизматгорони онҳо протестантҳо буданд. Аксарияти онҳоро дар катҳояшон куштанд, дигарон дар кӯшиши наҷот ёфтан аз роҳравҳо ё аз утоқҳои қаср мегурехтанд, баъзеҳо ҳатто ба пешгоҳи шоҳ заза даромаданд. Зани ҷавони Генрих, аз тарс барои шавҳараш ва худаш, аз бистари худ давида хест, то ки ба хонаи хоби шоҳ давида равад ва дар пеши пойи бародари худ ҳимоя пурсад. Аммо, вақте ки ӯ дари хонаи хобашро кушод, якчанд хизматгорони протестантии ӯ барои наҷот ёфтан, ба ҳуҷра давида даромаданд. Сарбозон ӯро тела дода, ба ҳуҷра зада даромаданд ва як нафарро, ки дар зери кат пинҳон шуда буд, куштанд. Ду нафари дигар бо табарзини найзадор маҷрӯҳ карда шуданд ва дар пеши пойҳои вай афтода, бо хуни худ онҳоро пӯшонданд.

Граф де ла Рошфуко, дарбории ҷавон, ки ҳусни таваҷҷӯҳи шоҳро пайдо карда буд ва вай бо ӯ бо хушнудӣ муошират менамуду, шӯхӣ мекард, бо шоҳ ва дарбориёни вай то соати ёздаҳ шоми гуворо гузаронд. Подшоҳ барои Рошфуко то андозае азоби виҷдон мекашид, зеро вай протестантӣ буд ва ба ӯ ду ё се маротиба гуфт, ки ба хона наравад, балки шабро дар Луврa гузаронад, зеро ӯ медонист, ки дар он ҷо вайро пайдо намекунанд. Вале граф гуфт, ки ӯ бояд ба хона, ба назди ҳамсараш равад, аз ин рӯ, шоҳ аз розӣ кунондани вай бозистод ва ба дарбориёни худ гуфт: «Бигзор равад. Ман мебинам, ки Худо ба ӯ мурданро пешбинӣ намудааст». Пас аз ду соат граф ва ҳамсари ӯ кушта шуданд.

Аксарият қурбониёни оҷиз ба соҳили дарё медавиданд, то ки пинҳон шаванд, баъзеҳо бошанд, аз дарё ба шаҳрчаи Германикаи Муқаддас [ё Гермейна] шино карда мерафтанд. Аз хонаи хоби худ дар қасри шоҳона, шоҳ метавонист дарё ва шинокунандагонро дар он, ки кӯшиши наҷот ёфтанро мекарданд, бубинад. Яке аз хизматгоронаш туфангро барои ӯ омода намуд ва шоҳ якчанд нафарро дар дарё кушт. Малика -модар ҳангоми куштор ором буд, ҳар замон аз айвони худ нигоҳ мекард, ба қотилон фарёд зада, онҳоро рӯҳбаланд менамуд ва ба нолишҳои вопасини қурбониёни онҳо механдид.

Пас аз чанд рӯзи даҳшатҳои дар Париж рух дода, парлумони Фаронса кӯшиш намуд, ки хунрезиро на он қадар ҷиддӣ тасвир намояд ва адмирал Колинйиро дар мақсадҳои ниҳонӣ бар зидди шоҳ, ки ба ин ҳеҷ кас бовар намекард, айбдор намуда, онро асоснок гардонад. Сипас, онҳо қарор карданд, ки ҷасади ӯро бо занҷирҳо дар ҷои ҷамъиятӣ овехта, хотираи ӯро таҳқир

намоянд. Худи шоҳ барои дидани чунин намоиши хиҷолатмандона рафт. Вақте яке аз дарбориёнаш аз бӯйи бади ҷасадҳо шикоят намуда, ба ӯ маслиҳат дод, ки он ҷоро тарк намояд, шоҳ гуфт: «Душмани мурда бӯи хуб дорад». Хунрезӣ дар рӯзи Барталмои Муқаддас дар толори намоишгоҳи шоҳона, дар Ватикан дар Рум, бо навиштаҷоти «Pontifex, Coligny pecet probat», ки маънояш «Папа марги Колинйиро тасдиқ менамояд» тасвир шудааст.

Ин куштори пурдаҳшат на танҳо дар Париж рӯй дод. Дарбори шоҳона ба ҳамаи ҳокимони вилоятӣ амр дод, то ки онҳо ҳамаи протестантҳоро дар вилоятҳои худ маҳф кунанд. Дар натиҷа, қариб сад ҳазор протестантҳо дар тамоми Фаронса кушта шуданд. Танҳо якчанд ҳокимон ба амр итоат накарданд. Монт-морри, ҳокими Аувергне дар марказӣ Фаронса, ба шоҳ Карл суханони зеринро навишт: «Ҷаноби олӣ! Ман амрро бо мӯҳри аълоҳазрат барои қатл кардани ҳамаи протестантҳо дар вилояти худ ба даст гирифтам. Ман аълоҳазратро аз ҳад зиёд эҳтиром менамоям, то ки ба ҳаққонӣ будани ин нома бовар кунам. Вале, агар амр ҳаққонӣ аст, пас Худо маро бубахшад, ман аълоҳазратро хеле эҳтиром мекунам, то ки ба ӯ итоат намоям».

Дар Рум шодӣ аз хунрезӣ дар Рӯзи Барталмои муқаддас чунон бузург буд, ки онҳо ин рӯзро тантана ва ҷашн эълон карданд. Ҳар касе, ки ин рӯзро ҷашн мегирифт ва бо ҳар роҳ дар он иштирок менамуд, ба онҳо хати кафорати гуноҳҳои (индульгенция) зиёд дода шуда буданд. Он марде, ки аввалин шуда хабарро дар бораи куштор ба Рум оварда, аз кардинал Лорейн барои ин хабари фасод 1000 крон гирифт. Дар Париж, шоҳ фармон дод, ки ин рӯзро бо шодии бузург ҷашн гиранд,

зеро ӯ бовар дошт, ки тамоми насли гугенотҳо маҳв карда шуданд ва якҷоя бо онҳо тамоми протестантҳои Фаронса низ. Вале, Инҷили ҳақиқии Масеҳ наметавонад, дар ягон кишвар маҳв карда шавад, танҳо Худо метавонад онро бигирад.

Дар охири қиссаи хунрезӣ дар Рӯзи Барталмои муқаддас дар хусуси он, ки бо шоҳи ҷавон Генрих Наваррский, ки акди никоҳи ӯ сабаби хунрезӣ гардид ва ҳаёти вай наҷот ёфта буд, чӣ руй дод, бояд нақл кард.

Ҳастанд касоне, ки тасдиқ мекунанд, ки вай ба шарофати малика-модар аз марг раҳо шуд, зеро аз сӯиқасд ба ҳаёти худ аз ҷониби гугенотҳо ҳаросида, мехост вайро ҳамчун кафолати бехатарии худ зинда нигоҳ дорад, инчунин ӯ фикр мекард, ки метавонад вайро барои бовар кунондани гугенотҳое, ки наҷот ёфта метавонистанд, истифода барад. Дигарон мегӯянд, ки Генрих овозаҳоро дар хусуси он, ки ӯ аз дини протестантӣ даст кашидааст, паҳн намуда, аз марг раҳо шуд. Ҳастанд касоне, ки мегӯянд, ки ӯро ба калисои папа рӯ овардан маҷбур кардаанд ва ӯ ба зудӣ аз эътиқоди худ даст кашидааст, то ки аз нав роҳбари артиши гугенотҳо шавад.

Чун хунрезӣ ба охир расид, шоҳ Карл аз ҳодисаи рухдода сахт ба изтироб афтода маъюс гардид ва то дами марг дар ин ҳолат монд, ки пас аз ду сол бо сабаби табларза ба амал омад.

Ӯро бародараш Генрихи III иваз намуд. Баъд аз подшоҳ шудан дар Фаронса, Генрихи III дарҳол бо гугенотҳо сулҳ баст. Бо ин ӯ католикони Румро ба хашм овард, ки онҳо таҳти роҳбарии хонаи Гизҳо Лигаи пурқудратро, ки ба подшоҳ мухолифат карда метавонист, ташкил карданд.

Дар соли 1585, Лига Генрихи III-ро маҷбур кард, ки протестантҳоро ғайриқонунӣ эълон намояд ва Генрих Наварскийро аз ворисӣ ба тахти Фаронса дур кунад. Азбаски Лига дигар ба шоҳ эътимод надошт, дар моҳи майи соли 1588 онҳо исён бардоштанд, то ки ӯро аз Париж бадарға кунанд. Лига ва папа эълон карданд, ки Генрихи III аз тахт гирифта

мешавад. Дар моҳи декабри соли 1588, Генрихи III, Генрих, гертсог де Гиз ва бародари ӯ, кардинал де Гизро кушта, барои ин интиқом гирифт.

Генрихи III бо Генрих Наварский шартнома баст ва дар соли 1589 дар Париж ба ҳуҷуми низомӣ гузашт. Аммо, Генрихи III аз ҷониби мутаассиби католикии румӣ Ҷаскис Клемент дар Клауди Муқаддас ба таври хиёнаткорона кушта шуд.

Пеш аз маргаш, шоҳ Генрихи III Генрих Наварскийро вориси худ эълон кард. Ғайр аз ин, Генрих Наварский, ки дорои ҳуқуқи вориси шоҳ Луии IX буд, тавассути писари Луи Роберт Клермон ва инчунин ҳамсараш Маргарита де Валуа, ки духтари Генрихи II буд, ба тахт даъво намуд.

Лигаи румӣ католикии пуриқтидор эътироф кардани ӯро рад намуд ва дастгирии шоҳ Филип II, подшоҳи Испанияро ба даст овард. Генрих Наварский кӯшиш намуд, ки онҳоро бо нерӯҳои низомӣ фурӯ нишонад ва тахтро дар Париж ишғол намояд, вале, дар кӯшишҳои худ ба нокомиҳо дучор омад, аз ин рӯ дар соли 1593 ба католисизм рӯ овард. Ин ба ӯ барои забт намудани Париж кӯмаки лозимаро дод, ки дар соли 1594 рӯй дод. Ба ӯ ибораи машҳурро мансуб медонанд: «Париж ба намози пешин (месса) меарзад» Дар соли 1598, Генрихи IV, ки ӯро акнун чунин меномиданд, тамоми империяи Фаронсаро тобеъ намуд.

Дарҳол, пас аз зери назорат гирифтани Фаронса, Генрихи IV «Ахбороти нантӣ»-ро аз чоп баровард. Ин ахборот ба ҷанге, ки ним аср давом мекард, хотима гузошт ва ба гугенотҳо ҳуқуқҳои сиёсии бо католикҳо баробарро дод: ҳуқуқ ба зиндагии озодона дар ҷои дилхоҳи Фаронса; озодии шахсии ибодат дар хонаҳои худ, вале на дар дарбори шоҳ ва на дар давоми понздаҳ мил аз Париж. Инчунин ӯ ба онҳо чанд ҷойҳои истеҳкомро ҳамчун «шаҳрҳои гурезгоҳ» пешниҳод намуд, ки дар он ҷо аз таъқибот раҳо ёфта метавонистанд, агар ба онҳо расида метавонистанд. Яке аз чунин ҷойҳо органи худидоракунии маҳаллии (муниципалитет) Ла Рошел дар ғарби Фаронса дар

халиҷи Бискайский буд. «Ахбороти нантӣ» то соли 1685 дар эътибор буд, то вақте ки аз тарафи Людовики XIV бекор карда шуд.

Дар вақти ҳукмронии Генрих IV, дар гузашта Генрих Наварский, худро ба беҳтар намудани зиндагии мардуми Фаронса ва омӯзиши Дунёи Нав бахшид. 14 майи соли 1610 ӯ аз тарафи як мутаассиби динӣ ҳангоми сафар аз Париж кушта шуд.



Қисми II
Се асри навбатӣ

19.
Таъқиботи Анна Хатчинсон, Мери Даер, Маргарет Уилсон, мадам Жанна Гийон ва Мигел де Молинос

Дар сесад соли оянда шумораи масеҳиёни барои имон кушта шуда якбора кам гардид, зеро таъқиботҳои систематикии умумии барвақтӣ дар сиёсати динӣ ё давлатӣ асос мегирифт. Ҷаҳон зуд тағйир меёфт ва аз он дунё, чунон ки он пештар буд, тағйирёбанда мегашт ва ба мутамаддин ва механизонида бештар табдил меёфт, аз ин рӯ шиканҷа додан, сӯзондан ва овехтани одамон барои ақидаҳои динии онҳо ба таври умум истифода намешуданд.

Ҳамаи ин кӯҳна шуд. Дар таърих асри XVI замони пирӯзии илм буд. Он замони Иоганн Кеплер, Галилео Галилей, Франсиск Бейкон, Роберт Хук, сэр Исаак Нютон буд; Он замоне буд, вақте ки олимон олами берунии қаблан ғайбро бо ёрии телескоп ва инчунин олами дарунии қаблан номаълумро бо ёрии заррабин кашф мекарданд. Ин замони «Дон Кихот», «Биҳишти гумшуда» ва «Саёҳати мусофир» буд. Дар миёнаи асри XVI, Ислоҳот дар аксарият мамлакатҳо қабул шуда буд,

вале на дар ҳамаи онҳо сулҳи барои калисо пуризтироб баста шуда буд.

Асри XVII замони хирад, ҳуқуқҳо ва инқилобҳо буд. Он замони Даниэл Бунна, Бенҷамин Франклин, капитан Ҷеймс Хук ва Екатеринаи Бузург буд. Дар он вақт ғуломдорӣ ба авҷи худ расида буд. Зиёда аз 2000 киштиҳо барои интиқоли ғуломон мунтазам аз Ливерпул ва Англия ба Африқои Ғарбӣ равона мешуданд. Қариб шаш миллион африқоиҳо озодии худро дар ин аср аз даст доданд ва даҳҳо ҳазор нафар ҳангоми сафар аз Африқо ба Ҳиндустони Ғарбӣ ба ҳалокат расиданд. Соҳибони киштиҳо одамонро ҳар қадар метавонистанд, зиёд ба таҳхонаҳои беҳавою бемориҳои сирояткунандаи киштиҳо меронданд, пеш аз ин дар соҳил ба аксарият тамға мезаданд ё маъюб мекарданд, то ки фироро пешгирӣ намоянд. Касонеро, ки исён мекарданд, аксар вақт то мурдан лату кӯб мекарданд ё ба дор меовехтанд. Бештар аз шаш миллион ғуломон ба Амрико фурӯхта шуданд. Ғайриоддӣ бошад ҳам, вале «Эъломияи истиқлолият» маҳз дар Амрико, дар Конгресси континенталӣ дар Филоделфия, 4 июли соли 1776 тасдиқ шудааст. Он эълон менамояд, ки «ҳамаи одамон баробар офарида шудаанд, аз ҷониби Офаридгори худ бо баъзе ҳуқуқҳои дахлнопазир, ки дар миёни онҳо ҳаёт, озодӣ ва пайдо кардани эҳсоси хушбахтӣ фароҳам оварда шудаанд».

Асри XVIII давраи мошинҳо буд. Ин давраи Наполеон Бонапарт, Флоренс Найтингейл, Карл Маркс, Гарриет Бичер Стоу, Самуил Финли Бриз Морзе ва Александр Грэҳэм Белл буд. Ин ҳамчунин замони Нат Тернер, Дред Скотт, «Кулбаҳои амаки Том», Ҷон Браун, Авраам Линколн ва ҷанги шаҳрвандӣ буд.

Дар ин солҳои пур аз оворагӣ, вақте ки ҷаҳон куллан тағйир меёфт, таъқиботҳои динии ҷомеаҳои масеҳӣ ва шахсони алоҳида дар шумораи хеле кам буданд. Аз ин сабаб, то мо танҳо шумораи хеле ками қиссаҳо ва сабтҳо омада расидаанд. Вале мо табиати ҳайвонро ва инчунин порчаи Навиштаҷотро

дониста – «ва ҳамаи онҳое ки дар Исои Масеҳ парҳезгорона зиндагӣ кардан мехоҳанд, ба таъқибот дучор хоҳанд шуд», мо дарк менамоем, ки ин чанд қисса танҳо нӯги яхкӯҳ (айсберг) мебошад. Дар боби мазкур саргузашти чор зани таъқибшаванда, ки се нафари онҳо азияткаш шуданд ва инчунин саргузашти як мард мебошад. Дар боби оянда қиссаҳо дар бораи панҷ мард хоҳанд шуд.

Анна Хатчинсон (1591-1643 сс.)

Анна Марбури Хатчинсон дар Алфорд, графии Ланкашир, Англия, дар моҳи июли соли 1591 таваллуд шудааст. Ӯ сеюмин фарзанд аз сездаҳ фарзандони устои англис Франсиск Марбури буд, ки ду маротиба аз ҷониби мақомоти калисо барои мавъиза бар зидди догматҳои калисои Англия дар зиндон маҳкам шуда буд. Марбури Коллеҷи Масеҳро дар Кембриҷ анҷом дод ва ҳуқуқи мавъиза карданро гирифт. Ҳангоми бори аввал дастгир шуданаш, ӯ дар Нортхемптон коҳини маҳаллӣ буд. Баъд аз озод шудан ба ӯ барои ба калисои Нортхемптон рафтан манъ намуданд, вале вай қатъ кардани баромадҳояшро бар зидди калисои Англия рад намуд ва аз нав боздошт гардид.

Ҳарчанд Анна маълумоти расмӣ нагирифтааст, ӯ таҳсил мекард ва ба падари худ ва дӯстонаш гӯш медод, ки дин ва ҳокимиятро муҳокима мекарданд. Вақте ки ӯ чордаҳсола буд, ба падари вай калисои Мартини Муқаддас дар Лондон супорида шуд. Дар соли 1612, вақте ки вай бисту як сола шуд, дар калисои Марияи Муқаддас дар Лондон, ӯ бо Уилям Хатчинсон бо дӯстдоштаи худ ҳанӯз аз замони кӯдакӣ никоҳ карда шуд, баъд аз ин онҳо барои зиндагӣ ба Алфорд кӯчиданд. Дар онҳо он ҷо дар давоми бисту як сол монданд. Дар давоми ин вақт, Анна чордаҳ фарзанд таваллуд кард ва танҳо як нафари онҳо дар хурдӣ вафот намуд, ки дар он айём ин ниҳоятдараҷаи (рекорд) беназир буд.

Бо вуҷуди ҳаёти серҳаракати худ ҳамчун ҳамсар ва модар, Анна дар корҳои динӣ фаъол буд. Ӯ зуд-зуд ба Бостон сафар мекард, ки 24 мил дуртар аз графии Ланкашир ҷойгир шудааст, то ки ба Ҷон Коттон, ки шӯбони калисои Ботолфи Муқаддас буд, гӯш андозад. Коттон хатмкунандаи Донишгоҳи Кембриҷ, коҳини бахшидашудаи англиканӣ, калвинисти боэътимод ва ҷонибдори пуританиҳо буд. Калвинизми ҷиддии ӯ боиси низоъ бо мақомоти калисо гардид ва дар соли 1633 ӯро маҷбур карданд, ки Англияро тарк намояд. Якҷоя бо писари калонии Хатчинсонҳо Эдвард ӯ ба колонияи Массачусетс-Бей дар Англияи Нав муҳоҷират намуд, ки дар он ҷо дар калисои ягона дар Бостон хизматгор шуд. Анна пайрави содиқи Коттон буд ва борҳо аз ӯ маслиҳат мепурсид. Азбаски, Хатчинсонҳо ва Коттон дӯстони хуб буданд, оилаи Хатчинсонҳо нақша карданд, ки бо Коттон раҳсипор шаванд, вале Анна дар ин замон бо кӯдаки чордаҳуми худ ҳомиладор буд, бинобар ин онҳо қарор карданд, ки рафтанро то тобистони соли оянда ба таъхир гузоранд.

Якчанд маротиба Анна барои баёни ақидаҳои пуританӣ боздошт шуда буд ва замоне пештар аз сафар ба Амрико муносибати худро бо калисои Англия канда кард. Баъд аз таваққуф ӯ зиёд сафар мекард, то ки ба ягон хизматгузор, ки ба ҳақиқати Каломи Худо таълим медод, гӯш андозад. Боре вай гуфт: «Худованд ба ман хизматгузорони гуногунро нишон дод ва он чизеро, ки онҳо ба он таълим медиҳанд». Вай ҳамчунин хонандаи ҳариси Китоби Муқаддаси ба наздикӣ чоп шудаи (с. 1611) шоҳ Ҷеймс буд.

Ба Анна муҳокимаҳо дар бораи антиномианизм сахт таъсир расонд, ки ба қонунҳои ахлоқӣ мухолифат мекард, вале қонуни итоатро дар ҳидояти дарунии Рӯҳ нигоҳ медошт. Баъд аз Ислоҳот баъзе пайравони Мартин Лютер таълимоти ӯро дар бораи сафедшавӣ гирифта, онро шарҳ медоданд ва мегуфтанд, ки масеҳиён дигар набояд ба қонун риоя кунанд. Анна чунин мешуморид: «Агар шумо танҳо ба шариат назар афканед, ин

далели он нест, ки шумо қалби меҳрубон доред». Сарфи назар аз он, ки ӯ антиномианизмро қабул мекард, зиндагии вай бенуқсон буд ва ба меъёрҳои баландтарини ахлоқӣ мувофиқат мекард, зеро Худо ҳаёти ӯ буд.

Вақте ки вай кӯдаки понздаҳуми худро дар колонияи Массачусетс-Бей дар моҳи марти соли 1636 таваллуд кард, ӯ ба вай номе аз Китоби Муқаддас Суриилро (Ададҳо 3:35), гузошт, ки маънояш «Кори ман – Худо аст».

Бостон шаҳри кишоварзӣ бо аҳолии қариб ҳазор нафар буд. Чанде пас аз омаданаш Анна дар хонаи худ синфҳои калонро барои занон кушод ва онҳоро ба он чизе, ки дар ҷустуҷӯи ҳақиқати рӯҳонии худ фаҳмида гирифта буд, таълим медод. Баъзеҳо мегӯянд, ки ба хизматҳои ӯ дар хонаи калони фермерии онҳо, ки дар гӯшаи кӯчаи Мактаб ва Вашингтон, дар рӯ ба рӯи хонаи ҳокими колония Ҷон Винтроп ҷойгир шуда буд, қариб ҳаштод нафар занон меомаданд.

Анна хизмати шифои рӯҳ ва бадани одамонро бо комёбиҳои бузург мегузаронд, ӯ хусусан дар хизмат ба кӯдакони бемор муваффақ буд, шояд аз сабаби дилсӯзии бузурги вай нисбати онҳо бошад. Дар ҳаёти сахти занон дар Англияи Нав Анна овози тасаллобахш буд, ки онҳоро ба чӣ тавр аз Худо қувват ва файз гирифтан таълим медод, ки онҳо ба он эҳтиёҷ доштанд. Чун зоҳидон (квиетист), ки дар Аврупо фаъолият доштанд, вай онҳоро ба он таълим медод, ки Рӯҳи Муқаддас андаруни одам бо амалҳои дурусти вай роҳбарӣ менамояд ва агар қалби инсон бо файзи ҳақиқии Худо пур шуда бошад, ин инсон наметавонад дар роҳи худ гумроҳ шавад.

Дар аввал Анна таълимоти пуританиҳоро қабул мекард, вале дертар ӯ бо пуританизми ортодоксӣ розӣ намешуд. Чун инсони барҷаста, муассир ва донандаи хуби Китоби Муқаддас ва иллоҳиёт, вай инкор менамуд, ки иҷрои шариати динӣ далели порсоӣ мебошад ва дар он боэътимод буд, ки тақводории ҳақиқӣ аз амали дарунии Рӯҳи Муқаддас ба амал меояд. Инчунин ба

ақидае инсон, ки одам таҳти «аҳди файз», хусусан чуноне, ки ин дар Аҳди Ҷадид нишон дода шудааст, метавонад бевосита бо Худо муошират намояд.

Гарчанде ки Анна ба занон дар Бостон кӯмак мерасонд, вале он ҳақиқат, ки як зан ба занҳои дигар мавъиза мекунаду инро новобаста аз касе дар хонаи худ амалӣ менамояд, ба зудӣ мардони рӯҳонии дини тасдиқшударо ба хашм овард. Анна пайваста маъвизаҳои аҳли динро, ки ягона роҳи наҷот ин риоя кардани шариат аст, таълим медод, танқид мекард ва бо танқиди худ ӯ ба афзоиши эътирозҳо мусоидат намуд. Анна бовар дошт, ки Худованд дар ҳар як инсон сокин аст ва танҳо ба василаи имон наҷот ёфтан мумкин аст. Ин бар хилофи таълимоти падарони пуританизм буд. Боре Анна фикри худро оиди рӯҳониён чунин баён намуд: «гурӯҳи профессорони шариатдон, ки ягон кор намекунанд, балки пайваста, ки чӣ гуна Масеҳ Худро кам донист, меомӯзанд». Дар моҳи декабри соли 1636, ки баъзе аз рӯҳониён ӯро даъват намуданд ва кӯшиш карданд, ки ӯро барои аз ақидаҳои худ даст кашидан маҷбур кунанд ва дар байни онҳо, бо тааҷуби вай, хизматгузори англисӣ ва дӯсти ӯ Ҷон Коттон буд. Коттон дар аввал ӯро дастгирӣ менамуд, вале ҳоло ошкоро таълимоти ӯро рад мекард. Ҷавобҳои Анна ба саволҳо ва танқиди онҳо самимӣ ва қатъӣ буданд, ки ин танҳо ба афзудани нафрат нисбати вай мусоидат намуд. Душманони ӯ вайро ба зудӣ бо Изобал аз Аҳди Қадим муқоиса менамуданд, ҳарчанд дӯстон вайро ба Пристсила дар Аҳди Ҷадид баробар мекарданд. Чун Пристсила бо Апӯллӯс, Анна ба занҳое, ки барои кӯмак ба назди вай меомаданд, кӯшиш мекард, ки Навиштаҳоро ҳарчи дақиқтар фаҳмонад, вале акнун ҳар касе, ки ба Амрико меомад, барои аз таъқибот дар Англия раҳо шудан, таъқибкунандаи вай гардида буд.

Таълимоти Анна ҳамчун бидъати антиномианизм доғдор карда шуда буд ва ҳокими колония барои ҷазо додани ӯ ва пайравони сершумораш дар Бостон омодагӣ медид. Вақте ки

яке аз тарафдоронаш Генри Вейн ҳоким Ҷон Винтропро дар соли 1636 шикаст дод ва ҳокими колония шуд, пуританиён ба ӯ мухолифат карданд ва дар соли оянда идоракунии колонияро ба Ҷон Винтроп баргардонданд. Таҳти роҳбарии Винтроп шӯрои олии хизматгузорони калисо (синод) таълимоти Аннаро дар моҳи августи соли 1637 маҳкум карданд. Дар моҳи ноябр ӯро ба мурофиа назди ҳоким дар як калисои торик дар Ню-Таун, дар соҳили дарёи Чарлз, дар рӯ ба рӯи Бостон оварданд ва дар исёну беҳурматӣ нисбати ҳокимият айбдор намуданд.

Ӯ дар мурофиа гуфт, ки вай ба Англияи Нав омадааст, зеро Худованд ба ӯ амр намуд. Айбдоркунанда аз ӯ пурсид: «Чӣ тавр ту медонӣ, ки бо ту Худованд сухан гуфтааст, на шайтон?» Вай ҷавоб дод: «Чӣ тавр Иброҳим медонист, ки Худованд ба ӯ гуфта буд, ки писарашро қурбонӣ кунад? Ман низ овози Рӯҳи Худоро дар қалби худ медонам».

Ҳарчанд, ҷавобҳои ӯ ба Навиштаҳо мутобиқат мекарданд, онҳо танҳо боиси нафрати душманонаш мегардиданд, ки акнун чунин мешумориданд, ки вай худро хеле боло мегузорад, шояд, ҳатто аз онҳо ҳам болотар. Бинобар ин, онҳо ӯро маҳкум карданд. Ҳоким Винтроп изҳор намуд: «Ту аз шаҳраки мо, чун як зане, ки ба ҷомеаи мо мувофиқат намекунад, ронда мешавӣ». Анна пурсид: «Ман мехоҳам донам, ки барои чӣ маро меронанд?»

Винтроп гуфт: «Дигар чизе нагӯй, додгоҳ медонад барои чӣ ва ҳамин кофӣ аст».

Ба ғайр аз ҳамаи ин, Аннаро барои «баргузории ду таълимоти оммавӣ ҳар ҳафта дар хонаи ӯ ва барои танқиди ҳамаи хизматгузорон, ба ғайр аз ҷаноби Коттон, зеро ки онҳо дар бораи аҳди файзи озод мавъиза накарданд, маҳкум намуданд».

Саломатии Анна бо ҳомиладорӣ ва таваллуди шумораи зиёди кӯдакон заиф гардида буд, илова бар ин, дар ин вақт ӯ бо фарзанди шонздаҳум ва охирин ҳомиладор буд, аз ҷумла аз ғамхории худ барои чунин оилаи калон ва хизмати доимӣ ба

ҳамаи онҳое, ки ба наздаш меомаданд. Ба ғайр аз рондашавӣ, ӯ ба чор моҳи зиндон маҳкум шуд. Вале аз сабаби он, ки дар он вақт дар колонияи Массачусетс зиндон набуд ва ӯ наметавонист дар фасли зимистон аз сабаби саломатии бади худ сафар кунад, ӯро дар ҳамсоягии Роксбери дар хонае, ки ба хеши яке аз хизматгузороне, ки ӯро айбдор мекард, тааллуқ дошт, маҳкам карданд.

Дар моҳи марти соли 1638 вай аз нав ба додгоҳ оварда шуд, ин дафъа ба мурофиаи калисои пуританиҳо, ки ӯро дар ақидаҳои ортодоксӣ пайравӣ накардан, гунаҳкор мекарданд. Мурофиа дар калисои Аввалини ӯ дар Бостон, ки Ҷон Вилсон дар он шӯбон буд, гузашт. Ҳамаи сокинон аз нажоди баланду паст, аз ҳар тараф, аз ҷумла ҳокими Винтроп, калисои хурдакакро пур карданд. Аммо, дар он ҷо тарафдорони асосии ӯ набуданд – занҳое, ки вай дар хонааш ба онҳо таълим медод ва машваратҳо мегузаронд. Баъзеи онҳо аз ҷамоат ронда шуда буданд, баъзеҳо худ аз сабаби қабул накардани таъқиботҳои Анна баромада рафтанд, баъзеашон бошанд, танҳо метарсиданд, ки онҳоро ҳамчун дӯстон ва тарафдорони ӯ нашиносанд. Бо Анна танҳо писари вай Ричард ва Томас Севейҷ буданд.

Мурофиа чанд рӯз давом кард. Дар ин вақт, шӯбони вай Ҷон Вилсон якбора дар маҷлис бар зидди вай баромад мекард, чуноне, ки собиқ мушовир ва дӯсти ӯ Ҷон Коттон рафтор намуда буд. Дар рӯзи охирин Вилсон тасодуфан ё барқасд изҳороти Анна додаро вайрон намуда, бо нафрат ба вай гуфт: «Ту гуфти, ки гуноҳ карда наметавонӣ?» Анна ҷавоб дод: «Агар қалби ман рост бошад, ман гуноҳ намекунам». Ӯ давом дод: «Магар қалби ту рост аст?» Анна гуфт: «Ман кӯшиш мекунам, ки онро дуруст кунам». Ба вай иқрорномаи омоданамударо дода гуфтанд, ки онро бо овози баланд хонад, аммо вай онро бо овози ба зӯр фаҳмо ва бо сари хам хонд. Дар иқрорнома, ба ғайр аз дигар чизҳо, инчунин онро илова намуданд, ки ӯ Китоби Муқаддасро нодуруст маънидод менамуд ва дар бораи рӯҳониён суханони

бад мегуфт. Анна иҷозат пурсид, ки барои ин дуо кунад ва гуфт, ки решаи гумроҳии вай дар ифтихори рӯҳи ӯ буд. Дар ҷавоби мулоҳизаи ӯ яке аз айбдоркунандагон фарёд зад: «Ту ҷои худро фаромӯш кардӣ. Ту шавҳар будӣ, на зан, воиз будӣ, на шунаванда, роҳбар будӣ, на зердаст». Дигарӣ гуфт: «Ту худро дар ҷои Худо гузоштӣ, то ки ба мадҳ ва парастиш сарафроз гардӣ ва мардум ба ту пайравӣ намоянд. Гуноҳҳоят туро ошкор карданд».

Дӯсти собиқи вай Ҷон Коттон хондани дастурро оид ба такфир намудани ӯро аз калисо ба шӯбони вай Ҷон Вилсон супорид. Вилсон мад кашида талаффуз намуд: «Ба номи Худованд Исои Масеҳ ва ба номи калисо ман туро меронам. Ман туро ба дасти шайтон месупорам. Аз ҳамин лаҳза ман туро бутпараст ва оворагард эълон мекунам, инчунин, бигзор ҳамаи бародарон ва хоҳарон аз ту ҳазар кунанд. Ман ба ту ба номи Исои Масеҳ ва ба номи калисо фармон медиҳам, ки ҳамчун махавӣ аз ин ҷамоат хориҷ шав».

Ягона ҷавоби Анна чунин буд: «Худованд на ба мисли одамон доварӣ мекунад. Аз калисо ронда шудан беҳтар аст, назар ба он, ки аз Масеҳ даст кашам».

Ду рӯз баъд аз такфир шудан аз калисо ӯ бо шӯбони пуританиҳо аз калисои Якуми Бостон, Анна аз ҳокими Винтроп фармон гирифт, то ки «дар давоми як ҳафта ҷамоати Массачусетс-Бейро тарк намояд». Бо кӯдаки шонздаҳуми худ дар батн, Анна ба Аквиднек дар Род-Айленд раҳсипор шуд, ки ба он ҷо шавҳар ва дигар аъзоёни оилааш пештар рафта буданд, то ки барои вай хонаи навро омода намоянд. Аммо, ҷисми заиф ва хастаи ӯ ҳаёти кӯдакеро, ки дар батн дошт, нигоҳ дошта наметавонист ва он мурда таваллуд шуд.

Бо оилаи худ ва як гурӯҳи хурди пайравонаш Анна дар Покасет, ки ҳоло номи Портсмут дар Род-Айлендро дорад, маскан гирифт. Дар он ҷо Роҷерс Уилямс барои харидани замин аз ҳиндуёни Амрикоӣ ба онҳо кӯмак кард. Уилямс, ки пуритании

устувор буд, дар соли 1635 барои «ақидаҳои динии бегона» ва «ғояҳои хеле хатарнок»-и худ аз Массачусетс бадарға шуда буд, баъд аз ин ба Род-Айленд равона шуд, ки дар он ҷо Сарнавишт ё чуноне, ки ӯ ин ҷоро меномид, «Сарнавишти бомарҳамати Худо дар андӯҳи ман»-ро таъсис дод.

Вақте ки хонаи нави онҳо сохта шуд, Анна таълимот ва хизмати шифодиҳии худро, ки қариб ҳамин гуна натиҷаҳо, чун дар Бостон дошт, идома медод. Вале мушкилиҳои вай бо ин анҷом наёфтанд, зеро таъқибкунандагони вай аз Массачусетс-Бей ӯро ором намегузоштанд ва ҳайати намояндагонро ба Род-Айленд фиристоданд, то ки дар бораи ӯ нақл карда диҳанд ва калисоҳои пуританиро аз таълимотҳои вай огоҳ намоянд. Шавҳари Анна Уилям дар ин вақт дар Род-Айленд қозии калон буд ва онҳо кӯшиш намуданд, ки ҳатто ӯро бар муқобили ҳамсараш зид намоянд. Аммо, Уилям ба онҳо гуфт: «Ман аз қисми калисо дида, бештар қисми ҳамсарам ҳастам. Анна – поксиришти маҳбуб ва хизматгори ҳақиқии Худо мебошад». Сипас, онҳо барои мавъиза кардан дар ҷамъомади калисои хонагии онҳо дар Портсмут иҷозат пурсиданд, вале шӯбони вай ба онҳо рад намуд. Он гоҳ таъқибкунандагони вай ба хонаи Хатчинсонҳо наздик омада, эълон карданд, ки онҳо ба исми Худованд ва калисо омадаанд. Анна ба онҳо гуфт: «Шумо кадом Худовандро дар назар доред? Оғоён ва худоёни бисёр вуҷуд доранд, вале ман танҳо як Худовандро мешиносам. Калисои шумо калисои ҳақиқии Масеҳ нест».

Он гоҳ, таъқибкунандагони ӯ ба таҳдид кардани вай оғоз намуданд ва мегуфтанд, ки оилаи Хатчинсонҳо дар Род-Айленд наметавонад ягон хел молу мулк дошта бошад ва инчунин таҳдид карданд, ки ӯро бо зӯрӣ ба Бостон мебаранд ва дар он ҷо дар зиндон маҳкам карда, дар пеши халқ қамчинкорӣ менамоянд. Ҳамин тавр, дертар бо хоҳари калонии вай Катерина Скотт амал намуданд, ки модари фарзандони сершумор ва зани оқилу порсо буд. Ҳамаи ин оилаи Хатчинсонҳоро он қадар ба ваҳм оварда

буд, ки онҳо нақша карданд, ки Род-Айлендро тарк намуда, дуртар ба ҷойи бекас кӯч банданд. Ногаҳон, вақте ки онҳо ба сафар омодагӣ медиданд, Уилям вафот кард.

Акнун, бе ёрии шавҳараш, Анна худаш бо ҷамъкунӣ машғул гардид ва хонаи худро, ки дар он чор сол зиндагӣ мекард, тарк намуд ва ба Амстердами Нав роҳ гирифт, ки дар он ҷо вай фикр мекард, ки даниягиҳо ӯро аз таъқибкунандагони динӣ аз ҷамоати Массачусетс-Бей ҳимоя карда метавонанд. Ин сафари дуру дароз ва хатарнок буд, масофаи яксаду сӣ мил дар рӯи замин ё дар рӯи об аз миёни харсангҳо, ки қад-қади соҳил дароз мекашид. Ӯ қарор намуд, ки бо об меравад ва ба Лонг-Айленд бо тамоми оилаи худ дар охири тобистони соли 1642 расида омад. Дар Вределенд ӯ мавзеъро барои хона, дар назди Пелхам-Бей дар Ню-Йорк интихоб намуд, ки он ҳоло чунин номида мешавад, сарфи назар аз огоҳӣ, ки ҳиндуёни хусуматомези америкоӣ кӯчманчиёни сафедро дар он минтақа мекуштанд. Анна чунин мешуморид, ки агар онҳо нисбати ҳиндуён ҳамин тавр, чуноне ки пештар дар Род-Айленд муносибат мекарданд, рафтор кунанд, пас ӯ ва хонаводааш дар амон мемонад. Аммо, тобистони оянда дар моҳи август ё шояд моҳи сентябр, ҳиндуён ӯ ва ҳамаи онҳоеро, ки дар ферма буданд, куштанд: се духтари Анна ва ду писари вай, домод, хизматгор ва коргарро.

Шояд, баъзеҳо чунин мегӯянд, ки Анна ва оилаи ӯ азияткаш набуданд, зеро онҳо ҳаёти худро барои имон ба Масеҳ надодаанд. Лекин, агар ин аввалин зани воиз дар Англияи Нав аз ҷониби пуританиҳо барои эътиқоди динии худ аз Массачусетс-Бей ронда намешуд, ба ӯ ва оилаи ӯ дар ҷойи беодами Амстердами Нав зиндагӣ кардан лозим намеомад ва онҳо аз ҷониби ҳиндуёни хусуматомез кушта намешуданд. Рӯҳониён ӯро бадарға карданд, зеро ӯ ҷуръат намуд, ки на чун дар калисои муқаррарӣ бовар намояд, бинобар ин онҳо ба ӯ барои зистан ҷой надоданд, балки танҳо дар ҷое, ки ба мурдан имконият буд.

Мэри Даер (ё Дайар) (1610-1660 сс.)

Мэри Даер азияткаши квакарӣ буд. Якуми июни соли 1660 ӯ аз тарафи пуританиҳо дар Бостон, Коммонс барои мавъизаи таълимоти квакарӣ овехта шуд. Ба мисли Анна Хатчинсон, ки рафиқ ва дӯсти ӯ буд, таъқиботи вай барои ақидаҳои динӣ ба тасдиқ шудани таҳаммулпазирии динӣ дар Амрико мусоидат намуд.

Мэри дар Англия ба воя расидааст, сипас ӯ ва шавҳараш Уилям дар соли 1635 ба Бостон муҳоҷират намуданд. Онҳо дар Бостон ба калисои Якум пайваст шуданд, ки дар он ҷо Мэри бо Анна Хатчинсон шинос шуд ва ба назари динии вай таъсири сахт расонд. Дар мурофиаи судии Анна дар соли 1638, Мэри яке аз нафарони каме буд, ки ӯро ҳимоя менамуданд ва вақте ки Анна аз ҷамоат бадарға шуда ба Род-Айленд раҳсипор шуд, Мэри ва оилаи вай аз паси ӯ рафтанд. Вақте ки хабари кушта шудани оилаи Хатчинсон ба Провиданс расид, Мэри дар калисои худ изҳороти дафни дилгармкунандае кард, ки онҳо ҳарду ба он ҷо мерафтанд. Душманони умумии онҳо чунин фикр мекарданд, ки Анна бо таълимотҳои маккор ва ғалати худ Мэриро олуда намудааст.

Дар соли 1651, шавҳари Мэри бо ҳамроҳии Роҷер Уилямс ба Англия сафар намуд, то ки ҳуқуқи худро барои замин исбот намояд. Мери бо шавҳараш рафт ва дар он ҷо дар муддати чор сол монд, гарчанде ки ӯ ба Род-Айленд соли 1652 баргашта буд. Ҳангоми дар Англия буданаш, ӯ ба «Ҷамъияти дӯстон», ки ҳамчун «Квакерон» маълум буданд, ҳамроҳ шуд. Пеш аз он, ки Мэри ба Амрико, тақрибан дар солҳои 1655 ё 1656 баргашт, квакерон ба Бостон расиданд ва бо мазҳаби худ боиси боз ҳам нафрати бештари рӯҳониён ва ҳокимияти пуританиҳо, ҳатто аз ин ҳам бештар нисбат ба Анна Хатчинсон гардид.

Дар ин ҷо бандҳои асосии норозигӣ бо квакерон аз тарафи мардуми Массачусетс-Бей мебошад:

1. *Дар маҷлисҳои оммавии худ онҳо «бо роҳи ба виҷдони онҳо бештар муносиб» парастиш мекарданд, на мутобиқи анъанаҳои калисои ортодоксӣ.*
2. *Онҳо пардохти даҳьякро чун анъанаи яҳудиён, ки баъд аз омадани Масеҳ бекор карда шудааст, рад намуданд.*
3. *Онҳо ба ҷангҳо ва муҳорибаҳо мухолиф барангезонида шуда буданд.*
4. *Онҳо қасам хӯрданро рад мекарданд, зеро Исо гуфтааст: «Ҳаргиз қасам ёд накун» (Мат. 5:34).*
5. *Онҳо пардохти ҳиссаи сохтмон ё таъмири биноҳоро барои ибодат рад менамуданд, ки ба онҳо писанд набуд.*
6. *Онҳо дар пеши мардон кулоҳҳои худро ҳамчун нишони эҳтиром ва иззат аз сар намекашиданд.*
7. *Онҳо дар истифода бурдани калимаи «ту», ба ҷои «шумо» дар муносибат бо шахс боисрор буданд.*
8. *Мубаллиғони онҳо ба он чизе, ки ба ростӣ эътиқод доранд, бо ҷидду ҷаҳд мавъиза менамуданд, баъзан, ҳатто дар ҷойҳои барои ибодати миллии оммавӣ интихобшуда низ.*

Вақте ки киштии Мэри ба Бостон расид, ӯ мехост, танҳо аз шаҳр ба Род-Айленд равад. Вале, дере нагузашта, пас аз фурудой аз киштӣ ӯ ва як зани квакер Анна Бурден, ки бо вай аз Англия ба Амрико барои корҳои шавҳараш омад, боздошт шуда, дар зиндон маҳкам карда шуданд. Вақте ки Мэри ба Род-Айленд дар вақти муқарраршуда наомаданд, шавҳараш ба пурсуҷӯи ӯ шурӯъ намуд ва фаҳмид, ки вай дар зиндон, дар Бостон буд. Ӯ дарҳол ба он ҷо рафт, аммо вайро озод карда натавонист, то он вақте ки қасам нахӯрд, ки дар ягон шаҳри ҷамоати Массачусетс-Бей қарор намегирад ва дар роҳ ба хона бо ҳеҷ кас сухан намегӯяд.

Азбаски, Мэри Даер ва Анна Бурден фавран ва бе ягон сабаб боздошт шуда буданд, эҳтимол, онҳо ба Бостон замоне расида омаданд, ки додгоҳи Генералии Массачусетс-Бей бар зидди квакерон 14 октябри соли 1656 қарор баровард.

Қарори додгоҳи Генералӣ дар Бостон аз 14 октябри соли 1656:

«Ба эътибор гирифта шавад, ки вақтҳои охир дар ҷаҳон мазҳаби лаънатшудаи бидъаткорон, ки онҳоро одатан квакерон меноманд, бармехезад. Онҳо худро аз ҷониби Худо фиристодагон ва барои гуфтан ва навиштани фикрҳои куфрона аз Рӯҳ илҳом гирифта меҳисобанд; онҳо ба ҳукумат ва тартиботи Худо дар калисо ва давлат нафрат доранд ва нисбати аъёну ашроф бадгӯӣ мекунанд, ҳокимон ва хизматгузоронро сарзаниш ва таҳқир намуда, мехоҳанд одамонро аз имон дур кунанд ва дар роҳҳои худ навмазҳабонро ҷалб намоянд. Ин додгоҳ, бо дарназардошти ҳама чизи дар боло зикршуда, барои пешгирӣ намудани чунин бадӣ, ки ба тафайли он ба замини мо омадааст, бо амр ва нуфузи зерин фармон ва супориш медиҳад: агар соҳиб ё фармондеҳи ягон киштӣ, баркас, киштии бодбонӣ ё заврақ, аз замони нашри фармон ба бандар, халиҷ ё минтақаи халиҷи дар ҳудуди вилояти тобеъ квакер ё квакерҳо, ё дигар бидъаткорони куфронаро мерасонад, бояд ба хазинаи давлат сад фунт ҷарима супорад ба ғайр аз онҳое, ки дар бораи онҳо аз эътиқодашон ягон дониш ё маълумоти воқеӣ надошт; Дар ин ҳолат, ӯ имконияти тавассути қасам сафед кардани худро дорад, вақте ки далелҳои дигари ба он муқобил набошад; Дар сурати иҷро накардани ӯҳдадориҳои

пулӣ, ё дар сурати пинҳон кардани маблағ, онҳо бояд дар зиндон маҳкам карда шаванд ва дар он ҷо то ба хазинадор ба андозаи муайян пардохт накардани маблағ, тавре ки дар боло зикр шудааст, бимонанд.

Фармондеҳи ҳар гуна қаиқ, ё киштӣ, ки қонунӣ айбдор карда шудааст, бояд ба ҳоким ва ё ягон кас, ё якчанд доварон, ки ҳамин гуна қудрат доранд, ӯҳдадории боварибахш диҳанд, ки онҳоро ба ҳамон ҷое, ки овардаанд, бозмегардонанд; дар сурати ба чунин амал рафтор накардани ӯ, ҳоким ва ё як, ё якчанд доварон, ки барои гирифтани ӯҳдадорӣ ё кафолатҳои ӯ вазифадор аст, бояд чунин молик ё фармондеҳро дар зиндон маҳкам кунанд, то он вақте ки ӯ ӯҳдадориҳои боварибахшро оиди ин масъала ба ҳоким ва ё ягон доварон надиҳад, чуноне, ки дар боло зикр шудааст.

Инчунин, амр ва супориш дода мешавад, ки агар ягон квакер аз ягон мамлакати дигар ба ин кишвар ояд ва ё аз ягон вилояти ҳамсоя ба вилояти тобеъ афтад, бояд дар хонаи ислоҳ маҳкам карда шавад; аз вақти ба он ҷо даромадани ӯ, бояд сахт қамчинкорӣ карда шавад, роҳбари ин бошишгоҳ бошад, бояд ӯро бо кори доимӣ таъмин намояд; ба ҳеҷ кас иҷозат дода намешавад, ки ҳангоми дар маҳбас будани ӯ, ки дар муддати зарурӣ идома хоҳад ёфт, бо вай сухан ё муошират намояд.

Инчунин, фармон дода мешавад, ки агар ягон шахс ба ягон бандари вилояти тобеъ дидаю дониста ҳама гуна китобҳо ва ё навиштаҳои квакерҳоро, ки дар онҳо ақидаҳои иблисонаи онҳо баён мегарданд, расонад, пас чунин шахс барои ин гуна китоб ё навиштаҳо, ки ғайриқонунӣ мебошанд, бояд панҷ фунт бипардозад; агар ягон шахс ин гуна китобҳо ё навиштаҳоро паҳн намояд ё пинҳон кунад ва агар онҳоро мард ё зане

дошта бошад ё агар онҳо дар хонаи мард ё зане пайдо гарданд ва ҳамон замон ба наздиктарин довар оварда нашаванд, пас ин шахс барои паҳн намудан ва пинҳон кардани чунин китобҳо ва навиштаҳо бояд панҷ фунт ҷарима супорад.

Инчунин, супориш дода мешавад, ки агар ягон шахс дар қаламрави ин ҷамоат ақидаҳои бидъаткоронаи квакерон, ҳар гуна китобҳо ё коғазҳои онҳоро ҳимоя намояд, пас дар аввал ӯ ба чил шиллинг ҷарима карда мешавад; агар ӯ дар ин боисрор монад ва бори дуюм онҳоро ҳимоя намояд, пас ба чор фунт ҷарима карда мешавад; агар дар ҳар сурат ӯ ақидаҳои бидъаткоронаи бо квакерон баёншударо ҳимоя ё дастгирӣ намояд, ӯ дар хонаи ислоҳшавӣ, то он вақте ки имконияти аз ин мамлакат кӯч бастани ӯ бо қарори суди қасамиён, ки ӯро ба бадарға маҳкум кардаанд, нашавад, маҳкам карда мешавад.

Бо ин фармон дода мешавад, ки агар ягон шахс ё гурӯҳи одамон шахсони мансабдор (магистрат) ё хизматгузоронро таҳқир менамояд, чуноне ки квакерон амал мекунанд, ин шахс ё гурӯҳи одамон ба қамчинкории бераҳмона маҳкум карда мешаванд ё ин ки ба панҷ фунт ҷарима пардохт менамоянд.

Ин нусхаи аслии қарори суд мебошад, ки аз тарафи котиб Эдвард Раусон тасдиқ шудааст».

Тақрибан, пас аз як соли маҳбусӣ шудани Мэри, шояд он дар охири соли 1657 ё дар аввали соли 1658 буд, ӯ ва ду нафар квакери дигар ба ҷамоати Ню-Хевен барои мавъиза раҳсипор шуданд. Вақте ки онҳоро пайдо намуданд, он гоҳ фавран бадарға карданд. Чунин ба назар мерасад, ки дар ҷамоатҳои Ню-Плимос, Ню-Хевен ва ҳатто деҳаи даниягӣ дар Амстердами Нав, ки Анна Хатчинсон дар он ҷо паноҳ ёфта буд,

ба қонунҳое, ки ҷамоати Массачусетс-Бей бар зидди квакерон нашр намудааст, пайравӣ менамуданд ва қабул мекарданд. Квакерҳо акнун метавонистанд танҳо дар якчанд ҷой мавъиза кунанд, инчунин онҳо метавонистанд танҳо ба чанд ҷойҳо раванд, ки дар он ҷо таъқиб намешуданд. 14 октябри соли 1657 додгоҳи Генералии ҷамоати Массачусетс-Бей ҳатто қонуни боз ҳам сахттаро бар зидди квакерҳо қабул кард, ки ҷазои ба ҳабс гирифтан ва ҷисман маъюб карданро пешбинӣ менамуд. Ҷамоатҳои дигар ва Амстердами Нав ба онҳо пайравӣ намуда, ҳамин гуна қонунҳоро қабул карданд.

Додгоҳи Генералии Бостон, 14 октябри соли 1657

Чун замима ба фармони охирин, ки ба омадан ё ворид шудани ҳар як шахс аз фирқаи лаънатшудаи квакерҳо дар қаламрави тобеъ тааллуқ дорад, бо ин фармон дода мешавад, ки аз ин вақт сар карда ва минбаъд, агар ягон шахс ягон квакер ё квакерон ва ё дигар бидъакорони осиро ба вилояти тобеъ бевосита ё бавосита меорад ё ба ворид шудани онҳо кӯмак мекунад, пас ҳар як чунин фард ба давлат бояд сад фунт ҷарима пардохт намояд, инчунин барои кафолати пардохт бояд аз тарафи ҳар довар дар зиндон маҳкам карда шавад ва дар он ҷо то ба амал овардани па рдохт хоҳад монд; агар ягон шахс ё гурӯҳи одамон дар ҳудуди вилояти тобеъ квакер ё квакеронро ва ё дигар бидъаткорони осиро дар хонаи худ қабул мекунад ва ё пинҳон медорад ва донад, ки онҳо дар ҳақиқат кӣ ҳастанд, ҳар як чунин шахс бояд ба давлат ҷаримаро ба андозаи чил шилинг барои ҳар соати будубош ё пинҳон доштани квакер ё квакерон,

тавре ки дар боло зикр гардид, пардохт намояд, инчунин бояд дар зиндон маҳкам карда шавад ва дар он ҷо, то пардохт нанамудани қарз бимонад.

Инчунин амр карда мешавад, ки агар ягон квакер ё гурӯҳи квакерон ҷуръат намояд, пас аз он, ки аллакай як бор дар асоси талаботи қонун ҷазо гирифта буд, ба ҳудуди вилояти тобеъ ворид гардад, он гоҳ ҳар як чунин квакери ҷинси мард барои гуноҳи аввал ба таври зерин бояд ҷазо дода шавад: бояд як гӯши вай бурида шавад ва дар хонаи ислоҳшавӣ бояд бо кор таъмин карда шавад, то он вақте ки аз ҳисоби маблағи худ бадарға карда нашавад; барои гуноҳи дуюм, гӯши дуюм бояд бурида шавад; ҳар як зани квакер, ки аллакай дар ин ҷо мувофиқи қонун ҷазо дода шудааст, агар ӯ ҷуръат намояд, ки ба ҳудуди вилояти тобеъ ворид гардад, бояд бераҳмона қамчинкорӣ карда шавад ва бо кор дар хонаи ислоҳшавӣ банд карда шавад, то он вақте ки аз ҳисоби маблағҳои худ бадарға карда нашавад ва агар ӯ боз ба ин ҷо ворид гардад, он гоҳ бояд ҳамин тавр ҷазо дода шавад, чуноне ки аллакай зикр гардид.

Ба ҳар квакер, хоҳ мард ё хоҳ зан бошад, агар онҳо бори сеюм қонунро вайрон кунанд, фармон дода мешавад, ки тавассути оҳани тафсондашуда забони ӯро сӯрох кунанд ва онҳоро дар хонаи ислоҳ бо кор машғул намоянд, то он вақте ки онҳо аз ҳисоби маблағҳои худ бадарға карда нашаванд.

Инчунин, амр карда мешавад, ки ҳар як квакер, ки дар миёни мо пайдо мегардад, бояд чунин ҷазоро, ки қонун нисбати квакерони ғайримаҳаллӣ пешбинӣ намудааст, бинад.

Эдвард Раусон, котиб».

Яқинан, ин қонун квакеронро аз истифода ва маъвизаи таълимоти онҳо боздошта наметавонист ва дар соли оянда, 20 октябри соли 1658, додгоҳи Генералии шаҳраки Массачусетс-Бей боз як қонуни дигарро қабул кард, ки ба қонуни пешина ҳукми қатлро зам менамуд. Ин қонун ҳамчунин дар шаҳракҳои Ню-Плимос ва Ню-Хевен, инчунин дар деҳаи даниягӣ дар Ню-Амстердам нусхабардорӣ шуда, аз нашр баромад.

Қонуне, ки бо додгоҳи Генералии Бостон, 20 октябри соли 1658 нашр шудааст:

«Бо назардошти мавҷудияти мазҳаби зараровар, ки ҳамчун квакерон маълуманду, дар вақтҳои охир пайдо шудаанд, ки бо сухан ва навиштаҳо бисёр таълимотҳои хатарнок ва мудҳишро эълон ва дастгирӣ менамояд, мақсади тағйир додан ва дигар кардаи анъанаҳои таърифии миллати моро доранд, ки эҳтиромӣ дунявии баробарҳуқуқ ё иззати калонсолонро дар бар мегирад, амалҳои онҳо дар сарнагун кардани ҳокимияти дунявӣ ва инчунин, барои вайрон кардани тартибот дар калисоҳо тавассути рад кардани ҳама шаклҳои ибодати тасдиқгардида ва дур шудан аз ҷамъияти динии калисои барпошуда, ки аз ҷониби ҳама устодони ортодоксии ҳақиқат иҷозат дода шудааст ва ба тасвиб расидааст, инро бо вохӯриҳои пайдарҳами худ иваз менамоянд, ба шуури халқи оддӣ роҳ ёфта, бо ҳамин роҳ тартиби калисо ва давлатро вайрон мекунанд, бо ҳамин сабаб якчанд шаҳрвандони мо олуда гардиданд, сарфи назар аз ҳамаи қонунҳои қаблӣ, аз рӯи такаббури худ ва бешармона, бо зӯрӣ талқин намудан амал мекунанд ва асосҳои худро дар миёни мо паҳн менамоянд. Бинобар ин, мо ташрифи

онҳоро дар вилоятҳои ба мо тобеъ манъ менамоем, зеро онҳо онро ба инобат намегиранд, ки кӯшишҳои шаронаи онҳо олами моро хароб мекунанд ва ҳалокати моро пеш меоранд.

Барои пешгирӣ намудани ҳама гуфтаҳои дар боло зикршуда, ин додгоҳ амр мекунад ва қарор қабул мекунад, ки ҳар шахс ё гурӯҳи одамон аз мазҳаби лаънатшудаи квакерон, ки шаҳрвандони мо нестанд, вале дар ҳудуди минтақаи тобеъи мо пайдо мегарданд, бояд бе ягон сафедкунӣ дастгир карда шаванд ва дар сурати набудани ҳоким, бояд аз ҷониби констебл (мансаби пасти политсия), комиссар ё аъзои идораи шаҳрӣ дастгир карда шаванд ва аз як констебл ба дигарӣ супорида шаванд, сипас ба дасти ҳокими наздиктарин, ки бояд чунин шахсро дар зиндон маҳкам кунад, ки дар он ҷо ӯ (бе додани имконияти бо гарав озод намудан), то гузаронидани мурофиаи қасамиёни навбатӣ бояд бимонад ва дар он бояд ба таври қонунӣ ҳукм карда шавад.

Ба мазҳаби квакерон рӯовардагонро аз тарси ҳукми қатл ба бадарға бояд маҳкум кард. Ҳар яке аз сокинони минтақаи тобеъ, ки ба мазҳаби мазкур рӯ овардааст ё ақидаҳои мудҳиши квакеронро риоя мекунад, паҳн менамояд ё муҳофизат мекунад ва ё ба муқобили ҳукумат исён, ошӯб ё шӯриш мебардорад ва ё таҷрибаи таҳқиркунанда ва харобиоварро риоя мекунад, яъне рад намудани эҳтироми дунявӣ нисбати баробарҳуқуқон ва болоӣ, дар дур кардан аз ҷамъомадҳои калисо; ба ҷои он вохӯриҳои пайдарҳами худро бар хилофи тартиби калисо гузаронда, ба квакерон ҳамроҳ шуда ва ё писандидани ягон квакер, таълимот ва таҷрибаи квакеронро, ки бар хилофи ақидаҳои тақводории ортодоксии қабулшуда

мебошанд; инчунин саъю кӯшиш менамоянд, то ки дигарон аз ҳокимияти дунявӣ ва тартиботи калисо ё ин ки таҷрибаи мурофиавӣ ва раванди ин мурофиа бар зидди квакерон норозӣ бошанд ва бо ҳамин роҳ ризоияти худро бо касоне, ки мақсади онҳо сарнагун кардани тартиботи дар калисо ва давлат барпо кардашуда мебошад, эълон менамоянд; Ҳар як чунин шахс, ки аз ҷониби доварон барои амалҳои дар боло зикршуда маҳкум карда шудааст, бояд дар зиндон ба мӯҳлати як моҳ маҳкам карда шавад, ба ғайр аз онҳое, ки ихтиёран қарор мекунанд, ки минтақаи тобеъро тарк намоянд, бояд аҳдномаро оид ба рафтори неки худ ва оид ба он, ки ба мурофиаи навбатӣ ба додгоҳ ҳозир мешавад, имзо намояд, вале агар ӯ то ҳол боисрор монад ва аз рад кардан ва дида баромадани ақидаҳои дар боло зикршуда даст кашад, бояд аз тарси марг ба бадарға маҳкум карда шавад. Ҳар як ҳоким, ҳангоми гирифтани маълумот дар бораи чунин шахс бояд ӯро боздошт намояд ва чунин шахсро бо ихтиёри худ дар зиндон маҳкам кунад, то даме ки ин шахс ба додгоҳ оварда нашавад, чуноне ки дар боло зикр гардид.

Эдвард Раусон, котиб».

Квакерони аввалин, ки тибқи ин қонуни нав боздошт гардида, маҳкум карда шуданд, Уилям Робинсон, тоҷир аз Лондон, Англия ва Мармадюк Стивенсон, фермер аз Йоркшир, Англия мебошанд, ки дар моҳи сентябри соли 1659 ба Бостон омаданд, то ки «дӯстон»-ро дар Англияи Нав зиёрат карда, рӯҳбаланд намоянд. Ҳамчунин, Мэри Даер ва Николас Девис, ки ба Бостон барои зиёрати «дӯстоне», ки дар зиндон буданд, омаданд, ба ҳабс гирифта шуда, маҳкум карда шуданд. Ҳамаи онҳо дар зери тарси ҳукми қатл ба бадарға маҳкум карда шуданд.

Аммо, Уилям Робинсон устоди таълимотҳои квакерӣ буд, бинобар ин ӯро ба қамчинкории бераҳмона маҳкум карданд. Ба констебл фармон дода шуд, ки марди боқувватро пайдо кунад. Робинсонро берун оварда, то миён бараҳна карданд. Дастони ӯро ба сӯрохии аробаҳои калон даровардаанд ва зиндонбон онҳоро дошта меистод. Сипас, ҷаллод ӯро бо арғамчини вазнин бист маротиба қамчинкорӣ намуд. Дере нагузашта, ӯ ва дигар маҳбусон озод карда шуданд ва аз ҷамоат ронда шуданд, чуноне ки дар фармони зерин омадааст:

«Аз шумо лозим аст, ки ҳоло ба Уилям Робинсон, Мармадюк Стивенсон, Мэри Даер ва Николас Девис, ки мутобиқи қарори додгоҳ ва анҷумани рӯҳониён дар асоси иқроршавӣ, суханон ва амалҳои худи онҳо, ки квакер будани онҳоро тасдиқ менамояд, озодӣ бахшида шавад; ба онҳо ҳукмнома хонда дода шуд, ки тибқи он, онҳо бояд ин минтақаи тобеъро дар зери тарси марг тарк намоянд; хавфи худи онҳо мегардад, агар онҳо ё касе аз онҳо пас аз санаи чордаҳуми ҳамин моҳи сентябр дар минтақаи тобеъ, дар ҳар қисми он пайдо карда шаванд.

Эдвард Раусон, котиб».

Ҳамаи квакерони бадарғашуда Бостонро тарк намуданд, аммо Робинсон ва Стивенсон ба Салим, ки аз ҷумла дар минтақаи тобеи шаҳраки Массачусетс-Бей қарор дошт, равона шуданд, то ки аз дӯстони ҳамимони худ боздид карда, онҳоро рӯҳбаланд намоянд. Дере нагузашта, онҳоро дастгир карда, дар зиндони шаҳри Бостон маҳкам карданд, пойҳояшонро ба девор занҷирбанд намуданд. Шунидан замон, ки онҳо ва дигар квакерон дар зиндонанд, Мэри Даер барои дидани онҳо баргашт. Вақте ки ӯ дар назди зиндон меистод ва бо квакери бо номи Кристофер Холден сӯҳбат менамуд, ки ӯро дар бораи

киштие, ки ба Англия роҳ мепаймуду, вай ба он ҷо баргаштанӣ буд, мепурсид, ӯро шинохтанд ва ба ҳабс гирифтанд.

Бадарғагии худро вайрон намуда, Робинсон, Стивенсон ва Даер мутобиқи қонун, ки мувофиқи он, онҳо аз сарзаминашон ронда шуда буданд, бояд аз ҳаёти худ маҳрум мешуданд. 20 октябри соли 1659, онҳо ва боз якчанд квакерони дигар ба назди Ҷон Эндикот, ки дар он вақт ҳокими шаҳраки Массачусетс-Бей буд, оварда шуданд. Эндикот аз онҳо пурсид, ки чаро онҳо ба минтақаи тобеи ӯ баъд аз бадарға шудани худ баргаштанд. Онҳо ҷавоб доданд, ки дар итоати Худо, ки ба онҳо гуфт, ки чунин амал намоянд, баргаштанд, зеро қонуне, ки мувофиқи он онҳоро бадарға карда буданд, беадолатона буд. Эндикот ба зиндонбон фармуд, ки кулоҳҳоро аз сари мардон кашад, баъд аз он гуфт, ки онҳо чанд қонун баровардаанд, то квакеронро аз шаҳрча дур нигоҳ доранд, лекин ҳатто ҷазо бо қамчинкорӣ, маҳрум сохтан аз озодӣ, буридани гӯш ва бадарға кардан онҳоро нигоҳ дошта натавонист. Ӯ гуфт, ки ин хоҳиши вай нест ва на аз они худи онҳо, то ки онҳо ба ҷазои қатл маҳкум карда шаванд. Аммо, вай мувофиқи он амал менамояд ва ба Уилям Робинсон, Мармадюк Стивенсон ва Мэри Даер гуфт: «Гӯш андозу, ҳукми марги худро шунав. Шумо аз ин ҷо ба ҷое меравед, ки аз он (зиндон) омада будед, аз он ҷо бошад, ба ҷои қатл, ки дар он шумо овехта мешавед ва маргро қабул мекунед. Мэри Даер ба мисли ҳамаи дигарон чунин посух дод: «Бигзор иродаи Худованд иҷро шавад». Якчанд квакерони дигар дар додгоҳ зиндонӣ шуданд, қамчинкорӣ карда шуда, ҷарима супориданд.

Азбаски, ин ҷазои қатли аввалини квакерон барои имони онҳо буд ва бори нахуст занро ба дор меовехтанд, эътироз барои пешгирӣ намудани қатли Мэри Даер ва ду марди дигар ба амал омад, вале санаи овехтани сегона ба 27 октябри соли 1659 таъин карда шуд. Ба мисли ҳазорҳо азияткашон то ба ӯ, Мэри аз Худованд миннатдорӣ менамуд, ки вайро барои исми Худ азоб кашидан, сазовор донистааст.

Вақте ки вай дар зиндон буд, шавҳараш Уилям ба ҳокими Эндикот аз Род-Айленд мактуб навишт, ки дар он аз ӯ илтиҷо менамуд, ки барои ҳамсари азизи худ раҳмдилӣ зоҳир намояд ва яке аз писаронаш барои ҳимояи вай ба ҳоким муроҷиатномаи шахсӣ намуд. Аммо ин кӯшишҳо танҳо ба он оварда расонд, ки иҷрои ҳукмро танҳо дар як дақиқаи пеш аз маргаш ба таъхир андохтанд. Дар рӯзи қатл онҳо Мэри, Уилям ва Мармадюкро ба Бостон Коммон оварданд, то ки онҳоро дар булути калон овезанд. Дастҳо ва пойҳои Мэриро бастанд ва инчунин домани дарози вайро ба буҷулаки пойҳояш гиреҳ карданд. Ӯро дар болои нардбоне гузоштанд ва ба гарданаш ҳалқа партофтанд. Дар паҳлӯи ӯ ду нафар мардҳо буданд. Дар лаҳзаи охирин аз ҳоким барои ба таъхир андохтани ҳукми қатл иҷозат омад ва дасту пойи ӯро кушода, аз зинапоя поён фуровардand. Зинапояҳо аз зери Уилям Робинсон ва Мармадюк Стивенсон гирифта шуданд ва онҳо бо ҳалқаҳо дар гардан овезон шуданд.

Ба Мэри гуфтанд, ки вай метавонад, аз ҷазо озод карда шавад, агар ваъда диҳад, ки дигар таълимотҳои квакериро мавъиза намекунад, аммо вай рад намуд ва ба калисои ҷомеи Генералӣ мактуб навишт, ки дар он радномаи худро изҳор намуд. Вай бори дигар аз шаҳраки Массачусетс Бей ронда шуд ва ба хонаи худ дар Род-Айленд баргашт. Вай дар муддати хеле кӯтоҳ он ҷо монд ва дере нагузашта, ба Лонг-Айленд, ки Анна Хатчинсон ба он ҷо рафта буд, роҳ гирифт. Дар он ҷо, оид ба таъқиботҳои квакерон дар шаҳраки Массачусетс-Бей бештар фаҳмид ва тасмим гирифт, ки бо қонунҳои беадолатона мубориза барад, ҳатто агар он чунин маъноро дошт, ки барои ғолиб омадан, вай бояд ҷони худро диҳад.

На дертар, пас аз шаш моҳи ба марг маҳкум шуданаш, Мэри аз нав дар Бостон пайдо шуд ва ба ҳамаи онҳое, ки ба ӯ гӯш медоданд, ба мавъиза кардан оғоз намуд. Вай дарҳол боздошт гашта бо ҳукми ҳокими Эндикот 1 июли соли 1660 ба овехтан маҳкум карда шуд.

Ин дафъа дар Бостон аллакай чӯбаи дор меистод ва вақте ки Мэри аз зинапояҳо ба саҳна мебаромад, Ҷон Вилсон, собиқ шӯбони ӯ дар калисои Якуми Бостон ва яке аз хизматгузорони пуританӣ, ки Анна Хатчинсонро таъқиб менамуд, ба вай гуфтанд, ки агар аз хатоҳои худ даст кашад, ӯро озод мекунанд. Ин ҳамон чизе буд, ки ҳангоми сӯзондани азияткашон дар Англия ва дигар ҷойҳо дар асрҳои гузашта рух медод: аҳли дини таъқибкунанда ба қурбониёни худ дар лаҳзаи охирин озодиро пешниҳод менамуд, агар онҳо аз ақидаҳои худ даст кашанд. Ҷавоби Мэри ба ӯ тағйирнопазир буд: «Не, ман наметавонам, зеро ки ман бо иродаи Худованд Худо омадаам ва ба иродаи Ӯ то дами марг содиқ хоҳам монд». Ӯро аз гардан овехтанд ва то ҷон доданаш, нигоҳ медоштанд, ҷасадаш бошад, дар қабр, дар ҷое, ки ӯро қатл карданд, беном дафн карда шуд.

Маргарет Уилсон (1668-1685 сс.)

Хонадони Маргарет Уилсон аз «пресвитерианҳои аҳду паймон баста» иборат буд.

«Пресвитерианҳои аҳду паймон баста»- нонконформистоне, ки худро бо савганд ё паймони нигоҳ доштани маросимҳо ва таълимоти пресвитерианӣ дар Шотландия вобаста менамуданд. Дар соли 1637, вақте ки шоҳи Англия Чарлзи I кӯшиш намуд, ки ба онҳо китоби дуои англиканиро бо зӯрӣ бор намояд ва калисои Шотландияро, ки аҳолии он асосан пресвитерианиҳо буданд, ба сохти идоракунии усқуфӣ тобеъ намояд, нонконформистони шотландӣ исён бардоштанд. Ин ба ҷанги усқуфон миёни Англия ва Шотландия оварда расонд, ки баъдан ба ҷанги шаҳрвандӣ дар Англия табдил ёфт, ки аз соли 1642 то соли 1651 давом мекард. Аз як тараф шоҳпарастон ва аз тарафи дигар – ҷонибдорони парлумон ё «лӯндасарҳо» буданд.

Дар «Лигаи тантанавӣ ва Аҳд» дар соли 1643, шотландиҳо барои аъзоёни парлумони англис дар ҷанги шаҳрвандии

англисҳо, дар умеди он, ки мазҳаби пресвитерианӣ дар Англия дини пойдор мегардад, дастгирӣ ваъда намуд. Умеди онҳо амалӣ нашуд. Баъд аз барқароршавии ҳокимияти мутлақ дар соли 1660, ки баъд аз марги Оливер Кромвел дар соли 1558 рӯй дода буд, шоҳ Карли II аз нав шакли идораи усқуфиро ворид намуд ва «Аҳд»-ро ғайриқонунӣ эълон кард.

Пресвитерианҳои шотландӣ се маротиба бар зидди чунин шакли идораи калисо дар Шотландия (1666, 1679, 1685) бархостанд ва ҳар як шӯриши минбаъдаи онҳо аз пештара дида, бо бераҳмии бештар фурӯ нишонда мешуд. Вақте ки шоҳи румӣ католикӣ Ҷеймси II дар соли 1688 аз тахт сарнагун карда шуд ва ба сари тахт протестанти даниягӣ шоҳ Уилями III нишаст, ӯ аз нав дар Шотландия калисои пресвитерианиро пойдор намуд. Дар вақти исёни охирини пресвитерианҳо оилаи Маргарет Уилсон дар ҷанги қатънашавандаи партизанӣ бар зидди душманони калисои онҳо иштирок намуд. Падари вай Гилберт Уилсон дар Гленвернок фермер буд. Дар он ҷо пинҳон шуда, онҳо барои баъзе башоратчиёни таъқибшавандаи персвитерианӣ, ки дар ҳама чиз Худовандро ситоиш мекарданд, ғамхорӣ менамуданд. Дар моҳи феврали соли 1685 Маргарети ҳабдаҳсола бо якчанд пресвитерианиҳо аз сарбозони англис, ки онҳоро ҷустуҷӯ мекарданд, пинҳон мешуд. Баъд аз чанд муддат онҳо ба ғизо мӯҳтоҷӣ кашиданд ва ӯ паноҳгоҳи худро монда, дар сармои шадид ба хонаи худ барои гирифтани хӯрок ва каме либос равона шуд. Аммо, ӯ боздошт гардид ва дар «Кулбаи дуздон», маҳбасхонае, ки дар он ҷиноятқорони сахтро нигоҳ медоштанд, зиндонӣ шуд. Вай дар он ҷо, қариб ду моҳ монд ва сипас ба зиндони дигар гузаронида шуд, ки дар он ҷо ӯро рӯзу шаб таҳқир мекарданд ва кӯшиш мекарданд, нуқтаи назари вайро тағйир диҳанд. Аммо вай боисрор рад менамуд.

Хоҳари хурдии Маргарет Агнес низ дар ҳамин вақт боздошт гардида буд. Ҷаллоди ҷамъиятӣ Агнес ва Маргаретро мебоист дар кӯчаҳои Вигтаун бо қамчин зада ронад, сипас, ба ҷои қатл

барад. Гилберт Уилсон барои озод кардани Агнес 100 фунт стерлинг пардохт намуд, ки аз сабаби синну солаш ба вай раҳм намуданд, вале Маргарет барои ҷинояти худ бояд ҷавоб медод, ки он дар ёрӣ додан ба пресвитерианиҳо буд ё ба шоҳи Англия дар вафодорӣ савганд мехӯрд.

Дар наздикии Вигтаун дарёчаи Бледнок ҷорӣ мешуд, ки аз уқёнус таъмин мегардид, – қаъри он ҳангоми кам шудани об қариб намудор мешуд, аммо ҳангоми баланд шудани об қаъри дарёча чанд футро ташкил медод. Чизе монанд бо дарёи Фанди дар Шотландияи Нав рӯй медиҳад, ки ҳангоми баландшавӣ об ба панҷоҳ фут боло меравад ва қаиқҳои хурд бо сайёҳон метавонанд дар он ҳаракат кунанд.

Субҳи рӯзи қатл, вақте ки об кам шуда буд, дар қаъри маҷрои дарёи Бледнок сутун гузоштанд ва Маргаретро ба он бастанд. Қад-қади соҳил шаҳрвандон ҷамъ омаданд, ки, ҳар лаҳза омода буданд, то ки давида рафта ӯро кушоянд, агар вай фикри худро тағйир диҳад ва ба шоҳи Англия дар вафодорӣ савганд хӯрад.

Вақти баландшавии об шуд ва об зуд ба сатҳи камари Маргарет расид. Овози вай садо дод: «Сӯи Ту эй Худованд, ҷонамро баланд мекунам. Эй Худои ман! Ба Ту таваккал кардаам, хиҷил нахоҳам шуд, душманонам бар ман тантана нахоҳанд кард» (Заб. 24:1-2).

Касе ба ӯ Китоби Муқаддасро дод, вай онро кушода, бо овози баланд аз боби ҳаштуми Номаи ҳавворӣ Павлус ба Румиён хонд, ки дар он гуфта мешавад: «Ҳамон Рӯҳ ба рӯҳи мо шаҳодат медиҳад, ки мо фарзандони Худо ҳастем. Ва агар фарзандонаш бошем, ворисонаш низ ҳастем: ворисони Худо ва ҳамирсони Масеҳ ҳастем, агар ҳақиқатан бо Ӯ уқубат кашем, то ки бо Ӯ низ ҷалол ёбем. Зеро ба ақидаи ман азобу уқубатҳои замони ҳозира назар ба он ҷалоле ки дар мо зоҳир хоҳад шуд, ҳеҷ аст».

Ин боб бо ин суханҳо анҷом меёбад:

«Кӣ моро аз муҳаббати Масеҳ ҷудо мекунад? Оё андӯҳ, ё фалокат, ё таъқибот, ё гуруснагӣ, ё бараҳнагӣ, ё хатар, ё шамшер? Чунон ки навишта шудааст: «Ба хотири Ту мо ҳар рӯз кушта мешавем, мисли гӯсфандони забҳ ба шумор меравем». Аммо бар ҳамаи ин мо ба воситаи Дӯстдорамон пурра голиб меоем. Зеро ман мӯътақидам, ки на мамот, на ҳаёт, на фариштагон, на маъбадҳо, на қувваҳо, на ҳозира, на оянда, на баландӣ, на умқ, на ҳар гуна махлуқи дигар моро аз муҳаббати Худо, ки дар Худованди мо Исои Масеҳ аст, ҷудо карда наметавонад».

Вақте ки об то дастонаш расид, Маргарет Китоби Муқаддасро ба соҳили дарё партофт ва дуо гуфт. Ҷаллодони ӯ, ки дар қаиқ дар назди вай буданд, аз ӯ илтимос мекарданд, ки мулоимтар шавад ва мегуфтанд, ки вай ҳанӯз ҳам духтари ҷавон аст ва аз ӯ танҳо лозим аст, ки барои шоҳ дуо гӯяд ва дар вафодорӣ ба ӯ савганд ёд кунад, он гоҳ ӯро озод мекунанд. Вай гуфт, ки ҳеҷ гоҳ савганд ёд намекунад, балки барои наҷоти вай дуо мекунад. Нафаре аз байни мардум сари ӯро ба об андохт ва ҳамин тавр чанд муддат нигоҳ дошт, баъд сар дод. Вақте ки Маргарет бо даҳонаш ҳаво кашидан гирифт, мардум дар соҳил фарёд заданд: «Маргарет, ту савганд мехӯрӣ?»

Ба ҷои посух, ӯ ба дуо кардан оғоз намуд: «Худовандо, ин одамонро бубахш, ҷони онҳоро наҷот деҳ».

Як мард дашном дода гуфт: «Ба мо дуоҳои ту лозим нестанд. Танҳо савганд ёд кун».

Вай такрор кард: «Ман ягон савганди куфрона ёд намекунам». Яке аз афсарон фармон дод, то вайро берун ованд, аз афташ чунин пиндошт, ки ӯ савганд ёд кардан мехоҳад. Вақте мардум диданд, ки вайро озод карданд, аксарият пресвитерианиҳои

ғамзада фарёд зада гуфтанд: «Вай қасам хӯрдааст! Вай қасам хӯрдааст!»

Вале Маргарет фаҳмо ва бо овози баланд гуфт, то ки ҳама шунида тавонанд: «Ман ба подшоҳи заминӣ дар вафодорӣ савганд ёд намекунам. Ман яке аз фарзандони Худо ҳастам ва савганди куфронаро талаффуз намекунам».

Ӯро баргашта ба сутун фаровардand ва дар он ҷо монданд, дар ҳоле ки баландшавии об давом меёфт ва вай дигар аллакай намудор намешуд.

Мадам Жанна Гийон (1648-1717 сс.)

Касе боре гуфта буд, ки танҳо ду нафар ҳақиқатан зиндагии ботинии Масеҳро нишон додаанд ва инҳо ҳавворӣ Павлус ва мадам Жанна Гийон буданд. Ҷон Уесли дар бораи вай гуфт: «Мо метавонем садсолаҳои зиёдро таҳқиқ намоем, то ки зани дигареро пайдо кунем, ки мисоли қудсияти ҳақиқӣ бошад». Шахси дигар навиштааст, ки мадам Гийон аз ҷониби калисои худ таъқиб карда мешуд, «зеро ки ӯ Масеҳро аз ҳад зиёд дӯст медошт».

Мадам Гийон дар Монтере, дар Фаронса дар оилаи католикҳои румӣ таваллуд шудааст. Насаби духтарии вай Жанна Мари Бювйер де ла Мот мебошад. Вақте ки вай дуюним сола шуд, ӯро дар Монтере ба семинарияи Урсулинский доданд; дар чорсолагӣ ба назди бенедиктинҳо дохил карда шуд; дар даҳсолагӣ ба дайри доминиканӣ фиристода шуд. Дар дайр (монастырь) ӯ Китоби Муқаддасро пайдо намуд, ки ким-чӣ хел дар ҳуҷраи вай ёфт шуд ва соатҳоро дар хондани он сарф менамуд. Вақте ки ӯ понздаҳ сола шуд, хонадони вай ба Париж кӯчид ва Жанна бо аъёну ашроф рафтуой мекард. Ӯ як духтари ҷавони хеле зебою дилрабо, барои мардони зиёд ҷолиб буд. Дар синни шонздаҳсолагӣ ӯ ба Жак Гийон, марди сарватманд, ки бисту ду сол аз вай калон буд, ба шавҳар баромад.

Арӯси ҷавон Жанна аз никоҳи хушбахтона орзу мекард, аммо никоҳи ӯ тамоман чунин набуд. Шавҳараш зуд-зуд бемор мешуд, хушдоманаш, ки бо онҳо мезист, ӯро бад медид ва ҳар кори имконпазирро мекард, то ки писарашро бар зидди вай барангезонад. Аз сабаби он, ки хушдоманаш бо писари худ ҳанӯз то издивоҷи ӯ бо Жанна якҷоя зиндагӣ мекард, вай ғамхории худро ба хонадон давом медод. Хизматгорон дар хона аз Жанна дида, мавқеи баландтарро ишғол менамуданд, хушдоманаш бошад ӯро маҷбур мекард, ки кори таҳқиромезро иҷро кунад. Ҳама коре, ки Жанна мекард, бо вуҷуди кӯшишҳояш нодуруст буд. Аммо, вай ҳеҷ гоҳ шикоят намекард. Вай медид, ки Худо тамоми кӯшишҳояшро истифода намуда, андаруни вай қудсияти ботиниро меофарад ва бо ҳаёти Худ пур мекунад. Ӯ пайваста китоби Фома Кемпийский «Тақлид ба Масеҳ»-ро мехонд ва дар дили ҷавон аз ғурур ва худпарастӣ тоза мешуд.

Дар синни бистсолагӣ вай рақс кардан ва ба шабнишинию намоишҳо рафтанро бас кард. Ҳаёти ботинии вай дар Масеҳ он қадар қавӣ гардид, ки вай акнун дар тааҷҷуб монда буд, ки чӣ тавр ӯ пештар аз вақтхушиҳои ин ҷаҳон метавонист баҳра барад. Аммо шӯҳратпарастӣ ӯро тарк намекард ва вай ҳар замон мегуфт, ки соатҳоро дар назди оина мегузаронд ва рӯю мӯйҳои худро нигоҳубин мекард. Ӯ боз ва боз дуо мекард, то Худо коре кунад, ки вайро аз ин шӯҳратпарастии пурдаҳшат озод намояд, зеро ӯ худ аз он раҳо ёфта наметавонист. Он гоҳ, мегуфт ӯ, Худо бо марҳамати Худ ба вай нағзак (оспа) фиристод. Вақте ки вай шифо ёфт, чеҳраи зебояш, ки бо он фахр мекард, бо доғи нағзак фаро гирифта шуда буд. Акнун вай чизе надошт, ки бо он ифтихор кунад ва ӯ хурсандӣ мекард, ки Худо ӯро аз он раҳо намуд. Ӯ зебоигии зоҳирии вайро кам кард ва зебогии ботиниашро он қадар зиёд намуд, ки баъзан ба вай чунин менамуд, ки гӯё вай аллакай дар осмон мебошад.

Вақте ки Жанна бисту ҳашт сола шуд, шавҳараш вафот кард. Ӯ қариб тӯли дувоздаҳ соли ҳаёти якҷояашон бемор

буд. Пеш аз марги вай Жанна дар назди бистараш ба зону нишаста тавалло мекард, ки ӯро барои ҳар он чизе, ки нисбати вай нодуруст кардааст, бубахшад. Вай гуфт: «Ман нодуруст рафтор мекардам, на ту. Ман бояд аз ту бахшиш пурсам. Ман ба ту сазовор набудам». Ӯ бо се фарзанд монд: бо ду писар ва як духтарчаи думоҳа. Писари калонӣ ва духтари калонии вай аз беморӣ фавтида буданд. Ба ӯ сарвати калон расид ва ӯ ҳамеша барои худ ва фарзандонаш, инчунин барои кӯмаки саховатмандона ба дигарон маблағи кофӣ дошт.

Солҳои минбаъд ӯ беш аз пеш ба ҳаёти ботинии худ дода мешуд. Боз ҳам бештар дарк менамуд, ки ҳаёти масеҳӣ на танҳо аз қонунҳо, қоидаҳо ва маросимҳо иборат аст, балки аз ҳаёти Масеҳ дар ҷони одамизод. Масеҳият – ин аст, «Масеҳ дар туст, умеди ҷалол». Агар Масеҳ дар ҳақиқат ва фаъол андаруни мо зиндагӣ кунад, қарор кард Жанна, он гоҳ зарур аст, ки андаруни худ ба Ӯ ҷой диҳем, на аз берун. Ин маънои онро дорад, ки аз ҳама чиз дар ин ҷаҳон даст кашида, ҳамаро ба Масеҳ тобеъ гардонидан аст. Мутлақо дода шудан мақсади ӯ гардид. Ӯ менавишт: «Вақте ки «ман» дар ҷони мо мемирад, он гоҳ Худо он ҷо зиндагӣ мекунад; вақте ки «ман» бекор карда шудааст, он гоҳ Худо бар тахт менишинад. Ҳамин тариқ, ӯ аз дин, ки ба тамоми чизҳои беруна равона карда шудааст, рӯй тофт ва ба имоне, ки ба ботин равона шудааст, рӯй овард. Вай фаъолияташро дар калисои худ қатъ кард ва ба мулоҳиза кардан оғоз намуд, дуоҳои баланди худро қатъ кард ва дар хомӯшӣ андаруни худ бо Масеҳ сӯҳбат карданро оғоз намуд.

Вақте ки вай тақрибан сиючорсола буд, фарзандони худро ба мактабҳои динӣ фиристод ва ба сафар кардан ва таълим додан оид ба ҳаёти ботинӣ оғоз намуд. Ӯ дар тамоми Фаронса, Швейтсария сафар мекард ва ба ҳар ҷое, ки Худо ӯро мебурд, таълим медод. Дар давоми ин вақт ба одамони зиёд менавишт, ба онҳо машварат дода ба нармӣ ба роҳи ҳаёти ботинӣ равона мекард.

Қисми зиёди таълимоти мадам Гийон дар таълимоти Мигел де Молинос, коҳини румӣ-католикии испанӣ, ки ба ҳамдигар нома менавиштанд, асос мегирифт. Дар соли 1675, Молинос нуқтаи назари худро дар китоби «Роҳбари рӯҳонӣ» тасвир намуд, ки аз тарафи аксарият хонандагон ва ҳатто папа Инокентий XI мусбӣ қабул гардид. Аммо мухолифони папа ва ақидаҳои Молинос ӯро дар бидъат ва бадахлоқӣ айбдор менамуданд. Онҳо тасдиқ мекарданд, ки ӯ дар асл масеҳии ҳақиқӣ набуд, балки душмани дини масеҳӣ аст ва ният дошт, ки дар шуури масеҳиёни ҳақиқӣ фарзи масеҳиятро нобуд созад. Ин ҷаҳолат қариб, ки ба Рум ҳеҷ таъсире нарасонд, аммо фармон ирсол шуд, ки аз рӯи он тафтиш намудани ҳуҷҷатҳои бақайдгирӣ дар ҷое, ки Молинос таъмид гирифтааст, зарур буд.

Дар соли 1685 Молинос аз тарафи инквизитсия бо айбдоркунӣ дар бидъат ва бадахлоқӣ ба ҳабс гирифта шуд. Бисёре аз пайравонаш дар баробари ӯ боздошт шуданд, вале бештарашон таълимоти ӯро рад карданд ва озод карда шуданд. Гарчанде Молинос солҳои зиёд аз тарафи Рум баланд қадрдонӣ мешуд, акнун ба ӯ ҳамчун ба бидъаткори пасттарин муносибат мекарданд. Чанд муддатро дар зиндон гузаронда, вай аз нав ба додгоҳи инквизитсия даъват гардид, то ки ба ҳамаи айбдоркуниҳое, ки бар зидди вай пешниҳод шуда буданд, ҷавоб диҳад. Вақте ки вай ба додгоҳ ҳозир шуд, ӯро бо занҷирҳои вазнин маҳкам карданд ва ба дасташ чароғи фурӯзон доданд, ду обиди дигар дар ин вақт бо овози баланд айбномаро бар зидди ӯ мехонданд. Ҳарчанд ӯ ҳар айбдоркунии алоҳидаро бо далелҳои гуногун рад менамуд, вай гунаҳкор дониста шуд ва ба ҳабси абадӣ маҳкум гардид.

Чанд маротиба дар зиндон ӯро хеле сахт шиканҷа доданд, то вақте ки ниҳоят розӣ нашуд ва эътирофномаро дар ноҳақ будани худ имзо накард. Шиканҷаҳои бераҳмона саломатии ӯро заиф гардонданд ва ӯ рӯз то рӯз суст мегардид ва дар соли 1696 дар синни шасту ҳашт солагӣ вафот кард.

Дигар масеҳии дар он рӯзҳо маъруф, ки мадам Гийон бо ӯ номанависӣ мекард, Фенелон Франк, усқуфи аъзами Кембриҷ буд. Дар муқоиса бо Молинос, Фенелон қариб ҳама чизеро, ки дар бораи ҳаёт дар мушоҳида аз номаҳои Жанна Гийон ва аз сӯҳбатҳои шахсӣ бо ӯ медонист, омӯхта буд. Дар тӯли бисту панҷ сол онҳо дӯстони наздик ва содиқ буданд. Вақте ки душманони Мадам Гийон бо тамоми воситаҳо кӯшиш карданд, ки обурӯи ӯро резанд, Фенелон ба вай содиқ монд ва бар хилофи таълимоти ӯ баромадан рад намуд. Ӯ навишт: «Бароям сустиродагии нобахшиданӣ мебуд, ки фикри худро роҷеъ ба табиати вай бо шубҳа баён намоям, то ки ба ҳамин тариқ худро аз фишор озод созам».

Фишоре, ки Фенелон дар бораи он мегуфт, аз собиқ дӯст ва мураббии вай Жак Бени Боссе, усқуф ва нависандаи фаронсавии румӣ-католикӣ мебаромад. Дар соли 1697 Фенелон китоби «Камолоти муқаддасон»-ро навишт, ки дар он таҳсин ва назари худро оид ба ҳаёт дар мушоҳида изҳор менамуд. Боссе дарҳол ба вай ҳамла намуд ва ӯро дар риоя накардани таълимоти суннатии масеҳӣ айбдор кард. Ду саррӯҳонӣ ба Рум омаданд, то ки далелҳоро пешниҳод намоянд ва Боссе бурд кард. Дар соли 1699, папа Инокентий XII баъзе аз қисматҳои ин китобро маҳкум намуд. Дере нагузашта, Фенелон аз ҷониби Людовики XIV аз вилояти худ ронда шуд, ки на танҳо ба ҷонибдории Боссе гузашт, балки инчунин аз новеллаи сиёсии Фенелон, ки дар ҳамин сол навишт, ранҷида буд.

Азбаски, таълимоти мадам Гийон боз ҳам маъмулу машҳуртар мегардид, роҳбарони калисо ба айбдор кардани вай дар бидъат шурӯъ намуданд, зеро баъзе ҷиҳатҳои таълимоти ӯ аз таълимоти калисо фарқ мекарданд. Калисои Рум чунин таълим медод, ки ҳар гуна муносибатҳо бо Худо ва Масеҳ танҳо ба воситаи маросими нону шароб дар калисо имконпазиранд, аммо вай чунин таълим медод, ки ҳар инсон метавонад бевосита бо Худо дар дили худ муносибат кунад ва амали беҳтарин он мешуд,

ки тамоми расму оинҳо ва фаъолияти динии калисоро ба як сӯ гузошта бо ҳаёти мушоҳидакунӣ зиндагӣ кунанд. Ба ин роҳ дода наметавонистанд. Ба хулосаи мантиқӣ омаданд, ки он ҳама чизи барои калисои тасдиқшуда муҳимро метавонист, вайрон кунад. Инчунин, мушкилӣ дар он буд, ки мадам Гийон ба ҷонибдории рад кардани ҳаловати дунё баромад мекард, «ман»-и одамиро рад менамуд ва бо ҳаёти ҳақиқатан ҳам муқаддас зиндагӣ мекард, ин бошад, шоҳ Людовики XIV-ро, ки ҳаловатро дӯст медошт ва дарбориёни ӯро, инчунин рӯҳониёнеро, ки дӯстдори ҳаловат буданд, таҳқир менамуд. Бинобар ин, онҳо ба сӯзондани китобҳои вай, дуздидани номаҳои ӯ ва бо роҳҳои гуногун ба танг овардани вай шурӯъ карданд. Дар як шаҳр саркоҳин ҳама китобҳои ӯро ҷамъ оварда онҳоро дар майдони шаҳр сӯзонд. Аммо, як савдогари маҳаллӣ 1500 нусхаро харида онҳоро баъд аз рафтани саркоҳин дар тамоми шаҳр паҳн намуд.

Ниҳоят, бар зидди вай дар бидъат ва бадахлоқӣ айбнома баровардand ва ӯ боздошт шуд ва дар муносибатҳои бадахлоқона бо мушовири рӯҳониаш, падари Лакомб, ки дар сафарҳо духтараш, парастори духтараш ва ду хизматгорашро ҳамроҳӣ мекард, айбдор карда шуд. Баъд аз боздошти Жанна, падари Лакомб низ дастгир карда шуд ва ба зиндон партофта шуд ва сипас ба беморхонаи бемориҳои рӯҳӣ гузаронида шуд. Қабл аз дастгир шуданаш, вай дар ақл ягон мушкилӣ надошт, вале акнун бошад, ӯ дар чунин ҳолати харобшавии ақл қарор дошт, ки иқрорномаро оиди зино кардан бо мадам Гийон, ҳангоме ки одамони ӯро ҳамроҳӣ мекард, имзо намуд.

Жанна ҳафт соли ояндаи ҳаёти худро дар зиндон гузаронд. Дар соли 1695 ӯ ба зиндони давлатӣ дар Винсент, шаҳре дар қисми шимолу-марказии Фаронса, дар шарқи Париж гузаронида шуд. Сипас, 28 августи соли 1696 дар дайр, дар наздикии Париж маҳкам карда шуд. Ду сол пас, дар моҳи сентябри соли 1698 ӯро дар Бастилия ҷо карданд, ки асосан

барои маҳбусони сиёсӣ истифода мешуд. Ӯ дар Бастилия чор солро гузаронд. Дар ду соли охир ба ӯ барои қабул кардани зиёраткунандагон, сухан гуфтан ва навиштани номаҳо иҷозат дода намешуд. Хизматгорзане, ки бо исрор мехост, дар муддати дар зиндон буданаш бо ӯ монад, дар Бастилия вафот кард. Дар вақти дуюмин соли маҳбусӣ дар Бастилия Жанна достони хурде навишт: «Ман чизи бештаре намепурсам, на хуб ва на бад, балки танҳо пайваст шудан бо иродаи комили Ту». Дертар, маҳбусии худро тасвир намуда, ӯ менависад:

«Ту, эй Худои ман, муҳаббати ман ва сабри маро мутаносибан ба ранҷу азобҳоям зиёд намо... Тамоми хушбахтии мо, рӯҳонӣ, муваққатӣ ё ҷовидонӣ, дар он мебошад, то ки худро ба Худо бахшем ва ба Ӯ имконият диҳем, ки дар мо ва бо мо ҳар он чизеро, ки Ӯ мехоҳад, ба амал оварад».

Дар зимистони соли 1701 Жанна аз сабаби хунукӣ ва намнокӣ дар Бастилия бемор шуд. Людовики XIV медонист, ки наметавонад ӯро аз рӯи қонун бештар дар зиндон нигоҳ дорад, вайро дар шаш моҳ озод намуд, то ки вай шифо ёбад ва ӯро ба Бло, ки сад мил дар ҷанубу-ғарби Париж мебошад ва дар он ҷо писари ӯ Арманд Жак Гийон зиндагӣ мекард, бадарға намуд. Дертар, подшоҳ озодии ӯро боз ба шаш моҳи дигар дароз намуд ва сипас ба мӯҳлати номуайян. Аммо, вай ҳаргиз ҳамин тавр озодии ҳақиқиро ба даст наовард, зеро наметавонист, Блоро тарк намояд ва подшоҳ дар вақти дилхоҳ метавонист вайро баргашта ба зиндон ҷо кунад.

Аммо маҳдудияти будубош танҳо дар як шаҳр Жаннаро дар ҷустуҷӯ ва саъю кӯшиши барои ҳазорҳо нафарони дигар, ки ба Бло барои гӯш кардани ӯ ва таълим гирифтан меомаданд, дар ёфтани осоиштагӣ ва хушнудӣ дар ҳаёти дохилӣ мадад расондан бознадошт. Ӯ аз ҷумла дар ин вақт садҳо номаҳо ва тарҷумаи

ҳол навишт. Дар маҳбусӣ ӯ дар Масеҳ, назар ба онҳое, ки ӯро ҳабс карда буданд, озодтар буд.

Мадам Жанна Гийон 9 июни соли 1717 дар синни шасту нӯҳсолагӣ вафот кард ва дар Бло дар калисои Горлйерҳо дафн карда шуд. Баъд аз худ ӯ зиёда аз шаст корҳои хаттиро гузошт, ки онҳо қариб дар тӯли сесад сол масеҳиёнро рӯҳбаланд менамуданд, ки ҳаёти боз ҳам чуқуртари ботиниро дар Масеҳ, ҳаёти ниҳонии қалб ва рӯҳро ҷӯянд. Ҳақиқати навиштаи ӯ оиди муносибатҳо бо Масеҳ классикаи рӯҳонӣ гардид ва на танҳо ба ҳамасри худ усқуфи аъзам Фенелон таъсир расонд, балки ба чунин масеҳиён низ чун Ҷон Уесли, Хадсон Тейлор, Ҷеймс Пэнн Левис, Адонирам Ҷадсон, Ханна Вайтол Смит, Фанни Кросби ва Вочман Ни. Аксарият пешсафони бедоршавии бузурги масеҳӣ бо ин зани фурӯтани Худо ҷунбонда шуданд, ки бо давлати худ ва калисои худ ба зиндон партофта шуд, зеро «ӯ Масеҳро хеле дӯст медошт».

20.
Таъқиботи Доналд Каргел, Ҷон Бунян, Ҷорҷ Фокс, Уилям Карей ва Роберт Томас

Доналд Каргел, пресвитериани шотландӣ, дар соли 1681 ба марги пуразоб рафт.

Шотландиҳое, ки Аҳд баста буданд, персвитерианиҳо буданд, ки худро барои тасдиқгардонии пресвитерианӣ чун дини ягонаи Шотландӣ бахшида буданд. Аҳдҳои барвақтӣ, ки дар онҳо ӯҳдадориҳои дастгирии шакли пресвитериании протестантии аз ҷониби онҳо қабулгардида, навишта шуда буданд, дар соли 1557 ва 1581 санагузорӣ шудааст.

Вақте ки Чарлзи I дар соли 1625 шоҳи Англия, Шотландия ва Ирландия гардид, вай кӯшиш намуд, ки калисои Англиканиро дар Шотландия барпо намояд. Дар соли 1638 Аҳди соли 1581 таҷдид гардид ва онҳое, ки онро имзогузорӣ намуданд, ба он савгандро дар бораи тасдиқгардонии пресвитерианӣ ҳамчун дини Шотландӣ зам намуданд. Дар давоми бистуду соли оянда дар давлати Англия тағйиротҳои зиёд ба амал омаданд ва баъд дар соли 1660 шоҳ Чарлзи II аз нав ба сари тахт гузошта

шуд. Ӯ тамоми пресвитерианиҳои шотландиро ғайриқонунӣ эълон намуд ва аз нав дар Шотландия ҳокимияти усқуфиро барпо намуд ва худро сари калисо дар Шотландия эълон кард. Пресвитерианиҳо эътироф кардани одамро ҳамчун сари калисои Масеҳ рад намуданд ва изҳор карданд, ки танҳо Масеҳ сари калисои Худ буд, ҳаст ва мешавад. Дар давраи аз соли 1660 то 1688 онҳо се маротиба исён бардоштанд ва ҳар бор исёнҳо ба таври бераҳмона фурӯ нишонда мешуданд, ки бо адад аз артиши Англия зиёдтар буданд. Дар тӯли ин солҳо аксарият шӯбонони пресвитерианӣ ва халқ таъқиб карда мешуданд, аз шиканҷаҳои бераҳмона гузаштанд ва кушта шуданд.

Дар тамоми Шотландия баҳсҳо мерафтанд, ки дар асл кӣ сари калисо буд – шоҳ ё Исои Масеҳ, ки аз ин сабаб ҷудоиандозии ошкоро ба амал омад. Дар моҳи ноябри соли 1662 яке аз шӯбонони пресвитерианӣ, Доналд Каргел, аз Шотландия бадарға карда шуд. Аммо, ӯ танҳо дар муддати кӯтоҳ берун аз он буд, сипас, баргашт ва дар он ҷо боқимондаи умри худро гузаронд ва ҳар замон аз аскарони англис пинҳон мешуд. Ӯ ва дигар шӯбонони пресвитерианӣ аз ҷойҳои ниҳонии худ танҳо барои маъвиза кардани Инҷил дар шаҳрҳои гуногун мебаромаданд ва кӯшиш мекарданд, ки онҳоро пайдо карда натавонанд ва сипас, аз нав пинҳон мешуданд. Боре дар моҳи июни соли 1679 Каргел ҳангоми вохӯрии ногаҳонӣ бо душманон бераҳмона захмдор карда шуд, дафъаи дигар дар моҳи июли соли 1680 бо ҳамроҳони худ партофта шуда буд, ки онҳо гумон карданд, ки вай кушта шудааст, вале ҳар ду дафъа ба ӯ муяссар гардид, ки наҷот ёбад, то ки минбаъд низ маъвиза намояд.

22 ноябри соли 1680 барои ӯ, зинда ё мурда мукофоти калон таъин карда шуд. Бо маслиҳати пресвитерианиҳои дигар Каргел Шотландияро тарк намуд ва дар Англия паноҳгоҳ меҷуст. Сипас, дар моҳи апрели соли 1681 ба Шотландия баргашт, то ки Масеҳро маъвиза намояд ва пресвитерианиҳоро, ки ба онҳо пештар маъвиза мекард, рӯҳбаланд созад. 10 июли ҳамин сол

вай маъвизаи бехтарини худро дар маҳалли графии Ланкашир дар шимоли Шотландия, ки дар он ҷо пресвитерианиҳо якчанд маротиба бо лашкарҳои англис меҷангиданд, гуфт.

Дар субҳи дигар, вақте ки ӯ ҳанӯз мехобид, ба хона аскарон зада даромаданд, ӯро дастгир карда дарҳол ба Глазго дар ғарби Шотландия равона карданд. Дар он ҷо ӯ ва якчанд пресвитерианиҳо пурсупос карда шуданд ва барои имон ва эълон кардани Исои Масеҳ ҳамчун сарвари калисои Худ ба марг маҳкум карда шуданд. 27 июли соли 1681 онҳоро сар аз тан ҷудо карданд. Вақте ки Каргел ба зинаи кундаи қатл мебаромад, ӯ гуфт: «Худованд медонад, вақте ки ман аз ин зинаҳо мебароям, ман тарси камтареро эҳсос менамоям, назар ба он вақте ки ба минбар, барои маъвиза мебаромадам»

Бо сабабҳои номаълум ҷаллод дар ҳаяҷони фавқуллода қарор дошт ва натавонист сари Каргелро бо як зарба аз тан ҷудо намояд. Ӯ чанд маротиба хашмгинона ба гардани Каргел зарба мезад, то даме, ки ниҳоят сари Каргел аз тан ҷудо шуд ва ӯ ба назди Худованд, ки Ӯро бо ҳаёт ва марги худ ҷалол медод, ҳозир шуд.

Баъд аз ҳафт сол, вақте ки шоҳи католикии румӣ Ҷеймс дар соли 1688 аз тахт сарнагун карда шуд, протестанти даниягӣ Уилями III шоҳ шуд ва аз нав дар Шотландия калисои пресвитерианиро пойдор намуд.

Ҷон Бунян, пуританӣ (1628-1688 сс.)

Мегӯянд, ки нобиғаи (гений) бузургтарини адабиёт, ки дар Англия бо ҳаракати пуританӣ рӯҳбаланд гардид, баъд аз Ҷон Милтон, муаллифи «Биҳишти гумшуда», Ҷон Бунян буд. Бунян дар Элсоу дар Англия моҳи ноябри соли 1628 таваллуд шудааст. Маълумоти ибтидоиро дар мактаби маҳаллӣ гирифта, Бунян дар аввал чун падараш сафедгар (лудильщиком) шуд. Дар ҷавонӣ ӯ пайваста барои гуноҳҳои содирнамудааш тавба мекард.

Гарчанде майзада ё зинокор набуд, чун аксарият одамони ҷавон дар даврони ӯ, вай дар «ҳақорат, қасам, дурӯғ ва куфр гуфтан ба исми муқаддаси Худо» тавба мекард. Виҷдони вай инчунин аз шавқу завқи ӯ дар рақсҳо ва «чиллакбозӣ» («Чижик») ором набуд, махсусан дар рӯзҳои якшанбе баъд аз ибодат. Як рӯзи якшанбе баъд аз маъвиза дар бораи риоя накардани рӯзи шанбе ӯ дар марғзори назди деҳа «чиллакбозӣ» мекард ва овозеро шунид, ки ба ӯ мегуфт: «Оё, ту гуноҳ карданро мемонӣ ва ба осмон меравӣ, ё ин ки гуноҳ карданро давом медиҳӣ ва ба дӯзах меравӣ?» Тақрибан дар ҳамин вақт вай ногаҳон сӯҳбати занҳои камбағалро дар Бедфорд шунид: «Онҳо дар бораи чизҳое ба ман номаҳфум гап мезаданд – дар бораи тавлиди нав ва кори Худо дар дилҳои онҳо»

Дар вақти ҷанги шаҳрвандии англисҳо Бунян аз соли 1644 то соли 1647 дар артиши парлумонӣ хизмат мекард. Дар пеши чашмонаш аскари дар паҳлӯяш истодаро ба сараш тир зада куштанд. Аз он вақт Бунян аз ҳолати ҷони худ хеле хавотир мекашид. Аз артиш рафта, Бунян оиладор шуд. Исми ҳамсари вай номаълум аст, вале, вақте ки вай ба ӯ ба шавҳар баромад, он гоҳ ба хонааш ду китобчаи хурдакакро дар бораи масеҳият оварда, ки шавқи ӯро нисбат ба дин бедор намуданд. Дар соли 1653 ӯ ба гурӯҳи нонконформистон ҳамроҳ шуд, онҳо дар калисои Юҳаннои Муқаддас дар Бедфорд вомехӯрданд. Ҳарчанд ин калисои конгрегатсионӣ буд, дар он ҷо таъмиди калонсолон дар об истифода мешуд, ки онро бештар ба калисои баптистӣ монанд мекард.

Дере нагузашта, Бунян дар деҳаҳои назди Бедфорд таълим медод ва бо саъю кӯшиши бузуг ва суханварӣ маъвиз менамуд ва тӯдаи одамон ҷамъ меомаданд, то ки ӯро гӯш кунанд. Вақте ки Чарлзи II дар соли 1660 ба сари тахт шинонда шуд ва бартарии калисои англисро барқарор намуд, нонконформистон ва пресвитерианиҳои англис ва шотландӣ аз нав таъқиб карда мешуданд, Бунян барои итоат накардан ба қонун ба ҳабс

гирифта шуд, ки мувофиқи он ҷамъомади нонконформистон манъ карда мешуданд ва дар зиндони Бедфорд маҳкам карда шуд. Дар он ҷо ӯ қариб дувоздаҳ солро гузаронд, танҳо боре ба мӯҳлати кам ба озодӣ баромад. Ҳар замон, ҳар вақте ки ӯ мехост, метавонист бар ивази ваъдаи ҳеҷ гоҳ маъвиза накардани таълимоти нонконформистӣ ба озодӣ барояд. Вале ҳар вақте ки ба вай инро пешниҳод менамуданд, ӯ бетағйир ҷавоб медод: «Агар шумо маро имрӯз озод намоед, ман худи пагоҳ маъвиза мекунам».

Дар бораи ҳабс ва маҳбусии худ ӯ менавишт: «То мурофиаи худ ман аз Худо илтиҷо мекардам, ки иродаи Ӯ ба амал ояд; зеро ман умед доштам, ки ҳабси ман муқаддасонро дар мамлакати ман бедор менамояд. Танҳо бо ҳамин сабаб ман ҳамаро ба дасти Худо супоридам. Ҳақиқатан, ман Худои худро дар зиндон бо форамӣ пешвоз гирифтам».

Гарчанд ӯ аз боиси шароитҳои бад дар маҳбасҳо сахт азоб мекашид, донистани азобҳои оилаи ӯ ва ҷудоӣ аз онҳо барои вай бори вазнинтарин буд. Ҳамсари аввали ӯ вафот кард ва пеш аз ҳабси худ вай боз оиладор шуд. Ҳамсари дуюм ба чор фарзанди хурдакаки ӯ ғамхорӣ мекард, ки дар байни онҳо духтарчаи дӯстдоштаи нобинояш буд.

Дар зиндон қарор дошта, Бунян, бо тайёр намудани бандакҳо барои пойафзол, худ ва оилаи худро таъмин мекард. Вақте ки вай бо ин кор машғул мешуд, ӯ ду китобро, ки бо худ гирифта буд, мехонд: Китоби Муқаддаси шоҳ Ҷеймс ва «Китоби азияткашони» Ҷон Фоксро, ба дигар маҳбусон маъвиза намуда, китобҳо ва корҳои динӣ менавишт. Мундариҷа ва услуби адабии Китоби Муқаддаси шоҳ Ҷеймс ва китоби Фоксро омӯхта, Бунян ба навиштани рисола ва ҳаҷвияҳои динӣ оғоз намуд. Дар бораи вай гуфта шудааст, ки ӯ «Китоби Муқаддасро чунон аз худ намудааст, ки калимаҳои он аз они худи ӯ шудаанд». Дар соли 1666 ӯ тарҷумаи ҳоли рӯҳонӣ «Файзи зиёда ба гунаҳкори асосӣ»-ро навишт. Дар ин китоб ӯ муборизаҳои зиёди худро бо шайтон

ва «кори бомарҳамати Худоро» бар ҷони пургуноҳи худ тасвир намуд. Дар соли 1672 шоҳ Ҷарлзи II қонунҳоро бар муқобили дигарандешон (диссидент) бекор намуд ва Бунян озод карда шуд. Се сол пас ӯ аз нав барои маъвизаи ғайриқонунӣ ба мӯҳлати шаш моҳ дар зиндон маҳкам карда шуд. Дар вақти ин маҳбусӣ қисми якуми китоби «Сафари сайёҳро» – қисса дар бораи сафари масеҳӣ ба шаҳри осмонӣ, ки соли 1678 аз чоп баромад, навишт. Ин китоб нахустин романи навишташуда ҳисоб меёбад.

Дертар Бунян «Ҷанги муқаддас»-ро (1648с.) чоп намуд, ки кори бузургтарини ӯ мешуд, агар вай «Сафари сайёҳро» наменавишт. Инчунин, ӯ қисми дуюми китоби «Сафари сайёҳро» навишт, ки дар он қиссаи ҳаёти масеҳӣ (дар соли 1648 чоп шудааст) тасвир ёфтааст.

Албатта, Бунян намехост, вақте ки ӯ «Сафари сайёҳро» менавишт, шоҳасари адабӣ биофарад. Ӯ ба ғайр аз Китоби Муқаддаси шоҳ Ҷеймс, якчанд китобҳои масеҳӣ ва «Китоби азияткашони» Фокс қариб, ки бо адабиёт шинос набуд. Ӯ танҳо мехост, ки ба халқи худ хабарро расонад ва онро ҳамон тавр ва дар ҳамон забон навишт, ки онҳо дар он фаҳмида метавонистанд. Навиштани қисса мушкил набуд. Бунян қаҳрамони асосӣ ва ҷангҳои рӯҳонии ӯро хеле хуб медонист, зеро худи ӯ ҳамон «масеҳӣ» буд ва ин муҳорибаҳои ӯ буданд. Дар солҳои охири ҳаёт Ҷон Бунян дар ҷамъомади дӯстдоштаи худ дар Бедфорд монд, ки дар он ҷо вай хушбахтии бузургтаринро дар хизмат ба халқи худ пайдо намуд. Аммо вай зуд-зуд дар шаҳрҳои наздиктарин ва ҳатто дар калисоҳои нонконформистӣ дар Лондон маъвиза мекард. Ӯ чун пешвои миллӣ ва таълимгар хуб машҳур шуд ва вайро ҳар замон «усқуф Бунян» меномиданд.

Дар соли 1688 ҳангоми сафар ба Лондон, ки ба он ҷо барои оштӣ дорондани падару писар мерафт, вай дар зери борони сарди сел афтод. Дар давоми чанд соат ӯ ба табларза гирифтор шуд. Ӯ 31 август дар Лондон вафот кард ва дар қабристони калисогии Банхил Филдз дафн карда шуд.

Ҷорҷ Фокс (1624-1691 сс.)

Ҷорҷ Фокс дар моҳи июли соли 1624 дар Дрейтон дар Лестершир ба дунё омадааст. Волидайни ӯ пуританиҳо буданд. Ҷорҷ аз давраи кӯдакӣ ба таври ғайриоддӣ диндор буд. Вақте ки ӯ 19 сола шуд, вай ба таври ногузир нисбати гуноҳ, ки аксарияти масеҳиён дар он зиндагӣ мекарданд, нафратро эҳсос менамуд. Ин бо вай баъд аз он, ки ӯ ба ярмарка бо ду пуританӣ рафт, рӯй дод. Вақте ки вайро барои иштирок кардан дар шаробнӯшӣ даъват намуданд, ӯ ҳиссаи худро пардохт намуд, аммо ба ҳеҷ чиз даст нарасонд, зеро аз ихтилофҳо миёни эътирофи динии онҳо ва рафторашон ӯро моту мабҳут карда буданд. Худи ҳамон шаб ӯ даъвати Худоро ба ҳаёти рӯҳонӣ эҳсос намуд, оилаи худро тарк намуда, баромада рафт. Ин 9 сентябри соли 1643 дар давоми ду моҳ то нуздаҳсола шудани ӯ ба вуқӯъ омад.

Дар давоми се сол Фокс камолоти рӯҳониро меҷуст, аммо ёфта наметавонист, ҳарчанд ба хизматгузорон ё одамони гуногуни диндор муроҷиат мекард. Пас аз мулоҳизаҳои дурудароз, дуоҳои шабона дар танҳогӣ ва омӯзиши пайдарпайи Китоби Муқаддас ӯ ба хулосае омад, ки Худоро танҳо дар умқи ҷони ҳар инсон ёфтан мумкин аст. Ӯ ба ин, назар ба ҳамаи дигар чизҳо дар ҳаёти худ бештар боварӣ дошт, зеро Худи Худо ба ӯ ҳарф зада гуфт. «Вақте ки ҳама умед канда шуд, – менавишт ӯ дар рӯзномаи худ, – чуноне, ки аллакай ҳеҷ чиз ба ман мадад карда наметавонист, вақте ки ман аллакай чӣ кор карданро намедонистам, он гоҳ, бале, он гоҳ, ман овозеро шунидам, ки мегуфт: «Ҳамоне вуҷуд дорад, маҳз Исои Масеҳ, ки дар ҳолати худ ба ӯ муроҷиат карда метавонӣ» ва вақте ки ман инро шунидам, он гоҳ қалби ман дар хурсандӣ таппид».

Дар соли 1647 ӯ хизмати худро ҳамчун воизи мусофир оғоз намуд ва аз як деҳа ба деҳаи дигар саёҳат менамуд. Ӯ ақидаи нави худро дар бораи дунёи ботинӣ маъвиза мекард ва дере нагузашта бисёр касон рӯ оварда буданд. «Масеҳ муддати дуру дароз дар паси намозҳои пешин ва Китоби Муқаддас ниҳон

буд, – мегуфт вай, – ба Ӯ имкон диҳед, ки паёмбар, коҳин ва подшоҳи шумо шавад. Ба Ӯ итоат намоед». Фокс, чун дигар пуритониҳо боварӣ дошт, ки таҷрибаи пештараи калисои Англия рӯҳи масеҳиятро палид мекунад. Ӯ таълим медод, ки одамон Худоро бевосита ҷалол дода метавонанд, бе ягон кӯмак аз ҷониби рӯҳониён. Пайравони вай аз ташриф овардан ба ибодатҳои калисои Англия даст мекашиданд ва инчунин аз пардохт кардани даҳяк барои дастгирии он, аз савгандёдкуниҳо даст мекашиданд. Онҳо дар сарулибос ва сухангӯй хоксор ва оддӣ буданд. Фокс инчунин таълим медод, ки ҳамаи одамон баробаранд ва аз ин рӯ набояд як инсонро аз инсони дигар болотар гузоранд, набояд ки ба подшоҳи заминӣ ба садоқат ва вафодорӣ савганд ёд кунанд, набояд дар артишҳо хизмат намоянд ва қатл кунанд. Фокс калисоро ба сиёсати осоишта даъват менамуд.

Англия бо ҷанги шаҳрвандӣ фаро гирифта шуда буд ва ба ҳокимият мазҳабе, ки баробарӣ, даст кашидан аз хизмат дар артиш ва савгандёдкуниро эълон менамуд, писанд набуд. Садҳо нафар ба маҳбасхонаҳо партофта шуда буданд. Дар маҳбасхона қарор дошта, Фокс рӯзнома ва ҳаҷвияҳо менавишт, ки дар он ақидаҳои худро мефаҳмонд.

Бори аввал Фокс дар соли 1649 дар Ноттингем барои он, ки дар калисои Марями Муқаддас сухани коҳинро бурид ва ба ӯ, вақте ки моҳияти Навиштаҷоти Муқаддасро шарҳ медод, эътироз намуд, дар зиндон маҳкам карда шуд. Ӯро барои «муноқиша дар калисо» ҳабс карданд. Як сол пас дар Дерби бо айбнома дар куфр ба ҳабс гирифта шуд. Вақте ки дар соли 1650 аз тарафи довар Гервейс Беннет ҳукмнома эълон карда шуд, Фокс ӯро огоҳ намуд, ки «дар назди Каломи Худованд битарсад». Бо ҳамин сабаб Беннети зирак Фокс ва пайравони вайро таҳқиромез «квакерон» (тарсидаистода, ларзанда, онҳо баъзан, вақте ки дар ибодатҳои худ ваҳй мегирифтанд, меларзиданд) номид ва ин ном ба онҳо ҳамроҳ шуд.

Тамоми ин вақт квакерон ба таъқиботи сахт истодагарӣ мекарданд. Онҳоро анбӯҳи одамони бағазабомада зарбулат мекарданд, барои напардохтани даҳяк дар зиндон маҳкам мекарданд, барои маъвиза кардани таълимоташон меронданд, бо сабаби он, ки ба парастишҳои оммавӣ халал мерасонданд, таъқиб менамуданд. Ҳисоб карда шудааст, ки квакеронро дар зиндон беш аз ду ҳазор маротиба маҳкам кардаанд ва зиёда аз сию ду кас ҳангоми дар маҳбасхона будан, фавтидаанд. Худи Фокс ба ҳабс гирифта шуд ва дар зиндон се солро паси сар намуд (аз с. 1664 то с. 1666).

Ба таъқиботи давомкунанда нигоҳ накарда, «Ҷамъияти дӯстон», чӣ хеле, ки акнун онҳоро меномиданд, дар шумора меафзуд ва дар қувва қавитар мегашт, махсусан дар шимолу-ғарби Англия. Дар соли 1666, ба саломатии заиф, ки бо сабаби маҳрумшавиҳои охирини маҳбусии дурудароз пайдо шуда буд, нигоҳ накарда, Фокс вақти зиёди худро барои ташкил намудани калисои квакерон сарф менамуд. Ӯ бо Маргарет Фелл издивоҷ намуд, ки аз вай дах сол калон буд, ӯ барои вай дар кораш, дар калисои нав ёрдамчии бузург буд.

Дар соли 1671 Фокс ба сафари миссионерӣ ба Амрикои Шимолӣ ва Ҳиндустони Ғарбӣ баромад. Вақте ки дар соли 1673 ӯ ба Англия баргашт, он гоҳ аз нав дар зиндон маҳкам карда шуд, ин дафъа дар ду сол. Ин маҳбусии вопасин буд. Ҳаёти боқимондаи худро Фокс дар озодии андак аз таъқиботҳо гузаронд. Ӯ 13 январи соли 1691 дар Лондон вафот кард.

Уилям Карей, сс. 1761-1834

Уилям Карей миссионери баптистии англис ва лингвист буд, ки якчанд забонҳоро омӯхта буд, то ки Навиштаҷотро беҳтар фаҳмад ва дар дигар мамлакатҳо таълим диҳад. Ӯ забони юнониро медонист, аз ин рӯ, метавонист Аҳди Ҷадидро дар забони аслӣ биомӯзад ва баъд аз он забонҳои фаронсавӣ ва

даниягиро аз худ намуд, инчунин дар омӯхтани забони лотинӣ ва ибрӣ кор мекард.

Карей дар калисои Англия таъмид гирифта буд, аммо дар соли 1783 ба баптистон ҳамроҳ шуд ва ба маъвиза кардан оғоз намуд. Ҳангоми ҳашт соли аввал хизматаш ҳамчун воиз ӯ ягон хел маош намегирифт ва чун мӯзадӯз кор карда, худро таъмин менамуд. Дар он рӯзҳо кори таблиғотӣ дар ҳаҷми тамоман на он қадар калон ба амал меомад, зеро аксарият чунин меҳисобиданд, ки супориши Бузург танҳо ба ҳавворион дода шудааст. Вақте ки Карей дар ибодат ин масъаларо мебардошт, ба ӯ ҳар замон мегуфтанд, халқҳоро дар ин мамлакатҳо Худи Худо ба имон меорад. Вақте ки вай бори нахуст дар бораи мақсади худ барои ба майдонҳои таблиғотӣ рафтан сухан сар кард, ҳамсари вай сахт зид баромад, вале дертар бо ҳамроҳии ӯ рафтан розӣ шуд. Дар соли 1791 ӯ китоберо чоп намуд, ки сарчашмаи ҳаракати таблиғотии муосир гардид. Номи он дароз буд: «Таҳқиқи масъала оид ба ӯҳдадории масеҳиён дар истифода намудани тамоми воситаҳо барои ба имон оварондани халқҳо». Дар ин китоб вай муфассал таълимоти Навиштаҷотро оиди супориши Бузург баён намуд ва барои супоришҳо нақша кор карда баровард.

Бо дастгирии «Ҷамъияти таблиғотии баптистӣ» Карей дар соли 1793 бо ҳамроҳии оилаи худ ба Ҳиндустон раҳсипор мешавад ва на дуртар аз Калкутта маскан мегирад. Дере нагузашта, баъд аз расида омадан ҳокимияти Британия ва ширкатҳои хусусӣ бар зидди корҳои таблиғотии вай мебароянд ва ба ӯ ва оилааш бо бадарғашавӣ аз мамлакат таҳдид мекунанд. Аммо ӯ ба таҳдидҳо ва маҳрумиятҳо нигоҳ накарда дар он ҷо мемонад. Ӯ аз Англия маблағи начандон калони пулӣ гирифт ва дар киштзорҳои индиго кор карда худ ва оилаашро таъмин менамуд. Писари панҷсолааш аз бемории дизентерия (исҳоли хунин) вафот кард, ҳамсараш бошад, аз ақл бегона шуд. Вай бо садои гӯшхарош дод мезад ва ӯро маҷбур шуданд, ки дар ҳуҷраи

алоҳида баста монанд, то ки ба худаш ягон зарар нарасонад. Вай дар тӯли дувоздаҳ сол дар чунин ҳолат қарор дошт, то даме ки вафот накард. Ба ғайр аз ин, шарики ӯ дар хизмати таблиғотӣ Ҷон Томас тамоми пулҳои онҳоро исроф намуд.

Аммо ба ҳеҷ чиз нигоҳ накарда, Карей забони Ҳиндустони шарқиро комилан аз худ намуд ва Аҳди Ҷадидро ба забони бенгалӣ дар соли 1801 ва дар соли 1809 –Аҳди Қадимро тарҷума намуд. Ғайр аз ин, вай баъзе қисмҳои Навиштаҷотро дар сию чор забон тарҷума намуд, Китоби Муқаддасро пурра дар шаш забон ва қисман Китоби Муқаддасро дар бисту чор забон тарҷума кард. Инчунин вай китобҳо барои грамматика ва луғатҳо барои забонҳои санскритӣ, маратхӣ, панҷобӣ ва телугу навишт. Дар тӯли солҳои зиёд ӯ бар хилофи урфу одати зинда сӯзондани занҳо дар дафни шавҳарҳояшон мубориза мебурд ва ба мухолифати сахти ҳукумутӣ нигоҳ накарда, дар соли 1829 дар манъ кардани ин урфу одат муваффақият ба даст овард. Уилям Карей 9 июни соли 1834 вафот кард. Мо метавонем хулоса кунем ва гӯем, ки қувваро дар ҳама коре, ки вай ба он расидааст, аз порчаи дӯстдоштааш дар китоби наби Ишаъё, 54:2-3: «Аз Худо бузургтарро интизор шавед, барои Ӯ корҳои бузург кунед» пайдо мекард.

Роберт Томас (Корея), дар с. 1866 кушта шудааст.

Роберт Томас 4 июни соли 1863 дар калисои хурдакак дар Ганновер, дар Уэлс дастгузорӣ карда шудааст. Дар моҳи оянда ӯ ва ҳамсараш ба Шанхай (Чин) аз тарафи ҷамъияти таблиғотии Лондон фиристода шуданд, ки дере нагузашта, баъд аз расида омаданашон ҳамсараш вафот кард.

Дар соли 1866 баъд аз чанд моҳи башоратдиҳӣ дар қисми ҷанубии Корея Томас дар киштии амрикоӣ «Генерал Шерман» аз дарёи Теадонг, ки аз Нампо, аз баҳри зард, ба шимол аз байни

Пхенян, пойтахти Кореяи Шимолии муосир ҷорӣ мешавад, ба боло равона шуд. Киштӣ ба тунукоба дармонд. Сарбозони кореягӣ дар соҳил, ки чунин навъи киштиҳоро дар дарёи худ хеле кам медиданд, шояд фикр карданд, ки дар канори киштӣ ҷанговарони аҷнабӣ ҳастанд. Онҳо киштиро забт намуда мусофирони зиёдро куштанд.

Вақте Томас дид, ки ӯро куштан мехоҳанд, вай ба онҳо Китоби Муқаддаси худро дар забони кореягӣ дароз кард ва дар забони онҳо гуфт: «Исо, Исо». Сари ӯро буриданд ва ба дарё партофтанд. Ҳарчанд нафарони зиёд метавонанд бигӯянд, ки сафари мубаллиғии ӯ ба нокомӣ дучор омад ва танҳо аз даст додани ҳаёти ҷавон буд, аммо Худо ба ҳар чиз на он тавре ки мо нигоҳ мекунем, назар мекунад ва роҳҳои Ӯ – роҳҳои мо нестанд.

Пас аз бисту панҷ сол, баъд аз марги Томас як амрикоӣ дар меҳмонхонаи хурдакаке қарор гирифт, дар он минтақае, ки Томас кушта шуда буд ва пай бурд, ки ҳуҷра бо зардеворҳои аҷоиб часпонда шудааст. Дар зардеворҳо калимаҳо дар забони кореягӣ бо ҳуруфот буданд. Вақте ки вай дар ин хусус аз соҳиби хона пурсид, ӯ нақл намуд, ки чӣ тавр Томас кушта шуд ва вай Китоби Муқаддаси кореягиро, ки Томас ба сарбозон дароз намуд, гирифт ва бо варақҳои он деворҳоро часпонд. Дар тӯли бист сол, мегуфт ӯ, бисёр касон ба хонаи ӯ меомаданд, то ки «деворҳоро хонанд», ки дар онҳо Китоби Муқаддаси Томас буд.



Кисми III
Садсолаи XX

21.
Азияткашон дар замони мо. Навад соли аввал

Калимаи «азияткаш» – ин калимаест, ки ба мо дар бораи дунёи қадим, замони атиқа ёдрас мекунад. Ин калима барои тасвири замони Исо ва калисои барвақтӣ, замоне ки халқҳо Аврупоро поймол мекарданд, вақте ки ҷоҳилон андаруни калисо муқаддасони машҳурро месӯзонданд, истифода мешуд. Ин калима аз замони кайҳо гузашта, аз солҳои гузашта, рӯзҳои гузашта, ин калима аз ҳар рӯзҳои дигар мебошад, аммо на аз рӯзҳои имрӯза. Аммо дар асл калимаи «азияткаш» назар ба ҳар дигар рӯйдодҳои таърихи ҷаҳон дида, барои тасвири рӯйдодҳои имрӯзаи мо хеле бештар рост меояд. Дар асри XX масеҳиён барои имони худ зиёдтар кушта шуданд, назар ба ҳамаи гузаштагони якҷоя гирифташуда. Дар ин хусус фикр кунед.

Шӯриши муштзанӣ

Асри XX бо шӯриши Муштзанӣ дар Чин оғоз ёфт. Ҳарчанд шӯриш бо истисмори сиёсӣ ва иқтисодии Чин аз ҷониби ҳокимиятҳои ғарбӣ барангезонида шуда буд, таблиғотчиёни масеҳӣ ва масеҳиёни чинӣ азобҳоеро, ки аз интиқоми муштзанон сар зада буд, пурра дар худ эҳсос намуданд. Ҳамааш дар соли 1899 оғоз гардид, вақте ки ҷамъияти махфии чинӣ маҷлиси «Дастони боадолат ва муносиб»-ро даъват намуд. Дар матбуоти ғарбӣ онҳоро, аз сабаби он, ки бо муштзанӣ машқ мекарданд, «муштзанон» меномиданд, зеро чунин меҳисобиданд, ки ин онҳоро барои зарбаҳо дастнорас мегардонад ва онҳо ҷанги террорро нисбати таблиғотчиёни масеҳӣ дар музофоти шимолу–шарқии Чин оғоз карданд. Расман «муштзанон» аз тарафи ҳокимияти Чин маҳкум карда мешуданд, аммо дар асл, онҳо аз ҷониби аксарият аз дарбори император ёрии пинҳонӣ мегирифтанд, аз он ҷумла дастгириро аз ҷониби императритсаи бевамонда Тзу-хси. Фаъолияти террористии Ҷамъияти муштзанон дар соли 1900 афзуд, вақте ки дастаи авбошии «муштзанон» дар пеши назари ҳама ба масеҳиён ҳамла оварданд. Дар моҳи майи худи ҳамон сол «муштзанон» деҳа ба деҳа гашта ба таблиғотчиёни ғарбӣ ва хитоиҳои ба масеҳият рӯоварда, ҳамин ки онҳоро пайдо мекарданд, ҳамла меоварданд. Дар давоми тобистон «муштзанон» дар Пекин маҳал бардоштанд ва дар он ҷо калисоҳо ва хонаҳои одамонро аз Ғарб сӯзонданд ва ҳамаи масеҳиёни хитоиро, ки аз шаҳр гурехта натавонистанд, қатл карданд.

Аз миёни таблиғотчиён, ки онҳоро хашми «муштзанон» дар Чин фурӯ бурда буд, Ҷонатан Гофорт ва ҳамсари вай Розалинда буданд. Боре дар хизмати худ дар Чангти онҳо пайғоми дермондаро аз консулии амрикоӣ дар Чефа гирифтанд, ки дар он гуфта мешуд: «Ба ҷануб раҳсипор шавед. Хатсайри шимолӣ аз тарафи «муштзанон» банд карда шудааст». Масеҳиёни чинӣ дар супориш ба онҳо барои печонда бастани чизҳои

даркорӣ ба ароба кӯмак карданд ва онҳоро барои ҳарчӣ зудтар рафтан розӣ мекунонданд, зеро «муштзанон» дар ин вақт ягон таблиғотчиро зинда намемонданд. Мубориза миёни гурӯҳҳои ғарбӣ ва «муштзанон» дар қарибии пойтахти Чин Бейҷинг пурзӯр гардид. 18 июни соли 1900 дар он ҷо шӯриши умумӣ ба амал омад ва императритсаи бевамонда Тзу-хси фармон дод, ки ҳамаи масеҳиёнро қатл кунанд.

27 июн Гофортҳо хизмати худро монда ба ҷануб роҳ гирифтанд. Бо ҳамроҳии онҳо чор фарзанди онҳо, се мард, панҷ зан, як писарбача ва се хизматгор буданд. Рӯзҳо гарм буданду шабҳо сард ва онҳо, вақте ки маҷбуран таваққуф мекарданд, дар замин мехобиданд. Дар наздикии деҳаи Хсинтин ба онҳо тӯдаи мардон, ки бо корд, яроқҳо, сангҳо ва чӯбҳо мусаллаҳ буданд, ҳамла карданд. Сутунмӯҳраҳои ҳайвонҳоеро, ки аробаро мекашонданд, шикастанд, Ҷонатан Гофард бошад, бо нӯги кунди шамшер аз гарданаш зарба хӯрд. Вақте ки ӯ афтида, дасташро барои ҳимоя кардан бардошт, онҳо дасти ӯро дар якчанд ҷой то устухон бурида пора карданд. Вақте кӯшиш кард, ки ба пояш хезад, ӯ бо таёқ зарба хӯрда, аз ҳуш рафт. Вақте ки ба худаш меомад, бо пешбинии Худо аз миёни издиҳом ба назди ароба саворае расида омад ва аз асп ҷаҳида фаромад. Аспи арақкарда акнун дар миёни тӯдаи ҳамлакунанда ва таблиғотчиён монеа шуда буд. Вақте ки Ҷонатан дар тааҷҷуб ба по хест, мард дар пеши ӯ истод, гӯё ки ӯро бо таёқ задан мехост, аммо ба ҷои ин ӯ пичиррос зада гуфт: «Аз аробаҳо дуртар истед». Вақте ки онҳо ба як тараф гурехтанд, ҳамлаовардагон ба онҳо аҳамият надоданд ва дар миёни худ барои чизу чораҳои ароба занозанӣ мекарданд. Ниҳоят, Гофортҳо аз баъзе сокинони деҳа кӯмак гирифтанд ва деҳқонон онҳоро ба деҳа бурда, дар кулбачаи хурдакаке маҳкам карданд, то ки ҳаёти онҳоро нигоҳ доранд. Ҷароҳатҳои Ҷонатанро бастанд ва хӯроку нӯшиданӣ доданд. Дар рӯзи дигар онҳо муайян карданд, ки касе кушта нашудааст, танҳо як одам ҷиддӣ маҷрӯҳ гаштааст. Вақте ки онҳо роҳи

худро давом доданд, он гоҳ фаҳмиданд, ки наҷотдиҳандагони онҳо мусулмонон буданд, ки метарсиданд, ки рӯи Худоро намебинанд, агар дар нобуд кардани гурӯҳи таблиғотчиён иштирок кунанд.

Баъд аз он, ки хитоиҳо ба чанд шикасти таҳқиромез дучор омаданд, 7 сентябри соли 1901 аҳдномаи сулҳ баста шуд ва шӯриши «муштзанон» ба охир расид. Дар давоми ду соли девонагиҳои «муштзанон» тақрибан 250 таблиғотчӣ ва қариб 30 000 масеҳиёни хитоӣ кушта шуданд.

Дар давоми бисту панҷ соли аввали садсолаи бистум таъқиботи пай дар пайи масеҳиён ба амал наомадааст. Аммо аз соли 1924 сар карда дар тӯли солҳои зиёд коммунизми аттеистӣ аз СССР дар тамоми ҷаҳон паҳн мешуд, махсусан баъд аз ҷанги дуюми ҷаҳон дар марҳилаи аз соли 1945 то соли 1975. Аз аввал коммунистон дар СССР масеҳиёнро таъқиб мекарданд, калисоҳои онҳоро вайрон мекарданд, онҳоро дар зиндонҳо маҳкам мекарданд, шиканҷа дода, мекуштанд. Дар айни авҷи паҳншавии коммунизм дар тамоми ҷаҳон ба ҳисоби миёна ҳар сол қариб 330 000 масеҳиёнро мекуштанд.

Баъд аз пошхӯрии СССР дар соли 1991 шумораи куштори ҳарсолаи масеҳиён зуд кам гардид, вале ба ҳар ҳол, ин рақам бузург мемонад. Мувофиқи «Энсиклопедияи масеҳии ҷаҳонӣ» нашри 1997 тақрибан 155 000 – 159 000 масеҳиён ҳар сол барои имони худ нобуд карда мешаванд. Миқдори онҳо ҳар сол меафзояд, яқинан ин дар асоси сабабҳои демографӣ мебошад, яъне бо зиёдшавии аҳолӣ, на бо вусъатёбии таъқиботҳо. Ба ин шумора ва марҳилаи қаблӣ танҳо он масеҳиён дохил шудаанд, ки барои имони худ кушта шудаанд, на онҳое, ки таъқиб шудаанд, вале кушта нашудаанд. Шумораи онҳо ҳар сол ба садҳазор меафзояд.

Ҳарчанд дар замони мо ҳоло ҳам мамлакатҳои коммунистӣ ҳастанд, ба монанди Куба ва Чин, ки дар он ҷо масеҳиёнро ҳоло ҳам таъқиб мекунанд, аммо мамлакатҳои мусулмонӣ барои

ҳалокати масеҳиёни зиёд, ки барои имони худ кушта шудаанд, ҷавобгар мебошанд.

Имрӯз дар Чин чунин шуморида мешавад, ки сиёсати расмии ҳукуматии таъқиботи масеҳиён вуҷуд надорад ва акнун масеҳӣ будан ғайриқонунӣ ҳисоб намешавад. Лекин, ба изтироб овардани масеҳиёнро идома медиҳанд ва полисҳо ба ҳабс гирифтани онҳо, ҷустуҷӯ кардани калисоҳои пинҳонӣ ва вайрон кардани макони хизмати онҳоро давом медиҳанд. Ҳарчанд сарқонуни Чин озодии диниро кафолат медиҳад, ҳокимияти Чин ҳар кори имконпазирро мекунад, то ки амалиёти динҳои ба қайд нагирифташударо манъ намояд. Масеҳиёни чинӣ ҳанӯз ҳам солҳоеро дар хотир доранд, ки дар замони Хитои Сурх онҳо ошкоро ва бераҳмона таъқиб карда мешуданд, ки дар ин бора воқеаҳои сершумор шаҳодат медиҳанд.

Дар мамлакатҳои мусулмонӣ одатан сиёсати расмии таъқиботи масеҳиён вуҷуд надорад ва бештари онҳо озодии диниро эълон менамоянд. Ба ин нигоҳ накарда, онҳо одатан таъқиботҳоро меписанданд ва онҳоеро, ки ба масеҳиён ҳамла меоранд ва ҳатто онҳоро мекушанд, ҷазо намедиҳанд. Дар бисёр мамлакатҳои мусулмонӣ таъқиботи дигар динҳо, махсусан масеҳият, дар сатҳи сиёсати давлатӣ ба амал меояд.

Дар давраи ду ҷанги ҷаҳонии гузашта ва дар замони солҳои мушкил дар миёни онҳо ба таъқиботҳои динӣ дар ҷаҳон қариб ки аҳамият намедоданд, ҷаҳон акнун ба нобуд кардани яҳудиён дар Германияи натсистӣ аҳамият дода буд. Ягон ташкилоте вуҷуд надошт, ки ба онҳо гӯш медод ва ягон ташкилоте, ки ҳисоботҳоро оиди таъқиботҳо нигоҳ медошт. Танҳо дар охири ин аср ин гуна ташкилотҳо пайдо шуданд.

Яке аз ташкилотҳои пешсаф, ки маълумотро оиди азияткашон дар тамоми ҷаҳон ҷамъ меоварад ва онҳоро бо кӯмак таъмин менамояд, ташкилоти «Овози азияткашон» мебошад. Он дар соли 1967 аз тарафи шӯбон Ричард Вурмбранд таъсис дода шудааст, ки дар зиндони руминӣ барои имони худ чордаҳ сол

гузарондааст. Ба ин ташкилот дар Иёлоти Муттаҳида Том Байт роҳбарӣ мекунад, ки ҳабдаҳ моҳро дар маҳбасхонаи Куба бо ҳамон сабаб гузарондааст. Онҳо инсонҳои хеле олиҳиммат мебошанд ва рӯҳи Масеҳро нишон медиҳанд. Онҳо ба мо харитаеро, ки дар он ҷойҳои масеҳиёне, ки дар рӯзҳои мо азият мекашанд ва воқеаҳои зиёдеро дар бораи азияткашон дар садсолаи мо нишон дода шудааст, доданд. Қиссаҳо дар ин боб солҳои аввали ҳафтодум ва солҳои охири ҳаштодумро тасвир мекунанд. Қиссаҳо дар боби оянда даврaҳои ҳафт соли аввали солҳои навадумро дар бар мегиранд. Ин танҳо баъзе аз ҳазорҳо қиссаҳо, ки дар сӣ соли охир навишта шуда буданд.

Иттиҳоди Шӯравӣ, соли 1966

Воқеаҳои дигар аз нусхаи мактубе гирифта шудаанд, ки бо бародар ва хоҳар Слобода аз деҳаи Дубрада дар вилояти Витебский, ба сарвазири шӯравӣ Алексей Николаевич Косигин навишта шудааст. Дар мактуб гуфта мешавад, ки додгоҳи маҳаллӣ ҳукм баровардааст, ки духтари ёздаҳсолаи онҳо Галя ва писари нӯҳсолаашон Александрро бо зӯрӣ гиранд, зеро ки онҳоро дар дини масеҳӣ тарбият намудаанд. Дар давоми ду сол кӯдаконро дар хона интернати кӯдаконаи аттеистӣ нигоҳ медоштанд, ки он дар ҳолати ғайрисанитарӣ қарор дошт ва кӯдакон бо шабушк фаро гирифта шуда буданд. Пойҳои Галя варам кардаанд ва дар андоза қариб ду маротиба калон шудаанд, ду маротиба кӯдакон бемории шушро аз сар гузарондаанд, эҳтимол ин бемории сил (туберкулёз) буд. Баъд аз ду соли дар интернат гузаронида, кӯдакон гурехтанд ва ба хонаашон роҳ гирифтанд.

Дере нагузашта, ҳукуматдорон ба хонаи онҳо омаданд, то ки кӯдаконро баргашта баранд. Галя ва Александр ба болои кат баромада сахт ба гиря даромаданд. Афсар Лебед, ки ба хона даромад, ба гиряи кӯдакон тоб оварда натавонист ва бе онҳо баромада рафт. Пас аз чанд рӯз кӯдакон ба мактаб рафтанд.

Директори мактаб Галяро ба утоқи худ даъват кард. Милиса Лебед Галяро дар он ҷо мунтазир буд, ӯро қапида ба мошини милиса бурд. Вай он қадар сахт худро халос кардан мехост, ки Лебед ҳатто ба фарш афтод, вале ӯро раҳо накард. Дар роҳ Галя фарёд мезад: «Одамон, одамон, ёрдам диҳед!» Аммо, албатта ҳеҷ кас ба ӯ ёрдам накард. Духтараки дигар Шурарo низ ба ҳамон мошин партофтанд. Ӯро ҳамшираи тиббии мактаб ба ҳуҷраи тиббӣ даъват намуд, гӯё барои гузаронидани дору барои пешгирии бемориҳо бошад, ки дар он ҷо вайро афсари дигар интизор буд ва ӯ низ вайро дошта гирифт. Ҳеҷ яке аз кӯдакон ба назди волидони худ барнагаштанд. Баъд аз ин Александр дар хона меистод ва ба мактаб намерафт.

Иттиҳоди Шӯравӣ, соли 1968

Ҳисоботи як хаткашони масеҳӣ, ки хабарҳоро аз Иттиҳоди Шӯравӣ ва ба Иттиҳоди Шӯравӣ мерасонд ва боре ба лагери шӯравӣ равон шуд, то ки аз масеҳиёни маҳбусӣ хабар гирад:

«Ман ҳамсари яке аз азиякашони масеҳиро дидам, ки дар хонааш кӯдакони зиёд монда буд. Вай ба таври ҳайратангез ҷавон менамуд, гарчанд кӯдаконро ба воя мерасонд. Ман дар ин хусус аз ӯ пурсидам. Вай ҷавоб дод: «Азобҳо ҷавонии маро нав мекунанд». Масеҳии дигар ба ман гуфт: «Мо сабукии шароити худро мехостем, аммо на пурра қатъшавии фишорро. Мо метарсем, ки озодӣ моро маҷбур месозад, ки муҳаббати гарми Масеҳро аз даст диҳем». Боз як одами дигар гуфт: «Мо, вақте ки аз абри шоҳидон дар осмони рӯҳонӣ фикр мекунем, хушбахтем, ки қисми осмоне, ки бо абрҳои бузург пӯшонида шудааст, дар болои мамлакатҳои коммунистӣ қарор дорад. Мо барои додани шумораи бузурги азияткашон шод ҳастем».

Аз паси пардаи бамбуқ, Хитой, соли 1969

Шаҳодати гувоҳ оиди марги якчанд масеҳиён дар лагери меҳнатии коммунистӣ гирифта шуд.

Дасту пойи духтаракеро баста дар иҳоти тӯдаи мардум ба зону шинонданд ва ба онҳо фармон доданд, ки ӯро дар зери тарси парронданг сангсор намоянд. Якчанд масеҳиён аз иҷрои он саркашӣ намуданд ва дарҳол парронда шуданд. Духтарак дар зери сангборон ҷон дод, рӯи вай чун рӯи Истефануси муқаддас, ҳангоми сангборон кардани ӯ, медурахшид,. Дертар, яке аз онҳое, ки санг мепартофт, тавба кард ва Масеҳро ҳамчун Наҷотдиҳандаи худ қабул кард.

Марди ҷавон чун Масеҳ дар салиб овехта шуд. Дар давоми шаш рӯз, то вақте ки ӯ ҷон надод, вай беист бо овози баланд барои таъқибкунандагони худ дуо мегуфт, то ки онҳо омурзида шаванд ва Масеҳро қабул кунанд.

Панҷ донишҷӯ фармон гирифтанд, ки панҷ чоҳи чуқур кананд. Сипас, онҳоро ба ин чуқуриҳо партофтанд ва маҳбусиёни дигар ба болои онҳо хок мепартофтанд. Вақте ки онҳоро зинда ба зинда мегӯронданд, онҳо мадҳияҳои масеҳиро масароиданд.

Барои саркашӣ аз маъвиза накардан дар бораи Масеҳ чашмони башоратчӣ Ни-Тио-Сенро кофта гирифтанд, забонашро канда гирифтанд ва ду дастонашро бурида партофтанд. Сипас, ӯро ба маҳбасхонаи Шанхай фиристоданд.

Руминия, соли 1970

Дар моҳи январи соли 1970 шӯбон Вурмбранд аз «Овози азияткашон» чунин навишт: «Ман аз китоби Д. Баса далел меорам, ки вай онро ба номи маҳбасхона дар Руминия «Питишти» номидааст»:

«Посбонон моро мезаданд. Дар рӯи фарш хун ва пешоб буд. Лекин, на танҳо посбонон моро мезаданд.

Масеҳиёне, ки баъд аз шиканҷаҳо хоин шуданд, бояд дӯстони собиқи худро мезаданд. Дӯсти аз ҳама беҳтарине, ки ман то ҳабсшавии худ доштам, ман ба ӯ кӯр-кӯрона бовар мекардам, дар бадхашмӣ ба рӯям зад. Ман дар ҳолате будам, ки ягон сухан гуфта наметавонистам, ҳатто аз ӯ чизе пурсам. Ман бовар доштам, ки ин хоби даҳшатовар буд, ҷиннигии умумӣ буд. Зарбу лат кардан се ё чор соат, боре ҳатто нӯҳ соат давом кард. Баъд аз ин, аз одами зарбулатшуда либосҳояшро кашида мегирифтанд ва маҷбур мекарданд, ки дар таги катҳо хоб равад.

Маҳбусӣ вазифадор буд, ки бо ду зону дар фарш истода, дар як шаб 1000 зону қат (приседание) нишинад. Одатан одам аз 50 то зиёдтар чунин зону қат нишастанҳо карда наметавонад.

Мо бояд тамоми рӯз ором рост меистодем, ҳатто ҳуқуқи ҷунбондани мушакҳоро надоштем. Нигоҳи ҷалбшуда ба шифт, оромӣ дар симо аломати дуои ниҳонӣ буд. Моро бо зарбаи сахт ба пойҳо ба вақеият бармегардонданд».

Шӯбон Вурмбранд давом медиҳад: «Баъзе масеҳиён дар зери шиканҷаҳо аз қавли худ мегаштанд. Онҳо ҷаллодони бадтарини собиқ дӯстони имондори худ ва ҳатто хешовандони худ мегардиданд».

Чин, соли 1970

Хабар дода мешавад, ки дар моҳи августи соли 1970 масеҳӣ Владимир дар Шанхай ба ҳабс гирифта шуд. Дар маҳбасхона ба пойҳои ӯ қубурҳои оҳанинро гузошта бо мехҳои печдор маҳкам карданд. Сипас, ба рӯи ин қубурҳо бо болға мезаданд, то он даме, ки аз ларзиш устухонҳо дар пойҳояш нашикастанд. Ҳамаи

ин корро мекарданд, то ки вай ба ҷинояти бофтабаровардашуда бар зидди ҳукумат иқрор шавад. Аммо вай иқрор нашуд. Якчанд афсарони коммунистии полис баъд ба хонаи вай рафтанд ва яке аз онҳо, зан, фарзанди Владимирро ба даст гирифта ба ҳамсари вай гуфт: «Агар ту бар зидди маҳбусӣ (шавҳари ӯ) айбномаро имзо накунӣ, мо сари кӯдакро зада мекафонем». Ҳамсари Владимир рад намуд ва бовар намекард, ки одамон ба ин кор қодиранд. Он гоҳ, ин зани афсар бо фосилае чанд маротиба сари кӯдакро ба девор зада, ӯро кушт. Аз ғусса девона шуда, модар кордро аз рӯи миз гирифту бо он зани афсарро кушт. Одамони полис ҳамон замон ӯро парронданд.

Наталя Горбаневская, соли 1970

Шоира Наталя Горбаневская китоберо навиштааст, ки дар Иттиҳоди Шӯравӣ пинҳонӣ нашр шудааст ва дар Фаронса бо номи «Дар Маскав, дар зери моҳтоб» баромадааст, ки дар он вай изҳори озодиро ба халқҳои Иттиҳоди Шӯравӣ мекард. Китоб бо матни зерин аз Аъмол 20:23-24 оғоз мегардид: «Ҷуз ин ки Рӯҳулқудс дар ҳар шаҳр шаҳодат дода, мегӯяд, ки занҷирҳои асорат ва уқубатҳо барои ман муҳаёст. Лекин,ба ин чизҳо нигоҳ намекунам ва ҷони худро азиз намедорам, балки муроди ман фақат ин аст, ки вазифаи худро ва он хизматеро...ба хушӣ анҷом диҳам».

Дере нагузашта, Наталя ба ҳабс гирифта шуд ва дар муолиҷахонаи рӯҳӣ маҳкам карда шуд, зеро коммунистон чунин меҳисобиданд, ки ҳар инсоне, ки озодӣ ё Масеҳро дӯст медорад, ба бемории рӯҳӣ гирифтор аст. Дар Иттиҳоди Шӯравӣ чунин муолиҷахонаҳо бисёр буданд ва бисёриҳо ба он ҷо сиҳат мерафтанду, девона бармегаштанд. Ин он ҷое нест, ки одамони гирифтори бемории рӯҳӣ шифо меёбанд, ин ҷойҳое мебошанд, ки одамони солим ба бемориҳои рӯҳӣ гирифтор мешаванд. Зуд-зуд, милисаи коммунистӣ ниқоби духтуриро ба бар мекард, то

ки маҳбусиёни худро ба воситаи доруҳо ва асбобҳои тиббӣ шиканҷа диҳад.

Муолиҷахонаҳои рӯҳӣ дар биноҳои калон воқеъ мебошанд, ки дар онҳо ҳазорҳо маҳбусиён нигоҳ дошта мешаванд. Дар миёни ҳуҷраҳо деворҳо вуҷуд надоранд, танҳо панҷараҳои оҳанин мебошад. Тез-тез 100-200 маҳбусӣ дар як ҳуҷра меистоданд. Фаршҳо аз тахтаҳои нимроғ пӯшидашуда сохта шудаанд. Шабу рӯз ҳар як овоз шунида мешуд: «маҳбусиён роҳ мегарданд, мегирянд, месулфанд, атса мезананд, хуррос мекашанд, дар ғазаб мешаванд, дарҳои ҳуҷраҳо шараққос пӯшида мешаванд, садои оби дар ҳоҷатхонаҳо сар дода шуда ба гӯш мерасад ва ҳазорҳо овозҳои дигар. Дар он ҷо ҳеҷ вақт оромӣ нест, осоиштагӣ нест, танҳо садоҳои девонагӣ. Танҳо имони сахт ба Масеҳ метавонад, ҷони шуморо аз девонагӣ нигоҳ дорад.

Мактуб аз Иттиҳоди Шӯравӣ, ки ба таври пинҳонӣ дар соли 1971, бо як маҳбусӣ, аъзои яке аз калисоҳои махфии баптистӣ фиристода шудааст:

«Барои чизҳои фиристодаатон ба шумо ташаккур мегӯям. Афсарон дар миёни худ дар давоми чанд рӯз маслиҳат мекарданд, ки бо чизи фиристода чӣ кор кунанд, сипас, ниҳоят фармон омад, ки ман метавонам онро бо он шарт гирам, ки ман мактуби бозгашт менависам: «Илтимос, ба ман дар як сол аз чор маротиба дида, зиёд ягон чиз нафиристед». Ман ҷавоб додам: «Ман метавонам инро нависам, вале чӣ тавр онҳо амал мекунанд, ман намедонам». Азизонам, ман бояд иқрор шавам, ки ҳеҷ чизро гум накардаам. Худованд ба ман иштиҳои хуб додааст, аз ин рӯ ман ба хӯроки хукҳо низ қаноат карда метавонам. Мо ба чизҳои заминӣ ҳавас дорем ва аз он миннатдорем, ки шумо барои мо ин қадар зиёд дуо мегӯед, ки дар ин бора шунидем. Бале, некӯаҳволии мо аз ин вобаста аст.

Мӯйҳои ман сафед мешаванд, дар рӯи ман ожангҳои зиёд пайдо мегарданд, ман бояд дар гармии сахт кор кунам. Ман дар назди оташдоне, ки дар он бедҳоро хушк мекунанд, кор мекунам. Ман 15 соат дар як рӯз кор мекунам, аз соати 5 бегоҳ, то соати 8 саҳар. Тамоми ин вақт ман қариб, ки бе либос ҳастам, вале ба ин нигоҳ накарда, арақеро, ки аз бадани ман мерезад, бо сатилҳо ҷамъ кардан мумкин аст. Зарур аст, ки ҳар замон худро пок кунам.

Оё, дар боғи мо дарахти булут ҳоло ҳам месабзад?[«Булут»- ин лақаби яке аз пешсафони калисои ниҳонӣ буд. Бародар мепурсид, ки оё кор давом ёфта истодааст.]»

Мактуби дигар аз яке аз маҳбасхонаҳои Иттиҳоди Шӯравӣ, соли 1971

«Фишор ба мо барои бадани мо он қадар таҳамулнопазир аст, ки аксарияти одамон пурра шаъну эътибори худро аз даст медиҳанд ва аз ҳайвон ҳам бадтар мешаванд. Вале ҳамаи ин чизҳо фоидаовар мебошанд ва барои онҳое, ки Масеҳро дӯст медоранд, ҳатмӣ мебошанд, то ки дар порсоӣ биафзоянд. Бинобар ин, ба мо барои шикоят кардан, сабабе нест. Ин рост аст, ки хоҳиши бо наздикони худ будан бузург аст, аз ин рӯ, мо аз муҳаббат нисбати онҳо беҳолем, аммо мо ҳеҷ чизро тағйир дода наметавонем. Ба қарибӣ моро ба додгоҳ бурданд. Ба мо пешниҳод намуданд, ки бо роҳҳои қалбакӣ равем (аз имон ба Масеҳ даст кашем), то ки ояндаи беҳтар ба даст орем. Яке аз доварон гуфт: «Наход, тамоми дардҳои аз сар гузаронидаатон барои шумо нокифоя бошад, то ки шумо фикрҳои

худро тағйир диҳед?» Ман ҷавоб додам: «Ман аз дард нагузаштаам. Маҳбасхона – ин ҷоест, ки ман дар он ҷо бисёр чизҳои хубро омӯхтам, ки ин маро дар имон боз ҳам устувортар гардонд. Шумо инро фаҳмида наметавонед, зеро шумо ба Ӯ бовар намекунед».

Маро дар маҳбасхона боғбон таъин карданд ва ман аз он шод мегаштам, ки аз шумо тухмии гулҳоро бигирам. Ман мехостам, ки бо бӯи накҳати гулҳо, ки аз шумо гирифтаам, лаззат барам, ки маро хеле дӯст медоред.

Мо ба оянда назар мекунем, вале он чунон торик ва даҳшатовар аст, аммо мо мегӯем: «То ин ҷо Худованд ба мо кӯмак кард». Аз ин сабаб, Ӯ ба мо дар оянда низ кӯмак хоҳад кард».

Иттиҳоди Шӯравӣ, соли 1972

Шӯбони рус Сергей Голев 22 солро дар маҳбасхона гузаронд, дар муддати чанд вақт озод карда шуд, сипас, дар синни ҳаштоду ду солагӣ аз нав ба ҳабс гирифта шуд. Ҳамсараш ба дидорбинии вай рафт, аммо ба ӯ дидорбиниро манъ науданд, зеро фаҳмиданд, ки дар ҳуҷраи вай Аҳди Ҷадид пинҳон карда шудааст. Ба ӯ иҷозат доданд, ки ба вай танҳо дар масофаи аз симхори дар ҳавлӣ буда, назар кунад. Вақте ки вай ба рӯи ҳавлӣ баромад, дид, ки вай мегиряд. Ӯ ба вай фарёд зад: «Ман боре ҳам надидаам, ки ту гиря кунӣ. Рӯҳбаланд шав. Ба зудӣ ҳамааш анҷом меёбад». Аз тарафи дигари симхор вай ҷавоб дод: «Ман монда шудам». Аммо қиёфа ва овози ҳамсараш ба вай қувват бахшиданд.

Дертар, якчанд бародарони масеҳӣ дар ҳуҷраҳои худ мулоҳиза мекарданд, ки чӣ тавр онҳо ҷон додан мехостанд. Як нафар гуфт: «Ман мехостам, ки дар вақти ибодат дар калисо ҷон диҳам, то ки он маро дафн кунад». Дигарӣ гуфт: «Ман

мехостам, ки бо оилаи худ бошам ва фарзандони худро ба имон орам, баъд бимирам». Шӯбон Голев, ки боре дар як лаҳза ба сустӣ роҳ дод: «Ман мехостам, ки дар маҳбасхона бимирам. Дар ин ҷо ман солҳои беҳтарини худро гузарондаам. Аз худи ҳамин ҷо ба назди Худованд – ана дуои ман».

Албания, соли 1973

Усқуф Дуразо дар чалаки оҳанини гирдшакл то андозаи баданаш маҳкам карда шуда буд. Дар деворҳои даруни чалак дандонаҳо буданд, ки ба бадани вай мехалиданд. Сипас, ин чалакро аз кӯча ба кӯча ғелонда мебурданд, то он даме, ки вай аз дард ва хуни рафта ҷон надод. Франко Гжини, пири дайри Мирдизия, дар ҳуҷраи бисёр хурдакаке дар муддати 68 рӯз маҳкам карда шуд. Якчанд бор ба нохунҳои вай сӯзанҳои чӯбин зада медаровардаанд. Пеш аз марг вай аз ҷараёни электрикӣ зарба гирифт. Сипас, вайро парронданд. Вақте ки ба ҷои қатл мерафт, ӯ маҳбусони дигарро барои дар имони худ қавӣ истодан рӯҳбаланд менамуд.

Пётр Коскава, рӯҳонӣ, аз коммунистон фармон гирифт: «Худоро мазаммат кун ва худро наҷот деҳ». Ӯ ҷавоб дод: «Ман ҳаёти худро ба Масеҳ супоридам. Ман наметавонам бар зидди Ӯ ҳарф занам, танҳо бар зидди шумо, таъқибкунандагони ман». Дере нагузашта, вайро қатл карданд. Як рӯҳонии солхӯрдаро бо номи Слако дар кӯча то мурдан лату кӯб карданд, зеро вай бо овози баланд ба Худо дуо мегуфт. Пеш аз он, ки рӯҳонӣ Де Макайро парронданд, вай дод зад: «Умри зиёд, Подшоҳ Масеҳ!»

Куба, соли 1973

Масеҳии маҳбусиро маҷбур мекарданд, ки ҳуҷҷатеро, ки дигар масеҳиёнро айбдор менамуд, имзо намояд, то ки онҳоро барои ин ҳабс карда дар маҳбасхона маҳкам кунанд. Вай гуфт: «Занҷирҳо

намегузоранд, ки ман инро имзо кунам». Афсари коммунистӣ гуфт: «Аммо, ту дар занҷирҳо нестӣ!» Масеҳии маҳбус гуфт: «Ман бо занҷирҳои шоҳидон баста шудаам, ки онҳо дар тӯли садсолаҳои зиёд ҳаёти худро барои Масеҳ додаанд. Ман ҳалқаи ин занҷираҳо мебошам. Ман бошам, онҳоро намеканам».

[Тӯмо Аквинскии Муқаддас баъд аз он, ки азияткаширо далели бузурги муҳаббати комил нисбати Масеҳ номид, гуфт: «Суханоне, ки азияткашон дар пеши ҳукуматдорон талаффуз кардаанд, аз одамӣ нест, на танҳо ифодаи ақидаҳои одамӣ мебошанд, балки ин суханоне мебошанд, ки аз Рӯҳи Муқаддас тавассути онҳое, ки Исоро эътироф менамоянд, талаффуз шудаанд».]

Иттиҳоди Шӯравӣ, соли 1974

Трофим Бондар – баптисти рус, ки дар соли 1971 дар маҳбасхона, барои гузарондани ҷамъомадҳои дуо дар хонаи худ маҳкам карда шудааст. Ӯ ба синни 72 расида буд. Дар синну соле, ки ҳама аз истироҳат ҳаловат мебаранд, ӯ аз кори ҷисмонии вазнин лаззат мебурд, зеро ки Худовандро дӯст медошт. Дар лагер Бондар дар бораи Масеҳ шаҳодат доданро идома медод, аз ин рӯ ба вай тазриқ (инъекция) гузаронданд, то ки ҳолати ҷисмонии вайро заиф гардонанд. Вақте ки дар соли 1974 озод карда шуд, ӯ дигар равшану возеҳ баён карда наметавонист. Дере нагузашта, пурра фалаҷ гардид ва баъд аз чанд ҳафта вафот кард.

Чехословакия, соли 1975

Вақте ки Виктор Корбел ба қӯшунҳои чехословакия даъват гардид, вай бо худ Китоби Муқаддас ва сурати Дюрер «Дастони дуокунанда»-ро гирифт ва гуфт: «Ин ба ман аз он чизе, ки бояд ҳар рӯз иҷро кунам, ёдрас менамояд». Рӯзи душанбе, баъд аз Фисҳ, баъд аз он, ки вайро ба қӯшунҳо гирифтанд, дар хонаи

волидони ӯ ҷамъомади калисои пинҳонӣ мегузашт. Ногаҳон занги дар ҷаррангос зад ва ба хона ду афсар даромаданд; онҳо гуфтанд: «Мо писари шуморо ба хона овардем». Вай дар тобут буд. Волидон дар болои тобут мегиристанд ва мегуфтанд: «Бигзор, иродаи Ту амалӣ гардад».

Дертар, онҳо аз яке аз дӯстони қӯшунии Виктор мактуб гирифтанд. Вай менавишт:

«Мо ҳаргиз рӯзҳои охирини бо ӯ гузарондаамонро фаромӯш намекунем. Ӯ моро дар хондани Китоби Муқаддас таълим медод ва дар бораи Худо ҳарф мезад. Дар рӯзи ҷумъаи Пурҷӯшухурӯш ӯ моро барои бо ҳамроҳии вай ба калисо рафтан даъват намуд. Мо ҳама гуфтем, ки бо хушнудӣ мерафтем, аммо барои ин ба мо иҷозат лозим аст. «Ман кӯшиш мекунам, ки онро гирам», – гуфт Виктор. Афсар аз сабаби ин сахт оташин шуд. Мо дашномҳои ӯро мешунидем. Ӯ Викторро дар он айбдор менамуд, ки вай моро бо таблиғоти динӣ олуда гардондааст. Ба мо иҷозат надоданд, ки аз казарма берун оем. Субҳи дигар Викторро дар рӯи ҳавлӣ мурда ёфтанд. Вай парронда шуда буд».

Руминия, соли 1975

Флори дар маҳбасхонаи Герла дар Руминия вафот кард. Зеро ки вай аз иҷро кардани кори ғуломона дар рӯзи Худованд даст кашид, ӯро то даме латукӯб карданд, ки дасту пойҳояш фалаҷ гардиданд. Коммунистон ӯро барои табобат ба беморхона набурданд, балки дар ҳуҷраи маҳбасхона гузоштанд, ки дар он ҷо оби қубургузар, бистар, ягон чизе набуд, ки бо кӯмаки онҳо маҳбусиёни дигар метавонистанд, ба ӯ кӯмак кунанд. Онҳо бояд ба ӯ бо қошуқ хӯрок медоданд, аммо онро ҳам надоштанд, аз ин

рӯ бо ангуштон хӯрок мехӯронданд. Аммо, ба ҳар ҳол дар миёни онҳо ӯ аз ҳама ором ва хурсанд буд. Чеҳраи вай медурахшид. Вақте ки маҳбусони дигар дар назди кати вай менишастанд ва аз ғаму андӯҳи худ мулоҳиза мекарданд, шикоят мекарданд, ки онҳоро ояндаи бад интизор аст, ӯ мегуфт: «Агар дар ояндаи шумо ҳамааш бад аст, пас на ба оянда, балки ба боло нигоҳ кардан зарур аст».

Баъд аз он, ки яке аз маҳбусон озод шуд, вай ба назди оилаи Флори рафт. Ӯ ба писари нӯҳсолаи Флори дар бораи падараш нақл намуд ва аз он, ки падарашон ба онҳо гуфт, ки бисёр мехост, то ки писараш калон шуда масеҳии хуб шавад. Писарбача ҷавоб дод: «Ман мехостам, ки на танҳо масеҳӣ шавам, балки чун падари худ барои Масеҳ азияткаш гардам».

Мактуб дар рӯзи мавлуди Исо, Иттиҳоди Шӯравӣ, соли 1975

Мактубро дар рӯзи мавлуди Исо нависандаи масеҳии рус Александр Петровагатов, ки сӣ солро барои имони худ дар зиндонҳо ва лагерҳо гузаронд, навиштааст. Дар соли 1976 озод шуда, ӯ ин мактубро пинҳонӣ аз Иттиҳоди Шӯравӣ фиристодааст. Ана вай чӣ менависад:

«Дар арафаи иди мавлуди Исо ман ҳамаи одамонро ба хотир меорам, новобаста аз имони онҳо ва ранги пӯсти онҳо, аз мавқеи иҷтимоии онҳо ё сатҳи маълумоти онҳо. Ман одамонеро ба ёд меорам, ки қудрат доштанд ва онҳоеро, ки дар зиндонҳо ва лагерҳо азият мекашиданд, сарватмандон ва қашоқон, пурқувватон ва заифон, онҳоеро ки ба қуллаҳо мебаромаданд ва онҳоеро, ки ба варта меафтиданд, беморон ва солимон, таъқибшавандагон ва таъқибкунандагонро. Аммо, беш аз ҳама ман аз онҳое фикр мекунам, ки ба қарибӣ

монда омадам, бо онҳое, ки ҳамроҳ дар зиндон ва лагерҳо қариб сӣ солро гузаронданд. Дар мизи идонаи мо арчаи хурдакаке меистад, дар назди он себҳо, ангур ва дигар хӯрданиҳои лазиз. Дар дили ман бошад, чун зангӯла, суханон садо медиҳанд: «Оё ту метавонӣ ҳамаи инро бихӯрӣ, дар ҳоле, ки ҳеҷ набошад, як одам аз гуруснагӣ мемирад? Оё ту метавонӣ, дар бистари гарм хоб равӣ, вақте ки дар ҷое маҳбусоне ҳастанд, ки ба онҳо ҳатто дар рӯи бетони сард хоб рафтан иҷозат намедиҳанд?»

Арчаи мавлудии ман бо занҷираҳо оро дода шудааст, дар ҳоле, ки занҷирҳои вазнини асорат ва симхори халанда лагерҳоро иҳота кардаанд. Ман на танҳо дар бораи лагерҳо ва маҳбасхонаҳои шӯравӣ менависам; ман инчунин дар бораи онҳое, ки дар дигар мамлакатҳо низ озодӣ надоранд, фикр мекунам. Ман дар бораи онҳое фикр мекунам, ки ин бегоҳ на мехӯранду на менӯшанд, онҳое, ки наметавонанд ба ситораи аз ҳама рахшон, ки дар бораи Масеҳ ба мутафаккирон аён кардааст, нигаранд, зеро тирезаҳои маҳбасхона бо панҷараҳо маҳкам карда шудаанд.

Ман бо рӯзи Мавлуд уқобҳо ва кабӯтарони мо, модарон ва ҳамсарон, арӯсон ва онҳое, ки арӯс шуда натавонистанд, хоҳарони ман, ки салибро барои Каломи Худо, барои ҳақиқат, барои адолат, барои вафодорӣ ба Худо ва муҳаббат ба одамон дар худ гирифтанд, табрик мекунам.

Ман табрикоти мавлудиро ба ҳамаи таъқибшудагон, ранҷ бурдагон, ба ҳамаи онҳое, ки ҷӯёи нур ҳастанд, мефиристам. Ман табрикоти мавлудиро ба ҳамаи таъқибкунандагон ва ситамгарон, ба ҳамаи онҳое, ки лаънат мекунаду, некиро кашида мегиранд, мефиристам.

Ман бо иди Мавлуд Елена Загрязкинаро, ки ҳафт сол қабл ба ман хиёнат карда буд, табрик мекунам. Ман ба калисое, ки ту дар он сарвар будӣ, меомадам. Ман мехостам, ки бо ту рӯ ба рӯ вохӯрам, лекин ба ман гуфтанд, ки ту дигар хизмат намекунӣ. Оё, ту боре ҳам дуо мекардӣ? Дуо кун, дуо кун.

Ҳамаи одамон, назоратчиён ва посбонон, одамон аз милисаи пинҳонӣ ва афсарони посбоникунанда, котибони комитетҳои коммунистӣ ва раисон – то он вақте ки дер нашудааст, дуо кунед. Масеҳ дубора таваллуд намешавад. Аммо, Ӯ бори дуюм меояд. «Оре, ба зудӣ меоям»,- гуфт Худованд. Оре, ба зудӣ, хеле ба зудӣ».

Чин, соли 1977

Дар Киангси, дар Хитой, ду духтараки масеҳӣ Чю-чин-хси ва Хо-хси-тзу ва шӯбони онҳо (номи вай хабар дода намешавад) ба ҳукми марг маҳкум карда шуданд. Чун дар бисёр ҳолатҳои ба ин монанд дар таърихи калисо, таъқибкунандагон онҳоро масхара карданд ва онҳоро дар қарори аҳмақонаашон барои ҷон додан ба Худои ноаён, таҳқир карданд. Сипас, онҳо ба шӯбон ваъда доданд, ки агар вай духтаронро парронад, он гоҳ вайро озод мекунанд. Вай розӣ шуд.

Духтарон вақти қатлро дар ҳуҷраи маҳбасхона босаброна интизор мешуданд. Онҳо оромона якҷоя дуо мекарданд. Ба зудӣ посбонон аз паси онҳо омаданд ва онҳоро аз ҳуҷра баровардаанд. Яке аз маҳбусон, ки ҳукми қатлро аз панҷараи тиреза назорат мекард, мегуфт, ки чеҳраҳои онҳо рангпарида, лекин бениҳоят зебо, андӯҳгин, вале дилрабо буд. Онҳоро ба девор рост монданд ва ду посбон шӯбони онҳоро оварданд. Онҳо вайро дар пеши духтарон монданд ва дар дасташ таппончаро гузоштанд.

Духтарон байни худ пичиррос заданд, сипас, боэҳтиром дар назди шӯбони худ таъзим намуданд. Яке аз онҳо гуфт:

«Пеш аз он, ки ту моро мекушӣ, мо мехостем, ки аз самими қалб ба ту барои ҳама он чизе, ки ту барои мо кардаӣ, миннатдорӣ намоем. Ту моро таъмид додӣ, ту моро таълим медодӣ, ки ба ҳаёти ҷовидонӣ роҳ ҷӯем, ту ба мо нону шароби муқаддасро бо ҳамон даст4оне, ки ҳоло дар он таппончаро медорӣ, медодӣ. Бигзор, Худованд туро барои ҳама он чизе, ки ту барои мо кардаӣ, мукофот диҳад. Ту моро таълим медодӣ, ки масеҳиён баъзан заиф мегарданд ва гуноҳҳои даҳшатнок содир менамоянд, вале онҳо аз нав метавонанд омурзида шаванд. Вақте ки ту он чизеро, ки бо мо кардан мехоҳӣ, иҷро мекунӣ, ба мисли Яҳудо амал накун, балки чун Петрус тавба кун. Бигзор, Худо туро баракат диҳад ва дар хотир дор, ки дар андешаҳои вопасини мо барои ту ҳеҷ маҳкумкуние барои афтидани ту набуд. Ҳар шахс аз водии зулмот мегузарад. Мо бо шукргузорӣ мемирем».

Онҳо аз нав дар пеши шӯбони худ таъзим карданд, чашмонашонро пӯшиданд ва оромона мунтазир шуданд. Вале, шӯбон, яқинан, сангдил шуда буд, таппончаро бардошта, онҳоро парронд. Ҳамин ки ҷисмҳои онҳо ба замин афтиданд, посбонони коммунистӣ ӯро қапида ба девор рост монданд, то ки дарҳол қатл кунанд. Вақте ки онҳо ба ӯ тир холӣ мекарданд, ягон сухани тавба намебаромад, балки танҳо доду фарёди вай.

Афғонистон, соли 1981

Ҷуфтҳо аз Дания бо номи Барендсенҳо дар Афғонистон, ки дар зери ҳокимияти коммунистон қарор дошт, таблиғотчӣ буданд.

Баъд аз чанд ҳиссиёти андӯҳгин онҳо ба Нидерландия, ба хона барои рухсатии кӯтоҳ раҳсипор шуданд. Пеш аз баргашта омадан аз онҳо пурсиданд, ки оё, онҳо аз баргаштан ба Афғонистон наметарсанд. Онҳо ҷавоб доданд: «Мо танҳо як хатари бузургро медонем – дар иродаи Худо набудан». Дере нагузашта, баъд аз баргашта омадан, онҳо аз тарафи коммунистони Афғонистон ба зиндон маҳкам карда шуданд, ба курсиҳо баста шуда, бурида пора-пора карда шуданд. Дар дафни онҳо дар Нидерланд, дар сари қабри онҳо истода, писари панҷсолаашон гуфт: «Ман одамонеро, ки модару падари маро куштанд, мебахшам».

Азияткашоне, ки аз тарафи коммунистон ва мусулмонон дар ҳар ҷойҳо кушта шудаанд, соли 1981

Адвентистон – таблиғотчиёни британӣ Анна ва Доналд Лейл аз тарафи коммунистон дар Зимбабве кушта шуданд.

Шелков ва Бахолдин аз калисои адвентистони рӯзи ҳафтум дар маҳбасхонаи Иттиҳоди шӯравӣ кушта шуданд.

Масеҳиёни православии Руминия И. Куша ва Д. Баку дар маҳбасхона аз шиканҷаҳо фавтиданд. Ба ғайр аз ҳамаи ин, онҳоро маҷбур мекарданд, ки наҷосат ва пешобро бихӯранд ва бинӯшанд.

Профессор Г. Ману дар маҳбасхонаи руминиягӣ AIUD аз беморӣ вафот кард. Ба ӯ гуфтанд, ки танҳо дар он ҳол дору медиҳанд, агар вай барои имони худ радномаро имзо намояд ва ӯ розӣ нашуд. Ширкати Коптсии амрикоӣ ҳисоботро тартиб дод, ки дар моҳи июн даҳ масеҳӣ дар Қоҳира ва Миср кушта шудаанд. Якеро бо исми Мина то мурдан сангсор намуданд, дигариро бо номи Ҷад бо шамшер халонданд. Камел Марзук ва оилаи ӯ, инчунин рӯҳонӣ бо номи Гиргис ба матои дар карасин таркардашуда печонда шуда, сӯзонда шуданд.

Руминия, соли 1982

Полиси пинҳонии Руминия дар Плоешти ба хонаҳои ҳамон одамоне зада медаромаданд, ки онҳоро дар паҳн кардани Китоби Муқаддас айбдор менамуданд ва Китобҳои Муқаддас, адабиёти динӣ, асъори амрикоӣ, хӯрока ва маҳсулотеро, ки дар Ғарб тайёр карда шудаанд, мусодира мекарданд. Шоҳидони кофтуков, аз он ҷумла аъзоёни оила, мегуфтанд, ки дар Руминия баъд аз охири ҷанги Дуюми ҷаҳон «тафтиши ногаҳонӣ аз рӯи намунаи фашистӣ» ба таври беназир бераҳмона буданд.

Силвий Киоата ва Костел Георгески нафароне мебошанд, ки ба наздикӣ қурбонӣ шуданд. Се ахборотдиҳандагон ва се афсари полиси махфӣ зиёда аз панҷ соатро дар кофтуков намудани хонаи Киоата дар Плоешти гузаронданд. Афсарон Китобҳои Муқаддас ва дигар шоҳидиҳоро мусодира намуданд. Баъд аз кофтуков Киоата ба ҳабс гирифта шуд. Оилаи вай дигар дар бораи ӯ чизе нашунид ва намедонист; онҳо мегӯянд, ки полис аз хабар додан дар бораи ӯ рад намуд. Георгески худи ҳамон рӯз ба ҳабс гирифта шуд. Афсарон бо кофтуков ба хонаи ӯ зада даромаданд, бераҳмона латукӯб карданд ва бо худ гирифта бурданд. Дигар дар бораи вай чизе маълум нест.

Ҳашт бародари дигар, аъзоёни калисо дар Плоешти, худи ҳамон рӯз бо полиси махфӣ пурсупос карда шуданд. Онҳоро аз миқдори калони Китобҳои Муқаддас, ки аз киштии руминиягӣ дар Турна Северин мусодира намуда буданд, пурсупос мекарданд. Дар давоми ҳафтаи охири моҳи сентябри соли 1981 полиси Руминия сардори киштӣ Пиру Виргиларо ба ҳабс гирифт ва 13 000 Китоби Муқаддасро сӯзонд.

Лубнон, соли 1984

Мувофиқи маълумоти маркази маълумотдиҳии Католикӣ дар Бейрут милисаи друзӣ ва суриягӣ, ки бо дастгирии Иттиҳоди Шӯравӣ мусаллаҳ ва таъмин гардида буд, 17 200 хонаҳои

масеҳиёни тамоми деноминатсияҳо, ба ғайр аз ин 85 калисоҳо, дайрҳо ва мактабҳои масеҳиро сӯзонданд. Хабар дода мешавад, ки дар хулосаи ниҳоӣ 1 220 масеҳӣ кушта шуда ё бе ному нишон гаштаанд. Онҳоро шиканҷа медоданд ва маъюб мекарданд, бо табар зада пора мекарданд, дар оташ месӯзонданд, бо арраҳо ба ду қисм мебуриданд, гарданҳояшонро мебуриданд. Аксарияти занонро аввал таҷовуз мекарданд.

Никарагуа, соли 1985

Дар Никарагуа бародар Р. (исмаш хабар дода намешавад), ки роҳбари мактаби якшанбегии Ассамблеяи Худо буд, дар маҳбасхона маҳкам карда шудааст ва дар он ҷо сандинистони коммунистӣ ӯро шаш моҳ шиканҷа медоданд. Дар зиндон аз пушташ бо занҷирҳо дастонашро занҷирбанд намуданд ва аз дастонаш овехтанд. Ӯ дар чунин ҳолат овезон меистод, то он даме, ки дастонаш аз буғумҳояш набаромаданд. Дар давоми рӯзҳои зиёд шиканҷа дода, мезаданд, то даме ки узвҳои таносули вай варам накард ва то андозаи тӯби дамкардашуда нагардиданд. Гӯшти сурини вай бо сими электрикӣ сӯзонда шуданд, дар косахонаи сари вай бошад, ҷои шикофӣ аз зарбаҳои пошнаи милтиқ буданд.

Дар ҳуҷраи бародар Р. ягон хел ҷиҳоз набуд, ба ӯ лозим меомад, ки дар фарши бетонӣ, ки барқасд дар зери об монда буд, хоб равад. Хеле зуд-зуд, вақте ки вай хоб мерафт, посбонон пинҳонӣ ба ӯ наздик мешуданд ва ба фарши нам симҳои электрикии лучро мегузоштанд, дар натиҷаи он зарядҳои электрикӣ аз баданаш мегузаштанд. Онҳо бо ғавғо механдиданд, вақте ки бародар Р. кӯшиш мекард, ки дар ҳуҷра ҷоеро ёбад, ки аз зарбаи ҷараёни электрикӣ раҳо ёфта тавонад. Аммо, ин ба ӯ кам муяссар мешуд.

Ҳангоми пурсупос бародар Р.-ро маҷбур мекарданд, ки намакобро нӯшад. Дертар, барои шикастани ташнагӣ, вай маҷбур мешуд, ки аз фарши ҳуҷрааш обро чалап-чалап хӯрад.

Ба таври мӯъҷизавӣ бародар Р. зинда монд ва озод карда шуд. Дере нагузашта, ӯ ва оилааш тавонистанд ба Гондурас раванд, ки дар он ҷо хизмати масеҳӣ ба онҳо бо хӯрок ва иҷораи хона, вақте ки онҳо дар он ҷо ҳаёти нави худро оғоз намуданд, кӯмак кард.

Иттиҳоди Шӯравӣ, соли 1987

Галина Вилчинская, шоираи масеҳии ҷавони далер, баъд аз дахолати зиёди масеҳиёни Ғарб озод карда шуд ва танҳо се солро дар маҳбасхона гузаронд, дар ҳоле ки ба мӯҳлати дароз маҳкум гардида буд. Аммо, дар қасди он, коммунистон модари 54-солаи вай Зинаидаро ба ҳабс гирифтанд ва ба дувоздаҳ соли маҳбусӣ дар Гомел маҳкум карданд. Онҳо ӯро дар ҳуҷра бо қотилони аз ҳама даҳшатноки тамоми маҳбасхона ҷо карданд. Вақте ки ба оилаи ӯ ниҳоят, иҷозат доданд, ки бо вай вохӯранд, онҳо ӯро базӯр шинохтанд, зеро ки вай 25 кг хароб шуда буд.

Дар маҳбасхонаи Гомел барои ҳатто ба ҳам дидани бурдаи нон бо дигар маҳбусиён сахт манъ карда шуда буд, ки дӯстиро имконнопазир мегардонд. Дар ниҳоят, ҳар як маҳбусӣ ба дигарон ҳамчун ба душманон нигоҳ мекард ва нисбати онҳо мувофиқи ин муносибат менамуд. «Аммо, – мегӯяд Зинаида, – Худо маро инчунин ба дӯст доштани ҳамин гуна одамон ва ба бадӣ бо некӣ ҷавоб гардондан омӯзонд».

Зинаида метавонист танҳо шабҳо, вақте ки маҳбусиёни дигар дар ҳуҷраи ӯ хоб рафта буданд, дуо гӯяд, зеро вақте ки онҳо бедор буданд, дашному ҳақоратҳо ва суханони куфрона беист садо медоданд. Рӯзона Зинаида бе пойафзол ва либоси муносиб, ҳатто дар вақти хунукиҳои шадид дар берун кор мекард, аз сабаби ин ба бемории варами пай гирифтор шуд ва дастону пойҳояш беист меларзиданд.

Бори охир, вақте ки ба оилааш иҷозат доданд, ки ба аёдаташ раванд, ӯ ба фарзандонаш гуфт: «Дар чунин лаҳзаҳои мушкил

ман дар бораи он фикр мекунам, ки чӣ тавр Масеҳ барои ман азоб кашидааст ва ин ба ман қувват медиҳад, ки ҳамаашро паси сар намоям. Ман ҳаёти худро пурра ба дасти Худованд супоридам. Ӯ медонад, ки маро бо кадом роҳҳо барад. Умеди ман танҳо ба Ӯст. Ӯ мебинад, ки ман аллакай тамоми қувваи худро сарф намудаам. Ман интизорам, ки Ӯ ба ман кӯмак мерасонад».

Валентина Савелева, баптистзани рус, ки ба наздикӣ баъд аз ҳабси панҷсола дар маҳбасхона озод карда шудааст, менависад:

«Мо ҳар замон то зону дар лой будем. Палто ва пойафзолҳои мо ҳеҷ гоҳ хушк набуданд ва мо палтоҳоямонро шабона аз сабаби хунукӣ аз тан намекашидем, ҳарорат гоҳ-гоҳ аз 5° С боло мерафт. Деворҳо ва шифти ҳуҷраи мо бо ях пӯшида шуда буданд ва аз сабаби он, ки дар ҳуҷра маҳбусиёни зиёде буданд, бо нафаси онҳо шабона ях баъзан об мешуд ва об ба болои мо мечакид. Мо ҳеҷ гоҳ наметавонистем, ки хушк шавем. Мо болопӯши бисёр надоштем, ки гарм шавем ва бистар ҳам намерасид, аз ин рӯ аксарияти мо дар рӯи фарши чиркин хоб мерафтем. Ҳар субҳ мо бояд хеле эҳтиёткор мешудем, то ки бениҳоят зуд аз ҷо нахезем, зеро мӯйҳои мо ба фарш ях баста мечаспиданд. Аз шабушкон раҳоӣ ёфтан хеле имконнопазир буд. Ҳама бемор буданд ва аксарият аз бемории сил фавтиданд. Хӯрок кам буд ва он хӯрданбоб набуд ва зуд-зуд хӯроки моро медуздиданд. Маҳбусхона аз ҷиноятқорони ашаддӣ, ки рӯзу шаб ҳақорат мекарданд, пур буд. Онҳо мехостанд имони маро нобуд созанд».

Барои дуо масеҳиён одатан берун аз ҳудуди ҳуҷраҳо, дар барфтӯдаҳо ҷамъ меомаданд, то ки сӯҳбатҳои нафратовари

дуздон ва қотилонро дар ҳуҷраҳояшон нашунаванд. Масеҳиёни дар дуо қавигашта ба ҳуҷраҳои худ бармегаштанд ва ба худи ҳамин маҳбусиён дар бораи Масеҳ гап мезаданд. Валентина аз панҷ маҳбасхона гузашт ва дар ҳар кадоми он Инҷилро паҳн менамуд.

Никарагуа, соли 1989

Комиссия оид ба риоя намудани ҳуқуқҳои инсон дар Нигарагуа ҳисобот тартиб дод, ки дар он хабар медод, маҳбусиёне, ки дар миёни онҳо бисёр касони барои эътироф кардани масеҳият ба ҳабс гирифта шуда буданд, бе об дар аробаҳои чорчархаи каппадор бо боми тунукагӣ нигоҳ дошта мешаванд ва ин аробаҳоро дар зери офтоби тафсон якчанд рӯз мегузоштанд. Баъзан маҳбусиёнро аз дастон ба девор дар давоми ду ё се рӯз бе хӯрок ва имконияти ба ҳоҷатхона рафтан меовехтанд. Бисёр вақт маҳбусиёнро маҷбур мекарданд, ки дар болои курсӣ бо ҳалқаи ба сар андохташуда рост истанд. Дар вақти пурсупос ба гардани маҳбусиён корд ё ба пешониашон таппонча мегузоштанд. Баъзан маҳбусиён аллакай аз пурсупос барнамегаштанд.

Иттиҳоди Шӯравӣ, соли 1990

София Бочарова ва якчанд одамони ҷавон дар калисои баптистии пинҳонӣ дар Электростал ба имон омаданд. Ҳукуматдорон ба ин калисо ягон аҳамият намедоданд, то вақте ки дар он танҳо одамони солхӯрда буданд, аммо вақте ки дар он ҷо ҷавонон пайдо шуданд, таъқибот сар шуд. Милиса дар ибодатҳои якшанбегии калисо меомад, ибодатро канда мекард, сарваронро ба ҳабс мегирифт, ҷаримаҳои зиёд мебаст. Баъзе аз хоҳарони калонсол тарсиданд ва бар зидди иштироки одамони ҷавон баромад карданд. Дар ҳамин вақт ҷавонон фаҳмиданд, ки онҳо барои калисо бори гарон буданд.

Вақте ки ба онҳо пешниҳод намуданд, София ва аксарият дӯстони вай бо хурсандӣ дар типография кор кардан розӣ шуданд, ки дар он ҷамъулҷамъ 400 000 нусха асарҳои масеҳӣ чоп карда шуда буданд. Баъзе аз бародарони калонсол ва ҳатто касе аз ҷавонон барои ба онҳо кӯмак кардан даст кашиданд, зеро онҳо чуноне ки мегуфтанд, малакаҳои зарурӣ надоштанд. София ҷавоб дод: «Ман баҳонаҳои шуморо қабул намекунам. Ҳеҷ касе аз ман дида қобилияти камтаре надорад. Худо истеъдодҳоро намеҷӯяд, балки ҷонҳоеро, ки ба қурбонӣ кардан тайёранд. Ӯ истеъдод медиҳад. Ман инро дар таҷрибаи худ гузаштаам».

Шароити кор дар типографияи пинҳонӣ хеле вазнин буд. Онҳо танҳо як хоначаи хурдакак доштанд, ки дар он ҷо бояд барои мошинаи чопкунӣ, барои нигоҳ доштани адади калони коғазҳо, барои ошхона ва инчунин ҷойҳои хоб барои ҳашт нафар одам ҷой меёфтанд. Тирезаи ягона дар хонача хиратоб ва мехкӯб шуда буд, то ки касе ба он нигоҳ карда ё даромада натавонад. Аз ин сабаб дар ҳуҷра каме ҳавои тоза буд ва барои ҳеҷ кас ягон хел имконияти хуб дам гирифтан набуд.

Комилан ба қарибӣ, баъд аз дувоздаҳ соли кор дар чунин шароитҳо, София аз саратони шуш вафот кард. Суханони охирини вай чунин буданд: «Ҷаҳон барои ман дигар вуҷуд надорад. Дурахши баҳишт дар гирди ман аст. Ман аз зебогии ғайризаминии он ба ваҷд меоям. Ман Худованди худро интизорам».

Чин, соли 1990

Амелио Кротти, ки дар Хитой маҳбусӣ буд, дар бораи таасуротҳои худ менавишт. Дар миёни чизҳои бисёр ӯ дар ин хусус нақл кард:

«Аз ҳуҷраи худ дар маҳбасхона ман мешунидам, ки чӣ тавр модар духтарчаи панҷсолаашро, ки номаш Сиао-

Мей буд, ором менамуд. Ӯро бо ҳамроҳии кӯдак ба ҳабс гирифтанд, зеро вай бар зидди ҳабси усқуфашон муқобил баромад. Ҳамаи маҳбусиён ба ғазаб омада буданд, вақте ки азоби духтарчаро медиданд. Ҳатто мудири маҳбасхона гуфт: «Ту чӣ, раҳми духтарчаатро намехӯрӣ? Ба ту лозим аст, ки оиди рад кардани худ аз масеҳият баён кунӣ ва дигар ба калисо наравӣ. Он гоҳ, ту ва кӯдакат озод мешавед».

Дар ноумедӣ зан розӣ шуд ва озод гардид. Пас аз ду ҳафта ӯ бояд аз саҳна дар назди даҳ ҳазор халқ эълон менамуд: «Ман дигар масеҳӣ нестам». Вақте ки онҳо ба хона бармегаштанд, Сиао- Мей, духтари вай, ки ҳангоми аз имони худ даст кашидан дар наздаш меистод, гуфт: «Модар, имрӯз Исо барои ту хурсандӣ намекунад».

Модар фаҳмонд: «Ту дар маҳбасхона гиря мекардӣ. Ман бояд инро аз муҳаббати худ барои ту мегуфтам».

Сиао-Мей ҷавоб дод: «Ман ба ту ваъда медиҳам, ки агар мо боз аз нав ба хотири Исо ба маҳбасхона равем, ман дигар гиря намекунам».

Модар баргашта ба назди мудири маҳбасхона давида рафт ва ба ӯ гуфт: «Шумо маро барои наҷоти духтарчаам ба гуфтани суханони нодуруст розӣ кунондед, аммо вай аз ман дида далертар баромад».

Ҳар ду аз нав ба маҳбасхона афтоданд. Аммо, Сиао-Мей дигар гиря намекард».

Лубнон, соли 1991

Мари Кхури 17 сола буд, вақте ки ба Деймур, ба деҳаи вай дар Лубнон мусулмонони мутаассиб зада даромаданд, ки мехостанд бо зӯрӣ ҳар касро ба ислом рӯ оваранд. Ба ӯ ва волидайнаш интихоб пешниҳод карда шуд: ё мусулмон мешаванд ё ин ки парронда мешаванд.

Мари медонист, ки Исо низ чунин интихоб дошт: Худро ҳамчун Писари Худо ва Наҷотдиҳандаи ҷаҳон рад намояд ё ин ки таслиб шавад. Аз ин рӯ вай ҷавоб дод: «Ман ҳамчун масеҳӣ таъмид гирифтаам ва ба ман каломи Ӯ омад: «Аз имони худ даст накаш». Ман ба Ӯ итоат мекунам. Парронед». Мусулмонон, ки пеш аз ин модар ва падари вайро парронда буданд, ба ӯ тир холӣ карданд.

Ду рӯз пас аз Салиби Сурх ба деҳаи онҳо омаданд. Онҳо Мари ва оилаи ӯро дар ҷои парронда шудани онҳо дарёфтанд, аммо танҳо худи вай зинда монд. Вай фалаҷ шуда буд, зеро тир ба мағзи сутунмӯҳра расида буд. Дастони фалаҷгардидаи ӯ дароз шуда ва каме дар оринҷҳо қат шуда буданд ва Масеҳро ҳангоми таслиби Ӯ ба ёд меоварданд. Дар аввал

Мери рӯҳафтода буд ва намедонист, ки дар оянда чӣ кор кунад. Сипас, Худованд ба ӯ муроҷиат намуд ва вай фаҳмид, ки бо ҳаёти худ чӣ кор кунад. «Ҳар кас даъвати худро дорад, – гуфт ӯ,- ман ҳеҷ гоҳ наметавонам ба шавҳар бароям ё ин ки кори ҷисмонӣ кунам. Аз ин сабаб ман ҳаёти худро барои мусулмонони ба монанди онҳое, ки гардани падарамро буриданду, модарамро куштанд ва ӯро лаънат карда мехостанд, маро кушанд, медиҳам. Ҳаёти ман барои онҳо дуо мешавад».

Чин, соли 1991

Нген До Ман башоратчии хитоӣ буд, ки дар давоми се сол зиёда аз 200 ҷонҳоро ба назди Масеҳ овардааст. Духтари ӯ дар бораи вай мегуфт, ки порчаи дӯстдоштаи вай дар Китоби Муқаддас дар Китоби Ишаъёи Набӣ 24:15 навишта шудааст: «Ва агар дар назари шумо писанд наояд, кӣ Худовандро ибодат намоед, пас имрӯз барои худ интихоб кунед, ки киро ибодат хоҳед намуд: оё худоёнеро, ки падарони шумо дар он тарафи наҳр ибодат мекарданд, ё худоёни амӯриёнро, ки дар заминашон сукунат доред; валекин ман ва хонадони ман Худовандро ибодат хоҳем

кард». 26 январ, вақте ки Нген До Ман ба хонаи дуо мерафт, то ки аз Инҷил ҳарф занад, ба ӯ якчанд душманони ашаддии масеҳият наздик шуданд ва бо корд сездаҳ бор зарба заданд. Ӯ ҳамон замон ҷон дод.

Нигерия, соли 1992

Дар Кадуна ва дигар ҷойҳои бисёр тӯдаи мусулмонони пурхашм бар зидди масеҳиён баромад мекарданд ва онҳоро мекуштанду месӯзонданд. Тако Данио, Муса Бакут ва писарони вай Бава ва Биче, Ҷон Уэсли ва инчунин 300 кас аз халқ кушта шуда буданд. Пеш аз он, ки оқсақол Даниоро кушанд, мусулмонон чашмони вайро кофта гирифтанд ва даҳонашро то манаҳ буриданд. Инчунин онҳо даҳони Биҷеро буриданд. Ин ба онҳо барои он, ки бо даҳони худ Инҷили масеҳиро маъвиза мекарданд, ҷазо буд. Калисои шӯбон Данио ва бисту панҷ масеҳӣ сӯзонда шуданд.

Мутаассибон дасти рости шӯбон Селчунуро бурида партофтанд. Вақте ки дасти бурида ба замин афтод, ӯ дасти дигарашро бардошта гуфт: «Ӯ- Худованд аст, Ӯ – Худованд аст! Вай аз мурдаҳо зинда шуд ва Ӯ Худованд аст. Дар назди Ӯ ҳама ба зону меафтад ва ҳар забон эътироф менамояд, ки Исои Масеҳ – Худованд аст». Ҳамсари вай ва хоҳараш дар наздаш меистоданд ва дуо мегуфтанд.

Дар Зария исёнгарон зиндонро муҳосира намуда тамоми маҳбусиён ва посбононеро, ки мусулмон набуданд, куштанд. Онҳо ҳатто одамеро куштанд, ки гуфт, ки мусулмон аст, аммо аз Қуръон иқтибос оварда натавонист.

Ветнам, соли 1992

Шавҳари зан Ле Си Лои, шӯбони амрикоӣ, баъд аз он ки ӯро дар амалҳое, ки бар зидди сарнагун кардани ҳокимият айбдор намуданд, пурсупос карданд ва айбдор донистанд, дар саҳрои

биринҷ қатл карда шуд. Баъд аз марги ӯ ҳукумат ба вай ҳисобро барои қатли шавҳараш фиристод, гузаронидани мурофиа, тобут, дафн ва тире, ки бо он куштанд. Ҳисоби умумӣ чор ҳазор доллярро ташкил мекард ва барои пардохт намудани ин ҳисоб, ба вай лозим меомад, ки солҳои зиёд кор кунад. Агар ӯ надиҳад, вайро ба зиндон мепартоянд.

Покистон, соли 1992

Тоҳир Иқбол дар маҳбасхона барои имони худ ҷон дод. Ӯ, ки мусулмон буд, аз дӯсти худ Китоби Муқаддасро гирифт ва вақте ки онро мехонд, ба имон рӯ овард. Сипас, ӯ ба дигарон шаҳодат медод, махсусан ба кӯдакон. 7 декабри соли 1990 Иқбол, ки ба бемории параплегия гирифтор буд, барои дашном ба пайғамбар Муҳаммад ба ҳабс гирифта шуд, зеро дар зери порчаҳои Қуръон хат мекашид ва дар ҳошияҳо менавишт. Дар Покистон барои чунин ҷиноят ҷазои марг медиҳанд. Иқболи ба зиндон партофта шуда, ки ба курсии маъюбӣ баста шуда буд, аз саломатии рӯз то рӯз бад шаванда азоб мекашид, дар ҳоле ки адвокатони ӯ ҳар роҳҳои қонунии имконпазирро меҷустанд, то ки ӯро озод намоянд. Бо вуҷуди ин Иқбол дар маҳбасхонаи марказӣ дар Котлакхпатский дар Лоҳур то дами марги худ дар ҳабс монд. Ӯ медонист, ки вайро ҳар лаҳза метавонанд барои «ҷиноят» қатл кунанд, Иқбол гуфт: «Ман ҳалқаро дар дор мебӯсам, вале ҳеҷ гоҳ аз имони худ даст намекашам». Сабаби марги ӯро расман ягон хел шарҳ надоданд. Ӯро зуд ва хомӯш дафн карданд.

Мактубҳо аз Бангладеш дар бораи иди Рамазон, соли 1993

Марзина Бегум: «Ман бо ҳамроҳии писарам ва ду духтаронам дар моҳи июни соли 1993 масеҳӣ шудам.

Шавҳарам ба ман дар бораи Исо нақл карда дод. Вақте ки башоратдиҳандагон ба вилояти мо омаданд, мо дар бораи Исо бисёр чизҳоро фаҳмидем ва боз бисту панҷ нафар масеҳӣ шуданд.

Вақте ки Рамазон сар шуд, аз деҳа одамон омаданд ва моро маҷбур карданд, ки иди мусулмониро ҷашн гирем. Вақте ки мо рад намудем, онҳо шавҳари маро лату кӯб карданд ва ҳатто пояшро шикастанд. Сипас, онҳо ду гови моро дуздиданд. Яке аз пешвоёни деҳа хост маро бо зӯрӣ ба занӣ гирад. Вақте ки ин ба амал омад, ман шавҳарам ва фарзандонамро бо падарам гузоштам ва дар _____ (дар мактуби аслӣ барои номи ин одам ҷой монда шуда буд, ба хотири эҳтиёткорӣ) паноҳ ёфтам. Вақте ки Рамазон ба охир расад, ман бармегардам, аммо ман намедонам, ки маро чӣ интизор аст».

Фагу Миах: «Ман аз Инҷил, вақте баъзе одамон дар хонаи Ановар маъвиза мекарданд, шунидам. Баъд аз ибодат онҳо бо ман, ҳамсарам ва чор духтарам сӯҳбат карданд. Мо қарор кардем, ки масеҳӣ мешавем. Дар давоми ду соли охир мо ба Масеҳ вафодор будем. Масеҳиёни навимон аз деҳаи мо барои дуо ва сӯҳбат ҳар рӯз якҷоя ҷамъ меомаданд.

Вақте ки Рамазон сар шуд, одамони деҳа (мусулмонон) кӯшиш карданд, ки ман бо онҳо якҷоя маҷбурӣ ҷашн гирам. Онҳо маро мезаданд, сипас хонаи маро вайрон карданд. Онҳо инчунин пулҳо ва асбобҳои маро дуздиданд. Азбаски, ман фермачӣ ҳастам, пас ба ман хеле мушкил аст. Ман 48 сола мебошам. Вазъият он қадар вазнин аст, ки ман кӯдаконро дар хонаи бародарам монда бо ҳамсарам ба _____ рафтам».

Хафизур Рахаман: «Дар моҳи апрели соли 1993 дӯсти ман Салим маро бо баъзе башоратчиён шинос намуд. Мо Инҷилро шунида, саволҳо медодем. Ниҳоят, ҳамсари ман ва инчунин се духтар ва писари мо Исоро ҳамчун Худованд қабул кардем. Дар давоми ду соли охир мо масеҳиёни вафодор будем. Ҳар рӯзи якшанбе дар хонаи мо хизмати дуо мегузашт.

Вақте ки Рамазон сар шуд, одамони деҳа маро то дараҷае лату кӯб карданд, ки ман шунавоиро гум кардам. Онҳо рикшаи маро гирифтанд, акнун ман оилаи худро таъмин карда наметавонам. Баъд аз дуо дар гӯши чапам каме шунавоӣ баргашт, вале ман ҳамон тавр бо гӯши ростам ҳеҷ чизро намешунавам».

Чин, соли 1994

Идораи бехатарии ҷамъиятӣ (ИБҶ) ба бинои калисо дар Таоуян, дар музофоти Шанхай зада даромад. Ҳангоми ба ҳабс гирифтан ба масеҳиён сароидани сурудҳоро манъ намуданд, аммо онҳо аз ин ҳам баландтар ба сурудхонӣ даромаданд. Шаҳрванди Амрико, ки дар миёни онҳо буд, баста шуда ба хонаи дигар гузаронда шуд. Ӯ овози зани масеҳиро дар рӯи ҳавлӣ шунид: «Вай фарёд мезад. Аз овози вай ман фаҳмидам, ки ӯро сахт мезаданд». Ду зан барои гурехтан кӯшиш карданд, аммо онҳоро аз нав ба хона кашола карда даровардаанд. Хоҳари масеҳӣ Ху Фанг дертар хабар дод: «Мо ду хоҳарро, ба рӯи тахтасанг монданд ва санги осиёро бо вазни 130 фунт (қариб 60 кг) ҷафс карданд, сипас моро бо химчаҳо мезаданд. Онҳо инчунин либоси таги моро сахт кашида бастанд ва усули аз ҳама бераҳмонаро истифода намуданд, то ин ки ба узвҳои таносули мо дард расонанд». Суратгири яке аз рӯзномаҳои масеҳии Шанхай изи зарбаҳои калон ва доғҳои кабудро дар миён ва суринҳо, инчунин чуқуриҳоро дар суринҳо нишон медод, ки аз он ҷо қисмҳои бадан канда гирифта шуда буданд.

Ҳукумати Хитой бо мактуби сафири Хитой дар Британия марги масеҳӣ Лаи Манрингаро ҳангоми «фалокат» дар Шанхай тасдиқ намуд, аммо марги ӯро бо изҳороте, ки ҷамъомад дар хонаи калисо «ҷамъомади қонунӣ» набуд, сафед намуд. Лаи Манринг ҳамагӣ бисту ду сол дошт, ӯ аз зарбу лат ҳангоми ин тафтиши ногаҳонӣ ҷон дод. ИБҶ (идораи бехатарии ҷамъиятӣ) кӯшиш намуд, ки ин кушторро пинҳон кунад ва зиёда аз 90 масеҳиро ба ҳабс гирифт. Дере нагузашта, намояндагони ИБҶ ва якчанд роҳбарони «калисои қонунӣ» ба ИМА рафтанд ва дар он ҷо тасдиқ менамуданд, ки дар Хитой баъд аз инқилоб «дигар бар масеҳиён таъқибот нест».

Покистон, соли 1994

Чор масеҳии покистонӣ: Салмат, Раҳмат, Гал ва Манзур Масеҳ – дар айбномаи дар куфр гунаҳкор дониста шудаашон ба туфайли миқдори бузурги мактубҳои эътирозӣ аз масеҳиёни тамоми ҷаҳон, сафед карда шуданд. Баъзе аз сафедшудагон пинҳон шуданд ё ки агар тавонистанд, аз Покистон рафтанд, зеро ҳукумат онҳоро баъд аз озодшавӣ ҳимоя карда наметавонист, ғайр аз ин ҳукумат хеле кам кӯшиш мекард ва дар паҳн намудани тӯҳмат ба ин одамон ягон монеа нишон намедод. Дар маҷаллаи мусулмонии «Такбир» дар Қарочӣ мақолае баромад, ки дар он тӯй ва таъмиди мусулмононе, ки масеҳӣ шудаанд, нишон дода шуда буданд. Инчунин дар он суратҳои омӯзгорони масеҳии ғарб дар Покистон, ки аз Масеҳ шаҳодат медиҳанд, ҷо карда шуда буд. Дар маҷалла ба онҳо таҳдид мекунанд, инчунин номҳои онҳо, суроға ва рақамҳои телефонҳои онҳо чоп карда шудаанд, то ки онҳоро таъқиб карда тавонанд.

Дере нагузашта, баъд аз он ки Салмат, Раҳмат, Гал ва Манзур озод карда шуданд, Манзур аз тарафи мусулмонони фундаменталӣ, ки бар зидди озодии вай баромад мекарданд, дар кӯчаи Лоҳур аз автомат парронда шуд. Он вақт бо ҳамроҳии

вай Раҳмат буд, ки ба шикамаш се тир хӯрд, инчунин Салмат, ки якчанд тир дастони вайро захмдор карданд ва як масеҳӣ бо номи Ҷон Ҷозес, ки ӯ низ пештар сафедкардашуда буд, тирҳо ба даҳон ва гардани вай бархӯрданд. Ҳамсари Манзур ва фарзандонаш, ки баъд аз ҳабс шудани вай, тӯдаи одамон ба онҳо ҳамла оварданд ва онҳоро сангсор намуданд, ба Худованд содиқ монданд. Баъд аз марги ӯ ҳамсараш гуфт: «Мансур ҳар рӯз Китоби Муқаддасро мехонд. Ман фарзандонамро барои чунин амал кардан таълим медиҳам. Мо наметарсем. Ман аз Худо миннатдорам, ки мо масеҳӣ ҳастем ва вақте ки мо мемирем, он гоҳ ба осмон меравем. Мо инро медонем».

Дар соли 1995 Салмат ва Раҳмат бо мақсади бехатарӣ Покистонро тарк намуданд.

Нигерия, соли 1995

Дар шаҳри Ротискум мусулмонон бо сангҳо ва кордҳо масеҳӣ Азубайкро қариб то мурдан заданд. Сари масеҳии дигарро аз тан ҷудо карданд. Баъд сари ӯро ба чӯб халонданд ва мусулмонон онро дар тамоми шаҳр гирифта гашта, ҳар замон эълон мекарданд: «Оллоҳу акбар! Оллоҳу акбар!» (Оллоҳ бузург аст). Ин вақте рӯй дод, ки тахминан 5 000 мусулмонон, ки дар миёни онҳо аксарият ҷавононе буданд, ки Қуръонро аз худ менамуданд, ба Ростискум бо ҳамин гуна эълонҳо зада даромаданд.

Мусулмонон нӯҳ калисоро комилан сӯзонда хокистар намуданд ва якчанд масеҳиро, ки дар миёни онҳо шӯбон Йахая Тсалиби ва бародари ӯ Ездра Тураки буданд, куштанд. Дигар 165 масеҳӣ захмҳо бардоштанд, Китобҳои Муқаддас ва дигар китобҳо, мошинҳо, мошинҳои боркаш ва дигар таҷҳизотҳо, ки ба масеҳиён ва калисоҳо тааллуқ доштанд, сӯзонда шуданд.

Мало Гарба аз тарафи мусулмонон дастгир карда шуд ва ба ӯ фармон доданд, ки аз Қуръон иқтибосҳо орад. Вақте ки вай

рад намуд, ба задани рӯяш сар карданд, дандонҳояшро зада шикастанд ва ба устухонҳои рӯяш чунон осеб расонданд, ки баъд ба ӯ ду ҷарроҳӣ лозим шуд, то ки ҷойҳои вайроншударо барқарор кунанд.

Индонезия, соли 1996

Стенли комилан ба наздикӣ мактаби Библиявии пантикостии Палембангро хатм намуд ва боэҳтирос мехост ҳамчун таблиғотчӣ ба ҷазираи дурдасти Ментаваи дар Индонезия, ки дар он ҷо сокинон ҷодугарӣ ва симиёро бо ислом омехта намудаанд, равона шавад. Дар он ҷо қарор гирифта, ӯ бо ҷасорат Инҷилро маъвиза менамуд, ба мусулмонҳо мегуфт, то ки онҳо бутҳои худро, ки дастнависҳои баста бо иқтибосҳо аз Қуръон буданд, сӯзонанд. Дар яке аз рӯзҳо мусулмонҳо инро ба амал оварданд, аммо вақте ки дигар мусулмонҳо аз вилояти онҳо аз амали онҳо шуниданд, ба ғазаб омаданд ва дар бораи Стенли ба полис хабар доданд. Ӯро ба ҳабс гирифта, дар маҳбасхона маҳкам карданд.

Вақте ки шӯбон Сиви аз мактаби Библиявии Палембанг фаҳмид, ки Стенли ба ҳабс гирифта шудааст, ӯ ба Ментавай равона шуд, то ки бо вай вохӯрад. Аммо, Стенли дар он маҳбасхонае, ки бояд нигоҳ дошта мешуд, набуд, балки ба дигараш гузаронида шуд. Барои ёфтани вай шӯбон Сиви чанд рӯзро сарф намуд, аммо вақте ки ӯро пайдо кард, он гоҳ фаҳмид, ки Стенлиро бераҳмона зарбу лат кардаанд ва ӯ дар ҳолати беҳушӣ қарор дорад. Бори охир вақте ки шӯбон Сиви Стенлиро дид, ӯ ба вай гуфт: «Стенли, ин шӯбон Сиви аст. Ту маро мешунавӣ?». Аз рухсораҳои Стенли оби дида рехтанд, вале ӯ гап зада наметавонист. Пас аз чанд соат вай вафот кард.

Зарбу лати Стенли ва марги ӯ ба одамон дар зодгоҳаш чунон таъсир расонданд, ки панҷ масеҳӣ ба мактаби Библиявии Палембанг дохил шуданд, ёздаҳ мусулмонон бошанд, Масеҳро ҳамчун Худованд ва Наҷотдиҳандаи худ қабул карданд. Шабе,

ки Стенли вафот кард, ҳафт нафар донишҷӯён аз мактаби Библиявӣ барои дуо якҷоя ҷамъ шуданд ва сипас, роҳбари мактабро бедор намуда аз ӯ хоҳиш намуданд, ки онҳоро ба ҷазираи Ментаваи, ки Стенли дар он ҷо ба марги пуразоб рафт, барои маъвиза кардани Инҷил фиристанд. Дере нагузашта, баъд аз марги Стенли, афсарони мусулмон, ки вайро зарбу лат карда буданд, бо оилаҳои худ, ҳангоми дар вақти тӯфон ғарқ шудани киштиашон, ҳалок шуданд.

Эрон, соли 1996

Шӯбон Меҳдӣ Кибой дар хоинӣ, рӯй тофтан аз дини мусулмонӣ ва таҳқир кардани Муҳаммад айбдор дониста шуд. Ӯро дар чоҳи хеле борик шинонданд, ки дар он ҷо барои дароз кардани пойҳо ҳатто ҷой набуд. Вақте ки ӯ дар он ҷо буд, ба ҳамсари вай Азиза бо сангсор намудан таҳдид карданд. Ӯ аз вай ҷудо шуд ва аз тарафи ҳукумат маҷбур карда шуд, ки ба мусулмон ба шавҳар барояд.

Сипас, шӯбон Кибой ба марг маҳкум карда шуд. Аммо, ба тааҷҷуби ҳама ӯро як моҳ пас озод намуданд. Баъд аз чанд моҳи озодшавӣ дар рӯзномаи Теҳрон мақолае дар бораи ӯ ба чоп баромад, ки дар он ба қатл кардани вай даъват менамуданд. Дере нагузашта, ӯро дар боғи истироҳатӣ мурда дарёфтанд. Ӯ шасту панҷ сола буд. Чор фарзанди ӯ ба Масеҳ содиқ монданд. Ҳолати рӯҳонии ҳамсараш маълум нест.

Чин, соли 1996

Ба хонаҳои дуо, ки дар он ибодатҳо мегузаштанд, дар деҳаҳои Хиангшан, Беиксинг, Хуаду Сити дар вилояти Гуандгонг дар шимоли Хитой аз тарафи афсарони Идораи бехатарии ҷамъиятӣ (ИБҶ) чор тафтиши ногаҳонӣ гузаронида шуд. Ҳангоми тафтиши ногаҳонӣ 26 июл ИБҶ ба хонаи роҳбари калисо Йанг Кун зада

даромаданд ва писари ҳабдаҳсолаи ӯ Дианг Гуохионгро ба ҳабс гирифтанд.

Чӣ хеле, ки дар ҳисобот хабар дода мешавад, Диангро, ки ҳанӯз ба синне нарасидааст, ки мувофиқи қонуни Хитой вай барои кирдорҳои худ метавонад ҷавобгарӣ барад, бераҳмона ба сару рӯяш ва тамоми баданаш мезаданд, инчунин ба шиканҷаи махсус, ки дар Хитой ихтироъ шудааст, вақте ки ангуштонро таҳти фишор қарор дода, ба он мезаданд, гирифтор карданд. Дар вақти навиштани ин ҳисобот (1996 с.) Дианг дар зиндон буд ва дар он ҷо далерона ба дигар маҳбусиён маъвиза мекард. Ӯро барои он ба ҳабс гирифтанд, ки Йанг Кун имконияти барои дар хонаи худ гузаронидани вохӯриҳои дуои масеҳиёнро медод.

Индонезия, соли 1996

Аз соли 1991 сар карда, тақрибан 280 калисоҳои масеҳӣ дар Индонезия сӯзонда, вайрон ва маҳкам карда шуданд. Дар рӯзи якшанбе 9 июни соли 1996 даҳ калисои масеҳӣ, дар худи шаҳри Сурабия ва дар гирду атрофҳои он дар шимоли Индонезия якбора ҳамла карда шуданд. Сурабия пойтахти вилояти шарқии Ява ва дуюмин аз рӯи бузургӣ шаҳр дар Индонезия, баъд аз Ҷакорта мебошад. Дар ҳамла қариб 5 000 мусулмонон иштирок мекарданд.

1. *Дар вақти ибодат дар мактаби якшанбегӣ садҳо одамони додзананда бинои калисоро дар Булак Бантенг валангор намуданд. Барои ин онҳо досҳо, таёққҳо, сангҳо ва болғачаҳоро истифода мебурданд. Ду бино ва хонаи истиқоматии калисо низ зарар диданд. Якчанд аъзоёни калисо захм бардоштанд, инчунин роҳбари калисо, ки ӯро зарбу лат намуданд ва дар айни ҳол фарёд мезаданд «Индонезия исломӣ мебошад! Шумо инро медонед!»*

2. *Садҳо одамон калисои «Кристен Кемах Инҷил Калвари»-ро дар Булак Бантенг несту нобуд карданд. Ба пушти сари башоратчӣ Уессон Сулаймон се маротиба чунон заданд, ки пас аз он ба ӯ лозим омад, ки чанд ҷои чокҳоро дӯзанд. Баъзе занҳо, аъзоёни калисоро, ҳангоми ҳамла овардан бо дастон ба таври ношоиста медоштанд.*
3. *Тақрибан 1000 одам дар хароб кардани бинои калисо дар Ҷатисроно иштирок намуданд. Ҳамла қариб 30 дақиқа давом кард.*

10.30. Издиҳом калисои «Хаймаи пантикости»-ро дар Воносари хароб намуд.

1. *Ба калисои «Букит Сион» қариб 500 кас ҳуҷум карданд, ки пешопеши онҳо сипари наврасон бо низом қадам мезаданд, сипас байкерон ва ду мошини боркаш ҳаракат мекарданд, то ки чизҳои бадастовардаро гирифта баранд.*
2. *Ба калисои «Фирман Хайар» дар Ҷалан Тенгумунг, баъд аз ибодати якшанбегӣ қариб 1500 нафар ҳуҷум карданд.*

11.30. Калисои масеҳии «Яуи Ветан» ҳамла карда шуд. Шӯбони он хабар дод: «Рӯзи якшанбе, 9 июни соли 1996 мо иди Ундухунду ё Рӯзи ҳосилро ҷашн мегирифтем. Вақте ки хизмат ба поён расид, ҳашт нафар аз ҷамъомад монданд, то ки дар ибодатгоҳ ҳама чизро ҷо ба ҷо гузоранд.

Соати 11.30 тақрибан 500 нафар бо таёқҳои чӯбин, оҳанпораҳо ва қайроқсангҳо мусаллаҳшуда даромаданд. Онҳо аз дарвозаҳои асосӣ ва паҳлӯӣ

даромаданд, сипас аз дарҳои калисо низ ва ҳама чизҳоро дар пеши роҳи худ мешикастанд. Баъд онҳо ҳамаи тирезаҳоро дар ошёнаи якум ва дуюм шикастанд ва ҳама лавозимотҳои калисоро нобуд карданд. Онҳо инчунин бом, шифт ва ҳамаи чароғакҳоро шикастанд. Дар амал, онҳо ҳама чизро дар дохили бинои калисо талаф намуданд. Эҳтимол, аз натиҷаҳо қонеъ нагардида, онҳо ҳашт нафарро, ки бинои калисоро ба тартиб медаровардаанд, зарбу лат намуданд».

11.45. Бинои калисои ХКВР дар Чалан Сидотопо аз тарафи тӯдаи одамон иборат аз 1200 нафар хароб карда шуд. Ба сари як аъзои калисо бераҳмона мезаданд. Дар вақти ҳамла баъзе лавозимотҳои калисо дуздида шуданд, аъзоёни калисоро бошад, масхара намуда, горат мекарданд.

11.45. Калисои масеҳии протестантӣ дар Батак ҳамла карда шуд. Шӯбони он хабар додааст:

«Соати 10.45 дар бораи харобшавии калисои «Сахайа Касих» фаҳмида, яке аз аъзоёни мо аз телефони мобилӣ ба полис занг зад ва аз онҳо ёрдам пурсид. Аммо, то омадани полис соати 11.45 издиҳом ба калисо зада даромаданд ва ба тороҷ кардани ҳама чиз сар карданд. Дар он ҷо қариб 1200 яғмогарон буданд. Гурӯҳи аввал тақрибан 300 нафарро дар бар мегирифт, аксарияти онҳо кӯдакон буданд. Баъд аз даҳ дақиқа гурӯҳи дуюм расида омад, ки дар он қариб 400 нафар наврасон буданд, боқимонда ҳама калонсолон.

Дар аввал онҳо чизе, ки бошад ба тирезаҳо ва ба боми калисо мепартофтанд, то даме ки он аз

берун вайрон нашуд. Сипас, дарвозаҳоро шикастанд ва ҳамаи яғмогарон ба дарун бо таёқу оҳанпораҳо мусаллаҳ, зада даромаданд. Онҳо ҳамаи тирезаҳоро шикастанд ва ҳамаи дарҳоро вайрон карданд. Онҳо ҳамаи чизҳоро дар дохили калисо хароб намуданд ва ба Китобҳои Муқаддас ва маҷмӯаи сурудҳои ҷамъомад осеб расонданд.

Яке аз аъзоёни калисо кӯшиш намуд, ки онҳоро боздорад ва мегуфт: «Аллакай, басанда аст, басанда, аллакай ҳама чиз хароб шудааст». Бо сабаби ин, яғмогарон ба ӯ дарафтоданд ва бераҳмона сари вайро лату кӯб карданд».

Покистон, соли 1996

14 октябр дар деҳае, ки дар қарибиҳои Мултан мебошад, масеҳиён Ауооб ва Шимъун Масеҳ аз тарафи тӯдаи мусулмонон ҳамла карда шуданд ва сипас, барои таҳқир кардани Муҳаммад ба ҳабс гирифта шуданд. Оилаҳои онҳо маҷбур шуданд, ки хона ва хоҷагии худро тарк карда, гурезгоҳ ҷӯянд.

Баъд аз чанд рӯз Шимъун аз идораи полис озод карда шуд ва боз аз тарафи тӯдаи одамон ба ҳамла дучор шуд. Ин дафъа ӯро чунон сахт лату кӯб карданд, ки дар нутқ ӯ ба мушкилиҳо гирифтор шуд. Ауооб дар ҳабси идораи полис мемонд ва ҳарчанд вай ҷиддӣ захмдор шуда буд ва дарди сахтро ҳис мекард, ӯ «хушбахт буд ва Худовандро ҷалол медод».

Айбдоркунии Ауооб дар куфр аз сӯҳбати вай бо як мусулмон сар зад. Аз рӯи шаҳодати яке аз масеҳиён, Ауооб Китоби Муқаддасро дар рӯи ҳавлии назди хонааш мехонд, мусулмон бошад аз болои вай масхара мекард. Онҳо фикрҳои худро дар бораи дин ба ҳамдигар гуфтанд ва мусулмон дар бораи Ауооб ба ҳукумати маҳаллӣ хабар дод ва ӯро дар таҳқир кардани Муҳаммад айбдор намуд.

Рӯзномаи покистонӣ «Daily Khabrain» хабар дод, ки гурӯҳи мусулмонон дар Ориф Вала ҷамъомад гузаронданд ва талаб намуданд, ки Ауооб ба ҳукми марг тавассути ба дор овехтан маҳкум карда шавад. Роҳбарони масеҳии Покистон ҷамъомади ҷавобӣ гузаронданд ва илтимосномаро ба додгоҳи Олӣ дар Лоҳур барои озодии ӯ аз маҳбасхона ва сафедкунии вай аз тамоми айбдоркуниҳо дар куфр фиристоданд. Дар вақти навиштани ин китоб, моҳи феврали соли 1997 Ауооб ҳанӯз дар маҳбасхона қарор дошт.

Индонезия, соли 1996

Шӯбон Исҳоқ Кристиан, ҳамсари вай, духтараш, ҷияни ӯ ва хизматгузори калисо сӯзонда шуданд, вақте ки се ҳазор мусулмон аз ақл бегона гашта, дар Ситубондо, Яваи Шарқӣ калисоҳоро месӯзонданд. Дар мотосиклҳо ҳаракат карда, ошӯбгарон ҳафт калисоро дар Ситубондо сӯзонданд ва инчунин ду мактаби масеҳӣ ва ятимхонаро, сипас ба шаҳрҳои наздиктарин роҳ гирифтанд. Ҳангоме, ки аз тарафи полисон фармон бароварда шуд, ҷамъулҷамъ 25 ҷойҳо барои ибодат дар ҳафт шаҳр сӯзонда шуданд. Ин барои рӯй додани исёни аз ҳама вазнинтарини мусулмонон бар зидди масеҳиён дар Индонезия дар солҳои охир сабаб гардид ва ба он оварда расонд, ки танҳо дар соли 1996 зиёда аз 50 калисоҳо сӯзонда шуданд.

Судон, соли 1997

Дар давоми сӣ соли охир дар Судон қариб се миллион одам барои ақидаҳои динӣ кушта шуданд, асосан инҳо масеҳиён буданд ё ин ки пайравони дигар динҳо, чуноне ки Улрих Делюс, эксперт оид ба Африқо аз ҷамъияти масеҳиёни инҷилии Олмон хабар медиҳад. Сабабҳои марг ҷангҳо, гуруснагӣ, хунрезӣ ва бадарғакунии одамони зиёд буданд.

29 миллион мусулмонони араб, ки дар шимоли мамлакат зиндагӣ мекунанд, аз аҳолии зиёдтар – 64 фоиз иборат мебошад. Аз панҷ як ҳиссаи аҳолиро – масеҳиён ташкил мекунанд, шонздаҳ фоизи боқимонда бошад, ба дигар динҳо тааллуқ доранд. Масеҳиён аксаран дар шимоли Судон зиндагӣ мекунанд ва кӯшиш мекунанд, ки худро аз исломикунии маҷбурӣ ба воситаи ҳукумати ин мамлакат ҳимоя кунанд.

Дар соли 1989 дар Судон мусулмонони моҷароҷӯ (экстремист) роҳбарӣ мекарданд, ки дар ин давлат исломро эълон намуданд. Дар соли 1992 дастаи ҳарбии иртиҷоии террористӣ (военная хунта) дар Хартум бар зидди ҳамаи ғайримусулмонҳо «ҷанги муқаддас»-ро эълон намуд. Зиёда аз 1,8 млн. масеҳиён – мардҳо, занҳо ва кӯдакон, ки дар пойтахти Хартум зиндагӣ мекарданд – аз хонаҳои худ, ки аз тарафи ҳукумати мусулмонӣ валангор гардиданд, маҳрум шуданд; аз соли 1992 сар карда, зиёда аз 250 000 хонаҳо бо булдозерҳо вайрон карда шуданд. Ҳазорҳо одамон маҷбур буданд, ки ба лагери гурезаҳо берун аз шаҳр раванд. Хӯрока он ярқе мебошад, ки тавассути он ҳукумати мусулмонии Судон масеҳиёнро маҷбур месозад, ки ба ислом рӯ оранд. Хонаҳоро бо ҳарфҳои «Х» ишора мекунанд, яъне дар он ҷо масеҳиён зиндагӣ мекунанд ва ин хонаҳо бояд вайрон карда шаванд.

Дар шимол вазъият боз ҳам бадтар аст. Улрих Делюс ба IDEA, маркази хабарҳои Олмон хабар дод:

«Нобудкунии судониҳо дар шимоли мамлакат – яке аз даҳшатноктарин ҷиноятҳо бар зидди аҳли башар мебошад. Деҳаҳо пурра нобуд карда шудаанд, аъзоёни ҷамъомадҳои масеҳӣ дар биноҳои калисои онҳо сӯзонда мешаванд. Аксарият корчалонҳои ғайримусулмон дар шимол кушта шуданд ва шумораи беҳисоби одамон дар шимоли Судон аз шиканҷаҳо мемиранд.

Ба қӯшунҳои ҳукуматӣ фармон дода шудааст, ки дар миёни аҳолии шаҳр хунрезиҳо гузаронанд. Аскарон ба деҳаҳо зада

даромада, занҳоро таҷовуз мекунанд, мардонро шиканҷа медиҳанд ё мекушанд. Баъзе қурбониёнро зинда месӯзонанд, ба дигарон бошад, гӯшҳо ва узвҳои таносулро мебурранд. Зиёда аз 10 000 занҳо ва кӯдакони ғайримусулмон дуздида шуда, чун ғуломон дар бозорҳои маҳаллӣ фурӯхта шуданд.

Илҳомбахши судонии ин ҳаракати исломӣ доктор Ҳасан Ал Туроб бо таҳдид изҳор намуд, ки «онҳое, ки дар сари ҳокимият мебошанд, хоҳиши боздоштани ин ҳаракатро (ислом) кунанд, онҳо ҳеҷ гуна оянда надоранд». Ҳукумати Судон давлати худро аз дигар давлатҳо ҷудо кард, то ки ҳуқуқвайронкуниҳои гӯшношуниди башарро пинҳон кунад, эҳтимол, барои роҳ надодани хориҷиён, ки онҳо метавонанд, ба «душманони» ҳукумати онҳо – масеҳиён хайрхоҳ бошанд. Дар маросими тантанавӣ афсарони судонӣ бо Қуръон қасам мехӯранд, ки қонуни мусулмониро ҳифз намоянд.

Понздаҳ кӯдак, ки ба бемории вараҷа гирифтор буданд, аз паси хоҷаи мусулмони худ аз ҷойҳои хушку холӣ мерафтанд. Баъд аз чанд соати роҳгардӣ аз ботлоқу лойқаҳо, дар гармии то 45 дараҷа ба теппаҳо баромада, онҳо шаш масеҳиро вохӯрданд – се африқоӣ ва се сафедпӯстон, ки яке аз онҳо амрикоӣ Кевин Тернер аз «Овози азияткашон» буд. Ин одам барои харидорӣ кардани кӯдакон ба ғуломфурӯш пешниҳод намуд ва баъд аз нархгузорӣ кардан вай онҳоро фурӯхт. Ӯ даҳ кӯдаки дигар дошт, ки мехост онҳоро бифурӯшад, вале онҳо хеле бемор буданд, то ки дар ин сафари дурудароз ба бозор тоб оваранд.

Яке аз ғуломон духтараки шонздаҳсола буд, ки то ин вақт ба ҳар гуна одамон тааллуқ дошт. Онҳо ӯро маҷбур мекарданд, ки алоқаи ҷинсӣ кунад ва аз ҳар кадоми онҳо фарзанд дошт: яке яксола буду, дигарӣ, ки ҳанӯз тифлак буд, дар даст гирифта мебурд. Ҳар рӯз ин кӯдаконро маҷбур мекарданд, ки Қуръонро аз худ намоянд. Агар онҳо ҳамон қадареро, ки аз онҳо талаб карда мешуд, аз худ карда наметавонистанд, ба онҳо хӯрок намедоданд. Зеро хӯроке, ки онҳо мехӯрданд, ба зӯр метавонист

зиндагиашонро таъмин намояд, ҳамаи понздаҳ нафар қариб ки аз гуруснагӣ мемурданд. То ин вақт онҳо фикр мекарданд, ки то дами марг ғулом мешаванд. Аммо, баъзе масеҳиён барои онҳо ғамхорӣ карданд ва маблағи кофиро барои озодии онҳо пардохт намуданд, чун Исо, ки масеҳиён дар ҳаққи Ӯ мегӯянд, ки Ӯ аллакай пардохт кардааст, то ки ҳамаи онҳоро озод намояд.

Покистон, соли 1997

Қонуни Покистон, ки «сиёҳ» номида шудааст, аз нав нуфуз пайдо кард, вақте ки аъзои ақаллияти масеҳӣ Ауб Масиҳ ба ҳабс гирифта шуд. Дар таҳқир кардани Муҳаммад айбдор шуда, Ауб қатл карда шуд. Сарчашмаҳои калисо дар Лоҳур хабар медиҳанд, ки ҷанҷоли мусулмонҳо ва мурофиа бар зидди Масиҳ бо ишора дар куфри ӯ дар шаҳрҳои гуногуни ин минтақа мегузаштанд.

Дар ин сол зиёда аз 12 масеҳӣ бо айбдоркунӣ дар куфр (таҳқири Қуръон ва Муҳаммад) мувофиқи қонуни покистонӣ 295-С, ки панҷ сол пеш амал намуда буд, таъқиб карда мешуданд. Ҳар инсон, ки аз рӯи ин қонун гунаҳкор дониста мешуд, ба таври автоматӣ ба ҳукми марг тавассути ба дор овехтан маҳкум карда мешавад.

Ҳарчанд ҳеҷ касро аз ин масеҳиён ба маҳбусӣ маҳкум накарданд, баъзе аз онҳо ба моҳҳои зиёд бе имконияти бо гарав озод кардан, маҳкам карда мешуданд, ҳарчанд ин бо рӯи қонун пешбинӣ шудааст. Панҷ нафар аз ин масеҳиён аз тарафи мусулмонони моҷароҷӯ баъд аз озодшавӣ кушта шуданд, панҷ нафари дигар бошанд, аз мамлакат гурехтанд, то ки дар хориҷа паноҳгоҳ ёбанд. Қариб дар ҳар маврид, вақте ки масеҳиён озод мешуданд, дар рӯзномаҳо ба онҳо таҳдидҳо чоп менамуданд ва маълумотҳои онҳоро хабар медоданд. Зуд-зуд ин эълонҳо оиди ҷустуҷӯ дар шаҳрҳо овехта мешуданд ва ба маҳв кардани ин одамон даъват менамуданд, инчунин ин таҳдидҳо бо садои баланд аз манораҳои масчидҳои маҳаллӣ эълон карда мешуданд.

5 феврал дар Шанти Нагар дар музофоти Панҷоб овозае паҳн шуд, масеҳиён Қуръонро дарронда варақҳои кандашудаи онро дар масчид баъд аз намози пешин партофтаанд. Дар давоми 24 соат мусулмонон қуввaҳоро аз деҳаҳои дар гирдуатроф буда муттаҳид намуданд ва қӯшунро иборат аз 30 000 нафар бо мақсади интиқомгирӣ ҷамъ оварданд. Мусулмонони шӯрида калисоҳоро месӯзонданд ва хонаҳою мағозаҳои масеҳиёнро вайрон мекарданд. Роҳбари масеҳӣ дар рӯзи дигар ба Шанти Нагар ташриф овард ва хабар дод: «Ҳама хонаҳо сӯзонда шудаанд, шаҳр ғорат карда шудааст, ҳамаи мошинҳо сӯзонда шудаанд ва инчунин зарфҳо бо об нобуд карда шудаанд, таҷҳизоти электрикӣ қатъ карда шудааст, ҳама чиз нобуд карда шудааст».

Бист масеҳӣ ба беморхона бурда шуданд, як бародар Фероз Масеҳ аз захми бардоштааш фавтид. Ду духтари ҷавон ғайб заданд: чунин меҳисобанд, ки онҳоро террористони мусулмон дастгир кардаанд. Дар як лаҳза қариб 1000 масеҳиён мардон, занон ва кӯдакон дар саҳрои наздиктарин барои қатл ҷамъ карда шуданд. Хушбахтона, артиши Покистон то саршавии хунрезӣ расида омад. Қариб 15 000 масеҳиён хона надоранд ва тамоми моликияти худро аз даст доданд. Вақте онҳо медиданд, ки шаҳрашон чӣ тавр месӯзад, онҳо на об, на хӯрок, на ҷойӣ барои шабгузаронӣ, на сарулибос, ба ғайр аз он либосе, ки дар тан доштанд, надоранд. Ба масеҳиён, чуноне ки хабар дода мешавад, зиёда аз 2,5 миллион доллари амрикоӣ зарар расонда шуд. Дертар ошкор гардид, ки баъзе аъзоёни полиси Покистон барои нобуд кардани Қуръон ӯҳдадор буданд ва баъд худи онҳо бо номи ислом масеҳиёнро дар ин айбдор карданд.

Индонезия, соли 1997

30 январ шӯриши зиддимасеҳӣ дар Индонезия якбора авҷ гирифт, ки аллакай шӯриши сеюм дар давоми чор моҳ буд. Бо

гурӯҳи мусулмонон дар шаҳри Ренгасденклок, дар 31 мил аз пойтахти Ҷақорта ба сӯи шарқ, чор калисо сӯзонда шуд, ки яке аз онҳо пурра сӯхта хокистар гардид. Шӯриш ҳамон вақт сар зад, вақте овозае паҳн шуд, ки як корчалони масеҳии чинии маҳаллӣ шикоят кардааст, ки намози бегоҳирӯзии мусулмонон хеле пурмағаланд. Хона ва мағозаи ӯ аз тарафи тӯдаи одамон, ки, баъд ба ҷониби калисоҳои масеҳӣ ҳаракат намуданд, хароб карда шуд.

Покистон, соли 1997

5 феврал дар Шанти Нагар, вилояти Пунёб, овоза шуд, ки масеҳиён Қуръонро нобуд кардаанд ва саҳифаҳои онро дар назди масҷид баъд аз намози бегоҳироӯзӣ ба ҳар тараф партофтаанд. Дар давоми 24 соат мусулмонон аз деҳаҳои гирдуатроф қӯшунро иборат аз 30 000 нафар одам бо мақсади аз масеҳиён интиқом гирифтан ҷамъ оварданд. Дар хашму ғазаб мусулмонон ба сӯзондани калисоҳо оғоз намуданд ва хонаҳою мағозаҳоро, ки ба масеҳиён тааллуқ дошт, вайрон мекарданд. Масеҳӣ, ки ба Шанти Нагар субҳи рӯзи дигар ташриф овард, нақл мекунад: «Ҳар як хона сӯзонда шудааст, шаҳр ғорат карда шудааст, ҳамаи воситаҳои нақлиёт зарар дидаанд, обанборҳо ва стансияҳои электрикӣ хароб карда шудаанд».

Бист масеҳӣ ба беморхона афтиданд, бародар Фероз Масеҳ бошад, аз захмҳо фавтид. Ду духтари ҷавон бе ному нишон гум шудаанд. Фикр мекунанд, ки онҳоро террористон дуздидаанд. Якбора қариб ҳазор мардон, занон ва кӯдакони масеҳӣ барои парронданба саҳрои наздиктарин бароварда шуданд. Хушбахтона, қӯшуни Покистон барои боздоштани хунрезӣ расида омад. Зиёда аз 15 ҳазор масеҳиён бе хонаву дар ва моликияти шахсӣ монданд. Онҳо об, хӯрок, катҳо ва либосҳо надоранд, ба ғайр аз он либосе, ки онҳо хонаҳои худро бо

он тарк намуданд. Ба масеҳиён ба андозаи зиёда аз 2,5 млн. доллари ИМА зарар расонда шуд.

Чуноне ки муайян гардид, дар нобуд кардани Қуръон ва айбдор намудани масеҳиён полиси покистон гунаҳкор буд.

Судон, соли 1998

Иброҳим – шӯбони бисту шашсолаи судонӣ буд. Ӯ дар ҷануби мамлакати аз ҷангҳо харобшуда калисоро бунёд намуд ва шумораи аъзоёни фаъоли он то зиёда аз чорсад нафар афзуд.

Чун аъзоёни аксарият калисоҳои судонӣ, онҳо Китоби Муқаддас надоранд. Дар ихтиёри калисо ягона Аҳди Ҷадиди кӯҳнаи тарошидашуда буд, ки ба Иброҳим чанд сол пеш тӯҳфа карда шуда буд.

Ин Аҳди Ҷадид як вақтҳо ба Иброҳим барои ба назди Масеҳ омадани вай хизмат кардааст. Чанд сол қабл аз ин ӯ китобро дар вақти башоратдиҳӣ дар ноҳияе, ки истиқомат дошт, ба даст овард. Масеҳиён ба Иброҳим ва оилаи ӯ дар бораи Масеҳ шаҳодат медоданд, аммо онҳо гӯш кардан намехостанд. Вале, ӯ қарор дод, ки Аҳди Ҷадидро нигоҳ медорад.

Дар давоми чанд моҳи охир Иброҳим Аҳди Ҷадидро гаштаю – баргашта мехонд. Тақрибан баъд аз як сол ӯ худ ва ҳаёти худро ба Масеҳ бахшид. Баъд аз ин Иброҳим ба семинария дохил шуд ва онро хатм намуда, ба деҳаи худ баргашт ва ба барпо кардани калисо тан ба тан, аъзо ба аъзо оғоз намуд.

Дар Судон, ки ҷанги шаҳрвандӣ аллакай дар тӯли ҳаждаҳ сол қатъ намегардад, шӯбон ё ҳатто масеҳии оддӣ будан осон ва бехатар нест. Калисоҳоро месӯзонанд, бисёр вақт якҷоя бо имондороне, ки дар он ҷо ибодат мекунанд. Ҳукумати исломии Судон кӯшиши кам ба харҷ намедиҳад, то ки ҳар шаҳрванди мамлакатро ба Ислом рӯ оварад. Ҳама он касонеро, ки ба рӯ овардан муқовимат мекунанд, шиканҷа медиҳанд ва аз ҳаёт маҳрум месозанд. Занҳои ҷавонро чун канизакон ба

мусулмонон медиҳанд. Ҷавонмардонро – ба ғуломӣ. Дигаронро бошад, маҷбур мекунанд, ки ба мактабҳои мусулмонӣ раванд, ки дар он ҷо дар давоми ҳафт-даҳ сол онҳо вазифадоранд, ки порчаҳои Қуръонро дар забони арабӣ аз худ кунанд.

Марде бо номи Андре, ки баъд аз ҳамла ба калисои масеҳӣ зинда монду, пушт ва дасти чапаш сахт сӯхтааст, ба ёд меорад: «Ман бо ҳамроҳии наваду нӯҳ имондори дигар дуо мегуфтам. Сарбозони артиши исломии ҳукумат омаданд ва дарҳои калисоро мех зада маҳкам карданд, баъд онро оташ заданд. Ҳеҷ кас ба берун баромада наметавонист. Ман ба таги ҷасадҳои мурдаи бародарон ва хоҳарони ҳамимон хазида даромадам ва пинҳон шудам. Сарбозон интизор шуданд, то вақте ки калисо пурра сӯхта хокистар гардид, баъд, ҳамаро мурда пиндошта, рафтанд. Танҳо ман зинда мондам».

Дар миёни ҳамаи ин хатар ва таъқибот, шӯбон Иброҳим барои Худованд хизмат мекард ва рамаи Ӯро дар маънии аслии ин калима «дар водии марг» нигоҳубин мекард ва ҳамеша инро бо хушнудии доимӣ ва дилгармӣ иҷро менамуд.

Дере нагузашта, сарбозони қӯшуни ҳукумати исломӣ аз нав дар деҳае, ки Иброҳим зиндагӣ мекард, пайдо шуданд, ин дафъа дар аспҳо савор буданд. Онҳо сарфаҳм нарафта ба мардҳо, занҳо ва кӯдакон тир холӣ мекарданд. Онҳо ғорат мекарданд, нобуд мекарданд ва мекуштанд ва сипас, чӣ хеле ки пайдо шуданд, ҳамон тавр ногаҳон ғайб заданд. Чанд рӯз қабл аз ин ҳодиса, маъмурияти мубаллиғон, ки ба калисоҳои таъқибшаванда кӯмак мерасонд, ба калисои Иброҳим Китобҳои Муқаддасро дар забони динка оварда, аввалин Китобҳои Муқаддас дар ҳаёти онҳо. Аммо, сарбозон ҳамаи онро сӯзонданд, аз ҷумла Аҳди Ҷадиди кӯҳнашудаю лахлахро, ки барои Иброҳим хеле азиз буд, азизтар аз ҳаёташ.

Ниҳоят, онҳо онро ҳам гирифтанд ва бадани хунолуду, бо тирҳо сурох-сурох кардаи ӯро, ки бо аъзоёни калисо баъд аз ҳуҷуми навбатӣ дарёфт гардид, монда рафтанд.

Судон, соли 1998

Дар пеши чашмони Ҷеймс Йэдии нӯҳсола сарбозон падари ӯ, модараш ва чор бародару хоҳаронашро куштанд. Худи ӯро ба қатл нарасонданд, вале ба асорат гирифтанд. Ӯ фикр мекард, ки вайро ғулом мекунанд, чӣ хеле ки аксар вақт дар чунин ҳолатҳо рӯй медод. Бинобар ин, он бегоҳ, вақте сарбозон фармон доданд, ки барои гулхан ҳезум ҷамъ орад, ӯ фикр кард, ки онҳо хӯроки шом пухтан мехоҳанд.

Вақте ки гулхан тафсид, аз Ҷеймс пурсиданд, ки оё ӯ хоинонро, ки дар деҳаҳои наздиктарин зиндагӣ мекунанд, медонад. Дар ҷавоб писар сар ҷунбонд. Баъд ба вай гуфтанд, ки ӯ бояд ислом, пайғамбар Муҳаммадро қабул кунад ва Оллоҳро парастиш намояд.

Аз ғаму андӯҳ, ки боиси марги падару модар ва бародару хоҳарон шуда буд, ҳанӯз дар ҳолати садамот қарор дошта, Ҷеймс тамоми ҷасорати худро ҷамъ намуда бо овози ларзон талаффуз кард «Ман – масеҳӣ ҳастам».

Дар қаҳр сарбозон писарбачаро бардошта ба оташ партофтанд. Онҳо назорат мекарданд, ки чӣ тавр аланга ӯро то сар фурӯ мебарад. Диданд, ки кӯдак намеҷунбад, онҳо аслиҳаро ҷамъ карда рафтанд.

Акнун, шиками Ҷеймс саросар бо доғҳои сӯхта пӯшонда шудааст, дасти росташ бошад аз ҳарорати баланд шаклан тағйир ёфтааст. Дар тамоми баданаш изи пӯстҳои аз ҷои дигар гирифта часпондашуда, ки он дар натиҷаи сӯхтани вай то дараҷаи III буд, намудор аст.

Ӯ ҳоло ҳам аз талаф додани волидон, бародару хоҳаронаш ғусса мехӯрад ва ҳанӯз ҳам дарди маҳрумиятро эҳсос менамояд, ки дар ин дунё худ танҳо мондааст. Дар чашмони ӯ мусибатҳои аз сар гузаронидаро дидан мумкин аст, ки ба ягон кӯдак маълум нест.

Ба ҳар ҳол, дар рӯйи ӯ табассуми хушнудона ҳаст, махсусан, вақте ки вай бо ифтихор баён мекунад: «Ман – масеҳӣ ҳастам!»

Индонезия, соли 1999

15 декабр Домингус Кеням, донишҷӯ – фақеҳи бистсола, дар ҳуҷраи хобгоҳи мактаби библиявии «Дулос» дар Ҷакорта, пойтахти Индонезия, дар соҳили ҷазираи ҷанубу – шарқии Яво хоб буд. Ӯ аз хитобҳои «Оллоҳу акбар! Оллоҳу акбар!»[1] бедор шуд. Пеш аз он, ки Домингус фаҳмид, ки чӣ рӯй медиҳад, якчанд мусулмонон ба ҳуҷра зада даромаданд ва ӯро қапида бо муштҳо ва таёқҳо мурданивор заданд. Дар фарши хонаи хобгоҳ оҳиста–оҳиста ба худ омада, Домингус мефаҳмид, ки чӣ хел мусулмонҳо байни худ гап мезаданд: «Занҳо бигзор зиндагӣ кунанд, мардон бошанд, ҳама бояд бимиранд».

Тамоми қуввааш ро ҷамъ намуда, Домингус аз ҷо хест ва кӯшиш намуд, ки аз ҳуҷра давида берун барояд. Ӯро дами ниммудаввари корд, ки ба гарданаш халида буд ва қариб онро бурида буд, боздошт. Ӯ аз нав ба фарш ғалтид. Ҷавонро мурда ҳисобида, ҳамлакунандагон ӯро дар хуни худ олуда хобида монданд.

Чанд вақт пас, баъд аз ҳуҷум, аз ҷароҳатҳои сахт шифо ёфта, Домингус нақл кард, ки он шаб рӯҳи ӯ ҷисмашро тарк намуд ва фариштагон ӯро ба осмон бурданд. Вай ба ақиб нигоҳ карда, дар рӯи фарш ҷисми беҷони худро дид, ки дар болои хуни зиёд, ки аз сари нимбурида ҷорӣ мешуд, мехобид.

Дар тааҷҷуб, ӯ на дард ва на тарсро эҳсос мекард. Танҳо осоиштагӣ, ки онро ҳеҷ гоҳ пештар намедонист, ӯро пур мекард. Вақте ки рӯҳи Домингус ба осмон расид, ӯро Исо пешвоз гирифт ва гуфт, ки вай бояд ба замин баргардад. Ӯ гуфт: «Ҳоло вақти он нарасидааст, ки ту ба Ман дар ин ҷо хизмат кунӣ».

Ба ҷисм баргашта, Домингус овози коркунони ёрии таъҷилиро шунид, ки ба мактаби библиявӣ омада буданд. Домингусро мурда пиндошта, онҳо мехостанд, ҷасадро ба мурдахона баранд. Аммо, намедонистанд, ки ӯ масеҳӣ аст ё мусулмон, духтурон муҳокима мекарданд, ки ҷасадро ба кадом мурдахона баранд, масеҳӣ ё мусулмонӣ.

Ба ягон мурдахона афтодан нахоста, алалхусус ба мусулмонӣ, Домингус аз Худо тавалло мекард, ки барои гап задан қувват диҳад. Худо ба ҷавон қувват дод ва ӯ дод зад: «Ман масеҳӣ ҳастам!»

Духтурон фаҳмиданд, ки донишҷӯи «мурда», ки ӯро мехостанд ба мурдахона баранд, дар асл зинда аст, ба беморхона бурдани ӯ шитофтанд. Ҷароҳати ҷиддии Домингусро дида, духтурон дар беморхона бовар намекарданд, ки вай зинда аст ва боварӣ доштанд, ки ҳарчанд ӯ зинда монда бошад ҳам, вай бешубҳа ҷисман ва ақлан маъюб мемонад.

Аммо, Домингус пурра шифо ёфт ва акнун танҳо доғҳо дар гардани вай аз он шаҳодат медиҳанд, ки ӯ чиро аз сар гузарондааст. Чун бисёр касони дигар, ки ба онҳо барои Масеҳ азоб кашидан лозим омад, ӯ имони навшуда ва қобилияти номаҳдуди бахшиданро дорад. Аз суханони Домингус, ин ҳодиса ӯро ба Худо наздик кард ва бори аввал дар ҳаёти худ барои ҳамсояҳои мусулмон, махсусан барои онҳое, ки ба ӯ ҳуҷум карданд, дуо гуфтан маҷбур намуд.

«Агар ба ман муяссар гардад, ки ягон рӯз бо онҳо вохӯрам, – мегӯяд Домингус, – ман ба онҳо дар бораи Исо нақл мекунам, ки ба мо фармудааст, то ки душманони худро бубахшем, аз ин рӯ ман онҳоро мебахшам».

Домингус таҳсили худро дар мактаби библиявӣ давом медиҳад. Бешубҳа, Худованд нисбати ӯ барои наздикшавии Малакути Худо нақшаи бузург дорад».

Ҳиндустон, соли 1999

Грем ва Гледис Стайнсҳо мубаллиғони австриягӣ буданд ва дар маъмурияти мубаллиғие, ки ба беморони ба махав гирифторшуда дар Майурбхани, дар Ҳиндустон, дар ҷанубу-ғарбӣ аз Калкутто кӯмак мекунанд, хизмат мекарданд. Маъмурият ду марказ дошт – барои табобат ва барои офият додан (реабилитация).

Марказҳо аз хобгоҳҳои мардона ва занона, синфхонаҳо барои ба беморон омӯзондани ҳар гуна касбҳо ва калисоҳо иборат буданд. Дар марказ ҳамеша 80 бемор зиндагӣ мекарданд ва боз шумораи зиёди беморон барои табобати рӯзона меомаданд. Стайнсҳо дар маркази табобатӣ кор мекарданд. Онҳо дар хонаи кӯҳнаи дар ҳудуди он ҷойгиршуда бо се фарзанди худ зиндагӣ мекарданд: Эстер (14), Филип (11) ва Тимоти (7).

Дар моҳи январ, Грэм писарони худро ба ҳамроҳии худ ба сафаре, ки ҳар сол ба беморхонаи хурд барои махавиён, ки онро назорат мекард, анҷом медод, гирифт, ки он дар Манохарпур, деҳаи хурдакаке дар доманакӯҳҳои Кеонйар, тақрибан ба 155 мил дар тарафи шимоли пойтахти иёлоти Орисса, шаҳри Бубанесвар воқеъ гардида буд. Орисса дар Ҳиндустон бо шумораи зиёди ҳамлаҳо ба калисоҳои масеҳӣ – зиёда аз шаст маротиба аз давраи соли 1986 то соли 1998 маълум аст. Грэм дар ин бора хеле хуб медонист, ҳам чӣ хеле ки ӯ дар бораи он медонист, ки дар Манохарпур ҳоло махсусан ноором аст, вале вай наметарсид. Ӯ аллакай кайҳо қарор намудааст, ки ба Масеҳ, ҳар вақте ки вайро барои кӯмак расондан ба назди беморони ба махав гирифторшуда набарад, пайравӣ мекунад ва Манохарпур яке аз чунин ҷойҳо буд.

Дар деҳа на қувваи барқ буду, на оби қубургузар ва на дигар лавозимотҳои ҳозиразамон. Шабона Грэм бо писаронаш дар бағоҷмонаки мошини худ дар бистарҳое, ки махсусан барои дар сафарҳо ба ҷойҳои дур истифода мешуд, хоб буданд.

Ба писарбачаҳо вақти бо падарашон дар чунин сафарҳо гузаронида ҳамеша писанд буд, ӯ бошад, дар навбати худ, бо ҳамроҳии писарони худ буданро дӯст медошт. Кӯдакон деҳқононии қашшоқро, ки ба бемории махав гирифтор буданду, падару модарашон онҳоро табобат мекарданд, дӯст доштанд. Грэм умед дошт, вақте ки онҳо ба воя мерасанд, онҳо ба падару модари худ пайравӣ мекунанд ва ба корҳояшон, ки ҳаёти худро бахшидаанд, кӯмак мерасонанд. Ҳиндустон барои оилаи онҳо

хона шуда буд ва то абад мемонад. Онҳо халқи ҳиндуро дӯст медоштанд ва ҳаёти худро дар ягон давлати дигар тасаввур карда наметавонистанд.

Худо онҳоро маҳз ба ҳамин ҷо оварда, ба воситаи онҳо Ӯ муҳаббати худро ба одамоне, ки ба онҳо кӯмак мекарданд, ҷорӣ мекард. Яке аз собиқ беморон дар ҳаққи Стайнсҳо чунин нақл мекунад: «Дар дунёи мо торикӣ ҳукмфармо буд. Мо пайваста бо марг рӯ ба рӯ мешудем. Ягон намояндаи дин ҳатто боре ҳам барои мо ғамхорӣ накард, то ки ақаллан як бор ба мо хӯрок диҳад. Вақте ки мо хӯрок мепурсидем, ба тарафи мо санг мепартофтанд ва моро меронданд. Моро дастнорас меномиданд. Ба мо мегуфтанд, ки мо барои он гирифтори бемории махав ҳастем, ки дар ҳаёти пештараи худ ба он сазовор шудем. Моро дар ҷангалҳо дар танҳогӣ бо бадбахтиамон ба мурдан гузоштанд. Моро аз кирмҳо ҳам бадтар меҳисобиданд. Лекин, баъд Стайнс Дада ва дӯстони ӯ пайдо шуданд. Онҳо ба мо дасти шафқат дароз намуданд ва барои махавиён хона сохтанд. Дар он мо муҳаббати Худоро дидем.

Дада ва ҳамсари ӯ худ ҷароҳатҳои моро мешустанд ва бо дорухо коркард мекарданд. Вақте ки мо шифо меёфтем, онҳо моро ба ҳар гуна касбҳо меомӯзонданд ва кор медоданд... Филип ва Тимоти, кӯдакони аҷоиб меомаданд ва бо мо, аз ҷамъият рондашудагон бозӣ мекарданд».

Дар чашмони Сарида, зани ҷавон, ашкҳо тоб мехӯрданд, вай дигар гап зада наметавонист.

Шаби 23 январ дар Манохарпур, Грэм бистарро пеш аз фарорасии торикӣ омода намуд ва ҳама зуд хоб рафтанд. Рӯз хеле вазнин буд, ҳама монда шуда буданд. Писарбачаҳо дар деҳа давутоз мекарданд, бо кӯдакони маҳаллӣ бозӣ мекарданд ва бо ҷону дил ба падарашон, вақте ки ба ёрдами онҳо эҳтиёҷ дошт, ёрдам мекарданд. Пеш аз хоб, онҳо чун ҳарвақта дар бораи Исо гап мезаданд ва дуо мегуфтанд. Грэм ба дуоҳои кӯдакон гӯш андохтанро дӯст медошт, махсусан ба дуоҳои Тимоти, ки ҳанӯз ҳам кӯдакона содда мемонданд.

На он қадар дуртар аз мошини онҳо, гурӯҳи одамони ҷавон дар нақораҳо менавохтанд ва рақсҳои халқии ҳиндиро иҷро менамуданд. Мусиқии мавзун ба Грэм ва писаронаш ба хоби сахт рафтан кӯмак мекард. Пагоҳ барои онҳо боз як рӯзи мушкил пеш меомад.

22 январ қарибиҳои соати ёздаҳ гурӯҳи ҳиндуёни ба таври қатъи барангехташуда бо роҳбарии нафаре бо номи Дара Сингх аз Ямадвара ба Манохарпур раҳсипор шуданд. Шахсияти Сингх ба полис номаълум набуд, ӯро борҳо барои ташкил кардани бетартибиҳои оммавӣ ва зӯроварӣ ба ҳабс гирифта буданд.

23 январ баъд аз соати дувоздаҳ Сингх ва роҳзанҳои ӯ ба Манохарпур расида омаданд. Онҳо ба деҳа аз тарафи саҳроҳо бо табарҳо ва шохаҳо мусаллаҳ даромаданд. Онҳо як мақсад доштанд – мошини Грэм, ки ӯ дар он бо писарони худ оромона мехобид. Ба автомобил наздик шуда, роҳзанҳо бо овози баланд фарёд заданд.

Сингх аввалин шуда ба чарххои мошин зарба зад, то ки он дигар аз ҷояш ҳаракат карда натавонад. Дигарон ба шикастани шишаҳо сар карданд ва бераҳмона Стайнсҳоро бо муштҳо ва таёқҳо зарбулат мекарданд. Аз ҳама бештар Грэм калтак хӯрд, зеро вай кӯшиш мекард, ки бо бадани худ писаронашро аз зарбулат пӯшонад. Вақте ки қурбониён аз ҳуш рафтанд, роҳзанон бо фиғони ваҳшиёна онҳоро бо шохаҳо мехалонданд.

Баъд аз ин Сингх ба гирдогирди автомобил хасбеда гузошта, онро оташ зад. Дар сонияҳои башумор мошин ба дуду аланга ғарқ шуд. Аз тирезаҳои шикаста намоён буд, ки чӣ тавр Стайнс, аллакай беҳуш, писаронашро сахт ба оғӯш мегирад. Ҳар касе ки ӯро медонист, боварӣ дорад, ки исми охирин дар даҳони вай, исми Исо буд.

Қотилон аз болои он назорат мекарданд, ки чӣ тавр ин се нафар дар мошин зинда ба зинда сӯхтанд. Касе бо сатили об давида омад, то ки оташро хомӯш кунад, аммо ӯро дағалона тела дода дур карданд. Доктор Сабханкар Гхош, дӯсти наздики Грэм, ҳар лаҳзаи он шаби фоҷианокро аниқ дар хотир дорад.

Қарибиҳои соати нӯҳ мо бо Стайнсҳо хӯроки шом хӯрдем ва дар соати 9:45 онҳо ба мошини худ, ки дар назди калисо монда шуда буд, барои хоб рафтанд. Ман низ, на он қадар дуртар аз калисо, дар яке аз кулбаҳо мехобидам. Якбора дар миёни шаб моро доду фарёдҳои баланд бедор намуданд ва ман ба тиреза нигоҳ кардам. Ман ба чашмони худ бовар карда наметавонистам. Ман дашномҳо, зарбаҳо, ҷаррангоси шишаи шикастаро мешунидам. Дар гирди мошини Стайнсҳо 50-60 нафар бо машъалҳо дар даст меистоданд ва фарёд мезаданд: «Зан! Зан!»

Сипас, онҳо тирезаҳоро ба табар ва таёқҳо зада майда мекарданд. Онҳо ба Грэм имконияти бо фарзандонаш гурехта рафтанро надоданд. Онҳоро бераҳмона зарбулат карданд. Баъд, ман дидам, ки чӣ тавр мошин аланга зад. Ман медонистам, ки дӯстони азизи ман зинда ба зинда месӯзанд, азбаски роҳзанҳо дарҳои тамоми кулбаҳоро аз берун маҳкам карда буданд, то ки ягон кас баромада натавонад ва ба кӯмаки Стайнсҳо наояд. Аммо, ба онҳое, ки баромадан муяссар гардид, роҳзанҳо ба мошин наздик шудан намонданд ва бо [зарбулат ва сӯзондан] таҳдид мекарданд.

Сокинони деҳа мешуниданд, ки чӣ тавр ҳамлакунандагон дар саргармӣ фарёд мезаданд: «Ғалаба, Дара Сингх!» Роҳзанҳо инчунин боз як ҷипи дигарро, ки дар назди калисо дар таваққуф гузошта буданд, оташ заданд. Онҳо ронандаро лату кӯб карда, ронданд. Баъд аз як соат дар назди калисо милисаи ба ғазабомада ҳозир шуд.

«Ҳар он касоне, ки дарҳои худро боз тавонистанд, ба берун давида баромаданд. Мо дар даҳшат будем. Грэм барои мо таҷҷассуми муҳаббати Масеҳ ва ғамхорӣ буд. Фарзандони ӯ бошанд – кӯдакони меҳрубон ва хушнуд буданд. Онҳо бо махавиён ва кӯдакони онҳо бозӣ карданро дӯст медоштанд! Наход бераҳмии инсонӣ сарҳад надошта бошад?»

Ана, Хасда, ронанда ва ҳамкори Стайнсҳо дар тӯли 29 сол чӣ нақл мекунад:

«Ман аз фарёдҳо бедор шудам. Дар гирди мошин, ки дар он Стайнсҳо мехобиданд, 50-60 нафар одам ҷамъ омада буд. Онҳо бо таёқҳо ва сангҳо тирезаҳоро мешикастанд. Баъзеи онҳо дар даст шохаҳо доштанд. Сипас, ман дидам, ки чӣ тавр дар таги мошин хасбеда мегузоранду, онро оташ мезананд. Ман сатилро гирифта, барои хомӯш кардани оташ давидам, вале маро қапида сахт лату кӯб карданд.

Ман ба кулбаи Марма давида рафтам, то ки аз воқеаи рӯйдодаистода хабар диҳам, ӯ бошад, дарҳол ба назди роҳбари деҳа равон шуд. Ба назди мошин баргашта, ман манзараи хункарахткунандаро дидам. Оташ аллакай ҳар ду мошинро сӯзонда нобуд кард, аммо Грэм, Филипп ва Тимотии ман ба лахчаҳо табдил ёфтанд. Ман хеле афсӯс мехӯрам, ки барои наҷот додани онҳо нотавон будам. Падару модари ман – махавиён ва беморони маркази офиятдиҳанда «Раҷабаса» буданд, ки Стайнсҳо онҳоро муолиҷа карданд. Стайнсҳо бо ман чун бо писари худ муносибат мекарданд. Филип ва Тимоти бо писарони ман бозӣ мекарданд ва онҳоро дар велосипед сайр мекунонданд. [Акнун] тақдири хизмат дар дасти Худост. Ӯ – тавоно аст».

Он шаб дар Манохарпур Гилберт Вентс низ, меҳмони Стайнсҳо аз Австралия буд, ки Грэмро дар вақти омадани худ ба деҳа ҳамроҳӣ мекард. Ӯ ҳам он шабро хеле хуб дар ёд дорад.

«Дар деҳа ҳама хоб буданд. Вале тақрибан соати 12:30, тӯдаи мардон дар кӯчаҳо бетартибиҳоро ба вуҷуд меоварданд. Онҳо фарёд мезаданд: «Набароед, набошад мекушем!»

Ман дар кулба будам. Ногаҳон барои худ, муайян сохтам, ки дарҳои он аз берун маҳкам карда шудаанд. Грэм ва кӯдакон дар мошин мехобиданд».

Дар дохили хона қарор дошта, Вентс намедонист, ки мошини дӯсти вайро оташ задаанд. Ӯ танҳо фарёдҳои даҳшатангези роҳзанонро мешунид. Дертар, вақте ки касе дарро аз берун кушод, ӯ ба кӯча давида баромад ва ба назди мошин шитофта,

танҳо оҳанбасти (каркас) нимсӯхтаи дудкардаистода ва се ҷасади ниҳоят бадшаклшударо, ки дар оғӯш ҷафс шуда буданд, пайдо намуд. Грэм ва писаронашро ҳатто марг ҷудо карда натавонист (ба сурат нг.).

Бисёр касон, ки дар он шаб наҷот ёфта тавонистанд, аз он шаҳодат медиҳанд, ки онҳо нури рахшонро, ки аз осмон ба автомобили сӯхтаистода мефаромад, диданд. «Ман бовар мекунам, – мегӯяд Гледис Стайнс, – шавҳари ман ва кӯдаконро Худованд ва фариштагон аз осмон ба таври махсус қавӣ гардонда буданд».

Вақте аз Гледис пурсиданд, ки оё ӯ кори худро дар Ҳиндустон мемонад, вай ҷавоб дод: «Ҳеҷ гоҳ. Шавҳарам ва кӯдакон ҳаёти худро барои ин халқ додаанд. Ҳиндустон – хонаи ман аст. Ман аз он хушбахтам, ки дар ин ҷо ҳастам: «Ман умед дорам, ки дар ҳамин ҷо мемирам ва дар миёни ин мардум дафн карда мешавам».

Индонезия, соли 1999

Дар моҳи январ, дар шаҳраки донишҷӯёни донишгоҳи Паттимур дар ҷазираи Амбон лагери масеҳӣ мегузашт. Ҳамин ки баст (смена) ба охир расид, ба ҳудуди лагер террористони мусулмон зада даромаданд ва маҳз ба онҳое дарафтоданд, ки аллакай рафтан мехостанд ва онҳое, ки ҳанӯз ҳам дар лагер қарор доштанд. (Инчунин ба қиссаи Рой Понто нг.).

Фарёдҳои террористон ва талаффузи буррои онҳоро шунида, ҳама пинҳон мешуданд. Ёрдамчии шӯбон Хендрик Паттивал ҳамсар ва кӯдакони хурдро дар яке аз ҳуҷраҳои бино пинҳон намуд. Аммо террористон ҳар кунҷи биноро кофтуков мекарданд ва ҳамаи масеҳиёнро ба берун мебаровардан, то ки ба онҳо ғазаби худро резанд.

Вақте ки овози фарёди террористон дар биное, ки Пативал бо оилаи худ пинҳон буд, шунида мешуданд, вай аз паноҳгоҳ

баромад ва онҳоро бовар кунонд, ки дар бино дигар ҳеҷ кас нест. Аз ҳама охир хонум Паттивал хитоби баланди шавҳарашро шунид: «Исо мадад кун!» Сипас, қадамҳои дур шудаистодаро. Оромӣ фаро расид. Танҳо баъд аз якчанд соат, қатъиян ба он боварӣ пайдо намуда, ки террористон ҳудуди лагерро тарк кардаанд, ӯ аз биное, ки дар он бо кӯдакон пинҳон мешуд, баромад. Хонум Паттивал дарҳол барои ҷустуҷӯи шавҳараш рафт ва тамоми шаҳраки донишҷӯёнро давр зада баромад. Вале кӯшишҳои ӯ беҳуда буданд, вай дар ҳеҷ куҷо набуд. Танҳо баъд аз чанд рӯз хонум Паттивал фаҳмид, ки террористон шавҳари ӯро зарбу лат намуда, корд зада куштаанд.

Хонум Паттивал ин хабарро аз полис шунид, ки худи он ӯро ба хонаи падару модари шавҳараш, ки ҷасади пайдокардашуда дар он ҷо меистод, бурд. Дар он ҷо ӯ вайро дар ҳолати мазоҳшуда дид, тамоми бадан кабуд гашта, бо захмҳои корд дар қафаси сина, китфҳо, дастон ва шикам буд. Онҳо аз марги бардавом ва пуразоби Хендрик аз дасти террористони ба ғазабомада, ки ӯро барои имони вай ба Исои Масеҳ ва барои рад намудан аз парастиш кардани Оллоҳ бад диданд, шаҳодат медоданд.

Намуди ҷасади шавҳараш дар чунин аҳвол хонум Паттивалро ба ҳолати садама мубтало кард. Вай мепурсид, ки чаро Худо ӯро ҳимоя накард. Чанд вақт ӯ дар ҳолати ноумедӣ аз Худо қарор дошт ва фаҳмида наметавонист, ки барои чӣ ин маҳз бо шавҳари вай рӯй дод. Аммо бо мурури вақт вай фаҳмид, ки қурбонии шавҳараш дар чашми Худо гаронбаҳо буд: «Мамоти порсоёни Худованд дар назари Ӯ гарон аст!» (Китоби забур 115:6).

Ӯ ба ёд овард, ки чанд рӯз пеш аз фоҷиа Хендрик аз вай пурсид: «Ту Исоро дӯст медорӣ?» Вай, албатта, ҷавоб дод, ки дӯст медорад. Он гоҳ ӯ гуфт, ки агар вай Исоро дӯст дораду, ба ҳар ҳол шавҳар ва кӯдаконро аз ин ҳам бештар дӯст дорад, пас ба Малакути Худо лоиқ нест. Сипас, илова намуд, гӯё медонист, ки баъд аз чанд рӯз чӣ воқеа рух медиҳад: «Ман барои Исо ба мурдан тайёрам».

Ҳамин тавр, хонум Паттивал фаҳмид, ки Худо ба фарзандони худ чизи беҳтареро медиҳад, ҳатто дар ҳолатҳои аз ҳама мушкилтарин ва ҳамеша ҳаёти онҳоро дар дасти Худ нигоҳ медорад. Вақте ки таблиғотчӣ аз ИМА аз хонум Паттивал пурсид, ки ба ҳамаи имондорон дар мамлакатҳои озод чӣ таманно дорад, вай ҷавоб дод: «Худоро аз самими қалб бичӯянд, то ки дар соати андӯҳ [бо Исо] истодагарӣ карда тавонанд».

Покистон, соли 1999

Шариф Масиҳ ва оилаи ӯ дар хонаи хурдакаке зиндагӣ мекарданд, ки онро дар ферма иҷора мегирифтанд ва шавҳараш дар он ҷо бо маблағи 100$ ва донагӣ бо нархи 50$ ҳар сол кор мекард. Ҳар сол ба ӯ лозим меомад, ки аз соҳибони худ пул қарз гирад, то ки оилаи худро бо хӯрок таъмин намояд. Пулҳои қарзгирифта ӯро ба ферма сахт побанд мекарданд ва ӯро ба ғулом табдил медоданд, зеро дар тӯли солҳои зиёди минбаъда вай онҳоро баргардонда наметавонист.

Шариф танҳо ду духтар дошт. Аз ҳама хурдӣ, Зеба, он вақт 12 сола шуд. Ӯ масеҳӣ буд. Барои ҳеҷ набошад, ба оилаи худ ёрдам кардан, Зеба ба хонаи як мусулмон ҳамчун хизматгор ба кор даромад.

Зеба духтараки хеле зебо ва ором буд, аз ин рӯ корфармо ба қароре омад, ки вай барои як марди мусулмон дар хона зани хуб мешавад. Бо кӯшиши Зебаро ба ислом рӯ оварондан, корфармо духтаракро маҷбур мекард, ки порчаҳоро аз Қуръон аз ёд кунад. Вай бошад рад менамуд.

Аз радкуниҳои доимии Зеба ба ғазаб омада, корфармо ва дигар хизматгорон ӯро бо чӯбҳо, муштҳо, пойҳо мезаданд ва ба ӯ туф мекарданд. Бо тӯҳмати онҳо духтаракро ҳатто бо айбдоркунӣ дар ҷиноят бар зидди давлат ба ҳабс гирифтанд, аммо аз набудани далелҳо ҷавоб доданд.

Дар бораи чунин муносибати бераҳмона бо духтараш шунида, хонум Масиҳ дарҳол ба хонаи кордеҳи ӯ рафт, то фаҳмад, ки барои чӣ ӯ бо тифлаки вай чунин рафтор менамояд.

Хонум Масиҳ аз тарафи кордеҳи духтараш ва хизматгорони мусулмони ӯ лату кӯб карда шуд, сипас, аз болояш бензин рехта оташ заданд. Ҳарчанд ҳамсояҳо фавран занро ба беморхона бурданд, вай ба ҳар сурат ҷон дод.

Аммо, ин ҳанӯз охири бадбахтӣ набуд. Апаи калонии Зеба, Асима, андӯҳи ба сари оилаашон омадаро паси сар карда натавониста, ақлашро гум кард ва баъди чанд ҳафта вафот кард.

Дар Покистон масеҳиёнро шаҳрвандони аз табақаи пасттаринҳо ҳам пасттарин меҳисобанд. Онҳо ба дуои бародарон ва хоҳарони дар Масеҳ аз мамлакатҳои дигар ниёз доранд.

Баъд аз чунин фоҷиаи вазнин масеҳиён ба Зеба барои омӯхтани забони англисӣ, малакаҳои дӯзандагиро аз худ намудан ва бурдани кор кӯмак карданд, то ки ба вай дигар лозим наояд, ки ҳамчун хизматгор дар дасти мусулмонон кор кунад. Дар соли 2001 бошад, барои пардохт кардани қарзи падараш маблағ ҷамъ карда шуд, ки ба ӯ имконият дод, ки аз вобастагии қарзӣ барояд ва кори баландмуздро пайдо намояд.

«Он гоҳ Подшоҳ ба онҳое, ки ба тарафи рости Ӯ ҳастанд, хоҳад гуфт: «Биёед, баракатёфтагон аз Падари Ман, Малакутеро, ки аз ибтидои офариниши олам барои шумо муҳайё шудааст, мерос бигиред: Зеро, ки гурусна будам, ба Ман хӯрок додед; ташна будам, ба Ман об додед; ғариб будам, Маро пазируфтед; Бараҳна будам, Маро пӯшондед; бемор будам, Маро аёдат кардед; дар зиндон будам, ба дидани Ман омадед». Он гоҳ, одилон дар ҷавоб хоҳанд гуфт: «Худовандо! Кай Туро гурусна дидему хӯрок додем? Ё ташна дидему об додем? Кай Туро ғариб дидему пазируфтем? Ё бараҳна дидему пӯшондем? Кай Туро бемор ё маҳбус дидему ба дидани Ту омадем? Ва Подшоҳ дар ҷавоби онҳо хоҳад гуфт: «Ба ростӣ ба шумо мегӯям: он чӣ ба яке аз ин бародарони

хурдтарини Ман кардаед, ба Ман кардаед» (Инҷил аз Матто 25:34-40).

Индонезия, соли 1999

Дар моҳи январ кӯдакони масеҳӣ ва наврасон дар лагер буданд, ки дар шаҳраки донишҷӯёни донишгоҳи Паттимур дар ҷазираи Амбон гузаронда мешуд. (Инчунин ба қиссаи Хендрик Паттивал нг.). Дар охири баст мошинҳоро ба ҳудуди лагер оварданд, то ки кӯдакон ва наврасони хушнуду дамгирифтаро хона ба хона баранд. Аммо дар мошинҳое доштанд, ба ҳама ҷой намерасид. Шӯбон Мэкки Сайняки бо се бародари дигарӣ ба деҳаи наздиктарин Вакал равона шуданд, то ки боз нақлиёт пайдо кунад.

Дар роҳ ба онҳо террористони мусулмон ҳамла карданд. Шӯбон Мэкки ва боз як масеҳии дигар кушта шуданд, ду бародари дигар наҷот ёфта тавонистанд. Ҷасадҳои шӯбон ва бародари ӯро террористон дарҳол сӯзонданд.

Аммо, дар ин вақт, дар лагери масеҳӣ кӯдакон ва наврасонро фарёдҳо ва бурро талаффуз карданҳои мусулмонҳо ба воҳима андохтанд. Ҳама ба пинҳоншавӣ даромаданд. Вақте ки террористон омаданд, онҳо тамоми биноро кофта баромаданд ва ҳамаи масеҳиёнро ба берун баровардаанд. Дар байни кӯдакони масеҳӣ Рой Понто низ буд.

Рой хеле тарсид, ӯ бо тамоми бадан аз тарс меларзид, лекин вай то он дараҷа натарсида буд, ки аз имон ба Исои Масеҳ даст кашад, ҳатто бо таҳдиди марг. Вақте ба Рой гуфтанд, ки вай бояд ба ислом рӯ орад ва сарбози Оллоҳ шавад, ӯ тамоми мардонагии худро ҷамъ карда бо овози ларзон талаффуз намуд: «Ман – сарбози Масеҳ ҳастам!».

Ҷавоби Ройро шунида, мусулмони дарғазабшуда шамшерро бардошт ва кӯшиши аз дасти писар Китоби Муқаддасро, ки онро дар пеши худ нигоҳ медошт, зада афтонданро карда, ангуштони

дасташро бурид. Сипас, ӯ аз нав шамрерро гирифта шиками ӯро дарронд. Як лаҳза пеш аз марг Рой сухани охирини худро, ки арзиш ва маънии ҷовидонӣ дорад, талаффуз намуд: «Исо!»

Мусулмонҳо ҷасади Ройро ба чуқурӣ партофтанд, гӯё ки он ҷисми ҳайвон бошад. Танҳо баъд аз чор рӯз ба наздикони писар имкон дод, ки ӯро пайдо кунанд, шӯянд ва бо одати масеҳӣ дафн кунанд. Ҳарчанд ҷони падару модари Рой Понто аз андӯҳ афгор гашта буд, онҳо ба ҳар ҳол аз имони писари ҷавони худ ба Исои Масеҳ ифтихор мекунанд.

22.
Азияткашони садсолаи имрӯза

Индонезия, соли 2000

Кӯдакони зиёди синни мактабӣ дар ҷазираи Харуку як ё ҳар дуи волидони худро аз сабаби мавҷи таъқиботи масеҳиёни ба наздикӣ рӯй дода, аз даст додаанд.

Мария Ненкеулахи чордаҳсола нақл мекунад, ки фоҷиа ба оилаи онҳо омад, вақте ки дар моҳи январ модар ва падараш ӯро барои нигоҳубини кӯдакони хурдӣ монда рафтанд.

«Ман онҳоро то соати даҳ интизор шудам ва ҳайрон мемондам, ки чаро онҳо барнамегарданд», – мегӯяд Мария.

Волидони Мария барнагаштанд, зеро қурбониёни мусулмонони қатъиян барангехташуда гардиданд. Ҷасадҳои онҳоро дар чуқурии чоҳи деҳа, бо баргҳои дарахти банан пӯшидашуда ёфтанд.

Барои Мария бахшидани қотилони падару модараш осон нест: «Ман намедонам, ки оё, метавонам онҳоро бахшам, охир онҳо падару модари маро куштанд».

Шаш бародар ва хоҳарони хурдии Мария акнун аз ҳам ҷудо карда шудаанд ва дар хонаҳои хешу таборони гуногун зиндагӣ мекунанд. Мария аз масеҳиён хоҳиш мекунад, ки барои ӯ дуо гӯянд. «Дуо гӯед, то ки Худо ба худм ман имконияти ба бародар ва хоҳарони худ ғамхорӣ карданро диҳад», – мегӯяд вай. Дуо кунед, ки Ӯ ба вай барои бахшидани қотилони падару модараш қувват низ диҳад.

Нигерия, соли 2000

Сарата Турундуи сиюпанҷсола дар мактаби якшанбегӣ, дар назди калисои Рехобот дар Кадуна ба кӯдакон таълим доданро дӯст медошт. Худи ӯ оиладор набуд ва фарзанд ҳам надошт, аз ин сабаб кӯдакони калисо дар қалби вай ҷойи махсусро ишғол менамуданд. Қалби вай чунон бузург буд, ки дар он бисёр касон ҷой мегирифтанд. Дӯстон ва хешовандон нақл мекунанд, ки Сарату доимо муҳаббати Масеҳро нишон медод ва дилсӯзию ғамхории калонро чӣ ба масеҳиён ва чӣ ба мусулмонон дар ҷамъомади масеҳӣ, ки дар он ҷо зиндагӣ мекард, нишон медод.

Дар моҳи феврал мусулмонон ба масеҳиён ҳамла оварданд, хонаҳо, мағозаҳо ва калисоҳои онҳоро сӯзонданд. Гарчанде, аксарият, ки аз бераҳмӣ ва нафрат нисбати худ ба ҳарос омада буданд, деҳаро тарк намуданд, Сарату наҳаросид. Вақте ки террористон ба деҳаи дӯстдоштаи вай ҳамла оварданд, вай ба ҷангал фирор накард, чуноне ки бародарон маслиҳат дода буданд, балки бар ҳимояи он бархост, ҳарчанд, чуноне ошкор гардид, бенатиҷа буд.

Сипас, вай ба хона барои дуо гуфтан барои масеҳиён рафт. Мусулмонҳои ба ғазабомада ба хонае, ки Сарата дар он зиндагӣ мекард, бензин рехтанд ва онро оташ заданд. Духтар зинда ба зинда сӯхт.

Бародари хурдии ӯ шӯбон Турунду, мегӯяд, ки хоҳари вай ба хотири он, ки вай – масеҳӣ буд, кушта шуд. «Ман ҷасади хоҳари худро дидам, он сӯхта хокистар шуд».

Калисои Рехобот инчунин сӯзонда шуд, аммо аъзоёни вай дар миёни деворҳои сӯхташуда ҳанӯз ҳам барои ибодат ҷамъ меомаданд. Ҳама ҳуҷҷатҳои калисо, маводҳои мактаби якшанбегӣ ва китобҳои шӯбон Закари бо оташ нобуд карда шуданд.

Шӯбон мегӯяд, вай онҳоеро, ки дар ин бадкории хунрезӣ дар Кадуна иштирок мекарданд, бахшидааст. «Ман ғам ва хашми худро ба Худованд додам, – мегӯяд вай. – Акнун ман барои онҳо танҳо дуо мегӯям ва аз Худо тавалло мекунам, ки ба ман барои ба имон овардани онҳо кӯмак кунад». Муҳаббати Саратуро, ки нисбати мусулмонон дошт, дониста, ман боварӣ дорам, ки ӯ низ, ҳатман ҳамин тавр дуо мегуфт».

Судон, соли 2000

Мусулмонҳо дар деҳа дар тӯли рӯзҳои зиёд бедодгарӣ мекарданд, масеҳиён ҳатто метарсиданд, ки барои харидани хӯрок аз хона бароянд. Камеринои даҳсола чанд рӯз аст, ки аллакай хӯрок намехӯрад ва ҳарчанд дарди гуруснагиро аллакай ҳис намекард, вай медонист, ки агар барои худаш ва бибияш хӯрок наёбад, онҳо ҳарду аз гуруснагӣ мемиранд.

Пайравони ислом аллакай ҳаёти волидони вайро гирифтанд ва аз эҳтимол дур нест, ки ҳаёти ӯро низ мегиранд, агар вай барои ҷустуҷӯи хӯрок ба берун барояд. Лекин, магар, вай интихоб дошт? Аз ин рӯ Камерино ва се дӯсти вай қарор карданд, ки барои пайдо кардани хӯрок субҳи дигар мебароянд.

Бибияш писарчаро бо шарте сар дод, ки вай худи ҳамон рӯз бармегардад.

Кӯдакон субҳи барвақт, ҳамин ки офтоб баромад, рафтанд. Аз нобарорӣ дар ҷустуҷӯи хӯрок маъюс гашта, писарҳо дар бораи хатар фаромӯш карданд ва ба гурӯҳи сарбозони

исломӣ бархӯрданд. Афсар ба онҳо фармон дод, ки наздиктар биёянд. Аз он тарсида, ки онҳоро мекушанд, ба ғуломӣ мефурӯшанд ё ба ислом рӯ меоваронанд, кӯдакон гурехтанд ва дар саҳрои наздиктарин дар миёни алафҳо пинҳон шуданд. Онҳо мешуниданд, ки чӣ тавр сарбозон бо таҳдидҳо онҳоро маҷбур мекарданд, ки бароянд ва диданд, ки чӣ тавр онҳоро дар алафҳо мекобанд. Диданд, ки сарбозон мераванд, писарҳо фикр карданд, ки онҳоро кофтуков кардан ба дилашон задааст.

Аммо, сарбозонро он ба ғазаб оварда буд, ки ба чор писар онҳоро фиреб додан муяссар гардидааст. Онҳо саҳрои начандон калонро иҳота карда онро оташ заданд. Ҳалқаи аланга ҷафстар мегардид, кӯдакон ба марказ наздиктар мешуданд, лекин вақте ки забонаҳои оташ ба ҳам омаданд, онҳо дигар илоҷ надоштанд. Се нафар аз дӯстон қарор карданд, ки аз саҳро гурезанд ва кӯшиш намуданд, ки аз сарбозон пинҳон шаванд. Вале кӯшиши онҳо беҳуда буд. Онҳо бо сарбозон зуд ва осон дастгир шуда буданд. Ҳамин тавр, тақдири онҳо, хоҳ он марг ё ғуломии мусулмонӣ бошад, ҳал карда шуд.

Камерино қарор кард, ки дар саҳро мемонад. Вай кулӯла шуда дар миёни аланга мехобид. Вақте ки саҳро пурра сӯхта шуд, сарбозон дар ҷустуҷӯи писари чорум онро бодиққат дида мебаромаданд. Онҳо ҷисми беҷони аз сар то по сӯхтаи Камериноро ёфтанд ва фикр карданд, ки писар мурдааст. Сарбозон рафтанд ва бо худ се асирони хурдро гирифтанд.

Пас аз чанд рӯз гурӯҳи таблиғотчиён, ки кӯрпа ва дигар ашёҳои ёрдами гуманитариро ба ҷануб ба масеҳиёни судонӣ мерасонданд ва аз тарафи шимолии деҳаи Кит, на дуртар аз қуввахои мусаллаҳи исломӣ гузашта мерафтанд. Он рӯз онҳо филми «Исоро» намоиш медоданд, кӯмакҳоро тақсим мекарданд ва барои субҳи рӯзи дигар баргаштан омодагӣ медиданд. Чанд мил аз деҳа онҳо базаи ҳарбии судонро пайдо намуданд ва барои тақсим кардани кӯрпаҳо ба занҳо ва фарзандони сарбозон

ворид шуданд. Онҳо барои сӯҳбат кардан бо афсарон барои чанд дақиқа нишастанд.

Дар вақти сӯҳбат ба база як зани судонӣ омад ва ба назди таблиғотчиён наздик шуда, хоҳиш намуд: «Илтимос, бо ман биёед. Илтимос, ба ин писар нигоҳ кунед. Вай дар пӯст мушкилиҳо дорад».

Онҳо нафаҳмиданд, ки зан чиро дар назар дошт, вақте гуфт, ки писар «дар пӯст мушкилиҳо дорад», таблиғотчиён аз паси ӯ ба деҳа рафтанд. Дар хоначаи хурдакак, ки дар бинои сементӣ қарор дошт, на равшанӣ ва на тирезаҳо буданд. Яке аз мардон ҷароғаки худро даргиронд ва бо он фаршро равшанӣ медод. Дар кунҷи хона ҳама писарро дар пораи клиёнкаи сабз, ки дар фарши сементӣ паҳн карда шуда буд, хобида диданд. Ӯ ба кӯрпаи кӯҳнаи шикофшуда худро мепечонид. Ӯ чашмони аз дард пуршудаи худро аз равшании тез нимпӯш мекард, лекин ягон сухане талаффуз намекард.

Ду нафар дар болои писар хам шуданд ва эҳтиёткорона кӯрпаро бардоштанд. Ҷароҳатҳои ӯ дар маънии аслии ин калима бо садҳо магасҳо часпида шуда буданд. Пӯст бо обилаҳо ва ҷойҳои кафида фаро гирифта шуда буд ва аз он бӯи гӯшти бирёншуда меомад. Дар баъзе ҷойҳои сӯхта як чизи моеъи бунафшранг молида шуда буд, ки аз он шаҳодат медод, ки зан беҳуда кӯшиш намудааст, ки ҷароҳатҳои писарро табобат кунад. Ин Камерино буд.

Баъд аз он ки Камерино бо дӯстонаш ба деҳа барнагаштанд, бибии ӯ аз ҳамсояҳо хоҳиш намудааст, ки набераашро кофта биёранд. Писарро ёфтанд, вақте ки вай ба хона бармегашт. Баъд аз он, ки пайравони ислом рафтанд ва ӯ дар саҳро ба худ омад, вай тавонист ба по хезад ва ба сӯи деҳа ҳаракат намояд.

Вай каме роҳ гашта тавонист, вақте ки ҳамсояҳо ӯро ёфтанд. Қафаси синаи вай чунон сахт сӯхта буд, ки ӯ базӯр нафас мекашид, пойҳояш бошад, чунон сӯхта буданд, ки вазни баданро базӯр меқапиданд.

Камериноро ба хона оварданд, дар хонаи хурде гузоштанд ва дар нигоҳубини бибии нотавонаш монданд. Агар дар тақдири ӯ

зинда мондан буд, пас ин бояд қатъиян ба туфайли қуввати худи ӯ ба амал меомад. Лекин, ба ин кам умед буд. Ба беморхонаи масеҳӣ бурдани писарбача, ки дар панҷоҳ мил қарор дошт, ягон хел имконият набуд. Баъд аз фоҷиа ҳашт рӯз гузашт.

Қиссаи Камериноро шунида, таблиғотчиён дар кузови мошини боркаш ҷой холӣ карданд, аз гирди клиёнка бардошта писарро ба кузов гузаронданд. Онҳо бибии писарро бовар кунонданд, ки набераашро ба беморхона мебаранд ва дар он ҷо ба ӯ кӯмаки ҳақиқӣ мерасонанд.

Забони англисиро қисман фаҳмида ва аз суръати тези воқеаҳо, ки ба амал меомаданд, ба ҳарос омада, Камерино барои сухан гуфтан, сахт тарсида буд. Ҳар бор, вақте ки мошини боркашро дар роҳ талқон медод, ӯ танҳо аз дард дод мегуфт. Мутаассифона, роҳ ба сӯи шаҳр рост набуд ва мошин ҳар замон ба ҳар тараф меҷунбид.

Ҳарчанд Судон аз марг ва азобҳо пур аст ва ҳазорҳо судониҳо ҳамасола аз дастони пайравони ислом, беморӣ, гуруснагӣ ва қашшоқӣ мемиранд, ягона хоҳиши таблиғотчиён он буд, ки писари судониро, ки бадани ӯ аз алангаи нафрат чунон зарар дида буд, ба ҷои бехавф бурдан буд, ки он беморхонаи масеҳии Нимулӣ мебошад, ки дар он ҷо ба ӯ мадади тиббии ҳақиқиро нишон дода метавонанд.

Дар назди беморхона ҳамшираҳои шафқат оҳиста Камериноро аз кузови мошини боркаш ба занбарҳо гузоштанд ва ба ҳуҷра бурданд, то ки дарҳол табобатро сар кунанд. Ҳангоми навиштани ин қисса Камерино дар ҳолати шифоёбӣ қарор дошт, ҳарчанд пайи фоҷиа дар тани ӯ то охир боқӣ мемонад.

Ба дархости мо оид ба вазъияти саломатии Камерино хизмати «Овози азияткашон» ҷавоби зеринро пешкаш намуд:

«Дар ҳолати кунунӣ Камерино дар хонаи кӯдакон зиндагӣ дорад ва таҳти нигоҳубини мурабияи масеҳӣ қарор дорад. Мо аз Худо барои имони вай миннатдорем. Вай мегӯяд,

ки вақте ба воя мерасад, пас кӯшиш мекунад, ки оилаи худро пайдо кунад, то ки ҳама аз нав якҷоя шаванд. Дар Судон боз оилаҳои зиёд бо сабаби ин фоҷиаи мудҳиш аз ҳам ҷудо шудаанд. Мо дуо мегӯем, ки Камерино оилаи худро ёфта тавонад ва бо он пайваст шавад».

Индонезия, соли 2000

Яке аз фоҷиаҳои калонтарин дар Индонезия дар соли 2000 дар ҷазираи хурдакаки Касиуй ба вуқӯъ омад, ки дар ду соати ҳаракат дар қаиқ аз Амбона ҷойгир шудааст. Он дар моҳи Рамазон, моҳи муқаддаси рӯзадорӣ ва дуо рӯй дод. Тақрибан ҳазор пайравони исломии мусаллаҳи ба таври қатъӣ барангехташуда, ҷанговарони ҷиҳод, ба аҳолии масеҳии ҷазира ҷанг эълон намуданд. (Нг. ба мақолаи «Рамазон» ва «Бераҳмии бо рамазон алоқаманд»).

25 ноябр онҳо ба сӯзондани хонаҳо сар карданд, қариб дусад масеҳиро гирд оварданд ва онҳоро дар масҷиди маҳаллӣ маҳкам карданд. Вақте ки хабари он ба деҳаҳои наздиктарин расид, сокинони он дар ҷангалҳо пинҳон мешуданд. Ҷанговарони ҷиҳод (ҷанги муқаддас) хонаҳо, мактабҳо ва тамоми Китобҳои Муқаддаси онҳоро, ки навакак онро пайдо карда буданд, оташ заданд.

Сарбозон камингоҳҳо сохтанд ва дар он ҷо онҳоро дар давоми панҷ рӯз интизор мешуданд, дар вақте ки бошандагони маҳаллӣ фикр карданд, ки онҳо рафтаанд ва аз паноҳгоҳҳои худ баромаданд. Онҳоро гирд карда дар худи ҳамон масҷид, ки дар он масеҳиён аллакай дар ҳабс буданд, маҳкам карда шуданд.

Дар вақти ин фоҷиа сокинони ҳафт деҳа кушта шуданд, ки дар миёни онҳо ду муаллим, ки кӯшиш мекарданд, ки мусулмонони маҳаллиро, ки на он қадар қавӣ буданд, ба раҳму шафқат даъват намоянд, сар бурида шуданд. Сари яке

аз муаллимонро дар чӯб халонда дар даромадгоҳи масҷид, чун огоҳӣ ба масеҳиёни боқимонда гузоштанд.

Қариб панҷсад асиронро дар ҳабс нигоҳ дошта, ҷанговарони ҷиҳод мувофиқи оини мусулмонии «тозашавӣ» ба болои онҳо об мерехтанд. Маринаи чордаҳсола зор-зор мегирист, вақте ки ба болои вай обро ҳамчун қабулкунии ислом мерехтанд, зеро ӯ фикр мекард, ки ба таври маҷбурӣ гузарондани оин ба ӯ маънии аз Исои Масеҳ даст кашидани ӯро дошт. Баъд аз ин занони мусулмон ба таври зӯроварӣ ӯро хатна карданд.

Ба болои масеҳиён об рехта, мусулмонони мусаллаҳ онҳоро гирд оварданд ва порчаҳои Қуръон ва дуоҳои исломиро бурро талаффуз мекарданд. Онҳоеро, ки рад менамуданд, лату кӯб мекарданд ва маҷбур мекарданд, ки дар зери офтоб бе хӯроку об истанд.

Баъд аз ин, ҳамаро баргашта ба масҷид бурданд, то ки маросими «ба ислом бахшидашавиро» ба охир расонанд.

Ба онҳо гуфтанд: «Агар шумо аз таг хатна шудан нахоҳед, мо шуморо аз боло хатна мекунем», онҳо хатнаи маҷбурии мардон, занон ва кӯдаконро дар назар доштанд. Масеҳиён дар мақсади ҷиддии ҷанговарони ҷиҳод шубҳа надоштанд, ба онҳо танҳо лозим меомад, ки ба сари муаллими мактаб, ки дар пеши масҷид овезон буд, нигоҳ кунанд, то ки фаҳманд, ки маънии «мо шуморо аз боло хатна мекунем» кадом маъноро дошт.

Дар давоми ду рӯз мусулмонон хона ба хона мегаштанд ва даҳҳо масеҳиёнро бо як теғ, бе антисептикҳо, доруҳои бедардкунанда ва ҳатто бе маводҳои бастанӣ хатна мекарданд. Ҳамин тавр, шашсад масеҳӣ ба таври зӯроварӣ хатна карда шуданд, аз он ҷумла панҷсад кӯдак. Ба қурбониён мегуфтанд, ки онҳо бояд аз оини хатнакунӣ гузаранд, то ки мусулмони «ҳақиқӣ» гарданд.

Ҳатто кӯдакони хурд хатна карда шуданд. Емилианаи шашсола ин озмоишро оромона аз сар гузаронд, вай барои фаҳмидани он, ки бо ӯ чӣ рух медиҳад, хеле хурд ва ҳаросида буд.

Ба Томас Расини сисола хабар доданд, ки ӯ бояд «пайрави ислом шавад ё бимирад». Вай нақл мекунад, ки ҳатто ба ҳамлакунандагони мусаллаҳ кӯшиши муқовимат карданро нанамуд. «Ман сахт метарсидам, ман ҳеҷ гоҳ бо чизи ба ин монанд рӯ ба рӯ нашуда будам, – мегӯяд ӯ. – Ман ду рӯзро дар бистар гузарондам ва аз ҷо хеста наметавонистам».

Ҳамсари Томас, Эстер низ аз хатнаи маҷбурии худ нақл намуд. Ду зани мусулмон аз дастони вай медоштанд, то даме, ки бо теғ узвҳои таносули вайро мебуриданд. Бо вуҷуди ин, нафрати ӯ нисбати зӯроваронаш гум шуд, вақте ки вай бораи онҳо дуо мегуфт. «Акнун ман худро беҳтар ҳис мекунам ва ҳамаи онҳоеро, ки нисбати ман ин бадиро раво дидаанд, мебахшам», – мегӯяд Эстер.

Аммо, шавҳари Эстер, инчунин шумораи зиёди мардони дигар, ҳанӯз ҳам файз ва қуввати рӯҳии зарурирo барои бахшидани дилозорони худ нагирифтаанд. Баъзе аз онҳо ҳатто ба мусулмононе, ки онҳоро маҷбурӣ хатна кардаанд, қасд мекарданд.

Мо аз масеҳиён хоҳиш мекунем, ки барои бародар ва хоҳарони таъқибшавандаи худ дар Масеҳ дуо гӯянд, то ки онҳо аз Худо оромӣ ва файз гиранд, ки ба онҳо барои бахшидани таъқибкунандагони худ кӯмак мекунад.

Нигерия, соли 2000

Дар иёлотҳои шимолии Нигерия қонунгузории исломӣ – шариат (маҷмӯи қонунҳо ва ҷазоҳо барои вайрон кардани онҳо, ки Қуръон фармудааст, масалан буридани даст барои дуздӣ) қабул карда шуд. Қабул кардани ин қонун ҳам ба мусулмонҳо ва ҳам ба онҳое, ки мусулмон нестанд, таъсир расонд. Масеҳиён ба қабули ин қонун эътироз баён карданд ва барои ин аз тарафи мусулмонони қатъӣ ба ҳамлаҳои бераҳмона дучор шуданд. Дар моҳи феврал 260 калисоҳои масеҳӣ ва зиёда аз 460 масеҳиён

кушта шуданд. Аксарияти мардонро бурида пора–пора карданд, ҷасадҳои онҳоро бошад, ба чоҳҳо мепартофтанд. Аксарияти онҳоро то ба ҳол пайдо накардаанд.

Ҳамсари яке аз шӯбонони кушташуда, Роуз, аз он нақл намуд, ки ӯ чиро аз сар гузарондааст. Духтари калонии вай дар мактаб буд. Вақте ки Роуз аз воқеаи рухдодаистода бохабар шуд, ӯ ду духтари то синни мактабии худро дар хона маҳкам кард ва сахт таъкид намуд, ки дарро ба касе накушоянд, худаш бошад, дар велосипед ба мактаб рафт.

Дар роҳ Роуз ба террористони мусулмон дучор омад. Онҳо гуфтанд, ки зан набояд велосипед ронад ва ба ӯ таҳдид намуданд. Хушбахтона, яке аз роҳзанҳо тарафи ӯро гирифт ва гуфт, ки вай метавонад равад, фақат бе велосипед. Роуз бо онҳо қариб як мил роҳ рафт.

«Худо ба ман кӯмак кард, – мегӯяд вай. – Ӯ ба онҳо иҷозат надод, ки ба ман зарар расонанд. Ӯ маро ҳимоя кард».

Вақте ки ниҳоят зан то мактаб расид, пас фаҳмид, ки духтараш аллакай дар он ҷо нест. Ӯро бо ҳамроҳии дигар кӯдакон барои бехатарӣ ба базаи ҳарбӣ бурданд. Роуз ба он ҷо рафту духтарашро пайдо намуд. Онҳо якҷоя ба хона баргаштанд, ки дар он ҷо кӯдакони хурд, дар ҳарос, аммо дар амният онҳоро интизор буданд.

Дар рӯзи дигар шавҳари Роуз ба ибодати масеҳӣ рафт. Дар он рӯз Роуз бори охир ӯро зинда дид. Вай дар вақти ибодат, ҳангоми ҳуҷум аз тарафи мусулмонони қатъиян барангехташуда кушта шуд. Танҳо баъд аз чанд рӯз, андаке пештар аз дафни умумӣ, ҷасади ӯ бо яке аз дӯстонаш шинохта шуд. Роуз хеле шод аст, ки акнун шавҳари вай қабри худро дорад ва фарзандони онҳо метавонанд ба он ҷо раванд.

Баъд аз марги шавҳараш Роуз бо воситаи Навиштаҷот оромӣ пайдо кард, хусусан бо воситаи Китоби Аъмол. «Худи ҳамон Худо, – мегӯяд вай, – ба сангсор намудани [ва марги] Стефан роҳ дод ва ба Петрус иҷозат дод, ки аз маҳбасхона барояд.

Худо ҳақ аст ва файзи Ӯ [барои мо] басанда аст». Роуз ҳанӯз ҳам дар калисое, ки шавҳараш шӯбон буд, хизмат мекунад ва се кӯдакро ба воя мерасонад.

Ду авфшудагон

Дар вақти худи ҳамон фоҷиа, ки дар он шавҳари Роуз ҳалок шуд, писарча Ҷошуа шоҳиди марги падари худ аз дасти экстремистони мусулмон гардид. Пеш аз марг модари вай аз қотилон тавалло менамуд, ки аввал писари онҳоро кушанд, то ки вай дар кӯчаҳо сарсону саргардон нагардад ва садақапурсӣ накунад. Мусулмонон ба Ҷошуаи дусола нигоҳ карданд, сипас ба модараш ва пас аз мунозираи начандон дароз, хонаи онҳоро тарк карданд ва онҳоро зинда монданд.

Рамазон

Рамазон – моҳи муқаддаси рӯзадорӣ ва дуо барои мусулмонон мебошад. Яке аз панҷ сутунҳо дар ислом, рамазон – моҳи нӯҳуми тақвими исломӣ мебошад. Дар асоси тақвими исломӣ давраи моҳтобӣ меистад ва ҳар моҳ аз мавқеи моҳтоб оғоз меёбад ва ба анҷом мерасад. Дар давоми ин моҳ ҳама калонсолон ва кӯдакони калонӣ аз субҳ то бегоҳ рӯза медоранд.

Бераҳмие, ки бо рамазон алоқаманд аст

Гарчанд, бераҳмӣ ҳаёти ҳақиқии доимии Алҷазоири солҳои 90 гардида бошад ҳам нишонаҳои даҳшатноктарини он ба ҳар ҳол, дар вақти иди ҳарсолаи исломии моҳи муқаддаси рамазон ҷо доранд. Аз оғози ҷанги шаҳрвандӣ дар Алҷазоир дар соли 1992, дар вақти рамазон ҳамасола ба ҳисоби миёна шашсад одам мефавтид.

Бераҳмие, ки бо рамазон алоқаманд мебошад, шаклҳои махсусан даҳшатоварро дар солҳои 1997 ва 1998 пайдо намуд.

Дар соли 1997 дар давоми моҳи рамазон, ки аз рӯи тақвими ғарб ба аввали моҳи январ рост меояд, исломистон ҷанги террористии миқёси васеъ доштаро оғоз намуданд ва таҳдид намуданд, ки то ин вақт 50 бомбаро метарконанд. Дар натиҷаи ин ҷанг чандсад нафар одам ба ҳалокат расид.

Дар соли 1997 ва 1998 моҳи рамазон бо кордкашӣ ва хунрезӣ оғоз ёфт, ки шумораи онро ба ҷанги шаҳрвандӣ баробар кардан мумкин аст. Гурӯҳҳои мусаллаҳи исломӣ як зумра кушторҳои оммавиро дар чор деҳа дар наздикии шаҳри Релизани Алҷазоир, ки дар 290 километр ғарбтар аз пойтахти Алҷазоир қарор дорад, гузаронданд. Аз рӯи маълумотҳои ғайрирасмӣ, қурбониёни он 412 нафар гардиданд.

Ин воқеаҳо рамазони аз ҳама бераҳмтаринро дар вақти ҷанги шаҳрвандӣ ошкор намуданд. Ҷамъулҷамъ, қариб ҳазор нафар одамон, асосан аҳолии шаҳрвандӣ, ҳангоми ҳамлаҳои мусаллаҳонаи террористони тарафдорони ислом дар ҳафтаи аввали рамазон ба ҳалокат расиданд.

Хитой, соли 2000

Дар моҳи апрел аллакай бори чандум аст, ки шӯбон Ли Де Ксан ба ҳабс гирифта мешавад. Ҳабс маҳз дар худи ҳамон рӯз рост омад, вақте ки ИМА дар маҷлиси ТДМ (ООН) дективаро оид ба назорати риоя кардани ҳуқуқи инсон дар Хитой эълон намуд. Шӯбон Лиро дар шаш моҳи охир сездаҳ маротиба барои «маъвизаи иҷозат надодашуда» дар Хуа Ду ба ҳабс гирифтанд.

Чанд маротиба дар гузашта ҳукуматдорони Хуа Ду баён мекарданд, ки онҳо шӯбон Лиро ба ҳабс намегиранд, аммо такрор ба такрор барои ба ҳабс гирифтани ӯ фармон медоданд. Танҳо ба қарибӣ аз он маълум гардид, ки фармонҳоро оиди ҳабси Ли Идора бо корҳои дин дар Гуанҷоу дода буд.

Шӯбонро ба маҳбасхона оварда ӯро дарҳол ба занҷирҳо маҳкам карданд. Дар муқоиса аз дигар маҳбусон, ба Ли ду

ҷуфти ғӯлачӯбҳоро андохтанд ва онҳоро дар буҷулаки пой бо мехи печдор сахт ҷафс намуданд.

Сипас, ба ғӯлачӯбҳо чӯби дарози пӯлодинро бо ҳалқа дар байн часпонданд, ки он пойҳои шӯбонро дар бари зиёд, назар ба андозаи бари китфҳо акс менамуд. Сипас, ба дастони вай дастбанд андохтанд, ки занҷирҳои онро ба сурохии ҳалқа, ки дар чӯб буд, даровардаанд. Ба ӯ лозим меомад, ки дар чунин ҳол нишинад ва китфони ӯ дар байни пойҳояш қарор мегирифтанд ва ӯ қоматашро рост карда наметавонист ё миёнашро қад кунад. Коркунони маҳбасхона шӯбонро партофта рафтанд ва сухане нагуфтанд ва нафаҳмонданд, ки барои чӣ ӯро ба ҳабс гирифтанд ва то чанд муддат.

Рӯзи дигар дард дар китф ва миён тоқатфарсо гардид. Ли боварӣ дошт, ки агар ӯро дар чунин ҳолат ба мӯҳлати дароз мегузоштанд, миён маҷрӯҳ мешуд.

Баъд аз се рӯзе, ки дар давоми он ба ӯ на хӯрок, на об медоданд, ба ғайр аз он чизе ки маҳбусиёни дигар ба ҳам медиданд, аз шӯбон ғӯлачӯбҳоро кашиданд ва вай аз нав қоматашро рост намуд. Ӯ шод буд, ки миёни вай ҷароҳат набардошт.

Азбаски, дастони шӯбон акнун озод шуда буданд, ӯро барои иҷро кардани корҳои ба маҳбусиён таъиншуда маҷбур карданд. Чӣ хеле ки тааҷҷубовар набошад, он аз тайёр кардани занҷиракҳои иди Мавлудӣ барои ИМА иборат буд. Ҳазл дар он буд, ки аксарият амрикоиҳо, ки занҷиракҳои Мавлудиро харидорӣ мекунанд, масеҳиён мебошанд, ки мехоҳанд хонаҳои худро дар ҷашни иди Мавлуди Исои Масеҳ оро диҳанд, аз он пай намебаранд, ки занҷиракҳои онҳо истифода мебурда, дар маҳбасхонаи Чин бо дастони шӯбон, ки барои маъвизаи Инҷил дар ҳабс мебошад, омода мегарданд.

Бе айнак Ли қариб ки ҳеҷ чизро намедид, дар маҳбасхона бошад, айнак набуд. Аз ин рӯ вай базӯр ҷузъиётҳои бисёр хурди занҷиракҳоро дида метавонист. Ҳар рӯз ӯ бояд 4

ҳазор чароғакҳоро мечид. Ҳар рӯз, вақте ки вай миқдори муқарраршударо иҷро намекард, ӯро лату кӯб мекарданд. Кор ҳар рӯз соати шаши субҳ оғоз мегардид ва соати ёздаҳи шаб анҷом меёфт. Рӯзи кории ӯ ҳабдаҳ соатро ташкил мекард.

Баъд аз ду ҳафта шӯбон Лиро озод намуданд ва сахт таъкид карданд, ки дигар дар Хуа Ду маъвиза накунад. Лекин вай кори инҷилро давом медиҳад ва ҳаргиз дар ҳаққи онҳое, ки ба ӯ ин қадар ҷабрро раво диданд, суханони бад намегӯяд.

«Ман [Инҷили Исои Масеҳро] то дами марг маъвиза мекунам», – мегӯяд ӯ. Бо ҳамроҳии ӯ ин хизматро инчунин, ҳамсар ва писари ӯ, ки онҳо низ аз тарафи ҳукуматдорон ба таъқибот дучор мешаванд, мебаранд.

Индонезия, соли 2001

Мила Вено – ҳамшираи шафқати масеҳии чилсола. Онҳо якҷоя бо ҳамроҳии шавҳари худ Стефанус дар мопед бо ҳамон роҳе, ки алаккай дар тӯли бист сол мепаймоянд, ба калисо мерафтанд. 21 январ гурӯҳи аз бист нафар мусулмонони қатъиян барангехташуда иборат пеши роҳи онҳоро гирифтанд.

Роҳзанҳо ба ҷазира аз маҳаллаи дигар омаданд, то ки барои шинохта нашудан осонтар гардад. Ҳар кадоми онҳо бо аслиҳа ё корд мусаллаҳ шуда буданд. Мусулмонони мусаллаҳро дида, Стефанус қарор кард, ки роҳи беҳтарини аз бало халос шудан – ин бознаистода, аз пеши роҳзанҳо гузашта рафтан аст.

Вале ин ба онҳо муяссар нагашт. Яке аз мусулмонҳо милтикро, чун битаи бейсбол бардошт ва ба сари Мила зарба зада ӯро қариб аз ҷои нишасташ наафтонд. Барои худро нигоҳ доштан кӯшиш карда, зан шавҳарашро дошт. Стефанус бо тамоми қувва кӯшиш менамуд, ки баробарвазниро нигоҳ дорад ва мопедро идора мекард. Боз як роҳзани дигар шамшерро кашида бароварда ва бо як зарбазанӣ мушак ва устухони Миларо

дар дасти рост, каме болотар аз оринҷ бурид. Даст дар порчаи хурди гӯшт ва пӯст овезон монд.

Ҳарчанд дасти Миларо муолиҷа карда тавонистанд, бо сабаби осеб дидани нӯгҳои асаб вай қобилияти ҳис карданро гум кард.

Хушбахтона, Мила аз ҳодисаи рухдода ба андӯҳ ва ғам ғӯтта назад: Баръакс, вай пур аз хурсандӣ мебошад. Вақте ки мо занро дар бораи ин фоҷиа пурсон шудем, вай табассум намуда гуфт: «Дар аввал ман худро бад ҳис мекардам, ман хеле ғусса мехӯрдам, аммо дар ин иродаи Худо барои ман буд. Он чизе, ки рух дод, маро аз ин ҳам зиёдтар бо Худо наздик кард ва ман медонам, ки Ӯ ман ва оилаи маро баракат медиҳад».

Мила ва шавҳари ӯ Стефанус дар миёни 876 оилаҳои масеҳӣ буданд, ки онҳо баъд аз он, ки мусулмонҳо деҳаи онҳоро оташ заданд, бе хонаву дар монда буданд.

Ба 3493 масеҳиён имкон дода шуд, ки дар ҷангалҳо паноҳгоҳ ҷӯянд, ки дар он ҷо онҳо хонаҳои муваққатӣ (кулбаҳо аз шохаҳо) ва паноҳгоҳҳо сохтанд. Онҳо дар он ҷо зиндагӣ мекунанд, то вақте ки боварӣ ҳосил накунанд, ки ба деҳа баргаштан бехатар аст. Ин вақт кай мерасад ва оё мерасида бошад, касе намедонад. Вале онҳо барои дуо гуфтан ва дар имон ба Исои Масеҳ мустаҳкам монданро давом медиҳанд.

Судон, соли 2001

Судони африқои шарқӣ ҳоло авҷи таъқиботи масеҳиёнро аз сар мегузаронанд. Ҳукумати мусулмонии Хартум дар шимоли мамлакат ҷиҳодро (ҷанги муқаддасро) бар зидди шимоли аксаран масеҳӣ эълон намуд. Умар Ҳасан Ал –Туробӣ, пешвои исломӣ, изҳор дошт, ҳар касе ки исломро рад мекунад, «оянда надорад».

Дар донишгоҳҳо бо донишҷӯёни мусулмон кор мебаранд ва ба онҳо пешниҳод менамоянд, ки ба «ҷанги муқаддас» ҳамроҳ

шаванд, ки барои ин онҳо ҳуқуқи дар ихтиёр доштани тамоми моликияти аз ғайримусулмонҳо гирифташударо доранд. Аз соли 1985 зиёда аз 2 млн. одамон дар натиҷаи генотсид ҳалок гардиданд. Аз сабаби ҷанг одамон имконияти кишт кардани саҳроҳо ва дарав кардани ҳосилро надоранд, аз ин сабаб дар мамлакат гуруснагӣ авҷ мегирад. Оилаҳо дар ҷануби мамлакат ба террори бераҳмона гирифторанд: падаронро мекушанд, модаронро таҷовуз мекунанд, кӯдаконро бошад ба ғуломӣ мефурӯшанд.

Бо вуҷуди он, дар миёни ҳамаи ин озмоишҳо, Бадани Масеҳ дар Судон қавӣ мемонад ва Наҷотдиҳандаро парастиш мекунаду дигаронро ба Наздаш меорад.

Дар соли 1998 пири калисои Масеҳ дар Кадугла барои паҳн кардани Китоби Муқаддас ба ҳабс гирифта шуд. Полис ӯро мурданивор лату кӯб намуд. Боз ба як марди дигар дар идораи полис барои маъвиза кардан дар ҷои ҷамъиятӣ кафи дастонашро сӯзонданд.

«Дар Судон маъвиза кардани Инҷил ё паҳн кардани адабиёти масеҳӣ ва Навиштаҷот хеле мушкил ва хатарнок аст, махсусан берун аз калисо»,- нақл мекунад пешвои калисо.

«Ба мо барои сохтмони мактабҳои нав ва калисоҳо иҷозат намедиҳанд. Ба мо ҳатто ба ятимон кӯмак кардан наметонанд, ҳарчанд мусулмонон бе ягон мушкилӣ ин рухсатҳоро мегиранд»,- мегӯяд роҳбари калисои дигар.

Покистон, соли 2001

Ҷҳанг Амҷад ва Асиф Масиҳ, масеҳиёни покистонӣ мебошанд, ки ба ҳабси якумра барои вайрон кардани қисми 295-В қонуни мусулмонии Покистон маҳкум карда шудаанд. Ҳар дуро зиёда аз ду сол пеш барои сӯзондани Қуръон, китоби муқаддаси мусулмонон ба ҳабс гирифтанд ва дар маҳбасхона маҳкам карданд.

Кори Амҷад ва Масеҳ дар суди шаҳри Ҷҳанг дар Покистон 20 март дида баромада шуд. Ҳар ду мард тасдиқ мекунанд, ки доварон таҳти фишори мусулмонони қатъиян барангехташуда қарор доштанд ва аз ҳамин сабаб ҳукми ниҳоятдарача баровардаанд, ки бо қонуни Покистон пешбинӣ шудааст.

19 март адвокати Амҷад ва Масеҳ кӯшиш намуд, то исбот намояд, ки айбномаи бар зидди мардон баровардашуда – дурӯғ аст ва дар асл онҳо Қуръонро насӯзондаанд. Ӯ ба додгоҳ китоби осебнадидаеро, ки дар сӯзондани он масеҳиёнро айбдор менамуданд, пешкаш намуд. Ҳоким ба эътибор гирифт, ки китоб дар ҳақиқат зарар надидааст, лекин ба ҳар ҳол Амҷад ва Масеҳро ба ҳукми олии ҷазо – маҳбусии якумра маҳкум намуд.

Баъд аз баровардани ҳукм намояндаи ташкилот, ки ба масеҳиёне, ки ба таъқиботҳо дучор мешаванд, хизмат мекунад, изҳор намуд: «Ҳаёти ду марди бегуноҳ дар воқеъ танҳо ба хотири он, ки онҳо – масеҳӣ ҳастанд, хат зада шудааст».

Судон, соли 2001

Ҳарчанд ин фоҷиа чанд сол пеш рӯй дода бошад ҳам, қиссаи он ба китоб, ба хотири он дароварда шудааст, ки азияткаши масеҳӣ, ки таҳқирҳои сарбозони артиши исломиро аз сар гузарондааст, ҳанӯз ҳам дар худ нишонаи фоҷиаро мебарад. Ин нишонаҳо аз он нишонаҳое, ки ҳавворӣ Павлус дар бораи онҳо мегуфт, камаҳамият нестанд: «Минбаъд бигзор ҳеҷ кас маро уқубат надиҳад, зеро ки ман ҷароҳатҳои Исои Худовандро дар бадани худ дорам» (Нома ба ғалотиён 6:17) Ин зани масеҳиро бо боварии қатъӣ дар як қатор бо он шогирдоне, ки «аз шӯрои пирон баромада хурсанд шуданд, ки ба хотири исми Ӯ сазовори беҳурматӣ гардиданд» (Аъмоли ҳавориён 5: 41).

Номи ӯ Абук аст. Ӯ дар Судони бо ҷанг харобгашта зиндагӣ мекунад, ки дар он ҷо ҷиҳод, «ҷанги муқаддас», бар зидди ҷанубии аксаран масеҳӣ аллакай дар тӯли ду даҳсола давом

меёбад. Вақте ки ин фоҷиа рӯй дод, Абук бо оилаи худ дар деҳаи хурдакак зиндагӣ мекарданд, ки аз он хати фронт мегузашт. Боре саҳар, вақте ки субҳ дамид, ба деҳа сарбозони исломӣ зада даромаданд. Ба аксарият сокинон имкон дод, ки ҳанӯз то омадани ғоратгарон гурезанд, аммо Абук гурехта натавонист. Сарбозон ба ӯ гуфтанд, ки вай бояд бо онҳо равад, вале ӯ розӣ нашуд. Он гоҳ, онҳо баён карданд, ки вай исломро худи ҳозир бояд қабул кунад, аз Исо даст кашад ва Муҳаммадро, ҳамчун паёмбари охирини Худо қабул кунад. Вай боз рад кард.

Сарбозони ба хашмомада либосҳои Абукро кашиданд ва ӯро бастанд. Сипас, онҳо гулхан афрӯхтанд ва дар он кордҳои калонро тафсонданд. Бо он мусулмонҳо Абукро мехалонданд, мебуриданд, сина, китфон ва пушти ӯро маслуқ мекарданд. Барои фарёди худро нигоҳ доштан, Абук ба Исо дуо мегуфт ва хоҳиш мекард, ки ба ӯ барои аз сар гузарондани ҷонканӣ ва дарди шиканҷаҳо кӯмак кунад ва ба Ӯ хиёнат накунад.

Онҳо диданд, ки Абук аз масеҳият даст кашиданӣ нест, сарбозон ӯро то аз ҳуш рафтан лату кӯб карданд ва бо ҷароҳатҳояш ба мурдан гузоштанд. Баъд аз чанд вақт, ба худ омада, зан барои ёрӣ ба назди дигар сокинони деҳа хазида рафт.

Ҳарчанд аз он вақт аллакай солҳои зиёд гузашта бошад ҳам, ҷароҳатҳои кӯҳнаи Абук ҳоло ҳам ба ӯ азобҳои зиёд меоранд. Онҳо то ҳол ӯро аз дардҳои беист бемадор мекунанд ва аз сабаби набудани мадади тиббии босифат, пайваста фасоднок (гной) мегарданд.

Абук ба Исои Масеҳ имони қавӣ дорад ва бешубҳа ба хотири Ӯ боз азоб мекашид. Лекин, ӯро, чуноне ҳар яки моро, ғамхории масеҳиёни дигар, ки ба деҳаи онҳо меоянд ва озуқаю дигар кӯмакҳоро меоранд ва дар бораи он хотиррасон мекунанд, ки бародарон ва хоҳарон дар Масеҳ, дар тамоми ҷаҳон барои онҳо дуо мегӯянд, рӯҳбаланд месозад.

Замимаи 1

Мубоҳисаи доктор Мартин Лютер, ки ба тавба ва хати кафорати гӯноҳ (индулгенсия) тааллуқ дорад

Ба номи муҳаббат ба ҳақиқат ва кӯшиши фаҳмонда додани он, суханони дар поён гуфташуда, ба муҳокима дар Виттенберг таҳти раисии падари мӯҳтарам Мартин Лютер, роҳиб аз зумраи Августини Муқаддас, магистри санъати озод ва фиқҳи муқаддас, инчунин профессор дар ин шаҳр пешниҳод карда мешавад. Аз ин рӯ вай хоҳиш мекунад, то ки онҳое ки иштирок карда наметавонанд ва шахсан бо мо ба мубоҳиса бароянд, инро бинобар сабаби ҳозир набудан, хаттӣ иҷро кунанд. Ба номи Худованди мо Исои Масеҳ омин.

1. Худованд ва Устоди мо Исои Масеҳ: «Тавба кунед...» гуфта, фармудааст, ки тамоми ҳаёти имондорон тавба бошад.
2. Ин калимаи («тавба кунед») наметавонад, чун ба фарзи тавба тааллуқдошта фаҳмида шавад, яъне барои эътироф ва омурзиши гуноҳҳо, ки ба воситаи хизмати рӯҳонӣ ба амал меояд.
3. Аммо ин на танҳо ба тавбаи дохилӣ тааллуқ дорад; баръакс, тавбаи дохилӣ – ҳеҷ аст, агар дар ҳаёти зоҳирӣ пурра маҳф сохтани нафсро ҷалб накунад.
4. Аз ин рӯ ҷазо то ҳамон вақт боқӣ мемонад, то вақте ки нафрати инсон ба худ боқӣ мондааст, ин ҳамон тавбаи

дохилии ҳақиқӣ мебошад, бо суханони дигар – то ба Малакути Осмонӣ даромадан.

5. Папа намехоҳад ва наметавонад кадом як ҷазоҳоро бубахшад, ба ғайр аз онҳое, ки вай ё бо қудрати худ гузоштааст, ё аз рӯи қоидаи калисо.
6. Папа ҳуқуқи бахшидани ягон гуноҳро надорад, бо эълон накардан ва тасдиқ накардани омурзиш, ки Худованд ба амал меорад; Ба ғайр аз ин ӯ омурзишро танҳо дар ҳолатҳои муайян медиҳад. Агар вай инро ба эътибор нагирад, пас гуноҳ давом меёбад.
7. Худо ба ҳеҷ кас гуноҳро намебахшад ва дар айни замон ба итоат кардан маҷбур намуда ба рӯҳонӣ, ноиби Худ дар ҳама чиз итоат намояд.
8. Қоидаҳои тавбаи калисо танҳо барои зиндаҳо гузошта шудааст ва мувофиқи онҳо, набояд ба мурдагон андохта шавад.
9. Аз ин рӯ барои мо Рӯҳи Муқаддас ба некӣ аст, ки дар папа амал менамояд, ки дар декретҳои ӯ нуқтаи марг ва ҳолатҳои ғайриоддӣ ҳамеша роҳ дода намешавад.
10. Он рӯҳониёне, ки ҳатто дар аъроф ба мурдагон ҷазоҳои калисоро мемонанд, ҷоҳилона ва дар гуноҳ рафтор мекунанд.
11. Алафҳои бегонаи ин таълимот – дар бораи тағйири ҷазо ба ҷазо дар Аъроф – ҳамон вақт кошта шуда буданд, ки усқуфон хоб буданд.
12. Қабл аз ин ҷазоҳои калисо на баъд, балки пеш аз омурзиши гуноҳҳо, чун озмоиши тавбаи ҳақиқӣ ниҳода мешуданд.
13. Мурдагон гуноҳҳои худро бо марг мешӯянд ва онҳо аллакай мурда буда мувофиқи қоидаҳои калисо, аз рӯи қонун озодӣ аз он доранд.
14. Шуури номукаммал ё файзи марҳум, ҳатман бо худ ҳароси калонро меорад; ва бо он бештар аст, назар ба он ки худи файз.

15. Ин тарс ва даҳшат худ аз худ аллакай кофӣ мебошад, зеро аз дигар чизҳо ман хомӯш мешавам, то ки барои азоб дар аъроф омода созам, охир онҳо – ноумедии ба даҳшат наздиктарин мебошанд.
16. Тасаввур мегардад, ки Дӯзах, Аъроф ва Осмон – дар миёни худ гуногунанд, чуноне, ки ноумедӣ, наздикии ноумедӣ ва осудагӣ.
17. Тасаввур мегардад, ки чӣ тавр дар Аъроф, дар ҷонҳо тарс ногузир кам мегардад, ҳамин тавр файз афзоиш меёбад.
18. Тасаввур мегардад, ки на бо асосҳои хирадмандона, на бо Навиштаҷот исбот нагардидааст, онҳо на дар ҳолати хизмати шоиста ё афзоиши файз қарор доранд.
19. Инчунин он ҳам исбот наёфта тасаввур мегардад, ки ҳамаи онҳо дар ҳаловати худ боварӣ доранд ва ором мебошанд, гарчанд мо дар ин комилан мӯътақидем.
20. Инак, папа «омурзиши тамоми ҷазоҳоро» дода, зимнан танҳо ҳамаашро дар назар надорад, балки танҳо бо вай гузошташударо.
21. Аз ин рӯ он маъвизачиёни хати кафорати гуноҳ (индулгенсия) хато мекунанд, ки онҳо эълон менамоянд, ки тавассути хатҳои кафорати гуноҳи папа инсон аз ҳар гуна ҷазо раҳо меёбад ва наҷот меёбад.
22. Ҳатто ҷонҳое, ки дар Аъроф қарор доранд, ӯ аз ҷазое, ки онҳо, мувофиқи қонуни калисо бояд дар ҳаёти заминӣ омурзида шаванд, озод намекунад.
23. Агар ба ҳар касе омурзиши пурраи ҷазоҳо дода шавад, бешубҳа, он ба одилтаринҳо, яъне ба баъзе касон дода мешавад.
24. Бинобар ин, қисми зиёди халқро бо ин ваъдаи барои ҳама баробар ва дабдабаноки аз ҷазо озодкардан фиреб медиҳанд.
25. Он қудратеро, ки папа умуман дар Аъроф дорад, ҳамин гуна қудратро хусусан ҳар усқуф ё кашиш дар епархия ё маҳалли худ дорад.

26. Папа хеле хуб рафтор менамояд, ки на бо қудрати калид (ки вай онро ҳеҷ надорад), балки бо тарафгирӣ ҷонҳоро омурзиш мекунад.
27. Фикрҳои одамро онҳое маъвиза мекунанд, ки дар бораи он таълим медиҳанд, ки ҳамон соате ки ҷаррангоси танга дар қуттӣ садо медиҳад, ҷон аз Аъроф берун меояд.
28. Ба ростӣ, ҷаррангоси тилло дар қуттӣ танҳо ба афзудани даромад ва тамаъкорӣ қодир аст, тарафгирии аз ҷониби калисо бошад- танҳо дар ихтиёри Худо мебошад.
29. Кӣ медонад, оё, тамоми ҷонҳо, ки дар Аъроф қарор доранд, хоҳиши харида гирифта шудани худро доранд, чуноне ки нақл мекунанд, бо Северин ва Пасхалии Муқаддас рӯй дод.
30. Ҳеҷ кас дар ҳақиқӣ будани тавбаи худ мӯътақид шуда наметавонад ва – хеле кам – дар гирифтани омурзиши пурра.
31. Ба ростӣ тавбакарда чӣ қадар камчин бошад, ҳамон қадар он касе хати кафорати гуноҳро (индулгенсия) аз рӯи қоида мехарад, камчин аст – бо дигар сухан гӯем – дар дараҷаи баландтарин камчин аст.
32. Онҳое ки бовар кардаанд, ки ба воситаи варақаҳои авфкунанда онҳо наҷот ба даст овардаанд, то абад бо омӯзгорони худ маҳкум карда мешаванд
33. Хусусан аз онҳое эҳтиёт шудан лозим аст, ки онҳо таълим медиҳанд, ки индулгенсияҳои папа – ин ганҷинаи бебаҳои Худо мебошад, ки тавассути он инсон бо Худо оштӣ мешавад.
34. Зеро файзи авфкунандаи онҳо танҳо ба ҷазоҳои тавбаи калисо, ки аз рӯи одамӣ муқаррар карда шудаанд, нигаронида шудааст.
35. На чун масеҳӣ маъвиза мекунанд онҳое ки ба он таълим медиҳанд, ки барои харидани ҷонҳо аз Аъроф ё барои гирифтани варақаи иқроршавӣ тавба лозим нест.
36. Ҳар масеҳии ба ростӣ тавбакарда, аз ҷазо ва гуноҳ пурра озод мешавад, ки барои вай ба хати кафорати гуноҳ низ тайёр карда шудааст.

37. Ҳар масеҳии ҳақиқӣ хоҳ зинда бошад ва хоҳ мурда, дар ҳама неъматҳои Масеҳ ва калисо, ки Худо ба вай ҳатто бе варақаҳои авфкунанда ато намудааст, иштирок мекунад.
38. Ба авф ва иштироки папа ҳаргиз беэътиноӣ кардан лозим нест, зеро он (чуноне ки ман аллакай гуфтам) эълон кардани омурзиши Худо мебошад.
39. Ҳатто барои фаққеҳони бисёр донишманд, дар пеши халқ дар айни замон васф кардани ҳам олиҳимматии хати кафорати гуноҳ ва ҳам тавбаи ҳақиқӣ кори зӯрнорас гардидааст.
40. Тавбаи ҳақиқӣ ҷазоро меҷӯяд ва дӯст медорад, олиҳимматии хати кафорати гуноҳ бошад, ин кӯшишро суст мегардонад ва нисбати он нафратро талқин менамояд ё лоақал, ба он сабаб медиҳад.
41. Авфкуниҳои папаро эҳтиёткорона бояд маъвиза кард, то ки халқ бардурӯғ сарфаҳм наравад, гӯё ки онҳо ҳама корҳои накӯкоронаи дигар беҳтар мебошанд.
42. Масеҳиёнро бояд ба он таълим диҳанд: папа харидани хати кафорати гуноҳро, ҳатто дар дараҷаи камтарин намеҳисобад.
43. Масеҳиёнро ба он бояд таълим дод: он касе бенаво садақа медиҳад ё баэҳтиёҷманд қарз медиҳад, беҳтар амал менамояд, назар ба шахсе ки хати кафорати гуноҳро мехарад.
44. Зеро бо накӯкориҳо файз меафзояд ва одам беҳтар мешавад; тавассути хатҳои кафорати гуноҳ бошад, вай беҳтар намешавад, балки аз ҷазо танҳо озодтар мешавад.
45. Масеҳиёнро бояд ба он таълим дод: ҳар касе ки бенаворо мебинад ва нисбати ӯ беэътиноӣ мекунад, хатҳои кафорати гуноҳро мехарад, омурзиши папаро намегирад, балки ғазаби Худоро ба худ мегирад.
46. Масеҳиёнро ба он бояд таълим дод: агар онҳо ашёи кофӣ надошта бошанд, ба онҳо ӯҳдадор мешаванд, ки ҳар чизи заруриро дар хона гузоранд ва ҳаргиз дороии худро барои харидани хати кафорати гуноҳ сарф накунанд.

47. Масеҳиёнро ба он бояд таълим дод: харидани хати кафорати гуноҳ – кори ихтиёрӣ аст, на маҷбурӣ.
48. Масеҳиёнро ба он бояд таълим дод: ба папа хеле зарур аст, инчунин хеле дилхоҳ аст, – ҳангоми фурӯхтани варақаҳои авфкунанда – дуои порсоёна барои ӯ, назар ба пулҳои ба даст оварда.
49. Масеҳиёнро ба он бояд таълим дод: авфкуниҳои папа фоидабахшанд, агар онҳо ба он умед набанданд, лекин хеле зараррасон мебошанд, агар тавассути он онҳо тарсро дар назди Худо аз даст медиҳанд.
50. Масеҳиёнро ба он бояд таълим дод: агар папа аз сӯиистифодаҳои воизони авфкунанда хабар медошт, вай сӯзондани маъбади Петруси Муқаддасро беҳтар мешуморид, назар ба он ки онро аз пӯст, гӯшт ва устухонҳои барраҳои худ бардорад.
51. Масеҳиёнро ба он бояд таълим дод: папа, чуноне ки вазифаи вай ӯро ба ин ӯҳдадор менамояд, дар ҳақиқат ҳам мехоҳад, – ҳатто агар маъбади Петруси Муқаддасро фурӯхтан лозим ояд, – аз маблағҳои худ ба аксарият онҳое, ки баъзе воизони авфкунанда кашида гирифтаанд, диҳад.
52. Тавассути варақаҳои авфкунӣ ба наҷот умед бастан бефоида аст, ҳатто агар ӯҳдадор, кам аст, худи папа барои гарав ҷони худро медиҳад.
53. Хулоса, душманони Масеҳ ва папа хулоса онҳое мебошанд, ки ба хотири маъвиза кардани авфкуниҳо, фармон медиҳанд, то ки Каломи Худо дар дигар калисоҳо комилан хомӯш гардад.
54. Ба Каломи Худо зарар расонда мешавад, агар дар як маъвиза назар ба Каломи Худо ба авфкунӣ якхел ё вақти зиёд сарф мегардад.
55. Фикри папа бе ягон шарт аз он иборат мебошад, ки агар хати кафорати гуноҳ – некии камтарин аст- бо як зангӯла ҷалол медиҳанд, бо як ибодат ва дуо, пас Инҷил – некии

болотарин мебошад – бояд бо садҳо зангӯлаҳо, бо садҳо ибодатҳо ва садҳо дуоҳо маъвиза карда шавад.

56. Ганҷинаҳои калисо, аз он ҷо папа хатҳои кафорати гуноҳро тақсим мекунад, на ба таври кофӣ гуфта шудаанд ва на ба масеҳиён маълум мебошанд.
57. Бешубҳа, ки қиммати онҳо – ва ин маълум аст – нагузаранда мебошанд, зеро воизони бисёр онҳоро назар аз саховатмандона тақсим намуданд, бо ҷидду ҷаҳд ҷамъ меоваранд.
58. Инчунин онҳо хизмати Масеҳ ва муқаддасон нестанд, зеро онҳо пайваста –бе ҳамроҳ шудани папа – ба инсони дарунӣ файз ато мекунанд, ва салиб, мамоту Дӯзах ба инсони берунӣ.
59. «Ганҷинаҳои калисо, -гуфт Лаврентии Муқаддас,-ин бенавоёни калисо мебошанд», вале ин калимаро аз рӯи одати замони худ истифода намуд.
60. Мо бо шитобкорӣ баён мекунем, ки калидҳои калисо, ки бо хизмати Масеҳ дода шудаанд, – ана ганҷина чист.
61. Зеро маълум мегардад, ки барои озодшавӣ аз ҷазо ва барои омурзиш дар ҳолатҳои ба ӯ зарурӣ қудрати папа кофӣ аст.
62. Ганҷинаи ҳақиқии калисо – ин Инҷили Муқаддаси ҷалол ва файзи Худо мебошад.
63. Аммо, он барои сахт нафратнок будан арзанда аст, зеро аввалинҳоро дар ҷои охир мегузорад.
64. Ганҷинаҳои индулгенсия бошад арзанда хеле маҳбубанд, зеро охиринҳоро дар ҷои аввал мегузорад.
65. Инак, ганҷинаҳои Инҷил – ин тӯрҳое мебошанд, ки бо онҳо пештар одамонро аз сарват медоштанд.
66. Ганҷинаҳои индулгенсия – ин тӯрҳое мебошанд, ки бо онҳо ҳоло сарвати одамон дошта гирифта мешавад.
67. Индулгенсия, чуноне, ки воизон эълон медоранд, файзи бузургтарро дорад, дар ҳақиқат чунинанд, зеро даромад ба даст меоранд.

68. Дар асл бошад, онҳо дар дараҷаи пасттарин метавонанд бо файзи Худо ва шафқати Салиб муқоиса гарданд.
69. Усқуфон ва рӯҳониён ӯҳдадор мешаванд, ки авфкуниҳоеро, ки папа ӯҳдадор намудааст, бо ҳама гуна эҳтиром қабул кунанд.
70. Аммо, зиёдтар аз ин, ба онҳо боз бо ду чашм нигоҳ кардан, бо ду гӯш шунидан вогузор мегардад, то ки ба ҷои супориши папа онҳо фикрҳои бофтабаровардаи худро маъвиза накунанд.
71. Ҳар касе ки бар зидди ҳақиқати авфкуниҳои ҳавриён сухан мегӯяд – бигзор вай такфир ва лаънат карда шавад.
72. Лекин, ҳар касе ки дар посбонии бар зидди суханҳои бадахлоқона ва бешармонаи воизи авфкунанда меистад – бигзор вай баракат ёбад.
73. Чӣ хел папа аз рӯи адолат онҳоеро ки бар зарари фурӯши варақаҳои авфкунӣ аз ҳар гуна ҳиллаҳо андеша мекунад, такфир менамояд.
74. Ҳамин тавр ӯ хеле сахт нияти такфир кардани онҳоеро мекунад, ки бо баҳонаи авфкунӣ фикри ба файз ва ҳақиқати муқаддас зарар расонданро мекунад.
75. Умеди бастан ба он, ки авфкуниҳои папа чунинанд, ки метавонанд гуноҳи одамро бехшанд, ҳатто агар он чизи имконнопазирро дар назар дошта, Бибимарямро беорӯ менамояд – маънои аз ақл бегона шуданро дорад.
76. Мо бар зидди ин ҳарф мезанем, ки авфкуниҳои папа ягон гуноҳҳои бахшидашавандаи хурдтаринро, ки ба гуноҳ тааллуқ дорад, бартараф карда наметавонад.
77. Тасдиқ кардани он ки Петруси Муқаддас, агар папа мебуд, наметавонист, ки некӯкориҳои зиёдро бахшад – куфр гуфтан ба Петруси Муқаддас ва папа мебошад.
78. Мо бар зидди ин ҳарф мезанем, ки ин ва умуман ҳар папа бештар некӯкориро ато мекунад, маҳз: Инҷил, қудратҳо мӯъҷизаофаранд, бахшоишҳо ва дигарҳо – чуноне, ки дар Номаи 1 Қӯрринтиён, ояти 12 гуфта шудааст.

79. Тасдиқ кардани он ки салиби бодабдаба гузошташуда бо рамзи папа ба салиби Масеҳ баробар мебошад, маънии куфрро дорад.
80. Усқуфон, кашишҳо ва фаққеҳон, ки ба худ дар назди мардум ба чунин сухан гуфтанҳо иҷозат медиҳанд, барои ин ҷавоб хаҳанд гуфт.
81. Ин маъвизаи дағалона авфкунӣ ба он оварда мерасонад, ки эҳтироми папа ва ҳатто одамони донишмандро аз тӯҳматҳо ва зиёда из ин, аз саволҳои маккоронаи мардум муҳофизат кардан осон нест.
82. Мисол: Барои чӣ папа ба хотири муҳаббати муқаддас ба наздики худ ва ҳолати аз бадтарини ҷонҳо Аърофро озод намекунад, – яъне бо сабаби аз ҳама муҳимтарин, -агар ӯ ҳамзамон шумораи беҳисоби ҷонҳоро ба хотири маблағҳои ночиз барои сохтани маъбад наҷот медиҳад –яъне бо сабаби аз ҳама ночизтарин.
83. Ё: Барои чӣ маросимҳои мотамӣ ва ёдкунии ҳарсолаи гузаштагон барои гузарондан идома меёбанд ва барои чӣ папа барнамегардонад ё иҷозат намедиҳад, ки маблағҳои ба онҳо сарфшударо кашида гирад, дар ҳоле ки барои аз Аъроф харидашудагон дуо гуфтан гуноҳ аст?
84. Ё: Ин файзи нави Худо ва папа аз чӣ иборат аст, ки бар ивази маблағ ба худоношинос ва душмани Худо онҳо ҷони тақводор ва ба Худо маҳбубро ба даст овардан иҷозат медиҳанд, аммо барои азоб ҳамин гуна ҷони тақводор ва маҳбубро онҳо беғараз, из рӯи шафқат наҷот намедиҳанд?
85. Ё: Барои чӣ қоидаҳои тавбаи калисо, дар асл, бо сабаби истифода нашуданашон бекоргашта в мурда, то ба ҳол бо маблағҳо барои хатҳои кафорати гуноҳ пардохт мешаванд, гӯё онҳо ҳанӯз ҳам дар амаланд ва зинда ҳастанд?
86. Ё: Барои чӣ папа ки ҳоло аз Крези сарватманд, бойтар аст, ин маъбади Петруси Муқаддасро бо ҷидду ҷаҳд аз пулҳои имондорони қашшоқ месозад, на бо пулҳои худ?

87. Ё: Папа ба онҳое, ки ба воситаи тавбаи ҳақиқӣ ба омурзиши пурра ва авфкунӣ ҳуқуқ дорад, чиро мебахшад ва чиро авф менамояд?
88. Ё: Чӣ ба калисо неъмати бештареро зам карда тавонист, агар папа, он чизеро ки вай акнун як бор мекунад, дар як рӯз сад бор иҷро менамуд ва ҳар имондорро бо ин омурзиш ва авфкунӣ ато менамуд.
89. Агар папа кӯшиш намояд, ки ҷонҳоро бештар бо авфкунӣ наҷот диҳад, назар бо маблағҳо, барои чӣ ӯ буллаҳо ва авфкуниҳои пештар бахшидаашро бекор менамояд, дар ҳоле ки онҳо баробар амал мекунанд?
90. Танҳо бо қувва пахш кардани ин далелҳои бисёр маккоронаи халқ, на дар асоси хирадмандона ҳал намудани онҳо – яъне калисо ва папаро ба масхараи душманон баровардан ва масеҳиёнро бадбахт гардондан аст.
91. Пас, агар хатҳои кафорити гуноҳ дар рӯҳ ва фикри папа маъвиза шаванд, ҳамаи ин делелҳо ба осонӣ барҳам мехӯранд, бар замми ин – онҳо вуҷуд надоранд.
92. Бинобар ин, бигзор ҳамаи анбиёҳое, ки халқи Масеҳ «Осоиштагӣ, осоиштагӣ» гӯён маъвиза мекунанду, осоиштагӣ нест, пароканда шаванд.
93. Бигзор, ҳамаи анбиёе, ки ба халқи Масеҳ «Салиб, салиб!» гӯён маъвиза мекунанду, салиб нест, баракат ёбанд.
94. Мебояд масеҳиёнро даъват намоем, то ки онҳо аз паси сарвари худ Масеҳ тавассути ҷазо, мамот ва дӯзах бо хушнудӣ раванд.
95. Бар замми ин ба он умед банданд, ки ба осмон бо азобҳо дароянд, на бо оромию осудагӣ.

Эътироз

Ман, Мартин Лютер, доктор, роҳиб аз ордени Виттенберг, хоҳиш дорам, ба таври оммавӣ шаҳодат диҳам, ки аз ҷониби

ман баъзе суханҳо бар зидди хатҳои кафоратҳои гуноҳ, чуноне ки онҳоро меноманд, гуфта шуда буданд. Ҳарчанд, дар лаҳзаи ҳозира на мактабҳои аз ҳама шӯҳратёфта ва маълуми мо, на ягон ҳокимияти шаҳрвандӣ ва калисо маро маҳкум накарданд, лекин чуноне ки ман мешунавам, баъзе одамон бо рӯҳи беандеша ва беҳаё ҷуръат намуданд, ки маро бидъаткор эълон намоянд, гӯё ки ин масъала тафтиши ҷиддӣ ва тадқиқ карда шуда буд. Лекин аз ҷониби ман, чуноне ки ман пештар амал менамудаму, ҳоло низ амал менамоям, ман аз ҳамаи одамон ба номи имон ба Масеҳ тавалло мекунам, нисбати ман ба таври беҳтар муносибат намоянд, агар ин ба ягон кас аз ҷониби Худо кушода шавад ё ақаллан фикри худро ба ҳукми Худо ва калисо тобеъ намояд. Зеро ман он қадар шитоб намекунам, то ки ҳоҳиш накунам, ки фикри ягонаи ман аз ҷониби одамони дигар такмил дода шуда бошад ва он қадар беҳис нестам, то ҳоҳиш намоям, ки Каломи Худо ба маталҳое, ки бо сабабҳои одамӣ бофта шудаанд, ҷо диҳад.

Замимаи 2

Подшоҳон ва маликаҳои Англия Аз с. 1327 то с. 1603

Анҷуиҳо

Эдварди III 1327-1377
Ричарди II. 1377-1399

Ланкастерҳо

Генрихи IV 1399-1413
Генрихи V. 1413-1422
Генрихи VI 1422-1461

Йоркҳо

Эдварди IV 1461-1483
Эдварди V. 1483
Ричарди III 1483-1485

Тюдорҳо

Генрихи VII. 1485-1509
Генрихи VIII 1509-1547
Эдварди VI 1547-1553
Марияи I 1553-1558
Елизаветаи I 1558-1603

Замимаи 3

Папаҳои католикии румӣ (сс. 1000-1600)

(Номҳои баъзе папаҳои шубҳанок ё папаҳои сохта дар қавс гирифта шудаанд; эътибор диҳед, ки дар рӯйхати умумӣ якчанд папаҳо аз замони ихтилофи Бузурги папаҳо дохил нашудаанд, балки фақат онҳое, ки дар Солномаи папа ҳамчун папаҳои ҳақиқӣ номбар шудаанд.)

Ном	**Солҳои ҳукмронӣ**
Силвестери II	999-1003
Юҳаннои XVII	1003
Юҳаннои XVIII	1003-1009
Сергийи IV	1009-1012
Бенедикти VIII	1012-1024
(Григории VI)	1012
Юҳаннои XIX	1024-1033
Бенедикти IX	1033-1045
Силвестери III	1045-1046
Грегорийи VI	1045-1046
Клименти II	1046-1047
Дамасийи II	1048
Леви IX	1049-1054
Виктори II	1055-1057
Стефани IX	1057-1058
(Бенедикти X)	1058-1059
Николайи II	1058-1061
Александри II	1061-1073
(Гонорийи II)	1066-72

Грегорийи VII 1073-85
(Клименти III) 1080; 1084-1100
Виктори III 1086-87
Урбани II 1088-99
Паскали II. 1099-1118
(Теодорик ё Теодорий) 1100-02
(Алберт ё Албертий) 1102
(Силвестер IV) 1105-11
Геласийи II 1118-19
(Грегорийи VIII) 1118-21
Калистийи II 1119-24
Гонорийи II 1124-30
(Келистини II) 1124
Иннокентийи II 1130-43
(Анаклетийи II) 1130-38
(Виктори IV) 1138
Калестини II 1143-44
Лукийи II 1144-45
Евген ё Евгении III 1145-53
Анастасийи IV. 1153-54
Адриани IV 1154-59
Александри III. 1159-81
(Виктори IV) 1159-64
(Паскали III) 1164-68
(Калистий ё Каликстиси III) 1168-78
Иннокентийи III. 1179-80
Лукийи III. 1181-85
Урбани III 1185-87
Грегорийи VIII. 1187
Клименти III 1187-91
Калестини III. 1191-98
Иннокентийи III. 1198-1216
Гонорийи III 1216-27

Грегорийи IX 1227-41
Калестини IV 1241
Иннокентийи IV 1243-54
Александри IV. 1254-61
Урбани IV 1261-64
Климентийи IV 1265-68
Грегорийи X 1271-76
ИннокентийиV 1276
Адриани V 1276
Юҳаннои XXI 1276-77
Николайи III 1277-80
Мартини IV 1281-85
Гонорийи IV 1285-87
Николайи IV 1288-92
Калестини V 1294
Бонифатсийи VIII 1294-1303
Бенедикти XI 1303-04
Клименти V 1305-14
Юҳаннои XXII. 1316-34
(Николайи V) 1328-30
Бенедикти XII 1334-42
Клименти VI 1342-52
Иннокентийи VI 1352-62
Урбани V 1362-70
Грегорийи XI 1370-78

Ихтилофи Бузурги Папаҳо

Урбани VI – хати румӣ 1378-89
(Клименти VII – хати авинйонӣ). 1378-94
Бонифатсийи IX – хати румӣ 1389-1404
Бенедикти XIII – хати авинйонӣ 1394-1423
Иннокентии VII – хати румӣ 1406-06

Грегорийи XII – хати румӣ 1406-15
Александри V – хати пизанӣ 1409-10
Юҳаннои XXIII – хати пизанӣ 1410-15

Анҷоми ихтилофи папаӣ

Мартини V 1417-31
Евгений IV 1431-47
(Феликси V) 1439-49
Николайи V 1447-55
Калистии III 1455-58
Пийи II 1458-64
Павлуси II 1464-71
Сакстиси IV 1471-84
Иннокентийи VIII 1484-92
Александри VI 1492-1503
Пийи III 1.503
Юлии II 1503-13
Леви X 1513-21
Адриани VI 1522-23
Климента VII 1523-34
Павлуси III 1534-49
Юлии III 1550-55
Марселейи II 1555
Павлуси IV 1555-59
Пийи IV 1559-65
Пийи V 1566-72
Грегорийи XIII 1572-85
Сикстийи V 1585-90
Урбани VII 1590
Грегорийи XIV 1590-91
Иннокентийи IX 1591
Климента VIII 1592-1602

Замимаи 4

Хизмати «Овози азияткашон»

Бисёр масеҳиён дар саросари ҷаҳон дар миёни вазъиятҳое зиндагӣ мекунанд, ки хеле ба он монанданд, ки дар байни онҳо мардуме, ки дар ин китоб тасвир ёфтаанд, зиндагӣ мекарданд. Ин китобро бе ҳамдард будан бо қаҳрамонҳои он ва дар имон устувор нагардида, хондан номумкин аст. Номаи 1 Павлус ба Таслӯникиён 1: 6-8-ро каме дигар хелтар баён намуда, гуфтан мумкин аст: «Каломро дар андӯҳи зиёд бо шодии Рӯҳи Муқаддас қабул намуда, шумо барои ҳамаи имондорон намунаи ибрат шудаед...ва [ҷалоли] имони шумо ба Худо дар ҳар ҷо паҳн шудааст.»

Қиссаҳои зиндагии ин муқаддасонро хонда, мо беҳтар фаҳмида метавонем, ки худро ба хотири Инҷил қурбон кардан, чӣ маънӣ дорад. Азияткашӣ –аз марг ба хотири Масеҳ дида, хеле бештар аст. Ин – ҳаёт барои Масеҳ ҳар як лаҳзаи ҳар рӯз дар миёни мухолифатҳо ва таъқиботҳо мебошад. Ин – қудрати аз сар гузарондани талаф доданҳо ва ранҷу азоб кашиданҳо бо ҷалол додани Худо барои ҳама чиз мебошад. Ин – бахшидани таъқибкунандагони худ ва дуо гуфтан барои наҷоти онҳо мебошад. Ин – меҳнат барои иҷро кардани Супориши Бузург, новобаста аз он, ки чӣ тавр он кори осон нест ё хатарнок мебошад.

Сарфи назар аз он, ки дар ин аср азияткашон барои имон бештар мебошанд, назар аз ҳамаи гузаштаи якҷоя гирифташуда, аксарият калисоҳо аз таъқиботҳои ҳамарӯза дар ин ҷаҳон ҷой дошта пай намебаранд. Барои ташкилотҳое, ки ба кӯмак кардани онҳо даъват гардидаанд, Худоро шукр мегӯем. Дик

Истман як вақтҳо навишта буд, ки масеҳиён ба бародарони таъқибшавандаи худ бо се роҳ кӯмак карда метавонанд: ба воситаи дуо, хайрия ва хизмати миссионерии шахсӣ.

Хизмати «Овози азияткашон», ки аз тарафи Ричард ва Сабрина Вурмбрандҳо таъсис дода шудааст, ба онҳое ки таъқиботҳоро аз сар мегузаронанд, хизмат мекунад ва ба онҳо умед мебахшад, рӯҳбаланд мекунад, бо адабиёт таъмин мекунад ва ба таври моддӣ ва бо маблағҳо дастгирӣ менамояд. Шӯбон Вурмбранд, муаллифи китоби «Барои Масеҳ шиканҷадидагон», худ дар маҳбасхонаҳои коммунистӣ чордаҳ солро дар маҳбусӣ гузарондааст. Ҳаёт ва таълимоти ӯ ҳамдардӣ ва муҳаббат медиҳанд, ки метавонад, танҳо аз зарфи фурӯтан ва бо Рӯҳи Масеҳ пур шуда, барояд. Том Уайт, ки моҳҳои беохири маҳбусиро дар маҳбасхонаи Куба гузарондааст, – директори шӯъбаи амрикоии хизмат мебошад.

Мундариҷа

Муқаддима Ҷон Фокс ва китоби ӯ 4

Сарсухан ба нашри аз нав кор карда
баромадашудаи «Китоби азияткашон» 9

Қисми I **Шонздаҳ садсолаи аввал** 17

1. Нахустин азияткашони масеҳӣ 19

2. Оғози таъқиботи умумӣ ба калисо (54-304 сс.). . . . 28

3. Константини Кабир (императори
Рум сс. 306-337) 58

4. Таъқибот дар тӯли ҳазор соли сулҳи
умумиҷаҳонӣ (сс. 320-1079) 66

5. Таъқиботҳои папаҳо ва инквизитсия
(сс. 1208-1834) 75

6. Кор ва таъқиботи Ҷон Уиклиф (1377-1384 сс.) 87

7. Таъқибот ва марги пуразоби Ян Гус (с. 1415) 99

8. Таъқибот ва марги Иеронимии Прагаӣ (с. 1416) . . . 106

9. Таъқибот дар Англия (1401 – 1541 сс.) 112

10. Таъқибот дар Шотландия (1527-1558 сс.). 126

11. Маргҳои пуразоби Уилям Тиндейл (1536 с.),
Ҷон Фрис ва Эндрю Хевет (1533 с.) 140

12. Кори Мартин Лютер ва таъқиботи ӯ
(1517-1546 сс.) 158

13. Марги пуразоби Ҷон Хупер, усқуфи Ворчестер (1555 с.) 178

14. Марги пуразоби доктор Роуланд Тейлор, кашиши маҳаллӣ (сс. 1555) 201

15. Марги пуразоби усқуф Ридли ва усқуф Лейтимер (1555 с.) 218

16. Марги пуразоби усқуфи аъзам Кранмер (1556 с.) 244

17. Гулханҳои Смисфилд (1410-1556 сс.) 270

18. Куштор дар Рӯзи Барталмои муқаддас (1572 с.) 288

Қисми II **Се асри навбатӣ** 303

19. Таъқиботи Анна Хатчинсон, Мери Даер, Маргарет Уилсон, мадам Жанна Гийон ва Мигел де Молинос 305

20. Таъқиботи Доналд Каргел, Ҷон Бунян, Ҷорҷ Фокс, Уилям Карей ва Роберт Томас 341

Қисми III **Садсолаи XX** 353

21. Азияткашон дар замони мо. Навад соли аввал 355

22. Азияткашони садсолаи имрӯза 418

Замимаи 1 436


Замимаи 2 447

Замимаи 3 448

Замимаи 4 452

kitabi-knigi.com

Бор кунед ва хонед дар дастгохи дилхоҳ дар забони модарии Шумо. Китобҳои электронӣ бепул барои ҳама азоёни оила.



Оё, ту барои Масеҳ азоб мекашидӣ ва ҷон медодӣ?

«Вақте ки калисо бо онҳое, ки узви он мебошанд, ҳамроҳ дардро эҳсос наменамояд, калисо беҷон мешавад»

Сабрина Вурмбранд, ҳаммуаллифи хизмати «Овози азияткашон»

Дар соли 1563 Ҷон Фокс ба ҷовидонӣ гардонидани хотираи азияткашон оғоз намуд ва аз Стефанус, ки барои Масеҳ аввалин шуда ҷон дод, сар карда бо ҳамасрони худ, ки дар замони ҳукмронии Марияи Хунин ҷон додаанд, анҷом дод. Ӯ таҳдидеро, ки дар худ ба боди фаромӯшӣ додани муқаддасон ва бепарвоиро нисбат ба азобҳои онҳо ниҳон медошт, дарк менамуд.

Азиятмандӣ — падида аз гузашта нест; калисои масеҳӣ ҳар рӯз, дар тамоми ҷаҳон ба таҳдидҳо дучор мешавад. Дар солҳои 1900, назар ба ҳамаи садсолаҳои қаблии якҷоя гирифташуда, барои имон муқаддасон бештар фавтидаанд. Агар ба калисо дар бораи нархи ба Масеҳ пайравӣ карданро хотиррасон нанамоем, он мемирад. Ба овози азияткашон гӯш диҳед. Ба мардонагии онҳо, имони онҳо ва муҳаббати онҳо имконият диҳед, ки ба ҳаёти шумо таъсир расонанд.

Дар «Китоби нави азияткашони Фокс» Шумо метавонед ёбед: Ҳикояҳо дар бораи ҳаёти муқаддасон дар асрҳои XX ва XXI; Фоторепортажҳои нав дар бораи ҳаёти калисои таъқибшаванда; Очеркҳои таърихӣ; Нишондиҳандаи иловашудаи номҳо ва маҳалҳо.

Гаролд Чадвик — сармуҳаррири матбуоти «Бриҷ-Логос Паблишерс». Ӯ якчанд китобҳоеро, ки «Бриҷ-Логос Паблишерс» ба табъ расондааст, ба тартиб дароварда, иловаҳо намуд. Ӯ ва ҳамсари вай Бэвэрли дар хизмати «Омега Фейз Министриз», ки дар соли 1986 аз ҷониби онҳо бунёд шудааст, хизмат мекунанд. Онҳо дар шаҳри Амелия, штати Оҳайо, ИМА зиндагӣ мекунанд.